ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД
БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ
КАФЕДРАИ АДАБИЁТИ КЛАССИКИИ ТОҶИК

Ба ҳукми дастнавис

Нуров Нуралӣ Норович

ПОЭТИКАИ ҒАЗАЛИЁТИ МИРЗО АБДУЛҚОДИРИ БЕДИЛ

Д И С С Е Р Т А Т С И Я

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик

Мушовири илмӣ:
Академики АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор **Салимӣ Носирҷон Юсуфзода**

Душанбе– 2019

МУНДАРИҶА

Муқаддима 4

БОБИ АВВАЛ. СОХТОРШИНОСИИ ҒАЗАЛ ВА ТАҲАВВУЛИ ОН ДАР ЭҶОДИЁТИ БЕДИЛ

Фасли аввал. Бедил ва инкишофи жанри ғазал дар адабиёти классикии тоҷик 21
Фасли дувум. Бозтоби афкори адабии Мирзо Бедил дар ғазалиёти ӯ 43
Фасли савум. Истиқлоли мисраъ, такрори қофия ва радифҳои нодир 58
Фасли чорум. Вежагиҳои корбурди анвои авзони ғазал дар девони Бедил 73

БОБИ ДУВУМ. САБКШИНОСӢ ВА ПОЭТИКАИ ЗАБОНИ ҒАЗАЛИЁТИ БЕДИЛ

Фасли аввал. Поэтикаи забони шеър ва забони бедилӣ: сарчашмаҳои зуҳур ва омилҳои интисоби печидагӯӣ бар он 88
Фасли дувум. Вожаҳои хос дар коргоҳи ҳунари шоирӣ ва маъниофариҳои Бедил (дар мисоли вожаи нафас) 100
Фасли савум. Васоити тасвири бадеӣ дар ғазалиёти Бедил (дар мисоли киноёт ва муаммо) 125
Фасли чаҳорум. Вожасозӣ ва шеваҳои хоси таъбирофарӣ 144
Фасли панҷум. Вожаву тарокиб ва суннатҳои мардумӣ дар Девони Бедил 159
Фасли шашум. Шарҳ ва маънигузории шоирона дар Девони Бедил 192

БОБИ САВУМ. ТАСВИРСОЗӢ, ШИГАРДҲОИ МАЪНИОФАРӢ ВА МАЗМУНСОЗӢ

Фасли аввал. Ғазали тасвирӣ ва шеваҳои зуҳури он 214
Фасли дувум. Тасвири табиат дар девони Бедил 224
Фасли савум. Тасвирҳои парадоксӣ дар ғазалиёти Бедил 236
Фасли чорум. Маъниофарӣ ва тавсеаи ҷанбаҳои мавзуии ғазал дар девони Бедил 251

БОБИ ЧАҲОРУМ: ТААССУРИ ПОЭТИКИИ БЕДИЛ АЗ СУХАНВАРОНИ ГУЗАШТА

Фасли аввал. Бедил ва устод Рӯдакӣ 285
Фасли дувум. Чеҳраҳои асотирӣ ва паҳлавонии «Шоҳнома» дар девони Бедил 294
Фасли савум. Бедил ва Мавлонои Балхӣ 308
Фасли чорум. Таъсири вижагиҳои ҳунарии шеъри Толиби Омулӣ бар ашъори Бедили Деҳлавӣ 322

БОБИ ПАНҶУМ. ТАЪСИРИ ПОЭТИКИИ БЕДИЛ БА СУХАНВАРОНИ АДАБИЁТИ ТОҶИКИИ ФАРОРУД (АЗ НИМАИ ДУВУМИ АСРИ ҲАЖДАҲ ТО АВВАЛИ АСРИ БИСТ)

Фасли аввал. Мактаби пайравони Бедил дар адабиёти тоҷикии Фароруд..... 338
Фасли дувум. Таъсири Бедил ба шоирони давраи бозгашти адабӣ (дар мисоли ашъори яке аз пешгомони он – Сабоҳии Бедгулӣ) 352
Хулоса..... 364
Феҳристи адабиёти истифодашуда 377

МУҚАДДИМА

Зарурати таҳқиқ. Мирзо Абдуқодири Бедил дар шумори бузургтарин суханварони форсу тоҷик қарор дорад, ки бо эҷоди равиши тозаи баён, услуби хос ва тафаккури тозаи шоирона дар паҳнои адабиёти форсу тоҷик ҷойгоҳи хоси худро пайдо намуд. Ин мақоми шоиста ба ҳадде расид, ки дар вусъати адабиёти гузаштаи мо, хоса дар ростои сабки ҳиндӣ тарзи хоси сухангустарии бедилона ё ба истилоҳоти дигар «сабки бедилӣ», «мактаби бедилӣ» зуҳур кард ва худи Бедил дар дунёи шеър ба таъбири хеш «хориҷи абнои ҷинс гардид» [22, 280].

Падид омадани услуби хоси бедилӣ аз рӯзгори шоир то имрӯз равишҳои махсуси шинохт ва таҳқиқи шеъри шоирро чи дар муҳити фарҳангиву адабии форсӣ ва чи дар моварои ин қаламрав ҳастӣ бахшид.

Дар баробари ин, Бедил, барҳақ, яке аз пешгомони забони тоҷикӣ дар Шибҳи Қораи Ҳинд ба шумор меравад, ки ба таъбири аҳли тазкира дар қаламрави шеъри худ «ихтирооте дар забони форсӣ» [11, 153] карда, аз ин роҳ дар таҳаввулоти сабкиву ҳунарӣ ва мавзӯии адабиёти тоҷику форс, хоса навъи ғазал саҳме бориз гузошт. Ба гунаи дигар, ин шоири соҳибмактабу соҳибсабк дар шумори бузургтарин суханварони адабиёти форсу тоҷик қарор дорад, ки бо офаридани маонии бикру баланд ва ҳузури мунаввари хеш инқилобе дар қаламрави шеър ба вуҷуд овард.

Омили дигаре, ки муҷиби азамату шӯҳрат ва нусратёриҳои Бедил дар адабиёти форсу тоҷик гардида, пайванди ӯ бо забони тоҷикӣ маҳсуб мешавад. Ҳамин иртибот боис омада, ки мақоми шоистаи яке аз саромадони адабиёти форсизабон дар Шибҳи Қораи Ҳиндро соҳиб гардад. Бо итминон бар офариниши ҳамин гуна як забони ҳунарии шеър аз сӯи ӯст, ки шоир худ онро забони бедилӣ унвон намуда:

Он чӣ килкам менигорад, маҳз ҳарфу савт нест,

Ҳуш мебояд, ки дарёбад забони бедилӣ [45, 106].

Эҷоди шигардҳои барҷастаи ҳунарӣ, таркибсозӣ ва лафзтарошӣ, ибораороҳои хоси Бедил, ки ҳамагӣ муҷиби зуҳури забони махсуси шоирона

гардидаанд, маҳз ба ҳукми омили муассир дар нубуғи ҳунари суханварияш хидмат намудаанд, ки воқеан ҳамаи ин ибтикорот саҳми шомихи Бедилро дар густариши забони форсӣ дар қаламрави Ҳинд ва расиданаш ба мақоми шоири мубтакири форсизабон ва тозаназару тозагӯ бозгӯӣ мекунанд.

То солҳои наздик шинохти Бедил аз ҳар зовия, хоса таҳқиқи ҷанбаҳои ҳунарии каломи вай дар мақоми лозим қарор надошт. Аммо ҳарчанд давоми 50 соли охир силсилаи пажуҳишҳо дар кишвари мухталиф, аз ҷумла, Ҳинду Тоҷикистон, Афғонистону Эрон, Покистон, Ӯзбекистон, Русия ва ҳатто Итолиё ба вуҷуд омадаву дар онҳо матолиби мухталифи марбут ба афкору андеша ва ҳунари шоирии Бедилро баррасӣ шудаанд, вале то кунун поэтикаи ашъори шоир дар сурати рисолаи ҷудогона мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, дар рисола мо ба таври куллӣ поэтикаи яке аз анвоъи шеърии мероси адабии Бедил, яъне ғазалиёти ӯ, хоса поэтикаи забони ин жанри адабӣ, ки ҷанбаҳои ҳунарии каломаш бештар дар он омил ба зуҳури ихтирооти забонӣ, калимаву таркиб ва таъбирҳои тозаи шоирона, мазмунсозӣ, тасвирофаринӣ ва амсоли ин гардидаанд, ба риштаи таҳқиқ кашида шавад. Албатта,маҳфуми поэтика дар адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ аз доираи васеи фаҳмиш бархурдор аст. Бар асоси шинохт ва таъйини арзишҳои адабиву ҳунарии матни асари бадеӣ донишварони соҳа дар таркиби куллии поэтика шохаҳои муайяни онро дар сурати поэтикаи сохтори асар, поэтикаи забон ва дар таркиби ин мафҳум боз ҳам мафоҳиме аз қабили поэтикаи бисёрмаъноии калимот, лексикаи шоирона, маънии нав касб кардани вожа дар коргоҳи хаёл ва андешаҳои суханвар, шеваҳои шоиронаи корбурди вожагони куҳан, истилоҳ ва таъбирҳои ифодакунандаи суннат ва оинҳо, номҳои ҷуғрофӣ, асмои гулу гиёҳ ва дигар аносири табиат ва улуми дигар, матолиби мутаноқизнамо ё зидмаъно, тамсилу ташбеҳ, истиораву киноя ва монанди ин,вежагиҳои сужаи асар, сабки нигориш, асари аносири поэтикии суханварони дигар ба эҷодиёти шоир ва амсоли ин муқаррар намудаанд. Баробари ин, муҳаққиқон мафоҳиме чун поэтикаи асари ҷудогона, суханвари алоҳида, жанр ва навҳои ҷудогонаи осори адабӣ, сужа ва

дигар аносири таркиби асар, чун образ, тасвир, ҳатто мавзуъ ва шеваи баёнро низ муқаррар намудаанд, ки ин матолиб низ ба тавсеаи бештари дидгоҳҳои аҳли таҳқиқ дар шинохти марзҳои аслии мафҳуми поэтика ҳамчун илм дар бораи арзишҳои асари бадеӣ ва ҳатто навъи ҳунар таъкид меварзад. Мусаллам аст, ки дар доираи як рисолаи илмӣ бар асоси ин назарияҳои навин дар бораи шохаҳои куллии поэтика тамоми самтҳои онро дар эҷодиёти як нафар адиб дар мисоли Мирзо Абдулқодири Бедил имкони татбиқ ва таҳқиқ мавҷуд нест, чун марзҳои муқаррари диссертатсияҳо худ ба худ маҳдудаҳое эҷод менамояд. Вобаста ба ин, дар меҳвари таҳқиқоти анҷомёфта дар диссертатсияи мо баъзе шоҳаҳои поэтикаи назариву амалӣ, аз ҷумла, баррасии поэтикаи як навъи шеърӣ дар мисоли ғазал дар эҷодиёти як тан суханвари мумтоз ва навовар, таҳқиқи бархе масоили марбут ба поэтикаи сохторшиносии жанри ғазал, паҳлуҳои ҷудогонаи поэтикаи забони шеър ва лексикаи забони шоирона, дар мисоли калимасозӣ, таркибсозӣ, ибораорӣ ва маъниофаринӣ бар асоси тағироти маънои бар вожагони роиҷ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ, корбурди шоиронаи вожа ва мафоҳими роиҷ дар фарҳанги мардумӣ ва ифодакунандаи суннату оинҳо, зарбулмасал ва мақол, саноеи бадеӣ дар мисоли киноя ва муаммо, тасвир ва тасвирсозӣ, мазмунофаринӣ, сабкшиносӣ ва шеваҳои шоиронаи баёни мавзуъоти гуногун, шарҳ ва маънигузории шоирона, таъсири аносири ҳунарии шоирони гузашта ба эҷодиёти Бедил ва нақши ин суханвар дар зуҳури мактаби хосаи шеърӣ дар қаламрави адабиёти форсу тоҷик ва амсоли ин ба эътибори гирифта шудааст. Баробари ин, роҷеъ ба ҷанбаҳои дигари поэтикии ғазалиёт ва анвоъи дигари шеърии Бедил низ берун аз доираи мабоҳиси диссертатсия мақолот ва нигоштаҳое низ ба қалами муаллиф тааллуқ мегиранд, ки ба бархе аз онҳо дар феҳристи адабиёт ишорат рафтааст.

Дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ. Ҳузури Мирзо Абдулқодири Бедил ба зуҳури таҳаввулоти тоза ва таҷаддуде хоса дар қаламрави адабиёт боис омад, ки ин ибтикор ва тозапаёмиву тозаназарии шоир ҳанӯз ба рӯзгори худи вай мавриди эътирофи аҳли адаб ва соҳибони тазкираву осори дигар қарор

гирифт. Тадриҷан ҳар чӣ миқдор аҳли сухан ва маърифат ба жарфои шеъри Абулмаонӣ раҳ кушодаанд, ҳамон андоза азамат ва мақоми ӯ дар раҳгузори адабиёти тоҷикӣ бештар ва равшантар муҷассам гардидааст. Ҳатто дар кутоҳтарин фурсат мавриди истиқболи густардаи шоирон дар ҳавзаҳои мухталифи шеъри форсӣ қарор гирифтани сабки сухани Бедил ва шаклгирии мактаби суханварие ба номи вай, хоса дар қаламрави адабиёти тоҷикии Мовароуннаҳр, асноди фаровонеро пешорӯи мо барои шаҳодати рифъати мақоми адабии шоир мегузорад, ки дар баробари пайравӣ аз шоир ҳамагӣ мадҳияҳое дар шинохти ҷойгоҳи Бедил ба қалам овардаанд. Аз ин рӯ, бозшиносӣ ва маърифати ашъори Бедил дар қаламрави Фароруд ба давроне пайванд мегирад, ки дар ин ҳавзаи фарҳангӣ мактаби пайравони шоир рӯи кор омадааст ва шоироне дар ростои адабиёти форсӣ ба унвони намояндагони мактаби пайравони Мирзо Бедил муаррифӣ гардидаанд. Аммо бо таваҷҷӯҳ ба ин ки мактаби мазкур бар пояи ривоҷи заминаҳои маҳфилҳои бедилшиносӣ ва бедилрасӣ дар ин сарзамин рӯ ба рушд ниҳода, тахмин метавон кард, ки он аз маҷолиси хонаводагии шинохти шеъри шоир ва баъдан маҳофили урси Бедил сарчашма мегирад. Бар ин асос, сароғози шинохти Бедил ва шеъру андешаи ӯро метавон ба дарёи маърифати каломи осмонии худи шоир пайванд бахшид, ки аз чароғи фурӯзони маҳфили адабие дар хонаи шоир маншаъ мегирад. Худи шоир раҳнамоии ин маҳфилро бар дӯш дошта ва ба иттифоқи аҳли тазкира гоҳо маврид бештар аз 200 нафар шоирони рӯзгораш, ки асосан дар Деҳлӣ қарор доштанд, дар он ҳузур пайдо менамуданд. Дар канори ин, метавон аз тафсири истилоҳу вожа ва мафоҳими мухталиф дар миёни ашъори шоир ва дигар таълифоти вай ёдовар шуд, ки мактаби маърифати сурудаҳояшро заминагузорӣ намудаанд. Агар ба кулли осори Бедил амиқан муроҷиат кунем, равшан мегардад, ки шоир мавориде мухталиф худ ба шарҳу тавзеҳи вожагону таъбирот, истилоҳу мафоҳим иқдом намудааст, ки ин равиши кори вай, пеш аз ҳама, дидгоҳҳои хосаи суханварро аз кашфу маърифати ҳаводису вақоеъ, ашёву мафоҳим ва дигар матолиб бозгӯӣ мекунад.

Бедил бо нубуғи шахсият ва эҷоди худ ба пайрезии мактаби бузурги суханварӣ тавфиқ ёфт, ки он аз назари аввал равишҳои маърифати ашъори шоирро ба вуҷуд овард. Беҳтарини намунаҳои ин ҷараёнро дар таълифоти Аҳмади Дониш, Зуфархон Ҷавҳарӣ, Нақибхон Туғрал, Шӯхии Хуҷандӣ, Ҳодии Самарқандӣ, Амирӣ ва дигарон метавон бозҷуӣ кард. Дар канори истиқболи шеваҳои хоси сабки Бедил ин шуаро ва адибон дар тавзеҳи ашъори Бедил қадамҳое устувор бардошта, ба зуҳури шуруҳи мактуби осори Бедил асос гузоштанд. Аҳмади Дониш [111, 257-266] аз нахустин касонест, ки дар тафсир ва шарҳи чанд байти Бедил ҳиммат гумоштааст. Зуфархон Ҷавҳарӣ бар ду байти Бедил шарҳ навишта, ки аз он яке ба назм нигошта шудааст [122, 118-145]. Дар канори ин, мавҷудияти ду нусхаи хаттии шарҳи Девони Бедил, ки яке ба муаллифи номаълум тааллуқ дошта, дар китобхонаи Ганҷбахши Покистон [85] маҳфуз аст ва дигар ба қалами Сибғатуллоҳ Хаёлии Сулаймонӣ [86] дар Туркия ба қалам омада ва ҳамакнун дар китобхонаи Қоҳира нигаҳдорӣ мешавад, аз ривоҷи шарҳу баст ва дар умум шинохти Бедил дар манотиқи дигари ривоҷи забони тоҷикӣ дар ҳамин як даврони таърихӣ паём мерасонад.

Ҳамин тавр, арзи ҳастӣ намудани мактаби пайравони Бедил дар баробари эҷоди ҷараёни хосаи шеъри форсӣ дар ҳавзаи Фароруд ба густариши суннатҳои нав ва равишҳои тозаи маърифати ашъори шоир асос гузошт, ки он дар падид омадани ҷараёни шарҳнигорӣ ва тафсири ашъори Бедил мисдоқи худро пайдо мекунад. Ба таъбири дигар, истиқболи сабки бедилӣ мактаби шарҳу басти китобии ашъори шоирро ҳамҷавори худ эҷод намуд. Дар ин замина,бедилшиносӣ аз ин манотиқ ҳам бурун рафта, дар моварои қаламрави забони тоҷикӣ, чун Русия, Итолиё ва кишварҳои дигар низ паҳн гардид. Ҳамин гуна, марзи интишори шеъри Бедил дар канори худ равандҳои таҳқиқи шеъри ӯро дар ҳамин манотиқ эҷод кард, ки ҳар яке ба зоти худ аз махсусияти муайян бархурдоранд. Ин ҷуғрофиёи шинохтро ба таври зайл тасниф ва таҳқиқ кардан мумкин аст:

1. Бедилшиносии Ҳинд [аз замони Бедил то имрӯз];

2. Ҷараёнҳои бедилшиносӣ дар Эрон ва Афғонистон;

3. Бедилшиносӣ дар Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ;

4. Бедилшиносӣ дар Русия ва Аврупо;

Таҳқиқу баррасии осори Мирзо Абдулқодири Бедил ҳамакнун имрӯз ба як ҷараёни густардаи адабӣ бадал шудааст, ки вуҷуди ин тамоюли босуръати бедилпажӯҳӣ рӯи кор омадани силсилаи таълифоти марбут ба шинохти андешаву оро ва ҳунари шоирии Абулмаониро таъмин карда. Агарчи қарни XX1 –умро дар ҷаҳони муосир асри пайванд ба технологияи ҷадид ва ба истилоҳ таҷаддуди низоми таҳсилоту тафаккури ҷомеа муаррифӣ намудаанд, дар адабиётшиносӣ соҳибназарон муътақид бар он ҳастанд, ки ин сада замони маърифат ва шинохти воқеии ашъор ва афкори Мирзо Абдулқодири Бедил ба шумор меравад. Бар пояи суръат гирифтани ҷараёнҳои бедилшиносӣ эҳсос мешавад, ки ин ақида таҳаққуқ касб мекунад.

Дар ин радиф аз силсилаи пажӯҳишҳои номоварони олами бедилшиносӣ дар ҳавзаҳои мухталифи адабиётшиносӣ дар кишварҳои Шарқиву Ғарбӣ метавон ёдовар шуд, ки танҳо дар чанд соли ахир рӯи чоп омада, ҳар яке ба зоти худ ҳарфи тозае дар шинохти андешаву орои ин шоири маъниофар гуфтаанд. Нигоштаҳои донишманди итолиёӣ Боузанӣ, ховашиносони маъруфи рус Е.Э. Бертелс [276], Н. И. Пригарина [283], муҳаққиқони афғонистонӣ-Муҳаммади Асир [133;134;135;136;], Абдулҳаққи Бетоб [171], Ғуломҳасани Муҷаддадӣ [171;172;], Нурулҳасани Ансорӣ [132], Абдулазизи Маҳҷур [167], Халилуллоҳ Халилӣ [205], Салоҳуддини Салҷуқӣ[180], Абдулғаффур Орзу [180;181;182;183], Асадуллоҳи Ҳабиб [210;211;212;], Муҳаммад Козими Козимӣ [160], Ҷовид Фарҳод [199], Халилуллоҳи Афзалӣ [308], ҳиндустонӣ Набӣ Ҳодӣ [214], Назир Аҳмад [161,25-42], Амир Ҳасани Обидӣ (140), Муҳаммад Валиулҳақи Ансорӣ [161,75-87, Сайид Аҳсануззафар [161,159-200], Кашинатҳ Пандита [344], Шариф Ҳусайни Қосимӣ [161,219-270], Муҳаммад Муҳсин [16,375-390], покистонӣ Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ [161], доктор Абдулғанӣ [128], Ахтар Ибодуллоҳ [138], эронӣ Шафеии Кадканӣ [153; 154; 155], Ҳасани Ҳусайнӣ

[215], Алии Муаллим [143], Орифи Пажмон [138], Алиризо Қазва [35], Комрон Замонии Неъматсаро [177;178], Парвини Салоҷуқа [349;350;341], Саидмаҳдии Таботабоӣ [353;354;355;], олимони тоҷик устод Садриддин Айнӣ [222], Холида Айнӣ [269], Расул Ҳодизода [260; 261; 262] ,Субҳон Амирқулов [371], Карорматулло Олимов [242], Абдунабӣ Сатторзода [253], Абдулманнони Насриддин [238], Бобобек Раҳимӣ [243;2244;245; 246;], Насиба Содиқова [289], Боймурод Шарифзода [431], Бахтиёр Ҳамдамов [258], Мирзо Одина [409], Рустам Тағоймуродов [430], Мӯсо Олимҷонов [411;412;413;414;], муҳаққиқони ӯзбекистон Шавкат Шукуров [434;435], Иброҳим Муъминов [305], З. Ризоев [287], Эргаш Очилов[440] Ойнисо Муҳаммадиева [303; 304] ва дигарон аз тавсеаи ҷараёни бедилшиносӣ дар саросари олам паём мерасонад.

Ҳамин тавр, ба тадриҷ шинохти Бедил дар адабиётшиносии имрӯз вусъати тоза пайдо намуда, маърифати андешаву афкори вай дидгоҳҳои тозаеро ба вуҷуд овардаанд. Ҳарчанд корҳои илмие аз сӯи донишмандони фавқуззикр дар сурати китобу рисола ва мақолоти илмӣ ба қалам омадаанд, аммо ҷанбаҳои ҳунарии ашъори Бедил, хоса сабку забон ва шеваҳои хоси баёни вай, таъсирпазирӣ аз ҷанбаҳои поэтикии суханварони пешин ва такмили суннатҳои адабии гузашта, таъсиргузорӣ барои ташаккули шеъри тоҷикӣ аз нигоҳи ҳунарӣ дар даврони баъдӣ, хоса аз қарни нуздаҳ то замони имрӯз дар қаламрави Фароруд ба таври ҷудогона дар доираи баҳси як рисолаи илмӣ таҳқиқ нашудааст. Ба маврид аст таъкид намоем, ки танҳо як рисолаи хурд аз ҷониби Абдулғафури Орзу таҳти унвони «Бутиқои Бедил» [181] ба қалам омадааст, ки дар баробари пурра фаро нагирифтани масоили марбут ба поэтикаи ашъори Бедил, дар он роҷеъ ба бахше аз матолиби марбут ба таъсири суханварони пешин ба шеър ва андешаи Абдулмаонӣ дар мисоли Ҳофиз, Саъдӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ таваҷҷуҳ рафтааст. Ҳамзамон, дар рисолаҳои дигари ҳамин бедилпажӯҳи афғонистонӣ «Дар хонаи офтоб» [178] ва «Тарсадоии Бедил»[180] баробари таҳқиқ дар аҳволу осори Бедил нукоте роҷеъ ба сабкшиносӣ ва бархе аз вежагиҳои ҳунарии шоир, аз ҷумла

ибҳом дар шеъри ӯ изҳори назар шудааст. Ба мушоҳида мерасад, ки матолиби китоби «Тарсадоии Бедил» [180] ва «Бутиқои Бедил» [181]то андозае мушобеҳоте бо ҳам доранд ва бархе мақолот такроран нашр гардидаанд.

Дар рисолаи муҳаққиқи дигари афғонистонӣ Муҳаммад Козими Козимӣ «Калиди дари боз» [160] бошад, бархе масоили марбут ба забони шеъри Бедил бештар аз дидгоҳи шарҳу басти вожагони душвор ва ба таъбири худи муҳаққиқ «ибҳомофарин» мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Китоби «Вожаномаи Бедил»-и Асадуллоҳи Ҳабиб [211] оид ба шарҳу тафсири таркиб ва вожагони маъруф дар девони Бедил баҳс мекунад. Ҳарчанд ин асар ба сурати фарҳангномаи мухтасар ба қалам омадааст, аммо зимнан дар он ҷанбаҳои мухталифи забони шеъри Бедил низ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Дар умум, пажӯҳишоти дар арсаи бедилшиносӣ дар Афғонистон анҷомёфта ба сурати китоби алоҳидае аз ҷониби Асадуллоҳи Шуур зери унвони «Бедилгаройӣ ва мурре бар заминаҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва иҷтимоии он дар Афғонистон», ки соли 1387 дар Кобул ба нашр расидааст, муаррифӣ шудаанд. [220]

Силсилаи мақолаҳои донишмандони дигари эронӣ чун Алии Муаллим [143], Саидмаҳдии Таботабоӣ [353;354;355;356;357], Ковуси Ҳасанлӣ [363], Абуризо Мударрисзода [326;327;], Иброҳими Худоёр [360] ва дигарон ба таҳқиқу баррасии масоили марбут ба шарҳнависӣ, ҷойгоҳи Бедил дар таҳаввули бархе аз вежагиҳои ҳунарии шеъри форсӣ, нақду баррасии пажӯҳишҳои анҷомёфта дар арсаи бедилшиносӣ, равиши тасҳеҳи мутуни осори Бедил ва амсоли ин ихтисос ёфтаанд. Дар маворидиҳ зарурӣ, дар рисола роҷеъ ба ҷойгоҳи ин осор дар бедилшиносӣ ва нақду баррасии ҳусну қубҳи онҳо изҳори назар хоҳад шуд. Баргузории панҷ ҳамоиши байналмилалии мавсум ба «Урси Бедил» дар Эрон, чаҳор ҳамоиши байналмилалии бедилшиносӣ дар кишвари Ҳинд, ба таври мустадом доир гардидани маҳфилҳои бедилхонӣ дар Афғонистон ва чанде аз кишваҳои Аврупоӣ барои густариши баррасиҳои илмии марбут ба вежагиҳои мухталифи ашъори Бедил

муассир омадааст. Аз ҷумлаи маҳсули ин анҷуману маҳофил нашри маҷмуаи мақолаҳои «Бедил дар оинаи урс»[139] дар Эрон, фаслномаҳои «Қанди порсӣ»,[161] «Нақд ва таҳқиқ» [174] ҳамчун вежаномаи «Бедил» дар Ҳинд, чанд маҷмӯаву маҷаллаҳо дар Афғонистон, фаслномаи «Рудакӣ» вежаномаи «Бедил» дар Тоҷикистон, рисолаи илмии «Инсоншинохтии Бедил» [158;159] аз сӯи донишманди афғонистонии муқими Олмон Сайиднурулҳаққи Коваш ва тасҳеҳи матни илмӣ-интиқодии Девони ғазалиёти Бедил дар Ҳоланд аз сӯи шоир ва пажӯҳишгари афғонистонии муқими ин кишвар Аблуваҳҳоби Фоиз [22;23] ба шумор мераванд.

Пайванди мардуми тоҷик ба шеъру андешаи Бедили Деҳлавӣ ба замоне мувофиқ аст, ки ба таъкиди устод Садриддин Айнӣ дар бузургтарин шаҳрҳои Мовароуннаҳр, Бухорову Самарқанд, Хуҷанду Фарғона маҳофили бедилхонӣ дар чойхонаву сари бозорҳо баргузор гардида, аксаран аҳолии ин шаҳрҳо ашъори Бедилро аз бар медонистанд ва баробари ин шарҳу баст менамуданд. Ин аст, ки аввалин намунаҳои шарҳҳои шифоҳии ашъори Бедилро, ки яке аз маърифатгарони бузурги шеър ва андешаи ӯ Аҳмад Махдуми Дониш дар китоби «Наводир -ул -вақоеъ» нашр намудааст, мо дар қарни нуздаҳуми милодӣ дар ихтиёр дорем. Аз муҳимтарин авомили фаровонии нусахи хаттии девони Бедил дар шаҳру рустоҳои Тоҷикистон ҳам баста бар ҳамин нуфуз ва ҷойгоҳи ин суханвари муътабар дар миёни мардуми ин сарзамин маҳсуб мегардад, ки аксаран барои ҳифозати ашъори шоир нусхаҳои хаттии девонашро барои худ ва хонаводаҳояшон китобат намуда буданд. Шояд яке аз сабабҳои дигари нуфузи нусхаҳои хаттии девони Бедил дар хонаҳои мардумони ин сарзамин бо ривоҷи маҷлисҳои бедилхонӣ дар минтақа пайванд бигирад.

Ба ин маънӣ, сароғози таҳқиқ ва баррасии ашъору афкори Бедил дар Тоҷикистон низ ба ҳамин давра тааллуқ мегирад, зеро ҳамон шарҳу тафсирҳое, ки Аҳмади Дониш, Зуфархон Ҷавҳарӣ ва дигарон бар ашъори Бедил навиштанд, ба зоти хеш аввалин кӯшишҳои илмии шинохти шеър ва андешаи ин суханвари мумтоз маҳсуб меёбанд. Мурур ба ду нусхаи хаттии

шуруҳи девони Бедил, ки яке дар китобхонаи Ганҷбахши Покистон [85] ва дигар дар китобхонаи Қоҳираи Миср [86]маҳфуз буда, асосан шарҳи ғазалиёти бо радифи «алиф» сурудаи шоирро фаро мегиранд, баёнгари он аст, ки ин ду китоб ҳам мутааллиқ ба қарни нуздаҳ ҳастанд. Бо ишорат бар ин матлаб метавон бар ин натиҷа расид, ки маҷмӯан ҷараёни шарҳнависӣ ба осори Бедил, асосан, аз ҳамин давра зуҳур ва рӯ ба ташаккул овардааст.

Баъдан, Абдурауфи Фитрат [307] ва устод Айнӣ [222] ба тарҳи мактаби нави бедилшиносии тоҷик асос гузоштанд. Ин ҷо хидмати академик Бобоҷон Ғафуров дар тарғиб ва талқини аҳли таҳқиқ, аз ҷумла устод Айнӣ ба бедилшиносӣ қобили таъкид аст, зеро соли 1944 маҳз бо тавсия ва пешниҳоди ин донишманди бузург дар Тоҷикистон 300-солагии Абулмаонии Бедил таҷлил гардида, дар заминаи он конфронси илмие доир шуд. Маҳз бо пешниҳоди Бобоҷон Ғафуров устодон Садриддин Айнӣ ва Мирзо Турсунзода дар ҳамоиши илмии мазкур суханронӣ намуданд, ки бегумон асос барои таълифи асари комили Мирзо Абдулқодири Бедил гардид. Баъдан дар осори худи академик Бобоҷон Ғафуров низ масоили бедилшиносӣ ҷой гирифтанд, ки таҳқиқи ин мавзӯъ ва дар умум нақши ин муаррихи соҳибназар дар бедилшиносии тоҷик дар мақолае аз муаллифи рисола муфассал баррасӣ шудааст [389].

Баъдан дар таҳқиқоти Расул Ҳодизода [261], Субҳон Амирқулов [372;373] ва дигарон бештар дидгоҳҳои марбут ба ҷойгоҳи Бедил дар адабиёти тоҷикии Фароруд, хоса мақоми Аҳмади Дониш дар шарҳу тафсири ашъори шоир баҳсу баррасӣ шудаанд. Корномаҳои илмии Бобобек Раҳимов[244;245;246; 247;], дар арсаи бедилшиносии тоҷик қобили таъкиди хоса ва сутуданӣ мебошанд, зеро то кунун дар канори хидматҳои бузург дар тасҳеҳ ва нашри осори Абдулқодири Бедил ин донишманди соҳибназар силсилаи осоре дар заминаи таҳқиқу баррасии зиндагинома, мероси адабӣ, вежагиҳои осори манзум ва мансури шоир, сабки таълиф, шарҳу басти ашъори шоир, нақду баррасии осори бедилшиносӣ ва амсоли ин таълиф намудаанд, ки ин ҷо аз кутуби «Ошноӣ бо Бедил» [245], «Шарҳи шаст ғазали

Бедил» [244], «Зистдагиномаи Бедил» [246], «Тавсифи осори Бедил» [247] ва амсоли ин метавон ёдовар шуд. Бархе аз вежагиҳои сабкии ғазалиёти Бедил, аз ҷумла шеваҳои сохтмони таркибот, махсусиятҳои ҳунариву услубии ин навъи сурудаҳои шоир низ дар бахше аз мақолоти ҷудогонаи шомили ин кутуби ин муҳаққиқи номвар, аз ҷумла мақолаҳои «Тааммуле дар сабки Бедил», «Ғазал дар эҷодиёти Бедил» мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд.

Рисолаи Бахтиёр Ҳамдамов таҳти унвони «Савмааи маърифат»[258] ба таҳқиқи тамоюлҳои мухталифи таъсири Бедил ба адабиёти форсии тоҷикии асри нуздаҳ, аз ҷумла бардоштҳои мавзӯиву сабкии шуарои Фарорудии ин аҳд ихтисос ёфтааст. Таҳқиқоти Насиба Содиқова [289] асосан, таҳлилу таҳқиқи афкори фалсафии Абулмаонии Бедилро бар асоси маснавиҳои ӯ фаро гирифтааст.

Роҷеъ ба масъалаи ҷойгоҳи Бедил дар қаламрави Осиёи Марказӣ, тазкираҳои форсии Шибҳи Қораи Ҳинд ва бедилшиносӣ дар Тоҷикистон нигоштаҳои устодон Абдулманнони Насридин [233], Абдунабӣ Сатторзода [254], Замира Ғаффорова [225], бархе аз мушаххасоти ҳунарии ашъори Бедил чанд мақолаҳои Муҳаммадалии Аҷамӣ [374;375] ва Рустами Тағоймурод [359;431] ва Боймурод Шарифзода [432] ва амсоли ин нашр шудаанд, ки ҳамагӣ ба раванди бедилшиносӣ дар Тоҷикистон ва вусъати тозаи он таъкид меварзанд.

Ҳамчунин силсилаи мақолаҳое таълиф гардидааст, ки дар онҳо ашъори Бедил аз дидгоҳи вежагиҳои хосаи забоншиносӣ дар пайванд ба масоили сарфию наҳвӣ, луғавиву овоӣ, калимасозӣ ва амсоли ин мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки ин ҷо метавон аз пажӯҳишҳои забоншиноси тоҷик Мӯсо Олимҷонов [411;412;413;414;415;] ёдоварӣ намуд.

Ба таври умум, он чӣ, асосан, то кунун роҷеъ ба ҷанбаҳои ҳунарии ашъори Бедил ба қалам омадаанд, ин нуктаро мусаллам мегардонад, ки ин таълифот тамоюлҳои мухталифи марбут ба арзишҳои ҳунарии ашъори шоирро бо шеваву руйкардҳои мухталиф фаро мегирад, яъне яке дар мавриди таъсирпазирӣ ва дигаре таъсиргузории Бедил, савумӣ роҷеъ ба забони шеъри

ӯ аз дидгоҳи ҷойгоҳи истифодаи калимот ва таъбирҳо, чаҳорум ба масъалаи маънигузории бархе аз вожагон дар каломи Бедил ва амсоли ин баҳсу баррасӣ мекунанд. Вале масоили куллии ҷанбаҳои ҳунарии шеъри Бедил ва мақоми ӯ дар таҳаввули сабкиву мавзӯии навъи ғазал ба таври ҷудогона ва дар доираи як рисолаи илмӣ ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст. Ҳарчанд ҳанӯз дар рӯзгори хеш Озоди Балгиромӣ дар заминаи баррасии татбиқии балоғати ҳиндиву форсӣ ва арабӣ заминаҳои бархе аз шигардҳои ҳунариро дар шеъри давраи сабки ҳиндӣ дар робита ба ҳамин унсурҳои поэтикаи қадимаи ҳиндӣ муқаррар намудааст, аммо баҳсу баррасии ин мавзӯъ дар муносибат ба ашъори Абулмаонии Бедил чи дар масъалаи вазну сохтори шеър, чи тозакориҳо дар забону сабки сухан низ қобили аҳамият аст, зеро таваҷҷуҳ ба балоғати адабиёти қадимаи Ҳинд мушаххас месозад, ки яке аз омилҳои таҳаввулоти забонӣ ва ба қавли аҳли тазкира, «ихтирооти Бедил дар забони форсӣ» татбиқи бархе аз аносири он дар шеъри форсӣ маҳсуб меёбад, ки ин матлаб дар рисола бо такя бар сарчашмаҳои поэтикаи қадимаи санскрит ва дигар осори кӯҳани адабии ҳиндӣ, мисли «Маҳабҳарата» ва «Рамаяна» таҳқиқ шудааст.

Мақсад ва вазифаҳои рисола. Мақсади асосии таълифи рисола таҳқиқу баррасии муҳимтарин масъалаҳои назариву адабии поэтикаи ашъори Бедил, истиқболи Бедил аз суханварони гузашта ва такмили суннатҳои хоси адабиёти гузашта ва таъсиргузорӣ ба пасовандони хеш, сохторшиносии ғазал ва поэтикаи забон, мазмунсозиву маънигузорӣ, тасвирпардозӣ ва таҳаввули маъноии вожагон дар коргоҳи хаёли Бедил ва амсоли ин маҳсуб меёбад. Барои расидан ба ҳадафҳои меҳварии таҳқиқот баррасии матолиб ва масоили зерин зарур ба шумор меравад:

- баррасии мақом ва ҷойгоҳи Абулмаонии Бедил дар таҳаввули ҳунариву мавзӯӣ, сабки нигориши ғазал дар адабиёти тоҷик;
- таҳқиқ дар истиқлоли мисраъ, такрори қофия ва радифҳои нодир дар ғазалиёти Бедил;
- пажӯҳиш дар афкори адабии Бедил ва таҷассуми он дар оинаи

ғазалиёти ӯ, нигоҳи Бедил ба шеъру шоирӣ;

- баҳсу баррасии вежагиҳои корбурди авзони нодир дар ғазалиёти Бедил, сарчашмашиносии нуфузи ин авзон дар девони шоир;
- таҳқиқ дар заминаи масоили сабшиносӣ ва поэтикаи забони шеър, баррасии мафоҳими забони шоирона ва поэтикаи забон дар доираи ашъори Мирзо Бедил;
- омӯзиши масоили татбиқи аносири поэтикаи ҳиндӣ дар забони ғазалиёти Бедил;
- баррасии ҷойгоҳи вожаҳои хос ва дар коргоҳи хаёл ва маъниофариҳои Бедил;
- таҳқиқу баррасии воситаҳои тасвири бадеӣ [дар мисоли киноя ва муаммо], ҳунари шоирии Бедил дар офариниши ғазали муаммо;
- пажӯшиҳе дар шеваҳои корбурди вожаву таъбирот ва суннатҳои фарҳанги мардумӣ дар девони Бедил;
- таҳқиқ дар шарҳи шоиронаи мафоҳим ва истилоҳот дар каломи Бедил;
- тасвир ва тасвирпардозӣ дар девони Бедил, тасвири табиат, ҳунари шоирии Бедил дар эҷоди ғазали тасвирӣ ва тасвирҳои парадоксӣ;
- шеваҳои шоиронаи бозтоби мавзӯоти мухталиф дар қолиби ғазал ва нақши Бедил дар таҳаввули мавзӯии ин навъи шеъри суннатӣ;
- таъсири пешиён ба шеваи суханварии Бедил ва ҷойгоҳи ин суханвари мумтоз дар таҳаввули суннатҳои адабии ниёкон ва ибтикор дар қаламрави адабиёти тоҷик;
- истиқболи шоирони Фароруд ва дигар марзҳои шеъри тоҷикӣ аз шеър ва шеваи суханварии Бедил, зуҳури мактаби пайравони Бедил дар Моваруннаҳр, таъсири Абулмаонӣ ба шоирони давраи бозгашти адабии Эрон ва шеъри муосири тоҷик, таҳқиқ дар нақши сурудаҳои Бедил дар зуҳури заминаҳои пайдоиши шеъри нав дар адабиёти муосири тоҷик ва идомаи суннатҳои хоси мактаби шеърии ӯ дар қаламрави шеъри имрузи кишварҳои форсизабон.

Сарчашмаҳои таҳқиқ. Сарчашмаҳои асосии таълифи рисола нусхаҳои хаттӣ ва чопии куллиёт ва девони Бедил ба шумули нусхаҳои хаттии маҳфуз дар китобхонаҳои Ризо Ромпур, Алигарх, Патна, Аграи Ҳинд, Ганҷбахш, Панҷоби Покистон, Китобхонаи миллии Тоҷикистон, Китобхонаи ба номи А. Берунии Тошканд, нашрҳои дар Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон, Ҳоланд анҷомёфта, ду нусхаи хаттии шарҳи девони Бедил маҳфуз дар Китобхонаи Ганҷбахши Покистон ва Қоҳираи Миср, девони ғазалиёт, қасоид, инчунин маснавиҳои маъруфи шоирони гузашта, ки ба шеъру андешаи Абулмаонӣ таъсири равшан гузоштаанд, чун девони устод Рӯдакӣ, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Маснавии Маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ, девони ғазалиёт, «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдӣ, девонҳои Ҳофиз, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҳилолӣ, Толиби Омулӣ, девони ашъори суханварони Фарорудии соҳибноми сакби ҳиндӣ чун Шавкати Бухороӣ, Сайидои Насафӣ, шоирони пайрави мактаби Бедил чун Шамсиддин Шоҳин, Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ, тазкираҳое, ки бар рӯзгори шоир ва баъд аз ӯ навишта шуда, маводи муътамадеро роҷеъ ба зиндагӣ ва осори Бедил фаро гирифтаанд, мебошанд.

Методологияи таҳқиқ. Асоси назарӣ – амалии усулҳои таҳқиқи рисола шеваҳои таҳлили муқоисавӣ – таърихӣ, сохториву бадеӣ, шарҳу тафсир, оморӣ ва амсоли ин ба шумор мераванд. Ҳамчунин зимни таълифи рисола аз усулҳои таҳқиқотии олимони ватаниву хориҷӣ, чун Э. Бертелс, Браун, Н. Пригарина, Халилуллоҳи Халилӣ, Салоҳиддини Салҷуқӣ, Абдулҳақи Бетоб, Ғуломҳасани Муҷаддадӣ, доктор Абдулғанӣ, Наби Ҳодӣ, Шафеии Кадканӣ, Алии Муаллим, Асадулло Ҳабиб, Абдулғафури Орзу, Садриддин Айнӣ, Расул Ҳодизода, Худои Шарифов, Субҳон Амиркулов, Абдунабӣ Сатторзода, Мирзо Муллоаҳмад, Абдуманнон Насриддинов, Носирҷон Салимӣ, Бобобек Раҳимӣ ва дигарон истифода шудааст.

Навовариҳои илмии рисола. Дар рисола бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик маҷмӯаи масъалаҳои марбут ба бадеияти ашъори Бедил дар доираи як асари мустақил дар заминаи татбиқи меъёрҳои поэтикаи форсиву ҳиндӣ ва арабӣ мавриди тадқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Хоса,

баҳсу баррасии сарчашмашиносии ҷанбаҳои назарии поэтикаи ашъори Бедил ва таҳқиқи масоили марбут ба поэтикаи забони ғазалиёти ӯ аз дидгоҳи татбиқи меъёрҳои балоғати ҳиндӣ дар шеъри форсӣ дар рисола бори аввал ба риштаи таҳқиқ гирифта шудааст. Вобаста ба ин, мафоҳими «забони шоирона» ва «поэтикаи забони шеър» дар асоси татбиқи ҳамин дидгоҳҳо ва меъёрҳои шеършиносии кӯҳани ҳиндӣ ба форсӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дар ин ҷода масъалаҳои вожаофаринӣ, вожасозӣ, сарчашмаҳои зуҳур ва ҷойгоҳи вожаҳои хос дар коргоҳи хаёли шоир, тасвирсозӣ, бозтоби шоиронаи матолиби фалсафӣ, ахлоқӣ, ҳикамӣ ва амсоли ин таҳқиқу баррасӣ шудаанд.

Дар заминаи тадқиқи матолиби меҳварии рисола иқдом бар он низ шудааст, ки калимаву иборот ва тарокиби калидӣ, забони ашъори шоирро ҳамчун рукни муҳими маърифати шеър арзёбӣ намояд. Шарҳу басти аксари истилоҳоти хосаи фалсафӣ ва ирфонӣ, мафоҳим ва вожагони ифодакунандаи дигар ашё ва воситаҳо бар асоси диду назари худи Бедил, ки дар девони вай бо шеваҳои шоирона сурат гирифтааст, таснифу табақабандии ибораву таркиботи шоирона аз нахустин кӯшишҳо дар шинохти ҳунари шоирии Бедил ва муқаррар намудани усулҳои танзими фарҳанги таъбирот ва таркиботи шеъри ӯ, инчунин таҳияи фарҳанги тафсирии истилоҳ, таркиб, мафоҳим бар асоси шурӯҳи шоироанаи мавҷуд дар таркиби девони Бедил маҳсуб мегардад.

Арзиши назарӣ ва амалии рисола. Хулосаҳои илмии муаллифи рисола имкон дорад, ки дар улуми адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, фалсафа, ахлоқ, фарҳанг ва мардумшиносӣ ва ғайра барои анҷоми корҳои таҳқиқотӣ на танҳо дар шинохти осори Бедил, балки баррасии ҷанбаҳои мухталифи осори суханварони сабки ҳиндӣ мавриди истифода қарор гиранд. Ҳамчунин маводи рисоларо барои таълифи китобҳои дарсии академӣ ва донишгоҳии таърихи адабиёти тоҷик, махсусан адабиёти форсизабони Ҳиндустон, таърихи адабиёти тоҷикии Фароруд, таърихи адабиёти сӯфия, таърихи афкори фалсафии халқи тоҷик, таълифи фарҳангҳои ирфонӣ, таркиб ва таъбирҳои

шоирона, рисолаҳои илмии марбут ба масоили забоншиносии таърихӣ ва поэтикаи забони осори классикӣ, сабкшиносӣ ва амсоли ин истифода бурдан мумкин аст. Имкон дорад, ки аз рисола зимни хондани суҳбатҳо, навиштани рисолаҳои илмии доктории дараҷаи PhD, магистрӣ, рисолаҳои хатм, корҳои курсӣ дар факултаҳои филологӣ ва забонҳои шарқ, дар ҷараёни таълифи дарсҳо аз фунуни мухталифи таърихи адабиёт ва адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, сабкшиносӣ, аз ҷумла таърихи адабиёти тоҷик, назмшиносӣ, каломи бадеъ, таърихи забон, шевашиносӣ, лексикология ва монанди ба кор гирифта шавад.

Матолиби меҳварӣ барои дифоъ:

1. Баррасии мақом ва ҷойгоҳи Мирзо Абдулқодири Бедил дар таҳаввул ва таҷаддуди сабки нигориш, забон ва дарунмояи маъруфтарин шакли суннатии шеър – ғазал.

2. Нақши Бедил дар зуҳури анвоъи нави ғазал аз дидгоҳи ҳунариву мавзуӣ ва сохторӣ;

3. Ибтикороти Бедил дар таҳаввули маъноии вожагони муқаффо ва радиф.

4. Таҷрибаҳои ҳунарии Бедил дар татбиқи аносири балоғати ҳиндӣ ва қаволиби шеърии куҳани он дар шеъри форсӣ.

5. Таҳқиқ дар шинохти заминаҳои мушкилоти сабки сухани Бедил ва пайванди он ба сарчашмаҳои назарии шеъри қадимаи ҳиндӣ.

6. Мақоми Бедил дар эҷоди «ихтиорооте дар забони форсӣ» дар заминаи офариниши таркибҳои шоирона, вожасозӣ, маъниофариву мазмунсозӣ.

7. Баррасии поэтикаи забон ва лексикаи шоиронаи ғазалиёти Бедил, ҳунари шоирии суханвар дар вожасозӣ, таҳаввули маъноии калимот дар коргоҳи хаёли шоир, истифода ҳунарваронаи аносири фарҳанги мардум дар ғазал.

8. Таъсири суханварони пешин ба сурудаҳои Бедил ва идомаву такмили нодиртарин суннатҳои шеърӣ аз ҷониби ӯ.

9. Таҳқиқ дар тарҳи тасвирҳои парадоксӣ, ҳиссомезӣ, шеваҳои навини маъниофарӣ, дар заминаи таҷрибаҳои ҳунариву фикрии суханварони пешин.

10. Баррасии заминаҳо ва омилҳои зуҳури мактаби пайравони Бедил дар қалламрави забони форсӣ.

Сохтори рисола. Рисола аз муқаддима, панҷ боб, 24 фасл, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст.

БОБИ АВВАЛ. СОХТОРШИНОСИИ ҒАЗАЛ ВА ТАҲАВВУЛИ ОН ДАР ЭҶОДИЁТИ БЕДИЛ

ФАСЛИ АВВАЛ. МИРЗО БЕДИЛ ВА ТАҲАВВУЛИ СОХТОРИВУ МАЪНОИИ ҒАЗАЛ ДАР АДАБИЁТИ КЛАССИКИИ ТОҶИК

Сайри таърихии таҳаввули ғазал дар адабиёти форсу тоҷик бозгӯ аз он аст, ки дар иртибот бар фаҳмиши луғавии он ҳамчун навъи шеърӣ то замони Бедил бештар дар тафсири муомилоти ошиқона суруда шудааст. Ҳарчанд дар ҷараёни ҳузури мактаби вуқӯъ дар адаби форсӣ ва қисман, дар айёми нуфузи сабки ҳиндӣ дар қаламрави шеър мавзуоти тозае рӯи кор омадаанд, вале ҳамоно ин танаввӯи мавзӯии аз ҳадди чанд матлаби муайян дур намеравад. Манзур аз тазаккури ин нукта он аст, ки аз оғоз ғазал бештар посухгӯи ниёзҳои рӯҳии инсонӣ ва тафсиргари муомилоти ошиқона буда, мавзӯи ишқ дар меҳвари он қарор дошт. Бо зуҳури адабиёти тасаввуф ғазали форсӣ ҷанбаҳои ишқи заминии хешро ба ишқи илоҳӣ пайванд дод ва мароҳили сайру сулуки ошиқонаву орифона дар ин даврон ба сурати сурудаҳои ғиноӣ шарҳу тавзеҳ ёфтанд. Шуаро бо муроҷиат ба маъшуқ ҳамчун дӯст, ёр ва муродифоти дигари он эҳсоси ишқи ирфонии хешро тафсир намудаанд. Таносуби шеваи баён дар ғазалҳои ишқии заминӣ ва ирфонӣ, албатта, марбут ба он буда, ки бештари сурудаҳои шоирони ориф дар заминаи кашфи атлоф ва фазоили худовандӣ дар сувар ва амалкардҳои афроде дар мақоми пиру муршид муроҷиатан бар эшон ба қалам омада, зимнан ишқу алоқаи бемунтаҳои инсонро дар нисбати офаридгори хеш тафсир намудаанд. Намунаи барҷастаи ин навъи ғазал дар сурудаҳои Мавлонои Балхӣ муҷассам аст. Аммо аз айёми шукӯҳи ғазал дар девони Шамс аст, ки то ҷое бар асари эҳтимоми ӯ дар сохторшикании ин навъи мустаъмали шеърӣ гоҳо ҳузури мавзӯоти ахлоқӣ ва ё ахлоқиву ирфонӣ нуфуз мекунад. Ин вижагии ғазалро дар сурудаҳои Мавлавӣ Тақии Пурномдориён ба таври зайл тасреҳ карда:

«…Дар шеъри Мавлавӣ илова бар сохтшиканиҳои маъмули ношӣ аз ҷаҳонбинӣ ва таҷоруби умумии ирфонӣ, сохтшиканиҳо ва хилофи одатҳои тоза ва мутанаввеътаре рух медиҳад, ки ношӣ аз таҷрибаҳо ва андешаҳои хоси ӯст ва намунаҳои мушобеҳ ба онро бештар аз ҳар китобе, дар Қуръони Карим мебинем, ки худ бофти хос ва ягонае бар падид омадани он ҳоким аст» [184, 23-25].

Баъдан дар каломи Саъдӣ навъи тозаи ғазал аз диди мавзӯъ- ғазали ахлоқӣ падид омад ва намунаҳоеро аз ин тозакорӣ метавон аз Шайхи Шероз тазаккур дод, ки яке аз онон сурудаи маъруфи вай бо ин матлаъ аст:

Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият.

На ҳамин либоси зебост нишони одамият [87, 618].

Аз айёми ҳузури Саъдӣ ҳамчун устоди ғазал дар қаламрави шеъри форсӣ ва баъдан Ҳофиз то ҷое иҷтимоъгаройӣ дар мавзӯоти он ҷойгоҳи хоса пайдо намуда, ин раванд дар қаламрави сабки ҳиндӣ шурӯъ аз мактаби вуқӯъ рӯ ба таҳаввул меоварад. Аммо бо танаввуи мавзӯӣ, ки чи дар сурудаҳои Саъдиву Ҳофизу ва чи дигар ҳамрасрони онон ба мушоҳида мерасад, ки пажӯҳишгарони ғазал то ин айём аслан, се навъи онро аз диди мазмун муқаррар намудаанд: ошиқона, орифона ва қаландарона. Сируси Шамисо бо таъкиди ин се навъи ғазал аз назари мавзӯӣ навъи қаландаронаи ғазалро дар ҳошияи матлаби хеш ба гунаи зайл тафсир намуда: «Ғазали қаландарона, ғазале аст, дар васфи риндӣ ва боданӯшӣ ва иғроқ дар ин умур ва таъризу киноя ба зуҳҳод ва ҳатто сӯфиён» [218, 93].

Бо он ки ғазали Саъдӣ дар танаввуъи мавзӯӣ фарогири ҷанбаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ низ ҳаст, Сируси Шамисо аз манзари таҷассуми мазомин Саъдиро авҷи ғазали ошиқона ва лафзӣ ва Мавлоноро авҷи ғазали орифона ё маъноӣ унвон намуда, афзудааст, ки Ҳофиз авҷи ғазали форсӣ аст, яъне дар ғазалиёти ӯ ишқу ирфон ва мазомини дигар дарҳам омехта ва ба олитарин шакле намудор шудааст[218, 93]. Ба андешаи мо, воқеан Ҳофиз дар таҳаввули ғазал аз дидгоҳи ҳунарӣ ва мавзӯӣ нақши муассире дорад ва ҳамин танаввуъро метавон ба таври ошкоро дар сурудаҳои ӯ эҳсос намуд.

Нақшу мақоми Саъдӣ фаротар аз онест, ки устод Сируси Шамисо изҳор дошта, чун яке аз аввалин намунаҳои ғазали ахлоқӣ маҳсули андешаи ин муаллими ахлоқ мебошад. Мазомини ахлоқӣ ҳарчанд баъдан шакли комилеро аз ғазали Ҳофиз фаро нагирифтаанд, аммо ҷо – ҷо ба сурати абёти мустақил дар васати ғазалиёти ӯ муҷассаманд, ки ин амр ба иқдоми шоир дар вуҷуди мазомини мухталиф ва омезаҳои он бо матолиби меҳварии ғазал чун ишқу ирфон таъкид дорад. Намунаҳое аз инсиҷоми ин мавзӯот дар ғазали Ҳофиз бад-ин сурат аст:

Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,

Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад [124 , 128].

Ҳамин гуна, дар қаламрави адабиёти тоҷик то замони Бедил чи аз назари сохтору чи муҳтаво таҳаввулоти чашмрасе ба мушоҳида мерасад ва пеш аз ҳама агарчи вуруди тасаввуф ба адабиёт навъе ба эҷоди ғазали орифона ё сӯфиёна ва гунаҳои дигари он, ки Сируси Шамисо ҳатто қаландарона номидааст, боис омада, аммо баъдтар ба мушоҳида мерасад, ки Шайх Саъдӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҷомӣ ва дигарон дар танаввуъи мавзӯии ғазал ва таъмини истиқлоли байт аз нигоҳи сохторӣ дар он иқдом намудаанд. Дар баробари ин, арзишҳои адабиву бадеӣ ва вежагиҳои ҳунарии ғазал низ такмил ёфтааст, ки корбурди киноёту иҳом, таъбирсозиву таркибофаринӣ, истифодаи ирсоли масал ва амсоли ин дар аносири фасоҳатбахши калом таҷассуми бештар касб намудаанд. Шояд ҳамин сабаб бошад, ки устод Саид Нафисӣ зуҳури чанде аз вежагиҳои сабки ҳиндиро дар ҷилваи баъзе аз чунин хусусиятҳои бадеии ғазал дар сабки Ироқӣ дар мисоли намунаҳои ғазалиёти Ҳофизу Камол ва Камолиддини Исфаҳонӣ ба мушоҳида гирифтааст, ки дар мақоми аввал истифодаи ирсоли масал ва шеваҳои таъбирофаринӣ қарор доранд. Ҳарчанд ин вежагиҳо дар ғазалиёти шоирони ин давр нуфузи фаровоне надоранд, аммо дар ҷараёни таҳаввули шеър дар қаламрави сабки ҳиндӣ ба хусусиятҳои меҳварии ғазал мубаддал гардиданд, ки нақш ва мақоми Мирзо Абдулқодири Бедил дар ин арса ба таври махсус таъкид шуданист.

Бедил худ низ борҳо дар девони ғазалиёти хеш ба эътирофи мақоми бузургу барҷастаи суханварони қабл аз худ таъкид варзида, ҳатто мисраъ, таъбирот ва ишороте аз онҳоро ба ҳукми истишҳод дар каломаш ба кор гирифта. Аз ҷумла, дар маърифати ҷойгоҳи андеша ва асари афкору шеваи баёни сухансароёни пешин ба шумули Анварӣ, Аттор, Шайх Саъдӣ, Ҳофиз, Мавлоно ва дигарон фармуда:

Рафъи инкор аз насабҷӯёни маънӣ мушкил аст,

Гӯ ба қудрат Анварӣ, дар маърифат Аттор бош [42,125].

****

Аз гулу сунбул ба назму насри Саъдӣ қонеъам,

Ин маъонӣ дар «Гулистон» бештар дорад баҳор [22,116].

****

Бедил каломи Ҳофиз шуд ҳодии хаёлам,

Дорам умед, к-охир мақсуди ман барояд [22,488].

Хушгӯ низ дар канори эътирофи дараҷаи огоҳии Бедил аз девони суханварони пешин таъкид доштааст, ки «вай тавассути Бедил бо девони шуарои тозагӯ ошно шудааст». Аз мутолиаи манобеъи мутааддид, иловатан асмои шуарои зайл ба даст омадааст: Ҳилолӣ [яке аз шуарои замони Бобур], Урфӣ [ваф. 999 қ.] Зуҳурӣ [ваф. 1025 қ.], Зулолӣ [ваф. 1031 қ.] Толиб [ваф. 1036 қ.], Ҷалол Асир [ваф. 1049 қ.], Шайдо [яке аз шуарои замони Ҷаҳонгир ва Шоҳиҷаҳон], Қудсӣ [ваф. 1056 қ.], Муҳаммадқули Салим [ваф. 1057 қ.] Солик [яке аз шуарои замони Шоҳиҷаҳон], Ҳакими Рукнӣ [ваф. 1066 қ.], Сомит [дар давраи Аврангзеб ба Ҳинд омад], Миряҳёи Кошонӣ [ваф. 1074 қ.], Соиб [ваф. 1080 қ.], Муллоалӣ Ризои Таҷаллӣ [ваф. 1088 қ.]. Рё, асмои Неъматхони Олӣ ва Иродатхони Вазеҳро низ зикр кардааст. [172, 120]

Дар баробари ин, дар муқаддимаи «Муҳити аъзам» Бедил аз шоироне чун Толибу Зуҳуриву Салим ба унвони шоирони муваффақи мавриди эътирофи вай дар қаламрави сабки ҳиндӣ ёд намудааст.

Эътирофи мақоми ин шоирон дар навбати аввал шореҳи ин матлаб аст, ки маҳз тавассути мутолиа ва фарогирии маҷмӯи афкор ва андешаҳои

шоиронаи ин суханварони пешин буд, ки Абулмаонӣ дар кашфи роҳи тоза ва ба қавли худаш «борики сухансанҷӣ» муваффақ гардида, бар инқилоби фикрӣ ва ҳунарӣ дар қаламрави шеър даст ёфт. Ғуломҳасани Муҷаддадӣ бо нақл аз доктор Абдулғанӣ ҳамин фазилати беназири истеъдоди Бедилро чунин таъкид доштааст: «Вай марде бозавқ, мушкилписанд ва мутолиакунандаи муҳтарисе буд, ки мутолиоти худро бо Рӯдакӣ оғоз ва бо Мулло Алиризо Таҷаллӣ- яке аз муосирини хеш, ки дар синни бузургтар аз Бедил буд, хатм намуд. Ҷамъи шуароеро, ки дар байни ин ду давра зиндагӣ доштанд ва осори эшон дар адаби форсӣ боқӣ мондааст, бо иштиёқи тамом мутолиа мекард ва дар аксар маворид на танҳо дар иборат, балки дар маъно низ аз эшон пайравӣ менамуд ва баъд аз имтисоли муваффақона аз асотизи шуаро дар асари баландии андеша ва қудрати фикри халлоқаи хеш, сабки махсус ва асиле эҷод кард» [172,119]. Дар заминаи ҳамин ҳамин мутолеа ва огоҳӣ, ки ба қавли ин муҳаққиқ «тамоми захоири шеъри форсӣ аз замони Рӯдакӣ то замони худи Бедилро» [172, 123] фаро мегирад ва ҳамин дараҷаи огоҳии куллӣ омил мегардад, ки воқеан баробари эътирофи мақоми шомихи суханварони пешин ва боз ҳам ба қавли доктор Абдулғанӣ «дар канори ба мерос гирифтани равишҳои ғазали форсӣ ва бозтоби аносири ҷамеаи сабкҳо [172,119] аз тақлид комилан даст кашида, роҳи фардии хешро кашф намуд.

Аз ин баҳсу баррасӣ равшан мешавад, ки дар девони Бедил истиқболи шоиронаи ӯро аз суханварони кӯҳан, хоса шоирони ғазалсаро ва бозтоби аносири сабки мухталиф ба мушоҳида мегирем, ки ин мавзӯъ ба таври ҷудогона баррасӣ мешавад. Аммо ба таври умум дар ҷараёни таҳқиқи масъалаи мавриди назар мушаххасан равшан мегардад, ки Бедил ҳаройина аз дараҷаи комили огоҳии хеш аз адабиёти классикии тоҷик дар таҷаддуд ва таҳаввули ғазал, чи аз назари сохториву чи муҳтавоӣ, чи аз диди ҳунари шоирӣ, сабкшиносӣ нақши муассир гузошта, муҳимтарин вежагиҳои ғазали классикиро бо шеваҳои тоза такмил намудааст. Аз ин ҷост, ки навгониву навовариҳои Бедилро дар таҳаввули шеъри тоҷикӣ пажӯҳишгарон аз чанд дидгоҳ баррасӣ намудаанд. Беш аз ин Бедил тозакориҳояшро дар қаламрави

шеър маърифат намудаву борҳо бар он матолиб ишороте карда, ки баррасии афкори адабии шоир дар фасле ҷудогонаи рисола ҷараён хоҳад гирифт. Бешак дар шинохти ибтикороти шоир дидгоҳҳои худи ӯ дар навбати аввал хеле муҳим ва қобили арзиш ҳастанд. Вале ин ҷо танҳо ишорот бар як байти шоир баёнгари возеҳи он аст, ки Бедил, воқеан, тавассути такмили ҷанбаҳои ҳунарии ғазал ба сурӯғи маъниҳои тоза рафтаву ба қавли худаш шеърро ба ҳадди эъҷоз расонидааст:

Муддаӣ даргузар аз даъвии тарзи Бедил,

Сеҳр мушкил, ки ба кайфияти эъҷоз расад [22, 717].

Ҳамин шеваҳои хоси маъниофаринӣ ва сайди маъниҳои ноб воқеан барои Абулмаонӣ имкон фароҳам овардааст, ки дар сохтори ғазали форсӣ навъе таҷаддуд ворид намуда, аз сарҳади бархе аз қоидаҳои маъмули зоҳирии шеър дар пояи таваҷҷуҳ ба маънӣ бурун равад, ки ин ҷо ба таври мухтасар бо зикри намунаҳое ҷудогона ручӯъ шуда, баъдан дар фусули мустақиле дар рисола муҳимитарини ин вежагиҳо мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор хоҳанд гирифт.

Такрори қофия ва нуфузи ғазалиёт бо радифҳои ҳамгун аз муҳимтарин вежагиҳои сохторӣ маҳсуб мешаванд, ки бо такя бар ҳунари маъниофарии Бедил дар сурудаҳои вай ба махсусият бадал гаштаанд. Дар ғазали то замони Бедил такрори қофия қобили мақбул ва матлуб набудааст. Бедил дар заминаи тамоюли хеш бар маъниофарӣ гоҳо ду ва ё зиёда маворид ҳамон як вожаро ба ҳукми қофия такрор мекунад, аммо калима ба маънии дигар истифода мешавад. Ба ибораи дигар, бо касби маънии нав такрори мазкур ба навъе аз зарфияти истилоҳии маънисозӣ берун омада, ба ҳунари шоирӣ бадал мегардад, ки тафсилоти он дар фаслҳои рисола зимни баррасии вежагиҳои ҳунарии ғазалиёти шоир ҷараён хоҳад гирифт.

Тозакориҳои сабкиву ҳунарӣ ва мавзӯии Бедилро дар умум доктор Абдулғанӣ дар 17 банд баршумурдааст, ки аз ҷумлаи онҳо маҳосини лафзӣ, таркибҳои хоса, таровати ташбеҳ ва истиорот, қудрати истеъмоли алфози ҳамқофия ва ҷумлаҳои мутавозин, мисолия, касрати маонии латиф ва

бикр,эҳсосот ва изҳори муболиғаомез, эҳсоси ҳусну зебоӣ, калимоти гузида ё ба қавли ҳамин муҳаққиқ «нозпарвард», авзони гузида ва амсоли ин ба шумор меояд. Мурур ба таснифоти тозакориҳои ҳунарии Бедил аз дидгоҳи доктор Абдулғанӣ равшангари он аст, ки ин муҳаққиқ барои таъйини ибтикороти шоир бештар дар пайванд ба вежагиҳои сабкӣ ҳиндӣ таваҷҷуҳ кардааст.

Албатта, ин нақду назарҳои пажӯҳишгарон ҳамоно такя ба матолиби аҳли тазкира дорад, ки ҳанӯз аз рӯзгори Бедил ин ибтикор ва мақому ҷойгоҳи шоирро чи дар таҳаввули сабкии ғазал, чи забони шеър ва ҳам ҳунари маъниофарӣ эътироф намудаанд. Сархуш, яке аз тазкиранависони ҳамаҳди Бедил, ки ба рӯзгори вай аз ҷониби аҳли тазкира ба унвони яке аз рақибони шоир ҳам шинохта шудааст, изҳор медорад: «Бедил устоди ҳунар аст». Бинодробан Дос Хушгӯ бошад, ки аз ҷумлаи дӯстон ва шогирдони Бедил маҳсуб меёбад, таъкид намудааст: «Дар ин ҳунар Бедил яке аз устодоне аст, ки аз худ сабки хос дорад. ...Бедил назире пайдо накард, то монанди вай сабке эҷод кунад» [84,141]. Онандроми Мухлис низ, ки дар шумори шогирдони Бедил қарор дорад, навиштааст: «Бедил сафҳаи рӯзгорро ба анвои ашъор ва саноеъи бисёр зариф музайян сохт. Дар ҳар ҷо мардум роҷеъ ба вай сухан мезананд ва вай дар ҳар марзу бум шуҳрат дорад. Ин ҳақиқат аст, ки пас аз Амир Хусрави Деҳлавӣ ҳеҷ шоире дар Ҳинд зуҳур накард, то битавонад бо Бедил ҳамсарӣ кунад» [84, 134].

Дар баробари ин, Озоди Балгиромӣ дар «Сарви озод» ва «Хизонаи омира»-и хеш аз Бедил самимона ситоиш менамояд ва бо эътирофи ҷойгоҳи ҳунарии шоир дар суханварӣ таъкид медорад, ки «киро қудрат, ки ба тарзтарошии ӯ тавонад расид ва киро тоқат, ки камони бозуи ӯ тавонад кашид»[11, 153].

Бо такя бар маҷмӯи ин ибтикороти Бедил дар таҳаввули сохториву маъноии ғазал метавон ин нуктаро таъкид намуд, ки ин суханвари мумтоз дар назари аввал аз лиҳози теъдод дар сурудани ғазал дар адабиёти форсӣ имтиёз дорад ва аз ин дидгоҳ ҳам идомадиҳандаи роҳи Мавлоност. Роҷеъ ба теъдоди

куллии ғазал ва абёти девони шоир назароти мухталифе вуҷуд доранд. Хушгӯ дар тазкираи худ ба теъдоди панҷоҳу чанд ҳазор байти девони Бедил ишорат мекунад. [84, 141] Аммо ахиран пас аз дарёфт шудани чандин нусхаи нодири осори Бедил, ки китобати аксари онҳо ба замони шоир ва ҳатто бо иштироки худи суханвар иттифоқ афтодаанд, мулоҳизоти тозаеро дар мавриди омори ғазалиёти Бедил пешорӯи мо мегузорад, ки шояд теъдоди куллии ғазалиёти шоир аз 3000 бигзарад, чун танҳо дар асоси нусхаи китобхонаи Ризо Ромпур 110 ғазали номатбуи шоирро Бобобек Раҳимӣ берун оварда, дар чанд шумораи маҷаллаи «Садои Шарқ» интишор намуд. Ҳамзамон, нусхаҳои дигари девони Бедил низ маҳфузанд, ки ҳанӯз ба таври зарурӣ таҳқиқ ва тасҳеҳ нашудаанд, ки албатта омӯзишу баррасии онҳо метавонад дидгоҳҳои дигареро дар ин замина ба вуҷуд оварда, ғазалҳои тозаи дигареро низ ошкор созад, ки ин амр ба шумори умумии ғазалиёти шоир арқоми дигаре биафзояд.

Дар канори ин, дар заминаи муқоиса ва муқобалаи бархе аз ғазалиёти шоир бо гунаҳои дар ин нусхаҳои кӯҳан мавҷудбуда метавон муқаррар намуд, ки абёти тозаи ҳанӯз нашрнагардида низ дар таркиби бархе аз чунин ғазалиёт ҷой дорад, ки таҳқиқи мукаммали девони шоир аз ин назар итминон мебахшад, ки теъдоди куллии абёти ғазалиёти Бедил шояд бештар аз он бошад, ки гуфта омад.

Пас, оморшиносии теъдоди ғазал ва шумораи абёти он дар девони Бедили Деҳлавӣ равшан месозад, ки маҷмӯи сурудаҳои шоир дар ин жанри суннатии шеър аз лиҳози миқдор шояд баробар ба девони Шамси Табрезӣ ва ҳатто ба ишораи Хушгӯ «Панҷоҳу чанд ҳазор» ва мутобиқи бозёфтҳои ахир, ки агар ба он такя кунем, бештар аз он ба шумор меравад. Ағлаби мавлавипажӯҳони теъдоди абёти девони Шамси Табрезиро ҳудуди 50 ҳазор байт муқаррар намудаанд. Фурӯзонфар бо изҳори назар дар мавриди теъдоди абёти Мавлоно муътақид аст, ки танҳо бо радифи «ی» дар девони Шамси Табрезӣ вуҷуди 800 ғазал таъйид шудааст, ки тақрибан муодили ғазалиёти Саъдӣ ва ду баробари ғазалиёти Ҳофиз аст[203,333]. Аз Мавлоно агар бигзарем, пас аз вай дар адабиёти форсӣ аз диди омори радифшиносӣ Бедил

қарор дорад, ки дар девони ӯ дар муқоиса ба девони Шамси Табрезӣ танҳо бо ин радиф 197 ғазал ҷой дорад.

Нуфузи теъдоди ғазалиёт дар девони Бедил худ аз иқдомоти шоёни ӯ дар таҳаввулоти сохтории ин навъи шеър паём мерасонад, зеро бартарии маҷмӯи ғазал аз диди шумора ҳам, дар навбати аввал, аз ҳузури шоире паём мерасонад, ки соҳиби истеъдоди нодир, нерӯи халлоқ ва тафаккури олии бадеӣ ба шумор меравад. Захомати ҳаҷми девон нуктаи дигареро ҳам мусаллам мегардонад, ки доманаи таҷрибаҳои ҳунарӣ дар ин навъи ғазал низ тавсеа дорад, зеро ба эҳтимоли зиёд таваҷҷӯҳи амиқи шоир ба таҷрибаҳои ҳунарӣ яке аз омилҳои аслии фузунии теъдоди ғазалҳо маҳсуб меёбад. Чунин таҷрибаҳо бар пояи таҳқиқ дар ҷанбаҳои поэтикии ғазал аз дидгоҳи сохторшиносӣ пеш аз ҳама дар таҷрибаҳои нодири Бедил дар баҳрҳои мухталиф ва ҳатто камозмуда ба зуҳур мерасанд, ки яке дар фасле ҷудогона баррасии он сурат хоҳад гирифт. Ин ҷо танҳо ҷиҳати таъкид бар таҷрибаҳои ҳунарии Бедил дар буҳури мухталиф ҳамчун ибтикороти ӯ дар ҷанбаҳои сохтории ғазали тоҷикӣ бар чанд нуктаи муҳим дар шумори дигар вежагиҳои сурудаҳои шоир руҷӯъ мешавад.

Бо такя бар ин назар, олими Эронӣ Аҳмади Зокирӣ зимни баррасии мусиқии шеъри Бедил ба ин нукта ишорат намуда, ҳунари шоирро дар тақвияти мусиқии шеър зимни корбурди авзони шеърӣ, бавижа баҳри комил чунин баён месозад: «Бедил дар ин баҳр [манзур баҳри комил.- Н.Н.]ба ҷуз вазни солим онро аз зиҳофи афзоиши ҳам истифода мекунад. Ҳамин амр низ рамзи равнақи кори мусиқии шеъри ӯ дар баҳри комил гардидааст». [161, 363] Аммо бедилпажӯҳи афғонистонӣ, Абдулғафури Орзу бо такя бар таҳқиқоти доктор Абдулғанӣ ин авзонро нозпарварди Бедил унвон кардаву онҳоро чунин ном бурдааст: «авзони нозпарварда, чун баҳри комили мусамман, баҳри мутадорик, баҳри рачази матвии мусамман ва ғайра» [181, 48].

Бо таваҷҷӯҳ ба ҳамин шеваи корбурдии авзони ғайримаъмул маълум мешавад, ки аз диди шумора ҳам теъдоди вазнҳои мухталифро Бедил ба кор

гирифтааст, ки чунин таҷриба аз бештари баҳрҳои маъруф ва номаъруфи форсӣ дар камтар шоирони классики форсу тоҷик ба мушоҳида мерасад. Аз ин дидгоҳ ҳам Бедил навъе пайванд бо Мавлоно дорад, ки ба таъбири Бадеъуззамони Фурӯзонфар дар 55 баҳри мухталиф шеър сохтааст. Дар забони форсӣ, ҳеҷ як аз шуарои мо нестанд, ки ин андоза тавсеа дар авзон дода бошанд. Он авзони матруке, ки дар шеъри қадим вуҷуд дошта ва матрук шуда… тамоми он авзонро Мавлоно сохта ва беҳтар аз авзони маъмула сохтааст...» [202,333].

Ҳамин гуна, Бедил ин таҷрибаҳоро дар корбурди баҳри комил истифода кардааст, вале дар ҳар яке аз онҳо навъе танин ва мусиқияти хосе ба мушоҳида мерасад. Матлаи ғазали дигаре аз ин шумул чунин сурат дорад:

Чи расад зи нашъаи маънавӣ ба димоғи беҳису бехабар?

Зи парӣ паёме агар кашӣ, ба дукони шишагарон мабар.

Дари эътиборе агар занӣ, магузар зи сози фурутанӣ,

Ки ба коми ҳосили муддао ба талоши реша расад самар [23, 116].

Дар ин ғазал ҳам шеваи рукнҳои муқаффо дар мисраи чаҳорум риоят шуда, мусиқияти чунин баҳри мураккабро фароҳам оварда ва ин ҳам ошкор аст, ки Бедил ҳамчун муриди мактаби Мавлоно ҳам дар таҷаддуди сохтори ғазал эҳтимом меварзад ва ҳам мусиқияту оҳангнокии хосаро дар таҷоруби авзони мураккаб ба кор мегирад.

Мусиқияти ҷаззобе, ки дар ғазалиёти Мавлоно дар заминаи такрори калимоту иборот ва вожагони ба истилоҳ ба ҳам таҷниси лафзишаванда фаровон ба мушоҳида мерасад, дар ин навъ ашъори Бедил низ ҷойгоҳи хосае дорад. Дар байти зер ин вижагии ҳунарии марбут ба мусиқии шеърро метавонем ба мушоҳида бигирем.

Нашуд он ки шӯълаи ваҳшате ба дили фусурда фусун кунад,

Ба замин тапам, ба фалак давам, чи ҷунун кунам, чи ҷунун кунад [23, 59].

Махсусан, такрори вожагони якранг ва ба ҳам наздик мусиқият ва танини оҳангнокиро дар мисраи дувум тақвият бахшидааст. Чаҳор ибора, ки

миёни ҳамдигар тавассути аломати вергул ҷудо шудаанд, аз ҳамин зарбу оҳанг бархурдоранд. Вақте мисраъро қироат мекунем, исте, ки бар асоси мавҷудияти аломати китобатии вергул ҳосил мешавад, танзими оҳанги мисраъро танзим мекунад, ки ҳангоми қироати он ин ҷаззобият ва шигарди ҳунарии ғазал аз диди сохторшиносӣ равшан ҳувайдо мегардад.

Баҳсу баррасии авзони шеъри Бедил ва таҷрибаҳои ҳунарии ӯ дар заминаи корбурди онҳо, ки ба истилоҳ навъе ба сохторшиканӣ дар ғазали форсӣ ва таҳаввулоти шоёне мувоҷеҳ шудааст, бозгӯ аз он аст, ки Абулмаонӣ бо таҷаддуд ва ибтикор дар истифодаи авзони мухталиф ва шояд бештар аз ҳамаи шоирони дигар муваффақ ба таҷассуми маонии тоза ва мазмунофариҳои хоса гардидааст. Аз сӯи дигар, ин таҷоруб бар он таъкид мекунанд, ки Мирзо Бедил камтарин имконоти қолиб ва шаклҳои роиҷи шеъри суннатиро дар халқи маонии ноб ва офариниши мазмунҳои шоирона мавриди истифода қарор дода, ҳамчун шоири мубтакир ва соҳиби забони хосаи шеърии худ маъруфияти тамом дарёфтааст, ки дар баробари бовар ва эътиқоди худ ба ин ҷойгоҳ дар тазкираҳову сарчашмаҳои адабӣ ин мақоми шомихи шоир дар сатҳи зарурӣ эътироф шудааст. Муҳимтар аз ҳама, Бедил бар асоси чунин тамоюл ба авзони нодир заминаҳои муҳкаме дар таквини шеъри нав дар адабиёти форсӣ гузошт. Анҷоми ҷусторҳои бештаре дар сарчашмашиносии шеъри нав бо таваҷҷӯҳ ба таҷрибаҳои ҳунарии Бедил метавонад ин амрро ба субут расонад.

Мирзо Бедил дар канори ин ки дар қаламрави адабиёти форсӣ ибтикоре дар истиқлоли мисраъи ғазал ба зуҳур расонид, аз диди сохтор дар таркиби ҳар сатри он корномаҳоеро ба намоиш гузошт, ки дар шеъри гузаштаи мо намунаҳои онро камтар метавон пайдо кард. Қабл аз баррасии ин масъала таъкиди ин нукта зарур ба назар мерасад, ки аслан, истиқлоли мисраъ, истифодаи қофия ва радиф, сохтори мисраъ ва байт бештар ба масоили ваҳдати сохтории ғазал далолат доранд ва мо пеш аз ин ҳам ишорат кардем, ки Мирзо Бедил дар таҳаввулоти сохтории ин навъи суннатӣ низ бо чанд ибтикор нақши муассир гузоштааст. Аз ин рӯ, баррасии сохторшиносии

ғазали Бедил аз назари ҷойгоҳи он,ки тарҳи сабк ва забони шеърро низ дармеандозанд, дар таъйини муҳимтарин вежагиҳои ҳунарии шоир амре зарурӣ ба шумор меояд. Адабиётшиноси эронӣ Ковуси Ҳасанлӣ, ки бо такя бар назарияҳои формалистии М. Бахтин ва Теодоров як ғазали Бедилро аз ин нигоҳ баррасӣ кардааст, дар шинохти асари бадеӣ чунин навиштааст: «Барои шинохти шоистаи асари адабӣ, аносире асилтар аз аҷзои ҳамон асар вуҷуд надорад. Вокҳо, вожаҳо, ҷумлаҳо, шеваҳои пайванди онҳост, ки чигунагии илқои маъноро дар асаре боз менамоянд. Шеваи корбурди вожаҳо ва чигунагии чиниши онҳо дар як асар забони онро падид меоварад ва ҳамин забони вижа аст, ки сабки асареро бозмешиносонад [363, 31]. Адабиётшиноси рус М. Бахтин бар ин назар аст, ки сабк он чизе аст, ки забонро ба бинише муҷассам ва комилан, фаҳмиданӣ табдил мекунад [271, 123]. Ин назария ҳам забонро дар меҳвари аслии хеш қарор медиҳад, ки нақши асосӣ дар моҳияти ҷойгоҳи асари бадеӣ дорад ва ҳам пайванде бо назарияи поэтикаи қадимаи ҳиндиро ошкор месозад, ки дар он низ нақши калидии забон дар шеър таъкид ёфтааст. Бегумон, таҳқиқ аз дидгоҳи назарияи формалистии русӣ, ки пайванде ба дидгоҳҳои назарии шеършиносии кӯҳани Ҳинд низ дорад, метавонад ҷанбаҳои дигарии ҳунари шоирии Бедилро дар таҳаввули сохтории навъи ғазал падид оварад. Афзуда бар унсурҳои сохтории ғазал, чун калимаву ибора ва таъбиру таркибҳо ва иртиботи муҳкамашон дар сохтори ғазали Бедил, ки Ковуси Ҳасанлӣ бо ручуъ бар ғазале аз Бедил ин мавзӯъро қисман баррасӣ намудааст, мо ба таҳаввулоте дар шеваи сохтмони худи мисраъ, қофия ва радифҳо низ ба мушоҳида мегирем, ки баҳсу баррасии он аз мизони назариёти формалистӣ ва сохторгароӣ дар фасли алоҳида сурат мегирад.

Бар ин асос, дар назари аввал, баробари дорои маънии мустақил будани як мисраъ ба назар мерасад, ки баъзе аз мисрои шеърӣ аз як иборат таркиб ёфтаанд ва бо диди амиқ агар мутаваҷҷеҳи ин шохисаи шеърӣ бишавем, равшан мегардад, ки сатрҳои шеърии ин навъ ғазалҳо як воҳиди том ва комилиёр ҳастанд. Ин навъ мисроъро метавон шартан «мисраъҳои воҳид»

унвонгузорӣ намуд, ки дар чанд шакл онҳо дар девони Бедил ба зуҳур расидаанд.

Навъи аввал, мисрои аз як ибораи чандҷузъаи изофӣ таркибёфта мебошад, ки намунаи он байти зайл аст:

Ҳамқофилаи ҳайрати саршори нигоҳем,

Гарди раҳи мо сурма ба овози ҷарас рехт [23,228].

Мисраи аввали байт чунонки мушоҳида мешавад, аз як ибораи «**ҳамқофилаи ҳайрати саршори нигоҳ**» таркиб ёфтааст, ки комилан, ба ҳам марбут ва як сатри воҳид ба назар расида, шаклан ва мазмунан қаробат доранд. Дар асл, ибораи воҳид баёнгари маънии мансуб ба афроди ҷамъ, яъне мо аст ва мазмуни таъкид бар як нукта дорад, яъне мо ҳамсафари ҳайрати саршори нигоҳ ҳастем ё мо ҳам дар мақоми ҳайратнигоҳон қарор дорем. Ибороти изофӣ дар адабиёти мо бештар аз ду ҷузъ ва гоҳо се ҷузъ ба назар мерасад. Таҷрибаи Бедил дар афзудани вожагон дар таркиби воҳиди ин навъ иборот ҳам дар ҷузъи шумори ибтикороти ҳунарӣ ва сохторшикании ӯ дар ғазал маҳсуб мешавад, зеро ин шеваи мисраъофарӣ дар шеъри гузаштаи мо марсум набуда ва ҳадс метавон зад, ки Абдулмаонӣ аз нафарони аввал дар ин раҳгузор ба шумор меравад. Аз сӯи дигар, бо шикастани ин ибораи воҳид аз таркиби он метавон чанд ибораи дигари изофиро берун оварда ба тартиби зайл:

ҳамқофилаи ҳайрат; ҳамқофилаи ҳайрати саршор; ҳайрати саршор; ҳайрати саршори нигоҳ

Маҷмӯи ин иборот ҳам маҳсули андеша ва тафаккури шоиронаи Бедил буда, ба ҳунари баланди ӯ дар сохтмони ибороти воҳид таъкид менамояд ва аз сӯи дигар ба ҷавҳари мустаҳкам ва сохтори қавии таркиби мисроъ ишорат мекунад. Барои намуна ба ин навъ иборот ба чанд байти дигар ирҷоъ мешавад:

Масти хаёли майкадаи наргиси ту- ба маънии асири чашми маъшуқ будан;

Масти хаёли майкадаи наргиси туем,

Шӯри ҷунун кунад қадаҳи мо, шаробро [22,111].

Дар таркиби он боз ҳам чанд ибораи дигар ба сурати зайл ба чашм мерасад, ки, аз тафаккур ва андешаи дурпарвози Абулмаонӣ бурун омада, бо тозагиву таҷаддуди хеш имтиёз касб намудаву дар алоҳидагӣ маонии хос ва дигаргунро дар худ таҷассум намудаанд:

Масти хаёли майкадаи нигоҳ- асири ёди нигоҳи маъшуқ будан

Масти хаёл – дар мақоми мастӣ аз ёду хаёли маъшуқ қарор гирифтан;

Майкадаи нигоҳ- манзур нигоҳи маъшуқ, ки дар ҷони ошиқ мастӣ ато фармояд ва бар асари ҳамин фазилат мушобеҳ ба майкада дониста шудааст.

Хаёли майкадаи нигоҳ- ба ёди майхонаи нигоҳи маъшуқ афтодан

Равшан аст, ки дар баробари як ибораи комил ва воҳиди изофӣ дар таркиби он боз ҳам чаҳор таъбири дигар офарида шудааст, ки дар канори маҳсули андешаи шоир будан, ба таркиби қавӣ ва мустаҳками як мисраи серҷузъа таъкид доранд ва баробари ҳар як маънии ҷудогонаро соҳиб шуда ба ҳам омада, дар сохтмони мазмуни тозаи шоирона ширкат варзидаанд.

Намунаҳои дигар ба ин навъи иборасозии Бедил, ки таркиби як мисраъро комил намудаанд:

Маҳви рангинии гулзори тамошои ту:

Маҳви рангинии гулзори тамошои туам,

Аз нигаҳ то мижаами арзи хиёбони гул аст [22, 309].

Хароби майкадаи олами хаёли ту:

Хароби майкадаи олами хаёли туем,

Чӣ машрабе, ки қадаҳнӯш кардаӣ моро? [22.183].

Шукуфаи чамани интизори сӯхтагиҳо:

Ҳанӯз аз кафи хокистарам баҳор фурӯ шуст,

Шукуфаи чамани интизори сӯхтагиҳо [38,31].

Нафасшумории субҳи баҳори сӯхтагиҳо:

Биё, ки ҳаст ҳанӯз аз шарори шӯълаи умрам,

Нафасшумории субҳи баҳори сӯхтагиҳо***[22, 74]***.

Ҳасратсамари кӯшиши беҳосили хеш будан:

Ҳасратсамари кӯшиши беҳосили хешем,

Аз баски нафас сӯхт кабоб аст дили мо [22,7].

Навъи дувуми ин гуна ибораофариҳо дар як мисраъ ба сурати афзудани як пешоянд ба як ибораи комили изофӣ сурат гирифтааст. Аксаран, дар аввали мисраъ як пешоянд ва пасон як ибораи изофии мусалсал омада, маҷмӯан сатри байтро мукаммал сохтааст:

Аз + адабпарвардагони ёди тамкини ту;

Аз адабпарвардагони ёди тамкини туем,

Мӯи чинӣ мефурӯшад нола дар кӯҳсори мо [22,114].

Дар ин ҳол низ таркиби ибораи мавҷударо метавон ба ибороти мустақили «адабпарвардагони ёди тамкин», «адабпарвардагони ёд», «ёди тамкин» қисмат намуд, ки маҳсули андешаварзӣ ва тафаккури шоиронаи Бедиланд.

Аз + шарми рӯсиёҳии аъмоли зишти хеш:

Аз шарми рӯсиёҳии аъмоли зишти хеш,

Ба рух кашидаем зи дасти дуо ниқоб [22,204].

Дар + қофилаи бечараси мақсади таслим:

Дар қофилаи бечараси мақсади таслим,

Бетоқатии набзи талаб ҳарзадароист. [22, 252].

Ба + завқи комрониҳои айшободи расвоӣ;

Ба завқи комрониҳои айшободи расвоӣ

Зи шодӣ лаб намеояд ба ҳам чоки гиребонро [22, 141].

Навъи савуми ибороти изофӣ дар таркиби мисраъ ҳамроҳ бо радиф ё анвоъи феълҳои таркибӣ дар охири мисраъ омадаанд, яъне сурати зайлро дорад: ибораи изофии чандтаркиб + радиф ё феъли таркибӣ ё калимаву таркиби мустақил

Кабоби хомсӯзи оташи ҳасрат + диле дорам:

Кабоби хомсӯзи оташи ҳасрат диле дорам,

Ки ҳар ҷо бенавое сӯхт, дудаш сар кашид ин ҷо [22,80].

Махсусияти тақсимбандии иборот ба чанд ҷузъи дигари шоирона дар ин навъи ибороти изофӣ ба чашм мерасад. Барои намуна дар байти мазкур ба ҷуз ибораи мукаммал боз ибораҳои изофии **«Кабоби хомсӯз»**, **«оташи ҳасрат»** ва амсоли инро метавон ҷудо намуд: Чанд намунаи дигар зикр мешавад:

Муқими пардаи номуси фақр + бояд буд :

Муқими пардаи номуси фақр бояд буд,

Куҷост даст, ки бардорӣ остини ҳубоб [22, 204].

Суроғи корвони мулки хомӯшӣ + бувад мушкил:

Суроғи корвони мулки хомӯшӣ бувад мушкил,

Ба бӯи ғунча ҳамдӯш аст овози ҷарас ин ҷо [22,141].

Шабнами лутфи каримони ҷаҳон + барқ асту бас:

Шабнами лутфи каримони ҷаҳон барқ асту бас,

Ғайри оташ нест дар сарчашмаи хуршед об [22,205].

Шаҳиди интизори ҷилваи теғи киям + ё Раб?

Шаҳиди интизори ҷилваи теғи киям, ё Раб?

Ки чун шамъам зи як гардан баландӣ мекунад сарҳо [22,138].

Фиреби ҷилваи найранги зиндагӣ + нахӯрӣ:

Фиреби ҷилваи найранги зиндагӣ нахурӣ,

Ки шустаанд аз ин саҳфа ғайри нақши сароб [22,207].

Дар баробари он ки ифодаи мазкур дар ин байт тавассути як ибораи комили изофӣ ва як феъли шахси дувуми танҳо омадааст, зимнан як навъи дигари иборасозии Бедилро дар қолиби як мисраъ рӯнамоӣ мекунад. Маҷмӯан ин мисраъро метавон ба шакли ибораи зерин ҳам даровард: «**Фиреби ҷилваи найранги зиндагӣ нахӯрдан»**. Ин навъ ибораҳо бештар дар қолиби воҳидҳои фразеологӣ сохта шуда, дар баробари маҳсули андешаи шоир будан, аз дараҷаи ҳунари суханварии гӯяндаи он дар такмили таркиби забони форсӣ тавассути ин падидаи бадеӣ паём мерасонанд. Дар ин навъ иборот низ ҳолати тақсимбандии он бар чанд таъбири дигари шоирона ба

мушоҳида мерасад. Ба чанд намуна аз ин навъ ибороти мисраъшуда мурур мекунем:

Адабгоҳи муҳаббат нози шухӣ барнамедорад,

Чу шабнам сар ба мӯҳри ашк меболад нигоҳ он ҷо [22,43].

Мисраи аввал комилан аз як ибора таркиб ёфтааст, ба сурати **«нози шухӣ барнадоштани адабгоҳи муҳаббат**», ки маънии он ба шухӣ нагирифтани дарси ишқ, ки риёзату азиятро хостор аст, ҷои ҳавасу бозӣ набудани мактаби муҳаббат, маҳсуб мешавад. Фузун бар ин, дар таркиби ин мисраъ чанд ибораи дигар ҳамоно ҷой доранд, ки дар заминаи канори ҳам омадани онҳо як мисраи воҳид падид омадааст.

Адабгоҳи муҳаббат – мактаби ишқ

Ноз барнадоштан- ин ибора дар фарҳанги мардумӣ маъруф аст, ба сурати нозбардорӣ кардан, нозбардори касе будан ва маънии нози касеро бардоштан, шӯхии рафтори касеро аз сари дӯстӣ таҳаммул кардан ва ин ҷо дар байти Бедил акси ҳамин маънист.

Нози шухӣ барнадоштан – ба ҷид гирифтани кор ва аз рӯи ҳавас рафтор накардан ба амал ва ин ҷо манзур мактаби ишқ аст, ки ҷои ҳавову ҳавас ва саҳлу содда гирифтани дарси он нест.

Мисраи дувуми ин байт низ ҳамин хусусиятро дорад ва маҷмӯан ба сурати як ибораи сохта шудааст: **«Чу шабнам сар ба муҳри ашк болидани нигоҳ он ҷо»**. Дар ин ҳолат навъе қолибҳои қаблии иборасозӣ ба мушоҳида мерасад, агар ин ибораро мустақилан, бидуни радифи «он ҷо» тазаккур диҳем, матлаби аслӣ дар ҳамон ниҳон аст ва имкон дорад, ки таркиби «он ҷо»-ро ҳамчун ҷузъи иловагӣ бар ин ибора бо шеваи қаблии навъи иборасозӣ бо ҳамроҳ шудани ҷузъиёти дигар бар он қабул намоем. Ин махсусиятро дар мисраи аввали байти зер низ баррасӣ менамоем:

Ҳусн кулоҳи ҳавасе гар ба таҷаммул шиканад,

Беҳ, ки дил аз мо бубарад, бар сари кокул шиканад [22, 573].

Мисраи аввали байт дар қолиби воҳиди фразеологии «кулоҳи ҳавас шикастани ҳусн» созмон ёфтааст, ки маънии аз зебоии худ аз рӯи ҳавас

ифтихору такаббур намудани ҳуснро дорад. Ҳамзамон дар таркиби ҳамин ибора чанд таъбири дигарро метавон бад-ин сурат тавзеҳ дод.

Кулоҳ шикастан- изҳори бузургӣ намудан, такаббур;

Кулоҳи ҳавас шикастан –изҳори бузургӣ аз орзуи пуч ва бебақо;

Кулоҳи ҳавас шикастани ҳусн – изҳори манӣ, бузургӣ намудани ҳусн аз орзуи пуч ва бебақо;

Кулоҳи ҳавас шикастани ҳусн ба таҷаммул – аз эҳсоси зебоии хеш изҳори бузургӣ кардани ҳусн;

Худи ибораи **«кулоҳ шикастан»** бо шаклу шеваҳои мухталиф дар шеъри форсӣ маъруф аст ва қабл аз Бедил дар ашъори Ҳофизи Шерозӣ ба сурати ***«тарфи кулаҳ кач ниҳодан»*** истифода шудааст:

На ҳар ки тарфи кулаҳ кач ниҳоду тунд нишаст,

Кулоҳдориву оини сарварӣ донад [122, 175].

Аммо дар девони Бедил борҳо бо ҳамин сурати мутазаккира таҷассум дорад ва ҳатто дар нахустин байти девон:

Ба **авҷи кибриё к-аз паҳлуи аҷз аст роҳ он ҷо**

Сари мӯе гар ин ҷо хам шавӣ, бишкан кулоҳ он ҷо [22,43].

Дар зимни мисраи дувуми байти мазкур шеваи дигари сохтмони мисроъро дар девони Бедил метавон ба мушоҳида гирифт, ки он аз канори ҳам омадани якчанд таъбироти рехта таркиб ёфтааст. Ин ҷо барои шаклгирии мисраъ се ибораи асосӣ **«сари мӯ», «хам шудан»** ва ҳар ду ҳамҷоя **«сари мӯе хам шудан»** ва **«кулоҳ бишкастан»** нақши муассир дошта, равиши хоси иборасозии дар сохтмони мисраъҳои воҳид муҷассам мегардонанд. Чунин навъи иборасозӣ дар таркиби мисраъ дар сурудаҳои Бедил фаровон ба мушоҳида мерасад ва ҳатто яке аз муҳимтарин махсусияти ҳунарии забони шеъри ӯ маҳсуб мегардад, ки ба ҷои худ роҷеъ бар ин навъ шеваи таъбирофаринӣ мабоҳисе сурат хоҳад баст. Бо тазаккури чанд намунаи дигар бар ин навъи сохтмони иборот дар таркиби мисроъ иктифо хоҳад шуд:

Аз оина гардидан инонро гирифтани дил- манзур бо сафои қалб ба камол расидани инсон аст, чун дар ирфони Бедил манзур аз оина шудан,

тасфияи қалб аст, ки аз ҷумлаи муҳимтарин аркони орифона ба шумор рафта, дар ин ҳол инсон такмила дарёбад ва ихтиёри вуҷуди ӯ дар дасти ҳамон дили мусаффо қарор бигирад, ки асли мавҷуди инсон бошад:

Нафас будам ҷунунпаймои дашти бенишонтозӣ

Дил, аз оина гардидан гирифт охир, инонамро [22,141].

Сохтори мисраи аввал низ бар мабнои ду ибора «Нафас будан», «ҷунунпаймои дашти бенишонтозӣ» созмон ёфтааст, ки то андозае ба қолибҳои марбут ба иборасозии таркибии изофӣ аст ва бо ҳамроҳ шудани як ибораи мустақил дар оғоз шакл гирифтааст.

Фалак яксар дар хок пинҳон кардани сурати одам- ба хок табдил ёфтани вуҷуди инсон, ки амри сарнавишт аст.

Фалак, дар хок пинҳон кард яксар сурати одам,

Мусаввар гурдае мехоҳад аз мардумгиё ин ҷо [22,45].

Ғазал ва рубоиёти бенуқта. Дигар аз падидаҳои нодири таҳаввулоти сохтории ғазал дар сурудаҳои Бедил бо истифода аз ҳуруфи бенуқта ба қалам овардани як ғазали комил аз оғоз то поён ба шумор меравад, ки назирашро дар адабиёти гузашта мо дучор намеоем. Албатта, дар қаламрави адабиёти классикии мо истилоҳи номаҳои бенуқта мавҷуд аст, ки бо истифода аз ҳуруфи бенуқтаи алифбои форсӣ ба қалам омадаанд,ки яке аз он аз замони Носируддиншоҳи Қоҷор боқӣ мондааст. Баъдан ин шева дар навиштани кутуби тафосир марсум гардид, ки яке аз аввалин нависандагони тафсири бидуни нуқта шоир ва орифи номовари Ҳинд Абулфайзи Файзӣ, фарзанди Шайхи Муборак маъруф ба Файзии Даканӣ маҳсуб меёбад, ки китоби тафсире бо номи «Савотеҳ -ул -илҳом фи тафсир –ул – Қуръон» [81] дар забони арабӣ бе истифодаи ҳуруфи дорои нуқта навишта аст. Аксари муфассирон ва донишмандони замон ба ҳунари нависандагии Файзии Даканӣ баҳои баланд додаанд. Аз ҷумла, Сироҷиддин Алихони Орзу, ки «Аз ҷумлаи умури фазилати аҷибаву ғарибаи долаи баркамоли ӯ тафсири бенуқат аст. Офарини офарин бар суханофаринӣ, ки таркиби алфози бенуқат бар тибқи

мудаоти худ бар ин насақ овардӣ... Чун дар арабият беназир буд, тафсири бенуқати мусаммо бар «Савотеҳ ул илҳом» навишт [65, 1231-1232].

Озоди Балгиромӣ бошад дар «Сарви озод» изҳор доштааст, ки «бурҳони фазилати Шайх Файзӣ «Савотеҳ ул –илҳом» тафсири бенуқта аст, ки дар ин ҳазор сол пештар ҳеҷ мустаидеро муяссар нашуд. Турфа ин ки инчунин кори душвор дар арсаи ду сол аз мабдаъ ба мунтаҳӣ расонид. [11, 199]

Зуҳури ин тафсир ба қалами шоири номваре дар қаламрави адабиёти форсизабони Ҳинд агарчи дар забони арабӣ ҳам аст, бори дигар бар ин амр таъкид меварзад, ки таҳаввул дар ин шеваи нигориш низ ҳамоно аз дигар сарзаминҳои забон ва адабиёти форсӣ ба Шибҳи Қораи Ҳинд интиқол ёфта, мубтакироне аз шумули суханварони ин қаламрав берун омадаанд.

Дар осори мансур ба қалам овардани чунин номаҳо нисбат ба назм шояд душвор набошад, вале ҳаройина андешаву ҳунар ва маҳорати эҷодиро тақозо дорад. Дар шеър бошад, иншои ғазал ба қавли худи Абулмаонӣ «кайфияти эъҷоз» аст, ки башорате аз ҳунари шоирӣ ва ҷанбаи нодири сохтории поэтикии ғазал дар адабиёти гузаштаи мо паём мерасонад.

سحر طلوع گل دعا که مراد اهل همم رسد

دل سرد مرده حرص را همه دود آه و الم رسد

هوس علاوه حرص و گد **سحر** و گل دگر آورد

که دم وداع حواس کس کمر و کلاه علم رسد

دل طامع و گله عطا دم سرد و گرم سؤالها

که دهد مراد گدا مگر مدد دوام کرم رسد

سر حرص و مصدر درد سرمسرا گل گهر دگر

که هلاک حاصل مال را همه دم ملال درم رسد

سرو کار عالم مرده دم هوس مطالعه کرد کم

که علوم گرد هوا علم همه در سواد عدم رسد

دل ساده هوس و هوا همه را مسلم مدعا

ره دور گرد امل اگر گره آورد گهرم رسد

که دهد مصالح کام دل که مدد گر گل طالعم

سحر ار دمد رمد آورد عسل ار دهد همه سم رسد

رگ وهم علم و عمل گسل مگسل علاوه درد دل

که مراد اگر همه دل رسد دل درد حوصله کم رسد

رم طور مصرع [بیدلم] دم دود سلسله ام رسا

کمک دو عالم امل دود که سراسر علمم رسد

[23, 665]

Дар умум дар Девони Бедил 3 ғазал аз ин навъ ба чашм мерасад. Руҷуи Бедил бар ин навъи нигориши ҳунарварона низ сарчашма дар «Руқаъот»-и шоир дорад, зеро дар миёни руқаоти ӯ низ ду номае ҷой дорад, ки бо ҳамин усул ба қалам омада, ҳатто дар яке аз онҳо, **«Ба Мавлоно Абдулазизи Иззат»,** мушаххас, баъд аз зикри унвони нома «**мактуби бенуқта**» рафтааст[45, 379]. Ҷолиб он аст, ки ғазали мазкур ҳам дар охири ҳамин нома омада, ки сарчашма дар ин шеваи нигориши номаҳо доштани таваҷҷӯҳи Абулмаонӣ ба ин навъ сурудаҳоро собит мекунад. Бобобек Раҳимӣ дар муқаддимаи «Мунтахабот»-и Бедил зимни муроҷиат ба ин мавзӯъ таъкид доштааст, ки «дар миёни ғазалҳои Бедил се ғазали бенуқта ва як ғазали муамморо дидан мумкин аст ва ҳамин ғазали мавриди назарро ба унвони намуна овардааст [101, 19]. Зимни мутолеаи девони Бедил он ду ғазали дигари шоир низ пайдо гардид, ки ба унвони замима дар ҳошияи рисола зикр онҳо хоҳад рафт. Баробари ин, дар таркиби номаи дигари Бедил «Ба Мулло Боқири Гелонӣ» 1 рубоӣ ва қитъаи дигар дар баробари худи мактуби бенуқта ва ғазалҳои мазкур ба чашм расид, ки ба сурати зайл омадаанд:

هر دم هوس آلوده صد صحرا گرد،

در دهر که گل کرده سراسر وسواس

دارم سحرآسا همه آه و دم سرد.

وهما در کمال مدرکه کم

ملک ما هوس مآل عدم.

حرس در کار و عمر مرگ احرام

دل آسوده کو؟ کدام

.[45, 380]

Дар маҷмӯъ, бо таваҷҷӯҳ бар чанде аз вежагиҳои ҳунарии ғазалиёти Бедил ва ибтикороти вай дар таҳаввули ҷанбаҳои бадеӣ ва маъноии ғазал дар адабиёти классикии тоҷик ошкор мегардад, ки ин суханвари маънишикор барои ба вуҷуд овардани тозатарин падидаҳои ҳунарӣ дар ғазали гузаштаи мо чи аз лиҳози ҳунари шоирӣ ва чи аз назари дарунмоя ва сабк эҳтимом варзидааст. Агар истиқлоли мисраъ аз ҷумлаи таҳаввулоти нодири маъноӣ дар ғазали классикӣ аст, ки ба ибтикороти Бедил пайванди муҳкам дорад, дар канори ин мустақилият навъе эҷоди пайванди маъноӣ ва таносуби вожагону мафоҳим ба ҳунари баланди шоирӣ ва диди мушикофона ва нигоҳи мушоҳидакори ӯ ишорат мекунад.

Корбурди таҷоруб дар авзони ноозмудаи шеъри форсӣ, ки, зоҳиран, аз авомили мураккаб шудани фаҳми маонии шоир ҳам гардидааст, бо нигоҳе дигар таҷаддуд дар сохторшиносии ғазали форсӣ аст, ки пас аз Мавлоно дар Бедил ба зуҳур расидааст. Дар баробари ин, шеваҳои хоси сохтмони таркиб ва ибораҳо, вожагони мураккаб, таҷрибаҳои ҳунарӣ дар радифсозӣ, такрори қофия, истифода аз ҳуруфи бенуқта дар нигориши як ғазали комил аз ҷумлаи дигар ибтикороти ҳунарии Бедил дар таҳаввули ин навъи шеърӣ маҳсуб мешавад, ки дар навангезиҳои таҳкими ҷанбаҳои поэтикии сохтори он ҳукми омили муассирро гирифтаанд. Баҳсу баррасии ҷудогонаи ҳар яке аз ин ибтикороти ҳунарии Бедил барои таҷассуми ҷойгоҳи ин суханвар дар таҳаввули ғазал дар адабиёти классикии тоҷик заминагузорӣ хоҳад кард.

هر لمعه دل آماده صد عالم درد.

در دهر که گل کرده سراسر وسواس

دارم سحرآسا همه آه و دم سرد.

وهما در کمال مدرکه کم

ملک ما هوس مآل عدم.

حرس در کار و عمр مرگ احرام

دل آسوده کو؟ کدام

.[45, 380]

Дар маҷмӯъ, бо таваҷҷӯҳ бар чанде аз вежагиҳои ҳунарии ғазалиёти Бедил ва ибтикороти вай дар таҳаввули ҷанбаҳои бадеӣ ва маъноии ғазал дар адабиёти классикии тоҷик ошкор мегардад, ки ин суханвари маънишикор барои ба вуҷуд овардани тозатарин падидаҳои ҳунарӣ дар ғазали гузаштаи мо чи аз лиҳози ҳунари шоирӣ ва чи аз назари дарунмоя ва сабк эҳтимом варзидааст. Агар истиқлоли мисраъ аз ҷумлаи таҳаввулоти нодири маъноӣ дар ғазали классикӣ аст, ки ба ибтикороти Бедил пайванди муҳкам дорад, дар канори ин мустақилият навъе эҷоди пайванди маъноӣ ва таносуби вожагону мафоҳим ба ҳунари баланди шоирӣ ва диди мушикофона ва нигоҳи мушоҳидакори ӯ ишорат мекунад.

Корбурди таҷоруб дар авзони ноозмудаи шеъри форсӣ, ки, зоҳиран, аз авомили мураккаб шудани фаҳми маонии шоир ҳам гардидааст, бо нигоҳе дигар таҷаддуд дар сохторшиносии ғазали форсӣ аст, ки пас аз Мавлоно дар Бедил ба зуҳур расидааст. Дар баробари ин, шеваҳои хоси сохтмони таркиб ва ибораҳо, вожагони мураккаб, таҷрибаҳои ҳунарӣ дар радифсозӣ, такрори қофия, истифода аз ҳуруфи бенуқта дар нигориши як ғазали комил аз ҷумлаи дигар ибтикороти ҳунарии Бедил дар таҳаввули ин навъи шеърӣ маҳсуб мешавад, ки дар навангезиҳои таҳкими ҷанбаҳои поэтикии сохтори он ҳукми омили муассирро гирифтаанд. Баҳсу баррасии ҷудогонаи ҳар яке аз ин ибтикороти ҳунарии Бедил барои таҷассуми ҷойгоҳи ин суханвар дар таҳаввули ғазал дар адабиёти классикии тоҷик заминагузорӣ хоҳад кард.

роҳкорҳои таваҷҷӯҳи вай бар чунин тозаназариву тозабаёниҳоро шарҳу тафсир намояд.

Аз сӯи дигар, то ҷое эҳсоси маърифати сурудаҳои шоир аз сӯи аҳли завқ дар рӯзгори худи вай ба унвони ибтикори мубҳам ва ё ибҳомот дар шеър шояд ба ҳукми василае хидмат намуда, то ҷое худи шоир дарки фалсафиашро аз шеър дар ҳар ҷое аз ашъораш тафсир кунад ва бад-ин васила дидгоҳҳои хоси хешро нисбат ба шеър ва афкори адабиашро баён дорад. Аз тарафи дигар, нигоҳе ба истилоҳ то ҷое номақбули шеваи баёни Бедил ва таъйини ибҳомгаройӣ дар каломи ӯ аз рӯзгораш то кунун идома ёфт ва ҳатто бузургтарин мунтақидони муосир чун Абдулҳусайни Зарринкуб, Шафеии Кадканӣ баробари эътирофи манзалат ва ҷойгоҳи ҳунарии Бедил ҳамин вежагии «номатлуб»-и сурудаҳои шоирро таъкид намудаанд. Аз ҷумла, Абдулҳусайни Зарринкуб дар пайванд ба ин матлаб нигошта, ки «Шеъри вай таъсире жарф ва дар айни ҳол тира ва ҳузнангез бар хотир мегузорад ва дар ин ҳайс каломи вай ба рӯшаноии мобаъди ҳиндувон мемонад, чаро ки чашмро дар нур ғарқ мекунад ва дилро дар тирагӣ. Мутолеаи девони вай ёдовари як роҳпаймоии тӯлонӣ дар тайи як рӯзи абролуд, аммо дар тӯли ҷодаҳои нопайдокарон ба назар меояд, лекин малоли ношӣ аз ин роҳпаймоии бетаваққуф ва носаранҷомро ҳамвора кашфи уфуқҳои тоза ва бархурд бо зебоиҳое бесобиқа дар тӯли масири илҳомоти ноид ва камназир ҷуброн мекунад» [144, 44-48]. Ин ки Зарринкуб дар шарҳу тафсири сурудаҳои Бедил таъбирҳое чун «таъсире жарф ва дар **айни ҳол тира», «чашмро ба нур ғарқ ва дилро ба тирагӣ…», «рӯзи абролуд ва ҷодаҳое нопайдокарон»**-ро ба кор мегирад, шинохти умқи андешаи ӯ ҳамоно ин дидгоҳро рӯшан мекунад, ки вай низ ҷонибдори назарияи ибҳомофарин будани шеъри Бедил аст, чун ин таъбирҳои бакорбурдааш худ муфассири ҳамин печидагиву мубҳамианд. Аммо чун ба поёни нигоҳи муҳаққиқ мерасем, боз ҳам фарорафта аз ин мулоҳизот манзалати суханварӣ ва ибдоъи шоирро дар тарзи ифода ва офариниш, «зебоиҳои бесобиқа» эътироф мекунад. [144,48]

Шафеии Кадканӣ низ назаре ҳамгун ба Абдулҳусайни Зарринкуб дорад ва дар баробари эътирофи мақоми ҳунарии Бедил пайваста ба равиши ибҳомофаринии баёни шоир таъкид меварзад: «Девони Бедил, беш аз ҳама девонҳои шеъри форсӣ аз хаёлу андешаҳои дур саршор аст ва маонии шеърии ӯ ба ҳамин муносибати дурпарвозии хаёл, ва низ ба муносибати афзунии шеъри ӯ, ки девонаш дар ҳудуди сад ҳазор байт мавҷуд аст, беш аз ҳадди тасаввур мутанаввеъ ва рангоранг аст, аммо мутаассифона ин ҳама андешаҳои дурпарвоз ва ин ҳама хаёлҳои рангоранг чунон дар пардаи ибҳом ва торикии заъфи баён ва беэътиноӣ ба мавозини забони форсӣ пинҳон шудаанд, ки барои дарки шеърҳои оддии ӯ ҳар хонанда аз миқдоре сарфи вақт ва кӯшиши зеҳнӣ ногузир аст, мумкин аст, пас аз кӯшиши бисёре ба ҷое нарасад, чаро ки бисёре аз ин абёти ӯ навъе муаммост, ки барои гушудани онҳо аз шахси гӯянда бояд кӯмак гирифт [155,19]. Кадканӣ дар идомаи ин суханаш ҳатто ҳамин шеваи баёни Бедилро матлуб ва дорои навъе ҷаззобият мешуморад ва бо ин ҳама ибҳомот тарзи тозаи шоирро эътироф намуда менависад: «Ва гоҳе ин гуна шеърҳо барои хонанда аз навъе рӯшанӣ бархурдор аст ва ҳатто лаззати ҳунарӣ ва зебоии шеъриро дар он метавон ҷуст, бе он ки битавон моҳияти аслии мақсуди гӯяндаро дарёфт. Шояд бисёре аз аҳли ҳунар ва нақди имрӯз ва ҳатто гузашта ин гуна шеърҳоро написанданд, аммо дар назари ман ин шеваи сухан гуфтан ҳам дар ҳолу ҳавои худ чизе аст ва намояндаи услубе… [155, 20]. Шафеии Кадканӣ барои мисол ба ин гуна ашъори шоир байти маъруфе аз суханварро мисол меовард, ки чунин сурат дорад:

Ҳайратдамидаам гули доғам баҳонаест,

Товуси ҷилвазори ту оинахонаест [22,304].

Ва дар идома ишорат мекунад, ки аз як як аҷзои ин шеър, метавон лаззати шеърӣ ва ҳунарӣ бурд ва метавон аносири ташкилдиҳандаи маъниро ҷудо-ҷудо дарёфт, аммо ба рӯи ҳам қасди гӯянда маълум нест ва рози барқарор кардани ин таносуб миёни ин ду мисраъ, гузашта аз ваҳдати қофия ва радиф оё чӣ асли маънавӣ ва зеҳнӣ аст? [155, 20]. Нуктаи ҷолиб он аст, ки

ин байт на танҳо Шафеии Кадканӣ, балки чандин тан аз муҳаққиқони дигари шеъри Бедилро бо чунин ҳолу ҳавои сардаргумӣ дар кашфи маънии он қарор дода буд ва маърифату шарҳи он муҷиби баҳсу баррасиҳои зиёде гардид, ки мунтаҳо шарҳи аввалинро бар он марҳум Ҳасан Ҳусайнӣ зери унвони «Маънии як байти бемаънӣ» ба қалам овард [216, 116-130]. Баъдтар барои ин байти ба таъбири пайравони ин гурӯҳ «бемаънӣ» аз сӯи донишманди дигари эронӣ Алии Муаллим шарҳе ба таври муфассал дар ҳаҷми 56 саҳифа навишта шуд, ки албатта баррасии он мавзӯи баҳси дигар аст [143,32 -77]. Тазаккури ин матлаб ба он хотир буд, ки аз сӯи аҳли таҳқиқ роҳҳое бар он фарози қуллаи матлабҳои ба истилоҳ «мубҳам»-и Бедил фатҳ шуд ва ин мукошифот батадриҷ ҳамон дидгоҳҳои назарияҳои хоси Абулмаониро ба шеъру шоирӣ ба субут мерасонад, ки ба таъбири худи Кадканӣ ин «чизе ҳаст ва ё услубе»….

Албатта, дар қиболи ин дидгоҳҳои навъе мунтақидона ба шеъри Бедил чи ба рӯзгори вай ва чи имрӯз нақду назарҳое дигаргуна низ баён шудаанд, ки ба таъбире ибҳомгаройии Абулмаониро на шевае қобили интиқод, балки маҳсули як ҷараёни ҷории адабиёт, маъруф ба сурриолизм унвон кардаанд, ки мулоҳизоти Маҳмуди Футуҳӣ дар китоби «Балоғати тасвир» далел бар субути ин назар метавонад бошад. Мавсуф нахуст ба эродҳои Кадканӣ нисбат ба сабки Бедил ишорат фармуда, баъдан таъкид мекунад, ки «ин вежагиҳо ҳамон усули туғёнгари сурриолистҳост, бо ин тафовут, ки сурриолизми назарӣ мабное иҷтимоӣ ва фалсафӣ дошт ва Бартун ва ёронаш тавонистанд бо суратбандии он равиш, шеваи мазкуро ба номи худ дар таърихи адабиёти ҷаҳон сабт кунанд» [203, 355]. Бо ишорат бар ин назар, Футӯҳӣ муътақид аст, ки барои дифоъ аз худ ва изҳори назарияи хосаи шеърии худ Бедил абёти бисёре дар девонаш оварда, ки равиши бошуурона ва ҳадафмандонаи шоирро собит месозанд. Футӯҳӣ низ бо таҳлили дидгоҳҳои устодони сухан Зарринкуб ва Кадканӣ зимнан менависад, ки «то ин ҷо бино бар он чи аз орои ин ду мунтақиди арҷманд нақл кардем, метавонем иддао кунем, ки шабоҳатҳое миёни сабки шеъри Бедил бо равиши

сурриолистӣ вуҷуд дорад. Аммо худи Бедил низ дар хилоли ашъор абёти бисёре дорад, ки метавон ба унвони назарияи шеъри вай ба баррасии онҳо пардохт ва бутиқои шеъри вайро табйин намуд» [203, 355].

Бо такя бар ин таъкид дар идомаи сухани хеш Футӯҳи сӯи тайъини муҳимтарин муҳассаноти шеъри Бедил аз диди тасвирофаринӣ меравад ва ҷо -ҷое дар мавориди нисбатан камтар ба дидгоҳҳои шоир нисбат ба шеъру шоирӣ пардохта ва тавре худ ҳам таъкид месозад, ба дунболи табйини бутиқои шеъри Бедил» ҳаракат мекунад. Ҳарчанд ин ҷо ишороте бар он намуда, ки «метавон ба унвони назарияи шеъри вай пардохт [201, 355]», аммо саҳми ин донишманди соҳибном бештар дар иртибот ба ҳадафи аслии пажӯҳиши хеш «балоғати тасвир» дар қиёс бо шуарои дигар ба ҷанбаҳои мухталифи анвои тасвир дар каломи Абулмаонӣ пайванд гирифта ва шояд ин таъкиди вай маҷмӯан пешниҳод дар баррасии амиқи назарияи шеър аз дидгоҳи Бедил аст, ки баҳси меҳварии ин нигоштаи моро фароҳам овардааст.

Чунин равиш дар маърифати каломи Бедил, дар навбати аввал муфассири он аст, ки ин нақду назар нисбат ба сурудаҳои Абулмаонӣ ҳамон дидгоҳи куллиест, ки сарчашма дар нақди рӯзгори худи шоир дошта, бо ҳамин шеваи умумӣ марҳила ба марҳила то замони мо расида. Бешак, худи Бедил бо огоҳӣ аз вуҷуди чунин пиндорҳои шеършинохтӣ ба рӯзгорони хеш тавассути ашъораш посухҳое гуфтаву воқеан, аз равиши худ бо далоили ақливу завқӣ ва мантиқӣ дифоъ кардааст, ки дар ҷараёни таҳлили ин бахш аз сурудаҳои шоир ин амр собит хоҳад шуд.

Тавре таъкид гардид, Абулмаонӣ ба шеър нақду назари хосаи хешро дорад ва омили аслии рӯйкард ба ин тамоюл аз баҳси боло мусаллам гардид. Фаротар аз ин, Бедил қабл аз он ки мехоҳад шеърро тафсир кунад, ба таъйини лузуми аслии он ва аркону омилҳои муассир дар зуҳури шеъри ростин мепардозад. Дар андешаи Бедил чун пешиниён табъи латиф аз муҳимтарин муҳассанот ва лузуми шеърӣ шуморида мешавад. Вақте табъи латиф дар вуҷуди шоир таҷассум надорад ва каломи ӯ аз лутфи таровида аз ҳамон табъ орист, пас он сурудаи вай наметавонад шеър бошад. Ба ин хотир аст, ки

Мирзо Бедил бо рафтани табъи латиф аз вуҷуди шоирон мақоми шеърро аздастарафта мебинад ва мартабати онро коста:

То латофат аз табоеъ рафт шеър аз рутба монд,

Муштарӣ гардид сангу қимати коло намонд [42,286].

Ин андешаи Бедил роҷеъ ба лузуми шеърӣ дар мавриди дигар низ иброз шуда ва он ҷо низ шоир мӯътақид аст, ки агар сухан аз латофат холӣ бошад, он гоҳ аслу моҳияти зуҳурашро аз даст хоҳад дод. Коҳиши асолати сухан ва дучори заъф гардидани нигориши онро Бедил тавассути вожаи худсохти **<u>тақрирфарсо</u>** тафсир намудааст:

Зи арзи ҷавҳари маънӣ ба вичдон сулҳ кун, варна

Сухан ранги латофат бохт гар тақрирфарсо шуд [42,472].

Вожаи **<u>тақрирфарсо</u>** ифодаи навиштаи куҳаншудаву фарсударо дорад ва ба пиндори шоир ҳар чӣ аз латофат холист, кӯҳнаву фарсуда гардад, ки ба ин нигоҳи вай ба шеър низ нисбат дорад. Калимаи худсохти тақрирфарсо ба зоти худ як тозагии забониест, ки ба ин байти Абулмаонӣ таҷаддуди ҳунарӣ ато карда.

Қабл аз Мирзо Бедил низ ин андеша, ки лутфи сухан аз муҳимтарин аркони шеърӣ ба шумор меравад, дар пиндори суханварони маъруфи мо, ҷой дошта, он ҷо ки Ҳофизи лисон-ул-ғайб мефармояд:

Ҳасад чӣ мебарӣ, эй сустназм бар Ҳофиз,

Қабули хотиру лутфи сухан худодод аст [124, 66].

Ва ҳам агарчи Шайх Камоли Хуҷандӣ «дар сухан лутфи илоҳӣ ба ту ёр аст Камол» мегӯяд, зимнан ин ҷо ҳам таъкиди ҳамон латофати суханест, ки аз партави илтифоти Офаридгори якто арзиши сухани шоирро рифъат бахшидаву дар латофат ва диққати маъонӣ бемисл гардонида:

Дар сухан лутфи илоҳӣ ба ту ёр аст, Камол,

В-арна сад сол ба фикр ин суханон натвон сохт [119,351].

Бо ҳузури Бедил ба қаламрави адабиёти форсу тоҷик муҳимтарин гардише, ки дар ин арса эҷод шуд, пеш аз ҳама, зуҳури шеъри ба истилоҳ тафаккур аст. Агарчи ғазал то рӯзгори ҳузури мактаби вуқӯъ дар адаби форсӣ

бештар ба эҳсосу отифаҳои инсонӣ такя зада, маърифати он ҳам аз ҳамин тариқ муяссар мегардид, аммо тазоҳури ин ҷараёни тозаи шеърӣ навъе воқеагӯиро дар муомилоти ошиқонаи роиҷ дар шеъри форсӣ эҷод намуд. Ҳамин таҷаддуд боиси ҳузури шеърӣ ба истилоҳ тафаккур гардид, ки ин ҷо барои маърифати он на эҳсос, балки ба таъбири худи Бедил тааммул коргар буд. Ин матлабро шоир сареҳан, дар байте аз худ ишорат мекунад:

Дар тааммул бештар дорад равонӣ шеъри ман,

Мисраам аз сакта ҷуз шамшери лангардор нест [42,301].

Ҳатто ин тааммул қудрати онро соҳиб аст, ки равонии шеъри Бедилро муқаррар намояд. Аммо аз сӯи дигар боз ҳам тааммул дар мӯҳтавои ин байт, ки моро ба тааммул дар аслу бунмояи шеъри Бедил мекашонад, нуктаи дигареро аз махсусиятҳои шеъри Бедил ва забони хосаи ӯ ошкор месозад, ки шарҳи он аз забони худи вай берун омада. Манзури Булмаонӣ он аст, ки бидуни он ки аксаран шеъри ӯро мубҳам ва печида гуфтаанд, аммо агар ба тааммул дар он биандешем, ҷуз равониву таровати хос чизеро наметавон пайдо бикунем. Ба ифодаи дигар, ҳамон тааммулгаройӣ ва маънитирозии Бедил аз диди ӯ равонии шеъри вай аст.

Бедил дар мисраи дувуми ин байт дар тасдиқи андешааш ***<u>бар шамшери лангардор</u>*** масал мезанад, ки ҳамеша бурро ва равон аст. Шоир ҳам муътақид аст, ки агар мисраи маро сактае ҳаст, ҳамин равонии он ба шумор меравад. Ин ҷо навъе тасвири парадоксӣ дар баёни сухан ба зуҳур мерасад, аммо боз ҳам агар фаротари кашфи маънӣ биравем, Бедил ба назокат дар ин байти хеш мехоҳад бигӯяд, ки агар дар шеъри ман сактаест, ҳамин аст, ки гоҳо чун шамшери лангардор гарону сангин, аммо буррандаву тез муҷассам мегардад.

Канори ҳамдигар ба кор бурдани вожагони тааммул ва шеър боз ҳам андешаи қаблиро дар мавриди нуфузи шеъри ба истилоҳ тафаккур ё андеша дар сурудаҳои Бедили Деҳлавӣ ва худи дидгоҳи вай роҷеъ ба авлавияти афкор дар маърифати ашъораш таъкид мефармояд. Ҳарчанд ки гоҳо тааммулро дар масъалаи марбут ба шеър бо ҳадафи он ки барои анҷоми коре мувофиқ нест, яъне шеърро наметавон бо фикр кардан ба вуҷуд овард,

истифода мекунад, вале ҳамоно ин ҷо назари Бедил ба шеъри тафаккур ва дар бештари маврид барои ифодаи маъниҳои шинохти шеър пайванд мегирад.

Бедил тааммул ин ҳама натвон ба кор бурд,

К-аз чӯши сакта шеъри ту мавзун намешавад [41,602].

Ин ҷо равшан аст, ки ҳадафи аслии Бедил нарасидани қудрати фикр дар эҷоди шеър аст. Ин маънии онро дорад, ки Бедил ҳам ба зотӣ будани истеъдод ва ҳунари шоирӣ эътиқод дорад. Аз ин рӯ, шеъреро, ки тавассути фикр кардан ба вуҷуд ояд, ҷуз сакта намешуморад ва ба ҳамин далел аст, ки ӯ кӯшиши бо андеша навиштани шеърро **чӯши сакта** унвон мекунад, ки аз он ҳаргиз каломи муассир ва мулаттаф мавзун намешавад.

Мавриди дигар боз ҳам андешаи болоиро роҷеъ ба равонии каломаш бо он ҳама ибҳом ва печидагӣ тақвият медиҳад, ки ҳеҷ сактае наметавонад, тарфи домани ин ашъори равонро бигирад. Шоир муътақид аст, ки сурудаҳои ман ба ҳадде равонанд, ки орӣ аз сактаҳои сохториву маъноӣ буда, ҳеҷ як аз чунин навоқис наметавонад дар сурати он таҷассум намуда, ҳусни каломамро бикоҳонад:

Ба мурдан низ аз васфи хиромат лаб намебандам,

Нагирад сакта тарфи доман ашъори равонамро [41,96].

Мирзо Бедил бар пояи бовар ва эътимодаш бар худ ва халлоқияти ҳунариаш мӯътақид бар он аст, ки ҳеҷ сактае қодир бар гирифтани домани каломи ӯ нест, аз ин рӯ, ҳаргиз шеъри сактадорро пазиро нест ва дигаронро низ даъват мекунад, ки аз баҳри аз бар намудани он даргузаранд:

То лакнати такаллуми кас дар хаёли туст,

Шеъре, ки сакта дошта бошад, зи бар макун [42,1135].

Тафаккур ва ҷойгоҳи онро дар шеър, ки тавассути ба тааммул рафтан зоҳир мешавад, Бедил аз муҳимтарин аносири шеър мешуморад, ки бар пояи он маъниҳои бикр ва гавҳари ноби сухан ҳосил мешавад. Аз ин рӯ, дар байти дигар шоир худро дар ҳайратафтода ва муассири каломи Бедил мешуморад, ки бар асоси андешаварзӣ ва дар худ фурӯ рафтану тафаккур кардан, аз ҳар

қатраи хомааш гавҳар бурун меоварад. Ҳар сатри маҳсули хомаи Бедил гавҳари нотакрори сухан аст:

Чамани таҳайюри Бедилам, ки саҳоби рашҳаи хомааш,

Ба тааммул гуҳар афканад сари қатрае, ки нагун кунад [41,728].

Ин ҷо ҳам Бедил матлаби мазкурро дар пардаи чанд ибораи тозаи шоирона ва бо корбурди чанд аносири муҳими фасоҳатбахши калом ба қалам овардааст. Масалан, аз таъсири калом ба ҳайрат афтоданро дар вусъати ибораи «чамани ҳайрати Бедил шудан», аз хома таровидани суханро дар таркиби таъбири шоиронаи «саҳоби рашҳаи хома», нигоштани хомаро «чакидани қатра, ки гуҳар шавад», ҷой додааст. Маҷмӯан, Бедил маънӣ ва мазмуни сухани гуҳарбор будани каломашро дар пирояи як тасвири ҷаззоби шоирона ғунҷонида, ки дар он хомаи шоир ба абре монанд мешавад, ки аз ҳар қатраи чакидаи он гуҳар меборад. Аслан, маъруф аст, ки аз ҳазорон қатраи аз осмон фурӯафтода, танҳо яке ба гуҳар бадал мешавад. Ин қисса дар «Бӯстон»-и Шайх Саъдӣ ба сароҳат тафсир шуда:

Яке қатраборон зи абре чакид,
Хиҷил шуд чу паҳнои дарё бидид.
Ки ҷое, ки дарёст, ман кистам,
Гар ӯ ҳаст, ҳаққо, ки ман нестам.
Чу худро ба чашми ҳақорат бидид,
Садаф дар канораш ба ҷон парварид…. [88,227-228].

Аммо Бедил фаротар аз ин қадам мегузорад ва бо ифтихор мегӯяд, ки тамоми қатраҳои аз абри хомаи ӯ чакида ба гуҳар табдил мешаванд.

Ҷои дигар Бедил вожаи хамӯширо ба унвони муродифи ҳамин тааммул ба кор мебарад, ки бо ҷаззобияту дилчаспияш метавонад, ҳарфҳои парешонеро ба шеъри олӣ табдил кунад. Ин хамушӣ дар шеъри Бедил ҳамон сукутест, ки андаруни он пур аз садои рӯшани шеър гуфтан ва ҳисси сурудан аст ва агарчи инсон зоҳиран хомӯшу сокит аст, аммо аз ҷаҳони ботинии ӯ муждаи башорати эҷод дар сурати шеър мерасад:

Хомӯшӣ дилчаспие дорад, ки то во мерасем,

Ҳарфи номарбути моро шеъри олӣ мекунад [41,755].

Аз ин ҷост, ки вожаи хамӯшӣ низ дар шумори мафоҳиме қарор мегирад, ки Мирзо Бедил бо диди хоса ва бардошти маърифатии худ аз шарҳу тавзеҳи ин ҳол бад-он маънии вижае ато намудаву халлоқияти ҳунариашро муҷассам гардонида.

Назари мазкурро дар мавриди дигар ба сурате баён мекунад, ки маънишиносӣ ба таври ирсӣ аз падар ба фарзанд намегузарад, балки вай фазлест, ки на ба ҳар кас насиб мегардад. Ҳарчанд вожаи **фазл** гоҳо барои ифодаи донишу хирад ҳам ба кор меравад, аммо ин ҷо ба маънии бахшоиш, ҳадяи илоҳӣ, фазилате, ки ғайриихтиёр ба соҳиби вай насиб гардад, корбаст шуда. **Рамзошнои маънӣ** низ дар назари аввал ҳамон маънишинос, суханфаҳм аст ва аз сӯи дигар бо такя бар иштиғоли аҳли шеър ба кори суханофаринӣ метавон онро киноя аз шоирону суханварон ҳам маънигузорӣ намуд:

Рамзошнои маънӣ ҳар хирасар набошад,

Табъи салим фазл аст, ирси падар набошад [41, 609].

Тавре тазаккур ёфт, Бедил вақте ба шеъри худ мутаваҷҷеҳ мешавад, дар назари аввал ибҳомро дар суханаш эътироф мекунад, ки барои маърифату дарки он фаҳми тунд лозим аст:

Маънии баланди ман, фаҳми тунд мехоҳад,

Сайри фикрам осон нест, кӯҳаму кутал дорам [42,1096].

Ҳатто дар баъзе маврид изҳори нигаронӣ ҳам мекунад, ки аз забони хаёли ман касе огаҳ нест. Ин матлабро дар қолиби ибораи шоиронаи ***«забондони хаёл набудан»*** ифода намудааст, ки маҳсули тафаккур ва таъбири марбут ба забони хаёли шоир аст:

Ҳеҷ кас нест забондони хаёлам Бедил,

Нағмаи пардаи дил аз ҳама оҳанг ҷудост [42,300].

Дар канори ин, бардошти худӣ ӯ ин гаройишро ба баёноти печида зодаи офариниши забони хосаи хеш дар қаламрави шеъри форсӣ унвон мекунад ва худ сареҳан ба нукта таъкид месозад. Ба таъбири шоир, он чи

хомаи ман иншо мекунад, ҳарфи сахту сангин нест, балки барои маърифати он боз ҳам ҳуши расо даркор аст:

Он чи килкам менигорад, маҳз ҳарфу савт нест,

Ҳуш мебояд, ки дарёбад забони бедилӣ [45,106].

Корбурди ибораи **«забони бедилӣ»** дар ин байт воқеан, як диди наққодонаи шоирро ба шеъри худаш ошкор мекунад. Бедил ҳанӯз қабл аз ин ки аҳли тазкира ва пажӯҳиш ба вуҷуди мактаби хосаи шеърии ӯ ё сабки Бедилӣ ишорат кунанд, худ мавҷудият ва ҳузури ин забони махсусро таъкид намуда, ҳамин равиши истиқболкардааш, ки аслан, аз зеҳну андеша ва ибтикори худии вай бурун омадааст, барои ба таъбири шоир «хориҷи абнои ҷинс» гардидан омили муассир шуд. Бо такя бар ҳамин фармудаи Бедил мо мутмаинан метавонем бигӯем, ки равиши Бедил дар густураи сабки ҳиндӣ воқеан, мактаби махсусест, ки мутааллиқи худи ӯст ва ҳам акнун зарурате пеш омада, ки бояд бештару пештар шинохта шавад.

Ҷои дигар ҳам Бедил таъкиди ин андешаро ба сурате медароварад, ки навои камнавохта ҳамеша шуниданист ва сомеъонро ба худ бикашад. Аз ин рӯ, ӯ таъкид мекунад, ки ту ҳам аз андозаву мақоми шеъри Бедил ғофил мабош, ки он ҳам тимсоли ҳамон навои камнавохтаи шуниданиро соҳиб аст. Бо сохтмони ин тамсили тозаи шоирона Бедил ибдои равиши тозаи худро, ки дар айёмаш ҳанӯз камтар аз ҷониби суханварон истиқбол ёфта буд, ба ҳамон навои камнавохта шабоҳат медиҳад, ки бо камияти худ шуниданист ва аз ҷониби мардум бештару фаротар қабул мешавад:

Мабош ғофил аз андози шеъри Бедили мо,

Шуниданист навое, ки кам навохтаанд [41,652].

Дар айёми хеш Бедил бо офаридани ин равиши хос баробари истиқбол аз ҷониби бахши аъзами шуаро ва тазкиранигорон мавриди интиқоди гурӯҳе аз тазкиранигор ва мункирони шеваи баёни хеш гардид. Аммо дар ҳамин ҳол ҳам Абулмаонӣ дар шеър аз таҷаддудаш дар сабки шеър дифоъ намуда изҳор дошта, ки:

Сухан бе парда кам гӯ, аз забони халқ эмин зӣ,

Чароғи зери доман нест чандон заҳмати бодаш [42, 837].

Ҳамин андешаро бо шеваву гуфтори мухталифи шоирона Бедил борҳо таъкид мекунад ва ҳамонгуна аз ибҳомбаёнии хеш мустанад ва шоирона ба ҳимоят бармехезад:

Бедил чӣ қадар ташнаи ихфост маъонӣ,

Дар гӯш хазад ҳар қадар аз лаб бадар ояд [41,695].

Шоир гунае бо таъкиди ин матлаб, ки худи шеър имрӯз ташнаи махфиву мастур будан аст, навъе зарурати ручӯъро ба ин сабки мубҳам таъкид мекунад ва тамсили зебои шоиронае меофарад, ки ҳар чӣ аз лаб барояд, ба гӯш меравад, яъне моҳиятан сухан аз роҳи гӯш ба ҷони инсон асар мекунад. Қасди аслии Бедил дар зимни ибораи **ба гӯш хазидани сухани аз лаб баромада** ҳамоно таъкид ба фурӯ рафтани дар хуфя ва майл ба пинҳонӣ кардани он аст, ки бо баёни шоирона изҳор шудааст. Ҷои дигар матлаби мазкурро дар сурати **ба рози маънии шеъри Бедил расидан** мушкил аст таъкид карда:

Ба фаҳми рози ту Бедил чи мумкин аст расидан,

Ҳамин аст, ки тимсолрас шуд оинаи мо [41,144].

Дар идомаи каломи Ҳофизу Камоли Хуҷандӣ, ки пайванди ҳунари шоириро ба алтофи Худовандӣ мерасонанд, Бедил низ эҳсоси суруданро кайфияти эъҷоз мешуморад, ки ҳазорон мартаба аз сеҳр болотар аст. Аз ин рӯ, ба муқаллидонаш ҳанӯз худ таъкид медорад, ки аз тарзи каломи Бедил даргузаранд:

Муддаӣ даргузар аз даъвии тарзи Бедил,

Сеҳр мушкил, ки ба кайфияти эъҷоз расад [22,717].

Ин ҷо низ корбурди ибораи **«тарзи Бедил»** ҳамоно ба фардияти забон ва сабки хоси мактаби бедилӣ ишорат дорад, ки маҳз худи шоир бо ҳисс ва афкори фардие, ки нисбат ба шеър дошта, онро муқаррар намудааст.

Аз куллияи ин таъкидот дар нақду баррасии шеър равшан мегардад, ки Бедил дидгоҳи хосаи худро роҷеъ ба шеър дорад ва барои зуҳури ин андешаҳои мустақил далели мӯътамад ва муҳкам сурудаҳои худи шоиранд.

Чун Мирзо Бедил дар таърихи адабиёти форсу тоҷик бар асоси мақоми шомихаш дар маъниофарӣ мулаққаб бар Абулмаонӣ гардидааст, аз ин рӯ, дар домани назарҳои хоси ӯ роҷеъ ба шеър маънишикориву маънитирозӣ аз муҳимтарин аркони он эътироф шудааст ва ҳамеша дигаронро низ бар ин роҳ бо иҷтиноб аз лафзпардозӣ даъват мекунад:

Бедил ғариби кишвари лафз аст маъниат,

Арзи парӣ ба олами мино нигоҳ дор [41,794].

Ҳатто дар байти дигар бо он ки лафзтарошӣ ё бозӣ бо калимот яке аз вежагиҳои сабки ҳиндӣ низ ба шумор меравад, аммо Бедил бар ҳусни маънӣ ғоза гардиданро аз лафзпардозӣ афзалтар мешуморад:

Нишастӣ умрҳо ҳасраткамини лафзпардозӣ,

Зи хун гаштан замоне ғоза шав ҳусни маониро [22,75].

Дар канори ин, Бедил назари хосе ба нақду сухансанҷӣ дорад ва ҳатто дар чанд маврид ба кори накд-уш-шеър ва роҳи борики сухансанҷӣ, ки ҷодаи аҳли нақд аст, ишорат намуда. Ҷое аз аҳли нақд тавассути вожаи мураккаби худсохти **«асрорсанҷон»** ёд мекунад ва бо идроки оливу шинохти ростини мақоми шеъри хеш изҳор медорад, ки аз довариҳои аҳли нақд агар чизе боқӣ мемонад, ҳамоно шеъри Абулмаонист:

Дар ин базм зи осори асрорсанҷон,

Чӣ монад, агар шеъри Бедил намонад[41,688].

Чун рисолати нақд ҷудо кардани сара аз носара аст, аз ин рӯ Бедил бо ифтихор ва ғурури сапеде, ки нисбат ба худ ва шеъраш дорад, баён месозад, ки агар дар базми замони хеш аз маҳсули кори ноқидон дар мавриди таъйини шеъри ростин чизе боқӣ бимонад, ҳамоно боз ҳам шеъри Бедил хоҳад буд. Албатта, ин дидгоҳи Абулмаонӣ ба шеъри худ на аз сари ғурур, балки бар пояи огоҳиҳои хеш аз мақоми шоирӣ ва ҳамзамон бар алайҳи ононе, ки аз шеваи ӯ ҳамчун сабки мубҳам интиқод кардаанд, баён шудаанд, ки боз ҳам моро ба самти рӯшани маърифати шеър аз нигоҳи шоир мекашонанд.

Мавриди дигар, роҳи нақду сухансанҷиро воқеан, роҳи душвору мушкил арзёбӣ намуда, ҳатто ба дами теғ шабоҳат медиҳад. Чун рисолати

аслии ноқид ва ҳатто нақд-уш-шеър дар оинаи шеър изҳори сухани дуруст ва баҳогузорӣ ба мақоми калом аст, онро шоир ба дами теғ мушобеҳ медонад. Гуфтани сухани ҳақ ҳамеша дар андешаи аҳли назар ба дами теғ монанд аст, ки на ҳар кас таҳаммули қабули онро дорад. Ба ин хотир, кори нақду сухансанҷӣ низ саҳлу осон набуда, он метавонад гоҳ бурандаву тез чун дами теғ ба шахси мавриди назар бирасад:

Дами теғ аст Бедил роҳи борики сухансанҷӣ,

Забони хома ҳам шақ дорад аз ҳарфофариниҳо [41,42].

Мунтаҳои ин ҳама баррасиҳо Бедил боз ҳам ҷойгоҳи шеваи нигориш ва каломи худро дар қаламрави андешаву шеър эътироф мекунад ва ҳатто огоҳона чун дигар суханварони соҳибмақом лаб аз ҳарфи ифтихор мекушояд ва таъкид мекунад, ки ҳар кӣ шеъри ман бишнавад, ҷазабот ва лутфу назокаташ ба ҳадде муассир хоҳад буд, ки ҳар шунаванда аз таъсираш об хоҳад гашт:

Баски дорад фитратам нанг аз тамизи илму фан,

Об мегардад ҳама гар шеъри Бедил бишнавад [42,1084].

Абулмаонӣ борҳо бо эътирофи ин шеваи хоси худ дар девонаш лаб ба изҳори ҳарфи ифтихор кушода, ки ишороте бар бархе аз онҳо қаблан рафт. Бо ин ҳама нақду назарҳо боз ҳам дар зовияи сурудаҳо ва шеваи баён Бедил худ бар пояи меъёрҳои хосаи назарияи шеършинохтии хеш посух мегӯяд ва либоси хаёлашро ба ҳайси аз муҳимтарин лузуми шеърӣ таҷаддудӣ мешуморад, ки гар садҳазор сол барояд кӯҳан нахоҳад гашт:

Бедил таҷаддудист либоси хаёли ман,

Гар сад ҳазор сол барояд, куҳан наям [42, 919].

Ваҷҳи субути ин назари Бедил истиқболи густардаи сабку шеваи баёни вай шурӯъ аз замони зиндагониаш то акнун маҳсуб меёбад. Агарчи дар қарни нуздаҳ дар адабиёти форсии Фароруд мактаби пайравони Бедил бо истиқбол аз шева ва тафаккури шоиронаи Абулмаонӣ ривоҷ касб намуда, то кунун бо услубе хоса дар густараи адабиёти тоҷикӣ идома дорад, солҳост, ки дар қаламрави шеъри муосири Афғонистону Эрон низ бедилона сурудани ғазал

аз ҷумлаи меъёрҳои муҳими нақду сухансанҷӣ дар адабиёти имрӯз эътироф гардида, ки бешак, ин амр бозтоби рӯшани махсус будани калом ва тахаюли шоиронаи ин суханвари мумтоз мебошад, ки бо итминони комил садсолаҳои дигар таводум хоҳад намуд.

Дар маҷмӯъ, аз баҳсу баррасиҳои марбут ба дидгоҳҳои Абулмаонӣ роҷеъ ба аслу бунмояи шеъру шоирӣ ва назарияи шеър равшан мешавад, ки воқеан ин суханвари маънишикор нигоҳе махсус ба шеър ва лузуми он дорад. Ҳарҷанд нақду назарҳои зидду нақиз дар мавриди сурудаҳои вай баён шудаву ибҳомотро аз ҷумлаи навоқиси шеъраш унвон кардаанд, аммо Бедил бо ҳамон назари вежае, ки ба шеъру шоир ва тафаккури шоирона дорад, ҳанӯз дар айёми хеш бо эҳсоси ҳамин равиши истиқболи тарзи сухани ӯ аз сӯи ҳамзамонон ва пасовандонаш посух гуфтаву ҳамзамон соҳиби дидгоҳи хоса ва ба қавли хеш соҳиби «забони хоса»-и маъруф ба «бедилӣ» буданашро собит намудаву аз тарзи тозааш дифоъ карда. Ин дидгоҳҳои собит бар назарҳои хосаи шеършинохтии Бедил ба ҳақиқат ин нуктаро мусаллам месозанд, ки дар баробари ибтикороти тозаи ҳунарӣ, шеваи хоси баёни омил бар зуҳури мактаби бедилӣ дар густурдаи сабки ҳиндӣ ва маҷмӯан адаби форсӣ Абулмаонӣ бо изҳори мулоҳизаҳои фардӣ назарияи тозаи худро роҷеъ ба шеъру шоирӣ баён намуда, чун як тан мутафаккир, шоир ва ҳакиму адиб асолати шеър ва рисолати шоирро дар арсаи замонаҳо аз рӯзгори хеш то садсолаҳои дигар бар пояи тафаккури мантиқӣ, фалсафӣ, ирфонӣ ва ҳунарӣ муқаррар сохтааст.

ФАСЛИ САВУМ. ИСТИҚЛОЛИ МИСРАЪ, ТАКРОРИ ҚОФИЯ ВА РАДИФҲОИ НОДИР

Муҳаққиқони жанри ғазал ағлаб муътақид бар ин ҳастанд, ки замони авҷи таҳаввули ин навъи адабӣ айёми шукӯҳи сабки ироқӣ, хоса нуфуз ёфтани он дар сурудаҳои Саъдиву Ҳофиз ва дигар ҳамаҳдони эшон маҳсуб мешавад. Аз муҳимтарин вижагии ғазал дар ин марҳилаи таърихӣ ба мақоми истиқлоли байт расидани он ба шумор меояд. Ин махсусияти ғазал ба ҳадде ривоҷ ҳам пайдо намуда, ки он мӯҷиби ба унвони андарз ва ҳикматҳои ноб маъруфият дарёфтани абёти ҷудогона аз ғазалҳои шоирони классики мо гардидааст, ки намунаҳои барҷастаи он дар сурати байтҳои маъруфи Саъдиву Ҳофизу Камоли Хуҷандӣ ва дигарон рӯнамоӣ мешавад. Махсусан, эътирофи ташаккули истиқлоли байт дар ғазалҳои Ҳофиз дар таҳқиқоти академик Абдулғанӣ Мирзоев ба таври возеҳ таъкид шудааст: «Хусусияти маънии мустақил дар бар кардани ҳар як байти ғазал, ки таърихан хеле пештар шурӯъ шуда, рӯз то рӯз такомул меёфт, маҳз дар эҷодиёти Ҳофиз муҷассам мегардад. Дар ғазалҳои Ҳофиз аксаран байтҳои ҷудогона бештар масънои мустақил дар бар мекардагӣ шуданд. Ин ҳолат дар навбати худ сабаб мешавад, бар ин ки алоқаи маънавӣ- мантиқии байни байтҳои ғазал суст шуда то дараҷае мерасад, ки агар аз ғазал баъзе байтҳо хориҷ карда шаванд, устухонбандии ғазал хароб нашуда, мафҳуми он вайрон намешавад [230,42-43].

Гузашта аз ин марҳилаи таърихии ташаккули ғазал дар айёми нуфузи сабки ҳиндӣ таҳаввулоти истиқлолёбӣ дар таркиби ин навъи шеъри ғиноӣ ба ҷое расида, ки ин ҷо сухан аз истиқлоли мисраъ меравад. Агар як байт дар сабки ироқӣ ба ҳукми пораи ҷудогонае аз ғазал, ки ҳовии маънии мустақил аст, зуҳур кунад, дар ғазали сабки ҳиндӣ, хоса сурудаҳои Бедили Деҳлавӣ мисраъ мустақилона бори як маънии муайян мекашад. Шафеии Кадканӣ бо ишорат ба ин ҷойгоҳи мисраъ дар шеъри Бедил навиштааст, ки «шояд

осонтарин роҳ барои вуруд ба дунёи Бедил, даричаи мисраъ бошад, яъне андешидан ба мисраъ ва на байт ё кулли як ғазал» [155, 73].

Бо таваҷҷӯҳ ба истиқлоли мисраъ дар сурудаҳои Бедили Деҳлавӣ ду нуктаи муҳим мӯҷиби арзёбӣ аст: аввал ин ки ағлаби мисраъ дар ғазалиёти Бедил маънии мустақил касб карда, як матлаб дар он тавзеҳ ёфта; дувум, ҳарчанд истиқлоли мисраъ дар ғазалиёти ӯ нуфуз дарёфтааст, аммо дарунмояи ин ду мисраи мустақил ба ҳамдигар пайванд доранд, мисраи дувум ё тавзеҳи мисраи аввал аст ё баръакс ва ё яке дар тақвияти дигар суруда шуда. Ҷиҳати бозгӯии асли мақсуд мурӯре бар чанд мисраъ аз ғазалиёти Бедил мешавад:

Ғубори ғафлату рӯшандилӣ нагардад ҷамъ

Куҷост дидаи оинаро ғунуданҳо [41, 144].

Агарчи ҳар ду мисраъ ҳузури як байтро эҷод кардаанд, аммо дар навбати аввал ба сурати ҷудогона маонии муайянеро касб намуданд. Мисраи аввали байт ба тавзеҳи ин маънӣ эҷод шудааст, ки ғафлатзадагиву рӯшандилӣ бар асари ду мафҳум ё ҳолати мутазоди ҳамдигар будан ба ҳам намеояд. Мисраи дувуми байт бошад, навъе таъкид аст, ки ҳаргиз дидаи оинаро хоб намеояд, чун асли оина танҳо бо дидаи бедору равшан мунаввар аст.

Дар назари аввал, ҷилваи ду маънӣ ошкор аст, яке ноҳамоҳангии ғафлат ва рӯшанзамирӣ ва дар мисраи дигар тамсили бехоб будани чашми оина. Ҳарчанд мешавад, ки дар алоҳидагӣ ин мисраъҳоро маънигузорӣ кард ва мустақилияти онҳо ихлоле дар тавзеҳи маъонӣ ворид намекунад, вале Бедил василаи рабте миёни мисраъҳо ба вуҷуд овардааст. Ба ибораи дигар, мисраи дувум барои тақвияти маънии мисраи аввал омадааст ва ин таъкид тариқи корбурди тамсил ба асолати оина зуҳур карда.

Ағлаби абёти девони ғазалиёти Бедил ин вижагиро дар худ таҷассум кардаанд, ҳатто байтҳое ҳастанд, ки аз диди истилоҳоти забоншиносӣ ё мушаххасан сарфӣ ба сурати як ҷумлаи мураккаби тобеъ тавассути пайвандакҳои пайвандкунанда таркиб ёфтаанд. Бар чанд байте аз ин гурӯҳ мурур мекунем:

Чу соя чанд ба ҳар хок ҷабҳа суданҳо,

Ки занги бахт нагардад кам аз зудуданҳо [41,144].

Корбурди пайвандаки «ки» дар оғози мисраи дувум аз нигоҳи забоншиносӣ василаи аслии рабти ду мисраъ гардидааст. Аммо бо таваҷҷӯҳ ба маонии ҳар ду мисраъ имкон дорад, ки онҳоро дар алоҳидагӣ маънигузорӣ кунем:

Мисраи аввал: **Чу соя чанд ба ҳар хок ҷабҳа суданҳо** – дар назари аввал таъкиди Бедил ба он аст, ки то чанд ба монанди соя ба ҳар ҷо сар фурӯ меорӣ. Бо ишора бар ин ки вожаи «хок» дар ин мисраъ истифода шудааст, ин ҷо метавон онро ба маънии инсон ҳам фаҳмид, ки асли ӯ аз хок тахмир шудааст, яъне маънии матлаби Бедил ҳам он аст, ки чаро ба монанди соя назди ҳар касу нокас сари худро хам мекуниву тамаллуқ меварзӣ.

Мисраи дувум: **Ки занги бахт нагардад кам аз зудуданҳо**- яъне, занги бахти инсонро зудудан ё тарошидан, ё шустани зоҳир кам карда наметавонад. Ба ибораи дигар, он чӣ дар сарнавишт рақам зада шудааст, ивазнопазир буда, ҳар гуна кӯшишу талош ба он таъсире наметавонад гузорад.

Маънигузории ҳар ду мисраъ дар назари аввал аз истиқлоли ҳар ду мисраъ паём мерасонад, аммо ба шеваи дарунӣ ё маъноӣ боз ҳам мисраи дувум таъкидест, ки матлаби мисраи аввалро ҳам тақвият медиҳад ва ҳам дар маърифати он кӯмак менамояд.Ба ин маънӣ, Бедил дар мавриди дигар мефармояд:

Ба андак саъй нақш аз санг зоил метавон кардан,

Валекин чора натвон ёфтан нақши ҷабиниро [22,178].

Дар ин байт ҳам шеваи монанди истиқлол ва пайванди маъноии мисраъҳо ба мушоҳида мерасад.

Ин шеваи корбурди унсурҳои забонӣ ба ҳукми пайвандбахш ё тобеъкунандаи мисраъҳо аз диди сарфу наҳвӣ шавоҳиди зиёде дар девони Бедил дорад. Аз ҷумла, дар байти дигар мехонем:

Баски дорам ғунчаи шавқи ту пинҳон зери пӯст,

Ранги хунам нест бе чоки гиребон зери пӯст [41,259].

Қаблан бояд изҳор дошт, ки ин байт дар нусхаи хаттии девони Бедил, ки дар китобхонаи Ризо Ромпур маҳфуз аст,инчунин нашри Кобул ва ҳам мунтахаби таҳиянамудаи Бобобек Раҳимӣ бад-ин сурат омадааст:

Баски дорам ғунчасон шавқи ту пинҳон зери пӯст,

Ранги хунам нест бе чоки гиребон зери пӯст [35, 408].

Ба назари мо, сурати сонӣ, ки дар нусхаҳои мазкур омада, саҳеҳ аст, чун таъкиди ба монанди ғунча шавқро зери пӯст ниҳон доштан, дуруст ба назар мерасад, зеро дар ин ҳол шабоҳати ғунчаи асли гулро пинҳондошта ба шавқи андарунии инсон шоиронаву мантиқӣ аст. «**Ғунчаи шавқро зери пӯст ниҳон доштан**» шояд маънии аслии манзури Бедилро натавонад ифода кунад, чун «ғунча» ва «пӯст» дар ин байт танҳо дар сурати аввал таносуб дармеёбанд.

Ҳамин гуна, корбурди пайвандаки «баски» аз диди сарфӣ тобеияти мисраъҳоро таъмин кардааст, аммо истиқлоли маъноӣ дар ҳар ду мисраъ ҳам ба навъе зуҳур мекунад. Дар мисраи аввал, агар пайванди «баски» ҳазф шавад, маънии мустақиле боқӣ мемонад, ки ба мисли **ғунча шавқи муҳаббат ва иштиёқи васли туро зери пӯст ниҳон медорам**. Дар мисраи дувум бошад, шоир таъкид мекунад, ки ранги хуни ман дар зери пӯст бе чоки гиребон нест, яъне зоҳиран ошкор аст. Мусаллам аст, ки вақте шавқи инсонӣ боло мегирад ё асари муҳаббат авҷ пайдо менамояд, ҳолати нуфузи ранги сурх дар зоҳири инсон падидор мешавад. Манзури Бедил ҳам ошкор будани ранги хуни инсон дар зоҳири ӯст, ки ин ҷо бо он ҳама истиқлоли мисраъҳо бо овардани «ранги хун», «чоки гиребон»- киноя аз шукуфтан, ошкор гардидан, «ғунча» таносуби миёни калимот ва мафоҳими байт эҷод шудааст. Чоки гиребон ва кушодагии андаки даҳони ғунча, ки аз он ранги гул муайян мешавад, низ таносуби зебоеро ба вуҷуд овардаанд.

Вале гоҳо ҳузури байтҳое ҳам дар ғазалиёти Бедил ҷилва дорад, ки ҳар ду мисраъ комилан, маонии мустақил касб кардаанд ва ҳатто пайванде миёни

онон дида намешавад: ду мисраъ ва ду маънии мухталиф ва матолиби мустақил. Байти зерин гувоҳ бар ин аст:

Бода бар ҳар табъ мебахшад ҷудо хосияте,

Бедил андар ҳар замин таъми дигар медорад об [22, 195].

Мусалламан ҳосили маънии мисраи аввал он аст, ки бода ба табъи ҳар инсон хосияте дигаргуна ато менамояд, яъне асари шароб бар вуҷуди ҳар инсон дигаргуна аст ва якранг нест. Дар мисраи дувум бошад, ҳамин андешаро ба сурати масал задан бо об тафсир мекунад, ки ба ҳар замин тамъи дигар мебахшад, яъне об ҳам дар заминҳои мухталиф асари дигаргуна мерасонад, ки ҳосили гуногун самараи ҳамин таъсир маҳсуб меёбад. Ҳар ду мисраъ ба сурати мустақил ва ҷудо аз ҳамдигар низ метавонанд ба унвони ҷумлаҳои дорои маънии хоси худ тафсир ёбанд, ки истиқлоли мисроъро бозгӯй мекунанд. Метавон чанд намунаи дигар аз ин гурӯҳ абёт оварад, ки ҳар мисраи онҳо аз нигоҳи маънӣ мустақил аст:

Нафас охир шуду ман ҳамчунон зиндонии ҷисмам,
Надорам решаву дилбастаи обу гили хешам[42,984].

Ба хилватхонаи таҳқиқ ғайр аз ҳақ намегунҷад,
Мани бекор дар рафъи хаёли ботили хешам [42, 984].

Фурсати наззора то мижгон кушудан даргузашт,
Теғи барқе буд ҳастӣ, омаду аз сар гузашт [22, 393].

Аммо фаротар аз ин мабоҳис ҳифозати суннатҳои шеваи қадими ғазалсароӣ дар сурудаҳои Бедил низ комилан, сарфи назар намешавад. Мо мавориди зиёде ба равиши сохторӣ ва зоҳирии истиқлоли байт ё ҳамоҳангиву иртиботи мисраъҳо дар абёти ғазалиёти Бедил дучор меоем, ки дар баробари таҷаддуд дар сохторшиносии ғазал ва таҳаввул бахшидан ба истиқлоли

мисраъ ҳамон суннатҳои роиҷро ҳифозат кардаву бо равиши хоси сабки ҳиндӣ тадовум бахшидааст. Масалан, ба ин байт таваҷҷӯҳ мекунем:

Бедил, имрӯз дар мусулмонон,

Ҳама чиз аст, лек имон нест [22,275].

Дар канори пайванди муҳкам доштани мисраъҳо аз диди маъноӣ шеваи баёни шоир ҳам соддаву равон аст, ки ба идомаи анъанаҳои забонии сабкҳои қадими шеъри форсӣ ишорат мекунад. Бо такя ба ин равиши суроиш ва корбурдҳои забонии шеъри Бедил натиҷа ҳам метавон гирифт, ки ба таври куллӣ ғазалиёти шоир аз диди сабки нигориш якнавохт нестанд ва гоҳе шоир руҷӯъ ба услуби қудамо мекунад, ки ин амр ҳам навъе ба гуногунрангии сабкии сурудаҳои шоир дорад.

Мусаллам аст, ки Бедил тарокибе бо услуби сабки ҳиндӣ ё равиши бедилонаи худ сохта, аммо ҷаззобияту самимияти ошиқонаи шеъри Ҳилолӣ он таркиботи мураккаб ва ибороти сабки ҳиндиро дар пасманзари эҳсосоти шоирона гузоштааст ва мурур ба абёти ғазал бешак ҳамон шеваи Ҳилолиро ба хотир меоварад.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин рӯйкардҳои сабкӣ метавон ба ин натиҷа расид, ки бо он ҳама ибҳомот дар маъниофарӣ, корбурди шеваҳои тозаи таркибсозӣ ва ибораофаринии хоси сабки ҳиндӣ гоҳе Бедил ба сабки қудамо руҷӯъ мекунад ва бо ин амр танаввуъи шеваи нигориш ва забони баёни худро сурати махсус мебандад.

Аз вежагиҳои муҳими сохтории ғазалиёти Бедил ба сурати такрор омадани вожагон дар мавқеи қофия ба шумор меравад. Тавре гуфта омад, мусаллам аст, ки дар мароҳили гузаштаи ташаккули адабиёти форсӣ дар ғазал ва қасида такрор омадани калимоти муқаффо ҳатто навъе ҳашв ё аз уюби шеърӣ ҳам дониста мешуд. Аммо дар марҳилаи таҳаввули сабки ҳиндӣ такрори вожагони муқаффо ба навъе муҳассанот ё вежагиҳои хоси шеърӣ бадал гардид, ки ин пеш аз ҳама ба таҳаввули маъноии вожагон ва махсусиятҳои маъниофарӣ ва нуфузи мазмунсозӣ дар каломи шоирони сабки ҳиндӣ, аз ҷумла Бедил пайванд мегирад. Ба ибораи дигар, дар ғазали сабки

ҳиндӣ, хоса Бедил ҳарчанд вожагон дар мақоми қофия такрор мешаванд, аммо маъниҳои шоиронаи мухталиф касб мекунанд. Шоир бо корбурди умумии вожа дар таркиби як таъбири шоирона, ки ба иллати зарурат ин вожаи такрорро дар мақоми қофия дар таркиби ибора ва ҳам мисраъ ҷойгузин мешавад, ба он маънии наве мебахшад, ки нуфузи яке аз вежагиҳои хоси маънисозиҳои шоиронаро дар каломи Бедил муҷассам мегардонад. Масалан, дар ғазали зер вожаи *даҳон* дар таркиби «даҳони захм» се маротиба қофия шуда омадааст, аммо таваҷҷуҳ ба маънои умумии байтҳои мавриди истифода равшан месозад, ки Бедил ҳарчанд ин вожаро дар мақоми қофия такрор мекунад, аммо ба он маънии нав мебахшад. Нахуст бояд зикр намуд, ки ин байт дар нусхаи китобхонаи Ризо Ромпур ба шакли зайл омадааст:

Пардадори ҷода кай гардад ҳуҷуми нақши по,

Бахя натвонад ниҳон кардан даҳони захмро [22,143]

Ин байт дар нашри анҷомдодаи Абдулваҳҳоби Фоиз бошад ба шакли зайл омада:

Пардадори ҷода кай гардад ҳуҷуми нақши по,

Бахя натвонад ниҳон кардан нишони захмро. [22,143]

Ҳарчанд ин шакли он ҳам саҳеҳ ва мантиқист, аммо бо назардошти он ки бахяро дар асл ба ҷои дарида медӯзанд, таносуби он бо даҳон барҷастатар ба назар мерасад. Чун такрори вожагон дар мақоми қофия дар ғазалиёти Бедил аз муҳимтарин вежагиҳои ҳунарӣ ба шумор меравад ва ин махсусият дар ин маврид ҳам ба таври равшан муҷассам аст, мо гунаи аввалро пазируфтем. Дар ин ҷо шоир ибораи «даҳони захм»-ро дар мавқеи истифода мекунад, ки ба андешаи ӯ даҳони захмро дӯхтан ё бо дарбеҳ бастан душвор аст, чун баробари бастан ба ҳадде аз он хун ҷорӣ мешавад, ки ҳатто ба ҳамон бахя нақши худро мегузорад. Бо такя бар ин, дар мисраи аввал шоир ибораи «ҳуҷуми нақши по», дар мисраи дувум ибораи «даҳони захм» истифода бурдааст, ҳосили маънӣ он аст, ки кӯшиши бастани ҷода тавассути нақши по мисоли бастани даҳони захм ба василаи бахя мебошад.

Дар байти дигар, «даҳони захм» дар навбати аввал тимсоли «***чакидани хуни ҳасрат аз сухани дардмандон»*** ба шумор меравад, яъне аз сухани аҳли дард ҳамеша ҳасрат мечакад, он гуна ки ҳамеша аз даҳони захм мавҷи хун ҷорист. Ин ҷо равшан мешавад, ки ибораи **«даҳони захм»** тимсоли ҳадиси дардмандон аст:

Аз ҳадиси дардмандон хуни ҳасрат мечакад,

Ғайри мавҷи хун забон набвад даҳони захмро [22,143].

Дар байти дигар бошад, Бедил маънии **«даҳони захм»**-ро худ шарҳ медиҳад, яъне **мавҷи хун ангушти ҳайрат дар даҳони захм аст**, то ки ба сифати теғи бедодии маъшуқ забон пайдо кунад. Манзур ҳамон мавҷи хуне аст, ки аз даҳони захм мечакад ва ин ҳамон ҳолати аз бедодии маъшуқ ангушти ҳайрат газидани вай бошад, ки бар асари он хун ҷорӣ мешавад. Ин ҷо шоир воқеан нозукона бо истифода аз таъбири маъруфи ***ангушти ҳайрат газидан*** маъниофарӣ мекунад, чун дар асл ***ангушти ҳайрат газидан*** ба маънии мутаҳайир мондан бошад, вале ин ҷо вақте **даҳони захм барои пайдо кардани васфи бедодии маъшуқ мехоҳад забон** пайдо кунад, ангушти ҳайрат мегазад, ки чи гуна онро дарёбад. Истифодаи вожаи «**газидан»** дар таркиби ин таъбир омил омадааст, ки мавҷи хун ҷорӣ гардад, яъне маҳсули он мавҷи хун шавад:

То ба васфи теғи бедодат забон пайдо кунад,

Мавҷи хун ангушти ҳайрат шуд даҳони захмро [22,143].

Дар ғазали дигари Бедил такрори ду вожа «***табхола***» ва ***«дунбола»*** ба унвони қофия ба мушоҳида мерасад. Вежагии хоси маъниофарӣ дар каломи Бедил мунҷар бар он шудааст, ки нахуст вожаи «табхола» дар таркиби таъбирҳои шоиронаи суханвар маънии аслии хешро аз даст дода, мутобиқ бар дидгоҳи шоир дар коргоҳи тахаюли ӯ корбаст шавад. Дар навбати аввал, вожаи табхола ба таркиби таъбири ***«аз нафас бар рӯи оташ ниҳодани табхола»*** ворид гардида, маънии тоза касб намудааст. Мусаллам аст, ки ***табхола*** дар луғат ба маънии асари гармии таб бошад, ки чун обилаи худ дар лаб дамад. Бедил ҳарчанд дар ин байт вожаи мазкурро

наздик ба асли маънии он истифода мекунад, аммо дар вуҷуди ифодаи мазкур навъе маънисозиҳои шоирона анҷом медиҳад. Ҳосили суханаш он аст, ки агарчи барои бартараф шудани таби ишқи ман сипанде нест,ҳаргиз наметавонам нороҳат бошам, зеро табхолаи худро, ки аз асари сузиши таби ишқ ҳосил шудааст, бар рӯи ин оташ мениҳам, яъне таби ишқро ҳамоно бо ҳосили он даво мебахшам:

Дар таби ишқам сипанде гар набошад гӯ мабош,

Аз нафас бар рӯи оташ мениҳам табхоларо [22,52].

Аз дили хунбаста Бедил нашъаи роҳат махоҳ,

Бода ҷуз хуноба набвад соғари табхоларо [22,52].

Такрори вожаи **дунбола** дар ду байти дигар низ муқаррар месозад, ки шоир ин ҷо дар байти аввал онро ба маънии поён ё охири корвон истифода карда ва дар байти дигар ба маънии охири ҳадаф, ки ниҳоят ба сари кӯи ғафлат мебарад ва ҳам хати ниҳоии абрӯ ба кор гирифтааст:

Куштаи он чашми махмурам, ки мадди сурмааш,

То сари кӯи тағофул мекашад дунболаро [22,52].

Дар байти нахустини ҳамин ғазал ба маънии **поёни корвон ё охири корвон ба кор рафтааст.**

Аз сипанди мо, ки меёбад суроғи ноларо,

Гарди пешоҳанг кард ин корвон дунболаро [22,52].

Бедил дар баробари таҳаввулоти маъноӣ дар такрори вожагон дар мақоми қофия дигаргуниҳое дар офариниши радиф дар ғазалҳои хеш ба зуҳур расонида, ки онро радифҳои нодир низ метавон унвон кард.

Роҷеъ ба шеваҳои радифсозии Бедил адабпажӯҳи эронӣ Абӯризо Мударрисзода мақолае зери унвони «Сохтори радиф дар шеъри Бедили Деҳлавӣ» ба қалам оварда, ибтикороти шоирро, аз ҷумла чунин ба қалам додааст: «Дарвоқеъ касоне чун Бедил, ки ҳунарашон инқилоб ва растохез дар шеър будааст, радифи шеърро яке аз мисдоқҳои рӯшан ва дар дастрас дар ин дигаргунии бунёдин қарор додаанд» [328, 149]. Кадканӣ низ дар робита ба ин

вежагиҳои хоси радифофаринии Бедил, ки онро муҳаққиқони дигар низ «радоифи исмӣ ва феълӣ» ном бурдаанд ва он ҳатто ба сурати бахше аз як ҷумлаи форсӣ даромадааст, таъкид доштааст, ки «дар эҷоди тағироти хоси шеър ва тавсеи маҷозҳо ва истиораҳо» [155, 142]нақши муассир дорад.

Вобаста ба таснифоти анҷомёфтаи анвои радиф дар шеъри Бедил метавон изҳор дошт, ки дар навбати аввал ӯ бештар аз вожагону калимоте ба кор мегирад, ки дар шеъри гузаштаи мо камтар дар мақоми радиф омадаанд ё комилан хоси шеъри худи Бедил мебошанд, яъне зуҳури ин навъ вожагон дар каломи Бедил аз сурудаҳои ӯ ё ҳатто дигар шоирони сабки ҳиндӣ оғоз шудаанд, ки ба бахше аз онҳо дар ҷараёни таҳқиқи таъсири поэтикии сурудаҳои Толиби Омулӣ ба ғазалиёти Бедил изҳори назар шудааст. Ҳамин гуна, дар девони Бедил мо ба ғазалҳое дучор меоем, ки тавассути вожагони «осиё», «об», «шароб», «шаб», «офтоб», «мутриб», «талаб», «андалеб», «маҳтоб», «шароб», «ниқоб» «сурх»,,»субҳ», «ангушт», «намак», «баҳор», «мино», «чашм», «бишкаст», «зуннор» «ларзад», «пирӣ»« ибораҳои «шикасту рехт», бишкасту рехт», «хоҳад шикаст», «пушти даст», «бар лаб» ва амсоли ин радифҳои онон бунёд ёфтаанд, ки назири чунин офаринишҳои ҳунари тавассути корбурди вожагони мухталиф дар мақоми радиф дар шеъри гузаштаи мо камтар ба мушоҳида мерасад.

Дар баробари он ки Бедил тавассути вожагони нодир радифҳо месозад, инчунин аз такрори маъонӣ низ иҷтиноб варзида, аксари он калимоти мураддафро бо мазомини мухталифи маҳсули афкор ва шеваи маъниофариҳои хеш ба кор мегирад, ки ин амр низ дар шумори ибтикороти ҳунарии ӯ қарор дорад. Масалан, дар ғазали зер вожаи **намак** ҳамчун радифи ғазал ба кор рафтааст, аммо ба мушоҳида мерасад, ки ҳатто дар байти матлаъи он такрори маънии вожаи мазкур чашмрас нест. Дар мисраи аввал шоир ибораи дар байни мардум маъруфи «сухани бонамак», яъне каломи муассир ва бомаъниро дар таркиби ифодаи парадоксии **«ҷуз хамӯшӣ надоштани гуфтугӯ мо намак»** истифода намудааст. Ин ҷо равшан аст, ки вожаи намак на ба маънии аслӣ омада, балки чун шеваи хоси маърифати

поэтикии ҳинди кӯҳан аз асли хеш дур рафта, маънии моҳият ва арзишро касб кардааст. Дар мисраи дувум низ ҳамоно Бедил аз воҳиди фразеологии маъруфи ба **«захм намак пошидан»**, яъне афзун гардонидани ранҷу азият истифода карда ва ҳосили сухани шоир он аст, ки аслу моҳият ва арзиши сухани мо хомушӣ ва даст кашидан аз гуфтугӯ аст ва баръакс ин ҷо лаби гӯё ё суханвар ба ҷуз ин ки ранҷу азиятро афзун гардонад, коре наметавонад бикунад:

Ғайри хомӯшӣ надорад гуфтугӯи мо намак

То ба кай бар захми худ пошад лаби гӯё намак [23,231].

Дар байти дувуми ғазали мазкур бошад, вожаи **намак** ба маънии ҳамон эътибор ва манзалат ба кор рафтааст, яъне шоир барои тасвири мақоми ҳусн таъбири **«дар дили об нопайдо будани намак»-**ро ба кор гирифтааст. Об ҳам ин ҷо дар пайванд ба мисраи аввал дар асл маънии манзалату обрӯ ва эътиборро касб мекунад.

Сайри боғи ҳусн хоҳӣ, аз ҳаё ғофил мабош,

Дар дили об аст он ҷо сахт нопайдо намак [23,231].

Дар байти зер, ки дар он вожаи «**зуннор**» радиф шуда омадааст, ба назар мерасад, ки ин калима ҳарчанд истилоҳи хоси аҳли насоро аст, аммо Бедил дар иртибот ба сохтмони таъбирҳои шоирона ва ба таркиби он ворид намудани ин вожа маънисозиҳои шоирона анҷом додааст. Дар мисраи аввал сухан аз гусастани зуннор меравад ва дар мисраи дувум аз бастан, ки вобаста ба иқтизои матлаб ду маънии ба ҳам мутазод офарида, шоир ба ин васила дар таркиби таъбири офарида маънии вожаро дигаргун намудааст:

Мусалмон гаштаму ҳеҷ аз миён нагсаст зуннорам,

Ба қадри субҳа гардидан камарҳо баст зуннорам[23, 443].

Дар ғазалҳое, ки таъбирҳо дар онҳо радиф шуда омадаанд, низ ҳамин шеваи радифофаринии Бедил ба мушоҳида мерасад, ки дар пайванд ба вожагони дигар, ки ҳамчун ҷузви умумии таркиби шоирона омадаанд, мазмуни радиф тағйир меёбад. Масалан, дар ғазале аз Бедил, ки ба таркиби **«хоҳад шикаст»** эҷод шудааст, бо назардошти вуруди вожаи муқаффо ба

таркиби таъбири мураддаф мазмуни он дигаргун гардидааст. Дар мисраи аввал таъбири **«дили саброзмо хоҳад шикаст»,** ба маънии шикастани дил, лдар мисраи дувум, **«гарди садо хоҳад шикастан»,** ба маънии қатъи овоз, яъне ҳолате, ки агар дар куҳсор садо баланд шавад, бар кӯҳ гӯё бархурда бармегардад, чун он садо дубора такрор мегардад, ба кор рафтаанд. Баъдан ибораҳои **«нигаҳ хоҳад шикаст», «қалби мижгон шикастан», «сари гадо хоҳад шикаст», «ранги мо хоҳад шикаст», «гарди мотамсаро хоҳад шикаст», «мавҷи ҳаво хоҳад шикаст», «дил шикаст ё хоҳад шикаст», «гард то куҷо хоҳад шикаст», «мавҷи ҳаё хоҳад шикаст», «оинаҳо хоҳад шикаст»** ва **«шиша хоҳад шикаст»** дар таркиби таъбири мураддаф омадаанд, ки тааммул дар маънии ҳар яке аз ин онҳо бозгӯи он аст, ки аксаран ба худ мазмуни нав гирифтаанд. Дар таҳаввули маъноӣ ин таркибот Бедил саъй карда, то асосан, аз такрори маъноӣ дурӣ ихтиёр кунад, ки ин дар баробари навовариҳои ҳунарии шоир ба шеваи хоси маънисозиҳои вай таъкид меварзад:

Бе ту дар ҳар ҷо дили саброзмо хоҳад шикаст,
Шишаи кӯҳсор дар гарди садо хоҳад шикаст.
Хор-хори ҳасрати дидор тӯфон мекунад,
Сад найи мижгон нигаҳ дар дидаҳо хоҳад шикаст.
Ҳайрате з-он ҷилва менозад ба майдони хаёл,
Қалби мижгонҳо ҳама рӯ бар қафо хоҳад шикаст.
Ақл агар дар боргоҳи ишқ хун гиряд чӣ бок,
Бар дари султон сари чандин гадо хоҳад шикаст.
Шӯхии андози накҳат сели бунёди гил аст,
Гар нафас бар хеш болад, ранги мо хоҳад шикаст.
Ҳар кӣ омад мушти хоке бар сари ӯ рехтанд,
То кай охир гарди ин мотамсаро хоҳад шикаст.
Дар шикасти орзу таъмири чандин обрӯст,
Шабнамэҷод аст, агар мавҷи ҳаво хоҳад шикаст.
Шӯри шавқоҳангам, аз сози умеду яъс нест,

Нола даркор аст, дил бишкаст ё хоҳад шикаст.

Дар биёбоне, ки нопайдост роҳу манзилаш,

Меравад гарди ман аз худ, то куҷо хоҳад шикаст.

Эй нигаҳ дар хун нишину боли густохӣ мазан,

Рангаш аз гул кардани мавҷи ҳаё хоҳад шикаст.

Гар ҷунун аз изтироби дил барандозад ниқоб,

Шӯриши тимсоли ман, оинаҳо хоҳад шикаст.

Роздорӣ дар ҳақиқат хуни тоқат хурдан аст,

Шишаи мо Бедил аз поси садо хоҳад шикаст [22,495].

Барои намуна ба чанд байти дигар аз ғазалҳои мухталифи Абулмаонии Бедил ручуъ мешавад, ки аз чунин радифҳои нодир бархурдор буда, дар онҳо вожагон ва таркибҳои мураддаф дар коргоҳи маънисозии Бедил мазмунҳои тозае касб кардаанд, ки сарчашма дар тафаккури шоир доранд:

Бетобии ишқ ин ҳама найранги ҳавас рехт,

Анқо паре афшонд, ки тӯфони магас рехт [41,228].

Бе рӯи ту мижгон чӣ нигорад ба сарангушт,

Чашмест, ки бояд бадар орад ба сарангушт [41, 230].

Пириам пайғоме аз рамзи суҷуд овардааст,

Як гиребон сӯи хокам сар фуруд овардааст [41, 231].

Бе сози инфиол саропои ман тиҳист,

Чун шабнам аз видои арақ ҷои ман тиҳист [41, 231].

Бе шикаст аз пардаи созам навое барнахост,

Ноумедӣ доштам дасти дуое барнахост[41, 232].

Бедил дар ҷараёни мазмунсозиҳои хеш зимни корбурди радоиф ба фарҳанги мардумӣ ва иборотӣ рехта низ ручӯъ мекунад. Дар байти зерин, ки ибораи **«пушти даст»** дар мақоми радиф қарор дорад, аз ин шеваи маънисозӣ

бархурдор аст. Дар мисраи аввал ибораи **«пушти даст афшондан»** ба маънии изҳори бепарвоӣ кардан, эътироз намудан ба кор рафтааст. Дар мисраи дувум бошад, ибораи мазкур ба василаи дар таркиби таъбири «ғофил ба теғи урён пушти даст задан» ба маънии бехабар пушти даст бар теғ задан, захмдор гардидан омада ва дар пайванди маъноӣ бо мисраи аввал ҳадафи шоир таъкиди ин матлаб аст, ки агар бар мани Бедил эътироз ованиву ҳолу ҳавои маро мардуд бошӣ, пас мисли ин бошад, ки чун сипар бар теғи урён пушти дасти хеш бизанӣ, ки ҳосили он захмдор шудан ва ҷароҳат бардоштан бошад:

Бемуҳобо бар мани Маҷнун маяфшон пушти даст,

Чун сипар ғофил мазан бар теғи урён пушти даст [41, 234].

Дар мақоми радиф қарор гирифтани феълҳои **«нишаст», «шикаст»** низ дар таъмини оҳангнокии ғазалиёти Бедил ва офариниши матолиби тоза дар заминаи як калима нақши муассир гузоштааст:

То ба кай хоҳӣ зи лофи бахт бар сарҳо нишаст,

Бар хати таслим мебояд чу нақши по нишаст [41, 235].

То зи мастӣ ғунча бар фарқи чаман мино шикаст,

Ранги мо ҳам аз турунҷи ҷоми май сафро шикаст [41,238].

То ғубори хат бар он ҳусни сафопиро нишаст,

Як ҷаҳон уммед дар хокистари савдо нишаст [41,239**].**

Дар байти зерин, ки вожаи «мино» радиф шуда омадааст, вобаста ба ҳолати тасвир он мазомини тоза кардааст. Масалан, дар мисраи аввал **«шафақ аз дидани мино хуни ҳасрат мехурад**, яъне ин ҷо ҳолати мушоҳида ё дидани мо омили иҷрои амал мегардад ва дар мисраи дувум, ҳолате дигаргунтар ба ҷилва меояд, ки он тавассути «хандидани мино» баён шудааст. Манзур аз **хандаи мино** ҳамоно аз даруни он таровидани шароб бошад, ки онро шоир тавассути ҳолати ханда баён намудааст ва ин ҷо ақиқ ё лаъли сурх аз хандаи мино ранги худро аз даст медиҳад ва ба оби равон мубаддал мешавад. Ҳолати тасвири ашё, ки дар вожаи радиф таҷассум дорад,

омил ба дигаргунии маънӣ ва офариниши мазомини тоза ва касби матлабҳои нав гардидааст, ки ин амр низ ба ҳунари шоирии Бедил дар мазмунсозӣ ва табодули маъноии вожагон дар каломи шоир таъкид меварзад:

Шафақ дар хуни ҳасрат метапад аз дидани мино,

Ақиқ оби равон мегардад аз хандидани мино [41, 98].

Ба асоси мутолеаи девони Мирзо Бедил муқаррар мегардад, ки воқеан ин суханвари мумтоз дар радифофаринӣ ва корбурди вожагони нодир дар мақоми радиф маҳорати тамоме аз худ зоҳир намудааст. Интихоби вожагон ва таркибҳои мухталиф,ки дар адабиёти гузаштаи мо истифодаи онҳо ба унвони радиф анқариб ба мушоҳида намерасад, дар баробари бозгӯии нодиракории Бедил дар радифофаринӣ бар он таъкид меварзад, ки ин гурӯҳи калимот ва таркибҳо дар тақвияти оҳангнокӣ, рангорангӣ, мусиқияти каломи шоир нақши муассир гузоштааст. Баробари ин ибтикори Бедил дар офариниши маъниҳои тоза дар заминаи такрори ин вожагони мураддаф ҳунари шоирии ӯро дар мазмунофарӣ ва халқи маъниҳои тоза дар заминаи ҳар яке аз ин вожагону таобир бозгӯӣ мекунад. Имкон дорад, ки таҳия ва тадвини фарҳанги таъбир ва таркибҳои девони Бедил барои дақиқ намудани мазмунҳои нави вожагони мазкур, ки сарчашма дар коргоҳи хаёл ва тафаккури шоир доранд, нақши муассир гузорад.

Дар маҷмӯъ, Бедил чи дар такрори қофия ва чи радифофаринӣ тавассути вожагону таъбирҳои мухталифи нодир ибтикороте ҳам дар маъниофарӣ, ҳам калимасозиву таркибофаринӣ намуда, аз ин роҳ дар халқи маонии ноб ва пайванди мазмунҳои нави шоирона тавассути корбурди вожагони муқаррарӣ ба зуҳур расонидааст, ки мақоми маънавӣ ва ҳунари нотакрори шоирии ӯро муҷассам мегардонанд.

ФАСЛИ ЧОРУМ. ВЕЖАГИҲОИ КОРБУРДИ АНВОЪИ АВЗОНИ ҒАЗАЛ ДАР ДЕВОНИ БЕДИЛ

Мусаллам аст, ки навангезиҳои Бедил дар қаламрави шеъри форсӣ дар чандин корномаҳои эҷодии ӯ таҷассум ёфта, ки яке аз онҳо ба нуфузи авзони мухталиф ва ҳатто камтаҷрибашуда дар гузаштаи адабиёт тааллуқ мегирад. Тавре гуфта омад, девони Абулмаонӣ низ дар силки девонҳои аз нигоҳи теъдод бонуфуз дар адабиёти тоҷикӣ ба шумор меравад. Тазаккури фузунии шумори ашъори шоир бозгӯи касрати таркиби девони шоир ва танаввуъу фузунии авзон ва буҳури мустаъмал дар миёни сурудаҳои шоир дар ин навъи шеърӣ боис омадааст.

Таваҷҷӯҳ ба таъйин ва тақрири буҳур ва авзони девони Бедил ҳанӯз дар айёми зиндагонии худ ӯ оғоз ёфтааст. Дар тазкираи «Сафинаи Хушгӯ», ки таълифи он дар замони Бедил иттифоқ афтодааст,нахустин бор сухан аз ибтикори Абулмаонӣ дар танаввуъи корбурди авзон рафта.Ҳатто муаллифи ин тазкира мӯътақид шудааст, ки « гумони ғолиб он, ки ҳеч баҳре аз буҳур дар расоили арӯз аз гуфтан намонда бошад ва чун аз фикр ба ҳамаи онҳо табиатро сер ёфт, бар ҳамон қадар иктифо накарда, баҳри бистум сивои он нуздаҳ баҳри арӯз эҷод карда ва дар он ғазалҳо саранҷом дод. Баъдан чаҳор байт намуна оварда, ки дутои он ба таври зайланд:

Маю нағма мусаллами ҳавсалаӣ, ки қадаҳкаши гардиши сар нашавад,

Биҳил аст сабуксарӣ он қадарат, ки димоғи ҷунунзада тар нашавад [84,127].

Чӣ бувад сару кори ғалатсабақон?

Дари илму амал ба фасона задан

Зи ғурури далоили бехабарӣ

ҳама тири хато ба нишона задан [84, 125].

Аммо Бобобек Раҳимӣ бар ин назар аст, ки сурудаҳои мазкури Бедил аз 19 баҳри арӯз берун нестанд ва ин абёт дар баҳри мутадорики шонздаҳрукна

гуфта шудаанд ва чунонки маълум аст, дар ин вазн пеш аз Бедил низ шоирон шеър гуфтаанд.[244,66]

Оморшиносии авзони шеърии девони Бедил ва масоили марбут ба равишҳои корбурдии буҳури мухталиф аз ҷониби чанд тан аз муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ мавриди пажӯҳиш қарор ёфтааст. Аз ҷумла, пажӯҳишгарони эронӣ Ҳабиб Ҷадидулисломии Қалъанав ва Насрини Шафоии Киштгар дар мақолае зери унвони «Мусиқии берунии девони Бедили Деҳлавӣ» мушаххасан ба ин мавзӯъ пардохта, муҳимтарин авзони корбурдии шоирро муқаррар намудаанд. Ба асоси ҳисоби ин муҳаққиқон дар девони Бедили Деҳлавӣ, ки аз 2859 ғазал иборат мебошад, 37 вазни арӯзӣ дар 11 баҳр мавриди истифода қарор гирифтаанд. Аз ин миён 28 вазн дар 2727 маврид ғазал бо аркони ҳаштоӣ [мусамман], нӯҳ вазн дар 124 маврид ғазал бо рукнҳои шаштоӣ[мусаддас] ва 1 вазн дар шаш маврид бо рукнҳои чаҳортоӣ [мураббаъ] истифода шудаанд. Пуркорбурдтарин баҳри мавриди истифода дар девони Бедил рамал ва пас аз он ҳазаҷ аст» [368,68]. Афзуданист,ки теъдоди ғазалҳои Бедил дар баъзе нусахи хаттӣ ва ва нашрҳои ахиран анҷомёфта он то ба 3087 расида, миқдори умумии абёти он бештар аз 36 ҳазор байт муқаррар шудааст, ки тавре гуфта омад, ин амр дар адаби форсӣ яке аз девонҳои бузургҳаҷм будани онро аз лиҳози шумора собит месозад.

Пажӯҳишгарони фавқуззикр дар қиёс бо даврони дигари адабиёти форсӣ ва ҳам сурудаҳои суханварони аҳди Бедил муқаррар намудаанд, ки «дар сабки ироқӣ корбурди авзони шеърӣ бисёр маҳдуд гардида, теъдоди авзони мавриди истифода аз 260 вазни арӯзии форсӣ аз сӣ таҷовуз намекунад. Дар идомаи таҳаввули шеър дар давраи темурӣ, мактаби вуқӯъ ва пас аз он сабки ҳиндӣ маҳдудияти корбурди чанд баҳр ва вазни авомписандона мешуд. Дар ин миён Бедил бо вуҷуди он ки аз буҳури номатбуъ истифода намекунад, вале танаввуъ ва гуногуниро дар буҳур ва авзони марғуб дубора ба арсаи зуҳур ворид мекунад ва ин дар бурҳае аз замон иттифоқ меафтад, ки ин авзон мавриди бетаваҷҷӯҳии дигар шоирон қарор гирифта, дар ҳоли мансух шудан аст» [368,69]. Аз ин гузориш

ҳувайдост, ки нуфузи корбурдии авзони шеърӣ дар Девони Бедил ба ҳаддест, ки ҳатто онро метавон бар пояи андешаҳои ин пажӯҳишгарон баробар ба як давраи адабӣ шуморид.

Дар девони Бедил аз лиҳози касрати истифода баҳрҳои рамал ва ҳазаҷ пуркорбурдтарин ба шумор мераванд ва маҷмӯан, 11 баҳри мавриди истифодаи шоир аз инҳо иборатанд: баъд аз рамалу ҳазаҷ, музореъ, муҷтас, раҷаз, комил, мутақориб, хафиф, мунсареҳ, муқтазаб, сареъ.

Бар ин асос, ки баҳси муфассал ва мудаққиқонаи авзони арӯзии девони Бедил дар мақолаи донишварони мазкур ва ҳамзамон нигоштае аз олими дигари эронӣ Аҳмади Зокирӣ зери унвони «Мусиқии шеъри Бедили Деҳлавӣ» [161, 360- 374] ҷараён дорад, ин ҷо аз такрори матолиб иҷтиноб мешавад ва саъй бар он хоҳад рафт, ки бештар дар бораи наҳваи корбурдии баҳри комил ва буҳури мутадорик, мутақориб ва раҷази шонздаҳрукна дар девони Бедил ва ибтикороти ӯ дар таҳаввули сохтории ғазал бар мабнои истифодаи ин баҳрҳои камтаҷрибашуда изҳор назар шавад. Ба иттилои Бобобек Раҳимӣ илова бар 56 ғазали мазкур Мирзо Бедил 2 мухаммас низ дар ин баҳр, 24 ғазалу як қитъа дар баҳри мутақориби шонздаҳрукна, чаҳор ғазал дар баҳри мутадорики шонздаҳрукна ва як ғазал дар баҳри раҷази мусаммани мураффали матвӣ сурудааст[245,66].

Бар асоси мурур ба анвоъи авзони шеърӣ дар девони Бедил шогирдаш Хушгӯ ӯро мухтареи баҳри бистум дар арӯз дониста ва Бобобек Раҳимӣ ин ибтикори шоирро ихтироъ намешуморад ва таъкид бар он медорад, ки дар баҳрҳои ғайраматбуъ маҳорати баланде аз худ нишон додааст. Ба андешаи мо яке аз ин буҳур ҳамин баҳри комил аст, ки дар шеъри форсӣ камтар маъруфият дорад, аммо Бедил дар корбурди анвои он мақоми шоёни ҳунарии хешро ба намоиш гузоштааст. Таҷрибаҳои Бедил дар авзони шонздаҳруккнии баҳрҳои маъруфи мутақориб, мутадорик ва раҷаз низ ба иллати ба нудрат дучор шуданашон дар қаламрави адабиёти форсу тоҷик метавонанд ибтикороти шоирро дар ин самт бозгӯӣ кунад. Маҳз, зимни мутолиаи ҳамин навъ ғазалиёти шоир мо беҳтарин иқдомот ва маҳорати суханварии ӯро ба

мушоҳида мегирем , то бар ин назар бирасем, ки ҳарчанд мухтареъ нест, аммо корномаҳое шакл ва муҳтавои ғазал дар такя бар танаввуи истифодаи авзони шеърӣ дар девонаш ба зуҳур расонидааст, ки албатта қобили мулоҳиза ва баррасӣ мебошанд.

Баҳри комил аслан хоси шеъри арабӣ буда, дар адабиёти тоҷикӣ то замони Бедил камтар истифода шудааст. Мирзо Бедил аз ҷумлаи шоироне маҳсуб мешавад, ки халлоқияти ҳунарии хешро дар сурудани шеъри форсӣ бар пояи ин баҳри камозмуд таҷриба кардааст. Ҳанӯз тазкиранависони аҳди Бедил ин таҷрибаҳои ҳунарии ӯро дар баҳри комил эътироф намудаву мақоми хосаашро дар корбурди ба таъбири эшон «буҳури қалил-ул-истеъмол» тазаккур додаанд. Мир Ғуломалихони Озоди Балгиромӣ дар «Хизонаи омира» навиштааст: «Дар буҳури қалилулистеъмол ғазалҳо ба қудрат мегӯяд, хусусан баҳри комил. Дар ин баҳр мегӯяд:

Мани сангдил чӣ асар барам, зи ҳузури зикри давоми ӯ,

Чу нигин нашуд, фурӯ равам ба худ аз хиҷолати номи ӯ [9,154].

Дар тазкираи дигари худ «Маосир ул- киром» ё «Сарви озод» низ ҳамин муаллиф дигарбора ба мақоми Мирзо Бедил дар корбурди авзони мухталифи баҳри комил таъкид фармуда менависад: «Ва Мирзоро баҳри комил марғуб афтода ва дар ин баҳр шиное карда[11,150]. Баъдан муаллиф як намунаи дигарро бо такя бар рисолаи «Арӯз»-и Мир Атоуллоҳи Соиб аз Салмони Совақӣ тазаккур дода ва бо ишорат ба кам будани таҷрибаи ин баҳр дар адабиёти гузаштаи форсӣ навиштааст: «Мир Атоуллоҳи Соиб муаллифи «Рисолаи арӯз» гӯяд: «Баъзе мутааххирини шуарои Аҷам бар комили мусамман шеър гуфтаанд, ки холӣ аз узубате нест. Чунончи, Хоҷа Камолиддин Салмони Совақӣ фармояд:

Ба санавбари қади дилкашаш агар эй сабо гузар кунӣ,

Ба ҳавои ҷони ҳазини ман дили хастаро хабар кунӣ [11,150].

Баъдан як байтро аз Бедил ҳам ба унвони намуна аз ин таҷрибаҳои ҳунарии ӯ нақл намудааст:

«Ва аз матолеи Мирзо Бедил аст:

Ту карими мутлақу мани гадо, чӣ кунӣ ҷуз ин ки нахониям,

Дари дигаре бинамо, ки ман ба куҷо равам, чу бироният [11,150].

Бар асоси таҳқиқоти анҷомёфта дар заминаи арӯз дар гузаштаи адаби форсӣ тачриба дар баҳри комил ба нудрат ба мушоҳида мерасад. Муаллифи «Фарҳанги корбурдии авзони шеъри форсӣ» барои баҳри комили мусаммани солим намунаеро аз Ҳотифи Исфаҳонӣ, муламмаеро аз Абдураҳмони Ҷомӣ ва байтеро аз «Рисола»-и арӯзи Бобур дар ин баҳр тазаккур додааст, ки матлаи ғазал Ҳотиф гунаи зайлро дорад:

Ба ҳарими хилвати худ шабе, чӣ шавад нуҳуфта бихониям,

Ба канори ман бинишиниву ба канори худ бинишониям[170,156-157].

Ҳамчунин як намунаи дигар ба унвони мисол оварда, ки он аслан матлаъи ғазали Бедили Деҳлавӣ аст ва, мутаассифона, нигорандаи ин фарҳанг онро бо истинод аз китобе ба унвони «Шаҷарат ул-арӯз маа равзат -ул-қавофӣ» аз Сайид Музаффаралии Асир [чопи сангӣ, нашри матбааи Нувалкишур ба соли 1915] ба номи Бедили Шерозӣ зикр намуда, ки ғалат аст. **[168,156-157].** Ин байт таҳти шумораи 203 дар нусхаи Халилуллоҳи Халилӣ ҳамчун матлаъи ғазали Бедили Деҳлавӣ омадааст:

Ситам аст, агар ҳавасат кашад, ки ба сайри сарву суман баро,

Ту зи ғунча кам надамидаӣ, дари дил кушо ба чаман баро [41, 45].

Тибқи ҳисоби пажӯҳишгарон Бедил маҷмӯан, ҳунари шоирии хешро дар 60 ғазал барои корбурди ин баҳр таҷассум намудааст, ки 54 маврид дар баҳри комили мусаммани солим ва 6 маротиба дар баҳри комили мусаммани матвул мебошад. Барои намуна ба ду байт аз ду ғазали Бедил мурур мешавад:

Дар оташи ишқ то насӯзӣ, назар ба доғи вафо надӯзӣ

Ки аз чароғи ҳавасфурӯзӣ танур афсурда нон нагирад [22,705].

Байти мазкур баргирифта аз ғазалест, ки дар баҳри комили мусаммани солим суруда шуда ва он ба гунаи зайл тақтеъ мегардад: ««мутафоилот, мутафоилот, мутафоилот, мутафоилотон».

Чи кадхудоиест, эй ситамкаш,ҷунун кун аз дарди сар бурун о,

Ту шавқи озоди беғуборӣ, зи кулфати бому дар бурун о [22,45].

Ғазали мазкур аз ҷумлаи 6 ғазалест, ки Абулмаонӣ дар баҳри комили мусаммани матвул сурудааст ва зиҳофоти он ба таври зайл аст: «мутафоилот, мутафоилот, мутафоилот, мутафоилотон».

Салоҳуддини Салҷуқӣ муътақид аст, ки «бо ин ки Мавлоно ва боз Бедил кӯшидаанд, ки баҳрҳо ва вазнҳои ҷадид ва номатбӯъ [ба истилоҳи Бедил] ки дар шеър ҳаракати ҷадиди зинда ва дар мусиқӣ низ обу тоби тоза биёваранд, ба рӯи кор биёваранд, вале чун мутаассифона боли мусиқии он шикаста буд ва то кунун шикаста аст, ин шеър натавонист ба як бол парвози шоёне бикунад» [189, 77].

Шояд гунае номатбӯӣ дар сохтори ғазалҳои мазкур ба мушоҳида расад, аммо дар ин навъ ғазалҳо ба таъбири Салоҳуддин Салҷуқӣ Бедил навъе мусиқият ва ба танину оҳангнокӣ ва риояи қофия дар рукнҳои дохилии мисраъҳоро бо шеваи маъруфи Мавлоно риоят кардааст. Масалан:

Ба кеши озодагӣ нашояд, ки фикри лаззот уқда зояд,

Раҳи нафас печухам надорад, чу най зи банди шаккар бурун о [22,45].

Дар мисраи аввал «нашояд» ва «зояд» бо шеваи риояи мусиқият ва оҳангнокӣ, ки бештар хоси ғазалҳои Мавлоност, ба ҳам қофия шудаанд, аммо таҷаддуде, ки дар ғазали Бедил эҳсос мешавад, корбурди ҳамин таҷриба дар баҳрҳои ноозмуда ва душвори шеъри форсӣ маҳсуб мегардад.

Таҷрибаҳои Бедилро дар баҳри комил, бешак метавон навъе аз ибтикороти вай дар таҳаввули сохтории ғазал унвон кард, зеро онҳо то ба андозае ба огоҳӣ ва омӯзаҳои вай аз шеъри қадимаи ҳиндии ведоӣ ва санскрит низ ишорат мекунад. Ба навиштаи Абулқосими Исмоилипур «ҳамаи сурудаҳои Ригведо мавзун аст. Ин сурудаҳо ҳар як ба таври мутавассит дорои даҳ банд аст. Ҳар банд чаҳор мисроъ дорад, аммо гоҳе се ва гоҳ панҷ мисроӣ аст…Дар ашъори ведоӣ ҳудуди 15 вазн метавон ёфт, аммо роиҷтарин вазнҳои ведоӣ 3 тоанд»[152,20].

Қадимтарин намунаҳои осори манзум ва мансури адабиёти санскрит дар сурати «Упонишадҳо» ва ҳамосаи «Маҳабҳарата» боқӣ мондаанд, ки ба таъкиди бархе тазкиранависон ва муҳаққиқон, Мирзо Бедил аз ин осор огоҳии фаровон дошта ва ҳатто ҳамосаи «Маҳабҳарата»- ро азбар медониста. Аз муҳимтарин омили дастёбии Бедил ба чунин осори қадима пайванди хонаводагиаш ба мардумони ҳиндутабор аст ва аз рӯи таҳқиқоти анҷомдодаи Бобобек Раҳимӣ далоиле ҳам мавҷуданд, ки забони модарии вай аслан ҳиндӣ ва ба ақидаи бархе пажӯҳишгарон ҳатто банғолӣ будааст [245, 212]. Ҳинду будани забони модарии шоир пеш аз ҳама ваҷҳи огоҳии ӯро ба шеъри қадимаи ҳиндӣ тасдиқ мекунад ва аз сӯи дигар, пажӯҳишгари афғонӣ Нурулҳасани Ансорӣ дар мақолаи хеш «Бедил ва ҳиндшиносӣ» бо такя бар иттилои Хушгӯ дар «Сафина» роҷеъ ба фарогириаш аз осори қадимаи ин мардум чунин навиштааст: «Мирзо Абдулқодири Бедил, ки бидуни тардид аз ҷомеътарин ва баарзиштарин шахсиятҳои адабиёти дарӣ маҳсуб мешавад, низ тибқи суннати пешиниёни худ ба ҳиндшиносӣ алоқаи самимӣ дошт. Бино ба гуфтаи Биндробан Доси Хушгӯ, Бедил асотири ҳиндиро ба диққат мутолаа карда ва тамом қиссаи «Маҳабҳарата»-ро ба ёд дошт ва дар мусиқӣ маҳорати комил ба даст оварда ва забони ҳиндиро ба хубӣ фаро гирифта буд [132, 103]. Тайъиди ин назар аз ҷониби Хушгӯ, ки дар баробари шогирди Бедил будан бештари воқеоти зиндагонии ӯро шоҳид аст ва муддате ҳам дар манзили шоир иқомат дошта, метавонад далели мўътамаде дар тасаллути вай ба забони ҳиндӣ ва аз бар намудани ҳамосаи «Маҳабҳарата» бошад, ин донишу омӯзаҳои шоир дар қаламрави шеъри вай ҳаргиз бетаъсир намондаанд.

Ба навиштаи Бобобек Раҳимӣ Бедил дар маснавии «Муҳити аъзам» чандин вожаҳое амсоли «пон», (барги як навъ дарахт), «бира» (як навъи дарахт), «чуна» «оҳак», «агол» «оби даҳон» ва ғайра дучор меояд, ки баргирифта аз забони ҳиндӣ мебошанд [245,215]. Фузун бар ин, таъсири фарҳангу фалсафаи ҳиндӣ низ дар сурудаҳои Бедил фаровон ба мушоҳида мерасад, ки ин амр ҳам ба огоҳии шоир аз забону фарҳанги қадимаи ин сарзамин таъкид дорад. Пас, бо таваҷҷӯҳ бад-ин дараҷаи тасаллути Бедил бар

фарҳангу забон ва адабиёти қадимаи ҳиндувон таъсири он, хоса аз бар донистани «Маҳабҳарата»-ро наметавон дар таҳаввулоти сохторӣ ва равишу қаволиби вожасозиву вожагузинӣ дар таркиби ғазалҳои Абулмаонӣ нодида гирифт.

Абулқосими Исмоилипур дар идомаи баррасиҳояш дар мавриди шеъри қадимаи санскритии ҳиндӣ меафзояд, ки бахши бузурге аз навиштаҳои манзуми ҳиндӣ ба забони санскрит бозмондааст. Аз миёни онҳо бахше аз «Упонишадҳо» ва ҳамосаи бузурги ҳиндӣ «Маҳабҳарата»-ро метавон зикр кард [150,31]. Бо таваҷҷӯҳ бар ин ки Бедил аз шеъри қадимаи ҳиндӣ, аз ҷумла ҳамосаи «Маҳабҳарата» огоҳии комил доштааст, дар такмил ва сохторшикании ӯ дар қолибҳои маъмулии ғазал ва тамоюл ба баҳри комил таъсири ин бардоштҳои ӯро низ наметавон сарфи назар намуд. Зеро миёни сохтори шеъри қадимаи ҳиндии санскрит, аз ҷумла авзони ҳиҷоии ин навъи шеър ва қолиби мазкури баҳри комил аз чанд ҷиҳат шабоҳатҳо ошкор мешавад. Аз таҳқиқи анҷомдодаи Исмоилипур равшан мешавад, ки ҳар мисраи шеъри қадимаи ҳиндӣ ба чаҳор пояи чаҳорҳиҷоӣ тақсим мешавад ва зимни ин бахш кардан дармеёбем, ки дувумин ва чаҳорумин поя аз назари камият, яъне теъдоди ҳиҷоҳо аҳамият доранд. Чаҳорумин поя лузуман сурати ҳиҷои кӯтоҳе [V-V-V] аст, дар ҳоле ки пояи дувум метавонад ба чаҳор гуна мутафовит дарояд [152, 32-33]. Ин баррасӣ аз назари аввал ошкор месозад, ки шеъри қадимаи ҳиндӣ низ ба рукнҳо аз рӯи ҳиҷо тақсим ё ба истилоҳи арӯз тақтеъ мешавад, ки онро ин муҳаққиқ поя унвон карда, мафҳуми ҳиҷоҳои кӯтоҳ ва дарозро дар якҷоягӣ зери мафҳуми «муро»- тазаккур додааст. Аҳамияти ҳамоҳангии пояҳои дувум ва чаҳорум навъе қофиянокии шеъри арӯзиро ба хотир меоварад, ки маҳз ҳамин вижагиро дар сурудаҳои дар баҳри комил иншонамудаи Бедил метавон ба мушоҳида гирифт, ки намунааш дар поёни ин баҳс хоҳад рафт. Ҷолиб боз ҳам он аст, ки шумораҳои ҳиҷоҳои пояҳои шеъри ҳиндӣ низ ба бархе аз авзони арӯз баробар, яъне чаҳортоӣ ба назар мерасанд. Ҳарчанд муҳимтарин вазнҳои баҳри комил панҷҳиҷоӣ ҳастанд, аммо мавҷудияти авзони дорои аркони чаҳорҳиҷоӣ низ дар онҳо

истисно нест, ки намунааш баҳри комили мусаддаси музмар, мусаддаси мавқуъ аст ва ин навъи вазн дар дигар баҳрҳои арӯзи аҷам ба мушоҳида мерасад.

Мутобиқ ба теъдоди ҳиҷоҳои дароз ва кӯтоҳ гоҳо дар анвои шеъри қадимаи ҳиндӣ дар як мисраъ то 30 ҳиҷо метавонад ҷой бигирад, ки аз он 14 - ҳиҷоӣ дар пояи аввал ва 16 дар пояи дувум қарор мегиранд. Аммо тибқи ҳисоби анҷомдодаи Исмоилипур дар бештари маврид ҳар мисраъ дар шеъри қадимаи ҳиндӣ аз 21 ҳиҷо иборат мебошад, ки аслан ғазалҳои бар баҳри комил сурудаи Бедил ҳам наздик ба ин миқдор ҳиҷоҳоро фарогиранд. Муҳаққиқи дигари эронӣ Ҳусайни Мударрис зимни баршумории ҳиҷоҳо дар баҳри комил муқаррар намудааст, ки дар баҳри комили мусаммани солим ҳар мисраъ аз 20 ҳиҷо иборат буда, аз ҷумлаи онҳо 8 -то дароз ва 12- то кутоҳ мебошанд [152,156].

Аз ин рӯ, ҷолиб аст, ки аз диди сохторшиносӣ Бедил зимни истифода дар ин баҳр навъе таҷрибаҳои ҳунариеро бар асоси огоҳӣ аз шеъри қадимаи ҳиндӣ ба намоиш мегузорад, ки дар адабиёти форсии мо воқеан камназир ё ҳатто мешавад гуфт, ки бебадал ҳастанд. Агар дар байти болоӣ муқаффо омадани таркибҳои як мисраъ ба мушоҳида расад, дар байти зер, ки дар баҳри мутадорики шонздаҳрукна ба қалам омадааст, ин шигарди ҳунарӣ ба сурати ҳамқофия шудани таркибҳои мисраи аввал ва таркиби чароҳум байт муҷассам мегардад:

Майи ҷоми қаноат агар бичашӣ, аламе зи ҷунуни ҳавас накашӣ,

Чӣ кам аст уруҷи димоғи ғано,ки хумори таваққуи кас накашӣ. [23,703]

Агар ин байтро мо аз назари барраси вижагии қофиянокии он тақсим кунем, сурати дигаре аз он ҳосил мешавад, ки бо тавоҷҷӯҳ ба сохтораш зоҳиран қолиби рубоӣ ё дубайтиро ба хотир меоварад:

Майи ҷоми қаноат агар бичашӣ,

Аламе зи ҷунуни ҳавас накашӣ,

Чӣ кам аст уруҷи димоғи ғано,

Ки хумори таваққуи кас накашӣ[23, 703]

Ҳарчанд аз назари авзон фарқе мавҷуд аст, аммо зоҳиран иқдоми ҳунарии Бедил барояш имкон дода, ки дар канори мусиқияти ҷаззоб дар ин баҳри мураккаб ва камтаҷрибашуда як навъ ибтикоре дар заминаи омезаҳои навъии шеър ба зуҳур расонад ва сохтори андарунии байтро ба рубоӣ ва ё дубайтӣ наздик кунад. Заминаҳои эҷоди навъҳои нави шеърии ғазали посмудернро дар шеъри муосир низ метавон аз ҳамин таҷрибаҳои ҳунарии Бедил дар чунин қолиб ё авзон ҷустуҷӯ намуд. Ин равиши хоси Бедил аст, ки дар заминаи корбурди баҳри мазкур эҷод шудааст ва ҳамон равиши тақтеи шеъри қадимаи санскритро дар таносуби пояҳои дувум ва чаҳорум ба хотир меоварад. Ин таҷриба дар Мавлоно бар асоси дигар буҳур ба мушоҳида мерасад, аммо онҳо наметавонанд аз диди сохторӣ ба таҷрибаи Бедил шабоҳат дошта бошад, зеро ин наҳваи қолиби сабкӣ танҳо дар заминаи корбурди баҳри комил метавонад муҷассам шавад, ки дар он дарозии зиҳофот ва маҷмӯан мисраъ ин шаклро эҷод намудааст. Масалан, ҳамин қолиб дар девони Мавлоно дар баҳри рачази мусаммани матвии мураффали музол ба мушоҳида мерасад:

Ёри ман аст ӯ ба чӣ нағзӣ,

Хоҷа агарчӣ ҳама мағзӣ.

Чун гузарӣ бар сари кӯяш,

Пой накӯ неҳ ки налағзӣ [441].

Сурудаи Мавлоно бештар ба чакомаҳои мардумӣ ва ашъори ҳиҷоӣ аз назари шакл қаробат пайдо мекунад, вале тавре тазаккур ёфт, дар сурудаҳои Бедил ин тавозун ва оҳангнокӣ ва ҳамзамон таводуми мисраот дар вақти шикастани онҳо ва риояи қофиябандӣ абётро ба чаҳорпора ё дубайтӣ наздик месозад. Қайди як нукта низ муҳим аст, ки ин вижагии сохторӣ, ки дар вақти шикастани мисроъ он ба чаҳорпора ё дубайтӣ наздик мешавад, танҳо дар ҳусни матлаи ғазал иттифоқ меафтад, чун қофия дар байти мазкур такрор шуда, ҷузъи шикастаи савум, яъне қисмати аввали мисраи дувум дар ин ҳол озод шуда, ин монандиро тақвият мебахшад. Дар абёти дигар ин ибтикор дар

ғазал навъе сурати дигаргуна мегирад. Масалан, дар байти мақтаи ғазали мавриди назари Бедил, се ҷузъи аввали байт бо ҳамдигар қофияи дарунӣ пайдо мекунанд ва ҷузъи чорум ба қофияи умумии ғазал пайванд мегирад ва ин ҷо низ ҳамон сурати шаклии рубоӣ ва ё дубайтӣ ба ҷилва меояд, вале қофиябандӣ мутобиқат надорад:

Агарат зи мавоизи Бедили мо, арақе шавад оби ҷабини ҳаё,

Ба ду дам нафасе, ки дамонда ҳаво, сари фитна чу оташи хас накашӣ [42,703].

Дар ин байт ба назар мерасад, ки вожагони **«мо»**, **«ҳаё»** ва **«ҳаво»** дар се ҷузъи байт ба ҳамдигар қофия шуда омадаанд ва ҷузъи охири байт бо риояи қонунмандии нигориши ғазал ба қофияи умумии он марбут гардидааст.

Аз махсусиятҳои сохтории дигари ин навъ ашъори дар баҳрҳо сурудаи Бедил тавозуни мисраъот аст, ки бо он ҳама тадовум онҳоро ба ду бахши баробар метавон қисмат намуд, ончунонки дар намунаҳои болоӣ ҳам зимни шикастани он ин махсусият рӯшан гардид. Аммо нуктаи ҷолиб он аст, ки гоҳо дар сурати иваз кардани ҷойи ҳар ду қисмати мисраъ ба вазну оҳанг ва мантиқи каломи Бедил халал намерасад. Барои намуна ба ин байт мурур мекунем:

Дили орамида ба хун макаш зи фусуни рангу ҳавои гул,

Ситам аст ғунчаи ин чаман мижа во кунад ба садои гул[23,248].

Дар сурати ба шакли зайл иваз намудани ҷой қисматҳои мисраи аввал вазни он тағйир намеёбад:

Зи фусуни рангу ҳавои гул дили орамида ба хун макаш… Ҳатто мисраи дувум ҳам дар сурати ба чунин шакл баргардонидани он ҳамин вижагиро метавонад ба худ касб намояд. Ҳарчанд ин хусусият на дар ҳамаи мисраот ба чашм мерасад, вале ҳамоно дар идомаи ғазал низ дар чандин маврид онро метавон ба мушоҳида гирифт. Тазаккури ду байти дигар қобили тавaҷҷӯҳ аст:

Ба фурӯғи шамъи сад анҷуман саҳарест моили ин чаман,

Чу гилем аз бару дӯши ман, бикашад соя зи пои гул [23,248].

Чаманест олами кибриё барӣ, аз кудурати мосиво,

Нашавад тиҳӣ ба гумони мо зи ҳуҷуми ранги ту ҷои гул [23,248].

Ин махсусиятро дар намунаҳое аз баҳри мутақориби шонздаҳрукна низ метавон ба мушоҳида гирифт:

Тараб дар ин боғ мехиромад зи сози фурсат паём бар лаб,

Зи наргис акнун мабош ғофил, ки най гирифтаст ҷом бар лаб [22,211].

Дар сурати иваз кардани ду бахши баробари мисраи аввал, ки тавозун ва оҳангнокии баробари аҷзои мисраъро таъмин намудааст, на танҳо вазни шеър, балки маънии он ҳатто халал намеёбад.

Таваҷҷӯҳ бар ин падидаҳои ҳунарӣ ва ибтикороти Бедил дар қолиби ғазал моро ба назари дигаре ҳам мерасонад, ки заминаҳои пайдоиши шеъри навро дар ҳамин навъ ғазалҳои Абулмаонӣ ҷустуҷӯ намоем. Дар назари аввал, таҷаддуди Бедил дар қолиби ғазал дар баҳри комил ва ибтикороти вай дар заминаи сохтори ин навъ шеър ҳарчанд шабоҳатҳои зоҳириеро дар таркиби як байти ӯ бо жанри рубоӣ ё дубайтӣ эҷод мекунад, аммо канори ҳамдигар гузоштани ин мисроъи шикаста аз сӯи дигар як банде аз шеъри чаҳорпораро метавонад ба вуҷуд оварад. Дар намунаи аввал, агар бо такя бар риояти қонунмандии қофиясозӣ мо онро ба дубайтӣ ва ё рубоӣ монанд кунем, аммо оҳангу вазни он боз ҳам шеъри чаҳорпораро таҷассум карда метавонад. Фузун бар ин дар намунаи дувум, ки абёте аз ин қабил дар девони Бедил фаровон ба кор рафтааст, навъи дигари чаҳорпораро ба хотир меоварад, ки дар онҳо се мисраи аввал қофия шуда, мисраи чаҳорум озод аст. Нуктаи дигар, ки дар заминаҳои шеъри нав дар ин навъ ибтикороти Бедил моро ба ҷустор мекашонад, худи таҷриба дар баҳри комил аст, ки навъе дароз шудани мисроъ дар он ба тавсеа бахшидани имконоти ғазал ва аз сӯи дигар шояд аз ғунҷоиши дигар буҳур берун рафтани таҷассуми тафаккур ва андешаи шоир маҳсуб меёбад. Чун маъниофарӣ ва мазмунсозӣ, ки хостори қурбонии лафз бар маънист, дар шеъри сабки ҳиндӣ, бавижа ашъори Бедил

ба унвони муҳимтарин махсусият табдил ёфтааст, тақозои тачрибаҳои бештар дар шеъри суннатӣ мекунад. Шояд Бедил барои истифода аз табаҳҳури ин навъ буҳур ва авзон дар маъниофарӣ ба тачриба дар ин баҳр иқдом намуд ва дар заминаи имкониятҳои он дар сурати дароз шудани мисраъҳо, бахусус дар вазнҳои бисёррукнӣ бештар дар ғунҷоиши маонӣ тасаллут пайдо кард. Тавре тазаккур ёфт, дар девони Бедил наздики 60 ғазал дар баҳри комил, 24 ғазал дар баҳри мутақориби шонздаҳрукнӣ, чор ғазал дар баҳри мутадорики шонздаҳрукнӣ ва ҳамагӣ як ғазал дар баҳри рачази мураффали матвӣ ба қалам омадааст. Агарчи намунаҳои анвои авзони фавқуззикр дар мавориди мухталиф тазаккур ёфтаанд, ба ҳайси намунаи дигари тачрибаҳои ҳунарии Бедил дар ин раҳгузор барои идомаи мабоҳиси марбут ба ин мавзӯъ овардани байти матлаи ягона ғазали дар ин вазни баҳри рачаз сурудаи шоир аз аҳамият холӣ нест:

Дурии базмат, дар ғаму шодӣ гар кунад ин май қисмати ҷомам,

Субҳ нахандад бар рухи рӯзам, шамъ нагиряд бар сари шомам [22,369].

Ин тачрибаҳои ҳунарии шоир дар баҳрҳои мазкур ва тачаддуди ҳунарӣ дар сохторшиносии матлаи ғазал, ки бар он ишорат шуд, ҳарчанд аввалан ғунҷоиши маънии фаровонро дар қолиби ғазал тачассум намояд, аз сӯи дигар таваҷҷуҳи шоирро дар роҳи ибтикор дар истифодаи имконоти бештари мазмунсозӣ дар маҳдудаҳои шеъри суннатӣ тафсир мекунад. Аз сӯи дигар, мутолиаи ин навъ ғазалҳои шоир рӯҳияи як нафар суханвари мубтакирро ифода мекунад, ки хостори тачаддуди бештар аз ин аст ва оҳангу ҳолоти ғазалҳои ин бахш аз зуҳури навъе таркиш ё инфиҷор дар қолиби шеъри суннатӣ паём мерасонанд. Зимни хондани ҳар ғазале аз ин баҳр дар девони Бедил ҳамин ҳисс вуҷуди инсонро фаро мегирад, ки Мавлоно ҳанӯз дар айёми хеш онро дар шеър инсиҷом бахшида буд:

Эй шаҳи султони азал, растам аз ин байту ғазал,

Муфтаилун, муфтаилун, муфаилун кушт маро [51, 64].

Бедил ҳам чун Мавлоно шоире озодаандеш ва ворастае буд, ки ҳамин рӯҳи инҳисорнопазираш ӯро дунболи анҷоми чунин таҷоруб мекашонид ва аз сӯи дигар нигориши «Никот» ва ҳатто «Чаҳор унсур» барин намунаҳои барҷастаи осори насрӣ низ моро бар ин назар мувоҷеҳ мекунад, ки дар баробари озмудани ҳунари хеш дар таълифи осори мухталифи мансур ногуфтаҳояшро, ки аз доираи каломи манзум берун мондаанд, дар қолиби наср ғунҷоиш низ диҳад. Насри Бедил аслан худ навъе шеър аст ва ҳамон матлаби ҷой намудани маънии андак дар лафзи фаровони маснуъ дар насри шоир барҷаста зуҳур кардааст.

Маҳз ҳамин таҷрибаҳои ҳунарии Бедил дар ғазал буд, ки пеш аз ҳама дар мароҳили баъдӣ дар заминаи мактаби пайравони ӯ ҳисси аҷзи шоиронро дар идомаи ин роҳи сангин ба вуҷуд овард. Ҳарчанд ҷараёне ба истилоҳ бозгашти адабӣ дар Эрон ба унвони ибтикор дар руҷӯъ ба сабки қудамо ба миён омад, аммо бо ин ҳама ин суханварон натавонистанд аз таъсири Бедил раҳо бишаванд ва ҳамоно дар партави асари тафаккур ва ҳунари шоирии ӯ боқӣ монданд. Аммо агар амиқан бар появу мояи ин ҷараён биандешам, ҳамон аҷзи шоирон дар пешорӯи ин қудрати ҳунарӣ ва таҷрибаҳои нодири ӯ буд, ки суханваронро ба сӯи дигар кашонид ва ҳатто ин бозгаштанҳо дар шеъри форсии Фароруд, ҷойгоҳи таҳаввули густардаи мактаби пайравони Бедил низ табаҳҳур касб намуд. Моварои ин бозгаштанҳо боз ҳам ҳамон тавфиқ наёфтани гурӯҳе аз шоирон дар истиқболи шеъри Бедил буд. Агар инсофан бигӯем, онон ки ин роҳи руҷӯъро ба гузаштаи адабиёти форсӣ чи дар Эрон ва чи дар Фароруд авлавият бахшиданд, аслан тавфиқ касб накарданд, баръакс, нуфузи эшон дар адабиёти форсии ин даврон бо ҳамон сурудаҳое побарҷо монд, ки дар истиқбол аз Бедил ба қалам оварданд. Намунаҳои ашъори Парии Ҳисорӣ, Мирзо Содиқи Муншӣ ва амсоли ин худ бозгӯи ҳақиқати ин амр аст, ки аз ҷумлаи пайравони бозгашт дар ҳавзаи Фароруд буданд.

Аз назари қонуниятҳои фалсафӣ ҳама чиз ва ҳолату воқеот дар пешрафт ва таҳаввул қарор дорад ва шеъри форсӣ ҳам бо он нуфузи комили

касбнамуда дар қаламрави рӯзгори Бедил наметавонист дубора бозпас баргардад ва ҳамин омили муҳим боис шуд, ки дар остонаи асри бистум иқдоми таваҷҷуҳ ба сохторшиканӣ дар шеър аз ҷониби устод Лоҳутӣ ва Нимо Юшиҷ пеш гузошта шавад ва ин таҷаддуд иттифоқ афтад. Ҳарчанд назарияи шеъри нав ҳанӯз дар қабл аз ин шуаро дар тазкираи «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё таҷассум дорад ва ин андеша боз ҳам метавонад назари моро дар ин маврид собит созад, ки омили аслии таваҷҷӯҳ ба эҷоди шеъри нав маҳз дар нимаи дувуми асри XIX ҳамоно таъсири Бедил маҳсуб меёбад.

Анҷоми пажӯҳишҳо дар заминаи таҷрибаҳои озмудаи Бедил барои муқаррар намудани пояҳои шеъри нави форсӣ аз аҳамияти илмӣ холӣ нест ва ин ҷараёншиносии таҳаввулот ва бархӯрдҳо дар айёми Бедил ва пас аз он ин матолибро метавонад ба субут бирасонад.

Баҳсу баррасии авзони шеъри Бедил ва таҷрибаҳои ҳунарии ӯ дар заминаи корбурди онҳо, ки ба сохторшиканӣ дар ғазали форсӣ ва таҳаввулоти шоёне мувоҷеҳ шудааст, бозгӯ аз он аст, ки Абулмаонӣ бо таҷаддуд ва ибтикор дар истифодаи авзони мухталиф ва шояд бештар аз ҳамаи шоирони дигар муваффақ ба таҷассуми маонии тоза ва мазмунофариниҳои хоса гардидааст. Аз сӯи дигар, ин таҷоруб бар он таъкид мекунанд, ки Мирзо Бедил камтарин имконоти қолиб ва шаклҳои роиҷи шеъри суннатиро дар халқи маонии ноб ва офариниши мазмунҳои шоирона мавриди истифода қарор дода, ҳамчун шоири мубтакир ва соҳиби забони хосаи шеърии худ маъруфияти тамом дарёфтааст, ки дар баробари бовар ва эътиқоди худ ба ин ҷойгоҳ дар тазкираҳову сарчашмаҳои адабӣ ин мақоми шомихи шоир дар сатҳи зарурӣ эътироф шудааст. Муҳимтар аз ҳама, дар заминаи таваҷҷӯҳ ба ин навъ таҷрибаҳо дар авзони ғазали форсӣ Мирзо Бедил заминаҳои муҳкаме дар таквини шеъри нав дар адабиёти форсӣ гузошт. Бешак, анҷоми ҷусторҳои фаротаре дар сарчашмашиносии шеъри нав бо таваҷҷӯҳ ба таҷрибаҳои ҳунарии Бедил метавонад бештару пештар ин амрро ба субут расонад, ки ба нукоте аз он бар асоси сурудаҳои шоир қаблан таъкид шуд.

БОБИ ДУВУМ. САБКШИНОСӢ ВА ПОЭТИКАИ ЗАБОНИ ҒАЗАЛ.

ФАСЛИ АВВАЛ. ПОЭТИКАИ ЗАБОНИ ШЕЪР ВА ЗАБОНИ БЕДИЛӢ: САРЧАШМАҲОИ ЗУҲУР ВА ОМИЛҲОИ ИНТИСОБИ ПЕЧИДАГӮӢ БАР ОН

Инқилоби адабии Бедил дар қаламрави адабиёти классикии тоҷик омил бар он гардид, ки диду назарҳои мухталиф нисбати сабки баёни изҳор гардида,дар умум ба сабки сухани шоир асосан ибҳом ва печидагӯӣ нисбат дода шуд. Шояд бо эҳсоси ҳамин нақду назарҳост, ки худи Бедил худ низ низ уҷӯъ ба ин равиши баён намуда, дар ашъораш борҳо аз тарзи сухани баланди хеш ва фаҳми тунд дар маърифати он, инчунин ба вуҷуд овардани забони хоси бедилӣ ишорат фармудааст: Ин таъкидот пеш аз ҳама дар зимни он абёти шоир нуҳуфта, ки дар онҳо сухан аз эътирофи сабки мушкилписанд аз ҷониби худи шоир рафта.

Ҳатто Абулмаонии Бедил гоҳо аз ин печидагуии хеш ба навъе дифоъ ҳам мекунад ва роҳи интихобкардаи хешро ҳам бар пояи андешаҳои худ тафсир менамояд, ки қобили тавақҷуҳ аст:

Сухан бепарда кам гӯ, аз забони халқ эмин зӣ,

Чароғи зери доман нест чандон заҳмати бодаш [23,174].

Ҳадафи аслии дарки печидагӣ ва баёни мушкил дар шеър буд, ки то ҷое ашъори вай дар доираҳои муайян қобили истиқбол нагардид ва андешаҳои мухталифро рӯи фаҳму дарки матолиби шоир ба бор овард. Маҳз ҳамин гароиш ба ибҳомот ҳанӯз дар замони шоир ду назари шинохтро ба ашъори вай эҷод карда буд:

Назари аввалро метавон бозшиносии мақоми ҳунарии Бедил ва эътирофи таҷаддуди вай дар қаламрави шеър номзад кард, ки мӯҷиби зуҳури пайравони бешумори сабки нигориши шоир гардид ва ҳам заминаҳое дар маърифати ашъори ӯ эҷод кард. Дар ин зовия руҷӯъ ба гуфтори бархе аз

тазкиранигорони замони Бедил бояд кард, ки ҳунарии шоирии Бедилро арҷ гузоштаанд ва маҷмӯи ибтикорот ва тозакориҳои фикрии шоирро ба унвони инқилоби фикриву ҳунар ва чунонки таъкид шуд, усулҳои вижаи вожасозӣ ва таъбирофаринии Бедилро дар забони адабии тоҷик ҳамчун ихтироот эътироф намудаанд. Аз он ҷумла, шогирди вай муаллифи тазкираи «Сафина»-и Хушгӯ менависад, ки «дар ҳунар Бедил яке аз устодоне аст, ки аз худ сабки хосе дорад» [84, 311]. Ҷои дигар бошад мефармояд: «Бедил назире пайдо накард, то монанди вай сабке эҷод кунад» [84,311].

Ғуломалихони Озод дар «Хизонаи омира» бар он андеша мерасад, ки Мирзо Бедил пири майкадаи сухандонӣ ва Афлотуни хумнишини юнони маонӣ аст. Киро қудрат, ки ба тарзтарозии ӯ тавонад расид ва киро тоқат, ки камони бозуи ӯ тавонад кашид» [9,152]. Илова бар ин гуфта дар сифати Бедил ин байт суруда:

Расонд пояи маънӣ ба осмони нуҳум,

Баландтабъ шиносад каломи Бедилро [9,152].

Дар тазкираи дигари худ «Сарви Озод» ин муаллиф боз ҳам бо эътироф аз мақоми суханварии Бедил ҳарф зада, аз ҷумла қайд мекунад, ки «Умдаи сухантирозон ва шуҳраи сеҳрпардозон аст ва дар ақсоми назм пояи баланд ва дар асолиби наср рутбаи арҷманд дорад. Табъи даррокаш чи қадар маонии тоза ба ҳам расонида ва чи самарҳое наврас, ки аз ниҳоли қалам афшонда. Хулосаи каломаш шароби майхонаи ҳушёрон ва тиллои дастмояи комилиёрона аст. Аз оғози шуур то дами охир чашм бар симои маънӣ дӯхта ва чароғи аҷабе бар мазори худ афрӯхта [11,148].

Муҳаммад Афзали Сархуш низ дар тазкираи хеш Бедилро «саромади суханварон» унвон намуда, навиштааст: «Устоди фанн аст. Бисёргӯ, хубгӯ. Имрӯз дар Дорулхилофа кӯси рустамӣ менавозад ва доди суханварӣ ва хушхаёлӣ медиҳад...Дар ин аҳд вуҷуди ӯ муғтанамот аст [80,48].

Истиқбол аз шеваи суханварии Бедил ва васфи тариқи ӯ баъд аз даргузашташ ҳам асрҳо давом кард. Нақибхон Туғрал низ арҷи ҳунарии Бедилро дар чанде аз абёти ғазалиёти хеш таъкид намудааст. Ҳатто ин

иродатмандӣ мӯҷиби он гардида, ки ғазали комиле ба радифи «Бедил» эҷод намояд:

Баланд аст аз фалак маъвои Бедил,

Набошад ҳеҷ касро ҷои Бедил [91, 398]

Назари дувумро нигариши интиқодӣ аз Бедил ва инкори равишҳои навҷӯии вай дар қаламрави шеър метавон гуфт. Дар канори эътирофи мақоми ҳунарии Бедил гурӯҳе ин ибтикоротро нодида гирифтанд ва ба гунаҳои мухталиф арзёбӣ намуданд. Ин навъи шинохт боис гардида, ки ҷонибдорони ин назар маҷмӯан, мушкилоти шеъри Бедилро илали ноогоҳии комили вай аз қавонини забони адабӣ муаррифӣ намуда, матолиби печида ва дур аз зеҳнро бемаъниву бемоя номидаанд. Аз он ҷумла Сироҷуддин Алихони Орзу дар «Маҷмаъ ун– нафоис» менависад, ки «...Чун Мирзо (Бедил) аз роҳи қудрат тасарруфоти намоён дар забони форсӣ намуда, мардуми вилоят ва косалесони онҳо, ки аҳли Ҳиндand, дар каломи ин бузургвор суханҳо доранд ва фақир дар сиҳати тасарруфи соҳибқудратони Ҳинд ҳеҷ сухан надорад, балки қоил аст, чунончи дар рисолаи «Доди сухан» ба бароҳин собит намуда, ҳарчанд худ тасарруф намекунад. Эҳтиётан, ба ҳар қисм Мирзо Бедил ҷомеи фунуни шуаро аст, чи ғазал ва чи маснавӣ ва чи қасидаву чи рубоӣ. Ва шеъри ӯро тарзи хосе аст ва дар наср низ бемислу беназир аст. Ҳарчанд суханро ба ҷое расонида, ки чун шеъри Ҳофизи Шероз интихоб надорад, лекин аз ҷиҳати мо ашъоре, ки ба қадри фаҳми худ интихоб зада, навиштааст» [66,241]... Муаллифи «Хизонаи омира» бошад, дар тазкираи хеш менигорад: «Мирзо дар забони форсӣ чизҳои ғариб ихтироъ намуда, ки аҳли муҳовара қабул надоранд... ғайрифорсӣ, ки тақлиди забони форсӣ кунад, бе мувофиқати асл чӣ гуна мақбули аҳли муҳовара тавонад шуд» [9, 103].

Пас аз марги Бедил бошад иродатмандони вай маҳфили урси Бедилро ба эҳтиромаш барпо доштанд ва ба қавли муаллифи тазкираи «Сафинаи Хушгӯ», ки аз зумраи ин шогирдони шоир буд, ин маҳфил беш аз чиҳил сол баъд аз марги Бедил ҳам идома ёфта. Бешак, ин фосила ҳам оғози мактаби

хоси бедилшиносиву бедилрасиро дар сарзамини Ҳинд эҷод кард ва барои интишори шеъри Бедил дар марзҳои дигар нақши муассир гузошт.

Чунонки гуфта омад, назари аввал, ки ҳамчун эътироф ва истиқболи сабки бедилӣ ном гирифт, заминаҳоро ҳам барои маърифат ҳам ҷиҳати ривоҷи ин сабк дар манотиқи мухталиф эҷод карда, равиши тозаеро дар сайри таърихии бедилшиносӣ эҷод намуд, ки онро ба унвони истиқбол аз тарзи баёни Бедил метавон номзад кард.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки чун бархе аз ноқидони Бедил, ки аз аслу ҷавҳар ва сарчашмаҳои аслии шеъри вай огоҳ набуданд, даст ба интиқоди каломи шоир заданд ва ин шеваро эътироф накарданд. Чунин бархурд нисбат ба шеъри Абулмаонӣ қарнҳо низ давом намуда, ҳатто то имрӯз идома дорад. Ҳарчанд аксар тазкиранигорон ва муҳаққиқон, ҳатто донишмандони муосир аз чунин шеваи Бедил интиқод намудаанд, вале ҳанӯз роҷеъ ба сабабҳо ва заминаҳои ручуи шоир ба чунин тарзи баён ва омилҳои интисоби печидагӣ ба каломи вай изҳори назар накардаанд ва ё агар карданд ба қавли Орзу чунон гуфтанд, ки «ғайрифорсӣ, ки тақлиди забони форсӣ кунад, бе мувофиқати асл чӣ гуна мақбули аҳли муҳовара тавонад шуд». Аммо бо ин ҳама каломи Бедил ба ҳадде мақбули хосу ом гардид, ки дар тасаввури эшон ғунҷоиш надошт. Дар канори ин, таваҷҷуҳ ба забони шеъри Бедил баёнгари ин амр аст, ки огоҳӣ ва маърифате, ки Абулмаъонӣ аз таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва шохаҳои он дорад, шояд дар қаламрави забони форсӣ камтар шоиронро дар пояи ӯ метавон пайдо кард. Дар ин боби рисола фасле ҷудогона вобаста ба «фарҳанги вожа ва таъбироти мардумии девони Бедил» ҷой дорад, ки таҳқиқи муфассали матолиби марбут бар ин баҳс он ҷо ҷараён гирифтааст. Дар канори ин, донишманди эронӣ Саидаи Сирҷонӣ бо эътирофи ин ҷойгоҳи Абулмаонӣ бамаврид барои тамоми фарҳангнависони форсизабонон муроҷиат намудаву таъкид фармудааст, ки» мехоҳам нуктаеро барои муаллифони фарҳангҳои форсӣ ва ҳамкорони гаронқадрам дар «Луғатнома»-и Деҳхудо дар миён бигзорам, то чӣ қабул афтад, ё чӣ дар назар афтад. Нукта ин аст, модом, ки мутуни муътабар аз нависандагон ва

сарояндагони форсизабон дар хориҷ аз маҳдудаи ҷуғрофиёи имрӯзаи Эрон мавриди баррасии дақиқ қарор нагирифта ва луғоту таъбирот ва таркиботи мутадовил дар онҳо истихроҷ нашуда бошад, таълифи «Фарҳанги забони форсӣ» даъвои шухиомез ва агар ғалат накунам шухчашмона аст. Забони форсӣ ҳаргиз наметавонад мунҳасир ба луғот ва таъбироте бошад, ки дар осори Байҳақиву Фирдавсӣ ва Низомиву Саъдӣ омадааст. Дар утоқи густардаи ин фарҳанги куҳан гӯяндагон ва нависандагоне будаанд ва ҳанӯзам ҳастанд,ки саҳмашон дар ғанои забон ва тавсеаи маонии калимот ва ибдои таркибот ба ҳеҷ рӯй камтар аз мо ва шумо форсизабонони эронӣ нест. Намунааш? Бедили Деҳлавӣ, ки бо девони яксадҳазорбайтии пур аз нақшу нигораш бар қулуби форсигӯёни машриқи Эрон ва аз ақсои Бухоро гирифта то аъмоқи Дакан ҳукумат мекунад, ё ҳамин Садриддин Айнӣ, ки осораш дар забонҳои мухталиф милёнҳо хонанда дорад» [3,сиву ҳашт].

Сарчашмашиносии шеъри Бедил, замина ва омилҳои инқилоби фикрӣ ва ҳунарии ӯ дар ғазал ин нуктаро мусаллам месозад, ки дар баробари идомаи беҳтарин суннатҳои шеъри гузаштаи тоҷикӣ ва таҷаддуд дар роҳи ин сунани адабӣ ин суханвари мумтоз аз ҳар роҳу васила таҷрибаҳои нодир ва ҳунарваронаеро анҷом дод, ки такя бар дониш ва огоҳиҳои ӯ аз дидгоҳҳои назарии шеършиносии ақвоми мухталиф, хоса ҳиндувон доранд. Тавре дар фасли чаҳоруми боби аввали рисола зимни баррасии анвоъи авзони нодир дар девони Бедил таъкид шуд, нуфузи чунин вазнҳои шеърӣ, ки ҳатто онҳоро Хушгӯ- шогирди Бедил вазнҳои мухтареи устоди худ унвон намудааст, маҳдуд ба вусъати таҷрибаҳои корбурди баҳри комил, ки намунаҳои он дар адабиёти гузаштаи мо хеле кам аст, нест.

Дар канори ин, ба назар мерасад, ки Бедил барои таҳаввулоти шеваи баён ва забони ғазалиёти хеш аз унсурҳои муҳими балоғати қадимаи ҳиндӣ низ суд ҷуста, муҳимтарин назария ва амалияҳои онро шуруъ аз поэтикаи санскрит то назариёти аҳли балоғаи қуруни вусто дар қолиби шеъри тоҷикӣ татбиқ намудааст. Барои собити ин назар ручуъ бар чанд дидгоҳ ва назариёти марбут ба шеъри қадимаи ҳинд муҳим ба назар мерасад.

Дар навбати аввал, аксари шоирони аҳди санскрит ба пайдоиши адабиёт аз дидгоҳи забон роҳ кушодаанд. Ба ибораи дигар, онҳо иқдом намудаанд, ки вежагии хоси асари бадеиро тавассути хусусиятҳои забони он муқаррар созанд. Аз ин рӯ, дар таърихи поэтикаи санскрит дараҷаи забони асари бадеӣ ба унвони омили муайянкунандаи мақоми бадеӣ ва шоиронаи он қарор гирифтааст. Бар ҳамин асос аст, ки пайдоиши мафҳуми «поэтикаи забон» ба назариёти қадимаи санскрит нисбат дода мешавад. Ҳарчанд дар адабиётшиносии рус зиёд мавриди истифода қарор дода шудааст, аммо дар шинохти масоили назарӣ ва балоғии тоҷикӣ камтар ба ин истилоҳ бархурд дорем, чун асосан дар илми адабиётшиносии мо истилоҳи забони адабиёт, забони шеър баробар ба сабки нигориш ба кор гирифта мешавад. Вале таваҷҷуҳи амиқ ба аслу моҳияти поэтикаи забон дар адабиёти куҳани ҳинд моро ба ин андеша мерасонад, ки дар таркиби мафҳуми мазкур мавзуоти фаровоне ҷой гирифтаанд, ки агар бар мабнои он шеъри тоҷикӣ, хоса адабиёти форсизабони Ҳинд таҳқиқ шаванд, муҳимтарин ҷанбаҳои он фаротар аз он чи муаррифӣ шудааст, равшан мегардад. Албатта, навъе чунин таҷриба дар адабиёти классикии мо аз суи Ғуломалихон Озоди Балгиромӣ анҷом шудааст, ки ба он ишорат шуда, назариёти ӯ дар фасли алоҳидаи марбут ба тасвирҳои парадоксӣ таҳлил хоҳад шуд.

Беҳтарин олимони улуми балоғии санскрит, мисли Бхамаха, Дандин, Удбхата, Рудрата ва дигарон мақоми асосиро дар муайян намудани дараҷаи бадеии асар ба воситаҳои нутқ, мисли ҳарф, овоз, воситаи ороиши бадеӣ додаанд, ки дар забони ҳиндӣ ба истилоҳи алангар ифода шудааст. Дар навбати худ, ин ҳарф ё воситаҳо [аланкар] ба ду гуруҳ ҷудо мешаванд, яъне оне, ки ба шакли калима тааллуқ дорад ва оне, ки ба маънии он. [272,340]

Таваҷҷуҳ ба моҳияти аслии ин дидгоҳҳо ва омӯзиши он ин нуктаро мусаллам месозад, ки ҳатто истифодаи ҳарф, такрори он, такрори ҳиҷо, муқоиса, истиора, яъне истифодаи як калима ба ҷои дигар ва ё маънии дигар, муносибати ашё тавассути ифодаи онҳо ба воситаи калимаҳо, муболиға ва амсоли ин, ки тавассути мафоҳим ва истилоҳоти хоси ҳиндӣ ифода шудаанд,

дар поэтикаи забони шеър дар ҳинди қадим нақши калидӣ доранд. Бо гузашти фосилаҳо ва такмили назариёти забонии поэтикаи ҳиндӣ ин воситаҳо, ки ҳамчун «оростани сухан» ё ба таъбири мо дар илми адабиётшиносӣ «воситаҳои тасвири бадеӣ» такмил ёфта то ба садҳо адад расида, ҳатто ба зуҳури як самти суннатии поэтикаи санскрит маъруф бо номи «Аланкарашастра», ки онро дар забони тоҷикӣ «илм дар бораи воситаҳои тасвири бадеӣ» [таъбири русии он дар фарҳанги мавриди истифодаи мо «Наука об украшение» омада] номидан мумкин аст, омил гардид. Ин ҷо дар заминаи унсурҳои забонӣ, пеш аз ҳама ҳарфу садо ва калима ташаккул ёфтани саноеи бадеӣ равшан мегардад, ки ин матлаб ба қидмати илми балоғати ҳиндӣ таъкид меварзад. Баъдан, масъалаи нақши калидии ин ё он воситаи тасвири бадеӣ ё ба истилоҳи ҳиндии он «аланкар» дар шеър дар миёни балоғиёни ҳиндӣ чун Дандина, Вамана ва дигарон ҷараён гирифтааст, ки ин мавзӯи баҳси ҷудогона аст.

Бо ин асос, дар таркиби истилоҳи «поэтикаи забон» дар назариёти балоғиёни Ҳинд истилоҳе ба сурати «поэтикаи ҳарф», «поэтикаи калима» ҷой гирифтаанд, ки маҷмуан поэтикаи забонро такмил мекунанд. Дар меҳвари аслии поэтикаи куҳани ҳиндӣ қарор гирифтани худи «вожа «, ки сутуни асосии шеър ба шумор меравад, ҷанбаи забонии назариёти поэтикаи куҳани ҳиндиро тақвият мебахшанд.

Бо гузашти замон солҳои ҳаштодуми асри нуҳум аз ҷониби яке донишмандони улуми балоғии Кашмир Анандарвардхон рисолаи поэтикие бо номи «Дхванялока» навишта шуд, ки ҷавҳари он низ тақрири забон ба унвони аслу моҳияти поэтикаи қадимаи ҳиндӣ ба шумор меравад. Ин донишманди ҳиндӣ низ бо гузоштани калима дар меҳвари бинои шеър ба нақши муассири чандгонагии маъноии он таъкид меварзад ва ҳатто пӯшидагии муҳтавоӣ ё ба таъбири маъруф ибҳомро яке аз рукнҳои меҳварӣ унвон мекунад. Аз ҷумла ӯ навиштааст: «Чунин шеваи баён, ки дар он чизе мастур ва ба таври равшан нокушода боқӣ мемонад, шарти асосии бадеият дар гуфтор ва ё навиштор ба шумор меравад. [272,39] Вобаста ба ин,

Анандарварҳон ҳамон шеваи баёноте, ки дар он вожагон бисёрмаъно ҳастанд, ё сохтори дубуъдии маъноӣ доранд, шоиронатар унвон мекунад. Истилоҳи «Дхвана» ,ки ба номи асари Анандарварҳон пайванд дорад, низ ба ду маънӣ ҳамчун истилоҳи поэтикаи забонӣ мавриди истифода қарор мегирад, яъне аввал, «робита бо он чӣ дар ниҳоят ба вуҷуд оварда шавад», пайванди шоир дар олами хаёл бо ончӣ ӯ меофарад ва қудрати халлоқият. [272,42] Ба назар мерасад, ки дар асл ин як навъе аз шеъри куҳани ҳиндӣ ҳам аст ва ҳам баробари он истилоҳи поэтикӣ, ки баъдҳо ҳатто муродифи ифодаи маънӣ ҳамчун вазифаи баён ба кор рафтааст. [272,42] Ин ҷо равшан мегардад, ки масъалаи маънигароӣ ё маънисозӣ, такя бар маънӣ, ки яке аз шеваҳои асосии кори Бедил низ маҳсуб меёбад, сарчашма дар ҳамин назариёти куҳани ҳиндӣ дошта, ҳанӯз дар ин аҳд худи маънӣ яке аз рукнҳои меҳварии шеър дониста мешудааст.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар асари мазкур бори аввал таснифоти санъати истиора низ дода шудааст. Ончунонки қаблан ишорат шуд, калима ҳамчун истиора яке аз рукнҳои ороиши бадеии сухан дар ин айём шинохта шудааст ва пеш аз ҳама маълум мешавад, ки худи ин санъат дар даврони мазкур ҳукми яке аз асосҳои шеъриро соҳиб будааст. Таснифоти Анандарвхон асосан бо такя бар ҷанбаҳои сохторӣ ва услубии он сурат гирифтааст. Баробари ин, дар меҳвари таснифоти истиора усули ҳадди ифодаи барҷастаи ашёи тасвиршаванда қарор дорад. Бо такя бар ин муаллифи ин асар менависад: «Вақте сухан дар бораи ягон чизи боварнакарданӣ меравад, масалан дар бораи замини тиллоии мунаввар, дар ин ҷо аз рӯи шакл маърифати он чӣ бояд ба зуҳур расад, хеле муҳим аст, аз ин рӯ ҳарчанд дар ин маънии дувум нақши асосӣ дорад, аммо онро «дхвани» номидан мумкин аст: [272,45] Албатта, дар зери мафҳуми «дхвани» калимае, ки истиора шудааст, дар назар дошта мешавад.

Ҷойгоҳи калидии забон дар шеърият ё ба истилоҳ поэтика ва зуҳури мафҳуми поэтикаи забон, ки дар асл сарчашма дар назариёти балоғии санскрит ва дар умум ҳиндувони бостон дорад, баъдан дар назарияҳои

русиву аврупоӣ низ муқаррар гардид. Аз ҷумла, дар таҳқиқоти назарии олими фаронсавӣ Светан Тодоров нақши калидии забон дар шинохти вежагиҳои ҳунарии осори адабӣ муқаррар шудааст. Ба андешаи ӯ ҳар гуна асари бадеӣ пеш аз ҳама аз вожагон таркиб ёфтааст ё ба ибораи дигар тавассути калимаҳо офарида мешавад. Аз ин рӯ, ӯ адабиётро дар навбати аввал маҳсули забон ба шумор меоварад[292, 55]. Ҳамин андешаро Кадканӣ низ бо шеваи дигар дар шинохти шеър баён медорад ва чунин мефармояд: «Шеър ҳодисае аст, ки дар забон руй медиҳад ва дар ҳақиқат гӯяндаи шеър, бо шеъри худ амале дар забон анҷом медиҳад, ки хонанда миёни забони шеъри ӯ ва забони рӯзмарраву оддӣ тамоизе эҳсос мекунад [156,4].

Ҳамзамон, Стефан Тодоров дар китобе аз худ бо номи «Назарияи рамз» дидгоҳҳои аксари файласуфон, равоншиносон ва донишварони улуми адабии урупоӣ, чун Кант, Шиллер, Гёте, Мейер, Квинтилиан, Дю Марсэ, Зигмунд Фрейд ва дигаронро таҳлилу натиҷагирӣ намуда, ба натиҷае мерасад, ки вожа ҳамчун унсури таркибии забон дорои ду маънӣ аст. Аввал, ҳамон маънӣ, ки дар навбати аввал ба вожа дода мешавад, яъне он чӣ дар луғот ва фарҳангҳо тафсир ёфтааст ва онро Тодоров тавассути истилоҳи «маънии аслӣ» [«буквальный смысль] ифода намудааст [292,87]. Бо такя ба тавзеҳоти Де Марсе ин шакли маъноии калимаро ҳамчун навъи маънии аслии калима тавзеҳ медиҳад ва баробари ин назарияи Де Марсэро роҷеъ ба навъи дувуми маъноии калима «маънии маҷозӣ» [буквалный фигуральный смысль» меоварад, ки он ҳосили тафаккури инсонҳое, ки қавонини забонро хуб медонанд. Ба иборати дигар, манзур аз ин навъи маънӣ ҳамон мазмунест, ки адиб ё соҳибсухан ба он ато мекунад ва дар натиҷа калима аз асли маъноии хеш дур меравад. [439,87] Ин назария ҳамон дидгоҳҳои балоғиёни қадимаи ҳиндро дар бораи ба сурати саноеи бадеӣ даромадани вожагон ба хотир меоварад. Дар назари аввал истифодаи истилоҳи «фигуралный» дар тарҷумаи русии дидгоҳҳои Де Марсэ ҳамон санъати бадеиро ифода мекунад, яъне калимаи тавассути тағйироти маъноӣ ба санъати бадеӣ мубаддал гардида. Вобаста ба таҳлили татбиқи ин назариёт метавон заминаҳои аслии ҳузури

аносири фасоҳатбахши калом, яъне воситаҳои тасвири бадеиро ҳамчун яке аз рукнҳои аслии балоғат ҳамоно ба забон ва таркибҳои сохтории он, яъне вожа пайванд бахшид, ки шуруъ аз назариёти куҳани ҳиндӣ то асри имрӯзи урупоӣ нақши бориз дорад.

Назарияҳои мушобеҳ бар ин дар адабиётшиносии рус, хоса дидгоҳҳои мунтақидони сохторгаро ё формалистон чун Бахтин, Шкловский ва дигарон низ ҷой дорад, ки аз он ҳатто бузургтарин донишварони адабиёти форсӣ, чун Шафеии Кадканӣ ва муҳаққиқи аврупоӣ Стефан Тодоров истиқбол намуда, ғояҳои эшонро дар кишварҳои хеш талқин намудаанд. Аз ҷумла, донишманди фаронсавӣ Тодоров, ки роҷеъ ба назарияҳои Бахтин китобе ҳам бо номи «Мантиқи гуфтугуии Бахтин» навиштааст, назарияи ин донишманди русро ба гунаи зайл талқин мекунад: «Бахтин мегӯяд: Сабк он чизест, ки забонро ба бинише муҷассам ва комилан фаҳмиданӣ табдил мекунад». [123] Кадканӣ, ин назарияҳоро дар чандин аз мақолаву осори хеш аз ҷумла бахши «Растохези каламот» аз китоби «Мусиқии шеър», китоби «Забони шеър дар насри суфия»,хоса мақолае аз ин китоб таҳти унвони «Боязиди Бистомӣ ва формализми русӣ» баррасӣ намудааст. Ҳатто ба андешаи худи ӯ дар бораи назарияи шеър ҳамчун растохези каламот, сарчашма дар андешаҳои яке аз формалистони рус Шкловский дорад ва ҳатто ӯ дақиқан таъкид мекунад, ки «яке аз суратгароёни русӣ шеърро растохези калимот хондааст [156,5]. Вале дар асл таъбире ифодагари ин маънӣ дар каломи Абулмаонии Бедил низ ҷой дорад ба шакли «сури қиёмат будани калимот», ки баъдан поинтар аз ин баррасиҳои хеш Кадканӣ низ ба ин андеша ишорат фармудааст:

Бедил суханам коргаҳи ҳашри маонӣ,

Чун ғулғулаи сури қиёмат каламотам [156,5].

Дар назари аввал равшан мешавад, ки дар дидгоҳҳои шеършиносии Бедил ин назария қабл аз он ки дар адабиётшиносии ақвоми дигар ҷой дошта бошад, ҳузур дошта ва аз сӯи дигар матлаби мазкур ба иртиботи назарияҳои марбут ба таъйини унсурҳои аслии шеър дар адабиётшиносии Шарқиву Ғарбӣ таъкид меварзад.

Дар адабиётшиносии кишварҳои форсизабон истилоҳи дигаре бо номи «забони истиорӣ» ҷой дорад, ки дар асл ифодагари ҳамин маънои фавқуззикр аст ва заминаҳои аслии он ба зуҳури адабиёти ирфонии форсу тоҷик пайванди муҳкам дорад, зеро пайдоиши адабиёти тасаввуф корбурди истилоҳот ва мафоҳим хос, аз асли маъноӣ дур рафтан ва мазмунҳои ирфонӣ касб намудани калимотро авлавият бахшид. Дар баробари ин, ҳанӯз аз даврони куҳан фарҳангҳои фаровони истилоҳот ва мафоҳими ирфонӣ арзи ҳастӣ намуда, вежагиҳои забони хосаи назму насри тасаввуфӣ бар асоси назарияҳои муайян муқаррар гардиданд, ки таҳқиқоти дар ин замина анҷомдодаи пажуҳишгароне чун Шафеии Кадканӣ, Абдулҳусайни Зарринкуб, Тақии Пурномдориён, Асғари Додбеҳ, Сируси Шамисо ва дигарон бар сидқи ин матлаб далолат мекунанд.

Ҳаройина, бо таваҷҷуҳ ба масоили назарии поэтикаи қадимаи ҳиндӣ ва муқоисаи он бо ибтикороти Бедил метавон ба натиҷае расид, ки Абулмаонӣ бо огоҳии комиле, ки ба ин назариёт дорад, ҳарчанд худ дақиқан ишорате ба он накарда, аммо барои таҳаввулоти сабк ва забони шеъри худ аз онҳо фаровон истифода кардааст. Дар навбати аввал, маълум аст, ки унсури меҳварии поэтикаи қадимаи ҳиндӣ забон ба шумор меравад ва Бедил низ муҳимтарин ибтикорот ва инқилобро дар забон ба вуҷуд оварда ба қавли аҳли тазкира «чизҳои ғариб дар забони форсӣ офарид». Нуктаи дигар ва муҳим таъкиди ҷойгоҳи хосаи маонии пушида ва мубҳам дар назариёти шеъри қадимаи ҳиндӣ аст, ки шояд бо такя бар ҳамин назария Бедил низ ба истиқболи онҳо рафт ва ин роҳро дар шеъри тоҷикӣ таҷриба намуда, ба қавли худаш ба эҷоди забони бедилӣ ҳам муваффақ гардид. Пажуҳиши авомили интисоби печидагӯӣ ба шеъри Бедил, ки ин шеваро худи вай низ эътироф намудааст, дар канори дигар авомил бояд аз ин равзана низ сурат гирад, ки бегумон дар гузашта дар шумули яке аз рукнҳои аслии шеър шинохта шудани маонии мастур Абулмаониро барои татбиқ ва озмоиши ин таҷрибаҳо дар шеъри форсӣ кашонидааст.

Бо такя бар чунин авомил метавон бар ин натиҷа расид, ки Бедил чун шоирони тозаназар ва соҳибибтикор барои таҳаввули забони шеъри худ дар татбиқи чунин аркони муҳими поэтикии қадимаи ҳиндӣ иқдом намуда бошад, ки дар ҳақиқат муҷиби ба зуҳури як забони фавқулодда бо фарогирии шеваҳои хоси таркибсозиву вожаофарӣ гардидааст,ки назири он ҳатто дар миёни суханварони сабки ҳиндии ҳамрӯзгори Бедил ба чашм намерасад. Барҳақ, ба таъбири худи Бедил ин ҳамон забони бедилист, ки барои кашф ва маърифати он ҳуш мебояд.

Бар асоси чунин дидгоҳҳо ва татбиқи вежагиҳои муҳими поэтикаи қадимаи ҳиндӣ дар шеъри Бедил фаслҳои баъдии ин боби рисола ба ҳамин масъалаи поэтикаи забони шеър ихтисос ёфтааст,ки асолату воқеияти он дар сурати мақоми вожаҳои дар коргоҳи хаёли шоир [дар мисоли ***вожаи нафас***], воситаҳои тасвири бадеӣ [дар мисоли киноя ва муаммо], фарҳанги суннат, вожа ва таркибҳои мардумӣ дар девони Бедил ба риштаи таҳқиқ гирифта мешавад. Албатта, роҷеъ ба масъалаи аввал, мавқеи вожа дар коргоҳи хаёли шоир, ки ҳамоно моро ба ёди нақши калидии калима дар поэтикаи суннатии ҳиндӣ мебарад, дар девони Бедил роҷеъ ба чандин аз чунин вожагон чун «**мисли оина, мавҷ, гавҳар, ваҳдат, ҳайрат, касрат, фақру фано»** ва амсоли инҳо метавон изҳори назар намуд, ки дар доираи ҳар яке аз инҳо маъниофариҳои шоирона анҷом ёфтааст. Албатта, нуктаи назарҳое аз ҳар дидгоҳ дар мавриди ин вожагон дар таҳқиқоти бархе донишмандон изҳор шудааст ва дар рисолаи мо асосан ин мавзуъ дар мисоли вожаи ***нафас*** мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

ФАСЛИ ДУВУМ. ВОЖАҲОИ ХОС ДАР КОРГОҲИ ҲУНАРИ ШОИРӢ ВА МАЪНИОФАРИҲОИ БЕДИЛ

(Дар мисоли вожаи нафас)

Мутолиаи девони Бедил ин нуктаро мусаллам мегардонад, ки дар аксари сурудаҳои шоир вожагоне чун оина, нафас, мавҷ, ваҳдату касрат, ҳайрат, ранг ва амсоли ин басомади фаровон доранд. Ба таъбири дигар, нуфузи инчунин вожагони ба таъбири доктор Абдулғанӣ «нозпарвард»-и Бедил дар баробари муассир омадан дар маъниофариҳои шоир дар коргоҳи хаёли ӯ ба зуҳури таъбиру таркибҳои шоиронаи фаровон омил шудаанд. Шоир ҳарчанд чунин вожагонро зиёд ба кор мегирад, аммо иқдом бар он мекунад, ки дар заминаи корбурди онҳо аз такрори маънӣ дурӣ ҷуста, бар он калимот маонии тозаи шоирона бахшад, ки ин амр ба ҳунари шоирии суханвар дар мазмунсозӣ перомуни як вожа таъкид меварзад.

Роҷеъ ба ҷойгоҳи ҳар яке аз ин вожагон дар коргоҳи маъниофаринӣ ва таркибсозии Бедил метавон ба сурати ҷудогона баҳсу баррасӣ анҷом дод. Ҳамзамон бояд таъкид дошт, ки дар мавриди бархе аз ин вожагон аз ҷумла оина, ваҳдат, ҳайрат ва амсоли ин дар пажуҳишоти донишмандоне чун доктор Абдулғанӣ, Шафеи Кадканӣ ва дигарон изҳори назар шудаанд. Дар ин фасли рисола иқдом бар он хоҳад шуд, ки дар мисоли вожаи нафас ҷойгоҳи чунин калимоти хос дар коргоҳи маънисозӣ ва хаёли Бедил ба риштаи таҳқиқ гирифта шавад. Фузун бар ин, тавре ба мақом ва ҷойгоҳи худи калима дар назарияҳои балоғиёни куҳани ҳиндӣ ва афкори шеършиносии донишварони шарқиву ғарбӣ ишорат рафт, дар мисоли баррасии вожаи «нафас» нақши муассири калима дар эҷоди падидаҳо ва арзишҳои адабиву бадеии ашъори Бедил ва мақоми шоир дар тозакориҳои тавассути корбурди вожагон, офариниши таркиб ва калимаҳои мураккаб, таъбирҳои шоирона бар асоси ҳамон як вожаи меҳварӣ ба риштаи таҳқиқ гирифта хоҳад шуд.

Нафас дар сурудаҳои Бедил дар шумори вожагоне ҷой мегирад, ки басомади фаровон дорад ва бо корбурди он Абулмаонӣ ба сохтани тарокиб,

калимоти мураккаб таҳаввули маонии мухталиф мушарраф гардидааст, ки назирашон дар адабиёти пешини форсӣ камтар ба мушоҳида мерасад. Соири луғатномаҳои форсӣ ин калимаро ба маънии даме, ки муҷиби ҳастии инсон гардидааст, тавзеҳ додаанд. Дар шеъри Мирзо Бедил ҳам маънии меҳварии вожа ҳамин дам, лаҳза аст, аммо шоир бар асоси корбурди ин калима тарокиб, ибороти фаровони тозае офаридааст, ки ҳамагӣ маҳсули тафаккури шоирии ӯ буда, маъонӣ ва матолиби мухталиферо дар худ ғунҷоиш додаанд. Аз сӯи дигар, дар зимни истифодаи шоирона аз ин калима вижагӣ ва аносири марбут ба ҳамин лаҳза ё фурсат, ки нафас ном гирифтааст, таҷассум пайдо намудаанд.

Дар шеъри Бедил вожаи «*нафас*» бештар дар пайванд бо «оина» зуҳур мекунад ва теъдоде аз тарокибе ҳам ки шоир офаридааст, бо канори ҳам гузоштани ҳамин ду вожа – «нафас» ва «оина», ки аз мустаъматарин калимоти шеъри Абулмаонӣ маҳсуб мешаванд ва дар кашфи пайванди маънавии ин ду мафҳум сурат пайдо кардаанд. Дар байти нахуст, ки ба таҳлилаш хоҳем пардохт, ду таркиби созмонёфта тариқи корбурди мафҳуми нафас: «нафаси вопасин» ва «оина ҳар нафас нанамудан» ба мушоҳида мерасад:

Тимсоли мо ҳамон нафаси вопасин бас аст,

Оина ҳар нафас нанамоӣ дучори мо[42,4].

Бо ҳадафи тақрири ҷойгоҳи маъноии вожаи нафас дар шеъри Бедил ва мазмунофариҳои тозаи шоир тавзеҳи куллии тарокиб ва вожагони ҳар абёти шоҳид аз сар гирифта хоҳад шуд. «Тимсол» дар луғат ба маънии сурат, нақш маънидод гардидааст. Дар шеъри Бедил ин вожа асосан мазмуни суратеро ифода мекунад, ки сират надорад, яъне ҷисми беҷон, нақш ва амсоли ин. Имкон дорад, ки тимсол дар шеъри Бедил ба маънии ҷисми берӯҳ ва ё сувари дар муқобили равон ё рӯҳ қарордошта, яъне аз аносири ҳастии инсон маънидод шавад. Тавзеҳи маънии луғавӣ ва ҳам мавриди назари Бедил аз калимаи тимсол бо корбурди вожаи нафас пайванде дорад, зеро чунонки гуфта омад, дар ин байт ду таркиб тавассути вожаи нафас сохта шуда, ки

аввали «нафаси вопасин» ба маънии нафаси охирини умр мебошад ва ин нафас бо вожаи тимсол, ки ҷисми берӯҳ аст, иртиботи маъноӣ дарёфт менамояд. Иттисоли ҳар ду вожа таркиберо дар ин байт ба сурати «нафаси вопасин будани тимсол» эҷод кардааст, ки маънои сурати аслии зиндагии инсон будани нафаси лаҳзаи маргро баён медорад. Мурур ба умқи матлаби нуҳуфта дар ин таркиб метавонад ҳузури ду маъниро дар батни он кашф созад: аввал ин ки сурати аслии инсон дар вопасин лаҳзаҳои умр ҷилва мекунад, зеро танҳо дар ҳамин фурсат ӯ ба дарки моҳияти зиндагӣ ва кутаҳ будани давоми он мерасад. Ба таъбири дигар, инсон танҳо дар вопасин нафас ба дурустӣ дарк мекунад, ки ӯ зиндагӣ карда буд ва суде аз ин зиндагӣ бардошт ё на. Дуввум, аз нигоҳи фалсафӣ оғозу анҷоми зиндагии инсон якранг аст ва инсон дар кӯдакӣ ҳам ҳамон аст ва дар пирӣ ҳам. Ба таъбири Бедил ҳақиқати ҳастии мо, яъне тимсоли мо ҳамин нафаси вопасини умр метавонад бошад. Афзуда бар ин, дар лаҳзаи вопасин чун равони инсон аз ин тимсол бурун равад, боқӣ ҳамон сурат ба танҳоӣ бимонад. Ба ҳамин хотир, Бедил нафаси вопасинро ҳастии тимсоли инсон мешиносад, ки баёнкунандаи асли моҳияти тамоми рӯзгори инсон мебошад. Дар адабиёти классикии тоҷик аксаран шуаро фурсати умрро «як нафас» шуморидаанд, ки дар як мижа задан ва дар фосилаи баромадани як нафас тай мешавад. Худи Бедил ҳам зиёд аз ин маънӣ истифода кардааст. Аз ҷумла, ҷое мефармояд:

Ашк як лаҳза ба мижгон бор аст,
Фурсати умр ҳамин миқдор аст [22,233].

Таркиби дигаре, ки бевосита бо корбурди маъноӣ ва зоҳирии вожагони оина ва нафас Бедил офаридааст, **оина ҳар нафас намудан** мебошад, ки ба маънии ҳар лаҳза оинадорӣ кардан, ҳар дам тимсолеро пеш овардан истифода шудааст. Бо такя ба ин мӯҳтавои таркиби мисраи дувум ва истиқрори пайванди он ба мафоҳим ва мазмуни мисраи аввал метавон ҳосили сухани Бедилро чунин тавзеҳ дод, ки мисоле барои дарки моҳияти зиндагӣ барои мо худи нафаси охирин бас аст. Аз сӯи дигар, дар вусъати таъбири мазкур моҳияти амали махсус нуҳуфтааст. Дар гузашта расм буд, ки вақте инсон дар

дами марг қарор мегирифт, пешорӯи ӯ оина мегузоштанд ва агар дар рухи оина аз нафас ғуборе пайдо шавад, ин далели зинда будани инсон аст, вагарна яқин ҳосил мекарданд, ки ӯ аз олам гузаштааст. Ба таври куллӣ ва бо муқаррар намудани таносуб андар маонии се вожаи махсуси мустаъмал, онро ба таври зайл метавон ташреҳ кард:

Барои вуҷуди тимсоли мо мисолҳои ҳар лаҳзаи зиндагӣ далел буда наметавонад. Агар инсон ҳамеша худ мутаваҷҷеҳ ба оина аст, тимсоли оинагии ӯ дар ин ҳолат асолати тимсоли воқеиашро бозгӯ карда наметавонад. Ба ин вақҳ, танҳо нафаси охирин қодири тақрири тимсоли инсон аст, чун дар ин лаҳза бо рафтани ҷон сурати холӣ боқӣ бимонад. Шоир таъкид мекунад, ки бо дучор намудани оина дар лаҳзаҳои ҷудогонаи умр тимсоли аслии инсонро шинохтан имкон надорад, танҳо нафаси охирин вақҳи ин маърифат буда метавонад. Чун дар нафаси охир оина аз вуҷуҳи муҳим барои ташхиси бақои нафас ва тафриқаи маргу зиндагӣ мебошад. Ба ин хотир шоир таъкид мекунад, ки нафаси охир ҳамчун далел барои бозгӯии ҳолати мо кофист ва ниёз ба доштани оина баҳри ташхиси ҳастии нафас наменомад.

Дар ин байт вожаи «нафас» ба ду маънӣ истифода шуда: нафаси аввал, ки дар таркиби ибораи «нафаси вопасин» омада, ба маънии нафаси аслӣ, ки дар лаҳзаи охирин инсон мекашад ва ҷон аз бадани ӯ меравад. Дар таркиби ибораи «ҳар нафас», ин калима ба маънии лаҳза, фосила ва ҷараёни умр корбандӣ шуда, ки матлаби шоир аз вусъати байт рӯшан мегардад. Аммо дар шеъри Бедил вожаи нафас ба маънии умр бештар ба кор меравад, зеро дар фалсафаи Бедил зиндагии инсон иборат ба маҷмӯии нафасҳост, ки бо хамупечи он фурсате аз рӯзгори мо ба сар мешавад ё ба таъбироти Бедил ҷамъият,яъне хотири ҷамъи моро ошуфта гардонида,ҳар лаҳза аз қасри умр хиштеро меканад.

Ҳамин гуна, тавзеҳи маъноии байти боло яке аз омилҳои пайванди маъноии оина ва нафасро бозгӯӣ мекунад ва аз сӯи дигар чунонки гуфта омад, ба корбурди вуҷӯҳот ё махсусиятҳои ин ду мафҳум дар сурати расми роиҷи қадимиён ишорат мекунад. Аз назари дигар, пайванди нафас ва оина,

ки тадоъӣ ба лаҳзаи охирини умр мекунад, муҷиби зуҳури абёти фаровоне дар девони Бедил гардидаанд. Ин амр боис омадааст, ки дар шеъри Бедил бар асоси иртиботи нафас бо оина таркиб ва ибораҳои бешуморе арзи ҳастӣ намоянд. Аз ҷумла дар байти зер таркиби «нафасозмо» ва ибораи «оинаи нафасозмо» ба ҳамон маънии қаблан мазкур ба зуҳур расидаанд:

Ба ғурури ҳастӣ эй субҳ, магузар дар ин гулистон,

Ки сад оина ба роҳат нафасозмо нишаста [38,1234].

Калимаи **«нафасозмо»** ин ҷо ба ду маънӣ аст, маънии аввал дар робита ба оина он аст, ки оинаи нафасозмо ҳамон оинаест,ки ҳастии зиндагониро муқаррар мекунад. Ин ҳамон оинаи фурсати охири умр аст, яъне нафасро мавриди санҷиш қарор медиҳад, ки он ҳаст ё на. Маънии дигар, ифодакунанадаи фурсати андаки ҳастӣ, киноя аз бебақо будани худи ҳастӣ ва ҳар чи дар он аст. Аз ин рӯ,ҳосили маънӣ он аст, ки Бедил ба субҳ таъкид мекунад, ки аз гулистон бо ғурур магузар, ки дар роҳи ту ҳазор оинаи нафасозмо қарор дорад,яъне дар раҳи ту ҳар сари қадам ваҷҳи шикаст ва адами ту зоҳир аст. Тимсоли субҳ ҳамон инсон аст, ки ба таъкиди Бедил бояд аз ҳама ғуруру маниҳо озод бошад,чун ҳар қадами зиндагӣ метавонад ин ҳама такаббуру қудратро ба андак фурсат ё ба як нафас кашидан аз миён бубарад.

Гоҳо дар шеъри Бедил нафас роҳи давоми умр аст, ки метавонад дар ҳар лаҳза қатъ шавад. Ба таъбири дигар, ҳамин нафас аст, ки умри инсонро бо ҳаракати худ кутоҳ мекунад ва хотири ҷамъи ӯро парешон мегардонад. Зеро дар як он аз ҳаракат бозмондани он муҷиби қатъи зиндагӣ мегардад: Масалан дар абёти зер ин маонӣ зуҳур меёбад:

Нафас ошуфта медорад, чу гул ҷамъияти моро,

Парешон менависад килки мавҷ аҳволи дарёро [41,139].

Нафас ҳар дам зи қасри умр хиште меканад Бедил,

Пайи таъмири ин вайрона меъмор инчунин бояд [41, 628].

Дар ин ду байт нафас василаи тай шудани умр ва роҳест, ки инсонро ба

адам мебарад. Шоир дар байти аввал таъкид дорад, ки нафас хотири ҷамъи моро парешону ошуфта мекунад, ба хотири он ки дар ҳар як лаҳзаи ҳастии худ фурсате аз умрро кам мекунад. Ин маънӣ дар байти дувум ба сурати **хиште кандан аз қасри умр** баён шудааст.Ин ҷо нафас меъморест, ки бо ҳузури худ дар зиндагонии мо хиште аз бинои зиндагонии моро мерабояд, яъне лаҳзае аз умрро бо худ мегирад ва фурсати рӯзгори моро коҳиш дода, муддати зиндагиро ба адам қариб месозад. Ба таври куллӣ акнун «нафас» ба маънии василаи кутоҳкунандаи умр ва ошуфта нигоҳ доштани хотири ҷамъи инсон ба иллати дар ҳастии худ роҳро ба адам наздик кардан истифода шудааст Дар шеъри Бедил метавон ба абёти фаровоне дучор омад, ки нафас ба маонии мазкур корбурд шудааст. Зикри намунаи дигаре аз ин қабил абёт баёнгари ваҷҳи субути ин андеша аст:

Мебояд аз дасти нафас ҷамъияти дил бохтан,

То реша бошад, метанад оворагӣ бар донаат [41,201].

Ин ҷо қаробати маънӣ бо ҳамон таркиби байти боло «нафас ошуфта медорад, чу гул ҷамъияти моро» ҳувайдост ва фақат шоир дар мавриди такрори айнии ибораи қаблиро фурӯгузорӣ намуда, маъниро дар қолиби таркиби тозаи дигар «ҷамъияти дилро аз дасти нафас бохтан», яъне аз боиси нафас хотири ҷамъи худро аз даст додан баён сохтааст.

Дар байти зер, ибораи ***«нафас дар хун тапидан»*** ба кор рафтааст, маънии азияту ранҷи зиёд кашидан ё муодили хуни дил хурдан,ба душворӣ ҷавоб гуфтанро дар худ таҷассум намудааст. Мурруре ба тафсири ин байт маънии дигари вожаи нафас ва басомади таркибсозӣ ва ҳам маъниофарӣ тавассути ин калимаро равшантар месозад:

Ба дил гуфтам: «Кадомин шева душвор аст дар олам»,

Нафас дар хун тапиду гуфт: «Поси ошноиҳо» [41,30].

Шева дар луғат ба маънии роҳ, равиш тариқ мебошад. Ба иқтизои матлаби байт ин вожа дар шеъри Бедил ба маънии амал, кирдор, қоидаву одоби хоси инсонӣ, рукни сулуки маънавӣ корбандӣ шудааст. «Дар хун тапидани нафас» баёнгари маънии хун хурдани дил, риёзат кашидани дил,

дар худ фурӯ рафтани дил аст. Чун асолати инсон дар дил аст ва ҳастии ӯ ба нафас побарҷост, дар шеъри Бедил имкон дорад, ки нафас гоҳе худи мафҳуми дилро ифода намояд, ончунонки бештар маънии умрро низ баён месозад.

Ибораи «ба дил гуфтан» ду маънӣ дорад: маънии аввал аз худ пурсидан аст, тавре гуфтем, чун асли инсон дили ӯст. Маънии дувум, аз худ дар танҳоӣ зери лаб суол кардан, бо худ гуфтугӯ кардан бошад, ки ин маънӣ ҳам наздик ба маънии аввал аст. Ба ин маънӣ ибораи мазкур дар гуфтори мардумӣ бо шаклҳои «зери лаб сухан кардан», «ба таҳи дил такрор кардани чизе», «худ ба худ гап задан» низ дучор меояд. Фузун бар ин урафо мӯътақиданд, ки дар вуҷуди инсон «ман»-ҳои зиёде мавҷуданд, ки ҳар яке ба зоти худ як нафар инсонро дар вуҷуди ҳамон шахс муаррифӣ карда метавонанд. Зуҳури «ман»-ҳои андарунии инсон пеш аз ҳама баста бар сифоти ҳамон инсон аст, ки аз ӯ берун оянд. Агар сифоти ҳамидаи инсонӣ дар набарди миёни манҳои ботинии инсон пирӯз шаванд, он гоҳ шахсияти ҳамон инсон ба сурати як нафари соҳиби ахлоқи ҳамида зуҳур кунад ва мавсум ба унвони инсони меҳрубон, хоксор, ғамхор, самимӣ, раҳим ва амсоли ин гардад. Ва баръакс, нуфузи сифоти бадӣ «ман»-ҳои замимаро дар вуҷуди инсон буруз мебахшад. Аз ин рӯ вақте Бедил аз дил [яъне худ] суол мекунад, дар ин ҳолат танҳо «ман»-е қодири гуфтани посух ба ин суол аст, ки асли маънавӣ ва ҳақиқати инсонро шинохтаву то ба ҷое расидааст. Ҳамин тавр, Бедил дар ин байт таъкид бар он дорад, ки аз худ пурсидам, ки душвортарин амал ва шеваи зиндагӣ дар ин олам кадом аст. Аз фаросӯҳо, яъне он сӯи асолати «ман», ки ҳақиқати инсону оламро шинохтааст, баъди риёзат ва тааммулу тафаккур посух омад, ки шинохтани қадри дӯстиву рафоқат ва арҷ гузоштани фурсати ошноӣ душвортарин шеваи умр аст. Ин посухро нафаси дар худ тапида изҳор медорад. Мурур ба мӯҳтавои куллии байт, ки дар Бедил аз худ, яъне дил суол мекунад ва нафас ба он посух пайдо мекунад, метавон натиҷа гирифт, ки ин ҷо нафас ҳам тимсоли дил ва ҳам асолати инсонро ифодагар аст. Чун ҳақиқати дил ва вуҷуди инсонро нафас ба зуҳур расонад ва ҳақиқати инсонро дил, ҳамин иртибот тимсоли ҳамдигар будани вожагони «дил», «нафас» ва

«худ»-и инсонро собит месозад Муҳтавои ниҳоии байт он аст, ки ба назари Бедил дар ин ҷаҳони омадшуд душвортарин амал шинохтани қадри дӯст ва дӯстӣ аст, ки чизе ба гарди домони ин рафтори олии инсонӣ намерасад.

Бо истифода аз вожаи «нафас» дар шеъри Бедил калимоти мураккаб ва таркиботи зиёде ҳосил гардидаанд ва ин равиши вожасозӣ ва лафзтарошӣ калимаи «нафас»-ро, ки дар меҳвари он тарокиб ва вожагон қарор дорад, ба шумори вожаҳои дӯстдоштаи шоир шомил кардааст. Бо чанде аз ин тарокиб ва вожагон мурур мекунем:

Дар нолаи хомӯшнафасон маслиҳате ҳаст,

Эй софии матлаб нафасе занг бурун о [36,2].

Ин ҷо ду ибора бо истифода аз вожаи нафас ба чашм мерасад. Аввал нолаи хомӯшнафасон», ки парадоксӣ аст ва «нафасе занг бурун омадан» аст, ки ҳар дуро тавзеҳ менамоем.

Нолаи хомӯшнафасон – ибораи ғайримунтазира ё дар истилоҳи адабиётшиносӣ парадоксӣ аст ва ба маънии зикру риёзати забонии орифон истифода шудааст. «Хомӯшнафасон» дар ин ҷо киноя аз сӯфиён мебошад ва аз диди сохторӣ маълум мешавад, ки вожаи нафас ба таркиби калимаи мураккабе ҳамроҳ бо вожаи дигар ворид гардида маънии нав офаридааст, ки он бешак сохтаву офаридаи худи Бедил маҳсуб меёбад. Ёдовар бояд шуд, ки таркиби мазкур ба иртиботи таъсири фалсафаи Ҳинди қадим созмон ёфта ва манзур аз он касоне бошанд, ки иштиғол ба риёзати забти нафас доранд. Фузун бар ин дар шеъри Бедил чаҳор зинаи камолоти орифона дар сурати хилват гузидан,хомӯш нишастан, чашм бастан ва нафас сӯхтан муқаррар шудааст, ки ин хомӯшнафасон ҳамон орифони дар мақоми ниҳоии ирфонии Бедил расида бошанд.Тафсилоти моҳият ва мазмуни ирфонии ин зинаҳои камолоти маънавии инсон дар фалсафаи Бедил поёнтар тавзеҳ хоҳад ёфт.

Пас, маънии дигари «нафас» дар батни ибораҳои «нафас сӯхтан» ва «забти нафас» ҳамин диди орифонаи Бедил аст, ки ориф дар он мақом ҳатто нафас гирифтан аз оламро навъе тааллуқ медонад ва ҳамин амр боис шуда, ки тамрини нафас навъе мақоми раҳоӣ аз қайдҳои зиндагонӣ ба шумор

омадааст. Ҳамин тавр, ибораи **«Дар нолаи хомӯшнафасон маслиҳате будан»** маънии рамзе доштани риёзати сӯфиёни мартоз, дастуре,ҳидояте,сабақе касб кардани забти нафаси орифони дар мақоми хомӯшии нафас қарор доштаро ҳувайдо намудааст. Ба истилоҳи сӯфиён риёзати шоққаи сӯфиёни нафассӯхта ҳидоятеро барои расидан ба ҳақиқати кулл соҳиб аст. Барои ошкортар гардидани маънии ин вожа ва ҷойгоҳи калимаи нафас дар ин байт ба тафсири таркибҳои дигари он ручуъ мекунем:

СОФИИ МАТЛАБ – матлаби рӯшан ва аниқ, киноя аз сӯфии соф.

НАФАСЕ ЗАНГ БУРУН ОМАДАН - киноя аз мармуз шудан, печидаву мавҳум шудан, то ки барои дарки он тааммул аз худ зоҳир шавад. Ба иртиботи ин маънӣ, ҳосили сухани шоир он аст, ки дар асрори сӯфиёни ба забти нафас иштиғол дошта низ тафаккур, андеша, рамз ё сабақи махсуси раҳнамояндае нуҳуфтааст. Аз ин рӯ, ба таносуби ин дар мисраи дувум тамсиле омада, ки муроҷиат ба сӯфии ҳувайдокунандаи асрор мекунад. Яъне матлаби худро пӯшидаву ниҳон дор, то асрор ошкор нагардад. Зеро дар он нуҳуфтагиву мармузӣ низ мазмуни қавӣ ва ҳосили баланди тафаккур маҳфуз аст. Ба сурати умумӣ ва дар танҳоӣ агар ба вожаи **«нафас»** дар ҳолати дувум дар ин байт бингарем, он ифодагари лаҳзае, даме, фурсатеро дорост.

Дар мавриди дигар Бедил бо корбурди вожаи нафас иборае ба сурати «тозиёна доштани нафас» сохтааст.

Ҷаҳон гаронхези норасоист, агар на дар арсагоҳи ибрат,

Нафас ҳамин тозиёна дорад, к-аз ин макон чу саҳар бурун о [36,3].

Шарҳи куллии тарокиби ҷойгузин дар ин байт ҳам ваҷҳи муқаррарсози маънии «нафас» ҳам дар таркиби ин ибора ва ҳам дар таъйини мазмуни куллии байт маҳсуб мешавад.

АРСАГОҲИ ИБРАТ – аслан ҷое, ки ибрат омӯзанд, чун макони аслии ибратомӯзӣ дунё бошад, пас ин ибора киноя аз дунё низ маҳсуб мешавад:

ТОЗИЁНА ДОШТАНИ НАФАС дар назари аввал манзур зарбаҳои нафас мебошад, ки лаҳза ба лаҳза моро ба марг наздик месозанд. Ин ҷо маълум мешавад, ки ибораи «тозиёна доштани нафас» қаробати маъноии

вожаи мавриди назарро ба мазмуни фалсафии он, ки қаблан ҳамчун ошуфта доштани хотири ҷамъ ба иллати ба адам наздик намудани инсон дар ҳар фурсати зуҳур тафсир гардид, таъкид месозад. Ба ибораи дигар, ҳузури ин таркиби сохта тавассути вожаи «нафас» онро ҳамчун василаи қурбат ба адам маънидод мекунад.

Ибораи боқимонда дар ин байт **«чу саҳар бурун омадан»** аст, ки он ҳам дар пайванд ба ибораи «тозиёна доштани нафас» ба ду маънӣ зуҳур карда: 1. Покизаву мусаффо ва орӣ аз ҳама гардҳо бурун омадан: 2. Оҳиста-оҳиста бурун омадан, зеро ҳар қадаре нафаси инсон зуд- зуд занад, ҳамон андоза фосилаи марги ӯ наздик мешавад.,Ба ин хотир таъкиди шоир ба он маънӣ аст, ки ба сони нафаси дамидани саҳар, ки оҳиста- оҳиста метапад, ту низ оҳиста – оҳиста нафас каш. Дар ақидаи сӯфиёни Ҳинд таъкид мешавад, ки Худованд умри инсонро аз рӯи шумори нафасҳои ӯ муқаррар месозад. Аз ин нигоҳ, як рукни машқи риёзати ин сӯфиён забти нафас буд, ки ҳар ки дер – дер нафас бигирад, умри дароз насиби ӯ гардад. Дар ин байт низ то андозае таъсири ин тафаккур ба мушоҳида мерасад:

Дар байти зер бошад, таркиби «**як нафас тапиш**» зоҳир шудааст, ки истиораи фосилаи умр, зиндагӣ мебошад:

Тай шуд ба ваҳм умр чӣ дунё, чӣ охират,

Ӡ-ин як нафас тапиш ба куҷоҳо задем по [36,4].

Ба чанд ибораи дигаре мурур мекунем, ки дар онҳо нафас ҷойгоҳи меҳварӣ дар тайъини маъно дорад:

Чун қофилаи умр ба дӯши нафасе чанд рафтан – ба рӯи нафас гузаштани фурсати умр, дар чанд нафас тай шудани умр:

Чун қофилаи умр ба дӯши нафасе чанд,

Рафтем ба ҷое, ки хабар нест хабарро. [36,6]

Ибораи **«чанд нафас»** метавонад ба ду маънӣ фаҳмида шавад: аввал ин ки «чанд нафас» маънии чанд лаҳза, чанд муддатро дорад. Аммо вақте Бедил мегӯяд, ки «ба дӯши нафасе чанд рафтан» аллакай ин ҷо маънии ибора тағир меёбад ва мазмуни то чанд ба дӯши нафасе, яъне фосилаи кутоҳи умр

рафтанро баён месозад.

Ба нафас бастани чоки ҷигар – умрро ба риёзати афзун супоридан, ба ранҷи зиёд гирифтор шудан:

Бедил чу саҳар дам мазан аз дарди муҳаббат,

То ин ки набандӣ ба нафас чоки ҷигарро [36,7].

Хуруши аз нафас ангехта – шӯре, ки аз нафас барпо шавад ва мурод аз ин нафас умр низ бошад:

З-ин хурӯше к-аз нафас ангехтем,

Бар қиёмат қаҳ - қаҳ овардем мо [36,6.]

Ҳосили сухани Бедил дар зимни корбурди хурӯши аз нафас ангехта он аст, ки шӯри нафаси мо ба ҳаддест, ки мо ба ҳоли шӯри қиёмат қаҳ-қаҳ задем, яъне ханда кардем. Ибораи бар қиёмат қаҳ-қаҳ овардан ба маънии бар ҳоли шӯри қиёмат аз уруҷи шури нафаси худ ханда кардан аст.

Намунаҳои дигаре аз тарокиб ва вожагони офаридаи Бедил тавассути корбурди «вожаи нафас» -ро мурур мекунем:

«Қиёмати тӯфоннафас»- киноя аз олами инсон, дунё ва ҳам вожаи мураккаби тӯфоннафас сурате аз калимоти сохта бо нафас ба маънии нафаси тӯфонӣ дошта, пуршур, пуртазод, мавҷхез ва монанди ин аст.

Аз ин қиёмати тӯфоннафас магӯю мапурс,

Куҷост одамӣ, оташ ба олам афтодаст [36,364].

Ҷои дигар Бедил наздик ба ин маънӣ гузари басуръати умрро тавассути таркиби **«фусуни нафас»** баён намуда, қариб ба таъбири дар мисраи аввали байти боло ҷой гирифта- «аз ин қиёмати тӯфоннафас магую мапурс» ибораи «аз фусуни нафас магӯю мапурс» офаридааст:

Аз фусуни нафас магӯю мапурс,

Хок ногашта мебарад бодам.[37, 881].

Барои ифодаи айни ин маънӣ дар байти дигар Бедил таъбири **«инқилоби бинои нафас»** офаридааст:

З-инқилоби бинои нафас магӯю мапурс,

Гусаста буд танобе, ки дошт меъморам. [37,898].

Гарди нафас: - зарраи нафас, андаке аз нафас,

Чун саҳар гарди нафас бар осмонҳо бурдаем,

Бетанобӣ хаймаи мо то куҷо бардоштааст. [36,366]

То нафас боқист: - то умр боқист, нафас ин ҷо ба маънии умр аст ва ин таркиб дар гӯйши тоҷикон ба ҳамин шакл истифода мешавад. Ибора «то ҷон дар бадан доштан» низ ба ҳамин маънӣ маъмул аст:

Авҷи ҳиммат то нафас боқист, пастӣ мекашад,

Бигзарӣ з-ин нардбонҳо, то расӣ бар манзарат [36,374]

Шакли дигари ин таркиб ба сурати «то нафас ҳаст» ҳам дар байте дигар аз Мирзо Бедил зуҳур кардааст:

Мову ман ҳеҷ кам аз наъраи мансурӣ нест,

То нафас ҳаст, ҳузури расану доре ҳаст [36,238]

Дар байти матлаи ҳамин ғазал ин таркиб ба сурати ибораи шоиронаи **«Табу тоби нафас»** ва **«аз ҷинси тобу таби нафас осоре будан»** даромадааст, ки дар асл ҳамон маънии нафас боқӣ будан ва асаре аз ҳастии нафас мавҷуд доштанро дорад:

То зи ҷинси табу тоби нафас осоре ҳаст,

Ишқро бар дили савдозадаам коре ҳаст. [36,238]

Як нафас афзун- ба маънии афзудани фурсат, бештар гардидан:

Эй ҳубоб, аз сифри авҳом ин қадар болидаӣ?

Як нафас дигар бияфзо, гар наёяд боварат. [36,374]

Омаду рафти нафас- дар асл кашокаши нафас дар назар аст ва фурсати умр бошад, ки маҷмӯан аз дарунсӯ рафтан ва берунсӯ омадани нафас бошад.

Омадурафти нафас, Бедил қиёмат доштаст,

Пушту рӯи як варақ карданд чандин дафтарат. [36,374]

***

Омадурафти нафас гарди паи яктоист,

Кас дар ин қофила аз хеш муқаррар нагузашт. [36,401]

Нафас задани ҳастӣ- зуҳур кардани ҳастӣ, пайдо шудани ҳастӣ

Тарфе аз домонаш афшондаанд, ҳасти зад нафас

В-аз хиромаш ёд карданд оби ҳайвон рехтанд. [36,425]

Бенафас гаштан- ба фано расидан ва дар фалсафаи Бедил мурод ҳамон забти нафас, тамрини нафас ҳам ҳаст,ки ба хотири вораҳидан аз ҷамъи тааллуқ солики роҳ ба анҷом расонад ва ҳамин ҳолати бе нафас гаштан метавонад, ки инсони роҳравро комилан аз қайдҳои дунёӣ озод намояд. Дар таъбири **ба урёнӣ кашидан** ҳам матлаб ҳамон аз тааллуқот комилан ворастан мебошад. Дар мисраи дувум таркиби «ришта аз пироҳани мо кашидан» истифода шудасаст, ки манзур ҳамон урёни кашидан, яъне аз тааллуқ ворастан бошад, чун бар асоси кашидани ришта пироҳан боз мешавад ва мақоми урёнии манзури Бедил ҳосил шавад, чун ин ҷо манзур аз пероҳан ҳамон василаи тааллуқ бошад:

Хоҳад охир бенафас гаштан ба урёнӣ кашид,

Муддате шуд ришта аз пироҳани мо мекашанд. [36,443]

Дар байти зер ҳам таркиби **бенафас гаштан** ба маънии расидан ба адам, аз олам даргузаштанро ифода кардааст:

Метоз чандин пешу пас, то он ки гардӣ бенафас,

Чун арра бояд рехтан дар кашмакаш дандонаат [36,01]

Шеваи нафас ба монанди арра пешу пас рафтан аст, то ба адам бирасад. Арра ҳам чун нафас дар ниҳояти пасу пеш рафтани худ, дандонаҳояшро мерезад ва адами арра ҳамин рехтани дандонаҳои ӯст.

Мавриди дигар Бедил ибораи **«ҷома пӯшидани нафас»** эҷод кардааст, ки он ҳам қаробати маънӣ бо бенафас гаштан дорад. Ҷомае, ки нафасро қатъ кунад ё аз тапиш боз дорад. Худ ибораи **нафасро пӯшидан** ё ба нафас ҷома пӯшонидан ҳамин маънии қатъ гардониданро дорад.

Ҳарфи кафане мешунавам, лек таҳи хок,

Он ҷома, ки пӯшад нафасамро,ба барам нест [36,208].

Ҳосили маънии байт он аст, ки чун инсон аз ҷаҳони ҳастӣ берун рафт, барои ҷасади вай кафан таҳия мекунанд ва ҷисмашро андаруни он мегузоранд. Бедил мегӯяд, ки барои ҷисми инсон дар моварои зиндагӣ кафан

мавҷуд аст, яъне дар зери хок барои ҷисм ҳадиси кафан меравад. ки пӯшонида мешавад. Аммо ҷомае барои пӯшонидани нафас вуҷуд надорад. Ин ҷо ду маънӣ манзур аст, аввал чун ҷисми беҷон нафас надорад ва дигар дар ин бенафасӣ ҷомаи нафаспӯшонанда вуҷуд дошта наметавонад. Аз нигоҳи дигар, нафас чун дар шеъри Бедил ба маънии рӯҳ, равон ҳам корбаст мешавад, агар вожаи нафасро ба ин маънӣ бигирем, вақте ҷисми инсон беҷон гардид, ба ҷисми вай кафан мепӯшонанд, аммо ҷомае, ки рӯҳро бипӯшонад, мавҷуд намебошад,чун рӯҳ баъд аз хуруҷ аз тан ба асли худ бармегардад ва имкони боздоштани он нест. Ба таъбири Бедил,ҷомае, ки барои пӯшонидани нафас бошад, дар бар надорад ва он буда ҳам наметавонад.

Чунонки қаблан ишорат шуд, маълултарин тарокиби сохта бо нафас, ки рукни таълимоти афкори ирфонии Бедилро ифода мекунанд, «нафас сӯхтан» ё «забти нафас» мебошанд. Дар луғат ифодаи нафас сӯхтан ба маънии гудохтани нафас, хомӯш кардани нафас истифода мешавад ва муаллифи «Фарҳангномаи киноя» Мансури Мирзониё бар асоси овардани шоҳиде аз ашъори Соиб шакли «нафаси гудохта»-ро ба ҳамин маънии нафаси сӯхта, сокит ва хомӯш, ранҷу тааб кашида ташреҳ додааст:

Зи шарми рӯи ту шамъу чароғҳо як сар,
Нафас гудохта рафтанд аз шабистонҳо [167, 781].

Бино ба маълумоти бедилшиноси Ҳиндӣ Набӣ Ҳодӣ забти нафасро ҳамчун таълимоти ирфонӣ Бедил аз орифони маъруфи даври худ Шоҳ Якаи Озод омӯхтааст . Мавсуф навишта, ки : «Ин мард Бедилро омӯхта буд, ки агар тибқи ҳидояту васияти вай амал кунад, дарвозаҳои яқин ва ирфон барояш кушуда хоҳанд шуд. Баробари ин, Шоҳ Якаи Озод ӯро забти нафас ҳам таълим дода буд, ки аз дер боз миёни соликони ҳинду мартозон бисёр шоеъ буд.»[215,15] Ин мартозон аслан, ҳамон мӯътақидони мактаби фалсафии Йога мебошанд. Риёз Аҳмади Шарвонӣ дар рисолаи хеш «Ғании Кашмирӣ» роҷеъ ба аслу бунёди ақоиди ин гурӯҳ чунин навишта: «Йуг дар истилоҳи фалсафа номи яке аз шаш мактаби фалсафии ҳиндувон аст, ки усули он мубтанӣ бар одоби риёзат ва варзиши баданӣ мебошад ва ҷугӣ ба

маънии мартоз истеъмол гардида ва мақсуд аз он омода шудани фард барои анҷом додани кори сахт ва таҳаммули машаққот ва ё худдорӣ аз хоҳишҳо ва лаззот аст. Ҷугӣ бо забти ҳавоси ҷисмонӣ ва димоғии дарун худро аз ҷамеъи хоҳишҳо ва орзуҳо холӣ мекунад ва ба олитарин ҳолат, ки ҳолати бехоҳишӣ аст, мерасад.»[219, 171]. Аз баҳси Шарвонӣ метавон ба натиҷае расид, ки манзур аз мартозон ҳамон мӯътақидони фалсафаи Йог аст ва манзур аз омӯзиши забти нафас, ки Набӣ Ҳодӣ зикр намуда, ҳамин унсури таълимоти Йогҳост. Бедил бо омӯзиши аносири ин мактаб тавассути Шоҳ Яккаи Озод дар риёзати ирфонии худ аз таълимоти эшон зиёда ба кор гирифтааст. Аз тарафи дигар, зиндагии пур аз риёзати шоир ин сухани муаллифи болоро ба субут мерасонад. Риёзати гуруснагӣ кашидан, дар офтобҳои сузон бар сар намад гирифта давидан, бар худ раво дидани азияти сахти ҷисмонӣ амри ҳақиқии ин гуфта аст. Баробари ин, дар ашъори Бедил мо зиёда ба ибораҳои ***забти нафас, нафас дуздидан, нафаси сӯхта, нафасро об кардан*** ва ғайра дучор меоем, ки нашъа дар ин таълимот доранд. Масалан, Бедил мегӯяд:

Забти нафас навиди дили ҷамъ медиҳад,

Гар фоли кутаҳӣ занад, ин реша донаест[36, 264].

Муҳаммад Рашшод дар китоби «Фалсафа аз оғози таърих» йогаро шомили 85 навъ аъмоли шоққа донистааст, ки миёни онҳо даст кашидан аз ғизо хӯрдан ва хобидан, нафас кашидану нишастан ва бархостан ва ғайра ҷой доранд. [249, 48]

Дар тавзеҳоти китоб бошад, зикри 15 зинаи он бо шарҳу тафсир омадааст, ки яке аз онҳо пранаяма- танзими нафаскашӣ ва ҳаракатҳо мебошад. Ин гуфтор дар ҳамин зинаҳои таълимоти мартозони ҳинд реша доштани ибороти забти нафас, нафас дуздидан ва ғайраро гувоҳ мебошад, ки намунае аз ашъори Бедил баёнгари ҳақиқати ин амр аст. Аз ҷониби дигар, Бедил дар инкишофи ҷанбаҳои фикрии ин мактаби фалсафӣ эҳтимом варзида, назарот ва андешаҳои эшонро такомули афзуни маънавӣ бахшид. Бо бардошт аз ин андеша Абулмаонӣ дар тариқати хеш то ба ҷое мерасад, ки нафасро охирин василаи тааллуқи инсон меҳисобад. Аз ин рӯ, фосилаи

раҳоии инсон аз тааллуқоти дунявӣ ба андозаи фурсати нафас дуздидан ё нафас сӯхтан ва ё забти нафаси вай аст. Дар талқини ин сухан Бедил ашъори касир гуфта, ки абёти зер намунае аз онҳост:

Бедил эҳёи маъонӣ ба хамӯшӣ кардам,

Нафаси сӯхта эҷози Масеҳои дил аст [36, 306].

Ибораи **нафаси сӯхта** ҳосили бардошти Бедил аз ин мақоми сулуки мартозон буда, онро эҷози Масеҳои дил шумориданаш аз онаст, ки чун ориф ба мақоми забти нафас бирасад ва тавассути он аз охирин гарди кудурати алоиқ раҳоӣ ёбад, дар хеш мирад ва дубора дар Ҳақ таваллуд шавад. Бар ин ваҷҳ нафаси сӯхта мӯъҷизаи дил аст, ки орифи дар хеш мурдаро дубора эҳё мекунад.

Дар мисраи аввал талқини хамӯшӣ мекунад, ки тавассути он дар байт рабте миёни нафаси сӯхта ва эҳёи маъонӣ ба хамӯшӣ кардани вай барқарор мегардад. Мо қаблан роҷеъ ба вуҷуҳоти хамӯшӣ дар таълимоти Хоси асмо гуфтем, вале мартозон низ дар ин маънӣ назароти хешро доранд.

Мабоҳиси қаблӣ водор месозад, ки як матлаби муҳимро, ки дар заминаи таъсири андешаи мартозони ҳинд ба тафаккури шоир ба миён омадааст, иброз дорем. Агар ба ашъори Бедил мутаваҷҷеҳ гардем, маълум мегардад, ки таркибҳои «хилват гузидан, чашм бастан, хомӯш нишастан, нафас сӯхтан» хеле зиёд ба кор рафтаанд ва ҳар яке аз онҳо ҳовии ҷабҳаи муайяни фикриву фалсафӣ мебошанд. Набӣ Ҳодӣ зимни тақрири заминаҳои бавуҷудоии ин гуна афкор менависад, ки «онон илова бар хилват гузидан, хамӯш нишастан ва чашм бастан, амали дигаре ҳам доштанд, ки он нафас дар кашидан ё ба ибораи дигар тамрини нафас дуздидан аст»[215, 16].

Ҷавҳари андешаи ин гурӯҳ дар он ифода мегардад,ки ҳангоми иҷрои амали тамрини нафас ориф то дер гоҳ нафасашро даруни сина нигоҳ медорад, зеро ба андешаи эшон нафас аз муҳимтарин васоити пайванди инсон ба олами имкон маҳсуб мегардад. Пас, ба назари ин гуруҳ ҳар ки зиёда нафас дуздад, ворастагӣ ва раҳоӣ аз қайдҳои дунё насиби ӯст.

Дар андешаи Бедил ин аъмоли сӯфиёна хеле такомул ёфтаанд. Агар ба

мӯҳтавои аъмоли мазкур мутаваҷҷеҳ гардем, миёни онҳо қаробати қавии муттасил ба назар мерасад. Зимни ин қаробат як навъ пайвасти силсилавӣ аъмоли зикршударо ҳамчун чаҳор зинаи сулуки маънавӣ муаррифӣ менамояд. Дар зинаи нахуст, ки хилват гузидан аст, солик аз тақайюди олам барканор мешавад. Талқини ин зина дар шеъри Мирзо Бедил мукаррар ба қалам омадааст. Масалан, ҷое мефармояд:

Дар ин гулшан чӣ лозим маҳви чандин рангу бӯ будан,

Замоне ҷилваи оина кун хилватгузиниро [38, 134].

Бедил бо бардошт аз рукнҳои аслии зинаи нахуст талқин мекунад, ки ба сурату маънии дунё фирефта машав ва аз он барканор бош, то қадаме сӯи Ҳақ гузорӣ.Сипас, дар зинаи дувум мақоми хамӯшӣ гузидан фаро мерасад. Дар ин марҳала сӯфӣ пайванди забонии худро аз оламиён мебурад, зеро ба назари вай сухан гуфтан бо мардум низ навъе аз тааллуқот аст. Дар ишорат ба ин маънӣ абёти касир дорад. Масалан:

Наҷот металабӣ, хамӯшӣ гузин, Бедил,

Ки дар тариқи саломат хамӯшӣ устод аст [36, 242].

Ин ҷо манзур аз наҷот талабидан раҳо шудан аз пайвандҳои заминӣ аст ва тариқи саломат бошад, ифодагари тариқати орифон мебошад, ки ниҳояти он тақарруб ба Худост. Ҳосили сухан он аст, ки василаи асосии раҳоии ориф аз қайдҳои дунявӣ хамӯшӣ гузидан маҳсуб мегардад. Зеро ихтиёри хамӯшӣ дар тариқат устоди сӯфист, ки ӯро ба қурби дӯст ҳидоят менамояд.

Зинаи савум чашм бастан аз он чӣ дар олам мавҷуд аст, мебошад. Дар ин марҳала сӯфӣ аз мавҷудоти олам чашм барбаста, чашми басирати хешро мутаваҷҷеҳи мушоҳидаи маъбуд мекунад. Чунки ба назари мӯътақидони ин гурӯҳ чашм дӯхтан ба олами имкон низ навъе пайванд ба он аст. Барои ҳамин сӯфӣ бояд аз ҳар чӣ дар олам ҳаст, чашм пӯшад. Дар ишорат ба ин гуфта Бедил ашъори зиёд дорад:

Диққати бисёр дорад фаҳми асрори адам,

Чашм пӯшӣ аз ду олам, то шавӣ огоҳи мо [36,24].

Ин маънӣ дар шеъри Бедил тавассути таркибҳои чашм барбастан, мижа

бастан, чашм пӯшидан ва ғайраҳо баён гардидааст.

Зинаи чаҳорум ин нафас даркашидан ё забти нафас маҳсуб мешавад, ки мақоми ниҳояти сулук аст. Тавре гуфтем, ин гурӯҳ охирин пайванди инсонро ба дунё дар нафас кашидан маънидод мекунанд. Бедил дар ифодаи маънӣ аз ибораҳои забти нафас, нафас дуздидан, нафаси сӯхта ва ғайра ба кор гирифтааст, ки бо зикри намунаҳое аз ашъори шоир мӯҳтавои ирфонии ин зинаи камолоти орифонаро тавзеҳ хоҳем дод.

Дил то ба кай аз забти нафас об нагардад,

Бар санг ҳам аз ҷуши шарар қофия танг аст [36,293].

Гоҳо ба мушоҳида мерасад,ки вожаи ***<u>нафас</u>*** ва таркиботи сохта аз он дар як ғазал ба чанд маънӣ мавриди корбурд қарор гирифтааст. Масалан, дар ин ду байти як ғазали Бедил калимаи «нафасе» ба ду маънӣ ба кор рафтааст. Нафасе дар байти аввал ба маънии даме, лаҳзае,лаҳзае ё ба таъбири дигар барои ифодаи лаҳзаву замони андак ва дар байти дувум ба маънии аслии худи нафас, яъне ҷону рӯҳ, ки асос барои сухан гуфтан аст, ба кор рафтааст:

Ғами интизори ту бурдаам, ба раҳи хаёли ту мурдаам,

Қадаме ба пурсиши ман кушо, нафасе чу ҷон ба тан даро [36,92]

На ҳавои авҷу на пастиат, на хурӯши ҳушу на мастиат,

Чу саҳар чи ҳосили ҳастиат? Нафасе шаву ба сухан даро. [36,92]

Мавриди дигар ибораи **<u>«нафас кашидан»</u>** маънии зиндагӣ кардан, умр ба сар бурданро ифода кардааст.

Он, ки дар анҷумани ёди таҷаллиасараш,

То нафас мекашӣ, андеша чароғон шудааст [36,204]

Ҳосили маънӣ он аст, ки ба ёди он касе, шоиста аст, умр ба сар бурдан,агар нафас бикашӣ, яъне зиндагӣ ,ҳар лаҳзаи ҳаёти ту рӯшану мунаввару нуронӣ аст. албатта, ин мазмуни орифонаи байт авлавият дорад ва ҳосили андешаи Бедил ҳамон аст, ки ҳар қадар ба ёди он офаридгори якто бошӣ, зиндагонии ту чароғону мунаввар ва андешаҳоят нуронӣ хоҳад буд. Зеро танҳо ёди Ӯст, ки ба таъбири Бедил таҷаллиасар бошад.

Фузун бар нуфузи ибораҳои тоза ва таркибҳои бикр дар девони Бедил, ки ба мабнои вожаи нафас сомон ёфтаанд, мо ба шаш ғазале дучор мешавем, ки бо радифи «нафас» суруд шудаанд. Корбурди калимаи нафас ба унвони вожаи мураддаф дар назари аввал агар ба субути яке аз мафоҳими дӯстдоштаи шеъри Абулмъонӣ ишорат намояд, аз диди дигар карроти корбурди он ҳатто ба унвони вожаи радифӣ касрати мазмунофариро тариқи истифодаи ин мафҳум ҳам аз диди фалсафӣ ва ҳам луғавӣ бозтоб мебахшад. Дар канори ин, дар шаш ғазали сурудаи Бедил бо радифи нафас боз ҳам ибораҳои тоза ба зуҳур расидаанд, ки ин маҳсули тахаюли шоир буда, аз диди маъноӣ низ ба таҳаввулоти ин вожа таъкид меварзанд.

Ғазали аввал, ки бо радифи нафас суруда шуда, бо чунин матлаъ оғоз мешавад:

Эй дилат сайёди роз, аз лаб мадеҳ берун нафас,

К-аз хамушӣ, ришта мебандад ба сад мазмун нафас [23,147].

Дар ин байт ду таркиби мабнӣ бар вожаи нафас ҳузур пайдо кардааст, ки ҳар ду навъе ибораҳои тозаву офаридаи худи Бедил маҳсуб меёбанд. Таркиби аввал **«аз лаб берун надодани нафас»** ба маънии нафас набаровардан ва ҳарф назадан мебошад. Ибораи мисраи дувум, «аз хамӯшӣ ба сад мазмун ришта бастани нафас» аст, ки навъе маънии болоро ба сурати тасвири парадоксӣ ифода кардааст, яъне маънӣ ёфтани нафас дар хамӯшӣ, ки ҳамон ҳикмати орифонаи забти нафасро ба сурати дигар ҷилва рехтааст. Ҳамин тавр, дар ин ғазал минбаъд таркибҳои «оина дуздидани нафас», «нашъа хун кардани нафас дар ранги майи гулгун», «маҳзун шудани нафас дар кӯчаи най», «мавҷро аз дили Ҷайҳун баровардани нафас», «бар гардун бурдани нафас», «нафас дуздидан», «афсун кардани нафас баҳри тасхири ҳаво», «аз хаёли хонаи оина чун нафас бигзаштан», «мисраи оҳе шудани нафас аз маҳзунӣ». Аз тарокиби оварда як нукта равшан мешавад, ки Бедил дар андешаи худ як ибораи бар асоси нафас сохтаро ба ду маънӣ ба кор гирифтааст, ки ҳар ду ҳосили тафаккури шоир ҳастанд. Масалан, таркиби маҳзун шудани нафас дар назари аввал дар кӯчаи най иттифоқ меафтад ва

ҳосили он ҳамон садои ҳузни най мебошад. Дар мавриди дигар нафас дар маҳзунии худ мисраи оҳе мешавад ё ба таъбири дигар нафаси маҳзун оҳ аст. Равшан мегардад, ки дар ҳолати аввали ҳузни нафас нолаи най аст ва дар мавриди дигар ин ҳузн ба оҳ бадал мешавад.Дар ҳар ду маврид ҳам маонии тозаи шоиронае зуҳур шудаанд, ки аз тафаккури худи шоир берун омада, ба танаввуи маъноии вожагон ва таркибҳои офаридаи Бедил ишорат доранд.

Матлаи ғазали дувум, ки бо радифи нафас ва ҳам бо вазну қофияи ғазали аввал суруда шуда, чунин аст:

Бетааммул дар дами пирӣ мадеҳ берун нафас,

Аз китоби субҳ магзар сарсарӣ ҳамчун нафас [23,147].

Нуктаи ҷолиб он аст, ки ибораи дар мисраи аввал офаридаи Бедил боз ҳам маънии ҳамон ғазали аввалиро ифода мекунад, танҳо шева ва сурати баён дигаргуна аст. Шакли куллии таркиб ***«бетааммул дар дами пирӣ нафас берун нададан»*** аст, ки маънии бидуни андеша дар айёми пирӣ сухан нагуфтанро дорад ва дар мисраи дувум навъе тамсил барои ин матлаб мезанад ва таъкид мекунад, ки аз китоби субҳ ҳамчун нафас сарсарӣ магузар. Дар ин ҷо таносубе миёни пирӣ ва субҳ эҷод шудааст, ки нафас бо ҳар ду рабт мегирад ва ҳузури ду маънии ин вожа дар шеъри Бедил- аввал сухан, калом: дувум дам, лаҳза, фурсат ошкор мегардад.

Муодили ин маънӣ дар адабиёти классикии тоҷик таркиби «нафас задан» ё «дам задан» аст, ки Бедил шаклҳои ҷадиде ба ҳамин маънӣ афзудааст. Аз ҷумла, Низомии Ганҷавӣ дар «Ҳафт пайкар» шакли «нафас дарзадан»-ро оварда:

Шоҳ гуфт, аз барои он ки касе,

Бо ман аз меҳр бар назад нафасе.

Ба хотири бозгӯии танаввуъи шаклу мазмунҳои таркиботи марбут ба вожаи нафас ибораҳои дигарро аз ғазалҳои бар радифи нафас эҷодшуда тазаккур хоҳем дод:

«**нафас рост кардан**»- ба маънии осоиш ёфтан. Дар фарҳанги мардумӣ низ фаровон ба ҳамин маънии дам гирифтан, осоиш пайдо намудан ба кор меравад. Бедил дар байте аз худ чунин истифода намуда:

Ҷисми хокӣ, дастгоҳи маънии парвози туст,

Рост кун чанде дар ин хум ҳамчу Афлотун нафас [37,147].

Агарчи нафас рост кардан таркиби маъмулӣ аст, аммо Бедил ба иловаи вожаву ибораҳои дигар маънии тозае ба сурати ***«дар хум ҳамчун Афлотун нафас рост кардан»***-ро офаридааст, ки талмеҳест ба қиссаи маъруфи Афлотун.

Ифодаҳои дигар:

Чун гуҳар дуздиданӣ доштани нафас дар ин ҷайҳун

Эй ҳубоб аз обрӯи зиндагӣ ғофил мабош,

Чун гуҳар дуздиданӣ дорад дар ин ҷайҳун нафас [37,148].

Дар робита ба сурати куллии байт ин ҷо ҷайҳун киноя аз умр аст ва нафас ҳам муродифи зиндагӣ мебошад. Зеро дар мисраи аввал шоир таъкид дорад, ки: эй ҳубоб аз обрӯи зиндагӣ ғофил мабош, зеро ки дар ин дарёи умр нафас ба монанди гуҳар дуздиданӣ дорад.

Нафас дуздидан ба маънии хомӯш нишастан ва дар худ фурӯ рафтан ҳам ба кор меравад ва ҳубоб бошад тимсоли инсони худнамо, сабукрав ва монанди ин аст.

Берун нафас тапидан- зоҳиран нафас кашидан, изҳори ҳастӣ кардан:

Шӯълае дорад чароғи зиндагӣ, к-аз ваҳшаташ

Дар даруни дил таманно метапад, берун нафас [43,148].

Нафас задани гардун- изҳори ҳастӣ кардани дунё

Файзҳо меёбад аз ҳарфи бузургон гул кунад,

Субҳ рӯшан мешавад, то мезанад гардун нафас [43,148].

Ин ҷо бар асари нафас задани гардун субҳ равшан мешавад, ки ин маънӣ ҳам ҳосили андешаи худи Мирзо Бедил аст.

Дар ғазали дигаре ба радифи нафас аз қолиби баҳри комил ба кор гирифта шудааст ва ин ҷо ҳам таркибҳое тоза бар асоси корбурди ин вожа ба мушоҳида мерасад. Матлаъи ғазал ин аст:

Табутоби беҳуда то куҷо бикушод болу пар аз нафас,

Сари ришта вақфи гираҳ кунам диле оварам ба бар аз нафас [42,148].

«***Болу пар аз нафас кушодан***» ва «***диле ба бар овардан аз нафас***» ду таркиби мабнӣ бар вожаи нафас дар байти аввали ин ғазал аст, ки аввали ба маънии изҳори шодмонӣ кардан аз боиси нафас ва дувуми дил ба даст овардан ба шарофати нафас, ки маънии умр ва зиндагиро ҳам дорад, истифода шудааст. Таркибҳои баъдии ин ғазали иборатанд аз «ба фишори чашм тар нишастан аз нафас», «***Иёри гудози дил нагирифтани шишагар аз нафас***», «***оташе, ки сарфабар нагашт аз нафас***» «***ба ҷое расидани саҳро аз нафас***», «***ба шитоб интизори адам ба абас додан пештар аз нафас***», «***нишоти хонаи оина ғам сафо аз нафас набурдан***», ***«асаре аз нафас дар назар будан дар олами беасарӣ***», «***ҳаво бадар аз нафас рафтан***» , «***сияҳ шудани оина бар асари аз нафас хабар додан***»- ин таркиб низ ба маънии дар дами марг тавассути оина шинохтани рамзи зинда ё мурда будани инсон ба кор меравад, ки тавзеҳаш қаблан зикр шуд.

Ғазали дигар, ки бо радифи нафас суруда шудааст, чунин матлаъ дорад:

Ҷуз ситам, бар дили ноком накардаст нафас,

Хун шуд оинаву ором накардаст нафас[42,149].

«***Ситам бар дили ноком кардани нафас***» киноя аз ранҷу риёзат ба дил раво дидани нафас ва дар мисраи дувум ибораи «***Ором накардани нафас***» ба маънии аз асари ин ранҷу риёзат оромиш наёфтани нафас омадаст, ҳарчанд оина яъне дил хун гардидааст.

Таркибҳои дигари ин ғазалро мурур мекунем:

«***Бадном кардани нафас***», тазаккури як нуктаи дигар воҷиб аст, ки ҳангоми таркибсозӣ Бедил шеваи махсусеро пеш гирифтааст, ки он дар маънигузории ибораи офарида бар асоси ташреҳи куллии байт сурат мегирад. Ба ифодаи дигар, дар зоҳир ҳарчанд ибора шакли муайяне дорад, аммо

маънии онро танҳо аз роҳи шарҳи мукаммали байт метавон муқаррар намуд ва, бешак, ин мазмун бархоста аз тафаккури худи шоир аст. Масалан, ибораи «бадном кардани нафас» дар байти зерин сурати зоҳирии таркиб аст:

Як нигинвор дар ин кӯҳ чи сангу чи ақиқ,

Натавон ёфт, ки бадном накардаст нафас [23,149].

Ҳосили маънӣ он аст, ки ба андозаи як нигин сангу ақиқе наметавон дар ин кӯҳ пайдо кард, ки онро нафас бадном накарда бошад. Аз ин ҷо равшан мегардад, ки ибораи «бадном кардани нафас» имкон дорад, ки ба ду маънӣ фаҳмида шавад: аввал ин ки нафас бадном кардааст, дувум нафасро бадном кардааст. Ибораҳои дигари мавҷуд дар ин ғазал ҳам ба ҳамин шева созмон ёфтаанд: ***«вақфи лаби бом накардани нафас»***, ***«бодае дар ҷом накардани нафас»***, ***«кори бехабаронро хом накардани нафас»***, ***«май аз шиша гаронвом накардани нафас»***, ***«муждаеро пайғом накардани нафас»***, «***хешро ба худ ром накардани нафас»***, «***анқо ба дари дом накардани нафас***», «***абас ибром накардани нафас***». Ин ибораҳо танҳо бар мабнои маънигузории куллии абёт тавзеҳ меёбанд ва тазаккури онҳо ин ҷо ба хотири нуфузи шеваҳои хоси таъбирофаринии Бедил тавассути корбурди вожаи мазкур маҳсуб мегардад.

Дар ғазали савум, ки бо радифи нафас созмон ёфтааст, бештари ибораҳо тавассути ин вожа сурати изофӣ доранд, ки бешак бар асоси чунин шеваи иборасозӣ табаддулоти маъноӣ ҳам дар вуҷуди худи калима ва ҳам ибора рух медиҳад. Байти нахустини ин ғазалро мурур мекунем:

Дар ин бисоти ҳавас пеш аз эътибори нафас,

Ҳамон ба дӯши ҳаво баста гир бори нафас [42,150].

Ибораи изофии мисраи аввал ***«эътибори нафас»*** ва мисраи сонӣ ***«бори нафас»*** мебошад. Аммо бо корбурди ҳамин ибораҳои изофӣ Бедил таркибҳои мукаммали дигари ҳомили маонии тоза офарида, ки назири «***пеш аз эътибори нафас***», «***ба дӯши ҳаво баста гирифтани бори нафас***» мебошанд. Ҳосили маънӣ он аст, ки қабл аз муқаррар намудани мақому манзалати нафас, ки ин ҷо албатта ба маънии умр, зиндагӣ ҳам аст, бори

нафасро ба дӯши ҳаво баста шумор, яъне бебақо дон. Яъне, пеш аз он ки эътибори умрро мушаххас намоӣ, манзалати онро ба дӯшӣ ҳаво, яъне дар нестӣ ва беэътиборӣ бишнос.

Дар идомаи ин ғазал ба ибораҳои зерини изофӣ ва дар канори он таъбирҳои офарида бар асоси онро ба мушоҳида мегирем:

Ғубори нафас – ба зери сояи кӯҳ будан аз ғубори нафас.

Кори нафас – чун субҳ забти кори худ омадан ба кори нафас.

Баҳори нафас – хазони ишрату рангинии баҳори нафас.

Гирудори нафас – об шудани саҳро аз гирудори нафас.

Зери бори нафас – зери бори нафас хамидан.

Шумори нафас – фишондани парӣ нест ҷуз шумори нафас.

Қарори нафас – мушкил будани қарори нафас чу набзи табзада

Ошкори нафас – ошкори нафас будани арзи ниҳонӣ

Канори нафас – як -ду дам кушода гирифтани канори нафас.

Тори нафас – ба занги чашми нигоҳ бас будани тори нафас.

Интизори нафас – ба сари роҳ нишастани интизори нафас

Хумори нафас - муҳит кашидан аз хумори нафас.

Дучори нафас – оташи афсурда ҳам дучори нафас нашудан

Хори нафас – ғайри хори нафас начидан.

Аз тазаккури ин теъдод аз ибораҳои шоирона равшан мешавад, ки дар навбати аввал ибораҳои дар шакли изофӣ офаридаи шоир аз як навъ тозагии хос бархурдоранд ва, аз сӯи дигар, вақте ба кашфи маъноии онҳо ба батни ибораҳои комили дар вуҷуди мисраъ эҷодшуда роҳ мекушоем, зуҳури маъниҳои тозае дар таркибашон ба мушоҳида мерасад. Танаввуъи маъниофарӣ ва таркибсозиҳои Бедилро аз рӯи ҳамин шеваи сохтмони иборот бар асоси як вожа метавон ба равшанӣ ҳувайдо кард, ки бешак ин як усули хоси таҷаддуд дар шеър аз ҷониби Бедил маҳсуб меёбад.

Бо мурур аз ин шеваҳои маъноии корбурди вожаи нафас ва мазмунсозиву таркибофарӣ тавассути он маълум мегардад, ки дар шеъри Бедил ин қабл аз ҳама бо маонии мухталифе корбурд шудааст, ки шоирони

пешин камтар ба онҳо таваҷҷӯҳ зоҳир намудаанд. Танаввуъи маъноии ин калима дар ашъори Бедил онро ба сурати яке аз вожагони пурбасомади девони шоир ва дигар сурудаҳои вай дароварда, ҳамзамон зуҳури маонии тозаеро боис омадааст, ки дар андешагоҳи ин шоири бузург ҳосил шудааст. Тақвияти такмили маъноии ин вожа тариқи сохтмони таркиб ва ибораҳои тозаи шоирона, ки ба ҳунари таъбирофаринии Бедил далолат доранд, иттифоқ афтодааст. Мирзо Бедилро даст додааст, ки бо истифода аз ин вожа таркибҳои фаровонеро сурат бандад, ки ағлаби он махсус ва офаридаи худи Бедил буда, ҳатто маъниҳои заминӣ ва ирфонии онон тоза ва андешидаи худи шоир маҳсуб меёбанд. Аз сӯи дигар, ҳарчанд вожаи нафас бо таҳаввули маъноӣ дар шеъри Бедил навъе мазмуни фалсафӣ касб намуда, ҳамзамон баёнгари яке аз рукнҳои барҷастаи тафаккури ирфонии шоир мегардад, аммо диди шоирона ва назокати ҳунари халлоқии ӯ боис омадааст, ки ин маъниҳои орифонаву фалсафии вожаи нафас дар вусъати садҳо таркиби тозаи шоирона таҷассум пайдо намоянд.

ФАСЛИ САВУМ. ВАСОИТИ ТАСВИРИ БАДЕЙ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ БЕДИЛ [ДАР МИСОЛИ КИНОЁТ ВА МУАММО]

Девони Бедил чун ашъори тамоми шоирони гузаштаи мо саршор аз васоити тасвири бадеӣ мебошад. Албатта, баррасии комили маҷмуи ин воситаҳо ё саноеъ аз доираи имконот берун аст ва дар баробари ин роҷеъ ба бархе аз онҳо кутуби ҷудогонае ба қалам омадаанд, ки ин ҷо метавон аз таҳқиқоти Абдулҳакими Хоксор «Талмеҳ дар ашъори Бедил» [208], Муҳаммадризо Акрамӣ «Истиора дар ғазали Бедил» [130] ва амсоли ин ёдовар шуд. Ба ин хотир, чун нуфузи киноёт дар девони Абулмаонии Бедил барои таҷассуми мазмунсозиҳо дар коргоҳи хаёли суханвар чашмрас аст ва баробари ин тозакориҳое дар зуҳури муаммо дар таркиби навъи ғазал ба вуҷуд овардааст, мо ин ҷо саъй мекунем, асосан роҷеъ ба ин ду санъати муҳими шеърӣ- киноя ва муаммо ва нақши онҳо дар сувари хаёли Бедил ибрози назар намоем.

Дар адаби форсӣ киноя ба унвони санъате маъруф аст, ки дар он шоир лафзе ё ҷумлаеро ба кор гирад, ки ҳадафи аслии вай на маънии зоҳир балки манзури вай матлаби ботинӣ бошад ва нахуст нафаре, ки дар қадимтарин тафсири форси киноя ба ӯ мансуб аст, Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ аст. Мавсуф дар «Тарҷумон ул-балоға» кинояро мухтасаран ба унвони навъе балоғат тавзеҳ дода, навиштааст, ки «ва яке аз балоғатҳо киноят гуфтан аст ва чунон бувад, ки шоир байте гӯяд ба киноят…»[76, 99]. Аз ин ҷо пайдост, ки манзури Родуёнӣ аз санъати киноят ҳамчун навъе балоғат ба киноят буда ва «ба киноят сухан гуфтан» бештар пайванд ба маънии луғавии калима мегирад, ки он ҳам ба мафҳуми истилоҳии он қаробат дорад.

Дар асл киноя ё киноят луғати арабӣ аст ва баромада аз шакли масдарии кунӣ [کنی- یکنو] буда, маънии пӯшидагӯиро дорад. Аз ин ҷо ҳувайдост, ки манзури Родуёнӣ ҳам аз «байте гӯяд ба киноят», пӯшида гуфтани маънӣ будааст, ки дар истилоҳ ҳам асосан ин санъат ба ҳамин мазмун корбурд мешавад.

Метавон гуфт, ки киноя дар адаби форсӣ аз пуркорбурдтарин саноеи бадеӣ маҳсуб мешавад. Далели ин гуфтор рӯи кор омадани чандин фарҳангномаи киноёт аст, ки намунаҳои барҷастаи он «Фарҳанги киноя»-и Мансури Мирниёст, ки ҳудуди ҳафт ҳазор кинояро бо шавоҳид ва амсол аз адабиёти форсӣ тавзеҳ додааст [169] ва «Фарҳанги киноёти девони Ҳофизи Шерозӣ»-и Алии Раззоқии Шонӣ [220]маҳсуб меёбанд. Ҳузури ин фарҳангҳо агарчӣ аз назари аввал ба нуфузи киноёт дар шеъри форсӣ ишорат доранд, аз сӯи дигар таваҷҷӯҳи муҳаққиқин ва адабпажӯҳонро ба ҷойгоҳи киноёт дар адабиёти форсӣ тасреҳ мекунанд.

Ҳамин тавр, агар киноя дар шеъри форсӣ аз пурбасомадтарин саноеи бадеӣ эътироф мегардад, пас касрати корбурди он дар шеъри Бедил ба ҳадде аст, ки шояд ягон нафар аз шоирони дигар ба ин сурат дар истифодаи ин санъат имтиёз надошта бошад.. Дар ашъори Бедил шояд абёте ба нудрат пайдо шаванд, ки холӣ аз истифодаи киноя бошанд ва албатта аз муҳимтарин авомили нуфузи ин санъати мубҳам ва печидагии шеъри Бедил маҳсуб меёбад ва ҳатто гуфтан мумкин аст, ки авлавияти корбурди ин санъат муҷиби маърифати шеъри Абулмаонӣ ба унвони каломи мубҳам, печида ва амсоли ин гардида бошад. Барои ошноии бештар ба шеваҳои корбурди ин санъат ба намунаҳое аз ашъори шоир хоҳем пардохт.

Танҳо дар нахустин байти девони Бедил метавонем ба чандин киноя бархурд кунем, ки аввал ибораи «ин ҷо»- киноя аз ин дунё ва «он ҷо» киноя аз олами улвӣ бошад, ки дувуми ба унвони радифи ғазал омада, дар саросари он маънии киноӣ касб кардааст.

Ба авҷи кибриё к-аз паҳлуи аҷз аст роҳ он ҷо,

Сари мӯе гар ин ҷо хам шавӣ, бишкан кулоҳ он ҷо [22, 43]

Ибораи маъмулии дигари ин байт, ки дар адабиёти форсӣ собиқаи истифодаи он ба чашм мерасад, «кулоҳ бишкастан аст» ва киноя аз он ба мақоми баланд расидан, мартабаи баланд ҳосил кардан бошад. Дар шеъри Ҳофиз мо сурати «тафки кулаҳ кач ниҳодан»-ро ба ҳамин маънӣ ба мушоҳида мегирем:

На ҳар кӣ тарфи кулаҳ кач ниҳоду тунд нишаст,

Кулоҳдориву оини сарварӣ донад [122,175]

Имкон дорад, ки дар вусъати ибороти дигари ин байт чун «аз паҳлуи ачз ба авчи кибриё роҳ бурдан», «сари мӯе хам шудан» киноётеро ошкор кунем, ки манзур аз аввалӣ ба бисоти қурб аз роҳи ачзу ниёз ва изҳори хоксориву фурутанӣ ва ворастагӣ аз кибру ғурур роҳ бурдан ва ибораи дувуми ошкор намудани андаке фурутанӣ ва хоксориву ачз бошад. Ибораи сари мӯе хам шудан дар мисраи дувум боз ҳам метавонад киноя аз худи ҳамон ачз дар мисраи аввал бошад, ки Бедил барои иҷтиноб аз такрор муодили офаридаи худро ба он ба кор гирифтааст. Дар шеъри шоирони пешин ҳам ин ибора ба ҳамин маънӣ басомади фаровон дорад. Аз ҷумла, Ҳофизи Шерозӣ гӯяд:

Зулфи ту маро умри дароз аст, вале нест

Дар даст сари мӯе аз он умри дарозам [122,301].

Аз ин ҷо равшан мешавад, ки танҳо дар як байти нахустини девони Бедил мо ба ҳузури панҷ ибораи киноӣ рӯ ба рӯ мешавем. Ҷиҳати бозгӯии нуфузи киноёт дар шеъри Бедил ин ҷо ба баррасии ҷойгоҳи он дар як ғазал хоҳем пардохт, то касрати корбурди киноёт аз вусъати як ғазал дар куллияи девони шоир ҳувайдо гардад.

Дар байти дигаре аз ҳамин ғазал низ метавон чандин ибороти киноиро ҷудо намуд, ки сурати зайл доранд:

Дашти улфат – киноя аз мақому манзали ишқ, ошиқ будан дар ҳоли ошиқӣ қарор доштан ва бар асоси ин ибораи киноии комилтаре эҷод шудааст, ки он «муқими дашти улфат будан» мебошад, ки такмили ҳамон маънӣ яъне гароиш ба меҳрубониву ишқ, ошиқ буданро дорад.

Муқими дашти улфат бошу хоби ноз сомон кун,

Ба ҳам меоварад чашми ту мижгони гиёҳ он ҷо [22,43].

Ҳамин гуна агар ба чанде аз абёти дигари ин байт ҳам мурур намоем, ошкор мегардад, ки дар аксарияти байтҳои ин ғазал ҷойгоҳи киноя махсус аст ва Бедил ҳатто дар як ғазал камоли киноясофариро аз худ зуҳур кардааст.

Дар мисраи дигари ин байт таркиби «***ҷилвазори нестӣ***» – киноя аз ҷое бошад, ки сурати адам, фанову нестиро барои мо бозгӯӣ намояд. Маҳалли зуҳури адам дар ҳастӣ ва имкон дорад, ки киноя аз дунё ҳам бошад. Такмалаи ин ибора сурати хаёли ҷилвазори нестӣ мебошад, ки фикри нестӣ, адам, андешаи мақоми зуҳури нестӣ карданро ифода менамояд.

Хаёли ҷилвазори нестӣ ҳам оламе дорад,

Зи нақши по саре бояд кашидан гоҳ - гоҳ он ҷо [22,43].

Дар нашрҳои охири анҷомёфтаи Девони Бедил бар асоси нусахи мухталифи ба даст омада гунаи дигари мисраи дувуми ин байт ҳосил шуд, ки ба шакли «Зи ҷайби худ саре бояд кашидан гоҳ-гоҳ он ҷо» буда, гунаи саҳеҳи байт ҳам маҳсуб меёбад. Албатта, масъалаи мабоҳиси марбут ба матншиносии байт чун берун аз доираи баррасии мост ва ин ҷо қасди аслӣ мурур ба ибораи киноии сар кашидан маҳсуб меёбад, ин ҷо аз тафсилоти ин мавзуъ фуругузорӣ мешавад.

Ибораи сар кашидан дар ҷузъи ин таркиб – ба ду маънӣ аст. 1. саркашӣ кардан, аз коре даст кашидан. 2. қад кашидан, зуҳур кардан.

Маънии аввалан яъне «саркашӣ кардан аз иҷрои коре ва ҳам гарданфарозиву ғурур намудан» дар байти зерини шоир ҳувайдост:

Чу гавҳар аз дами таслим кун сипар Бедил,

Дар ин муҳит, ки теғ аст сар кашидани мавҷ [22, 450].

Бобобек Раҳимов низ феъли «сар кашидан»-ро ба маънии сар аз ҷайб берун овардан, сарро намоён карда ташреҳ дода, дар иртибот ба ин маънии ибора мазмуни куллии мисраъро ба сурати сар баровардан ба нақши по, нигаҳ кардан муқаррар намуда, ҳамзамон мазмуни киноявӣ доштани ибораи «нақши по»-ро низ таъкид кардааст, манзур аҷзу нотавонӣ бошад[259, 47-48]. Аз тавзеҳоти ин бедилшиноси тоҷик дигарбора нуфузи киноёт дар вусъати ин байт равшан мегардад, ки таҷаддуди маъниофарӣ ва ҳузури густардаи аносири ҳунари шоириро дар шеъри Бедил таъмин кардаанд.

Феъли «сар кашидан» дар шеъри классикии форсу тоҷик роиҷ аст. Муаллифи «Фарҳанги киноёти девони Ҳофиз» Алии Раззоқии Шонӣ ин

таркибро дар шеъри Ҳофиз ба маънии дурӣ кардан, бевафоӣ кардан шарҳ додааст, ки ин матлаб ба тавзеҳи дар боло овардаи аз баҳри коре даст кашидан наздик аст. Мавсуф барои шоҳид шаш байт аз девони Хоҷа зикр кардааст, ки яке аз ононро чун намуна зикр хоҳем намуд:

Дар азал баст дилам бо сари зулфат пайванд,

То абад сар накашад в-аз сари паймон наравад [36, 183].

Агар дар байти боло сухан аз сар кашидан равад, ки он муодили сар аз ҷайб баровардан ҳам мебошад, дар байти дигари ҳамин ғазал таркиби киноии «сар дар ҷайби худ дуздидан» - ро ба мушоҳида мегирем, ки маънии . дар худ фурӯ рафтан, кӯшиш ба худшиносӣ кардан, ҳамчунин ба иртиботи матлаби шоир ба худ такя кардан низ маънӣ диҳад. Зеро дар идомаи ин таркиб ибораи «бурдам паноҳ он ҷо» омадааст, ки таъкид бар воқеияти ин маънӣ мекунад.

Ба саъйи ғайр мушкил буд аз ошӯби дуӣ растан,

Саре дар ҷайби худ дуздидаму бурдам паноҳ он ҷо [22,43].

Дар мисраи аввали ба йт **«аз ошӯби дуӣ растан»** ҳам сурати киноӣ дорад ва ба маънии аз ҳолати дуӣ баромадан, аз қайди алоиқ растан бо мақсади пайванд бо аслро додааст. Таркибест, ки зоҳиран шояд маънии онро наметавон дарк намуд ва чун манзури Бедил маънии ирфонии он, яъне Расидан ба ваҳдат, ҳулул ёфтан ба Ҳақ аст, танҳо бо назардошти маърифати афкор ва назароти ирфонии Бедил матлаби асосии ӯ ҳосил мегардад. Дар шеъри Бедил фалсафаи дуӣ тадоъӣ бар дунёву олами касрат мекунад ва то он мақоме, ки ману ту мо намешавад, касрат боқӣ мемонад ва дуӣ аз миён намеравад. Ҳамин гуна аз ибораи «ошӯби дӯӣ» маънии банду қайди ҷаҳон ва дунё манзур аст ва дар алоҳидагӣ ҳам мазмуни киноӣ дорад

Дар байти зер метавон асосан ду ибораи киноиро ҷудо намуд: «эҳроми озодӣ бастан» - киноя аз озод шудан, раҳо шудан аз қайдҳои дунёӣ ва «ба санг омадани ҷом», ки пеш омадани хатари шикастани ҷом ва ҳам маънии шикастани ҷомро дорад. Аммо худи калимаи ҷом дар ин ибора киноя аз дили инсон аст, ки бар асари дарду андӯҳи андак бишканад:

Дил аз камзарфии тоқат, набаст эҳроми озодӣ,

Ба санг ояд магар ин ҷому гардад узрхоҳ он ҷо [22,43].

Мурур ба байти дигаре аз ин байт ҳам ба ҳузури чанд таркиби киноии шоирона ишорат дорад, ки аввали «файзи саҳар ҷӯшидан», киноя аз зуҳури покиву сафо ва рӯшаниву нур мебошад, ки дар таркиби ибораи куллии «аз саводи дил файзи саҳар ҷӯшидан» ҷой гирифтааст.

Зи бас файзи саҳар меҷӯшад аз гарди саводи дил,

Ҳама гар шаб шавӣ рӯзат намегардад сиёҳ он ҷо [22,43].

Таъкиди шоир дар ин байт ба ҳузури файзи саҳар дар саводи дил ба он хотир аст, ки дар фарҳанги урафо дил ба эътибори таҳаммулгари бори амонати илоҳӣ муқаддас аст ва ба ҳамин ваҷҳ аст, ки ҳатто аз сиёҳии вуҷуди он ҳам файзи саҳар меборад. Дар зимн, ибораи саводи дил, ки аз ҳастии он файзи саҳар, яъне рӯшаниву саво меҷӯшад, навъе тасвири парадоксӣ ҳам мебошад, ки ба иттифоқи аз сиёҳии дил хестани рӯшании саҳар эҷод гардидааст.

Дар мисраи дувум ибораи «сиёҳ нагардидани рӯз» - ба ду маънӣ аст: нахуст, маънии маъмулии рӯз сиёҳ шудан ё ба шаб расидани рӯз аст. Маънии дувуми он ба матлаби киноявии таркиб ишорат мекунад ва аз фарҳанги мардумӣ обишхӯр дорад. Зеро дар фарҳанги авом ибораи «рӯз сиёҳ шудан» ба маънии гирифтори андӯҳ ва бадбахтӣ шудан маъмул аст. Дар ин байт ҳосили сухани шоир он аст, ки чун саропи вуҷуди дил, ҳатто сувайдои он аз нуру сафо ва мунтаҳо алтофи худовандӣ фоиз аст, ҳаргиз ва ҳеҷ вақт ту ба бадбахтиву андӯҳ гирифтор нахоҳӣ гашт, ҳатто дар ҳоле, ки саропои вуҷудат дар вуҷуди зулмат ё торикии ҳоилҳо бимонад. Ҳамон рӯшании дил кофӣ аст, ки маҷмӯи ин пардаву зуламотро аз миён бардорад. Ба эътибори мазмуни ирфонии байт имкон дорад, ки ҷо вожаи шаб ба маънии парда ва сатрҳои рӯи роҳи орифон, ки ҳоили сулук ҳастанд, ташреҳ ёбанд, ки ҳеҷ мавонеъе пешорӯи нусрату файзи дил наметавонанд буда бошанд.

Яке аз ибороти мустаъмал дар шеъри Бедил, ки мазмуни киноӣ дорад, шикасти ранг мебошад, ки асосан ба маънии тағир ёфтани ранг, иваз шудани

ранг меояд. Аммо дар ин байти Бедил ба иртиботи он ки шикасти ранги кас мегӯяд, манзури шоир тағирёбии ҳолати нафаре ё касеро дар назар дорад.

Зи тарзи машраби ушшоқ сайри бенавоӣ кун,

Шикасти ранги кас обе надорад зери коҳ ин ҷо [22, 43].

Дар робита ба тавзеҳи куллии байти боло ибораи дигар низ қобили мулоҳиза аст. Аввал «сайри бенавоӣ кардан, ки манзур аз ин як рукни муҳими тасаввуф буридан аз алоиқ ва расидан ба мақоми фақр маҳсуб мегардад. Аз сабаби он ки дар зикри абёти ин ғазал мо нусхаи Халилуллоҳи Халилиро ба асос гирифта будем ва дар он шакли сайри бенавоӣ кардан омадааст, мо нахуст шакли мазкурро овардем. Аммо дар баъзе нусхаҳои девони Бедил шакли сайри бериёӣ кардан» кардан низ омадааст, ки маънии кӯшиш ба бериёӣ кардан, ибодат ва риёзат кашидан танҳо барои Худо ва восил гардидан ба ҳақ, таъаббуди беғаразона анҷом доданро дорад. Ба назари мо, пайваста ба он ки дар мисраи дувум ибораи мустаъмали «оби зери коҳ» ба маънии - чизи фиребанда, чизе, ки пушти он фиреб нуҳуфта бошад, ба кор рафтааст, шакли сайри бериёӣ кардан ҳам ба матлаб наздик аст. Ибораи мазкурро муаллифи «Фарҳангномаи киноя» ба маънии инсони муҳилл ва маккор низ шарҳ додаву чанд намуна аз Хоқонии Шарвонӣ, Соиб, Носири Хусрав ва Мавлои Рум овардааст. Аз ҷумла байти Соиб чунин аст:

Оби зери коҳро бошад хатар аз баҳри хеш,

Соиб аз ҳамвории аҳли замон ғофил мабош.[167, 21]

Ҳатто бо ташреҳи ин маънии таркиби мазкур ҳам метавон ҷилваи маънии шахси маккорро дар байти Бедил мушаххас кард, зеро шоир дар мисраи дувум меоварад, ки «шикасти ранги кас обе надорад зери коҳ ин ҷо». Агар дар назари аввал маънии мисраи дувум тағири ҳолати кас фиребе дар пайи худ надорад бошад, амиқтар ҳам биандешем мешавад маънии дигаре бардошт, ки тағири ҳолати касе ӯро ҳамчун инсони маккор ва ҳилагар нишон намедиҳад. Чун одатан ашхоси маккор сурат ва сирати хешро зуд зуд иваз мекунанд, ин ишорати Бедил дар пайванд бо зикри вожаи кас метавонад манзури шахсро ҳам дар мӯҳтавои байт ба субут расонад.

Дар байти мақтаъи ин ғазал бошад калимаи «замингир» ба танҳоӣ киноя аз шахси оҷизу нотавонро дорад ва дар таркиби ибораи «замингир будан» маънии нотавону оҷиз шуданро дорад. Аммо ин нотавониву оҷизии шоири сӯфӣ болотар аз ҳама қудрату манзалати дунёист зеро ин замингирӣ аз «афсуни дили бемуддаъо» яъне – андешаву розҳои дили бемуҳаббат, беҳосил ва дили бемудаъо, киноя аз дили холӣ аз алоиқ ҳосил мешавад ва чун инсон ба ёди бисоти қурб афтад, дигар ҳама даъвиву хоҳишҳоро барҳам занад, то дилаш бемуддаъо гардад.

Замингирам ба афсуни дили бемуддаъо Бедил,

Дар он водӣ, ки манзил низ меафтад ба роҳ он ҷо [22, 43].

Дар мисраи дувум шоир вақте сухан аз водӣ ба забон меоварад ва таъкидан ба он ишорат мекунад, ки дар он манзил ба роҳ меафтад, матлаби ирфонии байт боз ҳам равшантар мегардад «ба роҳ афтодани манзил – таъбири орифона аст, бар ваҷҳи он ки чун инсон дар масири сайри сулук ба мақоми маърифатие мерасад, ки дар вусъати ҳастӣ ҳамаи мавҷудот ба сӯи Ҳақ сафар доранд. Бедил ин нуктаро дар вуҷуди ин таркиб ҷо дода, ки ҳатто худи манзили мавҷуда аз дарки таҷаллои Ҳақ ва вусъати азамати он ба роҳ меафтад, то аз фаязони алтофи худовандӣ баҳравар гардад.

Ин ҷо аз баррасии намунаҳои киноёте, ки танҳо аз чанд байти як ғазал берун овардаву ба риштаи тафсир кашида шуданд, агар сурати нуфузи киноётро дар вуъсати як ғазали шоир бозгӯӣ кунанд, аз назари дигар ба ҷойгоҳи ҳар се навъи киноёт, ки муаллифи «Фарҳангномаи киноя» бар асоси дидгоҳҳои донишмандони адабпажӯҳи қадим ва ҷадид муқаррар карданд, ҳам дар як ғазал ва ҳам саросарии девони Бедил ишорат доранд. Ин се навъи киноя яквожаӣ, дувожаӣ ва чандвожаӣ мебошанд, ки албатта шеваҳои ҷолиби корбурдии он ба ҳунари шоирии суханвар сахт марбут аст. Агарчӣ мо ба намунаҳое аз ин навъ киноёт дар ин як ғазал аз Бедил бархурд кардем, вале барои равшании бештари махсусияти ин навъ киноёт ба тазаккури дигар аз киноёти шоиронаи Абулмаонӣ хоҳем пардохт:

Киноёте яквожаӣ асосан ҳамон навъ калимоте ҳастанд, ки аз як ҷузъи калимаи содда ё мураккаб иборат буда, дар шеър маънии киноӣ касб кардаанд: Намунаҳо барои киноёти яквожаӣ аз девони Бедил:

Ҳаваскада – киноя аз дунё ва маҷмӯи хоҳишҳои дунёӣ.

Аз ин ҳаваскада бо орзу ба ҷанг бурун о,

Чу бӯи гул нафасе пой зан ба ранг, бурун о[22, 44].

Дар ин ҷо таркибҳои киноии «бо орзу ба ҷанг баромадан» ва «пой бар ранг задан» ҳар ду маънии алайҳи орзуву хоҳишҳои дунёӣ ҷиҳод кардан ба кор рафтаанд.

<u>Сабукравон</u> - киноя сӯфиён, равандагони роҳи Ҳақ, касоне, ки роҳи висолро ба осонӣ тай кунанд.

Сабукравон зи камонхонаи сипеҳр гузаштанд,

Ту низ вом кун акнун пару хаданг бурунг о [22,44].

Дар ҳамин байт метавон ҳар се навъи киноётро ба мушоҳида гирифт. Агар сабукравон шомили навъи аввал аст, пас ибораи «камонхонаи сипеҳр» ба маънии макони мушкилоти дунёӣ, манзили машаққати олам шомили навъи дувум будан, таркиби куллии «аз камонхонаи сипеҳр гузаштан» ба маънии макони мушкилот ва манзили машаққати дунёро сипардан, аз душвориҳои ҳастӣ гузар кардан ба навъи савуми киноёт шомил аст.

Аз баррасии чанд намунаҳое аз киноёти шеъри Бедил равшан мегардад, ки корбурди ин санъати бадеӣ дар сурудаҳои Абулмаонӣ баробари басомади фаровон пайдо намудан, дар таҳаввули маъниофарӣ, нуфузи ибороти тозаи маҳсули андеша ва тафаккури шоир таъсири равшан гузоштааст. Авлавияти ба кор гирифтани ин санъат, ки ба ҳунари шоирӣ муттакӣ аст, зуҳури таркибҳои тозаеро ҳам таъмин намудааст, ки камтар дар паҳнои адабӣ форсӣ ба маонии корбурдии Бедил истифода шудаанд ва бо такя ба ин метавон киноярo ҳамчун яке аз саноеи пурбасомад дар шеъри шоир дар канори тамсилу ташхис, иҳому истиора ва ташбеҳҳои пушида номзад кард.

Муаммо дар шеъри Бедил. Ҳузури муаммо дар абёти Бедил ҳам яке аз авомили муҳими таҳаввулоти маъноӣ ва сохторӣ дар шеъри шоир маҳсуб

меёбад, зеро агар дар ашъори қудамо камтар санъати муаммо ҷилва мекунад ва ё он бештар дар сурати фард, қитъа ё дигар анвоъи шеърӣ суруда шудааст, ҷойгоҳи хосаи муамморо дар шеъри Бедил мо дар ғазал мушоҳида мекунем. Дар канори ин ишорат бар як нуктаи муҳим лозим ба назар меояд, ки бар асари интисоби ибҳомот ва печидагӣ бар шеъри Бедил ҳатто муаммоҳоро аз ҷумлаи вежагиҳои шеъри шоир донистаанд ё ба таъбири дигар каломи Бедилро шеъри муаммоӣ унвон кардаанд, ки ҳар байташ ниёзе ба шикофтан ва берун овардани маъниро тақозо мекунад. Вале бо ин ҳама зикри фаровони худи вожаи муаммо дар каломи Бедил ба эҳтимоли зиёд бар он низ таъкид мекунад, ки шоир ба ин санъати бадеӣ ва шеваи гуфтори мазкур иштиёқ низ доштааст. Таҳқиқ дар ҷойгоҳи муаммо дар шеъри Бедил воқеияти ин матлабро бештар муҷассам мегардонад. Барои шинохти ҳар чӣ бештари масъала ба яке аз ин навъи муаммо дар шеъри Бедили мурур менамоем:

Чу чашм бастаи муаммои роҳатам Бедил,

Ба лағзиши найи мижгон навиштаанд маро [22,102].

Вақте Мирзо Бедил зикри вожаи муаммо мекунад, ин нукта ишорате ҳам ҳаст, ки дар таркиби ин байт рамзе нуҳуфтааст. Бешак, гуфта метавон, ки яке аз вижагиҳои корбурди муаммо дар шеъри Бедил ҳузур пайдо кардани худи вожаи муаммо дар абёти ҳомили ин санъат ба шумор меояд, ки он даричае ба кашфи муаммо дар ғазали шоир мегардад. Таъкиди Бедил ба «бастаи муаммои роҳат будан» бозгӯ аз он аст, ки асрори маънӣ дар калимаи «роҳатам» нуҳуфта. Дар мисраи дувум ишорат ба он мекунад, ки «маро ба лағжиши найи мижгон» навиштаанд. Тааммул ба маънии «лағзиши найи мижгон» зоҳиран матлаберо ошкор месозад, ки ҳангоми лағжидан ин вожа сурати акси худро мегирад ва он гоҳ аз охир ду ҳарфи «нун» ва «алиф», ки дар якҷоягӣ «но» хонда мешаванд, ба аввали калима мерасанд. Аз сӯи дигар, чун лағжидан маънии ҳаракат карданро ҳам дорад, ин ҷо ҳарфи «нун»- и охир бо алифи баъдӣ ба ҳам васл мешаванд ва вожаи най акнун ба «но» табдил меёбад. Ин «но»- и ҳосилшударо агар ба роҳат васл кунем, калимаи нороҳат ҳузур пайдо мекунад. Чун инсон ҳамеша оромиву роҳат надорад,

Бедил бо зикри ин муаммо таъкид мекунад, ки ҳамеша бастаи муаммои роҳат, ки аслан нороҳатист, мебошад. Маънии ботинии байт ҳам асосан қаробат ба ин матлаб дорад, аммо чун ҳадаф ин ҷо бозгӯии ҷойгоҳи муаммо ҳамчун санъати лафзӣ дар ғазалиёти Бедил аст, ба тавзеҳи ин нукта иктифо хоҳем варзид.

Дар абёти зер ҳам Бедил бо зикри вожаи муаммо ба ҳузури ин навъи санъати шеърӣ дар батни сурудааш ишорат мекунад:

Ашк зи бедоди ишқ, пардакушо мешавад,

Фаҳми муаммо кунед, обила во мешавад [22, 483].

Таркиби «пардакушо», ки асли муаммои байт дар ҳамин вожа нуҳуфтааст, маънии пардакушодаянда, ошкоркунандаро дорост. Вале агар ба маънии куллии байт бо ишорат ба зикри таъкиди «фаҳми муаммо кунед» мутаваҷҷеҳ шавем, дар батни вай вуҷуди муаммо равшан мегардад. Ҳосили маънӣ он аст, ки ашк аз афзунии ишқ ва бедодии он дар тинати ошиқ муҷиби ошкор гардидани асрори ишқ мегардад. Ин ашк ҳамон вақт кушоишгари сатру пардаҳои монеъ мешавад, ки агар рӯи гунаҳои ошиқ таровиш кунад, ё ба замин афтад. Муаммои байт бошад, он аст, ки чун ашк аз мижгон ба замин афтад, чаппа гардад ва агар ашкро дар алифбои форсӣ баракс нависем, кушо ҳосил мегардад. Ба ҳамин вачҳ аст, ки дар мисраи дуввум шоир ишорат мекунад, ки фаҳми муаммо кунед, обила, яъне гиреҳ во мегардад.

Барои намуна як муаммои дигар:

Ин муаммо ҷуз дами теғи ту накшояд касе,

К-аз ҳазорон уқдаам, як уқдаи савдо сар аст [22,305].

Маънии нахустини байт он аст, ки ин муамморо ба ҷуз дами теғи ту касе накшояд, чун аз ҳазорон уқдаи савдо якеаш сар аст. Яъне вақте савдо аз ҳад биафзояд, мунтаҳо дами теғи ишқи ёр, ошикро фонӣ созад. Таносуби сухан дар дами теғ ва сари савдост, ки чун сари савдоро дами теғи маъшуқ гирад, муаммои вай ҳал гардад, яъне ба муроди хеш бирасад ва дар фано ба Ҳақ бупайвандад.

Вале муаммои байт дар гирифтани сари савдост, ки агар аз калимаи

савдо сари он, ҳарфи синро бигирем, боқӣ видо мемонад, ки дами теғ бо буридани сари савдо ин муамморо мекушояд.

Бедил дар каломи худ бештар он ҷо ки вожаи муамморо истифода бурда талқини берун омадани исме аз таркиби худи онро таъкид мекунад. Вобаста ба ин, бештари маврид истифодаи калимаи муаммо моро ба кашфи муаммои байт ё мавҷуд будани муаммо дар таркиби он ҳидоят мекунад. Аммо дар бархе мавридҳо ҳадаф аз истифодаи вожаи муаммо маънӣ ва мазмуни худи ин калима аст, ки аз он исме берун меояд ва шоир худ ҳатто исми муаммои байтро дақиқан тавзеҳ медиҳад. Масалан, дар байти зерин исми маҳфуз дар вусъати муаммо ба сони тилисми санг оташ аст. Ва ин ҷо оташ тимсоли ишқ аст, ки шоир бар он ишорат мекунад ва таъкид медорад, ки агар синаи маро вошикофӣ аз андаруни он мисоли оташи даруни санг танҳо ишқ берун меояд:

Ишқ меояд бурун гар вошикофӣ синаам,

Чун тилисми санг номи ин муаммо оташ аст [22, 328].

Дар байти дигар бошад, ҳосили исми муаммои ҳубобро Бедил ҳеҷ унвон мекунад, бар асоси он ки даруни ҳубоб тиҳист. Дар мисраи дувум бошад, шоир зоҳиран ишорат бар он мекунад, ки агар сухани моро вошикофӣ маънии он нагуфтан, яъне хомушӣ аст, чун маълум аст, ки хомушӣ яке аз рукнҳои аслии ирфони Бедил маҳсуб меёбад ва дар иртибот ба мисраи боло таъкиди шоир он ҳам ҳаст, ки агар муаммои ҳубобро боз намоӣ дохили он исми ҳеҷ аст, яъне чизе нест. Нуктаи дувум он аст, ки чун ҳубоб лаби худро боз намояд, замони ҳастии вай ба итмом расад ва ҳеҷ будани он дақиқ шавад:

Барнамеояд ба ҷуз ҳеҷ аз муаммои ҳубоб,

Лафзи мо гар вошикофӣ маънии ҳарфи магӯст [22, 262]

Дар мисраи дувум баробари маънии манзури шоир муаммое нуҳуфта аст, ки шарҳи он ба қарори зайл аст.Бедил таъкид дорад, ки лафзи «мо» гар вошикофӣ, яъне агар калимаи «мо»-ро амиқтар маърифат намоӣ, он маънии ҳарфи магӯ аст, яъне хомӯш бош маҳсуб меёбад. Мусаллам аст, ки вожаи «мо» дар забони арабӣ барои ифодаи инкор низ истифода мешавад ва шоир

ҳам ишорат бар он мекунад, ки агар маънии «мо»-ро амиқтар маърифат намоӣ, ҳамон магӯро ифода мекунад, чун магӯ худ феъли инкорист,ки дар баробари нагуфтан ҳамон рунки ирфонии «хомушӣ»-ро дар ҷаҳоншиносии Бедил ифода мекунад. Зимнан бо маърифати асли матлаб Бедил таъкид медорад, ки агар ҳақиқати мо, яъне ҳамон инсонро маърифат намоӣ, маънии он ҳамин хамуш будан аст, ки бар асоси он навъе аз тааллуқ вораста бошад. Чун инсон дар назариёти ирфонии Бедил вақте сухан мегӯяд, ҳамон мисли ҳубоб, ки бо лаб гушудан асли хешро аз даст медиҳад, дар бунбасти тааллуқот қарор гирифта, аз мақомоти маънавии хеш берун мемонад. Ҳамин маъниро Бедил дар байти дигаре аз худ бо корбурди ҳамингунаи вожаи муаммо тавассути таъбири дигари ирфонии хоси худ – забти нафас ба кор гирифтааст, ки пас аз мақоми хомушӣ қарор дорад:

Зи мову ман ба сукут, эй ҳубоб қонеъ бош,

Ки ғайри забти нафас, номи ин муаммо нест [22,268]

Ҳарчанд таркиби мову ман дар луғот ба маънии кибру ғурур истифода мешавад, аммо дар каломи Бедил ин таъбир ҳамоно дар муқобили хамӯшӣ сухан гуфтанро низ ифодагар аст, ки ба маънии байти болоӣ дар муносибат ба ҳубоб қаробат дорад. Дар мисраи дувум бошад ҳамоно Бедил матлаби боло талқин мекунад, ки ин ҷо танҳо ҷои хамуширо забти нафас гирифтааст. Дар асл агар «забти нафас» дар каломи Бедил ҳамон мақоми нафас сухтан аст, аммо ин ҷо метавонад боз ҳам маънии хамуширо низ ифода кунад, ки гунаи дигари маъноии байти болоро ифода менамояд.

Дар байти зер истифодаи вожагони ҳарф, нуқта, исм ва муаммо хонандаро ба кашфи муаммои байт дар баробари исми таркиби он раҳнамоӣ мекунад. Зоҳиран таъкиди шоир он аст, ки исми муаммои дили мо ҳамин шури сози ду ҷаҳон мебошад. аммо гар амиқтар бар муҳтавои байти мазкур биандешем, муаммои он низ боз мегардад, чун шоир дар мисраи аввал таъкид дорад, ки нест ҳарфе, ки аз ин нуқта берун наояд, яъне ҳар ҳарфе имкон дорад, ки аз вожаи нуқта берун оварда шавад. Дар робита ба мисраи дувум агар онро бо вожаи ҷаҳон дар хати форсӣ қиёс кунем, ҳарфи мушобеҳи ин ду

калимот ҳои ҳавваз аст ва агар онро аз вожаи ҷаҳон берун оварем, вожаи ҷон боқӣ мемонад. Пас, ҳосили муаммо, яъне исми муаммои дил ҳамон ҷон аст. Дар асл исме, ки дар андаруни муаммои дил нуҳуфта аст, ки шури ду ҷаҳон дорад, ҳамоно ҷон бошад:

Нест ҳарфе, ки аз ин нуқта наёмад берун,

Шури сози ду ҷаҳон исми муаммои дил аст [22,378].

Дар байти дигар бошад муаммои байт аз худи муҳтавои он маълум мегардад ва ин ҷо низ ҳамоно вожаи ҳубоб дар тарҳи асли он мақоми хосе дорад. Муаммои байт аз он равшан мегардад, ки шоир худ ишорате бар он мекунад, яъне аз кисвати ибрат, ки муаммои ҳубоб аст, ба ҷуз банди қабо дигар чизе кушода намешавад. Манзури Бедил он аст, ки банди вожаи қабо ҳарфи «б» аст, агар онро аз кисвати ибрат дар хати форсӣ «عبرت» бикушоем, калимаи «арт» ё «عرت» боқӣ мемонад ва ин вожа дар луғат ба маънии «ҷунбидан», «дурахшидан» ба кор меравад, ки аслу хосияти ҳубоб бошад.

З-ин кисвати ибрат, ки муаммои ҳубоб аст,

Охир накушудем ба ҷуз банди қабо ҳеҷ [22, 453].

Дар байти дигар вақте сухан ба таркиби «табъи сақими мо ба муаммо намерасад» таваҷҷуҳ мекунем, дар баробари маънии аслии шеър муаммое аз он берун меояд. Ҳосили аслии сухани шоир он аст, ки аслан рамзи даҳони ёрро мо наметавонем мукошафат намоем, зеро табъи ранҷури мо ба фаҳму дарки ин муаммо намерасад. Вале баробари ин агар дар навишти форсии вожаи муаммо «معما» ручуъ кунем, ҷузъи дувум аз вожаи «мо» мебошад. Вақте шоир изҳор медорад, ки табъи сақими мо ба муаммо намерасад, манзур он аст, ки мо ба таркиби муаммо ворид намегардад. Дар сурати нарасидани мо ба «муаммо» онҳо танҳо маъа «مع» боқӣ хоҳад монд, ки дар забони арабӣ ифодаи ҳамроҳиро дорад, яъне дар ин ҳол ҳам ҳамон маънӣ зоҳиран ҳосил мешавад, ки табъи мо ба дарки рамзи даҳони ёр наметавонад маърифат ва шинохтро ҳамроҳӣ кунад.

Рамзи даҳони ёр зи мо бехудон мапурс,

Табъи сақими мо ба муаммо намерасад[23.87].

Дар канори ин, нуктаи ҷолиби таваҷҷуҳ он аст, ки дар девони Бедил ғазале ҷой дорад, ки аз ҳар мисраи он муаммое берун меояд. Бино ба таъкиди Холмуҳаммади Хаста ғазали мазкур бо дигар муаммоҳои Бедил дар нусхаи хаттии рубоиёти шоир, ки дар китобхонаи шоҳии Кобул маҳфуз аст, дарҷ гардидааст. Дар нусхаҳои мазкур дар фавқи ҳар мисраъ исме, ки аз он бармеояд, сабт ёфтаанд. [101,21] Бобобек Раҳимӣ низ бар асоси ҳамин нашри Девони Бедил матни ин ғазалро бо зикри номҳои аз он беруноянда оварда, аммо шарҳе накарда. Инчониб барои бозкушии асли муаммои ҳар сатр иқдоме намуд ва чанде аз онҳо тавзеҳ ёфтанд, ки дар зер пас аз зикри ғазал оварда мешаванд:

Адабсанҷи баён ҳарфе аз он лаб ҳар куҷо дорад [Шуҳрат]

Хироми мавҷи гавҳар то ба домони ҳаё дорад. [Баҳаштӣ]

Кафи хокем, дар мо дигар андози расоӣ ку? [Адиб]

Ки дасти аҷз агар дорад баландӣ, ҳар дуо дорад. [Қадим]

Бухор аз гил, гуҳар аз об сар бар мекунад ин ҷо [Моҳир]

Нагуӣ мурда рафторе надорад зинда по дорад [Фаттоҳӣ],

Ғаму шодӣ надорад пову сар, з-ин моҷаро бигзар,[Шамс]

Чу махмал туҳмали бедории ин хобҳо дорад. [Суҳроб]

Аз ин кулфатсаро бархезу по бар қасри гардун зан [Раҳим]

Қиёматфитнае дар доманат сар дар ҳаво дорад [Қубод]

Бақои ҷоҳ мавқуф аст бар инъоми бебаргон [Фонӣ]

Ғано муҳри сари ганҷаш ҳамон дасти гадо дорад. [Мурид]

Сари савдоии ман хоки роҳи ёди дилдоре [Доим]

Ки номаш то расад бар лаб, даҳон ҳамди Худо дорад [Муҳаммад]

Замини инқилоби назми ғайрат нест номавзун [Ризо]

Нишасти гарди майдон бар сари мардон адо дорад [Имтиёз]

Магар доғи ту сӯзад чашм бар дарди мани Бедил,

Вагарна, ин гулистон кай сари бӯи вафо дорад. [22, 475]

Чун шеваи бурун овардани номи муаммо дар ҳуруфи форсӣ имконазир

аст, саъй шуд, то чанд онҳо бар пояи ин хат шарҳу тафсир дода шавад:

شهرت

ادب‌سنج بیان حرفی از آن لب هر کجا دارد

1.»Лаб» ба забони арабӣ «шафат»[شفت] аст. Аз калимаи мазкур ҳарфе, яъне «фе» «ف» гирифта мешавад. Дар натиҷа «шат»[شت] мемонад, ки парокандагӣ маънӣ дораду ба он «ҳар» [هر], ки дар паҳлӯи «лаб» аст, ворид гардад, шуҳрат [شهرت] ҳосил мешавад.

بهشتی

خرام موج گوهر پا بدامان حیا دارد

2.Кор аз калимаи «ҳаё» [حیا], ки маънои аввалаш дар фарҳанги форсии Муин *борон* ва маънои дуюмаш *фарохии сол* аст, шурӯъ мешавад. «Хироми мавҷи гавҳар» ин ҳарфи «ё» «ی» [алифи мақсура низ мегӯянд] аст, ки бо «алиф» «ا» дар домани ҳарфи «ҳ» омадааст. Ҳарфи «ҳ» дар ҳисоби абҷад ба «ҳашт» баробар аст. «Ҳашт»-ро дар миёни «б»-и ба калимаи «доман» часпида ва «ё» «ی»-и зоҳиран ба мавҷ монанд қарор медиҳем ва вожаи «биҳиштӣ» ҳосил мешавад.

ادیب

کف خاکیم، در ما دیگر انداز رسایی کو؟

3. Калимаҳои калидӣ дар ин муаммо «мо» ва «каф» анд. «Мо» дар тарҷумаи арабӣ ба тоҷикӣ «об» [اب] мешавад ва «каф» «яд» аст, ки дар паҳлӯи «мо» ба сурати чаппа « دی» ҷойгир мебошад. «Андози расоӣ надоштан» ишора ба он аст, ки ин ҷузъҳои ёфташуда, норасоанд. Агар онҳо дар сурати расо ба ҳам оварда шаванд, шакли дурусти калимаи «адиб» ادیب ҳосил мешавад.

قدیم

که دست عجز اگر دارد بلندی، در دعا دارد

4. Аз тарҷумаи ибораи дасти аҷз «яд» [дар байн қарор гирифтааст аз нотавонӣ] бармеояд ва аз «баландӣ доштан дар дуо» «қум» [бархез] истинбот мешавад. Аз ин рӯ, ҳарфҳои «қум» дар ду сӯй - дар як баландӣ [яке аз маъноҳои Қоф куҳ асту баландӣ] ва як пастӣ [шакли «мим»ро дар охири калима ба назар бояд гирифт] ва «яд» дар миёна ҷой мегиранд ва «қадим»-ро ташкил медиҳанд.

ماهر

بخار از گل، گهر از آب سر بر می کند این جا

5. Таъбири «Гуҳар сар аз об [мо] берун кардан» ду ишора дорад: 1] аз сар – оғози калимаи «гуҳар» گهر ҳарфи аввал – «гоф» берун овардан ва «ҳир» هر ҳосил кардан. 2. Обро дар тарҷумаи форсӣ ба арабӣ ба «мо» табдил додан. Дар натиҷа ҳосил мешавад: ماهر.

فتّاحی

نکویی مرده، رفتاری ندارد، زنده پا دارد

6. Калимаҳои калидӣ «рафторе» ва «зинда» аст. «Мурдани накӯӣ» ба «аз рафтор мондан»-и ҷавонмардиву саховати одамон иртибот дорад. Аз ин рӯ, аз калимаи «рафтор» вожаи «фато», ки яке аз маъноҳои караму некӣ кардан аст, ҳосил мешавад. Ба «по»-и ин вожа, аз тарҷумаи форсӣ ба арабии калимаи «зинда» «ҳай»-ро берун оварда, мепайвандем: فتّاحی ҳосил мешавад.

شمس

غم و شادی ندارد پا و سر، زین ماجرا بگذر

7. Аз калимаи «ғам» غم по [мим] ва аз вожаи «шодӣ» شادی [шин] берун оварда мешавад. Мемонад «ғодӣ», ки дар тарҷумаи арабӣ «дар бомдод раванда» маъно дорад, Шамс низ мешавад.

سهراب

چو مخمل تحمت بیداریی ما خاب ها دارد

8. Аз калимаи «бедорӣ» дар тарҷумаи форсӣ ба арабӣ سهر «суҳр» ва аз калимаи «мо» дар тарҷумаи арабӣ ба форсӣ اب «об» берун оварда, канори ҳам мегузорем, мешавад: سهراب

رحیم

از این کلفت سرا برخیز و پا بر قصر گردون زن

9. Кулфатсаро дунёи нафриншуда − раҷим аст, ки аз он нуқтавор бархезиву сиво шавӣ, ба Раҳим расӣ.

Як нуқта беш фарқи Раҳиму раҷим нест,

Аз нуқтае битарс, ки шайтониат кунад. Фозил Назарӣ

قباد

قیامت فتنه ای در دامنت سر در هوا دارد

10. Аз калимаи قیامت فتنه «қиёматфитна» ҳарфи «қоф», ки дар доман−канори вожа қарор дорад, берун оварда мешавад ва бар сари он муродифи форсии هوا ҳаво − бод гузошта мешавад ва дар натиҷа калимаи дилхоҳ берун меояд: قباد

مرید

غنا مُهر سر گنجش همان دست گدا دارد

12.Аз калимаи مُهر «муҳр» ҳарфи «ҳ», ки ба нақши муҳр монанд аст, берун оварда мешавад. Дар натиҷа шакли مر мемонад, ки бар он дасти гадо «яд» ید пайваст карда мешавад ва номи مرید ба вуҷуд меояд.

دایم

سر سودایی من جاک راه یاد دلداری

13. Аз вожаи من «ман» сари савдоӣ − «мим»ро берун оварда, вожаи یاد «ёд»ро ба он пайваста, аз ҳарфи дол шуруъ карда мехонем: دایم

محمد

که نامش تا رسد بر لب، دهان حمد خدا دارد

14. Даҳон шаклан ба ҳарфи «мим» монанд аст, ки бар он вожаи حمد «ҳамд» васл шавад, номи محمد Муҳаммад ҳосил мешавад.

Мурур ба муаммоҳои ғазали мазкур дар баробари таҷассуми ҳунари шоирии Бедил аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ин суханвари мумтоз дар идомаи корномаҳои адабии хеш ба ибдои навъи дигаре аз ғазал ба сурати муаммо иқдом намудааст, ки назири онро мо дар адабиёти гузаштаи хеш ба ин сурат надорем.

Дар маҷмуъ, баҳсу баррасии ҷойгоҳи муаммо дар шеъри Бедил аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар баробари истифодаи вожаи мазкур ҳамчун як мафҳуми маънисоз шоир кушидааст, ки дар зимни чунин абёт аз санъати муаммо низ ба кор бигирад. Ба ибораи дигар, корбурди вожаи мазкур дар абёт навъе моро бар он роҳнамоӣ мекунад, ки дар таркиби байти мазкур муаммое низ нуҳуфтааст, ки бояд ба суроғи вошикофии он биравем ва матлабу мазмуни тозаи офаридаи шоирро берун биовраем. Ҳамзамон, корбурди санъати муаммо дар таркиби абёти ҷудогонаи ғазал ва инчунин эҷоди ғазали муаммо ба ҳунари шоирии Бедил дар истифодаи муваффақонаи ин санъати бадеӣ ва дар заминаи он офаридани маъниҳои тоза таъкид меварзад.

ФАСЛИ ЧАҲОРУМ. ВОЖАСОЗӢ ВА ШЕВАҲОИ ХОСИ ТАЪБИРОФАРИНӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ БЕДИЛ

Мирзо Бедил дар канори тавфиқ бар таҳаввулоти фикрӣ ва ҳунарӣ, ки дар шеъраш мунсаҷим аст ва аносиру аркони муҳимтарине аз ин ибтикорот манзалати вайро дар қаламраври шеъри форсӣ муқаррар намудаанд, ҳамон гуна ҷойгоҳро дар сохтмони вожагонӣ ва офариниши таъбироти хос низ соҳиб гардидааст. Шоир бо корбурди шеваи иҷтиноб аз такрори калом эҳтимом варзида, ки дар шарҳу тафсири мафоҳими мухталифе чун инсон, дунё, ишқу ирфон, ваҳдату касрат, истилоҳу таъбирҳои фалсафӣ, ирфонӣ, ахлоқӣ ва соири вожагону тарокиби мураввақ дар зиндагонии воқеӣ ва ҳузури пурнуфузи онҳо дар қаламрави шеър таҷаддуди фикрӣ ва ҳунарии шеърро партав афканад. Ҳамин ибтикори шоир мӯҷиби зуҳури тозатарин вожагони худсохт ва таъобире гардидаанд, ки ағлаб маҳсули тафаккури шоир буда, тозагӯиву тозаназарии ӯро дар шеър метавонанд тафсир намояд. Бо назардошти вусъати тамоми ин вижагии шеъри Бедил ҳамчун падидаи ҳунарӣ ва унсури поэтикаи ашъори ӯ мо инро танҳо ба шеваҳои вожасозӣ ва таъбирофаринии шоир барои маънигузорӣ ва тафсири чандин вожаҳо ва усулҳои сохтмони калимаву таъбир ва таркибҳои шоирона дар девони Абдулмаъонӣ мурур хоҳем намуд.

Таваҷҷӯҳ ба манзараи куллии таъбирофаринӣ ва таркибсозиву иборооройӣ дар шеъри Бедил баёнгари он аст, ки Абулмаонӣ воқеан дар раванди ин унсури муҳими ҳунари шоирӣ ба як таҳаввулоти куллӣ мувоҷеҳ шудааст. Агарчӣ дар шеъри гузаштаи мо шеваҳои сохтмони таркибҳо ва ибораҳо хеле маъмуланд, аммо нуфузи ин падидаи марбут ба ҳунари сухангустарӣ дар девони Бедил боис омадааст, ки шоир усулҳои хос ва тозаеро дар ин росто ба зуҳур расонад. Ба таври куллӣ ва бо мурур ба тарокибу вожагони шоиронаи Бедил метавон чанд равишро дар шеъри ӯ мушаххас намуд, ки зимни баррасии ашъори шоир воқеияти ин шеваҳои хоси таркибсозии вай ошкор мегарданд.

1] Вожагони мураккаб ва ибораҳое, ки аз шеваи махсуси калимасозии шеъри Бедил бархурдор буда, барои ифодаи як маънӣ ва ҳатто теъдоди фаровони он барои тафсири маънии як калима омада, аз танаввуъи ифодаи мазмуни як мафҳум дар сурати чандин вожагони мураккаб дарак медиҳанд. Барои баёни мушахасси андешаҳо нахуст ба шеваҳои сохтмони вожагони мураккаб ва калимаву таркибҳои шоирона барои ифодаи инсон хоҳем пардохт.

Нахуст матлабе, ки зимни баррасии ин мавзӯъ матраҳ мешавад, шинохти Бедил аз манзалати рӯҳонӣ ва ҷисмонии инсон маҳсуб меёбад, ки зимни сохтмони таъбирот ва вожагон ин ду бӯъди офариниши инсон ба назари эътибори гирифта мешавад. Вақте Бедил мехоҳад аз ҷанбаи рӯҳонии инсон сухан ба забон оварад, тарокиб ва таъбирҳое меофарад, ки ба ҳамон фазилати ақдас ва камолоти маънавии ӯ ҳамоҳангӣ ва мутобиқат доранд. Дар ин ҳолат бештари таъбирҳои офаридаи Бедил ба сурати истиораҳои шоирона ворид шуда, каломи ӯро муассиру мулавван гардонидаанд. Масалан, ҷое барои тафсири инсон бо такя ба ҷанбаи рӯҳонии вай ӯро «накҳати гул» унвон мекунад:

Аз ном агар нагзарӣ аз нанг бурун о,
Эй накҳати гул андаке аз ранг бурун о [22,44].

Ин навъи тарокиб бештар дар зеҳни хонанда арҷу манзалати олии инсонро дар ҷаҳони омадшуд тасаввур мебахшанд ва ҳодии ӯ ба қаламрави шинохти мақоми нодири одамӣ дар рӯи олам мебошанд. Бедил дар зимни офариниши чунин таъбирот аз мафоҳими хосе ба кор мегиранд, ки дар тафаккури хонандаи худ одамро ҳамчун мавҷуди бузург, нодиру нотакрор ва муаззам тачаллӣ мебахшанд, ки бояд қадру мақоми ин мартабатро пеш аз ҳама худи ӯ бишносад.

Гоҳи дигар бо такя ба ҷанбаи хокии инсон, яъне маҳсули хок будани ҷисми вай таркибҳое меофарад, ки одамиро ҳақир, нотавон, оҷиз ва азаматаш нопойдору адамрас тасвир мекунанд. Ҳикмати тавоҷҷӯҳи Бедил ба ин бӯъди ҷисмонии инсон пеш ҳама таъкид бар он аст, ки он ҳама бузургиву мартабат

маноз, ки ту ҳамин мушки хок ё ашки сари мижгон ҳаст ва кутоҳтарин фурсати умр қоим бар адами маҷмӯи ин такаббурҳост. Мавриде инсонро бар ин асос «мушти ғубор» унвон мекунад:

Нест ҷуз худшиканӣ домани иқболи баланд,

Охир, эй мушти ғубор, ин ҳама парвоз чаро? [22,115].

Дар вусъати худи ҳамин байт матолиби фавқ тафсир шудааст ва Бедил инсонро ҳушдор медиҳад, ки он ҳама нозидан аз иқболи баланд ва фахру иртифоъ парвози ту дар ҳаҷми як мушти ғубор аст, ки ҳаргиз дур наравад аз доираи худии худаш. Пас,чун ту ҳам, ки худ аслан ҳамин муште хок ҳастӣ, дар фикри парвози мағруронаи мунтаҳо муқассир мабош.

Бедил дар иртибот ба ҳолатҳои инсон, аз ҷумла инсони ориф, инсони ошиқ вожагони қолибу шоиронаи мураккаб ва таркибҳои тозае офаридааст, ки ҳамагӣ муфассири ҳунари нотакрори шоиронаи ӯстанд. Бавижа, барои бозгӯии ҳолати шахси ориф аз девони Бедил метавон ба касрат вожагони мураккаб ва таркибҳоеро берун кашид, ки ағлаб маҳсули қариҳаи фитрии худи шоир ҳастанд. Дар ин маврид ҳам ӯ мақому манзалат ва ҷойгоҳи соликро ба назари эътибор мегирад ва бештар калимотеро меофарад, ки аз ҳамон мақоми орифонаи сӯфӣ сухан мекунанд. Аз ҷумла, вобаста ба ҳолати орифи дар мақоми ҳайрат қарордошта, ки аз зинаҳои вижаи камолоти маънавии инсони роҳрав маҳсуб меёбад, аз девони Абулмаонӣ тарокибе чун ҳайратнигоҳ, ҳайраткамин, ҳайратрафта, ҳайратнаво, ҳайратоғӯш, ҳайратсуҷуд, ҳайратпараст, ҳайратдамида, ҳайратрақам, ҳайратоҳанг, ҳайратизҳор, ҳайратфиреб, ҷунунҳайрат, ҳайратматоъ, ҳайраторо, ҳайратзада [маъруф], ҳайратсиришт ва амсоли ин барин вожагони мураккабро метавон хориҷ намуд, ки асосан маҳсули сувари хаёли шоир ҳастанд ва ҳам аз назари мафҳуми орифона ва ҳам таркиби шоирона тозагиҳои нодиреро дар худ таҷассум намудаанд. Барои намуна ба чанд байт бо корбурди чанде аз ин вожагон руҷӯъ мешавад:

Ҳайратоғӯш:

Имтиёзи ҷилва аз мо ҳайратоғӯшон махоҳ,

Дургарди дида мебошад нигаҳ оинаро [22,123].

Ҳайратнаво

Ҳайратнаво афсонаам, аз хеш пур бегонаам,

То дар даруни хонаам, дорам буруни дар садо [22, 123].

Дар ин байт аслан вожаи «***ҳайратнаво***» дар сифати афсона ба кор рафтааст ва манзури Бедил шарҳи гуфторест, ки инсони шунавандаро ба ҳайрат мерасонад. Аммо вақте таркиби «ҳайратнаво афсонаам»-ро шоир дар зимни ин вожа меофарад, равшан эҳсос мегардад, ки ба шахси суханвар мансуб мешавад. Аз ин нигоҳ, гоҳо ин гуна таркибҳои шоиронаи баёнгари маонии инсони ориф дар сурати пайванд ба худи шоир зуҳур кардаанд, ки намунааш ҳамин «ҳайратнаво афсонаам» ҳаст ва дар мавриди дигар Бедил бо чунин шеваи сохтмони тарокиб ва вожагон «ҳайратдамидаам»-ро падид овардааст:

Ҳайратдамидаам гули доғам баҳонаест,

Товуси ҷилвазори ту оинахонаест [22,304].

Ҳайратнигоҳӣ – ба мақоми ҳайрат расида, ки дар пешорӯи таҷаллии ҳақиқати кулл ва осори илоҳӣ мутаҳайри бимондааст. Ҳарчанд ин ҷо аслан вожаи мазкур барои тафсири ҳолат омадааст, аммо боз ҳам ин вазъи рӯҳонӣ ба инсон тааллуқ мегирад ва асли вожаи мураккаб ҳамон ҳайратнигоҳ аст, ки баёни инсони дар водии ҳайрат ё дар мақоми ҳайрат қарорёфтаро мекунад. Корбурди таркиби «водии ҳайратнигоҳӣ» дар байт матлаби мазкурро сареҳан таъйид мекунад:

Гумгаштагони водии ҳайратнигоҳием,

Дар гарди ранги бохта кун ҷустуҷӯи мо [22,105].

Ба назар мерасад, ки мисраи аввали байти мазкур низ боз ҳам ба ҳамон шеваи хоси таъбирофаринии сурудаҳои Бедил сомон пазируфтааст, ки кулли мисраъ як таркиби шоирона аст. Ин ҷо таркиби «гумгаштагони водии ҳайратнигоҳием» як ибораест,ки тамоми мисраъро ба вуҷуд овардааст ва сухан дар мавриди мо-и шоир меравад, ки дар мақоми ҳайратнигоҳӣ қарор

дорад. Тавре тазаккур ёфт, корбурди вожаи водӣ дар батни таркиби мазкур маънии орифонаи матлаб ва андешаи дар мақоми ҳайрат қарор гирифтанро боз ҳам тақвият бахшидааст. Вожаи мансуб ба худи инсон дар сурати «ҳайратнигоҳ» ҳам дар байте ба сурати зайл ба кор рафта:

Дидаи ҳайратнигоҳонро ба мижгон кор нест,

Хонаи оина дар банди дару девор нест [22,337].

Ҳайратрафта:

Ба ҳайратрафтагонат фориғанд аз фикри осудан,

Ки бедорист хоби нози ин оинабистарҳо [22, 133].

Ҷолиб аст, ки вожаи ***ҳайратрафта*** тафсири ҳолати орифонаи дар мақоми ҳайрат буданро дар худ ғунҷоиш додааст ва маҷмӯан ин калимаи муракккаб муродифи офаридаи шоир барои марди роҳи ҳақ, ориф ба шумор меравад, аммо Бедил дар мисраи дувум калимаи мураккаби тозае ба сурати «оинабистар» офаридааст, ки он ҳам ҳамин муродифи ҳайратрафта ё ҳайратмақом мебошад.

Дар маърифати инсони комил, ки боз ҳам асли манзур ҳамон ориф аст ва раҳрави баҷоерасида дар мақомотро ҳам гӯянд, Бедил вожагони мураккаби «таҳқиқошно» ва «таҳайурпешагон»-ро офаридааст, ки маҳсули андешаи худи шоир аст:

Ҳайф аст таҳқиқошно, ҷушад ба ваҳми мосиво,

То чанд бояд доштан худро зи худ бегонаат [36, 202].

Таҳаюрпешагон:

Мо таҳайюрпешагонро изтироби дигар аст,

Пар задан дар ранги хун шуд бисмили тасвири мо [36,50].

Ин шеваи сохтмони калимот дар девони Бедил гоҳо аз сарҳади маъмулии дувожагӣ убур карда, дар вусъати се вожаи дар бунёди як калимаи мураккаб иштирок намуда, таҷассум мекунад. Барои намуна аз девони Бедил метавон ба калимаҳои «мавҷигавҳартинат», «чашмитаҳаюрпеша», «бӯигулэҳромҳо» ишорат намуд, ки манзур ҳамон инсони ориф ва ба мақоми

камолоти маънавӣ расида мебошад. Ба ду намуна аз ин навъ абёт таваҷҷӯҳ хоҳем намуд:

«Чашмитаҳайюрпешагон» аз дигар вожагони сохта бад-ин сурат аст, ки ба маънии аҳли ирфоне, солики дар мақоми ҳайрат қарордошта ба кор рафтааст.

Бедил аз чашмитаҳайурпешагон нам хостан,

Домани оина бар уммеди об афшурдан аст [22,403].

Бӯигулэҳромҳо – ин вожа низ барои тафсири маънии инсони ориф омадааст ва ҳамоно бар асоси пайванди рӯҳии инсон шакл гирифта, чун бӯи гул ҳамеша тадоъӣ бар рӯҳи инсон кунад ва худи гул ба ҷисм.

Мақсади ваҳшатхиромони нафас фаҳмиданист,

Бесуроғе нестанд ин бӯигулэҳромҳо [22, 49].

Дар байти мазкур хамзамон ибораи «ваҳшатхиромони нафас» низ ба маънии инсони ориф корбаст шуда ва худи вожаи мураккаби «ваҳшатхиромон» низ дар алоҳидагӣ метавонад муфассари шарҳи ҳоли сӯфӣ ё ориф бошад. Дар канори ин вожаи «бӯигулэҳромҳо» дар шумори калимоти сетаркибаи мураккабе қарор дорад, ки назири чунин вожагон ва шеваи ингунаи калимасозӣ дар шеъри форсӣ ба нудрат мушоҳида мешавад.

Барои тавзеҳи мақоми орифонаи инсон дар баробари корбурди вожаи ҳайрат калимаҳои мураккаби дигари дуҷузъии фаровоне дар девони Бедил ба чашм мерасанд, ки тавассути истифодаи вожагони тафсиргари ин ҳолат бунёд пазируфта, ҳамагӣ ифодагари маънии инсони комил ва ориф ҳастанд. Ҷолиб он аст, ки Бедил бар сохтмони чунин калимоти муфассири мақоми орифонаи инсон яке аз истилоҳоти хоси тасаввуфиро ба кор мегирад, ки он ҳамчун унсури асосӣ барои шарҳи ирфонӣ ёфтани мазмуни вожа хидматгузор мебошад. Барои намуна чанд вожаеро аз ин гуруҳ тазаккур хоҳем дод, ки дар сархати онҳо ваҳдат қарор дорад:

Ваҳдатнигаҳ, ин ҷо ба маънии яктошинос, сӯфии ба мақоми ваҳдат расида ва ҳам пайравони маслаки муваҳҳидия низ манзур аст. Истифодаи вожаи ваҳдат, ки аз истилоҳи маъмулии шеъри ирфонии мост ва дар девони

Бедил ҳам бо ҳамон маънии тавҳид ва иттиҳоди Офаридгору олам ва инсон тавзеҳ меёбад, ба чунин назар дарёфтани мо аз шарҳи он роҳ мекушояд:

Мову мани ваҳдатнигаҳон ғайри туе нест,

Ин ришта муҳол аст, ду сар дошта бошад [23,39].

Ваҳдатоҳанг боз ҳам баёнгари ҳамон сӯфии муваҳҳид аст, ки ҷуз оҳанги ваҳдат чизе дигар нанвозад ва бо ин садо худрову дигаронро ба сӯи худии худ бихонад:

Ваҳдатоҳангон рафиқи корвони ғайратанд,

Он кӣ бо мо меравад, бо ҳеҷ кас ҳамроҳ нест [22,418].

Вақте Бедил ибораи шоиронаи «рафиқи корвони ғайрат»-ро ба кор мегирад, ин равшан мешавад,ки сухан аз мақоми хоси ориф меравад, ки он ҷо на ҳар касро роҳ аст. Ба ибораи дигар, ин ҳарфи сӯфии тайкардаи ҳафт водӣ аст ва бо такя бар маънии ирфонии ваҳдат метавон мӯътақид шуд, ки ҳар вожаи мураккаби сохта тавассути ин истилоҳи ирфонӣ баёнгари ҳолати инсони комил аст. Вобаста ба ин, бар асоси корбурди мафоҳими ирфонӣ ва дар заминаи онҳо падид овардани вожагони хоси шоирона ва ҳатто истилоҳоти тоза Бедил боз ҳам навъе иҷтиноб аз такрор меварзад,яъне агар маҷмӯан ҳамагӣ ба маънии инсони ориф эҷод шудаанд, аммо умқан ҳар яке марбут ба ҳолат аст ва хосавожаҳои офаридаи шоир маънии инсони орифро дар мақомоти мухталиф ташреҳ мекунанд. Пас, агар бо ҳайрат сохта шудаанд, ифодаи солики дар мақоми ҳайрат қарордоштаро мекунанд ва бо ваҳдат маънии сӯфии муваҳҳид ё ба мақоми ваҳдат расидаро. Ҳамин гуна, тавассути вожаи хомӯш, ки дар назариёти ирфонии Бедил ба истилоҳи махсус табодул кардааст, вожасозӣ барои ифодаи солики тариқат мекунад:

Хомӯшнафас – ин ҷо ҳам маънии инсони орифро дорад ва чун калимаи мазкур дар якҷоягӣ ба мақоме ишорат мекунад, ки инсони ориф дар қатъ ва хомӯшии нафас ё ба истилоҳи маъруф дар шеъри Бедил «забти нафас» дар кори эҳтироз аз тааллуқи дуён талош меварзад.

Дар нолаи хомӯшнафасон маслиҳате нест.

Гармрафтор:

Гармрафторе, ки сар дар роҳи он якто гузошт,

Гоми аввал чун шарар худро ба ҷои по гузошт [22,407].

Дар канори ин вожагони муфассари орифи мутаҳайир аз таҷаллии осори ҷамоливу ҷалолӣ Бедил ба тафсири худи мақоми ҳайрат тавассути калимаву таъбирҳои тозаи шоирона низ тамоюл дорад, ки намунаҳои он ҳайратхона, ҳайратобод, ҳайраткада ва амсоли ин мебошанд. Бештари ин калимот бо он ки тавассути вожаи ҳайрат офарида шудаанд, аммо баёнгари маъниҳои дил, макони таҷаллии офаридгор, дунё ва амсоли ин кобаст шудаанд:

Ҳайратхона – дили инсони ориф чун макони таҷаллии Ҳақиқати кулл аст

Хилвати андеша ҳайратхонаи дидори туст,

Эй калиди дил, дари уммеди мо бикшо, биё [22,59].

Зимнан метавон изҳор дошт, ки ба ҷуз аз вожагони мураккаб дар шеъри Бедил сохтмони таркибҳое ба чашм мерасанд, ки аз ду ва ё се ҷузъ иборат буда, ҳамоно маънии як мафҳум ё истилоҳу ҳолатро ифода мекунанд. Масалан, дар байти боло агар бигзарем аз худи вожаи «ҳайратхона» ва онро ба таркиби куллии офаридаи Бедил якҷо бигирем, ибораи «ҳайратхонаи дидори ту» мешавад, ки он ҳам маънии ҳамон дили инсони ориф ва ҳам ҳолати тааммул дар асрори офариниш, мувоҷеҳ ба сунъи офаридгор будан бошад, ки ҳайратхонаи дидори Ӯро барои инсони ориф эҷод мекунад.

Баробари ин, Бедил зимни муроҷиат ба инсонҳое, ки берун аз мақоми ирфонӣ қарор доранд ва ҳанӯз дар маърифати асли хеш қадаме нагзошта даст ба гуноҳ мезананд, низ таркибҳои хосе офарида, ки аслан баёнгарии маънии инсон бо назардошти ҳамин хислатҳои замимаи ӯ мебошад. Масалан, дар байти зер Бедил ибораи «ғарраи иқбол»-ро ба маъниии инсони мағрур ва мутакаббир аз бахту иқболи дунёии хеш офаридааст, ки худ поёни кори чунин инсонҳоро шум арзёбӣ мекунад.

Эй ғарраи иқбол саранҷоми ту шум аст,

Маргат ба таги боли ҳумо сояи бум аст [22,241].

Ҷои дигар ибораи **«ғурурандеши тамкин»** ба маънии инсони пайванд бо ҷаҳони омадшуд дошта ба кор рафтааст, ки саранҷом ба инфиол бирасад:

Эй ғурурандеши тамкин! Инфиоломода бош,

Чун садо чун з-ин кӯҳи пур бесанг мебояд гузашт[22,273].

Бо таваҷҷӯҳ ба ибораи «кӯҳи пур бесанг», ки аслан маънии дунёву оламро дорад, метавон изҳор дошт, ки Бедил ҳамин гуна вожагони мураккаби тозасохтро дар ифодаи маънии дунё низ фаровон эҷод намудааст. Дар девони шоир таркибҳои зиёде ба чашм мехӯранд, ки баробари тозагии сохтмони хеш баёнгари онанд, ки Бедил барои иҷтиноб аз такрори сухан ва касрати истифодаи вожагони ҳаммаъно ба эҷоди таркиб ва калимаҳои сохта ва мураккаби иқдом намудааст. Ба чанд намуна аз чунин вожагон мурур мекунем.

Хиҷлатсаро:

Баъди мурдан кор бо фазл аст, бо аъмол нест,

Ҳар ки з-ин хиҷлатсаро рафтаст, беғам рафтааст [22,274].

Ҳирмонсаро:

Ғайри афсӯсам чӣ бояд хурд аз ин ҳирмонсаро,

Бар бисоти даҳри муфлис, меҳмонам кардаанд. [23,89]

Гузаргоҳ ва иқоматгоҳ:

Олами имкон гузаргоҳ аст, иқоматгоҳ нест,

Хоҳ бар ҷо хуфта хоҳӣ, ланг мебояд гузашт [22,273].

Ҳарчанд вожагони гузаргоҳ ва иқоматгоҳ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ шаклан дар мавориди мухталиф ба чашм мерасанд, аммо Бедил барои ифодаи маънии дунё ба унвони муродифи он ба кор гирифтааст, ки аз тозакориҳои шоир тавассути сохтмон ва табодули маъноии чунин вожагон дарак медиҳад.

2]Навъи дигари ифодаҳои офаридаи Бедилро ибороти сеҷузъӣ ё серъҷузъӣ ба вуҷуд овардаанд, ки барои ифодаи маънии як мафҳум бунёд шуда, маҳсули андеша ва тафаккури шоиронаи Бедил ҳастанд. Ҷолиб он аст, ки дар таркиби ин навъ таъбирҳо аксаран вожагони бакоррафта аз асли

маъноии хеш дур рафта, барои ифодаи матлаби мавриди назари шоир хидматгузорӣ намудаанд. Барои намуна ба чанд таркиб руҷӯъ мекунем:

Дастгоҳи инфиоили ҳар дукон – василаи изҳори шармзадагӣ будан.

Кист ё раб то маро аз худфурӯшӣ вохарад,

Дастгоҳи инфиоли ҳар дуконам кардаанд [22,89].

Вижагии дигари ин шеваи таркибсозӣ пеш аз ҳама дар канори ҳамдигар қарор додани мафҳумҳои маҳсус барои маърифати мафоҳими номаҳсус ба шумор меравад, ки дар робита ба ин хусусияти таркибҳои шеъри Бедил Ҳасан Ҳусайнӣ ҳам изҳори назар намудааст [213, 24] Масалан, ин ҷо вожаи инфиол мафҳуми номаҳсус ё отифӣ аст ва барои маърифати наздик ба тафаккури хонанда ё тасаввурпазир афтодани он Абулмаонӣ вожаи дастгоҳро канори он мегузорад ва нахустин таъбир дар ҷузъи таркиби куллӣ «дастгоҳи инфиол» ҳосил мешавад, ки маънии воситаи шармсозӣ мебошад. Аслан вақте барои маърифати маънии байт иқдом намоем, як хусусияти барҷастаи дигар аз навъи таркибсозӣ дар девони Бедил ҳувайдо мегардад, ки он гоҳо ба сурати як таркиби мукаммал ҷилвагар шудани як мисраъ мебошад. Ин ҷо ҳам агар амиқан бингарем маълум мешавад, ки мисраи дувум бар асоси таркиби офаридаи шоиронаи Бедил **«Дастгоҳи инфиоли ҳар дӯкон кардан»** ҳосил гардидааст. Чанд ибораи дигарро аз ин навъ баррасӣ хоҳем намуд:

Анҷумани ёди таҷаллиасар- ҷое, ки ёди ӯ таҷаллӣ афканад, фурсату фазои фоиз будан аз ёди таҷаллибори Ӯ, ки аз он андеша мунаввару рӯшану чароғон гардад.

Он ки дар анҷумани ёди таҷаллиасараш,

То нафас мекашӣ, андеша чароғон шудааст [22,245].

Ҷои дигар ҳамин маъниро дар сурати ибораи «**тамошокадаи ҷилваи ӯ**» таҷассум намудааст, ки навъе ҳиссомезиро дар ҳар ду таркиб ба мушоҳида метавон гирифт. Агар дар аввал аз ёди асарофарини ӯ фоиз мегардад ва ин ҷо хотиру қалбу андеша чароғон мешавад, дар мавриди дидар аз дидори ӯ баҳраёб мегардад:

Гар на ин базм тамошокадаи ҷилваи ӯст,

Ин қадар чашм ба дидори кӣ ҳайрон шудааст [22,245].

Ба чанд намунаи дигар аз ин навъ иборот мурур мекунем:

Хоки саҳрои фано – маҷмӯан барои ифодаи фано шудан, дар мақоми ирфонии фано қарор гирифтанро баён мекунад

Хумхонаи ҷуши бақо- дар фанои худ ба бақои ҳақ расидан;

Хоки саҳрои фано, хумхонаи ҷӯши бақост,

Як қалам соҳил шаведу соғари дарё занед [23, 88].

Куштаи теғи нигоҳи лоларӯён, ки барои ифодаи ҳолат ошиқ омадааст:

Куштаи теғи нигоҳи лоларӯёнем мо,

Шамъи доғе бар сари лавҳи мазори мо занед [23,88].

3] Таркибҳое, ки аз чанд ҷузъ ё калима иборат буда,барои ифодаи як ҳолати равонӣ сохта шудаанд

Токи абрӯи осудагӣ- авҷи ҳолати оромиш ва осудагӣ;

Мезанад соғар ба токи абрӯи осудагӣ,

Ҳар киро аз обила по бар сари Кавсар бувад [22, 89].

Димоғи замзамаи бениёзӣ – ҳолати истиғно ва ҳолати бениёз будан ва аслан ин таркиб барои тафсири ҳоли бениёзии инсони ориф сохта шуда:

Димоғи замзамаи бениёзиат нозам,

Ки то дамид, бар оҳанги мо зад оҳангат [22,248].

Дамидан ин ҷо ба маънии ошкор шудан ва зуҳур ёфтан омада, ки вожаи пурмаънӣ ва сербасомад дар шеъри Бедил ба шумор меравад. Абулмаонӣ тавассути корбурди ин вожа ҳам тарокиби фаровоне дар девони хеш офаридааст, ки дар заминаи баррасии онон низ метавон ҳунари таъбирофаринии шоирро бозгӯӣ намуд ва албатта ин баҳси дигар аст.

Кафили бурунхирозии ноз – ваҷҳи аслии ошкор гардидани нози маъшуқ нагардидан, ки ҳамон таҷаллии ҷамол бошад ва таркиби куллӣ ҳаё кафили бурунхиромии ноз набудан аст, ки боз ҳам ба сурати дар шакли тамомии мисраъ ҷой гирифтани таркибро нишон медиҳад ва маънӣ он аст, ки ҳамеша ҳаё кафолат ё замонатдеҳи ҷилваи нозу ишва ғурури маъшуқ буда

наметавонад, чун ҳаё ва ноз аносири муқобил дар маърифати таҷаллии ҷамоли маъшуқанд:

Ҳаё набуд кафили бурунхиромии ноз,

Дили гирифтаи мо кард ин қадар тангат [22,248]/

Сандали дарди сари ҳар шӯъла – доруи дарди сари шӯъла, ваҷҳи оромиш ва суботи шӯъла, ки поёни он, яъне хокистар аст. Шӯъла ба зоти худ метавонад тимсоли инсон бошад, ки дар адам метавонад оромиш ёбад ва ин маънӣ бар асоси матлаби мисраи аввал ҳосил мешавад. Дар мисраи аввал яъне хок ногардида бӯи роҳат натавон ёфт, ки худ як таъбири ифодагари як маънии танҳо дар адам метавонад оромиш ҳосил шавад , чанд таркиби дигар таҷассум дорад, ки ниёз ба тавзеҳ доранд. Аввал ибораи хок ногардидан аст, ки асли он яъне хок шудан бошад. Хок шудан дар шеъри Бедил чанд маънӣ дорад: Аввал, аз олам даргузаштан, ба марг мувоҷеҳ шудан. Дуввум, хоксорӣ варзидан ва ин ҷо дар ин байт ба маънии ба адам расидан ва нобуд шудан ҳам омада.ибораи дигар бӯйи роҳат ёфтан аст, ки ба маънии роҳат ёфтан, оромиш пайдо намуда бошад. Аммо асли маънои ин таркиб аз таъбири мардумии бӯй бурдан сарчашма мегирад, ки ба маънии фаҳмидан, маърифат кардан, аз мавҷудияти чизе хабар ёфтан ба кор равад ва дар заминаи маънии ҳамин таркиб Абулмаонӣ ибораи «бӯи роҳат ёфтан»-ро сохтааст, ки мазмуни роҳатро дарёфтан ё маърифат кардани оромишро диҳад ва ин ҳамон ба оромиш расидан бошад.

Хок ногардида натвон бӯи роҳат ёфтан,

Сандали дарди сари ҳар шӯъла хокистар бувад [22,89].

4] Ифодаҳое, ки ба истилоҳи забоншиносӣ дар қолиби воҳидҳои фразеологӣ ё ибораҳои рехта сохта шудаанд. Ҳарчанд қисмате аз таркибҳои бад-ин шева сохтаи Бедил дар осори суханварони моқабл ва ё таркиби забони форсии тоҷикӣ мавҷуданд, аммо Мирзо Бедил дар зимни корбурди онон пеш аз ҳама кӯшидааст, ки маонии тозае биофарад ва дар канори ин ба зуҳури тарокибе бад-ин қолиб тавфиқ ёфтааст, ки собиқае ҳам надоранд ва нуфузи онҳо боиси авлавияти ҷанбаҳои ҳунарии ғазалиёти шоир гардидаанд. Дар як

ғазал нуфузи чунин таркибҳо аз 30 то 50 адад убур мекунад ва ончунонки гуфта омад, ин вижагӣ ба ҳаддест,ки ҳатто як мисраъ сурати чунин таркибро гирифтааст. Ҳамзамон аз андаруни чунин таркибҳо метавон чанд ибора ва таъбири дигари шоиронаеро бурун овард. Ба ин байти Бедил мурур хоҳем намуд:

Анҷум чу тукма рехт зи банди ниқоби субҳ,

Чандин хумори ранг шикаст аз шароби субҳ [22,454].

Чун тугма рехтан ин ҷо ба маънии зоҳир шудан ва манзур арзи ҳастӣ кардан бошад, зеро тугма дар пироҳан василаи бастан ва мастур мондан аст ва чун он бирезад

Хумор шикастан, киноя аз ба мурод расидан, тавфиқ ёфтан дар мақоми орзуҳо ва дар иртибот бо вожаи шароб агар дар байт омада сабӯҳӣ кардан ва рафъ намудани хумори шароби рӯзи гузашта бо нӯшидани ҷуръае аз шароби дигар маънидод мешавад.

Камоли Хуҷандӣ ҳам мефармояд:

Саҳар ба дафъи хуморам чӣ ҳоҷати туршист,

Зи рӯи мӯҳтасиби шаҳр чу сирка меборад.

Хумори ранг шикастан аз шароби субҳ, киноя аз бар асари ҷилваи сафои рӯшании субҳ ба орзуи худ расидани ранг. Ин ҷо тавре мушоҳида мешавад, аз дохили таркиби «**чандин хумори ранг шикастан**» метавон ибораи «**хумор шикастан**»-ро бурун овард, ки маънии он тавзеҳ шуд ва дар чанд ибора андаруни ҳамдигар ҷой гирифтаанд.

Гардан ба ҷайб дӯхтан- дар худ фурӯ рафтан, даруни пираҳан пинҳон шудани гардан.

Ғайр аз хаёли теғи ту гардан ба ҷайб дӯхт,

Бемағзро чу кӯҳ гарон аст хоби субҳ [22,455].

Манзур аз ғайр одами бегона, касе, ки аниси маҳрами роз нест. Ғайр аз асари хаёли теғи ту сарашро даруни пираҳан пинҳон кард, натавонист, ки садоқат дар ишқ нишон диҳад.

Раҳ бурдан, ба ҷое роҳ ёфтан, ба сӯи мақсад ҳаракат кардан

Аз чоки дил раҳе ба хаёли ту бурдаем,

Ҷуз офтоб чеҳра надорад ниқоби субҳ [22,455].

Нигоҳ дамидан- ошкор шудан, зоҳир шудани нигоҳ, зуҳури назар.

Аз чашми навхатон ба ҳаё медамад нигоҳ,

Гармӣ наҷӯшад он қадар аз офтоби субҳ [22,455].

Доғ кардан ибораи маъруф аст

Чун сояаам сиёҳии дил доғ кардааст,

Шабҳо гузашту ман накушудам ниқоби субҳ [22,455].

Тарӣ кашидан, ба маънии шарм доштан, дар иртибот ба ибораи домани тар гунаҳкор будан. Ин ҷо дар робита ба таносуби калом бештар ба маънии шармсорӣ наздик аст, чун наззорам мавҷи шароби субҳ шабнам мунфаил гардида, аз осмон ба замин фурӯ мечакад.

Дар арзи ҳастиям арақи шарм хун гирист,

Шабнам тарӣ кашид зи мавҷи сароби субҳ [22,455].

Алам чидан, ё алами даҳр чидан, ба маънии ғам хурдан, ин ҷо ба маънии ғами дунёро хӯрдан, дар гӯиши тоҷикӣ ба шакли алам кардан низ маъруф аст:

Дидӣ адами ҳастиву чидӣ алами даҳр,

Бо ин ҳама ибрат надамид, аз ту ҳаё ҳеҷ [22,453].

Як шеваи хоси таъбирофариҳои Бедил бо истифода аз арқом ва шуморагон маҳсуб мешавад, ки онро Кадканӣ иборасозӣ тавассути вобастаҳои ададӣ унвон кардааст. Ҳарчанд намунаҳое аз ин гуна таркибсозиро мо дар адабиёти гузаштаи хеш бо шеваҳои нисбатан маъмулӣ ва маъруф дорем, аммо дар каломи Бедил ин равиши офариниши таъбирҳо низ таҳаввуле касб намуда. Ба таъбири дигар ин суханвари мумтоз дар ин самт низ таркибҳо ва иборотиро нодире офарида, ки воқеан дар шеъри гузаштаи мо камтар назир доранд ва аз ин роҳ дар халқи маъниҳои ноб ва ибораҳои нодир нақши муассир гузоштааст. Барои намуна бар чанде аз онҳо ручуъ мешавад:

Сад кӯҳ аз нафас бастан:

Ҳастист бори хотири аз хеш рафтанам,

Сад кӯҳ бастаам зи нафас бар рикоби субҳ, [22,455].

Бедориям ба хоби дигар ноз мекунад,

Пошидаанд бар рухи шамъам гулоби субҳ [22, 455].

Як ханда беш набудан ба маънии кутоҳии фурсат ва замон:

Бедил зи сайри гулшани имкон гузаштаам,

Як ханда беш нест гули интихоби субҳ [36,455].

Маълум аст, ки истифодаи арқом ё вобастаҳои ададӣ дар сурудаҳои Бедил асосан барои ифодаи муҳлат, фурсат ва замон, ҳаҷму андоза ба кор мераванд. Тавассути корбурди ин вобастаҳо Бедил нодиртарин таркибҳое офаридааст, ки махсуси коргоҳи хаёли ӯ буда, дар ғанои таркиби луғавии забони адабии тоҷикӣ низ нақши муҳим гузоштаанд:

Як обила истодагӣ – фурсати андаки воистодан, қарор гирифтан:

Нафас ба қайди дил афсурд ҳамчу мавҷ ба гавҳар,

Ҳамин як обила истодагист рафтани моро [22,139].

Як мижа бар хеш кушодан- андаке ба суи худшиносӣ роҳ кушодан, фурсат худро шинохтан:

То зи худат нест хабар дар таҳи хок аст назар,

Як мижа бар хеш кушо ганҷ зи вайрона баро [22, 144]

Як хамёза саҳро

Шавқ агар бепарда созад ҳасрати мастурро,

Арзи як хамёза саҳро мекунад махмурро [36,100]

Дар маҷмуъ, Мирзо Абдулқодири Бедил дар шеваи сохтмони вожаҳои мураккаб ва таъбиру таркибҳои шоирона дар қаламрави адабиёти гузаштаи мо ба таври воқеӣ таҳаввулоти ҳунарие анҷом дода, аз ин роҳ дар ғанои таркиби луғавии забони тоҷикӣ асаре барҷаста гузоштааст. Дар навбати аввал, ибороти офаридаи Бедил ба ӯ имкон додаанд, ки нахуст дар гурез аз такрори вожаву таркибҳо барои ифодаи матолиби мухталиф иқдом намояд ва дар баробари ин бо истифода аз хазинаи пурбори луғоти тафаккури хеш бар он даст ёфтааст, ки дар ифодаи мафоҳим, матолиб ва мазомини мухталиф ибораҳои нобу тозаеро халқ намояд, ки ҳамагӣ ҷиҳати касби маъниҳои нави вожагон дар таркиби чунин таобир муассир афтодаанд.

ФАСЛИ ПАНҶУМ. ВОЖАВУ ТАРОКИБ ВА СУННАТҲОИ МАРДУМӢ ДАР ДЕВОНИ БЕДИЛ

Адабиёти форсу тоҷик дар давоми таҳаввулоти афзун бар ҳазорсолаи таърихии хеш аз ҳар роҳу восита такомул пазируфта, бад-ин васила баробари хидматгузорӣ дар рифъати ахлоқу маънавиёти ҷомеаҳо, ҳисси зебоишиносӣ ва маърифати бадеӣ, дар ҳифзу эҳё ва таводуми беҳтарин суннатҳои фарҳангиву мардумӣ, падидаҳои аҳсани таърихиву иҷтимоӣ ва муҳитар аз ҳама дар ғанои забони тоҷикӣ саҳми муносибе гузошта омадааст. Ба таркиби ашъори шоирон ва таълифоти адибон ворид шудани падидаҳои фарҳанги миллӣ муҳимтарин омили бақо ва идомаи ин суннатҳои нотакрор маҳсуб меёбад, ки мурур бар маҳсули эҷодии суханварони форсу тоҷик бар субути ин амр таъкид меварзад. Агарчӣ бахши аъзами ин аносири фарҳангӣ тавассути ҳифозат дар каломи аҳли адаб то имрӯз ҳатто дар рӯзгори иҷтимоӣ низ идомат пазируфтаанд, аммо новобаста аз адами қисмати муайяни ин падидаҳо тавассути мутолиаи ашъори шоирону маҳсули эҷодии нависандагон мо метавонем аз вуҷуди таърихии онҳо огоҳӣ пайдо намуда, бо ҳар роҳу васила дар бақову ҳастии ин суннатҳои нодир иқдом варзем. Ин равиши хоси таваҷҷӯҳ ба шинохти мақоми адабиёт бешак ба назокат ва асолати забони ноби форсии тоҷикӣ низ пайванди муҳкам дорад ва танҳо адабиёт муҳимтарин воситаи ҳифозати вожаву таркибҳои маъруф ва нодири забонӣ ба шумор меравад, ки дар амри таъмини ҳастии чунин вожагону ибороти асил ба василаи вуруд дар фарҳангҳои қадимаву ҷадид хидматгузорӣ намудааст. Аз ин нуқтаи назар, руҷӯъи шоирон бар ин амалкард, яъне муроҷиат ба вожаву таркиботи асил ва ноб,ки имрӯз онон аксаран дар забони мардум боқӣ монда, муодилҳои дигар ва ҳатто арабии онон дар мутуни адабӣ ҷойгузинашон шудаанд, дар шумори падидаҳои марбут ба ҳунари шоирӣ ва авомили тақвиятбахши ҷанбаҳои поэтикии шеър маҳсуб меёбад, ки на танҳо

бар ғанои маънавии осор, балки бар таҳкими бадеияти каломи суханварон низ муассир мебошад.

Баррасии арзишҳои адабии ин мавзӯъ дар пажӯҳишоти донишварони рус бар сурати барҷаста ҷараён гирифтааст. Аз ҷумла, адабиётшиноси рус М. Бахтин аз ҳамин зовия осори нависандаи фаронсавӣ Франсуа Раблеро таҳқиқ намуда, рисолае зери унвони «Эҷодиёти Франсуа Рабле ва фарҳанги миллии асримиёнагӣ ва давраи эҳё» ба қалам овардааст, ки дар он роҷеъ ба хадамоти адабиву фарҳангии ин суханвар дар фароҳамоварии гӯишҳои вилоёти мухталиф, андарзҳои ҷойдошта дар адабиёти шифоҳӣ, зарбулмасалу мақолҳои мардумӣ, вожагони хоси табақаҳои иҷтимоӣ, ҳазлиёт ва ҳаҷвият, падидаҳои шеъри халқии фаронса сухан меравад [275]. Ин донишманди рус корбурди ин аносири фарҳанги мардумии асримиёнагиро пеш аз ҳама ҳамчун муҳимарин унсури тақвиятбахши ҷанбаҳои ҳунарии таълифоти вай баррасӣ намуда, бо такя бар назароти суханварони ҷараёни романтикии фаронса, чун Шатобриан, Гюго ва Мишле ин адибро аз нобиғагони инсоният дар қатори Данте, Шекспир, Бокаччо, Сервантес мегузорад ва романи ҳаҷвии ӯро бо такя бар фарогирии ҳамин суннатҳои хоси адабӣ **ба ибораи Мишел** саропо «шохаи тиллоӣ» унвон мекунад.

Дар таърихи адаби форсӣ низ ин падидаи муҳим ба унвони арзиши адабии назму наср аз оғоз ҷойгоҳи хосае дарёфтааст. Аз устод Рӯдакӣ то имрӯз тамоюл ба суннатҳои фарҳанги мардумӣ ҳамчун унсури муҳими фасоҳатбахши каломи шоирон эътироф шудааст. Мирзо Абдулқодири Бедил низ дар ин ҷода аз ҷумлаи пешгомони шеъри форсӣ ба шумор меравад, ки дар шеваҳои шоиронаи корбурди аносири фарҳанги мардумӣ ба унвони суханвари чирадаст эътироф шудааст. Таҳқиқ дар заминаи баҳрагирии Бедил аз фарҳанги мардумӣ дар навбати аввал як нуктаи муҳимро мусаллам мегардонад, ки бештари вожагону таобири корбастшуда дар каломи шеър дар форсии роиҷ дар Фарорудон маҳфузанд ва шояд яке аз авомили аслии ношинохтагии ӯ дар қаламрави Эрон ҳамин унсури муҳими забонӣ низ бошад. Ба назар мерасад, ки ҳатто дар мавриди шарҳу тавзеҳ ва маъниёбии

бархе аз чунин вожагон ҳатто пажӯҳишгарони афғонистонӣ низ бар асари ноошноӣ бар табиати форсии Фарорудон ба иштибоҳ роҳ додаанд. Ин дар ҳолест, ки фаротар аз ин мабоҳис эшон муддаӣ бар қаробати забони шеъри Бедил бо форсии роиҷ дар Афғонистон мебошанд.

Муҳаммадкозими Козимӣ- бедилпажӯҳи афғонӣ зимни баррасии фарҳанги забони Бедил ба кашфу маънигузории теъдоде аз вожаҳои ба унвони калимоти мушкили шеъри Абулмаонӣ пардохта, аз заҳамоти фаровони худ дар мавриди дарёфти шарҳу тавзеҳи онҳо ёд мекунад. Мунтаҳо бо овардани ин абёт ва ишорат ба вожаҳои ҷудогона таъкид кардааст, ки барои кушудани ин гираҳҳо бояд ба форсии роиҷ дар Афғонистон ё ҳадди ақал Хуросони Эрон руҷӯъ кард, чун баъзе аз ин вожагон дар навоҳии ғарбӣ ва ё ҳатто марказии Эрон ҳам роиҷ будаанд [158,84] Ҷои таассуф аст, ки мақоми форсии роиҷ дар Тоҷикистон аз назари Козимӣ берун монда ва ин дар ҳолест, ки куллияи вожагони мазкури ин донишманди бедилпажӯҳ дар забони мардуми Тоҷикистон имрӯз ҳам фаровон ба кор мераванд ва ҳатто барои авоми ин кишвар ошно ҳастанд.

Мавсуф дар китоби «Калиди дари боз» навиштааст: Ман дар ин ғисмат бештар диранг мекунам, чун ба лутфи ошноии бо форсии роиҷ дар ҳар ду кишвар, тавонистаам бисёре аз ин гираҳҳоро ҳадди ағал барои хеш бигшоям. Боз дар аввал ба вожагоне мепардозам, ки ибҳомофарин ҳастанд, вале ғалатандоз на. Калимоти мавриди назарро дар пайнавишт маънӣ кардам.

Баёзи шеър, ба тӯфон равад, чу қоғазбод,
Зи васфи зулфи ту гар мисраъе кунам таҳрир.

Дар ҷаҳони инфиол аз мулки ноз афтодаам,
Домани покеву дасти ганда мегирад маро.

Сахтӣ кашанд чарбсириштони рӯзгор,
Аз захми санг чора надорад чаҳормағз [160, 84].

Ҳарчанд ба назари Козимӣ гӯё вожаҳои «ганда» ва «чаҳормағз» ибҳомофарин намудааст, аммо фикр мекунам, ки ошноии бештар бо асолати форсии роиҷ дар Тоҷикистон метавонист, маҷмӯи ин гираҳҳои эшонро ба суҳулат боз намояд. Чун ҳар дуи ин вожагон дар муҳовараи мардуми Тоҷикистон бо ҳамон маонии мавриди назари Бедил басомади фаровон доранд. Калимаи «ганда», ки дар худи байти Абулмаонӣ мутазоди покӣ истифода шудааст, дар забони гуфтугӯии тоҷикон мустаъмал аст. Ҳамзамон, чун решаи калимаи мазкур аз ганд ё масдари гандидан ҳам ҳаст, ин маънӣ низ метавонад ба назари шоир қаробат дошта бошад. Ибороти «ганда дидан» ба маънии бад дидан, «одами ганда» ба маънии одами нохуб, «гандагӣ кардан», бадӣ кардан ва амсоли ин дар гуфтугӯи тоҷикӣ ба касрат дучор меоянд.

Дар гӯиишн тоҷикӣ аслан калимаҳои «ҷавз» ва «гирд» ҳамчун муродифи чаҳормағз истифода намешаванд. Дар форсии роиҷ дар Тоҷикистон асосан шакли чормағз мавриди истифода қарор дорад, ки мухаффафи ҳамон чаҳормағз мебошад.

Дар ашъори шоирони муосири тоҷик ҳам метавон ба шеваҳои мухталифи корбасти ин вожаҳо дучор омад:

Ҳамзамон, шореҳ ва бедилпажӯҳи дигари афғонистонӣ Муҳаммад Абдулҳамид Асир маъруф ба Қанди Оқо дар шарҳи байти

Адабгоҳи муҳаббат нози шухӣ барнамедорад,

Чу шабнам сар ба муҳри ашк меболад нигоҳ он ҷо [22,43]

Вожаи **болиданро** ба маънии парвоз кардан, баланд рафтан [133,40] шарҳ додааст ва албатта ин шояд бо он сабаб бошад, ки дар таркиби калимаи феълии мазкур вожаи «бол» мавҷуд аст ва дар форсии Афғонистон имкон дорад,ки ба ҳамин маънӣ роиҷ бошад. Аммо дар асл ин ҷо болидани нигоҳ ба маънии ифтихор кардан, фахр намудан аст ва ин навъе корбурди парадокс ба мушоҳида мерасад, зеро нигоҳ ҳамон гоҳе сар ба мӯҳри ашк меболад, ки аз ғами ишқ сӯзи дарунии ошиқро тавассути ашк бурун оваранд.

Вобаста ба ин, таъкид метавон намуд, ки огаҳӣ аз назокати забони форсии Фарорудон ё ба истилоҳ форсии тоҷикӣ метавонад маҷмӯи тардидҳоро дар вожашиносии шеъри Бедил аз миён бардорад. Ба таъбири дигар, набояд меъёри аслии шинохти забони шеъри Бедил мунҳасир ба форсии роиҷ дар Афғонистону Эрон бошад, балки аз форсии Тоҷикистон, ки дар қуруни вусто ба форсии Фароруд маъруф буда, низ сарфи назар нашавад. Танҳо пайванду ҳамбастагии забони ҳар як ҳавза метавонад моро ба кӯи тавфиқ дар маърифати ашъор ва андешаҳои Бедили Деҳлавӣ бирасонад.

Сайре дар девони Бедили Деҳлавӣ баёнгари он аст, ки корбурди ҳунарваронаи ин навъ вожагону тарокиб дар иртифоъи муҳассаноти шеърии каломи шоир нақши муассир доранд. Баррасӣ ва таҳқиқи бахше аз ин падидаҳои марбут ба фарҳанги мардумии ашъори Бедил дар амри бозтоби ҷанбаҳои ҳунарии сурудаҳои Абулмаонӣ метавонад хидматгузор бошад.

Танидан аслан ба маънии танидани тор, ки марбути анкабут аст ва онро дар фарҳанги мардумӣ бар пояи интисоб бар ҳамин «вожа» тортанак низ мегӯянд, истифода мешавад. Дар «Луғатнома»-и Деҳхудо низ ин вожа ба ҳамин маънӣ ва иловатан бофтан, ки боз ҳам сарчашма ба ҳамон анкабут дорад, тафсир шуда. Аммо дар форсии Фароруд ба маънии наздик будан, дӯстӣ гирифтан, қаробат пайдо намудан низ мавриди истифода қарор дорад. Масалан, ибораҳои бо ҳам танидан- дӯстӣ варзидан, наздик будан бо кас натанидан ба маънии изҳори наздикӣ накардан, дурӣ ҷустан маъруф аст. Дар байти Бедил метавон онро ба ҳамин маънӣ низ маърифат намуд:

Мебояд аз дасти нафас ҷамъияти дил бохтан,

То реша бошад метанад, оворагӣ бар донаат [22,243].

Манзури Бедил ин ҷо таъкиди ҳамин нукта аст, ки то он ки ҳастӣ ва зиндагӣ мекунӣ, оворагӣ бар вуҷуду ҳастии ту пайванд мегирад ва унс дорад. Дар ин ҷо ба ҷуз маънии мазкур ҳамзамон маънии луғавии вожа ҳам аз назар берун нест, чун ҳосили маънӣ дар сурати қабули ин мазмуни вожаи танидан он аст, ки то умр боқист, оворагиву саргарадонӣ донаи вуҷуди туро печида мегирад. Ҷолиб он аст, ки таркиби то реша бошад ҳам сарчашма дар як

мақоли мардумӣ дорад, ки он сурати «то реша дар об аст, умеди самаре ҳаст»-ро соҳиб аст. Бедил танҳо ҷузви аввали он, то реша бошадро бо шеваи хоси корбурди ин навъ таркибот бо навъе таҷаддуди хос бо ҳамон маънии мавҷуд дар зимни зарбулмасали мазкур ба кор гирифтааст, ки қаблан ташреҳ ёфт. Дар байте аз ғазали дигари хеш бошад, мақоли «То реша дар об аст, умеди самаре ҳаст»-ро ба шакли зайл истифода кардааст:

Дар ҳастиву адам ҳама ҷо саъйи матлабест,

Аз реша зери хок талоши самар нарафт[22,222].

Ҷолиб он аст, ки ду тан аз муҳаққиқони эронӣ Ҳасани Зулфиқорӣ ва Саид Маҳдии Табатабоӣ дар мақолаи хеш таҳти унвони «Корбурди зарбулмасалҳои форсӣ дар ғазалиёти Бедил» ин мисраи Бедилро дар шумори ба таъбири худи эшон «масалвораҳои Бедил», яъне он мисроъе аз Абулмаъонӣ зикр намудаанд, ки гунаи масал гирифтаанд. Аз ҷумла, ин муҳаққиқон навиштаанд: «Бояд таваҷҷуҳ кард, ки ин масалҳо танҳо намунаҳое аз байтҳои мисраъҳои ғазалиёти Бедил ҳастанд, ки шакли масал доранд. [322, 13] Ҳол он ки гунаи маъруфи ин зарбулмасал дар фарҳанги мардуми тоҷик роиҷ аст ва ҳатто Урфии Шерозӣ ба ҳамин шакл истифода намуда:

Гар нахли вафо бар надиҳад, чашми таре ҳаст,

То реша дар об аст, умеди самаре ҳаст.

Нуктаи ҷолиб он аст,ки танҳо Бедил ҳамоно бо шеваи ибтикороини хеш дар сурати умумии зарбулмасал навъе таҷдид намуда, вале аслу муҳтавои он маҳфуз дошта шудааст, ки роҷеъ бар ин усули шоиронаи корбурди зарбулмасалҳо низ баъдан сухан хоҳад рафт.

Вожаи **помол**, ки ба назар мерасад, мухаффафи поймол аст, дар Луғатномаи Деҳхудо ба маънии ба пой супурда, аз миён рафта, забуну хор гашта тафсир шудааст ва дар навбати аввал ба мушоҳида меояд, ки ҳамин маънӣ низ манзури Бедил аст, чун дили гумгаштаи мо бар асари хироми маъшуқ, яъне таҷаллии ваҷҳе аз ҷамоли он аз даст рафт. Аммо вожаи мазкур дар гӯйиши Фарорудон ба маънии аз паси чизе рафтан низ истифода шавад,

масалан, агар касе аз дунё гузарад ва нафари дигаре аз паси ӯ равад, мегӯянд, поймоли фулонӣ рафт. Ё дуои баде ҳаст.ки гӯянд поймоли фулонӣ шавӣ, яъне паси он кас бимирӣ. Ба назар мерасад, ки дар ин байти Бедил ҳам ин маънӣ низ манзур аст, чун ҳосили маънӣ он аст, ки дил бар асари хироми маъшуқ гумшуда гардид, метавон натиҷае ба даст овард, ки матлаби аслӣ он аст, ки дили гумшуда аз пайи хироми ёр рафт ва гум гашт. Баробари ин, вожаи поймол ё шакли комили он «поймол» ба маънии заминеро зери по кардан, аз болои ҷойи ҳамворе пой гузоштан, то ба асари он низомаш вайрон шавад ва ҳамчун маконеро зери пой қарор додан низ дар шеъри Бедил ба кор рафта, ки ин ҳам буруномада аз фарҳанги мардумист:

Гӯянд дили гумшуда помоли хиромест,

Фарёд дар он кӯча, касе роҳбарам нест [22,273].

Нуктаи дигари таъйидкунандаи ин назар он аст, ки вожаи «молидан», ки ба таркиби помол рабте дорад, дар шеъри Бедил ба ҳамон маънои маъруф дар фарҳанги мардумӣ, яъне чизеро бо даст ламс намудан ба кор рафт. Ҳамзамон ҳар чизеро ба чизи дигар расонидан ва ё бар рӯи чизе кашидан ҳам ба маънии молидан истифода шавад. Дар Луғатномаи Деҳхудо низ вожаи молидан ба маънии ламс кардан, даст кашидан, даст рӯи чизе намудан ва бар асоси чандин фарҳангномаҳо қадим ба маънии соидан ва амсоли ин тавзеҳ ёфта. Бедил бо истифода аз ибораи ҷабин бар замин молидан ба маънии саҷда рафтан офаридааст.

З-ин сутуре чанд, к-аз таслим дорад ифтихор,

Маънии розам ҷабинҳо бар замин молидааст.[22,291]

Яллалӣ

Дар Луғатномаи «Деҳхудо» ба маънии бонгу фарёде, ки дар ҳолати мастӣ ва ё ҳангоми расидани хабари хуш менамоянд. Калимае ҳаст, ки дар вақти самоъу завқу мастӣ мегӯянд. Аммо дар фарҳанги мардуми Фарорудон ин вожа дар таркиби суруде истифода мешавад, ки дар сурҳо ва арусиҳо месароянд ва унвонии суруде аз маросимии арусӣ ҳам ҳаст. Фикр мекунем, ки Бедил дар байте аз худ ба ҳамин маънӣ наздиктар истифода намудааст:

Мутриби дил гар занад захма ба қонуни шавқ,

Сур ба сад шӯри ҳашр замзамаи яллалист [22,293]

Шурӯъ аз нахустғазали девони Бедил мо ба ин гуна вожаву таобир рӯ ба рӯ ҳастем, ки имрӯз бо ҳамон маънии мавриди назари шоир дар форсии роиҷ дар Тоҷикистон ё форсии Фарорудӣ мавриди истифода қарор доранд, ки қаблан роҷеъ ба як вожаи таркиби байти аввали он «болидан» изҳори назар шуд. Ҳамзамон, дар ин байт таъбирҳои «сари мӯ» ва «хам шудан» низ дар форсии фарорудӣ бо ҳамин маънӣ ба кор мераванд:

Ба авҷи кибриё к-аз паҳлуи аҷз аст роҳ он ҷо,

Сари мӯе гар ин ҷо хам шавӣ, бишкан кулоҳ он ҷо [22,43].

Ибораи **«Сари мӯ»** барои ифодаи андозаи андак истифода шуда ва гунаи «як сари мӯ»-и он маъруф аст ва мусаллам аст, ки Бедил барои риояи қавонини шеърӣ шакли мавриди назарро овардааст. Хам шудан, ки аслан ба маънии хамида гардидан маънигузорӣ мешавад, дар ин байти Бедил барои изҳори фурӯтаниву хоксорӣ ва шикастанафсӣ омадааст. Аммо дар робитаи ин таъбир ибораи бо **«сари мӯ»** метавон нуктаеро изҳор дошт, ки ҳамин маънии таркиби «хам шудан» низ дар форсии Фарорудӣ маъруф аст, чун инсони хоксор, фурутанро одами «сархам» ё ба шакли марди сараш хам низ мегӯянд.

Дар байти дувуми ғазали мазкур низ ду таъбири қобили мулоҳиза аз диди пайванд бо фарҳанги мардумӣ ҷой дорад, ки бо зикри байт ба шарҳи онҳо хоҳем пардохт:

Адабгоҳи муҳаббат нози шухӣ барнамедорад,

Чу шабнам сар ба мӯҳри ашк меболад нигоҳ он ҷо [22,43].

Шакли комили ибора нози шухӣ барнадоштан аст, ки он аз ду ҷузъ иборат мебошад, нахуст ноз барнадоштан ва дувум шухӣ барнадоштан ва агар ҳар ду аз ин таъобирро дар сурати ҷудогона тавзеҳ диҳем ва асли иборатро ба эътибор гирем, ҳатто се ибора мавҷуд аст, ки албатта Бедил бо истифода аз ин ду як таъбири нави шоирона офаридааст. Дар фарҳанги

мардумӣ шакли ноз бардоштан ё барнадоштан барои ифодаи таҳаммули нозу ғурури касе истифода мешавад ва ҳатто дар ҳоли қаҳру ғазаб дар муроҷиат ба нафари мағрур ва мутакаббир ин гуфтор зикр мешавад: «Ман нозбардори ту нестам», ки ба назар мерасад, ҳатто ин ҷо гунаи як вожаи мураккаби нозбардор ва таркиби нозбардори касе набудан низ ҷой дорад. Ҳамзамон ибораи шухиро барнадоштан низ наздик ба ҳамин маънӣ истифода мешавад, яъне дар муносибат ба нафаре истифода мешавад, ки ӯ ҳазлу шӯхӣ ва танзи дигаронро таҳаммул намекунад. Нуктаи дувум он аст, ки ибораи шухиро набардоштан ба маънии корро саҳлу осон нагирифтан низ истифода мешавад ва дар фарҳанги форсии фарорудӣ ибораи «ин кор шухиро намебардорад», яъне корро саҳлу содда набояд гирифт ва осон мапиндошт роиҷ аст. Вобаста ба ин ки Бедил аз ин ду таркиби роиҷ дар форсии Фарорудӣ як таъбири тозаи «нози шухӣ барнамедорад»-ро офаридааст, маънии он низ ба ҳамин матлаб пайванд дорад, яъне адабгоҳи муҳаббат кори саҳлу содда нест ва дарди ишқро набояд осон гирифт, ки он ранҷу риёзатро хостор мебошад.

Бурут тофтан- шарҳи ибораи мазкур дар «Луғатномаи Деҳхудо» нусхаи электронӣ ба мушоҳида намерасад,ҳарчанд худи вожаи «бурут» ба маънии сабил, мӯе, ки болои лаб бирӯяд тавзеҳ ёфтааст. Дар форсии Эрон ба ҷои ин вожа бештар сабилро истифода мекунанд. Дар форсии Фарорудон ибораи «бурут тофтан» ба маънии такаббур варзидан, ғурур кардан ба маъруф аст. Мирзо Бедил низ таркиби мазкурро ба ҳамин маънӣ истифода намудааст:

Бурут тофтанат гурбашонии ҳавас аст,

Ба риш мард шудан бузгумонии ҳавас аст [36,213].

Шайх Саъдӣ шакли «Лоф аз бурути мардӣ задан»-ро ба ҳамин маънӣ истифода кардааст:

Душман чу бинӣ нотавон лоф аз бурути худ мазан,

Мағзест дар ҳар устухон, мардест дар ҳар пираҳан.

Гунаи дигари ибораи мазкур ба шакли «боди бурути мардӣ» бо ҳамин маънӣ дар фарҳангномаҳои гузаштаи мо тафсир ёфта. Аз ҷумла, дар

«Бурҳони қотеъ» аз ин ибора шарҳи зайлро дорем: «Киноя аз уҷбу такаббуру ғурур бошад».Мавоно ибораи мазкурро чунин ба кор бурда:

Кист он золим ки аз боди бурут,

Зулм кардасту харошидаст рут [33,296].

Бедил низ ин гунаро дар байти дигари худ мавриди истифода қарор дода:

Ин давр даври ҳез аст, табъи матин кӣ дорад?,

Боди бурути мардӣ ғайр аз сурин кӣ дорад? [36, 462].

Мисраи дувуми байти мазкур дар нашри анҷомдодаи Абдулваҳҳоби Фоиз ба шакли «Боду буруди мардӣ ғайр аз сурин кӣ дорад?» омадааст. Вале бо назардошти он ки таъбири мазкур бо ҳамон шакли «Боди бурут» маъруф аст ва намунаҳояш дар шеъри гузаштагон низ зикр шуд, гунаи аввал қобили пазириш аст. Дар фарҳанги «Бурҳони қотеъ» низ ин ибора чунин шарҳ ёфтааст: «Боди бурут, ба касри солис, киноя аз уҷб ва такаббуру ғурур бошад ва бо сукуни солис [яъне Бодбурут- Н.Н.] мардуми соҳибтакаббур ва худованди ғурурро гӯянд. [33,111].Худи Бедил ҳам ҷои дигар мефармояд:

То хиҷолат бишканад боди бурути саркашӣ,

Мӯи чинӣ бар аламҳои шаҳон парчам кунам. [22, 296]

Бо сояи худ ҷанг кардан – дар мавриди нафари ҷангҷӯву пархошгар истифода мебарад, ки ба қавле то ҳадде иштиёқ ба моҷаро дорад, ки ҳатто ба сояи худ меҷангад:

Дил ба завқи ҷилваат бо оламе кардаст сулҳ,

В-арна ин шахси ҷунун бо сояи худ ҷанг дошт [22,335].

Аз коре хабар доштан- ибораи маъруф аст ба маънии огаҳӣ доштан аз чиз,коре ё амале

Умрест, ки мо гумшудагон гармсуроғем,

Шояд касе аз мо хабаре дошта бошад [23,42].

Вожаи мураккаби сохтаи Бедил **«гармсуроғ»** ҳам аслан сарчашма дар фарҳанги мардумӣ дорад, чун ибораи «кореро гарм гирифтан» ба маънии бо муҳаббат ва ихлос шурӯъ кардан миёни мардуми тоҷик маъруфият дорад ва

ин ҷо вожаи гарм дар таркиби калимаи «гармсуроғ» реша дар ҳамин маънӣ дорад, яъне суроғи мо гумшудагон гарм аст ва бо муҳаббат дар пайи ҷустуҷуи мо ҳастанд ва аз шояд касе аз ҳоламон огоҳ аст, ки ин қадр бо гармиву муҳаббат ва иродат дар суроғамон ҳастанд.

Даст зери санг доштан дар фарҳанги мардумӣ бештар ба маънии дар коре лоилоҷ мондан, оҷиз будан, дар ҳалли коре дар мондан мавриди истифода қарор дорад. Таъбири «дастам зери санг аст» ба маънии оҷиз ҳастам ва дар амри иҷрои ин кор беилоҷ ҳастам, дар гӯйиши тоҷикӣ фаровон ба кор меравад. Абулмаонӣ ин таъбири маъруф дар фарҳанги форсии фарорудиро бо шеваи хоси шоирона дар ғанои ҳунарии ғазалиёти хеш ба кор гирифтааст:

Зи иброми талаб навмедиям охир бачанг омад

Дуо азбас гарон кард дастам зери санг омад [22,648].

Биё нагуфтан: Дар фарҳанги мардуми маъруф аст ва бештар дар мавриди ба меҳмонӣ ё маросиме рафтан, ки он ҷо касе истиқболи дуруст ва хуб накунад, истифода мешавад. Дар байти Бедил ҳам айни ҳамин маънист чун дар мисраи дувум ибораи нон шикастан ин матлабро тақвият мебахшад:

Ба даъват ҳам касеро кас намегӯяд биё ин ҷо,

Садои нон шикастан гашт бонги осиё ин ҷо [22,45].

Сари мову хоки поят – ин ибора дар фарҳанги мардумӣ ба шакли сари ману қадамҳоят маъруф аст ва дар ҳоли изҳори иродат нисбати касе намудан ба кор меравад. Аммо Бедил онро дар шакли «сари мову нақши поят» истифода намуда, ки ин ҷо ҳамон навъе иқдоми шоир дар таҷаддуди таркибсозӣ дар асоси таъбирҳои маъруф дар фарҳанги мардумӣ ба чашм мерасад:

Натавон кашид доман зи ғубори мустамандон,

Бихирому нозҳо кун сари мову нақши поят [22,442].

Хами пушти по - калимаи хам, тавре қаблан зикр гардид, дар луғат ба маънии хамидан, поин шудан, қат гардидан тавзеҳ ёфттаст. Аммо дар фарҳанги мардумӣ ба маънии қисмати нонамоёни даст ё поро гӯянд ва

бештар дар таркиби «хами даст чизеро додан», ки маънии аз чашми дигарон пинҳон ба касе чизе пешниҳод карданро дорад, ба кор рафта.

Зи ҳузури пириам он қадар асари имтиҳони қабулу рад,

Ки расонд бар дари нестӣ хами пушти пои ҷавониам [37, 981].

Бахше аз иборот ва таркибҳои мавриди истифодаи Бедил ҳарчанд сурати аслии мавриди истифода дар гӯйиш ё забони форсии роиҷ дар Фарорудонро надоранд, аммо ба назар мерасад, ки онҳо сарчашма аз таъобири мардумӣ гирифтаанд. Ба ибораи дигар, онҳо навъе дар коргоҳи хаёли Бедил коркард шуда, аз назари қолиб таҷдид ёфтаанд. Дар байти зер ибораи «**Дар чашми ҳасад хок кардан»** аз ҳамин хусусияти ҳунарӣ бархурдор аст ва метавон гуфт, ки Бедил бар асоси таркибҳои роиҷ дар фарҳанги мардумӣ навъе таъбирҳои тозае офарида, дар ин роҳ гоҳо ба таҷаддуд ва гоҳи дигар сохтшиканӣ иқдом мекунад.

Диди маънӣ нашавад моили таҳқири касон,

Биниш он аст, ки дар чашми ҳасад хок кунед [22.700].

Сарчашмаи ин ибора таркиби мардумии **«дар чашми касе хок пошидан ё задан»** ба маънии носипосӣ намудан инчунин «чашми касеро кӯр кардан» низ ҳаст. Аммо Бедил бар асоси ин таъбир таркиби «дар чашми ҳасад хок кардан»-ро офаридааст, ки дар назари аввал манзур ҳамон аз ҳасад гузаштан ва ҳасадро дар худ куштан бошад. Абулмаонӣ дар заминаи таъбири роиҷи мардумӣ ва то ҷое шикастани қолиби маъноии он иборае меофарад, ки навъе вуҷуди маънии нав ҳам дар он ба мушоҳида мерасад. Ҳадафи шоир тазаккури матлаби он аст, ки ба ҳар чи менигарӣ ва мехоҳӣ ба он баҳои дуруст бидиҳӣ, бояд аз рӯи ҳасад ва бухл ин корро анҷом надиҳӣ, балки биниши ҳаққонӣ он аст, ки ба ҳасад носипосӣ намоӣ ва чашми ҳасадро кур кунӣ.

Ҳарф ба хок афтодан шакли маъруфи ин таркиб дар фарҳанги мардумӣ сухан ба замин гузоштан аст ба маънии иҷро нагардидани хоҳиши нафаре аз сӯи дигар кас мебошад. Дар ин маврид низ Абулмаонӣ таркиби мардумиро ба қолиби тозае дар шакли ҳарф ба хок афтодан медароварад, ки

то ҷое сохтшиканӣ ва ибтикори ӯ ҳам дар шакл ва ҳам дар мӯҳтавои таркиб ба мушоҳида мерасад.

Ба афсуни қабули халқ то кай ҳарзагӯ бошам,

Агар ҳарфам ба хок афтад, дуоҳо мустаҷоб афтад [22,514].

Ҳосили сухани шоир он аст,ки агар дар тасаввури мардум каломи ман беҳудаву ҳарза аст ва ҳадиси маро ҳамин гуна истиқбол кунанд ва бар ин асос сухани маро ба замин гузоранду мақосидамро иҷро насозанд, нигарон нестам, чун медонам, ки дуоям мустаҷоб хоҳад шуд. Фалсафаи бениёзии Мирзо Бедил дар ин байт таҷассуми равшан дорад, чун ин истиғно аз мардум ва халқ аст, ки шоири сӯфимашрабро ба сӯи ҳақ ва ниёш ба даргоҳи Ӯ кашонидааст ва бар ҳамин ваҷҳ аст, ки аз тасаввурот ва тафаккури мардум нигарон нест ва агар ӯро ҳарзагӯ хонанду суханашро ба таъбири мардумӣ ба замин ҳам гузоранд, намеранҷад, ҷун ягона шунавандаи асрору розҳои дарунии вай Дӯсти бемисол ва маҳбуби ягонатарин аст, ки дуояш дар даргоҳи вай мустаҷоб мешавад.

Даст бар сар задан- ба маънии таассуф хурдан, ғамгин шудан, андӯҳгин будан

Чӣ имкон аст аз холи лабаш хат сар бурун орад,

Зи навмедӣ нахоҳад даст бар сар зад магас ин ҷо [22.141].

Ҷигар рехтан – дар фарҳанги мардум ба маънии ранҷи бисёр кашидан, азият дидан мавриди истифода аст. Ҳатто дар вақти дуои бад кардан ибораи «ҷигарат резад»-ро ба кор мебаранд.

Ҷигарҳо бар замин мерезад аз каф рафтани соғар,

Диле бар зери по дорад, ба сар ғалтидани мино [22,142].

Дар байти зер бошад корбурди вожагони **палос** ба маънии гилем ва ҳам хона моро ба ин назар мекашонад, ки наҳваи истифодаи шоир аз ин ду вожа сарчашма дар зарбулмасали одаму либос хонаву палос дорад, ки шоир дар равиши ба кор гирифтани онҳо аз ҳамон усули таҷаддудгароии хеш пайгирӣ намудааст:

Хокеву соя ҳама ҷо фарш кардаем,

Дар хонае, ки нест ҳамин бас палоси мо [22,224].

Ҳосили сухани шоир он аст, ки агар ваҷҳи аслии ҳастии хона бо палос таҷассум кунад ва он дар хонаи мо нест, моро ҳамин сояву хоки манзил кофист, ки онро ба ҷои палос фарш кардаем. Ҳатто ин ҷо дар таркиби ибораи «хоку соя фарш кардан» вожаи фарш маънии ҳамон гилемро дорад, ки имрӯз дар форсии Эрон чун баёнгари ҳамин матлаб маъруф аст.

Даст додан ба маънии расми дӯстӣ ихтиёр кардан, дӯст шудан маъруф аст. Мирзо Бедил ин ибораро дар шакли ба ҳар касе даст надодан истифода намудаааст:

Пеши тавонгар манишон паҳлӯи лоғар макушо,

Даст ба ҳар даст мадеҳ, чашм ба ҳар дар макушо [36,49].

Қабл аз Бедил ин таркиб дар шеъри Мавлонои Румӣ низ ба кор рафта:

Эй басо иблис, ки одамсурат аст,

Пас ба ҳар дасте нашояд дод даст.

Реша давондан ё шакли дигари он реша гирифтан ба маънии паҳн шудан, мустаҳкам шудан, бузург гардидани чизе. Дар ҳар маврид ба маонии мухталиф истифода мешавад. Масалан, дар ҳоли хуруҷи беморӣ низ ба сурати реша давонидани захм ё касолат яъне афзудани ҳаҷми беморӣ ё ҷароҳат ба кор равад. Дар байти зер ҳам ба маънии то марг наздик шудан истифода шудааст, ки ҳамон маънии маъруф дар фарҳанги мардумӣ аст:

Ба фақр такя задӣ бигзар аз тамаллуқи халқ,

Ба марг, реша давондӣ дароз кун поро [22,74].

Ибораи **по дароз кардан** дар фарҳанги мардумӣ ба чанд маънӣ ба кор меравад. Аввал маънии мавриди назари Бедил, ки дар вақти марг инсон қабл аз баромадани ҷон пойҳояшро дароз кунад ва баъд он ҳам пои шахси даргузаштаро дароз намуда, бубанданд. Таркиби реша давонидан ин ҷо ба маънии ба марг таслим шудан ва ҳамон мурдан ҳам истифода шавад. Дар ин ҷо манзури Бедил ҳамонест, ки чун ба марг наздик шудӣ, бад-он таслим шав ва қабул фармо. Аммо ин ибора дар фарҳанги мардумӣ ба маънии ба касе

хиёнат кардан ҳатто дар сурати «аз болои касе по дароз намудан» низ ба кор меравад.

Шакли **реша гирифтан** ба маънии тақвият ёфтан, қувват пайдо намудан, бузург шудан низ дар байти дигаре аз Бедил ба мушоҳида мерасад, ки он асосан дар муносибат ба гиёҳону дарахтон ба кор меравад. Дар фарҳанги мардумӣ барои ифодаи ин матлаб ҳам шакли реша гирифтан, ва ҳам реша давонидан яъне қувват гирифтани он дар фосилаи пас аз муддате аз шинонидан истифода мешавад.

Саропоям таҳайюр дар ҳуҷуми реша мегирад,
Барорам гар зи дил чун дона асрори ниҳониро [36,45].

Сахтҷонӣ- шакли маъруф дар фарҳанги мардумии ин вожа ҷонсахт ба маънии бисёр азияту ранҷбинанда аст:

Шаби ҳиҷрон чӣ ҷӯи тоқати сабр аз мани Бедил,
Ки оҳам мекунад санги фалохун сахтҷониро [22, 84].

Касодии бозор ё бозор касод шудан – ба маънии муфлис шудан аз харид мондани молу амвол ё дар бозор коҳиш ёфтани савдо, ҳамчунин камбудии мону маноли лозима дар бозор:

Асар гум аст бар гарди касодии бозор,
Ҳамон ба нола фурӯшед дарди дилҳоро [36,32].

Дар ба дар – ба ду маънӣ аст. Аввал нафари овора, соил ва касе, ки хона ба хона барои фароҳам кардани мояи зиндагонӣ гардад, инчунин сарсону саргардон шудан низ бошад. дувум, ба маънии ҳамсоя будан, хонаҳое, ки дари онҳо рӯ ба рӯи ҳамдигар қарор гирифтааст. Ҳатто ибораи «ҳамсояи дар ба дар» маъруф аст. Дар байти мазкур табъи саргашта бар асари ҳирсро Бедил дар бар дар яъне овора мешуморад:

Табоеъ аз фусуни ҳирс дорад дар ба дар Бедил,
Ҷаҳон лабрези истиғност гар бошад ҳаё инҷо [36,41].

Арақ кардан – ба чанд маънӣ дар фарҳанги мардумӣ дар робита бар мавориди истифода ба кор равад. Аввал, аз меҳнати зиёд арақ кардан дар ҳоли заҳмат кашидан истифода шавад, аз беморӣ арақ кардан ва аз шарм арақ

кардан. Аслан дар луғат ба маънии рехтани арақ ва шакли маъруф дар забони адабӣ низ ҳамин арақ рехтан аст ва дар шеъри Бедил бештар ба маънии арақи шарм рехтан, шарм доштан аст:

Ба намуди ҳастии беасар чӣ ниқоби шақ кунам аз ҳаё,

Ту ба ман магар назаре кунӣ, ки даме арақ кунам аз ҳаё[36, 42].

Ҳуш ба ҷо омадан- сари ҳол шудан, аз ҷунун раҳо ёфтан ва ба худ омадан. Акси ин таркиб дар фарҳанги мардумӣ ҳуш дар ҷо набудан ба маънии аз худ берун шудан, гирифтори ҷунун гардидан низ ба кор меравад:

Буд бемағз сари тундхурӯши мино,

Имшаб аз бода ба ҷо омада ҳуши мино [36, 42].

Гӯш шудан ё саропо гӯш шудан ба маънии бо таваҷҷӯҳи амиқ чизеро гӯш кардан:

Эй қадаҳ гӯш шаву муждаи мастӣ дарёб,

Гармнутқест кунун, лаъли хамӯши мино [22,72].

Ин ҷо таркиби гармнутқ низ реша дар таъбири маъруфи сухани гарм, яъне сухани хубу дилнишин ё гармсухан ба маънии одами хушсухану хушсӯҳбат дорад, ки Бедил бар асоси он ин таъбирро офаридааст.

Пайдо мекунад ба шакли мепайдо кардан

Зи номи май забонам масту бехуд дар даҳон афтод,

Нигоҳам ранг мепайдо кунад аз дидани мино. [41,46]

Полағз – мухаффафи пой лағзидан, ҷой ё замине, ки пой лағзад ва муҷиби аз по фитодани инсон гардад, киноя аз харобӣ. Ҳосили маънӣ он аст, ки дар домани мино аз ин маҳфил бурун бурдани мино имкон надорад, чун танҳо ба даст овардани домани он метавонад муҳаббати ҳар ду оламро дар хонаи дили инсон хароб кунад ва одамиро аз тааллуқоти ҳар ду ҷаҳон вораҳонад:

Аз ин маҳфил чӣ имкон аст берун рафтани мино,

Ки полағзи ду олам дорад имшаб домани мино [22,53].

Аз по нишастан – муодили он дар фарҳанги мо – аз по мондан аст ба маънии аз ҳаракат мондан, пеш нарафтан, нотавон шудан:

Аз по нишинад эй кош маҳмилкаши ҳавасҳо,

З-ин корвон шунидем нолидани ҷарасҳо [22,51].

Дил сиёҳ кардан- ба маънии ғусса гирифтан ва оинаи дилро бо зангори ваҳму кудурат ғуборолуд намудан ва таъбири маъруфи он дар фарҳанги мардум ба ду маънӣ аст: 1] аз андӯҳе ва ё пешбинии нохушие сахт дилтанг ва ғам зада шудан 2] Бадандеш шудан, бадгумонӣ кардан ва одами бадандешро «дилсиёҳ» гӯянд ва ҳамзамон вожаи «дарунторик» ҳам истифода мешавад:

Бедил ба машқи авҳом дилро сиёҳ кардем,

То кай тараф барояд оина бар нафасҳо [22,51].

Абулмаонӣ аз гумону андешаҳои бепоя дил ғуболоруд намуданро бо корбурди ин таъбири маншаъ дар фарҳанги мардумӣ дошта, ба сурати аз машқи авҳом дил сиёҳ кардан даровардааст ва вожаи авҳом дар ин ҷо ба маънии ҳамон гумону шакку тардидҳост.

Аз зери по кашидани гилем – то охарин чизи дар ихтиёри нафаре бударо кашида гирифтан

Чун соя сар ба хоки адаб вокашидаем,

Аз зери пои мо накашад кас, гилеми мо [22,52].

даст афшондан- аслан ба маънии ба сӯи касе ишорат кардан бошад ва дар шеъри Ҳофиз ба маънии рақсидан ва шодӣ намуд низ истифода шуда. Аммо дар фарҳанги мардумӣ ба маънии аз баҳри коре гузаштан, аз баҳри чизе гузаштан низ корбаст мешавад.

Хушо ринде, ки чун субҳ андар ин бозичаи ибрат

Ба ҳастӣ даст афшодан кунад доманфишониро. [22.85]

Доманфишонӣ бошад дар луғот ба маънии тарки ҷою маконе кардан, аз ҷое ба ҷои дигар кӯч бастан, тафсир ёфта, ки дар шеъри гузашта низ ба кор рафтааст.

Дилтангӣ- дар фарҳанги мардумӣ роиҷ аст ва ба маънии одами дилтанг фаровон истифода шавад. Дилтангӣ муодили бисёр дар фикри коре будан, ранҷи зиёд бурдан, ба ҳар чиз аҳамияти зиёд додан ва амсоли ин ба кор равад. Инсони дилтанг аз сабаби он ки бисёр дар фикри чизеву коре ҳаст,

ҳамеша печида ба ғам бошад ва Абулмаонӣ ин маъниро ба гунаи зайл шарҳ дода, ки дар ин маҳфил, яъне дар дунё суроғи айш аз асари афзуни дилтангӣ макун, ки ҳатто дар хандаи мино, яъне василаҳои шод будани он садои гиря печидааст. Ин ҷо шоир ба қадаҳ рехтани шаробро, ки барои аҳли сурур воситаи масаррат бошад, ба гиря кардан ва садои қул қули онро ба овози гиря шабоҳат медиҳад. Дунё ҳам дар андешаи Бедил маҳфилест, ки бар асари гирифтории зиёд имкони шодиву нишоти воқеӣ дар он барои инсон мавҷуд намебошад ва ҳамин гирифтории афзун ба муҳаббати дунёро ин ҷо шоир тавассути таъбири «ҷуши дилтангӣ» ифода кардааст:

Суроғи айш аз ин маҳфил маҷӯ к-аз ҷуши дилтангӣ,

Садои гиря печидаст бар хандидани мино [22,53].

Хуш кардан ба маънии мақбул доштан ва ҳам шод намудан ба кор равад:

Бенавое нест сози парфишониҳои шавқ,

Нола хуш кардаст имшаб ошёни захмро [36, 99]

Гурда хостан ба маънии ҷасорат доштан ва ибораи одами бадилу гурда низ фарҳанги мардуми дар тафсири мақоми инсони нотарсу далер корбаст мешавад:

Фалак дар хок пинҳон кард як сар сурати одам,

Мусаввар, гурдае мехоҳад аз мардумгиё ин ҷо [22,73]

Дили пур- ба маънии дили осуда ва инсони мутмаъиншуда ва ҳамзамон дар шакли дилпур ҳам ба ҳамин маънӣ ва ҳатто дар нисбати инсони боэътимод сурати «одами дилпур» низ ба кор меравад.

Равам дар кунҷи танҳоӣ замоне вокашам Бедил

Ки аз дилҳои пур дар базми суҳбат нест ҷо ин ҷо [22,73]

Дар робита ба ибораи «гурда хостан», ки дар байти болоии ин ғазал низ тавзеҳ ёфт, метавон ба як нуктаи дигар ишорат фармуд, ки дар фарҳанги мардумӣ шакли «гурдаи пур» ё «гурдапур» ҳам ба кор меравад, ки дар асл муродифи ҳамин дили пур бошад.

Ганда гаштан – ганда шудан маъруф аст ва ба маънии бад ё нохушоянд шудан, ҳамзамон ба маънии гандидан ба кор равад, мисли гандидани об, яъне бӯй гирифтан, вайрон шудан.Ганда шудани суҳбат ба маънии бемаънӣ ва беранг гардидани он истифода гардида, ки дар миёни мардум низ маъруф аст.

Таназзуҳ гар ҳавас бошад, маҷӯшед он қадар бо ҳам,

Ки сӯҳбат аз сари яшмихтилотӣ ганда мегардад [22,506].

Мӯ дар бадан рост хестан- ҳолати асабонӣ шуданро гӯянд:

Ба қадри эътибор, оина дорад ҷавҳари ҳар кас,

Зи ҷуръат гир агар мӯ бар тани номард бархезад. [22 507]

Чап хурдан – ба маънии калавиш хӯрдан, ба тарафи чап гаштан ва аз роҳи рост баромадан, инчунин фиреб хурдан тафсир мешавад ва дар фарҳанги мардумии форсии Фарорудон ибораи «чап додан» ба маънии фиреб додан истифода мешавад. Мурофи ин ибораи «чашм ғанабонидан» низ бошад:

Фитрат аз норостӣ чап мехӯрад,

Лағзиши ин хома аз бемистарист [36,242].

Чиҳо мухаффафи чизҳо, ки бештар дар гуфтугӯ бад-ин шакл истифода шавад:

Магӯ саҳл аст ошиқро ба навмедӣ алам гаштан,

Чиҳо аз по нишинад то як оҳи сард бархезад [22,507]

Карру фарр ба маънии такаббур ва ғурур варзидан, ин ҷо ба маънии такаббуру ғурури аҳли замона.

Карру фари абнои замон хеч надорад

Чуз он ки гусастаст фасору марасе чанд [22,599].

Хок бар сар – таассуф хурдан, афсус хурдан,

Ё раб мабод оташ аз шӯъла боз монад,

Хок аст бар сари мо аз норасоии мо [22,144].

Ғалтидан ба маънии афтодан дар забони форсии тоҷикӣ маъруф аст:

Сайри хароботи дил аст он ҷо ки месоӣ қадам,

Ғалтида ҳастӣ то адам дар лағзиши мастонаат. [22.243]

Ин вожа дар «Луғатнома»-и Деҳхудо ба маънии аз паҳлу ба паҳлу гаштан, ба паҳно гардиданд, ба рӯи худ гардидан, ба рӯи худ чархидан ба кор рафтааст. Аммо ба назар мерасад, ки байти ба унвони шоҳид аз Ҳаким Фирдавсӣ оварда ба ҳамон маънии маъруф дар гуфтори тоҷикӣ, яъне афтодан истифода шуда:

Наям огаҳ аз аслу фаръи хироҷ,

Ҳамеғалтам андар миёни давоҷ.

Дар чанд мавориди дигар низ Бедил дақиқан ба ҳамин маънии манзури мо, ки тавре гуфта омад, дар форсии Фароруд роиҷ аст, ин вожаро ба кор гирифта:

Ҳамчу шабнам дар таманнои нисори ту гуле,

Доштам ашке, намедонам куҷо ғалтидааст [22,291].

***

Чашм то барҳам занем, ашке ба хун ғалтидааст,

Бисмилэҷод аст Бедил ҷунбиши мижгони мо [22,165].

Дар байти зер бошад вожагони «Арра»,ки ба маънии асбоби бузурги дорои ду даста барои буридани чуб маъруф аст ва «кашмакаш» бо такя бар маонии роиҷ дар форсии тоҷикӣ ба кор рафтаанд:

Метоз чанде пешу пас то он ки гардӣ бенафас,

Чун арра бояд рехтан дар кашмакаш дандонаат [22,243].

Дар «Луғатнома»-и Деҳхудо дар шарҳи вожаи арра чунин омадааст: «Абзори дурудгарон аз оҳан ба шакли теғае баланд ва борик, ки дастае чубин дорад ва як лабаи он дандонадор ва тез аст, ки дар буридани чуб ва оҳану чуз он ба кор равад. Дар тозӣ миншор хонанд». Вале дар асл дар фарҳанги форсии фарорудӣ барои ифодаи арра ҳамон асбоби бузурги онро гӯяд, ки на як даста, балки ду дастаи чубӣ дошта, онро аз ду самт ду нафар мекашад ва ин кашокаш ҳам ба ҳамин маънӣ қаробат дорад. Арраи хурди дорои як дастро бошад, дақиқан «дастара» гӯянд, ки устод Рӯдакӣ низ онро ба ҳамин сурат дар шеъре аз худ ба кор бурда:

Пушт хӯҳлу сар тавилу рӯй бар кирдори қир,

Соқ чун сӯҳону дандон бар мисоли дастара.

Дар канори ҷӯй бинам растаи бодому себ,

Рост пиндорӣ қатори уштурони анбура [116, 60]

Шах аслан дар фарҳанги форсии Фароруд ба маънии беҳаракат, сокит мондан бошад, ки феъли шах шудан аз он аст. Дар ин байт ба гумони ғолиб ин вожа ба ҳамин маънӣ истифода шуда, чун ҳосили сухани шоир он бошад, ки аз аз нотавониҳои шабҳои интизории ман ҳаргиз сухан макун, чун аз асари ранҷ он қадар хаста шудаам, ки ҳатто нафас кашидани ман мисли камони шахшуда, беҳаракат аст, яъне аз дасти интизор қариб аст, ҳатто нафасро аз даст диҳам.

Зи нотавонии шабҳои интизор мапурс,

Нафас кашидани ман бе ту шахкамонӣ буд [22,523].

Аммо Фарид Муродӣ муҳаққиқи эронӣ дар тавзеҳоте, ки бар девони Бедил навишта, ин вожаро бо такя бар матлаби дар фарҳанги «Бурҳони қотеъ омада» чунин шарҳ дода: « Шах, ҳар чизи муҳкам, мухаффафи шох, аам аз шохи гов ё дарахт рост ва кашида қомат . [40,1531] Албатта, ба ин маънӣ низ дар форсии Фароруд дар нисбат ба санги муҳкам ва бузург истифода мешавад ва санге бузург ва ҳаҷимро дар манотиқи кӯҳсор шах ё харсанг мегӯяд ва ҳатто мавзеъе дар рустоҳои куҳистон дар робита бар ин гуна сахраҳои бузургро шахи хоҳарон, шахи чашмаҳо, шахи мунда ва амсоли ин.

Шалу ланг. Дар луғати мардумӣ зери мафҳуми шал аслан инсоне фаҳмида мешавад, ки пои ӯ нуқсон дорад. Ин ҷо онро Бедил ба маънии дасти маҷрӯҳ ва беҳаракат ба кор бурдааст:

Кирост заҳраи ҷаҳде, ки доманат гирад,

Чӣ дасти мо ҳама шаллат чи пои мо ҳама лангат [36,208].

Заҳра будан ба маънии ҷасорат доштан истифода мешавад ва дар фарҳанги мардумӣ таъбирҳои мардумии заҳра дарридан ба маънии тарсидан ва заҳра доштан ба маънии ҷасорат ва қудрату тавонмандӣ аст.

Паридани чашм ҳаракати чашм аст,ки бар асоси он дар фарҳанги мардумӣ ҳатто шугунҳое мегиранд ва ҳадс мезаданд, ки агар чашми рост бипарад хабари хуш мерасад ва чап бипарад хабари нохуш. Аслан ин таркиб дар фарҳанги мардумӣ ба чанд маънист:

1] чашм паридан барои чизе умедвор будан, нодоштаеро интизор будан ва эҳтиёт кардан. Ҳатто бо танз дар нисбати ҳамдигар ин таъбирро ба кор мегиранд: «гӯё ба омадани ту чашмам парида буд».

2] чашм задан ҳамон ҳолати паридани чашм, ки муҳаррик шавад.

Ваҳмест, ки гул кардаам аз пардаи найранг,

Чун чашм ҳамин мепараму болу парам нест [22,273].

Ҳамзамон бояд гуфт, ки чашм паридан ҳолатест, ки агар иттифоқ афтад барои оромиши он хас мегузоранд.

Бедил ҳамин ҳолатро тасвир намуда, ки чун чашм бипарад болои он хас гузоранд:

Хиффати аҳли шарм бебокист,

Чун парад чашм, поймоли хас аст [22,366].

Ҳақи неъмат. Ин ибора ба сурати ҳаққи намак шудан, бо касе дӯст шудан истифода мешавад ва ҳамзамон ҳаққи нону намак шудан низ маъруф аст. Дар байти Бедил ибораи ҳаққи неъмат асосан ба ҳамин маънӣ ба кор рафтааст, ки истифодаи вожаи намак дар мисраи дувум таъкиди ҳамин маъниро мекунад:

Гаштаам пиру зи ҳаққи неъмати деринааш,

Ҳамчунон дар ҳар буни мӯям намак хобидааст [22,291].

Дар ҳар буни му намак хобидан ин ҷо ба маънии адо накардани ҳаққи нону намаки касе манзур аст, ки ба садоқати абадӣ ишорат мекунад. Яъне, шоир таъкид дорад, ки ҳанӯз ман ҷавоби ҳазорон некӣ ва ҳаққи неъматҳои додаи ӯро барнагардонидааст ва мадюни ҳаққи неъмати фаровони ӯ ҳастам. Ин ҷо сухан дар мавриди аҷзи инсон дар пешорӯи муҳаббат ва алтофи Худованд аст, ки ҳаргиз наметавонад онро ба поён барад.

Қаҳти одамӣ ба маънии одам намондан, касе, ки ба маърифати дил нарасад, ҳамдард надоштан. маҷмӯан ибораи қаҳти фалон чиз камёб гардидани ҳамон шайъ аст, ки дар фарҳанги мардумӣ маъруф аст:

Ҷуз ба ҳам чидан касеро бо тасарруф кор нест,

Гандум анбор аст ҳар сӯ, лек қаҳти одамист [22,245].

Бедимоғӣ –асабоният, ғамгинӣ. Ибораи бедимоғ нишастан ва бедимоғ будан дар фарҳанги мардумӣ ба ҳамин маънӣ маъруф аст.

Бедимоғи муждаи пайғоми маҳбубам бас аст,

Қосид, овози дариданҳои мактубам бас аст [22,249].

Дар «Луғатнома»-и Деҳхудо низ ба ин маънӣ тавзеҳ ёфтааст: Беҳолат ва бекайф, малул, афсурда, дилтанг ва ҳатто дар идомаи тавзеҳи вожаи мазкур Деҳхудо таъкид намуда, ки руҷуъ ба Бедил ва димоғ шавад ва ин ҳам равшан аст, ки ин калима бештар аз ҳама дар сурудаҳои Бедили Деҳлавӣ ба кор рафта ва ҳамоно бо ҳамин маънӣ дар гӯйиши форсии Фароруд мустаъмал аст.

Худи ибораи димоғ сӯхтан ба маънии ранҷур, ғамгин гаштан низ дар девони Бедил ба кор рафта, ки айни ин мазмун дар фарҳанги мардуми Фарорудон муравваҷ аст:

Ба коргоҳи аносир, димоғ месӯзам,

Чароғи хирасари чорсӯ шудан ситам аст [22,359].

Вожаи хирасар ҳам сарчашма дар фарҳанги мардумӣ дорад, чун ин калима ба маънии сар бардоштан, беодобӣ кардан, инсони беодоб ва гапношунав роиҷ аст. Ҳарчанд ин ҷо дар навбати аввал чароғи хирасар ба маънии ҳамон хирасӯз, дорои равшании кам истифода шудааст, аммо дар ҳоли қабул ба маънии дувуми роиҷ дар фарҳанги мардуми тоҷик низ матлаб ҳосил мешавад.

Хок шудан: аввал, аз олам даргузаштан, ба марг мувоҷеҳ шудан бошад. Дуввум, хоксорӣ варзидан. Ҳатто дар фарҳанги мардумӣ нисбат ба инсони хоксор сифати «инсони хокӣ» –ро низ истифода мекунанд. Аммо дар асл ин ҷо дар ин байт ба маънии ба адам расидан ва нобуд шудан ҳам омада.

Ибораи дигар «бӯйи роҳат ёфтан аст», ки ба маънии роҳат ёфтан, оромиш пайдо намуда бошад. Аммо асли маънои ин таркиб аз таъбири мардумии «бӯй бурдан» сарчашма мегирад, ки ба маънии чизеро пай бурдан, сирреро ошкор намудан маъруф аст:

Хок ногардида натвон бӯи роҳат ёфтан,

Сандали дарди сари ҳар шӯъла хокистар бувад [22,89].

Зимнан агар ба ҷавҳари андешаи ирфонии шоир ҳам мурур кунем, дар баробари сухан аз ниҳояти ҳастии инсон, яъне хок шудан агарчӣ меравад, аммо маънии хоксорӣ варзидан низ метавонад дар шарҳи асли матлаб ёвар бошад.

Чашмбанд дар фарҳанги Деҳхудо омадааст, ки афсуне бошад, ки бад-он чашми мардумонро банданд. Аммо дар фарҳанги мардумӣ ба маънии инсони сеҳргар ва ҷодугар низ истифода шавад. Бедил фармуда:

Ба чашмбанди ҷаҳон ин чӣ сеҳрпардозист,

Ки бе ҳиҷобе он ҷилва аз ниқоб гузашт [22,296].

Дар ин ҷо бар иртиботи он ки инсони чашмбанд чашмонашро бо васила ё латтае бибандад ва амалҳои сеҳргарӣ анҷом диҳад, Бедил дар зимни ибораи чашмбанди ҷаҳон ҳамон ҷаҳони сеҳргар манзур аст, ки бидуни ниқобе тағаллои он аз ҳамагуна банду ниқоб убур кард.

Порина ба маънии ду сол пеш маъруф аст:

Ҳамон хоки сияҳ акнун либоси дил ба бар дорад,

Сафо муфт аст мангар кисвати порinаи мино [22,157].

Дар коргаҳи тағдид як даст чамансозист,

Тақвими баҳор ин ҷо порина намебошад [22,181].

Дина шакли маъруф дар гуфтории дирӯз ё дӣ:

Ҳар ҷилва, ки дар пеш аст, гардаш ба қафо дарёб,

Фардоии ин кӯҳсор бедина намебошад. [22,181]

Атса задан – ҳолати маъруфи инсонӣ

Субҳе зи гулшани роз бӯи нафас ҷунун кард,

Бар ҳар димоғ чун гул сад атса з-ин ҳаво зад [22,261]

Панҷакаш кардани нон - бо панҷа совидани нон пас аз хамир карданд. Барои Панҷакаш навъе аз нони тунукро ҳам гӯянд.

Ҳайф аст дасти мунъим дар остин шавад хушк,

Ин нон намак надорад, то панҷакаш набошад [22,261].

Ришу фаш – сару рӯи пурмуй, одаме, ки ришу муйлаби парешон ва номуназзам дорад, дорои ришу фаш мегӯянд.

Зоҳид зи айши риндон пур ғофил аст, Бедил,

Фирдавс дар ҳамин ҷост, гар ришу фаш набошад [23,91].

Саргӯшӣ, ки дар фарҳангӣ мардумӣ ба шакли гӯшакӣ кардан низ маъруф аст. Ин вожа ба маънии оҳиста ба гӯши касе сухан кардан истифода мешавад. Абулмаонии Бедил фармуда:

Гар ба ин оҳанг ҷушад нағмаи сози вифоқ,

Сур хоҳад чун танини пашша саргӯшӣ гирифт [22,263].

Об аз сар гузаштан ба маънии кор аз кор гузаштан. Ҳатто мақоле ҳам бо ин таъбир маъруф аст, «об аз сар гузарад, чӣ як вақаб, чӣ сад вақаб».

Бо дами шамшери қазо чора чист?

Дам мазан обе, ки зи сарҳо гузашт [22,322].

Дар гирифтан ба маънии оташ гирифтан, сӯхтан дар фарҳанги мардумӣ роиҷ аст. Бедил ба ҳамин маънӣ фармуда:

З-оташи рухсори кӣ соғар гирифт,

Хонаи оина чу ман даргирифт[22,343].

Чашм доштан, маънии интизор будан, умедвор будан дар фарҳанги мардум ба кор меравад. Бедил бо истифода аз ин дар девони хеш маънии зер офарида:

Аз субҳи ин чаман тарабе чашм доштем,

Охир нафас ба оинаи мо дамиду рафт [22,341]

Нафас дамидан дар фарҳанги мардумӣ ба шакли даму нафас ҳам роиҷ аст, яъне хондан ва дуо кардан дар ҳангоми беморӣ ё ҳалли мушкилот ин таркиб истифода мешавад. Аммо дар иртибот ба вожаи оина ва таъбири «нафас ба оина дамидан» ба поён расидани умр, охири кор низ маънӣ медиҳад.

Як ду вақаб андозаи панҷаи даст, ки дар гӯйишҳои мардуми тоҷик маъруф аст:

Сад газ ба амал ҳарза шумурдем вагарна,

Сар то қадами шамъ ҳамин як ду вақаб дошт [22,50]

Доман бар задан ба кор омода шудан:

Фақр озодии бесохтаест,

Кӯтаҳӣ домани мо барзадааст [22,364]

Фарсуда шуда- кӯҳна шудан, ин ҷо ба маънии муддати зиёде боқӣ мондани обила дар пой;

Бедил аз нашвунамои мо касе огоҳ нест,

Обила зери қадам фарсуда шуд, ё барнахост [22,709]

Даст шустан аз баҳри чизе гузаштан ва бо сурати дасту дил шустан маъруф аст ва ҳамзамон маънии навмед шуданро низ ифода кунад. Бо такя бар ин вожаи яъспараст дар мисраи аввал ба кор рафта, ибораи мавриди назар ба ин матлаб қаробат дорад.

Серобӣ аз ин боғи ҳавас яъспараст аст,

Ку субҳу чи шабнам, зи нафас шустани даст аст [22, 368].

Нишеб – поин рафтан ба сӯи поин ҳаракат кардан

Бар замин тохт ҳодисоти фалак,

Ба нишеб омад, аз фароз шикаст [22,374].

Руфтан- маъруф аст ва ба маънии бо ҷоруб тоза кардани хонаро дорад

Туҳмати айшу алам бар дил мабандед аз субот,

Ҳар чӣ дорад хонаи оина руфтан доштаст.[22,377]

Фаррош вожаи арабӣ буда, дар луғат касе, ки фарш андозад, аммо дар фарҳанги мардумӣ ба маъниии тамизкунандаи хонаву маконҳо истифода шавад, ки маънӣ дар шеъри Бедил ба кор рафта:

Чун ҳубоб ин чидану вочидан афсуни ҳавост,

Хаймаи авҳомро ғайр аз нафас фаррош нест [22,381]

Сиёҳӣ кардан- намудор шудан

Ҳар чиро аз дур мебинӣ сиёҳӣ мекунад,

Саъйи биниш гар қариб афтад калаф дар моҳ нест[22,417].

Дилак – ин шакли истифодаи вожагон дар гуфтори мардумӣ асосан роиҷ аст, ки барои ифодаи навозиш ва меҳрубонӣ ба кор меравад.

Дар сина доштам дилаке оқибат намонд,

Оҳ ин сипанди сӯхта бо нола ҷасту рафт [22,388].

Ба дил паст- паст гуфтан, зери лаб сухан гуфтан ва бо шакли даруни дил гуфтан низ маъруф аст:

Кас маҳрами паёми дами вопасин нашуд,

К-аз дил чӣ мужда дод ба дил паст-пасту рафт [22,388].

Хок бар саркардан – изҳори таассуф намудан

Оинадории хаёл шахси туро мисол кард,

Хоки чӣ раҳ ба сар фишонд, хок ба сари ҷудоият [22,400].

Бағал кушодан ба маънии оғуш во кардан аз сари меҳрубонӣ ва ихлосу иродат ва ифодаи муҳаббат роиҷ аст.

Зи хеш рафтаӣ, андешаи каноре ҳаст,

Бағал кушода зи дарё бурун давидани мавҷ [22,452].

Забон ба ком кашидан, хомӯш нишастан, аз ҳарф гуфтан бозистодан

Забон ба ком кашидан фусуни иззат дошт,

Дамид қатраи мо гавҳар аз шикастани мавҷ. [22,452]

Шикастани мавҷ, оромӣ ёфтани мавҷ, дамидани гавҳар, сурат пайдо кардан, зоҳир шудан, ҳосил гардидан.

Мавҷ задан – берун омадан, зоҳир шудан,

Умрест сиришк назад аз дидаи тар мавҷ,

Ин баҳр ниҳон кард дар оғӯши гуҳар мавҷ. [22,451]

Даст ба сар задан, дар ҳаракат будан, афсӯс хӯрдан. Ҳамчунин инсон дар ҳолати шӯру исён ва ҷунун ҳам даст бар сар мезанад, ки мушобеҳ ба ҳолати мавҷ ҳаст .

Пайдост, ки дар васл ҳам осудагие нест,

Беҳуда ба дарё назанад даст ба сар мавҷ. [22,451]

Лаб газидан – ба маънии таассуф хӯрдан

Гуфтам: Румузи матлаби ҳастӣ баён кунам,

То бар забон расид сухан: Лаб газиду рафт. [22, 48]

Ба забон расидани сухан ҳам ин ҷо навъе бардошт аз фарҳанги мардумӣ дорад, чун ба маънии навбати сухан омадан, ё ҳолати омадани сухан ё гап омадан барои гуфтан низ истифода шавад.

Бедимоғ гузаштан- дар ҳолати афсурдагӣ ва ғамгинӣ гузаштан:

Магӯ паёми қаноат ба мунъимон Бедил,

Гариқи ҳирс зи пул бедимоғ мегузарад [22,174].

Пеш-пеш рафтан – аз пеши ҳама кас рафтан, аз пеши анҷумане қадам гузоштан, аз ҳама пеш рафтан

Сайри гул назри ҷунуни бениёзӣ кардааам,

Пеш-пеши рангу буҳо эътимодам рафтааст. [22,335]

Хами девор – зери девор, фуруафтодагии девор, ки боиси эҷоди соя мешавад.

Адабомӯзи ҳавастозии ғафлат пирист,

Сояро пой ба доман зи хами девор аст. [22,339]

Вобаста бар ин дар девони Бедил ибораи **«хам шудан»** ҳам ба кор рафта, ки дар ин байти маъруфи шоир ба мушоҳида мерасад:

Ба авҷи кибриё к-аз паҳлуи аҷз аст роҳ он ҷо,

Сари мӯе гар ин ҷо хам шавӣ, бишкан кулоҳ он ҷо [22,43].

Дар асли матлаби Бедил ин ҷо ҳамакнун ибораи «хам шудан» ба маънии изҳори андакӣ фурутанӣ, хоксорӣ ва амсоли ин ба кор меравад.

Ҷавонӣ кардан- киноя аз иҷрои амали нокомил, кори нопурра аз бетаҷрибагӣ

Ин ки тоқатҳо ҷавонӣ мекунад,

Нотавонӣ нотавонӣ мекунад. [22, 152]

Ин ҷо ҳосили калом дар пайванд ба ҷавонӣ кардани тоқатҳо сабру таҳаммул накардан бошад, ки онро бетоқатӣ кардан, бетоқат шудан ҳам гӯянд.

Ҷон кандан – киноя аз ранҷу машаққати зиёд

Касе ба ҷонкании беасар чӣ чора кунад,

Фароғҳо ба талоши фароғ мегузард [22,174]

Мадор хостан- тавону қудрат хостан. Дар фарҳанги мардумӣ таъбири «мадорам нест», «мадораш нест» ба ҳамин маънии тавону қувваташ нест маъруф аст:

Мадор аз ҳеҷ кас дар мавсими пирӣ намехоҳам,

Ки бас бошад маро бар каф, асои гардани мино [22,53].

Ба як бор – якбора

Қулқули мову манат пур ба гулӯ афтодаст,

Бишкан ин шишаву чун бода ба як бор баро [22,188].

Сар печидан – дар луғат аслан ба маънии аз иҷрои коре даст кашидан, эҳтироз кардан дар иҷрои амре ё ба сурати дигари саркашӣ кардан омада. Аммо дар фарҳанги мардумӣ ин ибора ба маънии хобидан, хоса ба шакли зери курпа сар печидан, ё сарро печидан фаровон истифода мешавад, ки Бедил ба ҳамин маънӣ онро ба кор гирифтааст, яъне ба гунаи зери хок сар печидан:

Гаҳ аз гавҳар камар созиву гаҳ дастори зар печӣ,

Даме бе кашмакаш гардӣ, ки зери хок сар печӣ[23,693].

Бо такя бар ин мазмуни таъбири мавриди тавзеҳ метавон ин байтро чунин маънигузорӣ намуд, ки гоҳе аз гавҳар камарбанде барои худ созиву бар сарат салла ё дастори заррин бупечӣ, яъне вуҷуди худро аз ғаноими дунё ороставу зебо гардонӣ ҳам ҳаргиз осудагӣ ё роҳат туро насиб намегардад.

Танҳо ин осоишро замоне пайдо хоҳӣ кард, ки таҳи хок сари худро бо кафан бупечӣ, яъне баъд аз марг зери хок бихобӣ. Дар фарҳанги мардумӣ шакли ***«сар дар чизе печидан»*** ё бо чизе печидаву хобидан маъруф аст ва ин ҷо Бедил зери хок дар кафан сар печидаву оромиши абадӣ ёфтанро дар назар дорад. Ибораи бекашмакаш ҳам дар ин ҷо ба маънии беғавғо, бехархаша ва орӣ аз низоъу пархош истифода шудаанд ва он ҳам навъе дар фарҳанги мардумӣ ҳамон маънии осоиш ёфтанро дорад ба иллати ин ки кашмакаш ба маънии баҳсу мунозира, ҷидолу пархош фаровон ба кор меравад.

Ин таъбир дар шеъри Бедил ба маънии нахуст, яъне нофармонӣ кардан, сарбартофтон низ истифода шуда, ки Асадуллоҳ Ҳабиб дар китоби худ «Вожаномаи Бедил» танҳо ба шарҳи ҳамин гунаи маънии он иктифо ва ин байтро ба унвони шоҳид зикр намудааст

Касе Бедил ба саъйи ваҳшат аз худ барнамояд,

Зи ғафлат то куҷо гирдоби мо аз баҳр сар печад [208,183].

Сурати маъноии дувум, ки дар байти мавриди назари мо ба кор рафта, дар шарҳи ин бедилпажӯҳи афғонӣ ба мушоҳида намерасад.

Карду нокард – ба маънии анҷоми амалҳои неку бад аслан истифода мешавад. ҳамзамон, он чӣ анҷом дода шудааст ва он чӣ анҷом нашуда. Дар байти Бедил аслан ба ҳамин маънии неку бад ба кор рафта:

Ҳама маҷбури ҳукми тақдирем,

Карду нокард ихтиёрӣ нест [22, 371].

Дасту по гум кардан, худро аз даст додан, аз ҳиҷолат худро бохтан, одатан ҳангоми дидори ошиқ ба маъшуқ ба кор баранд, ки аз асари ҳиҷлат дасту по гум кунад, яъне худро фаромӯш кунад,ба шакли дасту по хурдан ҳам ба кор меравад:

Даступогумкардаи шавқи тамошои туем,

Афканад ё раб сари афтодадарпои туем. [37,1019]

Ранг паридан – тағири ранг, ба маънии бемор шудан низ ба кор равад:

Ин ки рангам мепарад ҳар дам ба нози бехудӣ,

Анҷуманпардози холӣ кардани ҷои туем.[37,1019]

Аз сари худ ё аз гардан соқит кардан – ин таъбир дар фарҳанги мардумӣ ба маънии баҳри иҷрои коре баромадан, масъулияти иҷрои амалеро аз худ дур кардан маъруф аст. Гунаи дигари он дар гуфтори форсии Фарорудӣ ба сурати ба гардани худ нагирифтани коре маъруф аст. Бедил бо такя бар асли ҳамин таъбир ибораи «аз гардан ҳаққи вафо соқит нагардидан»-ро офарида, ки ба маънии ҳаққи вафоро иҷро карда натавонистан, шеваи вафодориро аз сари худ дур накардан, масъулияти вафодориро бар дӯш доштан, ҳамеша дар фикри сидқу вафодорӣ буданро дорад.

Чу шамъ аз гарданам ҳаққи вафо соқит намегардад,

Дар оташ ҳам арақ дорам, хиҷолатпарвари ишқам [23, 295].

Бедил таркибе офарида ба сурати «мижгон пар афшондан», ки муодили ин дар фарҳанги мардумӣ як чашм задан аст. Ҷолиб аст, ки шоир дар заминаи таваҷҷӯҳи амиқ ба муҳовараи омиёна ва вомгирӣ аз он таркибҳои ҷаззоби шоиронаеро эҷод мекунад, ки тарҳи онҳо дар коргоҳи тафаккур ва тахаюли худи ӯ рехта шудаанд:

Ҳайратам Бедил замингири тааммул кардааст,

Варна то мижгон паре афшонд, ман анқо шудам [23,257].

Остин чидан киноя аз омодаи анҷом додани коре шудан. Ба гунаҳои остин бар задан, остин бар навиштан, остин боло задан низ ба ҳамин маънӣ ба кор меравад.

Макун зи шона парешон димоғи гесуро,

Мачин ба чини ғазаб остини абруро[22, 175].

Дар гуфтори мардуми Фароруд дар шакли дасту остин бар задан низ мавриди истифода қарор мегирад.

Оина бар чизе шикастан – Асадуллоҳи Ҳабиб ин таъбирро ба маънии чашм пӯшидан аз чизе, сарфи назар кардан аз чизе, чизеро тарк кардан шарҳ додааст:

Субҳ зи шабнам ҳама тан, чашм шудан аз шавқи чаман,

Ҳар ки дар ин боғ расад, оина бар гул шиканад [22, 593].

Аммо бо тақозои маънии байт манзури шоир аз шикастани оина дар болои гул аст, чун ки тамоми вуҷуди субҳ аз шавқи тамошои чаман тавассути шабнам саропо чашм шуд, ба иллати ин ки шабнам тадоъии чашм аст ва субҳ бар асари боридани он бар рӯхи гул гӯё саропояш аз чашм иборат гардид. Ҳар ки дар ин фурсат ба чаман бирасад, ин чашмро аз болои рухсори гул биафтонад ва бишканад, яъне зоҳиран агар субҳдам ҳар ки ба чаман ворид шавад, бар асари расидани бари домонаш бар гулҳо аз кафи онон шабнам биафтад ва мисли ин ки оина аз болои гул афтода бишканад.

Дулаб шудан ба маънии ба ду ҳиссаи баробар тақсим шудан меояд ва ин ҷо аз ду лаби ба ҳам мувозӣ таркиб ёфтани гандум дар назар аст. Дар Форсии Фароруд ба ҳамин маъонӣ фаровон ба кор меравад.

Ризқ бетеъдоду рӯзихор маъдудест чанд,

Шукри мунъимро ҳамон гандум дулаб хоҳад шудан.

Боб аслан ба маънии дар, ҷои боз шудан мавриди истифода шавад ва ҳосили сухан дар робита ин ба мазмуни мазкури вожа ҳар чӣ ғайр аз худфурӯшиҳо даре барои ман ҷиҳати ворид шудан ба диёри хомӯшист. Ин ҷо баръакси хомӯшӣ худфурӯшиҳо ба маънии худнамоӣ, булфузулӣ ва ғуруру такаббур бошад. Аммо дар бархе аз гӯйиҳои Тоҷикистон боби ман ба маънии мувофиқ ба ҳоли ман, ҷавобгӯ ба хоҳишу ниёзи ман ё ба таъбири дигари «табъи дили ман» низ ба кор меравад. Дар ин ҳол ҳам ба асли матлаби суханвар шарҳи вожа мувофиқ хоҳад афтод.

Аз қумоши хомӯшӣ Бедил дуконе чидаам,

Ҳар чӣ ғайр аз худфурӯшиҳо бувад боби ман аст [22,255].

Гоҳо дар табиати забони тоҷикӣ вожагони аз забони арабӣ воридшуда ба маънии хос дар фарҳанги мардумӣ табдили маъно мекунанд. Масалан, вожаи ҳузур дар асли арабӣ ҳамчун ҳозир шудан, омадан, рӯ ба рӯ шудан истифода мешавад, аммо дар забони форсии фарорудӣ ин калима чун лаззат бурдан, завқ кардан, изҳори шодӣ намудан низ шаҳру тафсир мешавад. Ҳамин маънӣ дар ин байти Бедил низ ба мушоҳида мерасад:

Аз ин гулшан ҳузуре нест оғуши таманноро,

Нигаҳ бар ҳар чӣ мижгон во кунад дасти раде дорад 36, 720].

Дар маҷмуъ, мутолеаи девони Мирзо Абдулқодири Бедил ин матлабро мусаллам мегардонад, ки шоир дар баробари офариниш вожаву таркиб ва таъбирҳои шоирона дар коргоҳи хаёлоти хеш, бо мурур бар фарҳанги мардум нодиртарин вожаву таобир, унсурҳои барҷастаи ҳунарӣ, номи ашёву василаҳоро, ки ҷои бархе аз онҳоро муродифоти арабӣ гирифтаанд, ба ҷаҳони андешаву афкори хеш ворид намуда, бад-ин васила ҳам барои офариниши маънӣ ва мазмунҳои тоза ва ҳифозати ин таркибу иборот ва калимаҳо иқдом менамояд. Ҳунари шоирии Бедил дар корбурди баҷо ва бамавриди маҷмуи ин аносири фарҳанги мардумӣ ба ҷилва меояд, ки чунин истифодаи бамавқеъ дар ғанои маънавии сухани шоир муассир афтодаанд. Баробари ин, ҳарчанд аксари ин вожаву таъбирҳо имрӯз дар шохаҳои мухталифи забони форсӣ асли маъноии хешро аз даст додаву ҷойи онҳоро дигар муродифот соҳиб шудаанд, вале ҳифзи ин ганҷинаҳои нодири забонӣ ҳам дар таркиби ашъори Бедил ва ҳам гуфтори мардумӣ омил гардидааст, ки асли маъноии онҳо тавассути мазмунсозӣ ва маъниофариҳои шоиронаи ин суханвари маънишикор пойдор ва барқарор бимонад.

ФАСЛИ ШАШУМ. ШАРҲ ВА МАЪНИГУЗОРИИ ШОИРОНА ДАР ДЕВОНИ БЕДИЛ

Мирзо Бедил, ки бо ҳузури хеш дар қаламрави адабиёти форсу тоҷик гардиши куллии фикрӣ ва ҳам сабкӣ эҷод намуд, бо дарку маърифати ҳамин шеваи тозааш ибтикоротеро аз сар гирифт, ки барои хонандаш дар фаҳми маъонӣ роҳро ҳамвор намуданд. Дар навбати аввал, ин суханвари мумтоз худ низ ин силки тозаоғози хешро мавориди мухталиф бо пӯшидабаёнӣ, ибҳомгӯӣ, мушкилписандӣ тафсир намудаву борҳо дар каломаш бар ин шева таъкид доштааст. Аз ҷумла ин байт чун шореҳи осон набудани сайри фикраш аз номи Бедил садо медиҳад:

Нарасид фитрати ҳеҷ кас ба хаёли Бедилу маъниаш,

Ҳамарост бехабариву бас, чӣ шуури халқу чӣ ҳуши мо [22,88]

Мурур бар девони ғазалиёти Абулмаонӣ ин нуктаро мусаллам мегардонад, ки ӯ бо эҳсоси ҳамин мушкилоти маърифати каломаш ёриву ёвариҳое барои хонандаи хеш мекунад ва бо шинохти вежагиҳои хоси ҳамин «забони бедилӣ»-и худ дар мавориди мухталиф ба шарҳу тафсири мафоҳиму истилоҳот, вожагону таъобир мепардозад. Ин равиши кори хешро Бедил дар маснавиҳо, осори насрӣ низ ба кор гирифтааст, ки албатта баҳсу баррасии муфассали мавзӯъ бо фарогирии ҷамеи таълифоти суханвар дар ҳавсалаи имкони мо ғунҷоиш надорад. Дар ин фасли рисола саъй мешавад, ки ин усули хосаи шарҳу тафсир дар девони ғазалиёти Бедил мавриди баррасӣ қарор бигирад, ки ба зуҳури аносири нахустини шарҳ бар сурудаҳои шоир ишорат мекунад. Ба ибораи дигар, бо такя бар зуҳури чунин тафосир ва шурӯҳ метавонем худи Бедилро нахустин шореҳи ашъору афкор ва девони ашъорашро нахустин шарҳ бар каломи вай муаррифӣ намоем.

Бедил, дар аксари маврид бо такя бар дидгоҳҳои хоса ва аз зовияи мушоҳидаву маърифати худаш мафоҳиму истилоҳ ва вожагону таъбирҳоро дар девонаш шарҳу тавзеҳ додааст. Дар анҷоми ин кор низ шоир аз шеваву

равишҳои мухталиф ба кор мегирад, ки ҳарчанд бахше аз онҳоро метавон навъе ихтирооти шоиронагии Бедил баршумурд, аммо дар ин роҳ аз шеваҳои суннатӣ низ истифода карда. Дар навбати аввал, бояд эътироф намуд, ки шеваҳое аз ин усули шарҳу тафсир, ки онро аҳли таҳқиқ шарҳҳои дохилӣ ҳам унвон кардаанд, дар қаламрави адабиёти куҳани мо ҷой дорад. Ҳатто ҳамон рубоии маъруфи устод Рӯдакиро низ метавон ба гунае ба ин гурӯҳи шарҳҳо шомил намуд, ки ҳарчанд дар муроҷиат ба хонандаи хеш матлабашро баён медорад, аммо аз тарафи дигар маҷмӯан он тафсири мафҳум ё мақоми мардӣ маҳсуб меёбад:

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ [116,74]

Ин ҷо равшан мегардад, ки дар луғатномаи тафаккури устод Рӯдакӣ ба се маънӣ шарҳи вожаи мардӣ зуҳур карда, ки аввал «бар сари нафси худ амир будан», дувум «бар куру кар нукта нагирифтан» ва савум «дасти фитодае бигрифтан» маҳсуб меёбанд. Зоҳиран,бо таваҷҷӯҳ ба идомаи пурвусъати адабиёти тасаввуф мақоми «мардӣ» навъе ба истилоҳи ирфонӣ низ бадал мегардад, ки мо дар каломи устод Рӯдакӣ нахустин шарҳи сӯфиёнаи онро низ пайдо мекунем.

Шеваи марсуми шарҳи дохилии мафҳум дар адабиёти гузаштаи мо ҳамон усули гузоштани суол ва додани посух дар як мисраъ ё байт аст, ки намунаҳои барҷастаи онро дар адабиёти ирфонии форсу тоҷик зиёд дорем. Масалан,Мавлоно дар маснавӣ фармуда:

Пас чӣ бошад ишқ? Дарёи адам,
Даршикаста ақлро онҷо қадам.

Мавлоно ин ҷо нахуст суол мегузорад, ки ишқ чист? Ва баъдан худ ба он посухе шоирона ва ё орифона медиҳад, ки дарёи адам бошад ва ин ҷавоб ҳамоно шарҳи ӯ аз ин истилоҳи ирфонӣ низ ба шумор меояд.

Тафсири нисбатан муфассали истилоҳоти ирфонӣ бо ин шева дар маснавии «Мусибатнома»-и Аттори Нишобурӣ ҷараён гирифтааст. Дар бахше аз ин маснавӣ бештар аз 50 истилоҳ ва мафоҳим бар мабнои дидгоҳи орифонаи ин суханвари суфӣ тафсир шуда, ки бар чанд намунае аз он руҷӯъ мешавад:

Ишқ чист? Аз қатра дарё сохтан,

Ақл наъли кафши савдо сохтан.

Фикр чист? Асрори куллӣ ҳал шудан,

Куҳ кандан дар дили хардал шудан.

Завқ чист? Огоҳи маънӣ омадан,

На ба тақво, на ба фатво омадан.

Саҳв чист? Аз худ ба худ раҳ ёфтан,

Пас зи худ, худро муназзаҳ сохтан.

Маҳв чист? Аз хеш бе хеш омадан,

Пас зи ҳар ду низ дарвеш омадан... [5,463]

Ба назар мерасад, ки Шайх Аттор дар ин бахши маснавии хеш ағлаби истилоҳоти ирфониро бо диду назари хосааш тафсир намуда, ки бешак ҳамин қисмати асари мазкури ӯро метавон як навъ фарҳанги манзуми мусталеҳоти ирфонӣ унвон кард.

Дар ғазалиёти Ҳофиз низ ҳамин усул ба мушоҳида мерасад, ки ишорат бар байти маъруфи зер ин матлабро равшан месозад:

Донӣ, ки чист давлат? Дидори ёр дидан,

Дар кӯи ӯ гадоӣ, бар хусравӣ гузидан [124,345].

Ин ҷо Лисонулғайб бо гузоштани як суоле барои хонандааш худ мафҳуми давлати аслии инсониро шарҳ медиҳад, ки ҳамон дидори ёр бошад ва ин тавзеҳи Хоҷаи Шероз шарҳи «шодии дидори дӯстон»-и Устод Рӯдакиро ба хотир меоварад.

Бедил низ ҳамин шеваҳои маъруф дар адабиёти форсу тоҷикро ҷиҳати шарҳи мафоҳиму вожагон ва таъбирҳои муайян идома дода, дар девонаш борҳо аз ин усул ба кор гирифта ва тавассути чунин тафосир дидгоҳҳои

хосаи хешро барои хонандааш рӯнамоӣ кардааст. Бо ин усул ҷое вожаи «мағрурӣ»-ро чунин тавзеҳ намуда:

Чист мағрурӣ? Зи фикри хеш ғофил зистан,

Аз гиребон он ки сар бардошт, гардан доштаст [36,338].

Дар фарҳанги афкор ва хаёлоти Бедил мағрурӣ ҳолест, ки инсон аз худ ғофил мезияд ва худро фаромӯш мекунад. Таъбири «зи фикри хеш ғофил зистан» навъе таҷассуми шоирона ва баёноти ҷолиби суханварро аз шарҳи ин ҳолат маҳсуб меёбад.

Ҳамин гуна, бо шеваи мазкур вожаи гардунро чунин тафсир кардааст:

Чист гардун? Ҳавасафзои хаёлоти адам,

Оламеро ба ҳамин сифр ҳисоб аст ин ҷо. [36,3]

Яъне, дунё дар луғатномаи андешаҳои Бедил ҳавасафзои хаёлоти адам маънигузорӣ мешавад.

Ҳарчанд ин шеваи маъруфи шарҳи вожагони роиҷ дар адабиёти гузаштаи мо дар девони Абулмаонӣ низ ба чашм мерасад, аммо бо ҳамон эҳсоси мушкилоти забони суруда ва маъниҳои мастур дар пушти таркибу мафоҳими офаридаи хеш ин суханвари мумтоз аз усулҳои хосаи худ хеле фаровон дар тафсири мафоҳиму истилоҳот ва вожагону таъбирот ба кор гирифтааст,кибо мақсади муназзам ҷараён гирифтани баёни мулоҳизот баррасии масъалаи мазкур дар заминаи таснифи зайл сурат мегирад:

А) Шарҳи истилоҳоти фалсафӣ ва ирфонӣ

Б) Тафсири авотиф ва ҳолоти инсонӣ

В) Шарҳи вожагону таъбироти мухталиф

Дар ҷараёни таҳқиқот вобаста ба зарурат шеваҳои шоиронаи тафсири ин мафоҳим, ки бар пояи ибтикороти худи Бедил арзи ҳастӣ намудаанд, таъкид хоҳад гардид.

А) Шарҳи истилоҳоти фалсафӣ ва ирфонӣ. Бедилро аҳли таҳқиқ, ҳатто суханварони ҳамасру тазкиранависон ба унвони шоири файласуф ва ориф эътироф намудаанд ва яке аз авомили ин шинохт нуфузи истилоҳоти фалсафӣ ва ирфонӣ дар каломи ӯ маҳсуб мешавад. Ҳарчанд мазомини

фалсафи ва ирфонии ин таъбирот дар навбати аввал сарчашма дар ҳамон андешаҳо ва тавзеҳоти роиҷ дар афкори фалсафӣ ва ирфонии ниёкон доранд, аммо ин суханвари мубтакир ба хотири суҳулати хонанда дар кашфи матолиб ва андешаҳои ӯ гоҳе ин истилоҳотро аз зовияи дидгоҳҳои хеш тафсир мекунад ва онро бар аҳли мутолеа низ манзур медорад, то бар авҷи фаҳмишҳои фалсафӣ ва ирфонии Бедил бирасанд ва бидонанд, ки дар баробари идомаи суннатҳои хоси пешиниён Абулмаонӣ нисбат ба ҳар истилоҳ ва мафоҳиму вожагон диду назари хосаи худро низ соҳиб аст.

Дар китоби «Фарҳанги истилоҳоти фалсафӣ» вожаи адам чунин тафсир шудааст: «Адам, яъне нестӣ ва муқобили вуҷуд аст». Барои вуҷуд ду эътибор аст, яке вуҷуди мутлақ ва дигаре мутлақи вуҷуд. Ҳар гоҳ адам муқобили мутлақи вуҷуд бошад, адами мутлақ аст ва агар муқибилаи он ба эътибори мутлақ бошад, мутлақ ул адам аст [194,326].

Бедил истилоҳи фалсафии Адам» -ро дар яке аз абёти хеш чунин тафсир мекунад:

Адам гуфтан кифоят мекунад, то Одаму Ҳавво,

Дигар, эй ҳарзагарди ваҳм, тӯмори насаб макшо [36,12].

Аз тафсири Бедил метавон натиҷа метавон гирифт, ки ба назари вай мафҳуми адам ифодакунандаи замони пеш аз офариниши инсон маҳсуб меёбад. Бар ин вачҳ аст, ки аксаран сӯфиён инсонро аз адам омада ё худи адам медонанд, ки дубора ба он боз бармегардад. Бедил низ ба ин маънӣ борҳо ишора кардааст.

Моҷаро кам кун, зи найранги баду некам мапурс,

Ман адам будам, адам чизе, ки буд овардаам [36,221].

Албатта, андешаи аз адам пайдо шудани ҳастӣ ва зуҳури инсон қаблан ҳам дар адабиёти мо бо гунае дигар тафсир шуда, чун Мавлоно дар Маснавӣ таъкид мекунад, ки «мо адамҳоем ҳастиҳонамо». Вале Бедил вақте «адам гуфтан кифоят мекунад то Одаму Ҳавво» мегӯяд, дар навбати аввал як шеваи тозаи ифода ва шарҳи ин мафҳум ба мушоҳида мерасад, ки бо назардошти замон будани адам ҳамчун мафҳуми фалсафӣ онро шоир «то Одаму Ҳавво»

мешуморад, ки ҳамон айёми мавриди назар бошад. Вақте шоир ба таври махсус «феъли гуфтан»-ро ба кор мегирад, ин ҷо дар баробари ифодаи дигар матолиб корбурди ҳамин вожа пеш аз ҳама ҷанбаи шарҳӣ доштани байтро тақвият дода, шеваи хоси вуҷуди тафсирҳои шоирона ва дохилиро девони Бедилро бозтоб мебахшад.

Қуръон ба таъбири Бедил дарси ҳузури ориф аст, ки тавассути он таълими маърифат мегирад. Ҳарчанд дар асл Қуръон номи китоби осмонии Худованд дар дини мубини ислом маҳсуб меёбад, аммо онро Бедил дарси ҳузур унвон мекунад, ки ба як навъ мафҳуми ирфонӣ бадал гардидани ин вожаи муқаддасро нишон медиҳад:

Бедил он Қуръон, ки мо дарси ҳузураш хондаем,

Матни оёташ таҳайюр дораду тафсир шарм [37,948].

Дар навбати аввал вақте Бедил вожаи Қуръонро дар ин байт зикр мекунад, равшан аст, ки ин ҷо қироати ин китоби муқаддас дар назар аст, ки барои инсони ориф ба таъбири Бедил ҳамон дарси ҳузур бошад. Дар баробари тафсири маънии ирфонии Қуръон дар ин байт маонии оёт ва худи тафсир низ аз дидгоҳи худи шоир омадааст. Бедил матни оёти Қуръониро ҳайрат медонад, ки мақоми висоли ориф бо Худост. Аз ин ваҷҳ, суфӣ дар тазкири оёти қуръонӣ ва сафар ба асли маънии онҳо ба манзили қурб мушарраф мегардад. Тафсирро шарм донистани Бедил бар он маънӣ бошад, ки ориф чун таҷаллои ҷамоли Худовандро эҳсос кунад, дар партави бузургии он ҷилва мунфаил гардад. Шарме, ки Бедил тафсирро бар он маънӣ карда, ҳамин инфиолест, ки орифро аз аҷз даст диҳад. Тафсирро бар он ваҷҳ Бедил шарм мехонад, ки чун ориф марҳала ба марҳала ба асли оёти Қуръон раҳ ёбад, зарра- зарра аз худии ҷисмонӣ берун ояд ва ҳар лаҳза арҷи бузурги Худовандиро эҳсос кунад ва аз ҳеҷбуди хеш дар муқобили он рифъати абадӣ мунфаил гардад. Бо ҳам дар ин байт равшан мегардад, ки Бедил тавассути корбурди феъли «хондаем», ба таври барҷаста шарҳи хосаи худ будани ин мафоҳимро барои хонанда бозгӯӣ мекунад, яъне мо Қуръонро дарси ҳузур хондаем.

Тафсири дил, ки асли маънии инсон аст, аз забони Бедил чунин тавзеҳ ёфтааст:

Мавҷ чун бо якдигар ҷӯшид гавҳар мешавад,

Дил тавон гуфтан нафасҳои ба ҳам пайвастаро [36,105].

Дилро асли инсон донистани урафо бар ду ваҷҳ аст:

Аввал ин ки ҳомили бори амонати илоҳист.

Дуввум, ки он ҳам дар иртиботи аввалӣ ба миён меояд, ин асли зиндагонӣ будани он аст, чун инсон бо тапиши дил, ки ҳосили он нафас аст, дар олами имкон мезияд. Аз ин рӯ, ин дил аз маҷмуи нафасҳои ба ҳам пайваста иборат аст, ки буруну дарун метапанд ва асолати инсонро дар ҷаҳони моддӣ маҳфуз медоранд. Таркиби «тавон гуфтан» ҳамоно воситаи аслии шарҳ будани ин мисраъро муҷассам мегардонад.

Дар баробари ин, дар мисраи аввал як навъ тафсири бедилонаи вожаи мавҷ ва таъбири мавҷи гавҳар, ки аз ҷумлаи калимот ва ифодаҳои пурбасомад дар каломи Бедил маҳсуб меёбад, низ ба мушоҳида мерасад. Бедил ҳосили ҷушиши мавҷро гуҳар медонад, ки чун бо ҳам пайванд шаванд, мубаддал ба гуҳар гарданд, яъне гавҳар аз мавҷҳои ба ҳампайваста иборат мебошад.

Зоҳиран,эҳсос мешавад, ки дар шарҳи Бедил ҳам вожаи мавҷ ва ҳам гавҳар бо шеваи шоирона тафсир шудаанд. Ҷои дигар бошад, ҳамин гуна як шарҳи шоиронаи вожаи мавҷро Бедил ҳамчун ҷузви бадани оби равон манзур намудааст, яъне вақте шоир таъкид мекунад, ки «мавҷ ҷузви бадани оби равон мебошад», шарҳи ин вожа будани мисраъ барҷастатар намоён мегардад.

Қатъи занҷир зи Маҷнуни ту натвон кардан,

Мавҷ ҷузви бадани оби равон мебошад [36,126].

Аз сӯи дигар, шояд зоҳиран ҷузви бадани оби равон гуфтани Бедил як баёноти саҳлу содда ба назар расад. Аммо ин тафсир пеш аз ҳама маҳсули мушоҳидаи шоиронаи ӯст, ки ҳарчанд ба зоҳир содда метобад, аммо ҳамин ҳолати тасвирнамудаи суханварро на ҳама кас қудрати биниш ва мукошафа

дорад. Танҳо Бедил аст, ки тавассути халлоқияти ҳунарии хеш дар коргоҳи хиёлаш мавҷро дар сурати «ҷузви бадани оби равон» муҷассам мебинад.

Чун сухан дар мавриди шарҳи вожаи «дил» рафт, бояд тазаккур дод, ки Бедил дар шарҳи он ҳамчун мафҳуми ирфонӣ дар тафосири зиёдеро бо шеваҳои шоиронаву сӯфиёна ба зуҳур расонида, ки ин ҷо тазаккур ду ғазали мукаммали вай бо радифи «дили мо» ағлаби чунин шурӯҳ ва маънисозиҳои Бедилро перомуни калимаи мазкур бозтоб мебахшад. Ҳарчанд дар ҳар ду ғазал шоир зоҳиран ишорат ба «дили мо» мекунад, аммо мурур бар мӯҳтавои онҳо равшан месозад, ки манзури аслӣ ҳамон дили инсон аст, ки дар коргоҳи хаёлот ва афкори шоир тавзеҳот ва тафосири мухталиф пайдо намуда:

Ҳам обила ҳам чашми пуроб аст дили мо,
Паймонаи сад ранг шароб аст дили мо.
Ғофил натавон буд аз ин мунтахаби роз
Ҳуш дор, ки як нуқта китоб аст, дили мо.
Боғе, ки баҳораш ҳама санг аст, дили ӯст,
Даште,ки ғубораш ҳама об аст, дили мо.
Мо хоки зи ҷо бурдаи селоби ҷунунем,
Сармояи сад хона хароб аст дили мо.
Пероҳани мо кисвати урёнии дарёст,
Як парда тунуктар зи ҳубоб аст дили мо.
Дар базми висолат, ки ҳаё ҷомбадаст аст,
Гар об шавад, бодаи ноб аст дили мо.
Манзури бутон ҳар ки шавад ҳасрататаш аз мост,
Ёр оина мебинаду об аст дили мо.
То оина боқист ҳамон акси ҷамол аст,
Эй яъс хурӯше,ки ниқоб аст дили мо.
То чашм кушудем ба хеш оина дидем,
Дарёб, ки таъбири чӣ хоб аст дили мо.
Эй оҳи асарбохта оташнафасӣ чанд,
Хун шав, ки зи дасти ту кабоб аст дили мо.

Ё раб, накашад хиҷлати маҳрумии дидор,

Умрест, ки оинахитоб аст дили мо.

Оина ҳамон чашмаи тӯфони хаёлест,

Бедил чӣ тавон кард, саробаст дили мо [36,148-149].

Таммул бар мӯҳтавои ғазали аввал ин нуктаро мусаллам мегардонад, ки Бедил дар шарҳи шоиронаву орифонаи вожаи дил таркиб ва таъбирҳои худсохти зиёдеро муҷассам гардонидааст. Аз ҷумла дар луғатномаи вежаи афкори ӯ дил ҳамчун «обила», «чашми пуроб», «паймонаи сад ранг шароб», «мунтахаби роз», «як нуқта китоб», «пардаи тунуктар зи ҳубоб», «бодаи ноб», «об», «ниқоб», «таъбири хоб», «оинахитоб», «сароб» ва ғайра тафсир шудааст. Дар ғазали дувуми бо ҳамин радиф эҷодшуда, ҳамоно дил ҳамчун «оинаи чандин табу тоб», «шӯъланиқоб», «ҳайратнигаҳи як мижа хоб», «ҳамзарфи ҳубоб», «аз олами об», «кабоб», «ҳиҷоб», «хонахароб» ва амсоли ин шарҳ ёфтааст:

Оинаи чандин табу тоб аст дили мо,

Чун доғи ҷунун шуъланиқоб аст дили мо.

Умрест, ки чун оина дар базми хаёлат,

Ҳайратнигаҳи як мижа хоб аст дили мо.

Моему ҳамин мавҷи фиреби нафасе чанд,

Сарчашма магӯед, сароб аст дили мо.

Паймонаи мо пур шавад он дам, ки биболем,

Дар базми ту ҳамзарфи ҳубоб аст дили мо.

Оташ зану наззораи бетобии мо кун,

Ҷуз сӯхтан охир ба чӣ боб аст дили мо.

Лаъли ту ба ҳарф омаду додем дил аз даст,

Яъне ба суоли ту ҷавоб аст дили мо.

То ҷуръакаши соғари саршори гудозем,

Шабнамсифат аз олами об аст дили мо.

То чист саранҷоми шумори нафас охир,

Умрест, ки дар пойи ҳисоб аст дили мо.

Ҳасратсамари кӯшиши беҳосили хешем,
Азбаски нафас сӯхт кабоб аст дили мо.
Дарё ба ҳубобе чӣ қадар ҷилва фурӯшад,
Оинаи васлему ҳиҷоб аст дили мо.
Сад санг шуд оинаву сад қатра гуҳар баст,
Афсӯс ҳамон хонахароб аст дили мо.
То ҷунбиши тори нафас оинатироз аст,
Бедил ба каманди раги хоб аст дили мо [36, 7].

Муқоисаи тавзеҳоти шоир дар ҳар ду ғазал як матлабро ба мо равшан мегардонад, ки дар тафсироти анҷомдодаи Бедил анқариб такрори маънигузориҳо ба мушоҳида намерасад. Бедил кӯшидааст, ки дар шарҳи ин мафҳум таъбири тозае аз коргоҳи хаёли хеш берун оварад. Ҷо ҷо агар монандиҳое дида мешаванд, баёнгари онанд, ки бо ин ҳама қаробатҳо такрор ё айни ҳам намебошанд. Масалан, агар дар ғазали аввал ҷое дилро шоир «тунуктар зи ҳубоб» меномад, дар дувумин ғазал онро «ҳамзарфи ҳубоб» мехонад, ки ин ҷо миёни маонии ду таркиб фарқияте ҳадди ақал дар мақоми онҳо дидан мумкин аст. Ё агар дар ғазали аввал дилро ба маънии «об» шарҳ мекунад, дар ғазали дувум онро аз олами об медонад, ки ин ҷо низ дар таъйини маънӣ мо ин фарқиятро эҳсос мекунем, яъне дар мавриди аввал агар худи об аст, дар ҳоли дувум унсуре аз олами об маҳсуб мешавад, ки дар умқи маънӣ аз рӯи баёнот тафовутро мушоҳида метавон намуд. Албатта, нуфузи чунин тафосир имкон медиҳад, ки шарҳи вожаи дил дар фарҳанги дохилии девони ӯ ба таври ҷудогона баррасӣ шавад, ки ин мавзуи баҳси ҷудогона хоҳад буд.

Шарҳи шоиронаву орифонаи вожаи одам дар андешаи Бедил ба гунаи зайл сурат пазируфта:

Кафи хоке, ки бар бодаш тавон кард,
Ба хун гил карда одам офариданд [36,479].

Пас, ба тафсири Бедил инсон мушти хокест, ки бо хун гил карда

шудааст, то инсон шакл пазирад. Манзур аз ин қатраи хун ҳамон қатраи обест, ки инсон аз он пайдо мешавад ва асли он қатраоб аз хуни падар пайванд мегирад. Бедил дар мавриде дигар ибораи «мушти ғубор»-ро ба маънии инсон ба кор гирифтааст, ки зимни маънигузории байт ин матлаб барҷаста равшан мешавад:

Нест ҷуз худшиканӣ домани иқболи баланд,

Охир эй мушти ғубор, ин ҳама парвоз чаро? [36,72]

Дар ин ҳолат низ оҳанги муроҷиати Бедил навъе тафсири маънии инсон будани таркибро возеҳтар нишон медиҳад, ки ин шеваи хосро низ метавон шомили ин навъ шурӯҳ намуд.

Бедил, ҳастиро чунин маънидод мекунад:

Бар фурсате, ки номаш ҳастист, доман афшон,

Бедил нафас мадоро бо ҳеҷ кас надорад [36,448].

Истилоҳи фано, ки дар адабиёти тасаввуф басомади фаровон дорад, дар «Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ» чунин тафсир ёфтааст: «Фано, нестӣ, маҳв шудан. Дар истилоҳ, яъне фанои банда дар ҳақ, ки башарияти банда дар ҷиҳати рубубияти Ҳақ маҳв гардад [193,628].

Дар байти Бедил фано ба сурати «ба ҳасрати бисёр пушти по задан» маънидод гардида. Манзури шоир ҳамон куштани нафс ва ҳавасҳои дунявӣ бошад. Ин ҷо ҳам равшан мегардад, ки шарҳи шоиронаи Бедил ҷузъиёте аз ҳамон тафсири ирфонии ин вожаро дар луғатҳои истилоҳоти ирфонӣ ба хотир меоварад:

Фано ба ҳастрати бисёр пушти по задан аст,

Чаман ҳазор гул афшонд, то хазон гардид [36,528].

Дар мисраи дувум бошад, вожаи чаман ҳам навъе тобиши фалсафӣ гирифтааст, чун ин ҷо манзур аз он баҳор бошад ва андешаи шоир бар он мепайвад, ки барои расидан ба хазон бояд ҳазорон гул бишкуфад. Зимнан ин ҷо хазон баёнгари ҳамон истилоҳи фаност, ки бар асари марги ҳазорон гул, яъне ҳавас ва орзуҳои дунёӣ эҷод шавад.

Ҳайрат ва ҳайронӣ низ аз ҷумлаи истилоҳоти ирфонии пуркорбурд дар шеъри Бедил маҳсуб мешаванд. Аслан, ҳайрат дар ирфони моқабли Бедил чун яке аз ҳафт шаҳри ишқ тафсир мешавад,ки дар «Мантиқ ут тайр»-и Аттор шарҳи муфассали он чун водие ҷудогона омадааст. Дар каломи Абулмаонӣ бо шеваву гунаҳои мухталиф тафсир мешавад, ки ҳамин амр боиси ба яке аз вожагони пуркобурд мубаддал гардидани он шуда. Бедил онро ҳамчун истилоҳи ирфонӣ дар таркиби таъбири «олами амн» тафсир мекунад, ки дар ҳоли мижа барҳам задан аз байн меравад. Зимнан ин олами амн ҳамон ҳолати боз будани чашм дар пешорӯи таҷаллии ҷамоли ҳақ бошад,ки бар асари он «чашми ҳайрон», «ҳайратрақамӣ», «ҳайратэҷодӣ», «ҳайратнигоҳӣ» ва амсоли ин дар коргоҳи каломи шоир ба зуҳур расидаанд:

Олами амн аст ҳайронӣ мижа барҳам мазан,

Хонаҳо з-афтодани девор мегардад хароб [36, 163].

Дар мисраи дувум шоир мижа барҳам заданро ба афтодани девор шабоҳат мекунад,ки дар сурати ин иттифоқ хонаҳо хароб мешавад, яъне хонаи ҳайрат аз по меафтад.

Дар байти дигар Бедил пайванди ҳайратро бо мижа барҳамзадан чунин тафсир мекунад, ки дидаи ҳайратнигоҳон, яъне восилони роҳ ҳақ ва дар мақоми ҳайратбудагонро ба мижгон дигар кор нест, зеро эшон ҳамакнун аз ин водӣ гузаштаву маҳви ҳайратанд:

Дидаи ҳайратнигоҳонро ба мижгон кор нест,

Хонаи оина дар банди дару девор нест [36, 298].

Мунтаҳои мароҳили чаҳоргона дар каломи Бедил расидан ба васли ҳақ бошад, ки онро ҳамчун истилоҳи ирфонӣ ба гунаи назар барбастан аз мосавӣ, яъне ҳар чӣ ғайри ҳақ бошад, тафсир кардааст:

Васли ҳақ,Бедил назар барбастан аст аз мосавӣ,

Қурби шаҳ хоҳӣ, зи олам чашм чун шаҳбоз банд [36,533]

Мосавӣ ҳам худ истилоҳе ирфонист, ки дар луғот ба маънии ғайри ҳақ ба кор равад ва манзури шоир ҳам дар ҳамин нукта муҷассам аст, ки васли

ҳақ бар ориф танҳо дар сурати чашм барбастан аз ғайри ҳақ мушарраф гардад.

Вобаста ба ин, дар мисраи дувум ҳамон васли Ҳақро шоир тавассути таркиби «қурби шаҳ хостан» баён намуда, ки мисли шаҳбоз тавассути аз олам чашм бастан ба солик муяссар шавад.

Дар каломи Бедил ду истилоҳи хосаи «дуӣ» ва «ману мо» ҳамчун касрат дар муқобили ваҳдат ба кор мераванд. Шоир ин мову маниро дар ҷаҳони омадшуд ҳамчун инфиоли ғурури пайдоӣ тавзеҳ медиҳад, ки вақте дар пешорӯи азамати Офаридгор инсони солик мерасад, аз ғурури хеш дар олами масиво мунфаил мегардад:

Чист мову мани ту дар олам,

Инфиоли ғурурӣ пайдоӣ. [38,1331]

Дар «Чаҳор унсур» чанд истилоҳи муҳими ашъори Бедил, «сайри гиребон», «тааммул», «тафаккур», «ҳақиқати ашё» чунин тафсир шудаанд: «Мақсуд аз сайри гиребон ба фикри таҳқиқи худ афтодан аст, на саргарониҳои беҳиссӣ дарди сари зону додан ва муддаои тааммул ба кунҳи маънӣ ворасидан аст, на ғубори мижгон ба фарқи биниш пошидан. Маънии тафаккур ғаври ҳақиқати ашёст ва ҳақиқати ашё - ба қадри арзи сувар чеҳракушо» [45,185-186]. Дар баробари ин дар ин асари мансури хеш низ Бедил тавассути корбурди намунаҳои ашъори мухталифаш ҳамин шеваро ба кор гирифта, вожагону истилоҳотеро тафсир карда. Аз ҷумла, дар қитъае ӯ бедориву хобро чунин шарҳ кардааст:

Чист бедорӣ? Зи боғи ваҳму зан гул чидане,

Хоб яъне аз ғубори худ нигаҳ дуздидане [36,188].

Дар шарҳи истилоҳоти фалсафӣ ва ирфонӣ,ки дар қолиби абёти ғазалҳои Бедил ҷараён гирифтаанд, ин ҷо метавон нукоти фаровоне афзуд, аммо он чӣ таҳқиқу баррасӣ гардид, худ баёнгари он аст,ки бо шинохти забони хосаи шоиронаву орифонаи хеш Мирзо Бедил худ нахуст иқдом намуда, ки ба шарҳу истилоҳоту мафоҳим бипардозад. Бо иҷрои ин кор шоир андаруни девони хеш фарҳангномае дар шарҳи чунин истилоҳ ва мафоҳиму

луғот ба вуҷуд оварда, ки дар маънигузории матолиби ашъори шоир ба хонандаи вай кӯмак намуда, баробари ин шеваи дигари ҳунари таркибсозии шоирро дар пайванд бо шарҳи калимот муҷассам мегардонанд..

2. Тафсири авотифи равонӣ ва ҳолоти инсон. Баробари тафсири мусталеҳоти ирфонию фалсафӣ Бедил кӯшидааст, ки бо тафаккури баландаш ба мағзи ашёву ҳаводис роҳ кушода, моҳияти онҳоро кашф намояд. Бар ин ваҷҳ ӯ зиёда ҳолатҳои равонии инсонро тафсир мекунад,ки марҳила ба марҳила инсонро ба шинохти олам раҳнамоӣ мекунанд. Хонанда бо бардошт аз тафосири Бедил ба дунёи равонии хеш роҳ кушода, тавассути онҳо қадаме сӯи маърифати худ мебардорад.

Масалан, оби дида, яъне ашкро Бедил чунин тафсир менамояд:

Бар гиряам назар куну аз ҳасратам мапурс,

Арзи гудози сад нигаҳ аст оби дидае [36, 1323].

Ба назари Бедил аз зуҳури гудози сад нигаҳ оби дида, яъне ашк ҳосил мегардад. Чунон ки шамъ аз гудохтанаш ашк мерезад, ашки инсон низ сурати гудозиши нигоҳ аст, ки аз шавқи интизор месӯзад. Бар интизор иртибот доштани ашк дар ин байт аз он ҷост, ки ҳасрат бештар бар интизорӣ пайванд дорад.

Ҳарчанд хамӯшӣ дар фарҳанги зиндагонии инсон вазъ ва ё ҳолате аз ӯро ифода мекунад, аммо дар андешаҳои Бедил навъе ба истилоҳи ирфонӣ мубаддал гардида, ҳатто яке аз аркони чаҳоргонаи сайру сулукро дар афкори шоир баробари «хилват гузидан», «чашм бастан» ва «забти нафас» ба вуҷуд овардааст.

Баробари ин, Бедил бо такя бар ҳамин ҷанбаи ирфонӣ доштани вожаи хамушӣ онро дар қолиби таъбири шоиронаи «навбаҳори чамани умр» тафсир намуда:

Навбаҳори чамани умр ҳамин хомӯшист,

Гуфгугӯ сарсари тамҳиди хазон мебошад [36,502].

Маълум аст, ки дар андешаи Бедил хамӯшӣ қадаме ба сӯи Ҳақ гузоштан ва буридан аз алоиқ бошад, ки онро шоир ҳамчун навбаҳори

чамани умр, яъне сароғози баҳори зиндагонии маънавӣ тафсир намудааст. Дар муқобили хамушӣ ҳамеша гуфтугӯ вақҳи пайванди инсон ба ҷаҳони омадшуд ва дар банди тааллуқ мондан бошад, ки дар мисраи дувум онро дар қолиби таркиби «сарсари тамҳиди хазон», яъне оғози хазони умри инсон маънидод карда.

Ҷои дигар, ҳамин хамӯширо Бедил дар таркиби ибораи «лаби накшуда» шарҳу тафсир намуда, онро роҳатободи ҷаннат унвон кардааст:

Роҳатободе, ки мардум ҷаннаташ номидаанд,

Бетакаллуф ин сухан ғайр аз лаби накшуда нест [36, 275]

Дар ин ҷо ба назар мерасад,ки хамӯширо Бедил дар чанд таркиб ва вожаи дигари шоирона тафсир намудааст, ки аввал худи ҳамон «лаби накшуда» ва пасон «роҳатобод»- у ҷаннат мебошад. Ин ҷо шеваи хеле ҷолиби тафсири вожагон ба мушоҳида мерасад, ки дар оинаи хаёл ва коргоҳи тафаккураш Абулмаонӣ як вожаро, ки ҳатто дар каломи вай ба як мафҳуми ирфонӣ табдил ёфтааст, дар чанд маънӣ ва тавассути якчанд таъбири шоирона тафсир менамояд, ки бешак ин хоси шеваи нигориши ӯст.

Матлаби мазкурро Бедил дар байти дигари хеш ба гунаи зайл тафсир намуда, аз забони мардум таъкид медорад, ки биҳишт ҳамон роҳати ҷовид аст, аммо суоле мегузорад, ки ҷое, ки ба доғе дил натапад, чи мақом бошад:

Гӯянд биҳишт аст ҳамон роҳати ҷовид,

Ҷое, ки ба доғе натапад дил, чӣ мақом аст? [36,251]

Ба назар мерасад, ки шоир дар байти боло ба суоли хеш дар таркиби «лаби накшуда» зоҳиран навъе посух медиҳад. Аммо агар ба умқи матлаби шоир раҳ кушоем, маълум мегардад, ки ин ҷо вақте ба доғе натапад дил мегӯяд, манзур ҳамон забти нафас бошад, ки дар мароҳили мақомоти маънавии Абулмаонӣ зинаи чаҳорум ва марҳилаи расидан ба ҳақ бошад.

Ҷое дигар ибораи худсохти «фирдавси дил»-ро низ тавзеҳ медиҳад ва онро асири хаёли ёр будан медонад, яъне ҳар ки асири хаёли маъшуқ бошад, ҳамон ёду хаёл дар вуҷуди вай, яъне дақиқтар агар бигӯем, дар қаблаш биҳиште эҷод мекунад:

Фирдавси дил асири хаёли ту будан аст,

Иди нигоҳ, чашм ба рӯят гушудан аст [36, 355].

Дар мисраи дувум бо ҳамин шева ибораи шоиронаи худ «**иди нигоҳ**»-ро тавзеҳ медиҳад, ки он чашм ба рӯи маъшуқ кушодан бошад. Ин ҷо шеваи хосаи дигари тафсири дохилии каломи Бедил равшан мегардад, ки ӯ на танҳо вожаву истилоҳот ва таъбироти мустаъмалро аз дидгоҳи хеш тавзеҳ медиҳад, балки иборот ва вожагони мураккаби худсохташро низ бо нигоҳи шоиронаи худ маънигузорӣ мекунад, ки ин усул низ муҷиби эҷоди таркиб ва таъбирҳои нав дар баробари шурӯҳи шоирона мегардад.

Дар байти дигари ҳамин ғазал Бедил дар муқобили хамӯшӣ, гуфтугуро ҳамчун далели ҳарзатозӣ ва беҳудакории инсон дар ҷаҳони омадшуд тафсир мекунад, ки ҳамоно аз пайванди он бо хамӯшӣ ҳамчун ду мафҳуми мутазоди ирфонӣ дар каломи Бедил паём мерасонад:

Гуфтугӯ Бедил далели ҳарзатозиҳои мост,

То ҷарас фарёд дорад, корвон осуда нест [36,275].

Вожаи фиғонро, ки аслан он ҳам ҳолате аз инсон бошад, Бедил дар як байти худ ба гунаи зайл шарҳ медиҳад, ки он ҳосили ду қадам аз худ берун рафтани нафас бошад:

Зи худ буруномадагон як қадам фалактозанд,

Нафас ду гом гузашт аз худу фиғон гардид [36,126].

Ба ҳамин тариқ, Бедил бо тафсири ҳолат ва авотифи равонии инсон барои фаҳми матолиби хеш равзанае боз мекунад. Аз ҷониби дигар, ин тафсирҳо назари мушаххаси Бедилро ба зиндагӣ ва мустақилияти андеша ва тафаккури ӯро бозгӯӣ намуда, ҳунари шоирии суханварро дар эҷоди таркибҳои шоирона ва ибтикор дар шарҳу тафсири ҳолот ва отифаҳои инсонӣ ҷилвагар месозанд.

В) Бахши дигари тафсирҳои Бедилро шарҳи вожагону таркиботи мухталиф ба вуҷуд овардаанд, ки ҳамагӣ нигоҳи хосаи шоирро ба зиндагонӣ ва рӯзгор, ба шинохти ҳақиқати ашё нишон медиҳанд. Дар навбати аввал, Бедил борҳо дар девонаш худи мафҳуми зиндагониро бо диду назари хосаи

хеш тафсир намудааст. Аз ҷумла, дар як байт ӯ зиндагониро бори инфиол мешуморад, ки муҷиби пайванди инсон ба тааллуқи дунёӣ мегардад:

З-ин бори инфиол, ки дар ном зиндагист,

Бедил, нигинам обилаи дӯши хотам аст[36, 280].

Дар байти дигари маъруфи хеш вобаста ба ҳолат ва фосилаи кутоҳ доштани умр ё зиндагонӣ онро ашки сари мижгон, ё ашки болои мижгон қарор дошта мешуморад ва ин лаҳзаро ҳамчун фурсати умр чунин тавсиф мекунад:

Ашк як лаҳза ба мижгон бор аст,

Фурсати умр ҳамин миқдор аст[36,191].

Дар байти дигар Бедил зиндагониро нақди ҳазор озор тафсир мекунад, ки онро ҳар қадар кам шумарӣ ҳам он андоза бисёр мебошад. Ин ҷо аслан Бедил афзунии зиндагониро боназардошти озори зиёди он шарҳ медиҳад, чун мусаллам аст, ки аксаран шуаро ба кутоҳии умр ишорат доранд ва байти болоии шоир ҳам ин матлабро тавзеҳ медиҳад:

Зиндагӣ нақди ҳазор озор аст,

Ҳар қадар кам шумарӣ, бисёр аст [36,314].

Дар байти дигар Бедил зиндагониро ҳамчун муқаддама ва ё сароғози нестӣ мешуморад, ва дар таркиби таъбири шоиронаи худ «тамҳиди асоси фано» тафсир мекунад:

Зиндагӣ тамҳиди асрори фаност,

Мову ман афсонаи хоби фаност [36,312].

Албатта ин шарҳи Бедил сарчашма дар ҳадиси Паёмбар Акрам [с] дорад, ки фармудаанд: «Таваллуд қосиди марг аст». Дар мисраи дувум бошад, мафҳуми «мову ман»-ро низ ба сурати «афсонаи хоби фано» тафсир намуда, ки қаблан шарҳе дигар аз он рафт.

Тафсири вожагони гул ҳамчун ҷузве аз табиат ва тараб ҳолати сурури равонии инсон дар андешаи Бедил чунин сурат гирифтааст:

Видои ғунчаро гул ном карданд,

Тарабро мотами ғам офариданд [36,479].

Баробари шарҳи ин ду вожа Бедил як фалсафаи ҷолибро пеш мегузорад, ки дар адами як чиз чизе дигар тавлид мешавад. Масалан, аз байн рафтани ғунча мӯҷиби тавлиди гул мегардад ва бо зуҳури шодӣ ғам аз миён меравад.

Вожаи ранг низ, ки ба маънии ҳолат, сурат, намуди зоҳирӣ ва олами имкон дар каломи Бедил фаровон ба кор рафтааст, дар коргоҳи тахайюли вай бо шевае шоирона тафсир ёфта. Ранг ё сурати зоҳирии инсонро Бедил маҳсули партаве аз хуни дили вай медонад, ки берун давидааст:

Ҳамчу мино ғунчаи розам баҳороҳанг шуд,

Партаве аз хуни дил берун давиду ранг шуд [36,683].

Ба ибораи дигар,дар фарҳанги шоиронаи каломи Бедил ранг натиҷаи партави худи дил инсон бошад, ки ба рӯ давидааст ва ин ҷо асосан ранг ба маънии сурати зоҳирӣ ё муҷассам дар рӯи инсон дар назар дошта шудааст. Ин маъниро ҷои дигар низ бад – ин сурат тавзеҳ дода:

Ишрати мавҳуми ҳастӣ кулфати дунё бас аст,

Ранги ин гулзор хун гардидани дилҳо бас аст [36,349].

Ин ҷо ҳамакнун Бедил фаротар аз баёноти болоӣ меравад ва таъкид медорад, ки ҳосили ишрати печидаву пинҳони ҳастӣ кулфати дунёӣ хоҳад буд, зеро барои раҳрави ошиқ беҳтари ишрат ва лаззати рӯҳӣ ҳамин ғаму кулфат низ бошад. Шоир рангу сурати ҳамин ишратро, ки онро гулзор унвон намудааст, хун гардидани дилҳои инсонӣ ба шумор меоварад. Бедил ҳидоят медиҳад, ки агар бихоҳӣ ранги гулзори ишрати ҳастиро мушоҳида кунӣ, хун шудани дилҳои инсониро тамошо кун. Ибораи хун шудан дар назари аввал, андӯҳгин ва ғамнок гардидан бошад ва дар каломи Бедил ба маънии такмил ёфтан, мукаммал гардидан низ ба кор меравад. Масалан, дар байте аз ӯ мехонем:

Ба пастӣ то намонад шавқ, ҷаҳде кун, ки хун гардӣ,

Чу об оинадори ранг гардад, пар бурун орад [36,674].

Вожаи шабнам дар байти дигар аз Бедил бо шеваи хосаи вай чунин тафсир ёфтааст:

Гар ҳаё гирад ҳавас оинадори обрӯст,

Чун ҳаво аз ҳарзагардӣ мунфаил шуд, шабнам аст [36,342].

Яъне, дар фарҳанги тафсирии хоси шеъри Бедил ҳаво чун аз ҳарзагардии хеш мунфаил гардад, шабнам ҳосил гардад. Зоҳиран агарчӣ вожаи шабнам дар коргоҳи тахаюли Бедил маҳсули ҳарзагардӣ ё ҳаракати бемавқеи ҳаво бошад, амиқ агар биандешем, маълум мешавад, ки манзур аз ҳаво ҳамон ҳавову ҳаваси дунявӣ ба шумор равад. Дар ин ҳол шабнам ҳамон арақи инфиоли инсон бошад, чун дар мисраи аввал ҳаё дар муқобили ҳавас эътибор ва обрӯи инсонро муқаррар месозад:

Дар байти дигар ҳол ё замони ҳозирро Бедил ҳамчун ғами гузаштаву оянда ба шумор меоварад, ки дар таркиби ибораи ғами мустақбалу мозӣ шарҳ ёфтааст:

Ғами мустақбалу мозист, к-онро ҳол меномӣ,

Ниқобе дар миён аст аз ғубори пешу пас он ҷо [36,97].

Вожаи ашк дар каломи Бедил аз дидгоҳи вай дар робита ба ҳолати тасвиршуда ба маънии оташ тафсир шудааст. Бедил авзои хешро ба шамъе монанд мекунад, ки аз гиряи шодӣ месӯзаду гудохта мешавад. Таъбири «гиряи шодӣ» дар асл тасвире парадоксӣ дар вуҷуди хеш дорад, ки бар асоси ду мафҳуми мутазод, яъне гиря ҳамчун намоди ғам ва шодӣ чун отифаи муқаррар дар муқобили он эҷод шудааст. Вобаста ба ҳамин ҳолат Бедил ашкро монанди шамъ чун оташ тафсир мекунад:

Пайкари мо ҳамчун шамъ аз гиряи шодӣ гудохт,

Ашк ҳар ҷо бингарӣ об аст, ин ҷо оташ аст [36,288].

Вуҷуду ҳастии шамъ марбут ба ҳамон фурӯзонии оташи ӯст,ки шабоҳате ба ашк рехтан ҳам дорад, чун аз ҷӯшиши ин оташи шамъ ашкаш мешорад. Шоир ҳолати вуҷуди худро ба ҳамин шамъ монанд мекунад, ки аз гиряи шодӣ, яъне ҳолати ба ғам гирифтор будани шодии ӯ месӯзад. Аслан, ибораи «ашки шодӣ» ҳам миёни мардум маъруф аст, ки метавон «гиряи

шодӣ»-ро зоҳиран ба он пайванд бахшид. Аммо бо назардошти он ки ин ҷо шоир аз сӯхтан ва оташ будани ашк сухан мекунад, ҳамон маънии андӯҳи шодӣ ҳамчун як ҳолати номаҳсуси дарунии инсон дар назар бошад.

Равиши дигари тафсир дар девони Бедил ба тасвири ҳолат ва фурсату лаҳзаҳои муайян, инчунин шарҳи ҳолатҳои ҷудогонаи инсонӣ пайванд дорад. Масалан, тамошои хаёлӣ, ки дар ҳолати баста будани чашми инсон зоҳир мешавад, дар ҳангоми бардоштани мижа ё боз намудани нигоҳ ба олами берун аз миён меравад. Барои тасвири ин ҳолат Бедил мижа бардоштан, яъне аз ҳолати нодида тамошо кардан берун шудан, навъе девор ё садд муаррифӣ мекунад:

Ҳусн, нодида тамошо дорад,

Мижа бардоштан девор аст [36,314].

Ба сурати девор даромадани мижжа, ки албатта бо адои навъе ташбеҳ додан ҷилвагар мешавад, аз сӯи дигар тафсире ташбеҳӣ аст, чун Бедил ҳолати боз кардани чашмонро ба олами зоҳир навъе деворе мешуморад, ки ба тамошои нодида, яъне бо дидаи ҳақбин нигаристан, ё нигоҳи дарунӣ сад мешавад. Ин ҷо нодида тамошо кардани ҳусн ва девор будани мижабардорӣ тасвирҳои парадоксӣ ҳам мебошанд.

Дар байти дигар Бедил ҳолати оромиши инсон, яъне олами осудагиро дар ғарқи ваҳдат будан тафсир мекунад. Манзури Бедил аз ҳолати ғарқи ваҳдат будан ҳамоно аз маҷмӯи алоиқи дунёӣ бурида шудан, яъне аз олами касрат ба олами ваҳдат расиданро дар назар дорад, ки асли зиндагонии осудаи инсон ба шумор меравад.

Ғарқи ваҳдат бош агар осуда хоҳӣ зистан,

Моҳиёнро ҳар чӣ бошад ғайри дарё, оташ аст [36,288]

Ин ҷо шоир ба ҳукми масали андешаи хеш моҳиёнро меоварад, ки барои онҳо ғайри дарё ҷои дигар оташ аст, ки муҷиби парешонӣ ва марги онҳо гардад. Ҳамин тамсил ҳам гунае шарҳи ҳолати ҳамон солик, чун агар манзури Бедил аз моҳиён раҳравони тариқат бошад, дарё ҳамоно олами

ваҳдат бошад ва оташ унсури ҷаҳони моддӣ, ки боиси маҳрумии инсони раванда аз олами ваҳдат гардад.

Ҷои дигар бо истифода аз ҳамин шеваи тафсир Бедил бараҳнагиро хилъати Худодод унвон мекунад, ки боиси аз банди тааллуқ озод будани инсон гардад. Ин ҷо низ манзур аз бараҳангӣ агарчӣ ба зоҳир бидуни либос будан аст, аммо дар асл шоир ҳамон аз маҷмӯи тааллуқ ворастанро дар назар дорад, ки дар замони офариниш ба инсон насиб гардида буд:

Танам зи банди либоси такаллуф озод аст.

Бараҳнагӣ бар танам хилъати Худодод аст. [36,261]

Вобаста ба корбурди тамсил бархе аз ин гуна тафсирҳоро метавон тафсирҳои тамсилӣ ҳам унвон кард, чун Бедил дар заминаи корбурди саноее чун ирсоли масал, тамсил ва истиораву киноя маонии хоси офаридаи худро гунае шарҳ медиҳад. Масалан, дар байти зер бар асоси корбурди масал ва ҳамзамон истиора ҳамон калимаи мавриди назари хешро тавзеҳ медиҳад, яъне таъкиди «ин дуд» дар робита ба мисраи аввал маълум менамояд, ки манзури шоир аз дуд ҳамон зулфи маъшуқ аст, ки оташи он шонаи машшотаро месӯзад:

Дур дор аз зулфаш эй машшотаи густох даст,

Оташи ин дуд наздик аст, хоҳад шона сухт. [36, 408]

Бо ҳамин усул дар байти дигар вожагони қадаҳро сари бурида ва шишаро гулӯи бурида тафсир мекунад, ки бар асоси шабоҳатҳои зоҳирии онҳо ин баёноти шоиронаи Бедил зуҳур кардаанд:

Қадаҳ ба базми ту ё Раб сари буридаи кист,

Ки шиша ҳам ба гулӯи бурида мемонад [36,619].

Зоҳиран ҳарчанд ин ҷо ба назар корбурди санъати ташбеҳ ба мушоҳида мерасад, аммо таъкидоти хосаи Бедил дар шеваи баёни хеш тафсирҳое шоирона низ будани онҳоро бозгӯӣ мекунанд.

Дар байти дигар низ вобаста ба ҳолатҳои мухталифи ашё Бедил дар ҳоли чашм кушудан донаро ниҳол унвон мекунад, яъне дона ҳамон ниҳолест, ки бо чашм кушудани дона эҷод мешавад. Манзур аз чашм кушудани дона

ҳамон шурӯи сабзиши он мебошад, ки аллакай дар ин ҳол аз хок берун шуда, ба ниҳол мубаддал мегардад:

Огоҳиву афсурдагии дил чӣ хаёл аст,

То дона ба худ чашм кушудаст, ниҳол аст. [36,183].

Аз баҳсу баррасиҳои марбут ба шарҳу тафсирҳои шоиронаи мавҷуд дар девони Бедил метавон чунин натиҷа бардошт, ки ин суханвари мумтоз пеш аз ҳама бар пояи доштани нигоҳи хосаи хеш ба мафоҳим, ҳаводис, ашё, ҳолот, авотифи равонӣ ва амсоли ин мушоҳидаву шинохт ва бардоштҳои махсуси худро нисбат ба онҳо баён намудааст. Дар канори ин, равишҳои мухталифи тафсири ин вожагону таъбирҳо ва истилоҳоту мафоҳим ба шоир даст додаанд, ки воқеан ба ифодаи худи вай «забони бедилӣ»- ро эҷод намояд, ки дар ин забон маҷмӯи ин калимаву ибора ва таркибҳо дорои маъниҳои хоси шоиронаи мутааллиқ ба андешаву хаёл ва афкори Бедил мебошанд. Нуфузи чунин тафсирҳои шоирона ба мо имкон медиҳад, ки дар замина аз матни девон ва дигар осори Бедил берун баровардани онҳо як фарҳангномаи хосаи шоиронаи шоирро бар асоси шарҳу тафсирҳои худи ӯ тадвин намоем.

БОБИ САВУМ. ТАСВИРСОЗӢ, ШИГАРДҲОИ МАЪНИОФАРӢ ВА МАЗМУНСОЗӢ

ФАСЛИ АВВАЛ. ҒАЗАЛИ ТАСВИРӢ ДАР ДЕВОНИ БЕДИЛ

Тасвирпардозӣ, ки дар таърихи адабиёти форсӣ аз муҳимтарин шигардҳои ҳунарии шуаро маҳсуб меёбад, дар ашъори Бедили Деҳлавӣ ҷойгоҳи махсус дорад. Яке аз шохисаҳои барҷастаи ҳунарии шеъри Абулмаонӣ нуфузи аносири тасвир ва тасвирпардозӣ дар шеър маҳсуб меёбад, ки он бо шеваҳои мухталиф зуҳур кардааст. Аммо он чӣ мустаъмал дар равишҳои корбурдии тасвир дар шеъри форсӣ аст, вуҷуди тасовир дар қолиби як ё якчанд байт ба шумор меояд. Тасвири манозири табиат асосан дар қисмати ташбибии қасоид ҳузури равшан дорад. Вале таҷорубе дар Бедил ба мушоҳида мегирем, ки саропои абёти як ғазал аз тасовири мухталиф иборат аст ва ин таҷрибаро як вижагии тозаи ҳунарии шеъри Абулмаонӣ метавон номзад кард. Ба таъбири дигар, гоҳо авлавияти тасвир дар шеъри Бедил ба ҳаддест, ки як ғазал мукаммал аз тасвирҳои шоирона таркиб меёбад ва омил ба таҳаввулоти ҳунарӣ дар зуҳури ғазали ба истилоҳ тасвирӣ мегардад, ки онро мо шартан ҳамин гуна унвон додаем. Ин ҷо аз баҳси куллӣ ва назарии тасвирпардозӣ дар шеър фурӯгузорӣ мекунем ва ба баррасиву шарҳи яке аз ғазалҳое хоҳем пардохт, ки нуфузи тасвир дар он ба ҳадде ошкор аст, ки мо ғазали тасвирии Бедил унвонаш ниҳодаем:

Субҳдам сайёра бол афшод аз домони шаб,

Вақти пирӣ рехт аз ҳам оқибат дандони шаб [22,210].

Дар марҳилаи фаро расидани субҳ зуҳури сурати куллияи сайёраи замин, ки бо диди фалсафӣ дар вуҷуди он олам, дунё ва ҳатто зиндагонӣ қарор гирифтааст, аз зери боли шаб падид омадааст. Шаб ба сурати парандаест, ки дар фосилаи замоне боли худро меафшонад ва аз зери боли ӯ зиндагӣ рӯшан мегардад. Ҳамзамон вуруди саҳар навъе ба айёми пирии шаб

шабоҳат дорад, ки дандонҳояш мерезанд. Ин дандонҳои шаб ҳамон ситорагонан ва дигар ачроми самовӣ ҳастанд, ки бар асар расидани субҳ нопадид мегарданд ва ба таъбири шоиронаи Бедил «ин дандонҳои пирии шаб мерезанд». Корбурди вожаи «сайёра» ҳамчун мафҳуми нуҷумӣ ин матлабро боз ҳам тақвият мебахшад. Афзун ба ҷойгоҳи хоси тасвири шоирона дар ин байт тарсими он тавассути таркибҳои борвар аз ҳунари шоирӣ чун «доман афшондани шаб» ва «рехтани дандони шаб» сурат гирифтааст, ки ба зоти худ ин тарокиб ҳам тасовиреро дар худ ғунҷоиш додаанд ва ба ибораи дигар ҳузури таркибҳои тасвириро дар шеъри Бедил манзур сохтаанд.

Дар байти дувум ҳамон шабнаме, ки субҳдам рӯи гулҳо мерезад, дар тасаввури шоир осори нами мижгони шаб аст, ки аз гузаштани фурсати ашки ҳасрати вай боқӣ мондааст:

Ашки ҳасрат лозими сози раҳил афтодааст,

Шабнами субҳ аст осори нами мижгони шаб [22,210].

Ин ҷо ҳам равшан аст, ки тасвири шоирона дар батни таркибҳои нодиру ғариб ҷой гирифтаанд. «Ашки ҳасрат» «сози раҳил», «лозими сози раҳил афтодани ашки ҳасрат», «шабнами субҳ« «нами мижгони шаб» «осори нами мижгони шаб будани шабнами субҳ», ки куллан таркибҳои шоиронаи ин байтро эҷод кардаанд, аз он ҳам ҳикоят мекунанд, ки вуҷуди комили як байт мамлӯ аз чунин ибораҳост, ки ба сурудани чунин абёт танҳо шоири соҳибҳунар ва огаҳ аз куллияи қавонини забон қодир аст. Пас, дар тасаввури Бедил шабнами субҳ ҳосили қатраи ашкест, ки аз мижгони шаб афтодааст ва ҳузури ибораи «ашки ҳасрат» дар мисраи аввал ин матлабро тақвият мебахшад.Аз ин равиши тасвирсозии Бедил ҳувайдост, ки дар шеваи кори ӯ барои офариниши тасовир мушоҳида ва диди фардии шоирона, ё бардоштҳои хосаи вай авлавият доранд. Ин аст, ки дар оинаи тасаввури шоир шабнам ба сурати қатраи ашки ҳасрати шаб даромада, аз маҳсули мушоҳида ва маърифати фардии шоир ба мабнои ҳунари шоирӣ ҳикоят мекунад:

Барнамеояд баёзи чашми оҳу аз савод,

Субҳи иқболи ҷунунам бишканад паймони шаб [22,210].

Дар вусъати ин байт ҳам мо ба ибороти тасвирии «баёзи чашми оҳу», «субҳи иқбол», «паймон шикастан», «паймони шаб шикастан» рӯ ба рӯ меоем, ки ҳузури тасовиреро дар худ ошкор месозанд. Бо диди шоираи Бедил матлаби нуҳуфта дар ин байт ишорат ба он мекунад, ки сапедии чашми оҳу ҳаргиз ҳосили сиёҳӣ нест, чун ин ду рукн дар канори ҳам андаруни он ҷой доранд ва бо овардани ин ҳикмат навъе оштинопазир будани матолиби мутазодро шоир таъкид мекунад. Ҳамин гуна «субҳи иқболи ҷунуни ман аҳду паймони шабро мебишканад. Дар зоҳир ҳам дамидани субҳ ҳастии шабро аз миён мебарад ва субҳи иқболи ҷунун навъе ҳолати авҷи ишқи орифона аст, ки паймони шаб – яъне маҷмӯи қаволиб ва ҳиҷоби дунёиро аз миён мебардорад ва ошиқро аз ҷамъи қайдҳои шаръӣ раҳо месозад, ки ин амалро Бедил шоирона бо таркиби тасвирбори «паймони шабро шикастани субҳи иқболи ҷунун» маънӣ бахшидааст. Ин ҷо нуктаи дигар равшан мегардад, ки ағлаби вожагони корбурдии Бедил вақте ба коргоҳи тафаккури шоир ворид мешаванд, аз он ҷо бо маонии тоза ва ҳамчун ҳосили халлоқияти шоиронаи ӯ берун омада, дар пайванд ба воқеиятҳои зиндагӣ тасовиреро ҳам дар худ ҷилвагар мешаванд. Чунин ҳолат махсусан зимни ба қалами тасвир кашидани мафоҳими маънавӣ ё отифаҳои руҳонӣ бештар ошкор аст. Аз ҷумла, дар байти боло «субҳи иқбол», «паймони шаб» бо ҳамин равиш сохта шудаанд, яъне агарчӣ мафоҳиме чун «иқбол» ва «паймон» аслан марбут ба отифаҳои инсонӣ ва амалҳои марбут ба руҳонияти инсон маҳсуб меёбанд, дар иртибот пайдо кардани онон бо вожагони мубайини матолиби воқеӣ чун «субҳ» ва «шаб», ки сурати замонӣ доранд, тасвире суварӣ пайдо мекунанд. Иқбол бо пайванд ба субҳ тасвири лаҳзае ё фурсатеро мегирад ва шаб дар робита ба калимаи «паймон» иҷрои амали зоҳириро бар дӯши худ ҳомил мешавад. Ин усули тасвирофариниро Ҳасани Ҳусайнӣ барқарор кардани иртибот байни маҳсус ва номаҳсус мешуморад.

Дар ҳавои дуди савдо ҳушам аз сар рафтааст,
Ошён аз даст дод, ин мурғ дар тайрони шаб [22,210].

Тайрони шаб инҷо барои таносуби дуди савдо эҷод шудааст ва ҳосили маънӣ он аст, ки дар ҳавои дуди савдои ишқ ҳуш аз сарам рафт, яъне бехуд шудам. Таркиби «ҳуш аз сар рафтан» дар гӯйиши муосири тоҷикӣ ҳам ба ҳамин шакл ва ҳам ба сурати «ҳуш аз сар паридан» истифода мешавад. Тамсили зебои мисраи дувум ин маъниро бо ғунҷоиши тасвире тақвият мебахшад. Яъне, ин мурғ –ошиқ дар тайрони шаб- парвози аз ҳуш рафтагӣ ва аз худ берун шудан ошён аз даст дод, вуҷуди худро бохт. Таркибҳои «ҳавои дуди савдо» «ҳуш аз сар рафтан», «дар ҳавои дуди савдо ҳуш аз сар рафтан», «ошён аз даст додани мурғ» «тайрони шаб» маҷмӯан тасовири ин байтро канори ҳам овардаанд.

Дар хами он зулф хун шуд тоқати дилҳои чок,

Субҳи мо охир шафақ гардид дар зиндони шаб [22,210].

Ба ёди хами зулфи ёр тоқати дилҳои ғамзадагони ошиқ тоқ гардид. Таъбири «тоқ шудани тоқат» ҳам ба маънии лабрез шудани сабр дар гӯйиши тоҷикӣ истифодаи фаровон дорад. Таъбири «хун гаштан» бошад ба ду маънӣ ба кор меравад, аз фузунии дарду ранҷ хун шудан ё ғамрез гардидан ва маънии дигари он комил шудан, ки ба ин маънӣ ин ибораро Бедил зиёд истифода мекунад. Масалан, ҷои дигар оварда:

Ба пастӣ то намонад шавқ ҷаҳде кун, ки хун гардӣ,

Чу об оинадори ранг гардад, пар бурун орад.

Дар мисраи дувум бошад, тасвире ба сурати «шафақ гардидани субҳ« дар зиндони шаб омадааст. Шафақ одатан манзараи ғуруби офтоб аст, ки дар поёни рӯз қарор дорад ва ибораи «шафақ гардидани субҳ»-ро Бедил дар таносуб бо ибораи «хун гардидан» овардааст. «Шафақ шудани субҳ», ба охир ба нуқтаи ниҳояти худ расидаи рӯз аст ва ҳадафи шоир ҳам он аст, ки дар зиндони шаб субҳи мо ба авҷи камолоти худ расид. Аслан, ин ҷо навъе матлаби ба шаб расидани субҳ ҳам ҷой дорад, аммо Бедил дар робита ба таркиби «хун шудан» ибораи тозаи «шафақ шудани субҳ»-ро офаридааст, ки ҳам ба маънии поёни рӯз ва ҳам ба маънии такмил ва ҳам аз ҳадди дарду ранҷ хуни дил шудан ба кор рафтааст. Таъбири «зиндони шаб» ҳам барои таносуб

бо «хами зулф» омадааст ва ҳамин гуна тавсири мисраи дувуми байт навъе тамсили мисраи аввал аст. Маҷмӯан, мисраи дувум таъкиди ҳамон матлаби мисраи нахуст аст, ки аз ҳадди бурузи ишқ сабри мо ба поён расид ва ба тасвири Бедил шафақ шудани субҳ ҳақиқати ин ишқро ошкор сохт.

Бо ҷамолаш дод ҳар ҷо дасти байъат офтоб,

Турраи мушкини ӯ ҳам тоза кард имони шаб. [22,210]

Дар нусхаи китобхонаи Ризо Ромпур, нашри тоҷикистонии девони Бедил, ки соли 1991 ва рӯи чоп омадааст, «Мунтахабот»-и Бедил, соли 2018 чоп шудааст, мисраи аввали ин байт ба шакли «Бо ҷамолат баст ҳар ҷо аҳди байъат офтоб» омадааст. Ҳарчанд дар луғат аҳду байъат ҳар ду ҳаммаънӣ ҳастанд, аммо бо тақозои он ки маънӣ дигари байъат таҷдиди аҳду паймон низ дониста мешавад, ин ибора ба ҳамин мазмун ин ҷо қабул мегардад ва истифодаи таркиби «тоза кардан» дар мисраи дувум қаробати маънии мазкурро ба матлаби аслӣ тавзеҳ медиҳад. Яъне, ҳар ҷо ки офтоб дигарбора бо ҷамоли ӯ аҳдашро таҷдид кард ва дигарбора паймон баст, турраи мушкини маъшуқ ҳам имони шабро тоза гардонид. Дар ин ҳол ҳам матлаб саҳеҳ аст ва ҳеҷ мушкиле дар мантиқи байт ба назар намерасад ва ҳатто баръакс гунаи мазкур қаробати бештар ба ҷавҳари маъноии байт дорад.

Шакли мазкури байт, ки аз рӯи нашри охири Девони Бедил, ки аз сӯи Абдуваҳҳоби Фоиз гирифта шудааст ва он дар нашри Халилуллоҳи Халилӣ ва Холмуҳаммади Хаста низ дида мешавад, ба матлаби аслии шоир наздик ва дуруст менамояд. «Дасти байъат додани офтоб» бо ҷамоли ёр ба маънии аҳд бастани хуршед ба рӯи ӯст, ки ҳосили эътирофи вай аз рухсори ёр мебошад, ки назире надорад. Тасвире дар ин мисраъ ҳамин аҳду паймони офтоб бо рухсори ёр аст, ки дар мисраи дувум имони шабро мӯи мушкинаш таҷдид бахшидааст. Тоза шудани имони шаб ба ду маънӣ аст, аввал нав шудан, аз ҳолате баромадаву ба ҳолати дигар гузаштан, ё аз иродати аввалӣ ба эътиқоди дигар ворид шудан, ки турраи мушкини маъшуқ имони шабро ба ин ҳол интиқол медиҳад. Аз сӯи дигар, ҳамин таҷаддуди имон ҳангоми мушоҳидаи муи мушкини маъшуқ дар вуҷуди шаб ҳосил мешавад. Бар асоси

ин ки вожаи тоза шудан ё тоза кардан ба маънии аз сар гирифтан, дубора эҷод шудани ҳолате ҳам маънигузорӣ мешавад, ин ҷо метавон маънии мисраъро ба сурати тақвият ва такмил ёфтани имони шаб бар асари муйи мушкини маъшуқ тавзеҳ дод. Асари мӯи мушкини маъшуқ, ки ба таҷдиди имони шаб омил шудааст, аз назари ирфонӣ зуҳури таҷаллие аз ҷамоли офаридгор аст, ки ба тақвияти ишқу алоқа ва ихлосу иродати ошиқ боис мегардад. Бандубаст ва таносуби мисраъҳо дар ин ҷо навъе истиқлоли комили онҳоро дар бозгӯии ду маънӣ ҷилвагар месозад. Мувофиқат ва ҳамоҳангиҳои тасвирӣ дар мисраъҳо бештар аз ин роҳ мушаххас мегардад, ки нусрату шукӯҳро офтоб аз рӯи маъшуқ, ки нуронӣ аст, мехоҳад бардошт кунад ва ҳастии хешро шаб тавассути файзи муйи мушкини ёр. Ваҷҳи таносуб нур ва рушаноии рӯй ва офтоб дар мисраи аввал, сиёҳии мӯй ва шаб дар мисраи дувум маҳсуб меёбанд.

Аз ҳаводис файзи маънӣ мебаранд аҳли сафо,

Мефурӯзад шамъи субҳ аз домони домони шаб. [22, 210]

Аҳли сафо, орифон, ашхоси соҳибдил ва рӯшанзамир аз ҳар ҳодисае барои худ маъние мебардоранд, яъне ба таъбири устод Рӯдакӣ аз таҷрибаи рӯзгор баҳра мегиранду сабақ меомӯзанд. Мисраи дувум ваҷҳи зуҳури шабро тасвир мекунад, ки он ҳам ҳосили маънибардории аҳли сафо аст ва ҳамин риштаи пайванди ҳар ду мисраъ аст, яъне таъкиди зимнии бардошти аҳли сафо аз иллати фурӯзон гардидани субҳ дар ҷунбиши домони шаб. Мисраи дувум, боз ҳам тасвири шоиронаеро таҳмил мекунад, ки он бар асари ҷунбиши домони шаб шамъи субҳ фурӯзон мешавад, яъне шаб ба хоб рафтааст ё дидагонашро бастааст. Тибқи одат шамъ бар асари ҷунбиши домон бояд хомӯш шавад, аммо ин ҷо аз ҷунбиши домони шаб, шамъи субҳ фурӯзон мешавад. Ба назар мерасад, ки шоир барои ифодаи матлаби дамидани субҳ аз асари ҳаракати домони шаб як тавсире мутаноқизнамо ё парадоксӣ эҷод кардааст:

Мужда, эй завқи гирифторӣ, ки бозам мерасад,

Накҳати зулфи касе аз дасти мушкафшони шаб. [22,210]

Завқи гирифторӣ дар ин байт ба маънии иштиёқ ва дилбастагӣ ба маҳбуби азалист, ки урафо онро аз ҳама банд растан ва вомондан ба қайди ишқи ёри ҳақиқӣ маънидод кунанд, яъне ҳамон маънист, ки Саъдӣ ҳам ба он ишорат дорад: Ман аз он рӯз, ки дар банди туам, озодам. Ба ин хотир аст, ки Бедил аз ҳузури ин шавқ мужда медиҳад, балки аз иштиёқи гирифтории худ ҳам паём мерасонад, ки ба машоми ман боз накҳати зулфи касе аз дасти мушкафшони шаб мерасад. Тасовире дар таркибҳои мисраи дувум дар сурати «накҳати зулф», «дасти мушкафшони шаб» ҷой дорад ва ҳузури ин накҳат боз ҳам таъкиди таҷаллии лутфу марҳамати маҳбуб аст. Агар чашми басирати инсони ориф боз гардад ва қудрати маърифати вай аз асл нуфуз дарёбад, накҳати гулҳои алтофи Худовандӣ аз ҳар зарраву шайъ ба машоми маънияш хоҳад расид.

Дар байти баъдӣ боз ҳам сухани субҳ ҷой дорад, ки чанд маротиба қаблан ҳам омада буд. Субҳ дар мисраи аввал иҳомеро дар худ нуҳуфтааст. Бедил аввал мегӯяд, ки хатти бар субҳ, яъне ҳамон хати рӯят дар ҳолат ё ҳангоми субҳ мисли шабехуннома аст, ки аз шабехун паёме меоварад ё хабар мерасонад. Дар зимни ин манзури шоир аз субҳ ҳамон рӯи ёр аст ва хати рухсори ёрро, ки аз зулфи вай ин ҷо сурат пайдо кардааст, шабеҳи шабехунномае мешуморад. Ин андеша дар мисраи дувум рӯшантар мегардад вақте Бедил рухсори ёри худро ягонае дар шикастан, яъне аз байн бурдани эътибори шаб маҳсуб медонад. Ин ҳамон ёрест, ки танҳо ҳузури ҷилваи ӯ ҳамагуна пардаҳоро аз миён бардорад ва зуламотро ба рӯшаноӣ кашонад:

Хатти ӯ бар субҳ, пиндорӣ шабехунномаест,

Рӯи ӯ фардест, гӯӣ дар шикасти шони шаб [22,210].

Корбурди вожаи шикаст, ки аз калимоти пурбасомад дар ғазалиёти Бедил ба шумор меояд, яке аз маонии он- аз миён бардоштан ё поин овардану коҳиш бахшиданро равшан мегардонад.

Боз ҳам дар идомаи андешаҳо ва тасвирсозиҳои Бедил сухан аз субҳ меравад. Шоир суоле матраҳ мекунад, ки он пора ё лаҳзае, ки мо дар олам онро тасаввур мекунем ва онро ба истилоҳ субҳ меномем, дар куҷост. Ин ҷо

акнун субҳ самбули бедорӣ, огоҳӣ аст , чун дар мисраи дувум шоир бурҳони аслии шабро хоби ғафлат мешуморад. Аз назари зоҳир ҳам аслан шаб бештари мардум мехобанд ва камтар огоҳиву фарогирӣ дар шаб ҳузур пайдо мекунад. Аз сӯи дигар, ҳосил ва далели аслии ҳолати ноогоҳӣ ва бехабарӣ ҳамин хоби ғафлат ва нобедории маънавӣ маҳсуб меёбад. Пас, Бедил аслан худи зиндагониро фурсати ноогоҳӣ медонад, чун он замон, ки инсон аз ҳастии вай хабар меёбад ва ба умқи маърифати он мерасад, ки аллакай гузаштааст: Ин ҷо таркиботи «ламъаи субҳ«, «хоби ғафлат», «бурҳони шаб» ҳам ҳузури тасовиреро бо ҷузъиёти маҳсуси рӯзгори воқеӣ сурат бастаанд:

Ламъаи субҳе, ки мегӯянд дар олам куҷост?

Инқадарҳо хоби ғафлат нест ҷуз бурҳони шаб. [22,210]

Дар байти зер таркиби тасвирии «гӯшагири вусъатободи ғубори ҷаҳл будан», ки комилан мисраи аввалро эҷод кардааст, маънии аз ҷаҳлу нодонӣ канорагирӣ намуданро дорад. Вусъатобод бештар дар шеъри Бедил ба маънии «дунё» «олам» истифода мешавад ё ҳатто яке рукнҳои тарокиби ӯ марбут ба олам аст. Масалан, ин ҷо ба сурати «вусъатободи ғубори ҷаҳл» омадааст. Дар мисраи дувум, ҳамин маънии худро ба сурати пардапӯшӣ як ҷаҳон айб будани Ҳиндустони шаб тақвият додааст. Манзур он аст, ки агар инсон аз ин гирудори хаёломез ва нодонии ҷаҳон дар канор бошад, ҳамоно ҷамъе аз айбу нуқсонҳои оламро нодида мегирад ё аз онҳо дур мемонад. Дар қаламрави шаб ин қадар айбу гуноҳҳое сар мезананд, ки торикӣ ҳамаи онҳоро пӯшида медорад. Дар ин байт вусъатободи ғубори ҷаҳл бо Ҳиндустони шаб ғубори ҷаҳл бо ҷаҳони айбу ҳунар таносуби мантиқии шоиронаеро бо корбурди тасвирҳои пурбор эҷод намудаанд.

Гӯшагири вусъатободи ғубори ҷаҳл бош,

Пардапӯши як ҷаҳон айб аст, Ҳиндустони шаб. [22,210]

Дар ҷамъбаст Бедил таъкиде дорад, ки аз печу хами зулфи ёр, ки ошиқона гирифтори ӯст ва ҷо-ҷо дар абёти қаблӣ ҳам ба ин ишороте дорад, растан мушкил мебошад ва барои тамсили ин сухани хеш тасвири зебову пурмаъние дар мисраи дувум меоварад. Шахси соҳибкарам рухсати рафтани

меҳмонро ба осонӣ намедиҳад ва эҳтимом бар он меварзад, ки бештар дар пайи иззу икром ва бо сахову карамаш меҳмонро нигоҳ дорад. Дар ин ҷо, шоир гирифтории печу хами зулф будан буданро ба ҳамон меҳмоне монанд мекунад, ки дар хонаи соҳибкарам шабона қарор гирифтааст ва ба осонӣ наметавонад раҳо бишавад. Таносубе миёни зулфу шаб, карам ва дар қайди печу хами зулфи ёр будан дар ин байт эҳсос мегардад, ки бо корбурди иҳом ва тасвири мармуз ба ҷилва омадаанд.

Бедил аз печу хами зулфаш раҳоӣ мушкил аст,

Бар каримон саҳл набвад рухсати меҳмони шаб [22,210].

Таъкиди як нуктаи ҷолиб зарур аст, ки дар як ғазал Бедил 7 маротиба вожаи субҳро ба кор гирифтааст ва ба мушоҳида мерасад, ки дар ҳар корбурд як тасвире шоирона дар дамидани субҳ ҷой дорад, ё аносире марбут ба ҳузури субҳ. Агар дар байти аввал, субҳ ҳолатест, ки зимни болафшонии шаб ва рехтани дандонҳои он дар дами пирӣ, яъне нопадид шудани ачроми самовӣ зуҳур мекунад, дар байти дувум шабнами субҳ ҳосили нами бозмондаи ашки чашмони шаб мебошад. Дар байти чаҳорум бошад, субҳ дар зиндони шаб дар ҳасрати дидори ё бар шафақ мерасад, яъне дар ба авҷи хеш, ки поёни рӯз ва даромадгоҳи шаб аст, қарор мегирад. Дар байти дигар, дамидани субҳро шоир ба сурати ҷунбиши мижгони шаб ва бар асари он фурӯзон гаштани шамъи субҳ тарсим мебандад. Ба ҳамин асос, таркибҳои дигаре чун зуҳури хати ӯ бар субҳ - киноя аз афтидани хати зулф бар рӯи маъшуқ аст, ки ба унвони шабехуннома аст ва ламъаи субҳ- пораи субҳ низ аз ҳузури шоиронаи ин вожа дар як ғазали Бедил башорат медиҳанд. Иҳоми корбурдии вожагони «субҳ« ва «шаб» дар ғазал дар он зуҳур дорад, ки агар аз назари зоҳир ҳамон ду ҳолати мутазоди зиндагии инсон бошанд, аз сӯи дигар тамсили рӯй ва зулфи маъшуқ мебошанд, ки ин матлаб аз вуҷуди маъниҳои ошиқона дар саропои абёти ғазал ҳам равшан мегардад. Аз сӯи дигар, субҳ маънии огоҳиву бедорӣ ва шаб ғафлату ноогоҳӣ низ ҳаст, ки ҷо-ҷо ин матлаб ҳам дар корбурди тасвири марбут ба шаб ва субҳ ошкор мегардад.

Аз сӯи дигар, нуфузи ин вожа баста бар он аст, ки радифи ғазал «шаб» мебошад ва шоир эҳтимом варзида, ки дар риояи таносуби сухан ин калимаро ба кор барад. Чун ҳикмати аслии маърифат дар ҳузури тазодҳо равшан мегардад ва Бедил ҳам ҳосили бардоштҳои шоиронаи хешро аз субҳ мехоҳад тавассути қиёс бо шаб баён созад.

Дар маҷмӯъ, ташреҳи куллии ин ғазал бозгӯ аз он аст, ки Бедили Деҳлавӣ дар офаридан ва корбурди тасвири шоирона бештар аз воқеиятҳои зиндагӣ иқтибос мегирад ва мекӯшад, ки бо пайванд бахшидани аносири воқеӣ ва мафоҳими равониву авотифи рӯҳӣ тасвирҳои тозае офарида, дар ҳузури ҳаводису воқеа, замону макон мушоҳидаву бардоштҳои шоиронаи хешро таҷаллӣ бахшад. Дар баробари ин, бояд таъкид намуд, ки агарчӣ дар адабиёти гузаштаи мо бештар дар бахши ташбиби қасида васф ва тасвири манозири табиат ва фаслҳои сол ҷойгоҳе махсус дошта бошад, аммо ба назар мерасад, ки дар девони Бедил чандин ғазалро метавон мушоҳида намуд, ки саропо ба тасвири манозири табиат ва ҳолу ҳавои фазои мухталифи зиндагӣ бахшида шуда, аз он паём мерасонанд, ки Бедил ба офариниши навъати ҳунарии ғазали тасвирӣ низ муваффақ шудааст.

ФАСЛИ ДУВУМ. ТАСВИРИ ТАБИАТ ДАР ДЕВОНИ БЕДИЛ

Нуфузи тасвири табиат низ дар девони Бедил чашмрас аст. Албатта роҷеъ ба ин мавзуъ таҳқиқоти донишманди итолиёти Боузанӣ таҳти унвони «Васфи табиат дар шеъри Бедил» ҷой дорад, ки бештар бар асоси мурур ба маснавии «Тури маърифат» ва тасвири манозири табиати куҳи Байрот, бар ин мавзӯъ руҷуъ фармудааст. Дар ин фасли рисола низ мо иқдом бар он намудем, ки бар асоси шарҳу тафсири як ғазали баҳорияи Бедил, ки бо зеботарин ваҷҳ тасвири табиат карда, ин мавзуъро мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Баҳор ва ситоиши назокату перостагиҳои он ҳамеша аз мавзӯоти меҳварии адабиёти пурғановати форсии тоҷикӣ будааст ва ҳоҳад буд, чун бетардид шукӯҳу таровати парниёни сабзаву гулҳо, нусрати Наврӯз ва ҳузури ҳумоюни хуршеди савори саманди зарринболи худ бар маснади уфуқи зиндагонии инсонӣ навидҳое аз меъроҷи ҳастии коинот медиҳанд, ки пас аз ғафлатшоёнӣ ва сукути сарди замистонӣ дубора башорати шукуфтану рустан ва паёми камолот мерасонанд. Ҳамин сууд ва сабзшуданҳост, ки фараҳу нишотро ба оинахонаи дилҳо ҷойгузин мекунаду шодмониву сурурe ба ҳастии мо ато месозад. Маърифат ва эҳсоси лаззат аз маҷмӯи ин таҷаммул, ки дар вусъати вожаи баҳор ваҳдат меёбанд, зуҳури ташбибро дар фатҳи боби ашъори тамҳидӣ ва ҳатто баҳорияро дар таснифоти қасоид таъмин намуда, бо таҷаллое дар оинаи шеъри шоирон сурудаҳое ҷаззобу эҳтизозбахши рӯҳониро дар қаламрави адабиёт сурат бахшид, ки аз ҳастии он на танҳо худи шоирон дар перояи маърифату бардоштҳои худ кайфияти рӯҳӣ ҳосил карданд, балки хонандаи ин ашъор ҳам фаротар, на камтар аз мазияти сарояндаи он лаззати маънавӣ гирифтанд. Баҳориясаройӣ ва баҳорнавозии шоирон минбаъд ба суннати маҳсул аз дарку лаззатҳои равонии зебоишиносии онон ҷараёни пурнуфузе дар адабиёти мо пайдо кард, ки сар карда аз «хандаҳои лола ва гиряҳои баҳоронаи абр», «бӯи гулоби ҷӯйбор»-и мусаффои шеъри устод Рӯдакӣ то ранги дигари асрори баҳори шеъри Мирзо

Бедил ва таҷаллигоҳи айёми рабеи шогирди мусаддиқи ӯ Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ тадовум пайдо кардааст. Албатта, роҷеъ ба наврӯзияву баҳориёти Фаррухиву Манучеҳрӣ ва шоироне дигар, ки дар суроиши ин навъи қасоид доди сухан додаанд, ҳадиси фаровон аст ва пажӯҳишоте ҳам поён ёфтааст. Асари каломи ҳар гӯянда ё сарояндаи шеъри баҳорӣ дар ҳаддест, ки то чӣ андоза ӯ назокати баҳорро маърифат кардаву асрори шукуфоиву нафаси сабзи онро аз чашми дилу навҳаи булбул ва накҳати гул ба самъу манзари хонанда интишор додааст. Чун мавзӯоти меҳварии рисолаи моро таҳқиқи ҷанбаҳои поэтикии ғазалиёти шоир ба вуҷуд овардааст, ин ҷо мавзӯъ дар оинаи баррасии як ғазали маъруфи баҳорияи шоир матраҳ хоҳад шуд.

Мирзо Бедил ҳам чун дар баҳориясаройӣ муриди мактаби бузургони гузаштаи хеш аст, бо он ки аз накҳати гулу сунбули баҳориёнаҳои назму насри Шайх Саъдӣ бо дарки маонии он дар «Гулистон» қаноат меварзад, аммо худ бо нигоҳу назари ошиқонаву орифонааш ба ирфони баҳор ва таҷассуми асрори он дар оинаи ҳастӣ сафар мекунад, то диду назар ва ихлосу иродати хешро ба ин арсагоҳи таҷаллии ҷамоли ҳақиқату осори сунъи кирдугор шоирона тафсир кунад. Ҳарчанд ки дар девони Бедил танҳо маротибае ба субҳи наврӯзӣ ишорат шудааст, аммо дар арсагоҳи таҷассуми баҳорияҳои фаровони ӯ таҷаммулу шукӯҳи Наврӯзро мо ҳамеша тасаввур мекунем.

Таҷаддуд аз баҳорат ранг гардондан намедонад,

Нафас ҳар пар задан бепарда дорад субҳи наврӯзӣ [37,1350].

Субҳи наврӯзӣ, ки паёми таҷаддуди зиндагонии инсон ва табиатро дар солгарде барои мо мерасонад, инҷо тимсоли нав шудани ҳар нафаси умри одам маҳсуб мешавад, яъне ба таъкиди Абулмаонӣ ҳар нафаси баровардаи инсон таҷаддуд ё ба таъбири Бедил шикасти ранге дар худ дорад. Ба иборати дигар, ҳар лаҳзаи умри инсон дар ҳастии худ субҳи таҷаддудро соҳиб аст ва ба таъбири Бедил наврӯзро бепарда мегардонад, яъне ба зуҳур мерасонад. Албатта, ба нудрат ёд шудани Наврӯз дар шеъри Бедил беҳикмат нест, чун дар замони шоҳ Аврангзеб ба асари таассуби динии ӯ таҷлили ин ҷашни

миллии тоҷикон дар қаламрави Ҳинд мамнуъ гардида буд ва шояд дар партави тасвири баҳор сутуда шудани падидаҳои наврӯзӣ ва шукӯҳу ҷалоли он дар шеъри шуарои сабки ҳиндӣ бавижа Бедил бастагӣ бар ҳамин омил дорад. Фаротар аз он ки дар девони Бедил ҷилваҳои ҳазорранги баҳорро метавонем мунсаҷим бубинем, ду ғазале вижа бо радифи баҳор дорад, ки фикр мекунем мурур бар мӯҳтавиёти яке аз онҳо ривояти ҷаззоби маърифатҳои шоирро аз кунҳи асолати шинохти ин масоҳати зебоии чаҳорфасли умри инсонӣ шарҳу тавзеҳ дода метавонад. Фаязони Бедил аз баҳор ҳам мисли дигар бардоштҳояш саҳлу содда ва якбӯъдӣ нест, балки баробари шарҳи зеботарин вуҷуҳи таҷассуми баҳор дар оинахонаи зиндагонӣ, яъне ҷилваи маҷмӯи асрори табиат, тӯфони гул, навҳаи булбул, мағруқияти рӯзгор дар партави шукӯҳи шукуфазор, чашмони тари абр боз ҳам муфассири асрори мармузи умр, убури босуръати нафас ва коҳиши дақоиқи зиндагонӣ ва маҷмӯан румузи ҳикмат ва фалсафаи ҳастӣ аст. Ба ин хотир, вақте ки дар оғози ғазалаш Бедил инсонро ба шинохту дарки баҳор даъват мекунад ва файзгирӣ аз лаззати дақоиқи зебову ҷаззоби онро муғтанам мешуморад, ҳамин ҷо ҳам дастури фалсафие пеши рӯи мо мегузорад:

Чашм во кун ранги асрори дигар дорад баҳор

Он чӣ дар ваҳмат нагунҷад ҷилвагар дорад баҳор [22,116].

Бедил инсонро ба шинохтани ҷамъи назокатҳои баҳор мехонад ва дастури ҳакимонаи ӯ барои бебаҳра намондан аз ин фурсати муғтанами умр таркиби амрии «чашм во кун»аст. Ин «чашм во кардан» нидоест, ки ба моварои вуҷуди ҷисмонии инсон садо мезанад ва ба гӯши ҷони ӯ мерасад, то ин лаҳазоти хеле кутоҳро дарёбад ва фоиз аз он гардад. Ҳамин дарунҷӯшии Бедил дар кашфи дақоиқи баҳори кутоҳнафас тафаккури фалсафии ӯро дар канори маърифати зоҳирии таҷаммули ин фасли ба истилоҳ арӯси сол таъйид мекунад. Эҳсос мешавад, ки нигоҳи Бедил ба шинохти баҳор кофӣ ба дарки мазоҳири зебоиҳои он нест, балки фаротар ба умқи лазоизи рӯҳии маърифати ин фурсати зеботарини умр меравад, то дар канори тасвири назокати он

фалсафаи тасвир ва аслу мӯҳтавои ин наққошиҳои қалами сунъро дар перояи баҳор шарҳу тавзеҳ диҳад. Ҳидояти Бедил ба хонандаи худ ва ба ҳамаи инсонҳо дар пешорӯи кашфи асрори баҳор ба нуктае муассир ба зеҳни ӯ мерасад, ки мегӯяд, Баҳор зебоиҳоеро дар худ таҷассум кардааст, ки дар тафаккур ва хаёли ту ҳаргиз намегунҷад, яъне тасвири асолати баҳор фаротар аз тасаввуроти ману мост. Ҳамин таъкид ҳам рамзи мубҳами фалсафаи баҳорро дар оинаи андешаҳои Бедил таҷассум мекунад, ба таъбири дигар Бедил дар нигорхонаи чинии баҳор бурунтар аз он чӣ мебинад, ки пешорӯи мо ҷилвагар аст ба сурати гулу гиёҳу сабзаву дарахту ҳама шукуфоиҳо ва ба таъбири худаш «тӯфони гул».

Ин нигоҳу назар тафсири ҳамон бардошти ботинии шоир аз баҳор аст, ки ба лаззати на танҳо ҳавоси панҷгонаи зоҳирӣ таъкид мекунад, балки тафаккур ва андешаи инсон ҳам бояд дар кашфи таҷассумоти берун аз гунҷоиши фикри ӯ эҳтизоз ҳосил кунад ва ҳар чӣ бештару пештар ҷӯши зебоиҳои суварӣ ва маънавии баҳорро маърифат намояд. Фарқияти тасвири табиат, бавижа музайяноти асрори ранги баҳор дар шеъри Бедил аз дигар шуаро дар он ҳувайдост, ки агарчӣ шоирони дигар бештар зоҳири зебоиҳои ин фасли ҷавониро тасвир мекунанд, Бедил дар канори аксбандии ин сувар дар оинаи хаёли худ ва рӯи сатрҳои каломаш фурӯ ба аъмоқи онҳо низ мешавад, то фаротар аз ин мазоҳир ҷавҳари онро ҳам ба унвони фалсафаи зебоӣ ва маҳсули тафаккури фардии хеш тафсир кунад. Бедил инсонро ба сӯи шинохти ҳамон ҳақиқате мехонад, ки замоне Шайх Саъдӣ ба фаросӯи барги дарахтони сабз таъкид карда буд:

Барги дарахтони сабз пеши Худованди ҳуш,

Ҳар варақе дафтарест маърифати Кирдугор [121,304].

Роҳи саҳлу осони расидан ба ин асроргоҳи зебоии бурунтози тасаввурро Бедил ба инсон нишон медиҳад:

Соате чун бӯи гул аз қайди пироҳан баро

Аз ту чашми ошноӣ он қадар дорад баҳор [22,116].

Манзури шоир он аст, ки бояд саоте амсоли нақҳати гул аз қайди андешаи дунёӣ бурун оӣ ва дар мазоҳири ин таҷаллигоҳи асрори ҷамоли ҳақ дар оинаи баҳор мурур кунӣ, то андешаи ғайр дар он нагунҷад. Дар ҳамин ҳол муваффақ бар он чӣ хоҳӣ шуд, ки дар ҳадди маърифати ту аз кашфи ҳақиқати баҳор ҷойгузин набуд. Албатта, ин моварои шинохтанҳо ҳамон румузи мубарҳани таҷаллии ҷамолӣ ва осори сунъи офаридгор аст, ки танҳо инсон дар бурунрафтагӣ аз худии худ метавонад дар он ғарқ шавад ва ба кашфи асолати он муваффақ. Бӯи гулро масал задани Бедил ин ҷо бар ду вачҳ аст: аввал ин ки вақте бӯи гул аз пироҳани зоҳир берун мешавад ва ба моваро парвоз мекунад, аслу шукӯҳу нусрататаш аз рӯи он ошкор мегардад ва ҳақиқати он мутаҷаллӣ мешавад. Инсон ҳам дар сурати бурун рафтан аз сарҳади худ метавонад асолаташро рӯнамоӣ кунад. Аз сӯи дигар, нақҳати гул тимсоли рӯҳ ва худи гул ҷисми инсон бошад, аслу мақсуди гул ҳам ҳамон нақҳати ӯст ва сурати муҷассами вай ба хотири ҳамин накҳат бошад.

Акнун таъкиди Бедил ба чашми ошноии баҳор чарост? Ин нукта ёдовар аз он ҳикмати Мавлоно дар «Маснавии маънавӣ» мекунад:

Бода аз мо ҳаст шуд не мо аз ӯ,

Қолаб аз мо ҳаст шуд, не мо аз ӯ [93,62].

Ҳосили сухани Бедил ҳам дар назари аввал ҳамон аст, ки ҳар қадар бештар ба ин баҳор сидқ меварзӣ ва дар маърифати кунҳи он меравӣ, ӯ ҳам фаротар аз ин ба ту ихлос меварзад. Ин ҷо ҳам диди файласуфонаи Бедил аз маърифати баҳор муҷалло мегардад, зеро танҳо инсон қодир аст, ки ин арсагоҳи ҷамоли ҳақиқат- оинахонаи баҳорро ончунон, ки ҳаст маърифат кунад ва чашми ошноии баҳор аз инсон ҳам пеш аз ҳама хосторӣ ба маърифати ӯст. Худованд ҳам гуфта: Ман ганҷе будам пинҳон, хостам шинохта шавам, биёфаридам офаридагонро то шинохта шавам. Бӯъди ирфонии чашми ошноии баҳор аз инсон ҳамин хосторест, ки Худованд аз офариниши маҷмӯи офаридаҳо, аз ҷумла баҳор дорад.

Дар идомаи каломаш Бедил нахуст ҳамон таҷаллигоҳи асли баҳорро дар оинахонаҳои мубарҳани гулистон ба қалами тасвир мекашад ва ин ҷо боз

ҳам манзараи гулҷӯшии хоси баҳоронаро бо нигоҳи вижаи шоиронаи хеш ва тавассути қалами андешаву тахайюл суратбандӣ менамояд. Ин тасаввури шоиронаи Бедил дар вусъбати таркиби "поймоли мавҷи тӯфони гул мондани Каҳкашон, ҷилвагар мешавад, яъне саропои зиндагӣ дар асолатгоҳи фасли баҳор ба ҳадде ғарқи гул мегардад, ки на танҳо замин ҳатто осмонҳо ҳам зери амвоҷи ин тӯфон ниҳон мегарданд. Ин нуфузу нусрати рӯйиши гулҳоро Бедил ба мавҷи тӯфони гул шабоҳат додааст, ки бардошти хосаи ӯст аз баҳору аносири он. Он сӯтар аз ин тасвир дар канори рӯйиши анбӯҳи гулҳои музайяну зебоиофарин таъкиде шоирона ба дамидани сабзаҳо чун унсури дигари тасвири ҳастии баҳор аст, ки дар каломи Бедил ба сурати аз хоби ғафлат бедор шудани он тасвир инсиҷом пайдо кардааст. Нуктаи зариф дар ин ишорати шоиронаи Абулмаонӣ он ҷост, ки мубашшири ин раҳоӣ аз хоби ғафлати сабза боз ҳам баҳор аст, ки бо ҳузури худ паёми бедорӣ ва салои меъроҷи ҳастӣ менавозад. Аммо бо ин ҳама наметавонад сабзаро бар асари тӯфони гул аз хоби ғафлати худ ба ҳадди кофӣ боло бардорад. Ин ишорат, ки зодаи нигоҳи шоиронаи Бедил аст, маншаъ дар он дорад, ки ҳастии сабзазор ҳам дар муқобили гулафшони баҳор ҳамеша пинҳон мемонад ва наметавонад партави таҷалли гулистони мубарҳан дар замину замону осмонро таҳаммулл бикунад. Он ҷо ки тӯфони гул аст, ҷӯши сабзи сабзазор аз асари он дар чашмҳои мушоҳиди баҳор мастур хоҳа буд:

Каҳкашон ҳам поймоли мавҷи тӯфони гул аст

Сабзаро аз хоби ғафлат чанд бардорад баҳор [22,116].

Бо дарку маърифати ин ҳама зебоиҳои зиндагӣ, ки ифодаи фараҳу шодмониҳои заминии ӯ низ мебошанд, Бедил ба суроғи шинохти фалсафаи баҳор меравад ва бо тааммуқ дар аслу моҳияти ин назокат инсонро ҳушдор медиҳад, ки дар сурати зоҳирии сурури зиндагонӣ ғофил машав ва ҳамеша муттакӣ бар ин андеша бош, ки ин фурсати хеле кутоҳ аст ва ҳатто аз фарохнои чоҳи ҳастии ин айни анҷуман ба гӯши ҷони ту нидое мерасад, ки дар он сӯи ин шодиву назокату зебоиҳо пораҳое аз хуни ҷигари баҳор нуҳуфтааст. Ин пораҳои хуни ҷигари баҳор дар ҳар ду ҳолат ҳам дарси

ибрате ба мо медиҳанд, дар аввал, ки пас аз убури ҳазорон мушкилот ва сардиҳои паёпайи рӯзгорон дар фасли сармо баъд баҳор таҷассуми ҳастӣ мекунад, яъне баҳор то ин ки баҳор мешавад, ҳазорон пора аз хуни ҷигари хеш мехӯрад. Нуктаи дувум он аст, ки пушти ин ҳама таҷаммул ва шукӯҳи баҳорона низ боз ҳам ҳазорон хуни ҷигари баҳор аз таассуфи гузашти фурсат ва хазонрезии маҷмӯи ҷалол ва шукуфонӣ хоҳад рехт, яъне ин ҷамолу ҷалоли баҳор пойдор ва абадӣ нест ва бояд аз ин фосилаи омадан то он дақоиқи рафтан, ки дар миёни ду ҳазор қатраи хуни ҷигари баҳор қарор доранд, сабақи умр андӯхт.

Аз салои ранги айши ин чаман ғофил мабош

Пораҳое чанд бар хуни ҷигар дорад баҳор [22,166]

Ин таъкиди Бедил ба убуру мурури баҳор ва кутаҳфурсатии он дар байти баъдии ғазал хеле равшан таҷассум ёфтааст. Абулмаонӣ ҳушдор медиҳад, ки эй инсон дар як мижжа задан ин фурсат метавонад аз даст биравад ё лаҳазоти зиндагонии инсон ба ҳадде кутоҳанд, ки баробари таҳи як мижа аз миён мераванд. Таъбири «ранг аз назар рафтан» ин ҷо дар сурати аввал ҳамон тағир ёфтани сурати зоҳирӣ ва мантиқан иваз шудани фаслҳои сол ва ҳам умри инсон бошад, яъне ин ҳама шукӯҳу нусрати тӯфони гул ва ҷӯши сабзранги баҳор ҳам дар як дам тағир мехӯрад ва барои тамсили ин бардошти фалсафии худ Бедил вазидани насими субҳро, ки хеле умри кутоҳ дорад, тимсоли фурсати баҳор номзад мекунад. «Аз насими субҳ доман дар камар доштани баҳор» таъбирест, ки пеш аз ҳама ҳамин маънии дақоиқи кутоҳшумори нафаси баҳорро тафсир мекунад. «Доман дар камар доштан» киноятест аз суръати тунд ҳаракат кардан, ки фалсафаи камфурсатии баҳорро барои мо ҳамчун дарси ибрат тавзеҳ мекунад ва ҳамзамон ба гӯшамон сало мезанад,ки бояд ба қадри ин лаҳазот бирасем ва баҳорро,ки ҷилваи қалами сунъи офаридгор дӯст аст, ба ҷон дӯст дорем.

Чашм то во кардаӣ ранг аз назарҳо рафтааст

Аз насими субҳ доман бар камар дорад баҳор [22,116].

Дар чанд байти баъдии ғазал ҳамон рӯҳи шинохти фалсафии баҳор идома меёбад ва андешаи шоиронаи Бедил ба он ҷо мерасад, ки таъкид мекунад: аз ин қаламрави ҳастӣ бидуни қурбонӣ баҳрае наметавон бардошт ва таркиби «гуле аз ҳастии мавҳум чидан» ҳамин матлаби файзу баҳрае бардоштанро ифода мекунад. Ҳастии мавҳум дунёи хаёлист, ки ба як мижа таҳ задан сафар ба интиҳо мекунад ва фосилаҳоро барҳам мезанад. Фаросӯи андешаҳои Бедил рамзи дигаре ҳам нуҳуфтааст, ки ҳамагуна самару ҳосили ҷаҳон дар адами шайъи дигаре ба даст меояд ва марги баҳор ва аз назар рафтани ранги он низ беҳикмат нест, зеро зоҳиран бо сафари баҳор ё марги он тобистон - фасли дигаре меояд, ки самара медиҳад, яъне маҳсули баҳор аз адами он дастрас мешавад.

Бефано натвон гуле з-ин ҳастии мавҳум чид

Сафҳаи мо гар занӣ оташ, шарар дорад баҳор [22,116].

Дар мисраи дувуми байт бошад ба ваҷҳи тамсил шоир ба саҳфаи оташзада мурур мекунад, ки ҳосили он шарар аст, яъне аз адами сӯхтан рӯшаниву шӯъла мехезад ва ин ҷо таркиби «шарар дорад баҳор» ҷилвагар шудани шарарро таъкид мекунад. Вожаи баҳор маънии ҷилвагар шудан, рӯнамо шудан ва мунтаҳо ҳосил шудан ва рӯ ба боло карданро дорад, ки ин амр ҳам ба диди ҳазороинаи Бедил аз ашё ва мафоҳим паём мерасонад.

Дар ҳадисе аз Паёмбари Акрам [с] нақл шудааст, ки таваллуд қосиди марг аст. Бедил ҳам бо идомаи фалсафаи шинохти бӯъди дигари баҳор, ки бо ҳастии худ ҳузури хазонро ҳам хабар мерасонад,нозукона бо таъкиди аз хазон оина доштани субҳ ба ҳамин маънӣ таъкид менамояд. Яъне, вақте субҳ медамад, аллакай нидое аз фарҷоми он ҳам ба мо ояд ва дамидани субҳро Бедил бо таркиби «гул кардани субҳ» ба қалами тасвир медароварад. Ҷолиб он аст, ки мафоҳими тафсирии ин ғазал ҳам баҳоронаанд ва Бедил бештар мулоҳизоти хешро мехоҳад тавассути аносири таркиби баҳор, мисли гулу сунбул, булбулу сабзаву насиму абру чашми тари он ва амсоли ин баён созад, то рӯҳу тасвири баҳорона дар мазоҳири вожагон ва сохтори бурунии ғазал ҳам эҳсос гардад:

Аз хазон оина дорад субҳ то гул мекунад

Ҷуз шикастан нест ранги мо агар дорад баҳор [22,116].

Дар мисраи дувуми ин байт Бедил бо пайвастани маонии қаблӣ ба воқеияти зиндагонии худ ишорат мекунад, ки ранги мо ҳам агар дар сурати баҳор қарор дорад, мунтаҳо бояд бишканад. Шикастани ранг ҳамеша дар шеъри Бедил ба маънии тағири ҳолат ба кор рафтааст ва ин ҷо баҳор ишорате ба сабзиву шукуфоии ҷавонии инсон аст, ки мисли субҳ рӯзе ба дар оинаи худ хазон хоҳад дошт. Баҳори умри инсон ҳам дерпо нест ва дар кутоҳтарин фурсат ё ба таъбири худи Бедил дар андозаи истодани ашк дар сари мижгон убур мекунад.

Боз ҳам дар идомаи каломи Бедил аносири баҳор, чун абру чаман ҳарчанд зоҳиран дар зеҳни мо тасаввури рӯзҳои боронии баҳорро ҷилва мебахшад, аммо дар умқи он боз ҳам шоир фалсафаҳои хешро ҷойгузин карда, ҳам баҳори ҳастӣ ва ҳам ва ҳам баҳори умри инсонро тафсир мекунад. Ин ҷо ҳам навъе пайвастагии маъноӣ бо абёти боло эҳсос мешавад, яъне нишоти чаман ва шукуфоии гулу гиёҳ аз нолаву гиряи абр ҳосил мешавад. Нузҳати баҳор ҳам бештару пештар аз ашки абр вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, Бедил мӯътақид аст, ки абр агар бо эҳсоси он ки ҳастии баҳор аз фишори чашми тар ҳувайдо мегарад, афзунтар ба гиря меояд. Таъбири шоиронаи фишори чашми тар муфассири ҳолати боридани борон аст ва ҷолиб аст, ки дар оинаи тасовири Бедил ҳама ашёву васоил ва аносири зиндагонӣ ба ҳаракат омада, фазилатҳои инсониро касб мекунанд. Таҳрики пуршӯри мафоҳим дар каломи Бедил боз ҳам ҷӯши баҳорро тафсир мекунанд ва мантиқи фалсафии байт ҳам амиқан ҳастиву асолати баҳорро дар ҳузури борон шарҳ медиҳад.

Абр менолад гар асбоби нишоти ин чаман

Ҳар чӣ дорад дар фишори чашми тар дорад баҳор [22,116].

Гулу сунбул дар канори ин ки ҷузъиёти баҳоранд ва ҳастии ин айёми шукуфоро рӯнамоӣ менамоянд, истиораи назокату зебоӣ ва салосат низ ҳастанд. Ба ин хотир Бедил аз гулу сунбул ба назму насри Саъдӣ қаноат

меварзад, ки дар китоби «Гулистон»-и ӯ ҷилваи равшан дорад. Дар ин ҷо ҳам баҳор тимсоли шукуфоиву зебоӣ ва таҷассуми таҷаммул аст, ки дар каломи Саъдӣ бештар дар «Гулистон»- и ӯ ошкор аст.

Аз гулу сунбул ба назму насри Саъдӣ қонеам

Ин маъонӣ дар Гулистон бештар дорад баҳор [22,116].

Ин ҷо дар канори изҳори иродат ба каломи Саъдӣ ишорати нозук ба баҳорияҳои ӯ низ ҳаст, ки дар чанд қасоиди ҷаззобаш таҷассуми равшан пайдо кардаанд. Пас аз Манучеҳриву Фаррухӣ Шайх Саъдӣ низ дар суроиши қасидаи баҳория доди сухан додааст, ки намунаи барҷастаи он қасидаест, ки абёти зайл шурӯъ мешавад:

Алами давлати Наврӯз ба саҳро бархост,

Заҳмати лашкари сармо зи сари мо бархост.

Бар арӯсони чаман баст сабо ҳар гуҳаре,

Ки ба ғаввосии абр аз дили дарё бархост…

… Табақи боғ пур аз нуқлу раёҳин гардид

Шукр онро, ки замин аз тафи сармо бархост… [123,40]

Бо он ки Бедил бо таъкид ба гулу сунбули Саъдӣ фаязон ва бардошти худро аз каломи ин суханвари мумтоз таъкид мекунад, аммо мурури қиёсии баҳорияҳои ин ду шоири соҳибном шореҳи он аст, ки Саъдӣ бештар баҳори воқеиро бо ҳама назокати зоҳириаш таҷассум мебахшад, аммо Мирзо Бедил фаротар аз саҳнаи гулпӯш ва ранги сабзи баҳор фалсафаи онро дар пайванд ба ҳастии зиндагонии инсонӣ тафсир мекунад. Дар фарҷоми ғазали Бедил ин фалсафамуштоқӣ ва тавзеҳи пайвастаи нукоти умри инсон бо маърифати асолати баҳор рӯшантар ҷилвагар аст.Махсусан, ин ҷо андешаи Бедил миёни баҳор ва аркони рӯзгори инсон иртиботе барқарор мекунад ва баръакси тафосири болоӣ аз ин роҳ инсонро ба маърифати ҷузъиёти зиндагонии худ ҳидоят мебахшад. Шоир таъкид бар он дорад, ки саропои ман таҷассуми меҳнат ва ранҷу машаққат аст ва агар баҳор бихоҳад, ки куштаи роҳи ҳақро ва ҳатто муштоқи бисмили дидори худашро бишносад, таҷассуми воқеии онро дар сурати ман ба мушоҳида хоҳад гирифт. Дар канори ин ки шоир,

яъне намоди инсони соҳибиштиёқ ва ошиқ оинаи солики муҳибби Ӯст ва дар ин роҳ тасвири дилбохтагони бисмили роҳашро муҷассам месозад, мусаввараи ҳамон ошиқи ҷонсӯхта дар роҳи ишқи баҳор низ ҳаст, чун баҳор оёте аз таҷалло ва чакидаи қалами сунъ ҳаст ва ҳар чӣ дар ҷамоли баҳор аст, фаязоне аз Офарандаи он дорад. Табассум кардан дар ин ҷо ба маънии ошкор шудан ва зоҳир гардидан ба кор рафтааст, ки ин таҷаддуди маъноии таркиби мазкур ба таҳаввулоти шоир дар маъниофарӣ ишорат дорад.

Мӯ ба мӯям ҳасрати захмат табассум мекунад

Ҳар кӣ гардад бисмилат бар ман назар дорад баҳор [22,116].

Дар фароварди сухан каломи Бедил ба сарчашмаи зуҳури баҳор раҳ мекушояд ва бештару пештар ҳақиқати таҷаллигоҳи ҷамолу ҷалоли Худованд будани баҳор ва маҷмӯан аносири зебои зиндагонӣ ва рабти муҳками он ба инсонро орифона тафсир мекунад. Ин аст, ки бо ҳама тазйину таҷаммули худ баҳорро муқассир пеши хаёли қомати маҳбуби азалӣ мешуморад ва дар фарҷоми тафсири фалсафии хеш Бедил баҳорро оҳафшону фарёдзан дар пешорӯи ҷамоли ёри ҳақиқӣ мебинад. Ҳусни интиҳои баёноти шоиронаву орифонаи Бедил то ҷо мерасад, ки баҳор ҷузъе аз таҷаммули сонеъи худ ё мусаввари ҳақиқӣ аст, ки пешорӯи зарраҳои хаёлоти он хуршеди асолат дар мақоми ачз бимонад ва ҳамеша ошиқонаву босадоқат дар ёди хаёли қомати худ қарор бигирад.

З-ин чаман Бедил на сарве ҷасту на шамшод раст

Аз хаёли қоматаш дуде ба сар дорад баҳор [22,116].

Дар зимни ин таъкиди Бедил ишорате ба ояти 24 аз Сураи Ҳашри Қуръон аст, ки дар он омада: «Ҳарчӣ дар осмонҳо ва замин аст, тасбеҳгӯӣ ӯ ҳастанд». Бар ин ваҷҳ аст, ки дар ин чаманистони зиндагонӣ шоир ба ҷустуҷӯи сарве намешитобад чун ҳама сарву сунбулу ҷӯши тӯфони гул, ки бо ваҳдати хеш баҳорро сурат бастаанд, ҳамагӣ ҳасраткаши ёду хаёли қомати Ӯстанд.

Ҳамин гуна, мурур ба як ғазали баҳорияи Бедил бозгӯӣ он аст, ки Абулмаонӣ дар халқи маонии ноб ва офаридани тасвирҳои тоза дар ҳама

маворид чирадасту беназир аст ва фаязони ин қудрати фикрӣ ва ҳунарии он то имрӯз доман кашидааст. Фузун бар он чӣ ӯ аз ҳақоиқи сурати баҳор дар оинаи хаёл ва тасаввури худ тарҳрезӣ мекунад ва бо нигоҳи нозукбини худ баҳору маҷмӯи аносири зебоиҳои онро ба қалами шоиронаи худ наққошӣ менамояд, аз ҳар бӯъду унсури баҳор ҳикмат ва фалсафаеро кашф мекунад, ки маҳсули андешаву афкори баландпарвози шоир ҳастанд. Ин шеваи ҳунармандонаи тасвири назокати баҳор ва маърифати асрори ранги он низ ба истиқболи самимонаи пайравони ӯ аз шеваи тасвирсозӣ ва маъниофариаш мувоҷеҳ гардида, дар канори ин боис ба зуҳури рангҳои муҷаллои асолати баҳор дар нигоҳи ин шоирон шудааст, ки бозтоби рӯшани он дар каломи Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ ва Парии Ҳисорӣ ошкор аст, ки ин мавзуъ дар мақолае ҷудогона баррасӣ шудааст. Муҳимтар аз ҳама баробари ин ки дар девони Бедил тасовири манозири табиат дар тамоми фасли сол ба таври барҷаста ба чашм расида, аз ҳунари шоирии ӯ дар нақшу тасвири табиат башорат медиҳанд, ки шеваҳои бозтоб он дар оинаи як ғазали баҳорияи суханвар ба риштаи таҳқиқ кашида шуд.

ФАСЛИ САВУМ. ТАСВИРҲОИ ПАРАДОКСӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ БЕДИЛ

Дар зери мафҳуми тасвирҳои парадоксӣ дар адабиётшиносӣ тасовире фаҳмида мешаванд, ки бар асоси ду мафҳуми ба ҳам зид бунёд ёфта, зоҳиран ба таъбири худи шуаро, «бемаънӣ»-ро ифода мекунанд. Ба ин хотир аст, ки онҳоро тасвирҳои мутаноқизнамо ҳам гуфтаанд. Шафеии Кадканӣ бар ин назар аст, ки ин таъбирро ӯ сохтааст. Дар робита ба он чунин менависад: ««Истилоҳе [манзур тасвирҳои пародоксӣ- Н.Н.]аст, ки ман сохтаам, на дар адабиёти қадими худамон вуҷуд доштааст [яъне, кутуби балоғӣ] ва на дар адабиёти фарангӣ [то он ҷо ки ман ҷустуҷӯ кардаам]. Манзур аз тасвирҳои парадоксӣ тасовире аст, ки ду рӯи таркиби он ба лиҳози мафҳум якдигарро нақз мекунанд, мисли «салтанати фақр»[155,54].

Аммо доктор Футӯҳӣ дар китоби «Балоғати тасвир» пешинаи вуҷуди ин навъ тасовирро ба бисту панҷ қарн пеш, ба гуфтаҳои орифи қадимаи чинӣ Лоутса мепайвандад, ки фармуда:

«Зоти воқеӣ гӯӣ тиҳӣ аст,

Сапеди бузург пиндорӣ сиёҳ аст.

Мураббаи бузург бегӯша аст,

Мусиқии бузург беовост.

Сурати бузург бесурат аст».

Тасаввури «сафеди сиёҳ», «мураббаи бегӯша», «оҳанги бесадо» ва «сурати бесурат» барои зеҳнҳои маъмулӣ амри соддае нест. Ин сухани пуртаноқуз баёнгари чӣ ҳақиқатест? Мусалламан, ба олами ҳиссу мантиқи маъмули зиндагӣ тааллуқ надорад, дар натиҷа ақл аз идроки он қосир аст. Мукошифоти ирфонӣ ва таҷрибаҳои жарфи шоирона, қаламрави равишӣ, муҳолоти ақлӣ ва танокузҳои рӯҳӣ аст [203,326]

Футуҳӣ ба шарҳи назарии мафҳуми мазкур аз дидгоҳи мунтақидони аврупоӣ ҳам руҷуъ намуда, аз ҷумла назари донишманди англис Клинт Брукс [1906-1994 м.]-ро чунин меоварад. «Ӯ породуксро забони рӯҳ ва асоси шеър

шумурда, дар боби породуксҳои шоирони англисӣ, монанди Вилям Вардзурас, Ҷон Дон ва дигарон ба тафсил сухан гуфтааст. «Породукс забони сафсата, мағолата ва танз аст. Забонест душвору шадид ва сахт такондиҳанда ва дар айни ҳол шӯхгин. Пешдоварии мо дар бораи забони одӣ ва одоти забонӣ вомедорад, то породуксро бештар амре ақлонӣ ва ҳушёрона бидонем, то отифӣ ва онро таъбире бурҳонӣ бидонем на ғайри истидлолӣ… породукс забони рӯҳ ва забони шеър аст» [203,327].

Бар асоси ин дидгоҳҳо Футӯҳӣ назари хешро роҷеъ ба парадокс ва тасвирҳое аз ин қабил чунин ҷамъбаст мекунад: «Ба таваҷҷуҳ ба он чи гуфта омад, породукси шоирона иборат аст аз баёни зоҳир мутаноқиз ё муҳаммил, аммо ҳомили ҳақиқате, ки аз роҳи таъвил метавон ба он даст ёфт. Ба дигар сухан, породукс дар адабиёт баёнест, ки ҳақиқат дорад, аммо ҳақиқӣ ба назар намерасад» [203,327].

Аммо бар ин назари Футӯҳӣ наметавон мувофиқ шуд, ки қадимтарин намунаи пародокс дар адабиёти форсӣ ин намунае аз шеъри Саноӣ аст, ки ӯ оварда:

Ишқ гӯянда ниҳони сухан аст,

Ишқ пӯшида бараҳнаи тан аст» [203,330]

Зеро тааммул ба сурудаҳои устод Рӯдакӣ ин амрро собит месозад, ки нахустин намунаи таъбир ва ҳам тасвири парадоксӣ дар каломи устод шоирон дар таркиби таъбири «ҳаловати захм» ба чашм мерасад:

Бахокхуфтаи теғи ту аз ҳаловати захм,

Забон барованаду захмро даҳон лесад. [115,32]

Ё ҳамон байти маъруфи дигари устод Рӯдакӣ:

Бо сад ҳазор мардум танҳоӣ,

Бе сад ҳазор мардум танҳоӣ» [115,122]

низ дар мисраи аввал навъе парадоксро дар худ ғунҷоши додааст.

Ҳамин тавр, дар шеъри гузаштаи мо ҳарчанд дар каломи дигар шоирон низ аз ин намунаҳо ба нудрат ба чашм мерасад, аммо барҳақ дар каломи Бедил чунин навъи тасвирозӣ ба як вижагии ҳунарӣ бадал мешавад. Ба қавли

Футӯҳӣ «дар шеъри Бедили Деҳлавӣ забони пародоксӣ дар авҷи зебоӣ ва қудрат намоён мешавад. Тасвири породуксӣ, ҳомили таҷрибаҳои шахсӣ ва шуҳудӣ аст ва монанди намоду устура, ҳикоят аз кашфи ҳақиқати ношинохта дорад» [203,331].

Ҷолиб он аст, ки муаллифи китоби «Ғизолон ул - Ҳинд» Озоди Балгиромӣ низ бар асоси балоғати ҳиндӣ сарчашмаи падороксро ба санъате маъруф бо **«вифоқ»** муқаррар намуда, дар шарҳи он овардааст: «Иборат аз ин, ки ду зид бо ҳам мувофиқат кунанд ва яке бар дигаре содиқ ояд». Муаллиф ин санъатро дар баробари **тибоқ** бароварда таъкид медорад, ки «тибоқ назди машоихи бадеъ он аст, ки зикр карда шавад ду зид дар калом ва сидқи аҳадуззидайн бар дигаре дар он малҳуз нест [8, 73].

Озоди Балгиромӣ бар пояи мутолиаи балоғати ҳиндӣ изҳор доштааст, ки ин санъатро бори аввал ӯ пай бурдааст. Дар робита ба ин маънӣ навиштааст: «Ва бар соҳиби фаҳми салим равшан аст, ки **вифоқ** нисбат ба тибоқ пояи баланд ва рутбаи арҷманд дорад ва бо он ки удабои араб табақа баъди табақа бар дари истихроҷи саноеъ саъйи балеғ намудаанд, ҳеҷ касе пай ба **вифоқ** набурда. Фақир ба таъйиди Эзадӣ ду зидро бо ҳам сулҳ дод ва ду мухолифро бо ҳам ширу шакар сохт. Ва бояд донист, ки **вифоқ** бар ду қисм аст: лафзӣ ва маънавӣ [8,74]. Балгиромӣ нахуст барои вифоқи лафзӣ ин рубоии Хон Аҳмади Гелониро оварда, таъкид медорад, ки ин ҷо Қаҳқаҳа номи қалъа аст, на хандаи муфрад. Ба ин хотир вифоқи лафзӣ шудааст:

Аз гардиши чархи вожгун мегирям

В-аз ҷаври замона бин, ки чун мегирям.

Бо қадди хамида чун суроҳӣ шабу рӯз,

Дар Қаҳқаҳаам, валек хун мегирям [8,74].

Дар идома барои вифоқи маънавӣ намунаҳое аз шоирони бузурги сабки ҳиндӣ, чун Зуҳурӣ, Соибу Ғанӣ, Ваҳшат, Шафеи Аврангободӣ овардааст, ки зикри чанд байт аз онро ин ҷо зарур мешуморем:

Соиб:

Дар қимори ишқ бошад бохтан нақши мурод,

То касеро дил нарафт аз даст, соҳибдил нашуд.

Соиб:

Агар инсоф додрас бошад,

Ошиқи зинда хунбаҳо дорад.

Ваҳшат:

Дар ҷавонӣ чун шароби куҳна дар ҷӯшем мо,

Гуфтугӯ бо оламе доремў хомӯшем мо.

Шафеи Аврангободӣ:

Ба сайди дил нигоҳи ӯ хабардор аст, медонам,

Ба кори хештан ин маст ҳушёр аст, медонам [8,75].

Бо такя бар ин диду назарҳои Озоди Балгиромӣ метавон бар ин назар қоим шуд, ки дар ин арсаи тасовир низ корномаҳои ҳунарии Бедил пайванд ба поэтикаи ҳиндӣ доранд, ки онро муаллифи асари мазкур тавре худ фармуда, муқаррар намудааст. Пас, ин ҷо дақиқ мешавад, ки мухтареи ин санъат бо номи **вифоқ** Озоди Балгиромӣ буда, аслу моҳияти онро бар асоси сурудаҳои шоирони сабки ҳиндӣ мушаххас гардонидааст.

Ҳамин тавр, парадокс ё тасвирҳои мутаноқиз дар каломи Бедил ба як вижагии муҳимми ҳунарӣ ва забонӣ бадал шудааст, ки доктор Футӯҳӣ ва дигарон низ бар ин амр қоиланд. Аз ҷумла, Футӯҳӣ навишта:»Печидатарин таобири породуксии шеъри форсиро дар девони Абулқодир Бедили Деҳлавӣ меёбем, ки ба барҷастатарин мушахассаи сабки вай табдил шудааст» [203,331].

Таваҷҷуҳ ба сурудаҳои Абулмаонии Бедил собитгари ин амр аст, ки барҳақ нуфузи чунин тасвирҳо дар забони шеъри ӯ ба табдили тасвирҳои мутаноқиз ё ба қавли Балгиромӣ **«вифоқ»** омил омадааст. Руҷӯъ ба намунаҳои ашъори шоир ва зикри таъбиру таркибҳои борвар аз тасвирҳои пародоксӣ шореҳи ин матлаб аст, ки дар идома ба шарҳи бархе аз онҳо пардохта хоҳад шуд:

Баландии ошёни аҷз.

Баланд аст он қадарҳо ошёни аҷзи мо Бедил,

Ки бе саъйи шикасти болу пар натвон расид он ҷо [22,81].

Мусаллам аст, ки аҷз дар асл ҳоле дар мақоми поин аст ва ба зоҳир дар ҳоли мутазод бо баландӣ қарор дорад. Аммо манзури Бедил ҳамон аҷзест, ки ӯ дар шарҳи он дар байти нахустини девонаш оварда:

Ба авҷи кибриё к- аз паҳлӯи аҷз аст роҳ он ҷо,

Сари мӯе гар ин ҷо хам шавӣ, бишкан кулоҳ он ҷо [22,43].

Ҳамин ки Бедил роҳе ба авҷи кибриёро аз паҳлуи аҷз мебинад, он ҳам навъе тасвире мутаноқиз аст.

Аз безабони равшан шудани поси номуси сухан. Дар асл сухан дар ҳоли ба забон овардани ҳарфу ҳиҷову калимот эҷод мешавад. Ин ҷо шоир тавассути ин таъбир матлаби хешро баён карда, ки сухани мо дар безабонӣ равшан аст ва албатта, ин ҷо манзур ҳамон шеър аст, ки агарчи безабон аст, аммо сад забон дорад.

Поси номуси сухан дар безабонӣ равшан аст,

Ҳеҷ мазмуне дар ин сурат нафасфарсуда нест[22,316].

Дар зер намунаҳои дигари таркибҳои борвар аз тасвирҳои парадоксии Бедил зикр ва шарҳу тавзеҳ меёбанд, ки ба нуфузи он дар забони шеъри шоир таъкид меварзанд:

Аз ҳеҷ пур шудан. Маълум аст, ки ҳеҷ худ ифодагари нобудиву нестӣ ва халост, аммо шоир бо пайванди он ба таъбири пур шудан, як таъбире мутаноқизнамо месозад, ки маъние шоиронаву орифонаро соҳиб аст. Манзури шоир ҳамон даъвоҳои беасосест, ки афрод манзур мекунанд ва ононро шоир ба шеваи худ «аз ҳеҷпуршудагон» унвон мекунад:

Халқе зи муддао тиҳӣ аз ҳеҷ пур шудаст,

Нӯҳ чарх як аломати сод интихоб дошт [22,289].

Ба оби рӯ таяммум кардан: Агар бо шеваи фармудаи Балгиромӣ ба ин таъбир руҷӯъ шавад, он гоҳ маълум мешавад, ки ин ҷо вифоқ ё тасвири парадоксии лафзӣ ҷой дорад, чун ин ҷо бо обрӯ таяммум кардан, манзур тавассути эътибор ва мақом сафо ёфтан бошад:

Маъбади ҳирс остони саҷдаи беиззатист,

Оламе ин ҷо ба оби рӯ таяммум кардааст [22,306].

Хушк шудан тар гирифтан:

Чора ба хуршеди қиёмат кашид,

Домани мо, хушк шудан тар гирифт [22,343]

Кулоҳи ноз шикастани нотавонӣ:

Бедил аз пайкари хамидаи мо

Нотавонӣ кулоҳи ноз шикаст [22, 347].

Дар баҳори нодамидан хирман коштани дона: Чун ибораи «хирман коштан» ба ниҳояти самар ва ҳосил расидан бошад, шоир ин ҷо онро дар муқобили нодамидан канор мегузорад, ки дар натиҷа «хирман» ва «нодамидан» ҳамон вожагони мутаноқиз мешаванд:

Бо дили ҷамъ ошно шав, аз парешонӣ баро,

Дар баҳори нодамидан дона хирман коштаст [22, 376].

Ҳуҷумободи чандин шӯр будани хамушӣ – дар вуҷуди хамӯшӣ нуҳуфта будани чандин шуру ғалаён:

Хомӯшиҳояш ҳуҷумободи чандин шӯр буд,

Ранг ногардонда тӯфонкории найранг дошт. [36,296].

Дар миёни анҷуман танҳо нишастан:

Кас намефаҳмад забони сухтантақрири шамъ,

Дар миёни анҷуман мебоядам танҳо нишаст [36,345].

Дар байти зер бошад, ду таркиби борвар аз баёни парадоксӣ ба чашм мерасад, ки аввал «гум кардане хостани ёфтан» ва дувумӣ «гум шудан гум кардан» бошад, ки ҳар ду навъе ҳолати орифонаеро шарҳу тафсир намудааст. Барои расидан ба мақоми маънавии камолот ориф бояд дар худ гум шавад, то мақсуд биёбад ва аммо ин роҳи гум шуданро ӯ наметавонад пайдо намояд:

Ёфтан гум кардане мехоҳад аммо чора нест,

Кош гум гардам, чӣ созам? Гум шудан гум кардаам [23,409].

Дар байти зер низ ду таркиби дорои тасвири пародоксӣ ба чашм мерасад, ки аввал **«қанд будани талхии ҳодиса «** ва дувуми **«номи афюни гуворошударо тарёк кардан»** ба шумор меравад:

Талхии ҳодиса қанд аст ба хурсандии табъ,

Номи афюни гуворошуда, тарёк кунед. [22,700]

Хилвати дидор будани чашми барҳамбаста – ин таъбири мутаноқиз низ дар вусъати хеш матлаби ирфониро нуҳуфтааст, зеро ҳоли орифи ба тааммулрафтаро шарҳ медиҳад, ки дар бастани чашми зоҳир хилвати дидор ва мукошафаи ҳақ насиби ӯ мегардад:

Шӯхии наззора бар оинаи мо шуд нафас,

Чашми барҳамбаста, Бедил, хилвати дидор буд [22,44].

Дар байти зерин Бедил дар умум ин матлабро мехоҳад тавзеҳ диҳад, ки ғурури дунёиро, ки тавассути таркиби «**ғурури рустамӣ»** ифода намудааст, кӣ метавонад ба замин биафканад. Дар посух аз по афтодагон, ононе, ки роҳи ҳамон аҷзи бедилиро интихоб карданд, садо намуданд, ки ин бузургиву азаматро танҳо зури нотавонӣ метавонад аз по дарбиёварад. Ибораи **«зӯри нотавонӣ»** низ худ таркибе мутаноқиз бошад:

Ғурури рустамӣ гуфтам, ба хокаш кист андозад?

Зи по афтодагон гуфтанд: «Зури нотавониҳо» [22,138] .

Иқболи аҷз:

Бедил аз иқболи аҷз дар ҳама ҷо чидааст,

Обилаву нақши по, афсару авранги мо [22, 140].

Замин дар зери по нишонидани осмон:

Махоҳ, эй муфлисӣ, зиллаткаши таслими дунонам,

Замин то чанд зери по нишонад осмонамро [22, 140].

Дар шикастани киштӣ дидани соҳил, ки дар вусъати ин матлаб ҳамон дар фано дарёфтани аслу мурод, ки бақои ориф дар Ҳақ унвон мешавад:

Ба ҷуз киштӣ шикастан соҳили амне намебинам,

Зи бас вусъат фурӯ бурдаст ин дарё каронамро [22,142].

Печидани садои гиря дар хандидани мино – ҳоли ногувор ва андуҳе, ки аз рехтани шароб аз мино ҳосил шавад. Манзури шоир ҳам он бошад, ки дар ин олам ҳаргиз суроғи айшу ишрат ва шодӣ маҷӯ, ки аз нуфуз ва касрати дилтангӣ дар хандаи мино, яъне рехтани шароб садои гиря печидааст:

Суроғи айш аз ин маҳфил маҷӯ, к-аз ҷӯши дилтангӣ,

Садои гиря печидаст бар хандидани мино [22, 142].

Тарҷумони аҷз будани хамушӣ - нишон аз аҷз будани хомушӣ:

Синачокему хамӯшӣ тарҷумони аҷзи мост,

Раҳ зи лаб берун намебошад фиғони захмро [22,143]

Дар мисраи дувум таъбири «раҳ зи лаб берун набудани фиғони захм» низ баёне парадоксӣ аст, чун маъмулан фиғон ба берун раҳ мебарад ва аммо бар асари тарҷумони аҷз будани хамӯшӣ ин фиғон ба бурун намеравад.

Бе ту зинда будан ва марги беаҷал доштан. Ин ибора дар фарҳанги мардумӣ низ бо шаклҳои мухталиф ба чашм мерасад, ки «мурда мурда зистан», **«зиндагӣ бе ту баробари марг аст»** аз ҷумлаи онҳо ба шумор мераванд:

Санг ҳам ба ҳоли ман, гиря гар кунад барҷост,

Бе ту зиндаам, яъне марги беаҷал дорам [23,448]/

То нарасидан рафтан. Ин манзури шоир дар асл ба ҷое нарасидан бошад, ки тавассути бунёди як таъбири борвар аз баёни парадоксӣ матлабро тавзеҳ додааст.

Гар ба парвозу гар аз саъй тапидан рафтам,

Рафтам, аммо ҳама ҷо то нарасидан рафтам[23, 434].

Арзанда гардидани ҷинси камбаҳо дар бозор: Дар асл ин маънӣ ва мазмун дар баёноти шоирони дигар ҷой дорад ва зоҳиран маънии маъмулӣ ба чашм мерасад. Аммо тааммул дар ҷавҳари маъноии он, ки шарҳу тафсири он ба нуфузи ҷинси камбаҳо дар бозор пайванд мегирад, шореҳи он аст, ки ин шеваи баён пародоксӣ аст, чун маъмулан бояд ҷинси пурбаҳо дар бозор арзишманд бошад:

Гаронӣ бар табоеъ аз ғурури қадр напсандӣ,

Дар ин бозор ҷинси камбаҳо арзанда мегардад [36,**473].**

Ин ҷо тарафи дигари баҳси мазкур равшан мешавад, ки дар гуфтор ва фарҳанги мардумӣ низ гоҳо чунин баёноти пародоксӣ ҷой доранд ва яке аз сарчашмаҳои вуруди онро ба шеър метавон аз ин самт бозҷуӣ ҳам намуд.

Ёд додани фаромушӣ: Дар ин ҷо низ навъе пародокси лафзӣ ба чашм мерасад, зеро таъбири ёд додан бо такя бар сарчашмаи маъноии он дар фарҳанги мардум метавонад, ба маънии кӯмак кардан, ёрӣ намудан мавриди истифода қарор бигарад. Ба назар мерасад, ки матлаби Бедил ба ин ҷанбаи маъноии таъбири «ёд додан» қаробат дорад:

Он парӣ гӯянд шаб хандид бар фарёди мо,

Эй фаромӯшӣ, ту шояд дода бошӣ ёди мо [36,5].

Шӯри нашнидани садои байзаи фулод. Аслан худи ибораи **«шӯри нашнидан»** таъбире ҳовии баёни пародоксӣ ҳаст ва дар ирфони Бедил чун хомӯш нишастан худ мақоме маънавӣ шуморида мешавад, дар баробари ин нашнидан ҳам шӯреву лаззате барои ориф дорад, чун назари орифони аҳли Бедил ба садо ҳам гоҳе ҳамчун тааллуқ дӯхта мешавад. Ин садоест, ки соликро ба дунё пайванд мебахшад. Шоир ишорат бар он дорад, ки ҳанӯз аз адам ба ҳастӣ қадам нагзошта, ҳамин **«шӯри нашнидани садои байзаи фӯлоди мо»** гӯши оламро кар кардааст. Аз сӯи дигар, шоир карии гӯши фалакро, ки таъбири маъруф аст дар адабиёти гузаштаи мо, аз шӯри нашнидани садо медонад:

Аз адам ноҷаста кар кардаст гӯши оламе

Шӯри нашнидансадои байзаи фӯлоди мо [36,5].

Муҳкам будани бинои ноумедӣ: Ба маънии тақвияти яъс ва нуфузи ин ҳол ба кор рафтааст**.** Вайрон кардани таъмир ҳам навъе баёни мутаноқиз аст, чун шоир бар ин назар аст, ки барои раҳоӣ аз ҳоли яъс, ки бинои он дар вуҷуди ман муҳкам аст, фикри таъмире надорад, зеро ин таъмир баръакс бинои ноумедии моро вайрон хоҳад кард:

Дар шикасти ман бинои ноумедӣ муҳкам аст,

Фикри таъмире надорам, то кунад вайрони мо [36, 28].

Ба хомушӣ адо сохтани суханҳои забонӣ ба маънии хомӯш истодан ва ба забон наовардани сухан, чун ин ҷо таъбири адо сохтан метавонад ба ду маънӣ бошад, аввал анҷом додан, иҷро намудан ва баён кардан, дувум ба поён бурдан, ба ниҳоят расонидан, тамом кардан:

Касеро мерасад ҷамъияти маънӣ, ки чун килкам,

Ба хомӯшӣ адо созад суханҳои забониро [36,45].

Дар байти зер таъбирҳои **«гулшан будани таҳайюр»** ва **«булбул будани хомушӣ»** ва **«нафаҳмидани забони он»** дар шумори ин навъ таъбир ва таркибҳои мутаноқиз қарор доранд. Шоир таҳайюрро, ки дар асл ҳоли берангӣ ва беҳаракатӣ аст, ба гулшане монанд мекунад, ки сайри асрори онро касе намефаҳмад ва хамуширо ба булбуле шабеҳ мешуморад, ки забони онро ҳеҷ кас маърифат намесозад:

Таҳайюр гулшан аст, аммо кӣ дорад сайри асрораш?

Хамӯшӣ булбул аст, аммо кӣ мефаҳмад забонашро?

Ба ранги гирдбод он тоири ваҳшатпаруболам,

Ки ҳам дар олами парвоз бастанд ошёнашро [36, 46].

Ибораи «**дар беоромӣ ором доштан»** дар байти дигари Бедил тасвире парадоксӣ ба шумор меравад. Шоир аз мушоҳидаи ҳаракати оби дарё, ки дар зимн самбули худи инсон низ ҳаст, берун овардааст. Ба фармудаи Абулмаъонӣ, ҳаракат ё тапдани мавҷи дарё худ рақси айши зиндагонист, яъне мавҷ дар ҳаракат ва тапидан зинда аст. Баъдан шоир барои субути ин назараш дар беоромии хеш, яъне дар ҳамин ҳаракат ором пайдо намудани мавҷро дар партави як тасвири парадоксӣ тавзеҳ медиҳад. Мавҷи дарё ҳатто дар ҳоле, ки ба адам наздик аст, яъне бисмил ё нимкушта мешавад ва маъмулан бисмил дар ҳоли ҳаракати беш аз имкон қарор мегирад, беоромтар мегардад ва ҳамин таҳрик барояш оромиш ё роҳат бошад. Ин ҷо вожаи **«ором»** ҳам барои ифодаи беҳаракат шудан ва ҳам оромиш пайдо намудан омада, ки шоир дар ҳар ду маврид бар пояи он тасвире парадоксиро бунёд ниҳодааст:

Мавҷи дарёро тапидан рақси айши зиндагист,

Бисмили ӯро ба беоромӣ аст оромҳо [22,92]

Сад бӯса лаззат бурдан аз дашномҳо: Манзур аз дашноми маъшуқ лаззат бурдани ошиқ аст, ки онро Бедил тавассути ба кор гирифтани таркибе тавассути вобастаи ададии **«сад бӯса лаззат»** бунёд ниҳода, баён кардааст:

Аз мазоқи ноз агар ғофил набошад коми шавқ,

Метавон сад бӯса лаззат бурдан аз дашномҳо [22,92].

Ин баёни парадоксии Бедил навъе пайванд ба фармудаи маъруфи Ҳофиз дорад, ки он ҳам аз чунин навъ тасовир бархурдор аст:

Агар дашном фармоӣ, агар нафрин дуо гуям,

Ҷавоби талх мезебад лаби лаъли шакархоро. [43]

Дар ин сурудаи Хоҷаи Шероз дар асл таъбирҳои **«нафрин дуо гуфтан», «ҷавоби талхи лаби лаъли шакархо»,** ки дар вуҷуди хеш аносири мутаноқиз доранд, тасовире пародоксӣ эҷод кардаанд.

Аз шикастан қуфл кардани хонаи дилгир: Дар асл вақте шикастан вуҷуд дорад, он мӯҷиби боз шудан мегардад, аммо дар ақоиди ирфони маслаки бедилӣ ин шикастан бастану муҳкам шуданҳое дорад, ки роҳи ҳар гуна асар ва вуруди нерӯи ғайрро хоҳад гирифт. Шоир ба ин хотир ишорат мекунад, ки ҷисми кулфатхеш туро дар зиндони таъмир, яъне парвариш гудохт, аз ин рӯ, онро тавассути шикастан қуфл намо:

Ҷисми кулфатхез дар зиндони таъмират гудохт,

Аз шикастан қуфл кун ин хонаи дилгирро [22,93].

Баландии қасри нестӣ: Дар асл дар тасаввури мо нестӣ мақоме ба самти замин, яъне поин дорад, вале вақте ба аслу моҳияти он меандешем, инсон дар биҳишти барин аз адам офарида шуд. Ин ҷо Бедил тавассути эҷоди ин тасвир ва таъбири пародоксӣ ишорат бар ҳамин матлаб дорад, ки баландиҳои қасри нестиро поёне нест, аз ин рӯ ман ҳар қадар аз худ мехоҳам бурун оям ва тиҳӣ шавам, ё ба таъбири аҳли ирфон дар хештан фано шавам, аммо ҳамоно нардбоне пешорӯи худ мебинам, то боз ҳам маро болотару болотар мебарад ва амммо он роҳро поён нест.

Баландиҳои қасри нестиро нест поёне,

Ки ман чандон, ки бармеоям аз худ, нардбон дорам [23, 357].

Аз гиряи шодӣ сухтан ва оташ будани ашк дар байти дигари Бедил дар шумори таркибҳои борвар аз тасвирҳои мутаноқиз мебошад, ки дар он тазоди гиряву шодӣ ва оташу ашк омили эҷоди чунин тасовир гардида. Ба таъбири шоир вуҷуди инсони ориф мисли шамъ аз гиряи шодӣ месузад. Аз ин хотир, ашки солик мисли ашки шамъ оташ аст, на об:

Пайкари мо ҳамчун шамъ аз гиряи шодӣ гудохт,

Ашк, ҳар ҷо бингарӣ об аст ин ҷо оташ аст [22,328].

Мусаллам аст, ки ашки шамъ ҳосили сухтан, яъне оташи дили ӯст ва орифи дар маслаки Бедил қарордошта низ аз гиряи шодӣ мисоли шамъ месузаду гудохта мешавад, чун нишоту шодии вай ҳамин ранҷ кашидану риёзат бошад, ки ин матлаб дар сурудаҳои шоир ба касрат муҷассам аст.

Дар байти дигари шоир таъбири **«дар китоби хомӯшон мавҷуд будани маъние, ки аз ҳеҷ кас натвон шунид»**, омадааст. Бедил таъкид дорад, ки дар китоби хомушон, яъне аҳли ирфон дар маслаки ӯ, ки дар мақоми хомӯшӣ қарор доранд, мазмунҳое ҷой дорад, ки хеҷ кас наметавонад онҳоро тафсир кунад ва барои дарку маърифати он гӯше пайдо бояд намуд ва албатти ин ҳамон гӯши дил аст на гуши зоҳир:

Гӯш пайдо кун, ки Бедил аз китоби хомӯшон

Маъние, к-аз ҳеч кас натвон шунуд, овардаст [22,275].

Дар таркиби таъбири **«дар парвоз будани нолаи парбаста»** дар асл ба хотири мавҷуд будани ду ҳолати мутаноқиз, яъне парвоз ва парбаста тасвири парадоксӣ ба зуҳур расида, чун парвоз ҳамеша дар ҳоли кушодагии болҳо иттифоқ афтад. Аммо ин ҷо дар асл Бедил агарчи як навъ пародокси лафзӣ эҷод намудааст, ба назар мерасад, ки дар ҷавҳари сурудаи вай нуктаи дигаре нуҳуфтааст. Шоир талқин мекунад, ки аз гардун шиква намудани мо худ далели тангдастиҳоямон аст, ончунонки парандаи парбаста, агарчи худ парвоз карда натавонад, аммо нолааш дар парвоз бошад. Ин ҷо ҳамакнун

нола парвоз мекунад, на худи паранда, вале ҳароина корбурди ин ду унсури мутаноқиз ба эҷоди парадокси лафзӣ омил шудааст:

Шиква аз гардун далели тангдастиҳои мост,

Нола дар парвоз бошад тоири парбастаро [22,147]

Дар байти баъдӣ дар таркиби ибораҳои **«дар бистари захми ҷигар осуда будан»** ва **«дилҳои улфатхаста»** ҷилваи навъи мазкури тасвир ба мушоҳида мерасад. Аслан ҷое, ки захм аст ё ҳатто захми ҷигар ҳаст, осудагӣ вуҷуд надорад, аммо Бедил ин осудагиро дар вуҷуди ғунчаҳо мебинад, ки дар бистари захми ҷигар осуда аст. Зоҳиран, ин ҳам бистари захми ҷигар аст, на худи он, аз ин рӯ дар ин ҳол ҳам Бедил навъе парадокси лафзӣ ба вуҷуд меоварад, аммо дар асл, вақте ғунча тавассути даридани хеш ба гул табдил мешавад,ҷигари вай чок мегардад, ки шоир ин ҷо шарҳи ҳамин ҳолро барои мо баён мекунад. Аз ин ҷост, ки муроҷиат ба насим мекунад,ки дилҳои аз улфат хастаро оташ мазан, яъне ин ғунчаро боз макун. Дар завоҳири матлаб агарчӣ ин ҳарчанд бо гузашти замон гӯё аз унсу ҳамнишинӣ хастаанд, аммо ин хастагӣ навъе барояшон оромишу роҳате ҳам бошад.

Ғунчаҳо дар бистари захми ҷигар осудаанд,

Эй насим, оташ мазан дилҳои улфатхастаро [22,149].

Тааммул ба мантиқ ва матлаби байти зерин аз вуҷуди як баёноти пародоксӣ дар таркиб ва мазмуни он паём мерасонад. Шоир таъкид бар ин матлаб дорад, ки агарчи инсон ба саросари олам ё даврони осмон метавонад бигардад, аммо гоҳо қодир нест, ки ба гирди хоҳиши як дил бигардад, яъне хостаҳои дили як нафарро бароварда гардонад:

Тавон агар ҳама даврони осмон гардид,

Ба гирди хоҳиши як дил наметавон гардид [22,560].

Мутолиаи девони Бедил ва тааммул дар он чи гуфта омад, ин нуктаро равшан месозад, ки Абулмаъонӣ бештар дар шарҳи матолиб ва ақоиди ирфонӣ аз ин қабил тасвир ва таркибҳо ба кор мегирад. Тавре таъкид гардид, дар баробари мурур ба фарҳанги мардумӣ дар амри такмили тасовири пародоксӣ, ки нукоте бар он ишорат шуд, аз мафоҳими ирфони ҳиндӣ низ дар

ин росто истифода мекунад. Масалан, ҷамъе аз орифони ҳиндӣ муътақид буданд, ки чун инсон урён ба дунё омадааст, пас барои ӯ либос ҳам тааллуқ ҳисобида мешавад. Аз ин рӯ, аксаран ба сурати нимаурён сайругашт ҳам мекарданд. Бедил дар асл зоҳири ин назарияро интиқод мекунад ва ҳатто ҷое мегӯяд:

Умрҳо шуд дамидааст офоқ,

Белибосӣ ҳанӯз, урён нест [22,274].

Дар ҳамин таъбири «белибосӣ ҳанӯз урён нест» низ шоир навъе тасвире дар таркиби он меофарад, ки танҳо бидуни либос будан урёнӣ наметавонад бошад. Аз ин рӯ, бо корбурд ва такмили ин назария Бедил дар девони хеш чанд таркибе парадоксӣ ба сурати **«ҷомаи урёнӣ»**, **«ҷомеа аз урёнӣ ба бар кардан»**, **«кутаҳӣ кардани ҷомаи урёнӣ»**, **«бараҳнагӣ дар тан хилъати худодод будан»** ва амсоли ин офаридааст, ки дар зимни онҳо матолиби ирфонии покиза ва сафои қалб, дилро аз гарду ғубор тоза намундан ва амсоли ин дар назар аст:

Кутаҳӣ кардани ҷомаи урёнӣ:

Кутаҳӣ кард зи бас ҷомаам аз урёнӣ,

Остин ҳам ба кафам домани бедастрас аст [22,231].

Ҷомаи урёнӣ:

Сар ба зонуи дил аз бедастгоҳӣ хуфтаем,

Ҷомаи урёнии мо ин гиребон кард тарҳ [22, 456].

Дар ҷунун сомони ҷайбу домане даркор нест,

Ҷомаи урёнӣ аз рангам қабо хоҳад шудан [23, 556].

Ҷомаи урёнии гардун:

Дидаи ибратнигоҳон аз кавокиб нест кам,

Бахяҳо бар ҷомаи урёнии гардун занед [22,625]

Хилъати худодод будани бараҳнагӣ:

Танам зи банди либоси такаллуф озод аст,

Бараҳнагӣ ба барам хилъати худодод аст [22, 182]

Ба зоҳир ин ҷо ба назар мерасад, ки гӯё Бедил аз он ҷараён пайравӣ мекунад, аммо таваҷҷуҳ ба умқи матлаб равшан месозад, ки шоир аслан ин ҷо зери маҳфуми бараҳнагӣ ҳар чӣ табиатан аз Худованд ба ӯ расида, ҳамонро дар назар дорад, чун дар мисраи аввал ишорат ба он мекунад,ки тани ман зи банди либоси такаллуф озод аст. Ҳамин ибораи **«либоси такаллуф»**, ки ҳамон уҷбу ғурури дунёӣ низ дар назар аст, моро ба матлаби аслӣ қариб мегардонад.

Дар маҷмуъ, тааммул дар девони Мирзо Абулқодири Бедил гувоҳ бар он аст, ки дар каломи ин суханвари тозакор ва таҷаддудгаро вуҷуди тасвирҳои пародоксӣ дар таркиби таъбирҳои ҷолиби шоирона барои танаввуъи шеваи баён, эҷоди мазмунҳои тоза ва тасвиру ибораҳои ноби шоирона, ки хоси сабки сухани шоир ва забони баёни ӯ ҳастанд, нақши муассир гузоштаанд. Ҳарчанд ин навъ тасовир дар каломи шоирони пешин ба нудрат ба чашм расида, баъдан дар шеъри суханварони сабки ҳиндӣ тадриҷан нуфуз касб карда, аммо, дар ҳақиқат, дар ашъори Бедил, хоса ғазалиёти ӯ ҷилваи нақши ин гуна тасвирҳои шоирона ба як вижагии муҳимми ҳунарӣ бадал гардидаа ки ин матлабро пажӯҳишгарони осори шоир низ эътироф намудаанд. Бар асоси вуҷуди он ҳамчун санъати бадеӣ дар осори назарии адабиётшиносии ҳиндӣ ва кашфи он аз сӯи Озоди Балгиромӣ дар ин замина ҳам метавон бар ин хулоса расид, ки авлавияти чунин тасовир ва ҷойгоҳи он чун шигарди ҳунарӣ дар шеъри Бедил боз ҳам бар нуфузи таъсири поэтикаи қадима ва асримиёнагии ҳиндӣ рабт мегирад. Худи Балгиромӣ низ танҳо тавассути мутолиаи татбиқии балоғати ҳиндиву арабиву форсӣ ва мурур дар каломи шоирони сабки ҳиндӣ аз ин зовия муваффақ гардид, ки онро ҳамчун саънати бадеии «вифоқ» кашф намояд.

ФАСЛИ ЧОРУМ. МАЪНИОФАРӢ ВА ТАВСЕАИ ҶАНБАҲОИ МАВЗУИИ ҒАЗАЛ ДАР ДЕВОНИ БЕДИЛ

Абулмаонӣ Бедили Деҳлавӣ дар баробари эҷоди як инқилоби бузург дар сабки суханварӣ умдатарин мавзӯотеро дар оинаи анвоъи ашъори худ бозтоб бахшидааст, ки дорои арзиш ва аҳамияти умумиинсонӣ мебошад. Дар заминаи баҳсу таҳқиқи мақоми Бедил дар таҳаввули сохториву ҳунарӣ ва маъноии ғазал дар адабиёти тоҷик, ки дар боби аввали рисола ҷараён гирифта, ишороте кутоҳ ба нақши шоир ба ташаккули мазмун ва мундариҷаи ин навъи шеърӣ низ рафт. Мурур ба муҳтавои ғазалиёти Бедил ин амрро бозгӯ мешавад, ки дар канори таҳаввулоти сохториву ҳунарӣ танаввуъи мавзӯии ғазали классикӣ бар пояи ибтикороти шоир дар қолиби ин навъи суннатии шеъри гузашта доираи васеъи мавзуот ва шарҳу тафсири муҳимтарин муомилоти фалсафиву ирфонӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ, ҳатто танзу ҳаҷву интиқод ва амсоли ин бо шеваҳои шоиронаи маъниофариҳо ғунҷоиш ёфтаанд. Онгуна ки аҳли таҳқик доираи васеи мавзуоти матраҳ дар «Маснавии маънавӣ»-и Мавлонои Балхиро таъкид доштаву баррасии наздик ба 2000 масоилро дар ин китоб қайд намудаанд, ба занни қавӣ иқдом дар тақрир мавзуоти фарогири девони Бедил низ метавонад ин нуктаро мусаллам созад, ки Аблуъмаонӣ айни ин корро дар ғазал анҷом дода, ки шояд дар пояи ӯ шоире қарор надошта бошад. Чун ғазал аз анвоъи ғиноии шеър ба шумор меравад ва дар меҳвари мавзуоти он ишқи замиииву ирфонӣ қарор дорад, то асри Бедил маҷмуи масоили матраҳ дар доираи ғазали классикиро метавон баршумурд. Аммо дар сабки ҳиндӣ, хоса мактаби Бедил имкони ҳисоб кардани ин мавзуот мавҷуд нест ва ҳатто метавон изҳор дошт, ки шояд дар як ғазал фаротар аз 10 мавзуъ бо шеваҳои хоси шоирона тафсир шавад. Умедворам таҳқиқ дар тасфиноти мавзуии девони Бедил худ коре ҷудогона хоҳад буд, аммо ин ҷо танҳо ба хотири тазаккур ва баррасии шеваҳои шоиронаи Бедил дар доираи шарҳу тафсири мавзуот, бозтоби мавзуоти ирфонӣ ва фалсафӣ ин масъала аз диди мақоми ҳунарии шоир дар маъниофарӣ мавриди пажуҳиш қарор хоҳад гирифт.

Дар назари аввал,бар пояи мурур ба мавзуоти шеъри Бедил метавон ин нуктаро мусаллам намуд, ки агарчӣ доираи мавзуоти ғазал дар адабиёти гузаштаи мо хеле маҳдуд будааст, вале бо мутолеиа ғазалиёти шоир мо метавонем бар ин натиҷа бирасем, ки ин суханвари мумтоз аз диди мавзуӣ низ ба эҷоди анвоъи ғазалҳои чун фалсафӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, ирфонӣ ва амсоли ин муваффақ гардида, бар ин асос дар маъниофариҳои шоирона ё шеваҳои шоиронаи шарҳу тафсири мавзуот мақом ва ҷойгоҳи хосаеро соҳиб аст. Таснифоти мавзуии девони Бедилро онгуна, ки таъкид шуд, метавон ба таври алоҳида дар доираи як мавзуи ҷудогона баррасӣ намуд, аммо дар доираи баҳс, ки пайванд ба ҳунари шоиронаи Бедил дар шаҳру тафсири мавзуоти мухталиф ва шеваҳои баёни он, мазмунсозиву маъниофарӣ доранд, бар пояи чанд мавзуи мушаххас ин масъалаи меҳварӣ ба риштаи таҳқиқ гирифта мешавад:

Фалсафаи ваҳдат ва касрат, сулҳи кулл ва муколамаи фарҳангҳо:

Мусаллам аст, ки Бедил аз зумраи шоирони мутабаҳҳир дар арсаи таблиғи сулҳу дӯстӣ, мактаби ваҳдати вуҷудӣ эътироф шудааст ва ин ҳам беҳикмат нест, чун ба навиштаи яке аз тазкиранигорони ҳамасри вай, ки ҳамзамон ҳамчун шогирди Бедил маҳсуб мешавад, Хушгӯ «басо муқаддимоте, ки Мавлавии Рум дар маснавӣ ва Шайх Ибни Арабӣ дар «Фусус-ал-ҳикам» баён кардаанд, ҳамаро бо шарҳу басти тамом ва бо ташбеҳҳои тоза ва ранге беандоза дар каломи худ баста, чун намаки ҷамеъи ақсоми сухани шӯрангез тавҳид аст» [84,115]. Пас ғояҳои ваҳдати вуҷудии Бедил то ҷое боз ҳам маншаъ дар омезаҳои ирфони ҳиндиву эронӣ ва исломӣ доранд ва албатта фармудаҳои Худованд дар Қуръони Маҷид сарчашмаи зуҳури ин андешаҳост чун ба таъбири худи вай аллакай дар ҳафтсолагӣ забони аҷзбаёнро бо ихтимоми Қуръони Маҷид фоиз гардонида буд. Аммо воқеан бояд эътироф намуд, ки Бедил дар бозгӯӣ ва ташреҳи ҳикматҳои фалсафаи ваҳдати вуҷудӣ ба масобаи як сояи шоирони пешин қарор нагирифт, балки як роҳи фарозу рушанеро дар андешаи худ кашф кард, ки пушти он симои худи шоир ҷилваҳои нуронӣ дарёфт. Ӯ бо мушоҳидаи амиқ

ба коинот ҳақиқати ин фалсафаро бар асоси сухани офаридгори бузург, ки дар ояи каримае аз худ фармуда: «…. ба ҳар сӯе, ки рӯй оваред, он сӯй аст Худованд» ташреҳ дод ва барои маънигузорӣ дар маърифати ваҳдати вуҷуд нукоти ғарибе аз зиндагонии ҷорӣ дарёфт. Ҳарчанд ҷанбаи аввали андешаҳои Бедил аз китоби муқаддаси Қуръон сарчашма мегирад, аммо ҷанбаи сиёсиву иҷтимоии афкори ӯро низ метавон ба авзои замон ва муҳити зиндагонии худи ӯ пайванд бахшид. Равшан аст, ки Мирзо Бедил дар муҳите зиндагонӣ дошт, ки новобаста ба ибтикороти умарои замони хеш ҳанӯзам ихтилофи диниву мазҳаби миёни мусалмонон ва ҳиндувон ҷой дошт, чун сарзамини Ҳинд аз назари қавмиву миллӣ ва мазҳабиву динӣ аз дергоҳ ба ин гурӯҳҳо қисмат шуда буд. Муҳаққиқон аз муҳимтарин омили пирӯзии намояндагони хонадони темуриёни Ҳинд, хоса Акбаршоҳро дар бунёди давлати муқтадир пеш аз ҳама ба роҳандозии сиёсати оштии мазҳабӣ, ки ба ҷараёни Сулҳи кулл маъруф аст, мансуб медонанд. Бедил ҳам чун яке аз мубаллиғони ин ҷараён баромад намуда, бад-ин роҳ хостори ваҳдат миёни кулли ақвом мешавад, то ҳамагуна хушунати қавмӣ, зиддиятҳои мазҳабӣ аз миён бардошта шавад. Аз ин ҷост, ки борҳо дар ашъори Бедил мустақиман ба масъалаи Сулҳи кулл таъкид мекунад, ки масъалаи оштии диниву қавӣ дар меҳвари он қарор дорад:

Ба ҳамворӣ тариқи сулҳи кулл чанде ғанимат дон,
Зи чанги субҳа бар зуннор печидаст дин худро [36,141].

Бедил ба аҳли замони худ ҳушдор медиҳад, ки ҳамин тариқати сулҳи куллро бояд ғанимат шумурд, ки ба асари он субҳа ва зуннор ба унвони ду унсури муҳими ду дин дар канори ҳамдигар қарор доранд ва айни ҳамдигар шудаанд. Чун ҷавҳари таълимоти Сулҳи кулл ҳам ягона шумурдани аслу моҳияти фалсафаи тамоми адён аст, Бедил бо иблоғи ин ақида таъкид бар он дорад, ки танҳо аносири зоҳирии адён сабаби нофаҳмиҳои фаровоне гардида, динро ба гирдоби ҷангу низоъ бурдаанд. Дар фалсафаи сулҳи кулл бошад, онҳо куллияи ин ақоиди зидду нақизро, ки ҷанбаи зоҳири доранд,

фурӯгузорӣ мекунад ва бо ҳам меоянд. Аз ин ҷо, Бедил ҷомеаи худро ба шинохти арзиши ақидаҳои сулҳи кулл даъват мекунад, ки дар меҳвари он фалсафаи ваҳдати инсонӣ ва ниҳоятан маърифати ҳақиқати оламу одам қарор дорад. Бояд ба қадри ин афкори муҳим, ки инсонгаройиро миёни ақвоми мухталиф таблиғ мекунад, бирасид ва барои он шукргузорӣ намуд. Ҷавҳари андешаи шоир дар ин нуктаи муҳим нуҳуфтааст, ки дар аксари абёте баёнгари ин мавзӯъ таҷассум дорад. аз ҷумла, ҷои дигар наздик ба ин маънӣ таъкид мекунад, ки барои мардумони дар ихтилоф буда, сулҳи куллро назр кун, яъне воҷиб дон, ки дар ин олам аз боиси пархошу тазоди онон ҳамеша ҷангу ҷадал миёни мардумони мухталиф сурат мегирад.

Сулҳи кулл назри ҳарифон, ки дар ин ишратгоҳ,

Оташу об ба ҳам дасту гиребон шудаанд [36,202].

Бедил ин ҳолатро ба дастугиребон шудани оташу об чун ду унсури ба ҳам зид тасвир намудааст ва аз назари дигар агар умқан ба сӯи матлаби Бедил биравем, ҳадафи дигаре аз таъкиди он рӯшан мешавад. Оташу об дар ҳарчанд ба ҳамдигар ихтилоф доранд, аммо ду унсури муҳим барои зиндагонии инсон ба шумор меравад ва мағзи афкори инсонгароёнаи Бедил ҳам дар ҳамин нукта қарор дорад, ки ихтилоф ва тазодҳои зоҳири фикрӣ метавонад боиси аз миён рафтани аносири муҳим барои ҳаёти инсонӣ дар рӯи замин гардад, мисли ин ки оташ обро нест мекунад ё об оташро.

Роҳи равшани Бедил ба сӯи ваҳдати вуҷуд ва таблиғи ӯ аз ин ақидаи умумиинсонӣ мушаххас мегардад. Бедил дар идомаи ин андешаи боло борҳо дар зимни тафсири фалсафаи ваҳдати вуҷуди ҳамин андешаи ягонагии инсониятро бар пояи муносиботи ҷомеаи ҳиндӣ дар ҷавҳар ва асл таблиғ мекунад ва бар ин натиҷа мерасад, ки куллияи мардумони олам ва ҳар чӣ дар олам ҳаст, як ҳақиқате ҳастанд, ки бо ҳазор оина тобон шудаанд:

Бедил он шӯъла к-аз ӯ базми чароғон гарм аст,

Як ҳақиқат ба ҳазор оина тобон шудааст [41,204]

Бедил маҷмӯи ҷангу тазодҳоеро, ки маҳсули дарк накардани ин фалсафаи ягонагии инсон аст, арсаи ғафлат мешуморад ва боз ҳам сабаби

аслии онро носозгории тароиқ ва мазҳабу кешҳои мухталиф ба шумор меоварад, ки асари он бар мардум мерасад. Абулмаонӣ ин матлабро бо таъбири шоиронае ба гунаи зайл баён медорад, ки тир дар дасти ҳамин нофаҳмиву тафриқаи тариқатҳои мухталиф аст, ки аз таъсири он халқ синаи худро пайкон мекунад ва дар муқобили тири адоват ва душманиҳои ин гурӯҳҳо қурбон мешавад:

Сулҳу ҷанги арсаи ғафлат тамошо карданист,

Тир дар кеш асту халқ аз сина пайкон мекашад [41,468].

Бидуни шак метавон гуфт, ки Бедил шоири мубтакир дар андешаи сулҳофаринии сиёсати ҷаҳонӣ ба шумор мераварад ва ин матлаб аз он ҷо сарчашма мегирад, ки вожаи сулҳ дар шумори дӯстдоштатарин калимоти шеъри ӯ қарор дорад. Илова бар ин Бедил дар мавориди фаровоне тавассути корбурди ин вожа ҳарчанд маонии тоза офаридааст, аммо ҳамоно касрати истифода он ба таваҷҷӯҳи хосааш ба моҳият ва асолати сулҳ дар куллии зиндагонии инсон ишорат мекунад. Ин рӯйкард ва муносибати ӯ ба фалсафаи сулҳ ва сулҳофаринӣ дар шеъраш ба ҳадду уруҷ карда, ки ҳатто ғазале бо радифи сулҳ дорад, ки дар он мазомини мухталифе бар пояи корбурди ин вожа офаридааст. Аммо умқан ва моҳиятан равшан мешавад, ки мукаррар садо додани худи вожаи сулҳ андешаеро аз зеҳни шоир берун меоварад, ки дар навбати аввал бо садои мукаррари сулҳ дар ин шеър хонандааш зарурати онро дар зиндагонии инсон эҳсос кунад ва аз сӯи дигар Бедил бо такрори вожаи сулҳ дар радифи ғазали хеш хостори тантанаи сулҳ ва рафоқат, оштӣ дар миёни куллияи зиддият ва рақобатҳои табиӣ ва ҷамъиятӣ аст. Ба ин ғазал аз ин дидгоҳ ручӯъ ва мурур мекунем:

Мӯи пирӣ баст бар табъи ҳасадтахмир сулҳ,
Дод хунро бо сафо оинадорӣ шир сулҳ.
Охир аз вазъи ҷунун узри алоиқ хостам,
Кард бо урёнии мо хори домангир сулҳ.
З-ин тӯфангу тир пархоше, ки дорад ҷаҳли халқ,
Нест мумкин то наёрад дар миён шамшер сулҳ.

Матлаби ноёб моро душмани ором кард,

Бо хамӯшӣ мушкил аст аз оҳи бетаъсир сулҳ.

Бар таҳаммул зан, ки мегардад дар ин дайри нифоқ,

Сулҳ аз таъҷил ҷангу ҷанг аз таъхир сулҳ.

Бо қазо гар сар нахоҳӣ дод, ку пои гурез,

Ихтиёре нест ин омоҷро бо тир сулҳ.

Мардро чун теғ дар ҳар амр якрӯ будан аст,

Нест ҳангоми дуо бехиҷлат аз тазвир сулҳ.

Ом шуд расми тааллуқ шарми озодӣ кирост,

Халқро чун ҳалқа бо ҳам дод ин занҷир сулҳ.

Дар тилисми ҷамъи аздоде, ки барҳамхурданист,

Об мегардам зи хиҷлат гар намояд дер сулҳ.

Эътибори он чӣ дидам, гуфтам авҳом асту бас,

Ҷанги сад хоби парешон шуд ба як таъбир сулҳ.

Дӯш аз пири хирад ҷустам тариқи офият,

Гуфт, эй ғофил ба ҳар тақдир бо тақдир сулҳ.

Кош ранги олами мафҳум дарҳам бишканад,

Танг шуд Бедил ба ҷанги лашкари тасвир сулҳ [41,423].

Фаротар аз ин Бедил бо таъкид дар ин ки куллияи арқом шурӯъ аз оғоз то миллион ҳама шурӯъ аз ҳамин рақами як мешаванд ва бо таъкид бар ин нукта сарчашмаи зуҳури тамоми инсониятро аз ҳамин як нуқтаи воҳид тафсир мекунад, ки ҷавҳари таълимоти ваҳдати инсониро дар андешаҳои шоир арзёбӣ ва муқаррар мекунанд.

Бо ҳама касратшуморӣ ғайри ваҳдат ҳеҷ нест,

Як –як омад бар забон аз сад ҳазор аъдоди мо [41,5]

Нуктаи авҷи фаҳмиши Бедил дар ин замина таваҷҷӯҳи вай ба фарқиятҳои зоҳирии инсоният ва сарчашмаи воҳид доштани кулли эшон маҳсуб мешавад, ки дар идомаи ин матолиб ба тафсири дигаргунаи ин ақида мепардозад. Ҳамоно Бедил ҷамъи инсонҳоро бо фарқиятҳои зоҳириву фикрӣ ба мӯи парешон шабоҳат медиҳанд, ки гар онро ба ҳам оварем, ҳамоно як

гесӯ хоҳад шуд.

Ихтилоти халқ ҷуз жулидагӣ сурат набаст,

Ҳар ду олам печиши як гесӯи бешона буд [41, 643].

Аз шеваи баён ва ташреҳи Бедил пайдост, ки ӯ бештар дар шарҳи ҳикмат ва маншаъи ваҳдати вуҷудӣ ба ғаври аносири воқеии зиндагӣ фурӯ меравад, то ҳақиқати ин амрро берун оварад ва дарки ин матлабро барои хонандаи худ қарибтар созад. Дар байтҳои мазкур ин ҳақиқат равшантар ҷилва дорад. Ниҳоятан бо тафсири ин маънӣ ва таъкид бар ҳақиқати кулл, ки маҷмӯи мазҳабу мактабҳоро роҳ ба ҳамон аст, Бедил ба натиҷае мерасад, ки ҳамаи тазоду фарқиятҳо ба зоҳир ба таъбири ӯ дар либос аст, аммо хун дар вуҷуди ҳама ягона ва ҳамранг мебошад, ончунонки дар пайвари товусу зоғ ҳам ҳамон як хуни сурх аст ва фарқиятҳои онон зоҳирист:

Ихтилофи вазъҳо Бедил либосе беш аст,

В-арна якранг аст хун дар пайкари товусу зоғ[42,881].

Фалсафаи ваҳдат дар шеъри Бедил баробар ба сарчашма доштан дар тафаккури олии инсонӣ ва китоби муқаддаси Қуръон инсониятро ба дарки баробарии тамоми миллату мазҳабҳо ва намояндагони ақвоми дар пешорӯи Худованди бузург даъват мекунад. Аз ин рӯ, ба ақидаи Бедил ҳаргиз нашояд, ки миллате ё қавмеро аз худ поин бишуморӣ ва худро болотар аз он. Бояд ҳамин ягонагиву ваҳдати инсонҳо дар сайёраи замин дуруст маърифат ва дарк шавад, то ин низоъҳои беасоси боиси марги ҳазорон нафар инсонҳошаванда аз миён бардошта шавад.

Таваҷҷӯҳи амиқ ба афкори иҷтимоии Бедили Деҳлавӣ, хоса таблиғи фалсафаи сулҳофаринӣ ва ваҳдатгароии ӯ нукотеро тафсир мекунад, ки воқеан андешаҳои шоир созгор ба рӯҳияи тамоми замонаҳо ҳастанд. Дар баробари ин арзиш ва аҳамияти фикрӣ таваҷҷуҳи ба ин навъи сурудаҳои шоир бозгӯи он ҳастанд, ки Абулмаъонӣ дар тафсири чунин масоили фалсафӣ низ аз шикардҳои ҳунарӣ ва маъноӣ ба кор гирифта, таркиб, таъбир ва вожагони хосеро меофарад, ки дар батни онҳо чунин мазомини баланд ғунҷоши доранд. Аз ин лиҳоз, дар шарҳу тафсири ин масоил низ Бедил

ҳунари шоирии хешро ба намоиш мегузорад, то андешаву афкораш муассир ба мақсуд бирасад.

Дар меҳвари фалсафаи ваҳдати вуҷудии Бедил инсони комил қарор мегирад, ки барои ифодаи он ва ҳатто худи инсон низ шоир таркиб ва таъбирҳои шоиронаеро халқ мекунад. Аз ҷумла, дар шарҳу тавзеҳи мақоми инсони комил аз вожаву таркибҳои «мард», «марди ихтиёр», «марди майдонгоҳи таслим», «марди қудрат», «марди таҳқиқ», «пир», дар баробари худи «инсони комил» истифода намудааст Ба чанд намунае аз абёти шоир ручӯъ мешавад, ки тавассути корбурди таъобир ва вожагони мазкур Бедил аз мақоми инсони комил сухан кардааст:

Бедил зи қайди ҳастӣ, саҳл аст боз ҷастан,

Гар марди ихтиёрӣ, рав аз адам бурун о [41,2].

Марди ихтиёр ҳамонест, ки ҳафт табақаи замину осмон бар ӯ равшан аст ва комилан аз маҷмӯи қуюди дунявӣ вораста гардида. Аз ин рӯ, ба таъбири Бедил барои ӯ, ки ҷамъи он мароҳилро тай намуда, саҳл аз қайди ҳастӣ растан. Ба ин хотир шоир хитоб мекунад, ки агар марди ихтиёрӣ, яъне ворастаӣ аз адам бурун о. Ин ҳамон адамест, ки дар андешаи аҳли ирфон фано шудан дар худ ва бақо дар ҳақ бошад.

Дар байти дигари Абулмаонӣ бошад ибораи «марди майдонгоҳи таслим» ҳамоно шореҳи ҳоли инсони комил аст:

Зи ҷуръат қатъ кун гар марди майдонгоҳи таслимӣ,

Ки теғ ин ҷо буришҳо мешуморад резиши дамро [42,74].

Мавриди дигар Бедил ибораи «марди қудрат»-ро эҷод намуда ва ин ҷо чун талқин мекунад, ки агар марди қудратӣ дилат аз банди кин кушо, яъне кудурату адоватро аз худ дур намо, равшан мешавад,ки дар зимни ин таъбир ҳамоно андешаҳои шоир дар мавриди таъйини шеваҳои расидан ба мақоми инсони комил тафсир ёфта, ки яке аз онҳо аз кинаву адоват дур будан маҳсуб меёбад:

Афсонаҳои Рустаму Бежан ба тоқ неҳ,

Гар марди қудратӣ дилат аз банди кин кушо [41,77].

Ин ҷо дар тафсири Абулмаонӣ ҳамоно ишоратест,ки қудрату манзалати инсони комил ба зуру бозӯи ҷисмонӣ нест, балки дар сафои қалб ва покизагии вуҷуд муҷассам мегардад, ки ин ҷо низ нуфузи андешаҳои орифонаи Бедил дар шинохти ҳақиқати инсон муҷассам мегардад. Мавриди дигар низ бо истифода аз ҳамин таркиб зимнан ифодаи инсони комил мекунад ва таъкид медорад, ки агар марди қудрат ҳастӣ, яъне дар мақоми инсони комил ҳаст, нафасатро ба лаб расон. Ин ҷо зимнан «нафас ба лаб расонидан» нафъе изҳори қудрат ва тавонмандии мақоми инсон ё ҳатто ба таъбири дигар каромот ҳам бошад, ки хоси комилон ва аҳли назар бошад:

Саъйи заифи халқ ба ҷое намерасад,

Гар марди қудратӣ нафасатро расон ба лаб. [41,166]

Абулмаонӣ мавриди дигар барои ифодаи инсони комил аз таъбири «марди раҳ» ба кор гирифта, ки гунаҳое аз он дар адабиёти пешини мо ҳам роиҷ бошад:

Афсонасозии шарару барқ то ба кай,

Гар марди ин раҳӣ ту ҳам аз худ бурун шитоб [41,173].

Ибораи марди таҳқиқ, ки зимнан ба маънии марди ба самти ҳақиқат раванда, ҳақиқатшинос корбаст шудааст, дар каломи Абулмаонӣ чеҳраи инсони комилро барои мо вомекушояд:

Илму фане, ки дорӣ маҳви хаёлаш авлост,

Кас нест марди таҳқиқ, бишкан сабӯ ба дарё [41,149].

Афзун бар ин, дар каломи Абулмаонӣ барои ифодаи инсони комил ва маҷмӯан мақоми маънавии ӯ таркибҳои шоиронаи зиёде аз қабили «ҳайратнигоҳ», «мавҷигавҳартинат», «накҳати гул», «соҳибназар», «рамзошно», ва амсоли ин ба кор рафтаанд, ки ҳамагӣ ҳунари шоиронагии Бедилро дар офариниш ва тарсими чеҳраи инсони комил бозтоб мебахшанд, ки албатта таҳқиқи ин мавзӯъ ба сурати баҳсе мустақил дар пажӯҳишҳои дигар анҷом хоҳад шуд.

Дар муқобили мард, ки намоди инсони комил бошад, Бедил низ чун Мавлоно ва дигар шоирони орифи ин тариқат вожаи «мардак»-ро ба маънии

инсони навроҳ, ноқис ва ниёзманд ба такмил истифода карда. Аз ҷумла, зимне, ки ин вожаро дар як байти хеш дар нисбати шахси воиз ба кор меравад, ҳамоно ба рӯшанӣ ҳувайдо мегардад, ки манзури вай ҳамон инсонест, ки ҳанӯз такмил нашудаву ба ҷое нарасида:

Суҳбати воиз ба ғайр аз дарди сар чизе надошт,

Орамидан муфти хомӯшӣ к-аз ин мардак гузашт [41,402].

Мусаллам аст, ки Абулмаонӣ аз асари оташи афрӯхтаи акобири бузурги рӯзгори хеш дар вуҷуди вай аз чароғи ирфон нашъаи афзун бардоштаву ба қавле ба ҳалқаи маҳофили эшон ҳанӯз аз овони ҳаштсолӣ пайвастаанд. Аз ин рӯ, дар каломи вай бозтоби мақоми маънавии инсони комил дар симои бузургоне чун Шоҳ Қосими Ҳуваллоҳӣ, Шоҳ Яккаи Озод, Шоҳ Камол ва дигарон ҷилвагар аст. Аз ҳама бештар ҳузури Шоҳ Кобулӣ дар зиндагонии маънавии Бедил асаре пурфайз гузошта, ки ин матлабро муаллифи китоби «Бедилшиносӣ» бо такя бар нигоштаҳои худи Абулмаонӣ ба гунаи зайле тавзеҳ дода: «Пас аз чанде дар соли 1076 қ. Бедил бо як нафар сӯфӣ, ки номашро аз қадим шунида буд ва дар сулук бисёр собитқадам буд, тасодуф кард. Ин марди рӯҳонӣ иборат аз Шоҳ Кобулӣ буд, чун боре дар Кобул дида шуда буд, аз ин ҷиҳат ба ин ном шуҳрат ёфта буд. Бедил аз ҳузури вай файзҳо бурда ва аз вай каромоте мушоҳида карда буд. Паёмҳои ботиние, ки аз Шоҳ Кобулӣ судур меёфт, дар назари Бедил мукошифот ва илҳомоте ҷилва мекард, ки аз тарафи зоти бори Таъолӣ ба вай насиб мешуд. Бедил тасаввур мекард ба мақоми фардият расидааст.

Ин воқеа аҳамияти бас бузурге дар инкишофи рӯҳонияти Бедил дошта. Бедил аз ҳангоми туфулият иштиёқи содиқонае ба эҷоди тамоси мустақим бо ҳақиқат дошта ва пирони комиле аз қабили Шоҳ Камол , Шоҳ Яккаи Озод, Шоҳ Фозил ва Шоҳ Қосими Ҳуваллоҳӣ ҳама ба вай башорат дода буданд, ки ба охири марҳилаи тасаввуф хоҳад расид ва фуюзе, ки аз Шоҳ Кобулӣ насиби вай гардида буд, ӯро бештар мутаяққин сохта буд, чунонки Бедил гӯяд: «Дар яқинободи олами таҳқиқ авлиёи ҳазрати Ҳақ айни ҳақанд. Агар аз нур ба

офтоб чашм кушудаӣ, офтоб ҷуз нур чӣ дорад ва агар аз об ба чашма роҳ бурдаӣ, чашма ғайр аз об чӣ бар меоварад?» [45,35].

Дар девони ғазалиёти Бедил сурудаҳое фаровоне ҷой доранд, ки аз асари суҳбат ва таъсири рӯҳонияти ин марди роҳи ҳақ эҷод гардида, зимнан симову сирати ӯро ҷилвагоҳи фазоили инсони комил қарор додаанд. Ҳарчанд Бедил мустақиман дар каломаш ҷое ба номи Шоҳ Кобулӣ ишорат накарда, аммо оҳанги шӯрангези ин ғазалиёт нидои дарунӣ ва эҳсоси қаблии шоирро нисбат ба ин чеҳраи ормонии ӯ, пиру муршиди комили вай то қалюбҳои мо мерасонанд. Аз ҷумлаи он ғазалҳое байти матлаъи чанде зикр мешавад, ки бад –ин сурат ба қалам омаданд:

Дилдор рафту дида ба ҳайрат дучор монд,
Бо мо нишони барги гуле з-он баҳор монд [41,590].

***

Дилдор гузашту нигаҳи бозпасин монд,
Аз рафтани ӯ он чӣ ба мо монд, ҳамин монд [41,591].

***

Дилдор муқими дили мо шуд, чӣ ба ҷо шуд,
Ҷояш ба ҳамин оина во шуд, чӣ ба ҷо шуд [41,591].

Ҳамин тавр, Абулмаонии Бедил низ дар шинохти мақоми инсони комил, чӣ аз диди орифонагӣ ва чӣ шоиронагии хеш шеваҳои махсусеро ба кор мегирад, ки маҷмӯан аз маърифат ва назаргоҳи хоси ӯ сарчашма гирифтаанд.

Маъниофарӣ перомуни мафоҳим ва истилоҳоти фарҳанг ва ирфони ҳиндӣ:

Бедил чун дар муҳити ҳиндӣ зиндагонӣ менамуд, таъсири андешаҳои мактабҳои фикрӣ ва фалсафии он, аз ҷумла мартозону бараҳманон берун намонда. Аз ин ҷост, ки ӯ назди орифи машҳури замони хеш фалсафаи йогаҳоро омӯхтааст,ки баҳси муфассали ин мавзуъ дар фасле аз боби дувуми рисола рафтааст. Бедил бо омӯзиши аносири ин мактаб тавассути Шоҳ Яккаи Озод дар риёзати ирфонии худ аз таълимоти эшон зиёда ба кор гирифтааст.

Дар ашъори Бедил мо зиёда ба таркибҳои забти нафас, нафас дуздидан, нафаси сӯхта, нафасро об кардан ва ғайраҳо дучор меоем, ки нашъа дар ин таълимоти мазкур доранд. Масалан, Бедил мегӯяд:

Забти нафас навиди дили ҷамъ медиҳад,

Гар фоли кутаҳӣ занад, ин реша донаест[41, 264].

Аз ҷониби дигар, Бедил дар инкишофи ҷанбаҳои фикрии ин мактаби фалсафӣ эҳтимом варзида, назарот ва андешаҳои эшонро такомули афзуни маънавӣ бахшид. Бо бардошт аз ин андеша Абулмаонӣ дар тариқати хеш то ба ҷое мерасад, ки нафасро охирин василаи тааллуқи инсон меҳисобад. Аз ин рӯ, фосилаи раҳоии инсон аз тааллуқоти дунявӣ ба андозаи фурсати нафас дуздидан ё нафас сӯхтан ва ё забти нафаси вай аст. Дар талқини ин сухан Бедил ашъори касир гуфта, ки абёти зер намунае аз онҳост:

Бедил эҳёи маъонӣ ба хамӯшӣ кардам,

Нафаси сӯхта эҷози Масеҳои дил аст [42, 239].

Таркиби нафаси сӯхта ҳосили бардошти Бедил аз ин мақоми сулуки мартозон буда, онро эҷози Масеҳои дил шумориданаш аз онаст, ки чун ориф ба мақоми забти нафас бирасад ва тавассути он аз охирин гарди кудурати алоиқ раҳоӣ ёбад, дар хеш мирад ва дубора дар {ақ таваллуд шавад. Бар ин вақҳ нафаси сӯхта мӯъҷизаи дил аст, ки орифи дар хеш мурдаро дубора эҳё мекунад.

Дар мисраи аввал бошад, талқини хамӯшӣ мекунад, ки тавассути он дар байт рабте миёни нафаси сӯхта ва эҳёи маъонӣ ба хамӯшӣ кардани вай барқарор мегардад. Мо қаблан роҷеъ ба вуҷуҳоти хамӯшӣ дар таълимоти Хоси асмо гуфтем, вале мартозон низ дар ин маънӣ назароти хешро доранд.

Мабоҳиси қаблӣ водор месозад, ки як матлаби муҳимро, ки дар заминаи таъсири андешаи мартозони ҳинд ба тафаккури шоир ба миён омадааст, иброз дорем. Агар ба ашъори Бедил мутаваҷҷеҳ гардем, маълум мегардад, ки таркибҳои «хилват гузидан, чашм бастан, хомӯш нишастан, нафас сӯхтан» хеле зиёд ба кор рафтаанд ва ҳар яке аз онҳо ҳовии ҷабҳаи муайяни фикриву фалсафӣ мебошанд.

Ҷавҳари андешаи ин гурӯҳ дар он ифода мегардад,ки ҳангоми иҷрои амали тамрини нафас ориф то дер гоҳ нафасашро даруни сина нигоҳ медорад, зеро ба андешаи эшон нафас аз муҳимтарин васоити пайванди инсон ба олами имкон маҳсуб мегардад. Пас, ба назари ин гуруҳ ҳар ки зиёда нафас дуздад, ворастагӣ ва раҳоӣ аз қайдҳои дунё насиби ӯст.

Дар андешаи Бедил ин аъмоли сӯфиёна хеле такомул ёфтаанд. Агар ба мӯҳтавои аъмоли мазкур мутаваҷҷеҳ гардем, миёни онҳо қаробати қавии муттасил ба назар мерасад. Зимни ин қаробат як навъ пайвасти силсилавӣ аъмоли зикршударо ҳамчун чаҳор зинаи сулуки маънавӣ муаррифӣ менамояд. Дар зинаи нахуст, ки хилват гузидан аст, солик аз тақайюди олам барканор мешавад. Талқини ин зина дар шеъри Мирзо Бедил мукаррар ба қалам омадааст. Масалан, ҷое мефармояд:

Дар ин гулшан чӣ лозим маҳви чандин рангу бӯ будан,

Замоне ҷилваи оина кун хилватгузиниро [41, 134].

Бедил бо бардошт аз рукнҳои аслии зинаи нахуст талқин мекунад, ки ба сурату маънии дунё фирефта машав ва аз он барканор бош, то қадаме сӯи Ҳақ гузорӣ.

Сипас, дар зинаи дуввум мақоми хамӯшӣ гузидан фаро мерасад. Дар ин марҳала сӯфӣ пайванди забонии худро аз оламиён мебурад, зеро ба назари вай сухан гуфтан бо мардум низ навъе аз тааллуқот аст. Дар ишорат ба ин маънӣ абёти касир дорад. Масалан:

Наҷот металабӣ, хамӯшӣ гузин, Бедил,

Ки дар тариқи саломат хамӯшӣ устод аст [41, 242].

Ин ҷо манзур аз наҷот талабидан раҳо шудан аз пайвандҳои заминӣ аст ва тариқи саломат бошад, ифодагари тариқати орифон мебошад, ки ниҳояти он тақарруб ба Худост. Ҳосили сухан он аст, ки василаи асосии раҳоии ориф аз қайдҳои дунявӣ хамӯшӣ гузидан маҳсуб мегардад. Зеро ихтиёри хамӯшӣ дар тариқат устоди сӯфист, ки ӯро ба қурби дӯст ҳидоят менамояд.

Зинаи саввум чашм бастан аз он чӣ дар олам мавҷуд аст, мебошад. Дар ин марҳала сӯфӣ аз мавҷудоти олам чашм барбаста, чашми басирати хешро

мутаваҷҷеҳи мушоҳидаи маъбуд мекунад. Чунки ба назари мӯътақидони ин гурӯҳ чашм дӯхтан ба олами имкон низ навъе пайванд ба он аст. Барои ҳамин сӯфӣ бояд аз ҳар чӣ дар олам ҳаст, чашм пӯшад. Дар ишорат ба ин гуфта Бедил ашъори зиёд дорад:

Диққати бисёр дорад фаҳми асрори адам,

Чашм аз олам бипушӣ, то шавӣ огоҳи мо [41, 24].

Зинаи чаҳорум ин **нафас даркашидан** ё **забти нафас** маҳсуб мешавад, ки мақоми ниҳояти сулук аст. Тавре гуфтем, ин гурӯҳ охирин пайванди инсонро ба дунё дар нафас кашидан маънидод мекунанд. Бедил дар ифодаи маънӣ аз тарокиби **забти нафас, нафас дуздидан, нафаси сӯхта** ва ғайраҳо ба кор гирифтааст.

Профессор Набӣ Ҳодӣ дар баробари дигар орифони ҳиндӣ аз акобири сӯфияи рӯзгори Бедил чунин ёд мекунад: «Бархе аз ин бузургон аз ҷома бениёз буданд, баъзе урён ба назар мерасиданд ва бархе дар олами ҷазабот торӣ, сокит ва мабҳут буданд»[212, 21]

Ҷилваи тафаккури ин гурӯҳи сӯфиён дар ашъори Бедил хеле рӯшан ба назар мерасад. Дар сурудаҳои Мирзо Бедил ба калимот ва таъобиру тарокиби **урёнӣ, урёнтанӣ, ҷомаи урёнӣ ба бар кардан** зиёда дучор меоем. Ин нукта гувоҳӣ он аст, ки сарчашмаи ин андеша дар каломи Бедил аз тафаккури ҳамин гурӯҳ оғоз мегирад,ки роҷеъ ба ин гуруҳи таобир дар фасли тасвирҳои пародоксӣ ишороте аллакай рафт ва мо ин ҷо бо зикри як намунаи дигар иктифо хоҳем кард:

Ба назари Бедил ҳар касе аз либоси тааллуқ озод аст, вай пироҳане аз урёнӣ ба бар дорад. Таъбири «пироҳан аз урёнӣ аз бар кардан» навъе тасвири парадоксӣ ҳам ҳаст, ки дар каломи Бедил ба унвони яке аз шохисаҳои ҳунарӣ нуфуз дорад. Ҷое ба ин сурат тавсире эҷод намудааст:

Чунин к-аз дидаҳо пӯшидаанд аҳволи Маҷнунам,

Ки гар гардун шавам, урёнии ман пираҳан дорад[41,440].

Шоир таъкид мекунанд, ҳарчанд дар ин олам аз қайди тааллуқ вораҳӣ, вале дар танат тасаввуроти оламиён пироҳан мепӯшонад, яъне туро тааллуӯ

мепазирад. Ҳақиқати ин гуфтор аз рамзи ишқи Маҷнун равшан мегардад, зеро мардум ноогоҳона аз асолати ишқаш бар тани вай пироҳани ҷунун пӯшонидаанд. Шоир вақте «аҳволи Маҷнунам» мегӯяд, манзураш ниҳояти ишқи хеш аст, ки арбоби дунё ҳаргиз бар ҳақиқати он бовар накунанд.Манзури шоир аз урёнӣ ворастагӣ аз қайди олам буда, бо бардошт аз тафаккури гурӯҳи қаблан зикргардида дар андешаи Бедил таҳаввули маънӣ кардааст.

Дар баробари мафоҳими марбут ба афкори сӯфиёнаи мактабҳои ҳиндӣ дар сурудаҳои Абулмаонӣ мо ба истилоҳу вожагоне ҳам дучор меоем, ки хоси фарҳанг ва ҷомеашиносии ҳиндӣ буда, шоир онҳоро дар офариниши маонии ноби шоирона, хоса мазомини ирфонӣ ба кор гирифтааст. Аз ҷумла, дар чандин маворид дар девони Бедил мо ба таъбири «бираи пон» дучор меоем, ки он дар асл барги гиёҳе бошад, ки дар Ҳиндустон барои сурх кардани лаб истифода шавад. Онро бираи танбул ҳам гӯяд, ки пон шакли ҳиндии он бошад. Дар «Фарҳанги Онандроҷ» худи ибораи «бираи танбул» ё «бираи пон» чунин тавзеҳ ёфта: - Чанд барги танбул, ки ҳамроҳи коту филфил ва чуна ва аксар дар барги кабала ва пала печанд ва махсуси аҳли Ҳинд аст ва дар вақти рухсат ба касе низ намедиҳанд ва хӯрдани он даҳонро хушбуву рангин мекунад [67, 833-834].

Дар девони Бедил ҳам ба шакли бираи пон ва ҳам ба сурати худи пон омадааст:

Ҳар касе чун гул дар ин гулшан ба ранге дилкаш аст,

Лаб ба соғар боз кардам, бираи пон ёфтам [42,1055].

Дар шакли худи пон дар матлаъи яке аз ғазалҳои Бедил чунин ба кор рафта:

Боз аз пон гашт лаъли навхати дилдор сурх,

Ғунчааш омад бурун аз пардаи зангор сурх [41,424].

Ҳамин тавр, аз ин баҳсу баррасиҳо равшан мегардад, ки дар заминаи афкори сӯфиёни Ҳинд ва корбурди истилоҳот ва мафоҳими хоси фарҳанги ҳиндӣ Бедил тавониста, дар баробари кашфи як сулуки маънавӣ ба

офариниши маъниҳои шоирона ва хосаи ирфонӣ, халқи таркби ва таъбирҳои нав ва таъмини ғанои забони шеъри худ муяссар гардад.

Бозтоби шоиронаи масоили ахлоқӣ дар ғазал. Мирзо Абдулқодири Бедил дар канори он ки дар таърихи адабиёти форсӣ ҳамчун устоди сухан, падари маъниҳо, бунёдгузори мактаби тозаи сухангустарӣ, ки ба номи вай минбаъд бо истиқболи тамом аз ҷониби шуарои фаровоне шӯҳрат пайдо кардааст, ҳамчун муаллими ахлоқ, тарбиятгари инсон, шахсияти мутаваҷҷеҳ ба камолоти шахсӣ ва инсонӣ баромад мекунад. Ба шинохти ин шоири шӯҳратёр мо бештар аз диди шеърият дар сурудаҳои вай, ҳунари шоирӣ, сабкшиносӣ ва ҳатто ҷаҳони андешаҳои борвар аз фалсафа ва ирфон назар афкандаем ва шояд то ҷое афкори ахлоқӣ, ҳикамӣ падари маъниҳо аз назарҳо дур мондааст. Дар ин сурудаҳои шоир ҳам пеш аз ҳама мухотаб боз ҳам насли ҷавон аст, ки ниёз ба камолоти маънавӣ дорад ва ин андешаҳои судманд мутмаинам, ки имрӯз ҳам дар ислоҳи хулқи насли муосири ҷомеа муфид ва файзгузор хоҳанд буд. Бахусус, дар ҳоле, ки паёмадҳои ҷаҳонишавӣ бар тафаккури ҷавонони мо таъсироти ногуворе ҳам гузоштаву дар коҳиши ахлоқ ва маънавиёти ҷомеа, бавижа ин насли ояндаофар боис омадааст.

Дар афкори ахлоқии Бедили Деҳлавӣ низ бо онки тарбияти инсони комил аз тамоми буъду тарафҳо тафсир ва омилҳои таҳаввулоти маънавии ӯ шарҳу тавзеҳ ёфтааст ва дар таҳаққуқ ин консепсияи инсони ба истилоҳ ормонӣ пеш аз ҳама насли ҷавон қарор мегирад, мушаххасан дар 41 маврид дар девони шоир ба ҷавонӣ ҳамчун даврони босамари умр ва айёме аз гузари ҳаёти инсон, ки бояд аз он файзҳои маънавӣ бардошта шуда, ғанимат дониста шавад, мурур гардидааст. Аз аввалин фурсат, ки Бедил ба ҷавонӣ руҷӯъ мекунад, зимни таваҷҷӯҳ ба тарбияи инсони комил ва муайян кардани равишҳои такмили ӯ меъёрҳои синнусолиро, ки илми равоншиносӣ муқаррар намудааст, аз дидгоҳи хеш берун намегузорад. Ӯ мӯътақид аст, ки инсон якбора ё дар фурсати кутоҳ ба камол намерасад, аз ин рӯ зарур аст, ки фурсатҳои синнусолӣ, хоса айёми ҷавонӣ ва наврасиро бо самар истифода

барад, то ин ки аз нигоҳи равоншиносӣ дар айёми пирӣ ангушти таассуф ба даҳон нагузорад. Бедил ба ин маънӣ мефармояд:

Чу гул дар вақти пирӣ мекашӣ хамёзаи ҳасрат,

Макун, эй ғунча, сарфи хоб шабҳои ҷавониро [41,153]

Ин ҷо мушаххас мегардад, ки Бедил инсонро ҳатто аз кӯдакияш ба омӯзиш даъват мекунад ва маънии куллии ин байт инсонро ба се нуқтаи маърифати ахлоқӣ ҳидоят мекунад:

А) Бештар дар фикри омӯзиш будан дар айёми ҷавонӣ

Б) Ба қадри вақт расидан ва онро беҳуда нагузаронидан.

Г] ба такмилу таҳзиби ахлоқ аз айёми ҷавонӣ кӯшидан.

Таъкиди нуктаи савум дар робита ба мазмуни байт ба он хотир аст, ки шояд на ҳама кас имкони пурраи мутолеотиро дорад, аммо истифодаи босамари вақт дар сурати ҳамнишинӣ бо аҳли маърифат ва сӯҳбату файзгирӣ аз онон, инчунин дар андешаҳои таҳзибгари ахлоқ будан ҳам метавонад инсонро ба сӯи камолоти маънавӣ ҳидоят намояд. Дар коргоҳи андешаҳои ахлоқии Бедил бояд ҷавон дар ҷавонӣ бештар ба омӯзиши донишу хирад ва маърифат бипардозад ва аз ҳаргуна амалҳои ноҷур иҷтиноб варзида, ин фурсати ғанимати умрро босамар ва дар ирфонгаройӣ масраф намояд.

Дар мавриди дигар наздик ба ин маънӣ таъкид дорад, ки айёми пирӣ бо ёди ҷавонӣ зиндагонии хешро гарон хоҳӣ кард. Танҳо рӯзгори инсон дар замони солхӯрдагӣ ҳамон вақт ба гаронӣ мувоҷеҳ мешавад, ки агар даврони ҷавонии хешро ба абас ва беҳуда масраф карда бошад ё онро босамар ва дар омӯзишу маърифат сипарӣ нанамуда. Барои ҳамин шоир аз пирии худ дархост дорад, ки маро ёдии ҷавонии беҳуда ва бидуни омӯзишу маърифат ва такмилаи инсонӣ сипаришуда азият медиҳад:

Ту эй пирӣ, магар бори нафас бардорӣ аз дӯшам,

Гарон шуд зиндагонӣ бар дил аз ёди ҷавониҳо [41,138]

Таъкиди азият ва ранҷи инсон дар айёми пирӣ аз дасти ҷавониву ҷавонигариҳои одамӣ дар ин фасле, ки бояд онро бар омӯзишу маърифатандӯзӣ сипарӣ намояд, дар чанд мавриди дигар ҷой дорад ва ин

ҳикмат моро бар ин натиҷа мерасонад, ки Бедил худ чун инсони ин марҳилаҳоро тай кардаву аз таҷрибаҳои хеш хулосабардошта сухан мекунад. Вақте чунин як шоири муқтадир, ки саропои рӯзгораш омӯзишу маърифат ва инсонсолорӣ аст, дар айёми пиронсолии худ ҳамин гуна ҷавонии абасрафта сухан мекунад ва моро ҳушдор медиҳад, ки бояд ба қадри ҷавонӣ бирасем ва онро босамар ва дар густураи донишафзоӣ, хирадварзӣ басар бибарем, пас вой бар ҳоли мост, ки ба андозаи заррае дар муқобили ҷаҳони ҷавонии Бедил самарае дар кулбори ҷавонии хеш надорем. Он ҷо ки Бедил бо он ҳама лабрезии омӯзиш ва маърифат, самараҳои неку авқоти пурбори ҷавонии хеш аз ранҷи ҷавонӣ дар пирӣ ҳикоят мекунад, зиндагонии ин абармарди роҳи андешаву хирад ва инсонсолорӣ воқеан оинаи ибрати насли имрӯз бошад.

Ба пирӣ кашидем ранҷи ҷавонӣ,

Саҳар мекунад гул хумори шабона [22, 592],

Дар андешаи Бедил мисли ин ки инсони шаробхӯрда субҳ аз азияти амалҳои шабонаи худ бар асари нӯшидани машруб азоб мекашад, инсони ҷавонии хешро бо сарфи рафтори беҳуда ба охиррасонида ҳам ҳамингуна айёми пирӣ аз таассуфи номаи амалҳои ҷавониаш ранҷу дарду мекашад. Чун Бедил худро мухотаб қарор дода, аз дарки ин ҳақиқат азоб мекашад, воқеан ҷои ибратомӯзист, ки чунин як нафар инсони ормонӣ бо ин ҳама пурбории рӯзгораш ҳанӯзам аз гузашти лаҳзаҳои камтарини холии умраш ангушти таассуф мегазад. Ҷои он аст, ки зиндагонии Бедил ва шахсиятҳое амсоли ин шоири андешаварз ва мутафаккири инсонгаро бояд барои насли ҷавон намунаи ибрат ва дарси одамият бошад.

Андешаи ҳакимонаи мазкур дар чандин мавриди дигар дар сурудаҳои Бедил бо шеваву матолиби мухталиф тазаккур ёфтааст, ки овардани чанд намунаи дигар барои собити ин назар таъкиде ба нуфузи ин тафаккури олии инсонӣ ва ахлоқӣ дар консепсияи ахлоқии Абулмаонӣ ишорат мекунад:

Завқи пирист Бедил аз ҷавонӣ дам задан,

Ҷинси гармӣ зиннати дукони хокистар бувад[23,89]

****

Оҳ аз шоми ҷавонӣ, субҳи пирӣ рехтанд,

Он чӣ мезад боли ишрат, мезанад акнун нафас [23, 148].

***

Ҷавонӣ тан зад, эй ғофил, кунун сабре, ки пирӣ ҳам,

Ба гӯши нақши по резад навоҳои хами чангаш [23, 164].

Шуд қомати ҷавонӣ дар пириам фаромӯш,

Охир асои чубин аз дастам он асо бурд [22,605].

Дар ҷавонӣ беҳ, ки бошӣ ҳамсулуки офтоб,

То ҳаво гарм аст бояд гармии рафтор сард [22,627].

Аз аҳли ҷоҳ нози ҷавонӣ намеравад,

Чинӣ чӣ мумкин аст кунад мӯи сар сапед [22,630].

Қади пирон тавозӯъ мекунад айши ҷавониро,

Пул аз баҳри видои сел, пушти худ дуто дорад [22,656]

Ҳамин гуна, дар сурудаҳои Бедил ҷойгоҳи айёми ҷавонӣ ҳамчун даврони беҳтарин барои такмилаи ахлоқи инсонӣ ва хирадварзиву донишёрӣ, фурсати беҳтарини шинохти ҳақиқати умр ва самараҳои ҳаёти дунявӣ ва ухравӣ тафсир шудааст ва ба андешаи Абулмаонӣ ҳар чӣ ин айёмро холӣ ба сар барад, ғариқи дарёи таассуф ва пушаймонӣ дар дарвони пирӣ шикваҳо хоҳад намуд.

Бо он ҳама таваҷҷӯҳ фаровон дар ислоҳи ҷомеа дар шеъри Бедил метавон натиҷае бардошт, ки дар зимни талош ба таъйини омилҳои рафъи мушкилоти маънавии ҷомеа, такмили касодии ахлоқӣ, бахусус хулқи ҷавонон ин шоири шуҳратманд мехоҳад, як консепсияи инсони соҳибхулқи замони хешро тарҳрезӣ намояд, ки дар ҳукми инсони ба истилоҳи аҳли фалсафа ва ирфон комил қарор бигирад. Ин инсони парварандаи Бедил пеш аз ҳама дорои хулқи ҳасан аст, ки ҳамин муҳассанот муҷиби иштиҳори вай дар

ҷомеаи инсонӣ мегардад. Ба ибораи дигар, дар марҳилаи аввал Бедил мақоми инсонро дар ҷомеа фаромӯш намекунад ва асли нусратёрии ӯро дар ҷомеаи худ баста ба ҳамин ахлоқи ҳасана мешуморад. Ин аст, ки ҷое Бедил мегӯяд:

Соҳиби хулқи ҳасан гулҳо ба доман доштаст,

Чарбу нармӣ аз табоеъ оби равған доштаст [22,376]

Тафаккури олии ахлоқӣ ва таваҷҷӯҳ ба камолоти маънавии инсон ҳанӯз аз байти нахустини девони Бедил оғоз ёфта, саропои сурудаҳои шоирро фаро мегирад. Аз аввалин байти девон мо ба як нуктаи хеле муҳим- асли маърифати роҳи эътибори инсон дар зиндагӣ дастрасӣ менамоем,ки он хоксориву фурутанӣ мебошад ва шоир ин матлабро дар батни истилоҳи хосаи шеъри худ аҷз таҷассум бахшидааст.

Дар андешаи орифон ҳар кӣ дар хоксориву фурӯ танӣ, фақру нодории дунёӣ ва буридан аз алоиқи он, ки маҷмӯ ан дар шеъри Бедил дар вусъати вожаи аҷз ҷой гирифтаанд, зиндагӣ кунад, бисоти қурб барояш ба осонӣ муяссар шавад.

Ин маънӣ дар байти дигар ба сурати истифодаи вожаи пастӣ талқин шудааст:

Ба пастӣ низ меъроҷест, гар озодаи Бедил,

Садои об шав, сози тараққӣ кун таназзулро[22,70]

Пастӣ аслан мақомест, ки дар муқобили баландӣ қарор дорад. Ҳамчун хислати бади инсонӣ низ ба кор равад. Бавижа, дар таркиби калимаҳои «пастфитрат», «сифлатабъ» ва ғайра. Аммо ин ҷо дар шеъри Бедил маънии комилан дигар аст ва барои ифодаи хоксорӣ, фурутанӣ ва ба истилоҳи шоир фақр ва ҳам аҷз ба кор рафтааст. Ибораи «дар пастӣ будани меъроҷ» ба маънии дар хоксориву фурутанӣ мавҷуд будани мақоми баланди инсонӣ, бузургиву шаҳомати хоса ба истифода рафтааст.

Мисраи дувум бошад, дар асл тамсилест, ки Бедил барои собити фикри қаблии хеш зикр намудааст. «Забони об шудан» ба маънии дар забони об ҷорӣ шудан, маърифат ва шинохти садои об аст, ки ҳар қадар поин равад, ҳамон андоза баланд гардад.

Бедил ба худ муроҷиат карда таъкид менамояд, ки дар мақоми хоксориву фурутанӣ, дар аҷзу фақр баландие мавҷуд аст, ки чашми таҳқиқ боз кунӣ, он бароят рӯ шан ҷилвагар бошад. Агар ба ин бовар надорӣ, боре ба дидаи басират ба таҳрики об ба сӯ и поин нигару ба садои он таваҷҷӯҳ кун. Ҳар қадар ба поин нузул кунад, яъне ба таъбири Бедил ба пастӣ майл намояд, ҳамон андоза садояш баланд шаваду оҳангаш уруҷ намояд. Бо изҳори ин маънӣ Бедил инсонро ба фурутаниву хоксорӣ мехонад, ки аз муҳимтарин аркони ахлоқӣ ва роҳи расидан ба камолоти маънавӣ маҳсуб мегардад.

Тақдири дӯстӣ ва расидан ба қадри дӯсти асил, арҷ ниҳодан ба ҳар чӣ аз шахсиятҳои азиз ба инсон мерасад ва шинохти поси ошноӣ дар андешаҳои ахлоқии Бедил на танҳо ҷойгоҳи муайянеро касб кардааст, бакли ба ҳукми душвортарин шеваи олам муаррифӣ гардидааст:

Ба дил гуфтам кадомин шева душвор аст дар олам,

Нафас дар хун тапиду гуфт: Поси ошноиҳо [22,72]

Шева дар луғат ба маънии роҳ, равиш тариқ бошад. Ба иқтизои матлаби байт ин вожа дар шеъри Бедил ба маънии амал, кирдор, қоидаву одоби хоси инсонӣ, рукни сулуки маънавӣ корбандӣ шудааст. Дар хун тапидани нафас бошад баёнгари маънии хун хурдани дил, риёзат кашидани дил, дар худ фурӯ рафтани дил бошад. Чун асолати инсон дар дил аст ва ҳастии ӯ ба нафас побарҷост, дар шеъри Бедил имкон дорад, ки нафас гоҳе худи мафҳуми дилро ифода намояд, ончунонки бештар маънии умрро низ ифода кунад.

Ибораи «ба дил гуфтан» ду маънӣ дорад. Маънии аввал аз худ пурсидан аст, тавре гуфтем, чун асли инсон дил аст. Маънии дувум бошад, аз худ дар танҳоӣ зери лаб суол кардан, бо худ гуфтугӯ кардан бошад, ки ин маънӣ ҳам наздик ба маънии аввал аст. Ба ин маънӣ ибораи мазкур дар гуфтори мардумӣ бо шаклҳои «зери лаб сухан кардан», «ба таҳи дил такрор кардани чизе», «худ ба худ гап задан» низ дучор меояд. Фузун бар ин урафо мӯ ътақиданд, ки дар вуҷуди инсон «ман»-ҳои зиёде мавҷуданд, ки ҳар яке ба зоти худ як нафар инсонро дар вуҷуди ҳамон инсон муаррифӣ карда метавонанд. Зуҳури «ман»-ҳои андаруни инсон пеш аз ҳама баста бар сифоти

ҳамон инсон аст, ки аз ӯ берун оянд. Агар сифоти ҳамидаи инсонӣ дар набарди миёни манҳои андаруни инсон пирӯ з шаванд, он гоҳ шахсияти ҳамон инсон ба сурати як нафари соҳиби ахлоқи ҳамида зуҳур кунад ва мавсум ба унвони инсони меҳрубон, хоксор, ғамхор, самимӣ, раҳим ва амсоли ин гардад. Ва баръакс. Нуфузи сифоти бадӣ «ман»-ҳои замимаро дар вуҷуди инсон буруз мебахшад. Аз ин рӯ вақте Бедил аз дил [яъне худ] суол мекунад, дар ин ҳолат танҳо «ман»-е қодири гуфтани посух ба ин суол аст, ки асли маънавӣ ва ҳақиқати инсонро шинохтаву то ба ҷое расидааст.

Ҳамин гуна Бедил таъкид бар он дорад, ки аз худ пурсидам, ки душвортарин амал ва шеваи зиндагӣ дар ин олам кадом аст. Аз фаросӯ ҳо, яъне он сӯ и асолати «ман», ки ҳақиқати инсону оламро шинохтааст, баъди риёзат ва тааммулу тафаккур посух омад, ки шинохтани қадри дӯ стиву рафоқат ва арҷ гузоштани фурсати ошноӣ аст. Пас, ба назари Бедил дар ин ҷаҳони омадшуд душвортарин амал шинохтани қадри дӯст ва дӯстӣ аст, ки чизе ба гарди домони ин рафтори олии инсонӣ нарасад.

Барои камолоти ахлоқӣ ва маънавии инсон қаноат ба додаву нододаҳои олам хеле муҳим аст. Бо дар маърифати ин матлаб худ ҳамчун аллакай дар ҷое ба унвони як нафар инсони ин рукни муҳими ахлоқиро кашфу дар хеш тарбиятдода баромад мекунад ва мегӯяд:

Дунё агар диҳанд нахезам зи ҷои хеш,

Ман бастаам ҳинои қаноат ба пои хеш.

Барои ба маънии аслии афкори ахлоқии Бедил дар ин шеър расидан ба шарҳу тавзеҳи таркиботи дохили он мепардозем, ки то ҳадафҳои шоир равшантар таҷассум пайдо намоянд.

Дунё додан- ба ду маънӣ аст. а) боигарӣ ва ғановати афзун пешкаш кардан. б) оламро бо тамом аҷзову ашёаш додан.

Аз ҷой нахестан – ин ибора низ ба ду маънӣ аст: а) аз ҷой барнахостанд, рост нашудан. б) тағйири ҷойу ҳолат накарданд, дигаргун нашудан.

Ҳинои қаноат ба пой бастан – киноя аз қаноатпешагӣ кардан.

Ин ҷо барои баёни иртиботи маънавии ибораи «аз ҷой нахестан» ва «ҳинои қаноат» тавзеҳе лозим аст. Мусаллам аст, ки ҳино моддаи моеъе ҳаст, ки онро аз як навъ гиёҳ ҳосил кунанд ва барои шифои ҳар гуна бемориҳо истифода намоянд. Аз ин рӯ, дар гузашта расм буда, ки ҳиноро бар пои ашхоси мубталои бемории пой мемолидаанд ва он шахс то муддати муайян, яъне хушк шудани ҳино аз ҷой хестанаш мумкин набудааст. Аз ин ҷиҳат, Бедил вобаста ба ин амал таносуби зебои мантиқӣ дар шеъри худ пайдо кардааст, ки воқеан ба назари аввал дар ҳолати мазкур дунё агар диҳанд ҳам хестани шахси бемор мумкин набудааст. Асли маънии байт бошад, дигар аст, ки дар зер тавзеҳи он хоҳад рафт.

Маънии байти мазкур ифодаи фалсафаи ворастагии сӯфиёна аз тааллуқи дунявӣ мебошад. Орифон мӯътақид бар он буданд, ки ҳар чӣ аз сарнавишт ба инсон муқаррар шуда, бояд сӯфӣ ё умуман инсон ба он қаноат варзад ва тамаъ кардани беш аз ин дӯстдории дунёст. Аз ин рӯ , Бедил таъкид дорад, ки агар тамоми дунёро бо ҳар чӣ дар он ҳаст ба ман диҳанд, қабул накунам ва мақоми хешро иваз насозам, зеро ба он чӣ дорам, қаноат хоҳам варзид ва зиёда аз он талаб кардан хилофи машраби мо бошад. Аммо бо баёни ин матлаб Бедил аз мақоми инсони ба камолрасидае сухан ба забон меоварад, ки ба таъбири худи вай ҳинои қаноат ба пой бастааст. Сабру қаноат ва ризову шукр барин муҳассаноти ахлоқӣ, ки дар ғазалиёти шоир пайваста талқин мешаванд, аз муҳимтарин лузумоти такмили ахлоқ ва одоби инсонӣ мебошанд, ки бо касби онон шахсият баробари камол пазируфтан ба мақоми маънавӣ мерасад.

Андешаи саховатёрӣ ва тафаккури ҳарфи ниёзҳои соилеро бароварда гардонидан ҳанӯз дар қадимтарин ҳикматҳои ахлоқии ниёкони мо тафсиру шарҳи хосаи хешро пайдо намудаанд. Ба ин хотир аст, ки дар тамомии қаламрави адабиёти форсӣ ин мавзӯъ ба унвони яке аз масоили шоистаи тафаккури ахлоқии инсонӣ ва фарҳанги маънавии инсонгаройӣ матраҳ шудааст ва Мирзо Абдулқодири Бедил низ бо он афкори мунаввари ҳикамие, ки дар сурудаҳои худ баён доштааст, сахову ҷуду карамро ба унвони аркони

ҳимояти моддиву маънавии инсонӣ шоирона тафсир намудааст. Ин аст, ки ӯ бузуртарин қудрати инсонӣ дар гирифтани дасти фитодагон ё ба таъбири худи ӯ вомондагон меҳисобад ва бо ишорат ба инсон таъкид медорад, ки аз фикри ҷаҳонгирӣ раҳо шав ва агар муқтадир ҳастӣ, дасти Бедили вомондаро бигир:

Эй ғурурандеша бар ваҳми ҷаҳонгирӣ маноз

Қудрате гар ҳаст, дасти Бедили вомонда гир [23,121].

Вақте Бедил муроҷиат ба инсони ғурурандеш мекунад ва аз худ дастгирӣ мехохад, ин нидои вай танҳо маҳдуд ба худи ӯ нест, балки дар таркиби вожа ё номи Бедил ин ҷо маҷмӯан тамоми инсонҳое қарор мегиранд, ки ниёз ба дастгирӣ ва ҳимоят доранд ва мунтаҳои андешаи инсонии шоир он аст, ки бузуртарин қудрат дар ҷаҳони омадшуд дастгири вомондагон будан, андешаи ҳимоятро раҳнамои ҳаёт сохтан мебошад.

Бедил сахову карам ва андешаи ҳимоятро маҳдуд ба кӯмак расонидан, зуҳури эҳсон намедонад, балки ҳатто дар сурати пашизе ҳам дар ихтиёр надоштан, ба шахси дармондаву соил бо лаби пуртабассум муошират кардан ва ба таъбири шоир «табассумро дареғ надоштан»-ро низ худ навъе караму эҳсон ба шумор меоварад. Ба ин ваҷҳ аст, ки шоир дар мисраи дувуми байти зери худ таъкид бар он мекунад, ки агар дасти тиҳӣ ҳам дорӣ, лаб ба таҳсину офарин кушо. «Лаб ба таҳсину офарин кушодан» дар ин ҷо ба маънии суханҳои хубу рӯҳнавоз нисбати шахсияти ниёзманд баён намудан ба кор рафтааст:

Аз соилон дареғ нашояд табассумат

Гирам кафат тиҳист лаби офарин кушо [22,120].

Дар ҳамин ҷост, ки Бедил саховатмандиро оби ҳаёти вуҷуди инсон мешуморад. «Оби ҳаёти ҷӯи ҷасад» таркибест, ки Бедил ҷое ба маънии ваҷҳи ҷовидонагии номи инсон ва ҳам асос барои шӯҳрат ёфтани ӯ ба кор бурдааст. Аз ин рӯ, таъкиди Бедил ба инсон дар ин маврид он аст, ки то метавонӣ аз ин оби ҷовидонагии мавҷуд дар вуҷуди хеш ба берун таровиш деҳ, яъне дар

хайру эҳсон кӯшиш намо, то рӯзгорат мунаввару мунаққаш гардаду номат пайванди абадият:

Оби ҳаёти ҷӯи ҷасад ҷавҳари сахост

Роҳи таровише чу зуруфи гилин кушо [22,120].

Манзури аз ибораи «зуруфи гилин» ҳамин ҷисми инсон бошад, ки дар мисраи аввал ҷасад барои ифодаи он ба кор рафтааст. Дар вуҷуди ҳамаи инсонҳо оби абадиятбахши караму сахо ҳамеша ниҳон аст ва танҳо инсон бояд дар ҷустуҷӯи роҳи изҳор ё манзур намудани он ба афроди ниёзманд бошад, то ному пайкори хешро ба ҷовидон пайванд бахшад.

Мирзо Бедил дар идомаи тафсирҳои худ аз мафоҳими ҳимоят ва зуҳури сахову карам дасти дуо мекушояд, ки табъи карам ҳаргиз бар асари тиҳӣ будани дасти тиҳӣ набояд афсурда гардад, яъне ҳамеша инсонҳое, ки дар караму сахо номвар ҳастанду ин падидаҳои аҳсани ахлоқи инсонро нусрат бахшидаанд, бошад ки дар ғанову қудрати хос қарор дошта бошанд, зеро вуҷуди эшон мушобеҳи абрҳои боронӣ зиндагонии инсонро бо ҳусни эҳсон зебову музайян мегардонанд. Агар дасти инсони саховатманд тиҳӣ монад, он ба сони абри хушке хоҳад шуд, ки бебаронии он ситаме бар киштаҳои сабз хоҳад буд. Барои ҳамин Бедил ин ҷо дасти дуо мекушояд, ки Худованд неъмати инсонҳои соҳибкарамро зиёда гардонад, то зиндагонии инсонҳо аз саховати эшон пурбору рангоранг ва пурбор шавад:

Табъи карам фусурдаи дасти тиҳӣ мабод

Бар кишти оламест ситам, хушкии саҳоб[22, 215].

Бедил борҳо дар девони худ бар мабнои ин ки аҳли карамро дуои хайр мекунад, ки то масоҳати саховаташон пурвусъат бошад, касби ин фазилати аҳсанро барои инсон таблиғ мекунаду кариму сахӣ буданро талқин менамояд. Он ҷост, ки тафаккури карамнажодии Бедил ва иблоғи он ҳанӯз аз аввалин ғазалҳои девони ӯ мешавад, вақте инсонро ба исор- яъне манфиати дигарон бар нафъи худ имтиёз додан, ки авҷи саховату карам бошад даъват намуд, ба сони хуршед сар то қадам карам бурун о мегӯяд:

То аз гулат ҷуз исор ранге дигар нахандад,

Сар то қадам чу хуршед, дасти карам бурун о [22,44]

Ин ҷо дар назари аввал таъкиди Бедил ба он ки аз гулат ҷуз ранги исор нахандад тафсири ҳамон матлаби аз ҳастии худ ба ҷуз саховат ва карам берун наояд маҳсуб меёбад ва ин ҷо аз манзур аз гул вуҷуди инсон аст, бавижа ҳамон сурати зебои ӯ. Фарохнои андешаи шоир ин ҷо ҳам боз ҳамон назар аст, ки ҷисму вуҷуд ва ҳастии зоҳирӣ ҳаргиз наметавонад ба ту шӯҳрату манзалате ато кунад, ҷуз он ки ба таъбири худи Абудмаъонӣ аз хоки он ҷасади оби саховат бурун натаровад. Хуршед сахои нуронии хешро бедареғ барои вуҷуди тамоми ҳастӣ ато мекунад ва дасти карами он ҳамеша навозишгари олам аст ва ҳамин вусъаткаронагии дарёи карами офтобро Бедил бо чашми басират мешиносаду онро барои худ самбули саховат қабул мекунад ва бо таваҷҷӯҳ ба рӯшантарин далели иноят дар ҳимоят ва эҳсон будани шамс Абулмаонӣ ҳастии макрамати онро пешорӯи инсоният тасвир мекунад, то аз бар худ сабақе биомӯзад. Дар луғатномаи фарҳанги саховатёрии Бедил исор ҳам бо караму эҳсон паҳлӯ мезанад ва мавориди фаровоне ҳаст, ки вақте аз ҳимояти ниёзҳои инсонӣ бо икром сухан мекунад, ҳамеша исор меварзад. Вақте боз ҳам мегӯяд:

Замин то осмон исори ом он гоҳ навмедӣ

Бирубем аз дари бози карам ин гарди тӯҳматро [22,75]

эҳсос мегардад, ки воқеан худи шоир дар назари аввал исор меварзад дар шинохту маърифати ин фалсафаи нотакрори тафаккури ахлоқии инсонӣ. Авҷи андешаи карамнажодии Бедил дар таҳқиқи ин матлаб ин ҷо рӯшан аст: бояд манфиати халқро аз ағрозу ҳадафҳои хеш болотар гузошт, чун навмедиву яъс дар дастгоҳу даргоҳи бози карам ғунҷоишнопазир аст. Бедил бо зиндагонӣ дар ҳузурободи андешаҳои орифонаву ҳакимонаи хеш аз дарки каромат бекаронаи даргоҳи сахои Офардигор аст, ки замину осмон, яъне саропои оламро исори халқ мебинад ва аз ин илтифоту эҳсос эҳтизози рӯҳонӣ дарёфта, боз ҳам ба таблиғи судури ин амалҳои шоёни инсонӣ лаб ба сухан мекушояд:

Абр ин ҷо мекунад аз кисаи дарё карам,

Эй тавонгар барнаёрӣ ҳоҷати соил чаро? [22,115]

Дарси ибрат ва ҳикмати Бедил боз ҳам ба мактабхонаи абру саховати он меравад ва инсонро бо ҳикояти ҷолиби аслу сарманшаи карами абр таълим медиҳад: бубин, ки ин абр ҳатто на аз ҳисоби худ, балки аз кисаи дарё саховатёрӣ мекунад. Амри мусаллам аст, ки борони абр маҳсули бухори оби дарёст, ки дубора бар сару рӯи дашту даман чун ҳусули карами он мешорад ва ин зари кисаи дарё барои абр сифати соҳибэҳсониро ато меоварад. Бо тафсири ин аслу маншаи дасти саховати абр, ки на аз ҳисоби худ ӯст, Бедил тавонгарони оламро дарси адаб медиҳад, ки пас чаро ту набитвонӣ аз ҳисоби худ, аз самари дар ихтиёри худат қарор дошта, ҳоҷати соиро бароварда гардонӣ.

Дар андешаи Мирзо Бедил эҳтиёҷи инсон бо диди фалсафии ҷолиб, ки маншаъ дар офариниш дорад, тафсир мешавад, яъне шоири ҳаким бар ин назар аст, ки эҳтиёҷ ҳам отифаи азалии инсон аст ва чун агар он набуда, моҳияти караму саховат аз куҷо арзи ҳастӣ менамуд. Ниёзу эҳтиёҷ ҳаст, ки дар пайи он инсон амали саховатро анҷом медиҳад, то тоҷи карамнажодиро бар сари хеш ниҳад. Ин ҳикматро Бедил дар андешагоҳи хеш ба таври зайл тафсир мекунад:

Зи поси обрӯи эҳтиёҷи мо машав ғофил,

Ба бозори карам, гавҳарфурӯшонанд соилҳо [22, 129]

Карамнажодонро давлату сарват аз дуои соил афзун мегардад ва ба ин ваҷҳ аст, ки шоир ниёзмандонро гавҳарфурӯшони бозори карам унвон мекунад ва бидуни тардид ин гавҳар ҳамон дуои соил аст, ки пайваста нисбати аҳли карам изҳор мешавад ва дуои поку содиқонаву мустаҷоб аст.

Дар мавриди дигар ин маъниро бо мабнои тафаккури офариниш тасреҳ мекунад ва ба ин натиҷа мерасад, ки фазли караму ҳоҷати мо тавъами ҳамдигиранд ва ин мафоҳими отифӣ бо назардошти вуҷуди азалии онҳо пайванди муҳкаме миёни ҳамдигар доранд ва ё ҳатто айни ҳаманд:

Файзи дарёи карам бо ҳоҷати мо шомил аст,

Ташнагиаслем, моро дар назар медорад об [22,214].

Мардони соҳибкарам ҳамеша аз фазлу эҳсони худ дар инфиъол ҳастанд, чун аслан каримонро ҳаргиз ғуруру такаббур ҳамроҳ набудаву нест. Бедил ин маъниро бо ҳастии баҳри бекарон масал мезанад, ки пуробии он маҳсули сахои вай аст. Лабрез аз об шудани баҳрро шоир ҳамчун натиҷаи карами он тафсир мекунад ва ишорат бар он месозад,ки ин ҳикмати зиндагониро аз мураввату меҳрубонии табъи инсони карим барои худ кашф намудаам:

Ман аз муруввати табъи карим донистам,

Ки об гаштани баҳр инқадар, зи шарми сахост [22,422].

бораи ***«об гаштани баҳр»*** дар ин ду ҷо маънӣ дорад, яъне аввал аз шарм об шудан, мунфаил гардидан, дар инфиол мондан ва дувум пуроб гардидан, ки ҳар ду миёни ҳамдигар пайванде қавӣ ёфта, фазилати инсони каримро тавассути масал задан бар баҳр шарҳу тавзеҳ мекунанд.Шоир бо он ҳама вусъати об дар масоҳати баҳр, ки дар андешаи ӯ маҳсули саховатмандии он аст, ин таҷаммуъи бузургро маҳсули инфиол мешуморад ва бо ручӯъ ба ин ҳикмат таъкид карданист, ки тавсеаи карам шарму инфиоли онро афзунӣ мебахшад, чун ин ҳама саховатҳо дар пешорӯи он карими якто ночизанд.

Дар назариёти инсонгароёнаи Бедил нигоҳи инсони сахокеша ҳамеша ба сӯи эҳсону карам во гардидааст. Абулмаонӣ пеши худ суоле мегузорад, ки чаро каримон мустадом бо нигоҳе инчунин зиндагонии хешро маънӣ бахшидаанд? Посухи суолашро худ бад-ин гуна медиҳад, ки назари кушодаи эшон ба ҷониби эҳсон марбут ба он аст, ки онҳо аз дасту дили кушода чашми дигаре боз кардаанд. Ибораи дасту дили кушод миёни мардуми тоҷик ҳамчун таъбири муфассири фазилати инсонҳои саховатпеша истифода мешавад ва маҷмӯан таркибҳои «дасткушод», «дилвасеъ», «чеҳракушод» ҳамагӣ тафсиргари ин маъонӣ мебошанд. Мунтаҳои дидгоҳи фалсафии Бедил дар ин маврид он ҷост, ки саховатпешагон ба он хотир кеши карамёриро ихтиёр

кардаанд, ки онҳо чашми дигаре аз дасту дили кушод доранд ва бо ҳамин чашми ҳақиқатбин дунёро мехоҳанд бишносанд:

Он сахокешон, ки бар эҳсон назар во кардаанд,

Аз кушоди дасту дил чашме дигар во кардаанд [22,468]

Караму саховат ҳамеша ниёзҳои инсонҳоро бароварда мегардонад ва чун одамӣ дар кӯи вомондагӣ қарор мегирад, танҳо бориши борони эҳсон метавонад, дубора ӯро ба худ биоварад. Бедил барои тафсири хосияти сахо ба инсонҳои соҳибасо масал мезанад, ки бидуни вобастагӣ ба асо наметавонад дар ҳаракат бошад. Бениёзии соҳибасо танҳо замоне иттифоқ афтад, ки ӯ аз асо раҳоӣ ёбад ва мустақиму бениёзу солим дар таҳаррук шавад. Ба ин ваҷҳ Бедил карамро василаи раҳоии инсони ниёзманд ба шумор оварда, онро ҳамчун хосияти саховат тафсир мекунад. Таъкиди Абулмаонист, ки набояд аз фазилату хасоиси сахо дур шуд, зеро борони карам ва садоқат бар он метавонад асои ниёзро бишканад ва инсонро дар истиқлоли ҳастии хеш ба сӯи аҳдофу ормонҳояш равона созад. Ибораи «дар айёми фитодагӣ шикастани асо» ин ҷо ба ҳамин маънии баровардани ниёз ба кор рафтааст на баръакси он, ки шояд мӯҳтавои ваҷҳи такягоҳро аз даст додан низ фаҳмида шавад. Фитодае ба асо шудан ин ҷо боз ҳамон тафсири ниёзмандии марди фитодаест, ки бар асари саховату карам асояш бишканад ва дар истиқлоли ҳастии худ қарор бигирад. Хосияти давоии абри караму эҳсон ба ҳадде муассир аст, ки метавон инсони ниёзманд бар асоро аз ин мақоми марбут ба ҳолати беморӣ ё маъюсӣ раҳоӣ бубахшояд, чун амри мусаллам аст, ки инсон дар ду ҳолат метавонад бар асо такя занад, аввал нуқсе дар аъзои ҳаракати ӯ пайдо шуда бошад ва дувум ба пирӣ расида бошад. Меҳвари аслии ҳар ду ҳол ҳам ниёз аст, ки доруи саховат метавонад марҳами он гардад ва одамӣ бар асари он паёми раҳоӣ ва наҷоту шафоат бишнавад:

Магзар зи хосияти сахо, ки саҳоби мазраъаи вафо

Ба фитодагӣ шиканад асо, ки фитодае ба асо расад [22,519]

Чун дуои соилу ниёзмандон ҳамеша ваҷҳи шукуфоии зиндагонии аҳли карам хоҳад буд, Бедил сафову нуру шукуфоии рӯзгори инсонро маҳсули

ҳамин файзи ба шумор меоварад. Таркиби «зи обёрии як нафас» ҳамон муфассири дуову сано гуфтан нисбати ашхоси карим бошад ва саҳаре ба нашву намо расидан ҳам матлаби муваффақ шудан, тавфиқро ёр гардиданро дар худ ғунҷоиш додааст:

Ба дуой аз лаби оҷизон накушудаи дари имтиҳон

Ки зи обёрии як нафас саҳаре ба нашву намо расад.[42, 488]

Бо баёноти ин андешаи ҳакимона инсонҳоро Бедил барои анҷоми амалҳои хайру эҳсон даъват мекунад, то рӯзгори худро тавассути чунин пайкори инсонсолорона рангину музайян гардонанд. Дар канори ин, Абулмаонӣ ҳамон амали сахову карамро қабул дорад, ки дар пайи он миннату лоф задан қарор нагида ва дар роҳи ҳақ ва бидуни ғараз анҷом дода шавад. Аз ин рӯ, ҷои дигар Бедил инсонро даъват бар он мекунад, ки ба мисли абр сахову карами хешро баҳри ҳимояти инсонҳо бедареғ анҷом деҳ, чун амали хайрро миннат пушаймонӣ оварад. Дар пайи анҷоми карамҳои худ мунфаил аз он бош, ки ҳанӯз коре шоистаи ифтихору аз он лофзадан ва такаббур варзиданро анҷом надодаӣ ва бояд бештар аз он ки амал намудаӣ дар фикри эҳсону илтифот бошӣ:

Чу абру баҳр зи лофи сахо пушаймон бош

Карам куну ғариби инфиоли эҳсон бош [42, 838]

Чаро инсонро Бедил мунфаили эҳсонҳои хеш мешуморад? Албатта, авҷи эҳсону илтифоти инсон дар пешорӯи даргоҳи Карами офаридгори бузургу бемисл шабеҳи қатра дар паҳнои баҳр аст ва бояд ҳамеша одамӣ ба саховатҳои худ аз ин равзана назар андозад. Ҳар қадар инсон бештар дар пайи судури амалҳои хайр аст ва караму эҳсон меварзад, ҳамон андоза эътибору манзалати рӯҳиву инсонии ӯ болотар меравад. Аз ин рӯ, инсони мунъимро сахо зинапояест, ки варо ба сӯи ормонҳои олии инсонӣ ва ба камолот раҳнамоӣ мекунад. Одами дорои неъматҳои афзун дар зиндагонӣ агар караму эҳсон аз худ зоҳир накунад, пас ҳастии ӯ мисли сари хушкида ё сароби бидуни об аст, ки бар он кӯлоҳи хушк оташ бод, яъне марг бар чунин неъматдоре, ки аз худ макрамат изҳор намекунад. Ибораи «оташ бар кулоҳи

хушк» дуоест, ки маънии нест бод чунин сари бидуни саховату карами инсони неъматдорро дар худ гунҷонидааст. Чун ҳар чизи хушкида дар оташ худ бисӯзад,Бедил ҳам наъими бесаховатро ба ҳамон кулоҳи хушкида монанд мекунад, ки бар вай оташ бод, яъне сӯхтаву хокистар шавад, зеро аз буди чунин кулоҳу сар барои инсон нобудии он авлост:

Бесахо гардани мунъим чӣ камол афрозад

Сари хушкест, ки оташ ба кулоҳи хушкаш [23,193].

Ин ҷо ба назокат Бедил ба ганҷи Қорун ҳам ишорат дорад, ки бар асари хиссат ва иҷтиноб аз сахои соҳибаш бар замин фурӯ рафт ва ҳанӯз ҳам поин мешавад.

Ҳатто фаротар аз ин андеша карамро Бедил мушкилкушои рӯзгори умри инсон ба шумор меоварад, ки танҳо судури ин амал метавонад маҷмӯи гираҳҳои зиндагонии инсониро фатҳ намояд:

Қатрасомонем, аммо мавҷи дарёи карам,

Дорад оғӯше, ки осон мекунад душвори мо [22, 127]

Агарчӣ дар назари аввал қатрасонии инсон дар пешорӯи мавҷ ҳақирӣ ва аҷзи ӯст, аз сӯи дигар чун дар мисраи дувум душвор намудани мушкилро Бедил таъкид мекунад, манзур гираҳбастании кори олам ҳам бошад, ки дасти карам онро ҳам боз мекунаду ҳам осон менамояд.

Мунтаҳои фалсафаи ҳимоятгарии Бедил аз ниёзҳои инсонӣ таъкиди матлабест, ки маҳз эътибор ва нусрату шукӯҳи инсонии карампешагон дар амали саховати эшон нуҳуфтааст. Барои собити ин назари худ Бедил ба абр масал мезанад, ки кушодагии домани вай боли парвози сабзаву шукӯҳи дарахтон хоҳад буд, яъне ҳар қадар абр бештар бибораду аз худ карам зоҳир намояд, ҳамон андоза парвози ранги баҳору дарахтон бештар мешавад. Ин ҷо ҳам таркиби кушодадоманӣ муфассири амали саховату карам маҳсуб меёбад, ки он марбут ба инсони сахокеш бошад. Бедил барои ифодаи инсонҳои карим инҷо вожаи мураккаби «карамнажод»-ро офаридааст, ки шоиронаву ғунҷоишгари ҷаҳони маънии ҳимоятгарӣ аз ниёзҳои инсонӣ ба шумор меояд.

Сахост нашъаи шӯҳрат, карамнажодонро

Кушодадомании абр, боли парвоз аст [22,326]

Ҳикмати ин андешаи бузурги Бедил он гуна садо мерезад, ки сурояндаи он аз андаруни ҳақиқати таҷоруби худ аз судури ин отифаҳои олии инсонӣ сухан ба забон меоварад, яъне шоири мо дар навбати худ аввалин узви ҳизби карамнажодон аст, ки ин боли парвози рӯҳониро аз асари кушодадонӣ эҳсос кардааст ва ҳар чӣ мегӯяд, пеш аз ҳама маҳсули маърифати ӯст аз амалкарду кирдорҳои хеш.

Вале бо ин ҳама Бедил барои сахову карам ҳадде муқаррар мекунад, чун фалсафаи қадимист, ки фаротар аз камоли ҳар чиз ё ҳар амал нуқсони он бошад ва дар андешаи Абулмаонӣ аз марзи карам берун рафтан ҳам навъе исроф аст, ки онро ҳаргиз раззоқи олам маписандад:

Таровишҳои осори карам ҳам мавқее дорад,

Мабод исроф созад мунфаил, рӯзирасонамро [22,140]

Ин андешаро дар мавориди дигар ҳам Бедил бо намоён кардани далоиле аз зиндагонӣ ва кашфи ҳикматҳои онон тафсир мекунад ва мунтаҳои дидгоҳи орифонаи шоир он аст, ки караму саховат ҳам бояд дар доираи меъёрҳои махсуси низоми ахлоқи инсонӣ хирадварзона ба зуҳур расад, чун на ҳар амали мушобеҳ ба саховатро мансуб метавон донист ва танҳо мурувватy ҳиммaтбаландӣ санади изҳори сахо буда наметавонад. Масали Бедил бар тасбити ин назар хеш боз ҳам дасти карами абр аст, ки бар сари сабзазору дарахтон ҳам мерасад, то онҳо сабзу шукуфо гардонад ва ба таъбири худи ӯ «**рангро пар бахшад, то ба парвоз оварад»** ва бар гоҳе ин абри най сон обрӯи худро бар хок мерезад:

Мурувват гар далели ҳиммати аҳли карам бошад,

Чаро бар хок резанд обрӯи абри найсонро? [22,141]

Обрӯи абри найсон ин ҷо ба ду маънӣ корбаст шудааст, аввал ҳамон оби борон, ки аз абр бар замин мешорад ва дигар обрӯи саҳоб, ки аслу моҳият ва эътибори он дар ҳамин боридани ӯ нуҳуфтааст. Фаросӯи ин баҳси Бедил бо ҳам таъкиди ҳамон назар аст, ки на ҳар ҳиммати баланд нишонаи

саховатмандист чун ҳамин ҳиммат ё мурувват аст, ки обрӯи абри найсонро бар замин мерезад, яъне коҳиш медиҳад. Пас, бояд караму саховат дар ҳадди марзи ахлоқии он сурат бигирад ва инсони орифу карими асил бояд рамзошноӣ он бошад, ки карам ба оне бояд намуд, ки ин шоистагиро соҳиб аст. Чун аз баҳри карами офаридгор файз гирифтани инсон худ давлати эҳсони бузургест, ки на ба ҳар кас насиб мекунад. Шоистагии қабули сахой ва карамро ҳам дарёфтан шарафест, ки сарчашма дар ҳақиқати дарёи саховати офаридгор дорад ва боз ҳам ин ҳикмат дар фалсафаи офариниш гираҳ мехӯрад. Ба ин хотир аст, ки Бедил бо таассуф аз бебаҳрагии худ аз хони карам ҳарф мезанад, ки ҳарчанд нидову салоҳое аз он сӯи ӯ омада буд:

Фарёд, ки мо бехабарон гурсина мурдем,

Бо ҳар нафас аз хони карам буд салоҳо [22, 168].

Мурур ба бархе аз мулоҳизоти Мирзо Абдулқодири Бедил роҷеъ ба фарҳанги инсонии ҳимоят аз ниёзҳо ва анҷоми аъмоли караму саховат ҳамчун унсури таркибии ин фалсафаи равонӣ далолат бар он дорад, ки ин шоири соҳибфазилат дар тафсири ин отифаҳои барҷастаи инсонӣ ба таъбири худи ӯ воқеан «карамнажод» асту «сахопеша». Ӯ аз вуҷуди як инсоне башорат мерасонад, ки худ ҳамеша дар андешаи ҳимояти ҳазорон нафар аз инсонҳои мухталиф аз табори шоирону олимону инсони раҳнаварди зиндагонии муқаррарист. Он чӣ дар сарчашмаҳои адабиву таърихӣ ба ҳузури фаровони шоирону аҳли назар дар хонаи Бедил дар рӯзгори ӯ ва барпоии маҳофили шеъру маърифат тазаккур ёфт, худ равшантарин ҳикояти ҳимояти ӯ аз шеър, андеша,ормон ва ниёзҳои ҳамсолону ҳамнишинон ва муридони вай аст. Абулмаонӣ қабл аз он ки назарияи ҳимоят аз ниёзҳои равонӣ ва ахлоқиву отифии инсонҳоро дар шеър тафсир кунад, худ дар мақоми инсоне қарор доштааст, ки тафаккури ҳимоятро дар зиндагонии воқеии хеш пиёда кардаву пасон каломе аз пайванди пиндор бо амал гуфтааст. Фаязони ин карамнажодии Бедил ҳатто пас аз даргузашти ӯ ҳам дар рӯзгори муридону ихлосмандонаш мутаҷаллист, ки барпоии маҳфили урси Бедил бо ҳузури ҳазорон нафар муридони мактаби шеъру андешаи вай дар хилватгаҳи ваҳдати

ёдҳои эшон таҷассуми барҷастаи давоми мазҳаби ҳимоятёрии Абулмаонӣ ҳам дар зиндагонии ростин ва ҳам дар қаламрави шеър маҳсуб меёбад. Фаротар аз ин, алтофи амвоҷи дарёи карами Абулмаонӣ ва тафсири он дар сурудаҳояш ҳамоно чун рӯзгори ибатомӯзи вай барои мо чароғонии гавҳари мақсуд ва дурахши мунири марвориди ҳикматро манзур мекунанд, ки инсонро бо ҷазаботи хеш самимонаву содиқона ба сӯи уфуқҳои эҳсонёриву саховатмандӣ ва болотар аз ҳамаи ин, ҳимоят аз кӯчактарин ниёзҳои равониву маънавӣ ва дар маҷмӯъ вобастагиҳои инсонӣ ҳидоят мефармоянд. Фаротар аз ҳамаи ин, Бедил бо баёни муҳимтарин масоили ахлоқӣ ва тарбияи ҷомеа дар ғазалиёти хеш кӯшидааст, ки дар баробари даъвати инсон ба худшиносӣ ӯро ҷониби камолоти маънавӣ ва ахлоқӣ хонад, ки ин амал аз тариқи такмили муҳимтарин рукнҳои ахлоқӣ, чун сабру қаноат, шинохти қадри дӯст, аҷзу хоксорӣ ва парҳез аз такаббуру ғурур ҳосил мешавад. Таҳлил ва шарҳу тавзеҳи ин падидаҳои ахлоқи инсонӣ дар навбати аввал тавассути офариниш таркибҳои шоирона, баёни ҳунарварона масоили ахлоқӣ бозгӯи он ҳастанд, ки Бедил дар заминаи тафсири масоили мухталифи фалсафӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, ирфонӣ ба тарҳи мазмунҳои шоирона ва таъбиру таркибҳои нодир низ муваффақ гардидааст, ки дар тақвияти ҷанбаҳои ҳунарии шеъри вай нақши муассир гузоштаанд. Ба хотири дурӣ ҷустан аз такрори матолиб Бедил дар тафсири як мавзуъ ва ё ҳолати иҷтимоиву маънавии инсонӣ ба халқи таъбирҳои мухталифи шоирона иқдом намудааст, ки ин амр низ ба ғанои шоиронаи забони баёни бедилӣ омил гардидааст.

БОБИ ЧАҲОРУМ: ТААССУРИ ПОЭТИКИИ БЕДИЛ АЗ СУХАНВАРОНИ ГУЗАШТА

ФАСЛИ АВВАЛ. БЕДИЛ ВА УСТОД РЎДАКӢ

Устод Абўабдуллоҳи Рўдакӣ бо таваҷҷўҳ ба ин ки дар қаламрави адабиёти форсӣ мафҳуми шеърро ба маънии куллӣ ва он чӣ дар тасаввури аҳли адаб шинохта мешавад, эҳдос намуд, бунёдгузори ин кохи бегазанди фикр, ҳунар ва нерўмандтарин отифа барои ҳастии инсоният эътироф гардидааст. Авомили аслии ҳузури ин андеша миёни аҳли назар пайванд бар чанд нуктаи муҳим дорад, ки тазкиранигорон ва пажўҳишгарон онҳоро бар асоси меъёрҳои аслии маърифати шеър муқаррар намудаанд. Ба забони фасеҳи тоҷикӣ сурудани шеър, тақриба дар соири анвоъи назм, оинабандии куллияи мавзўоти роиҷ барои сурудани каломи муқаффо ва манзум ва амсоли ин дар шумори чунин омилҳо қарор мегиранд. Ҳарчанд аз ҳар сў ба шинохти арзишҳои ҳунарии шеъри устод Рўдакӣ мурур шудааст, вале ҳар бори дигар ки бо диди тозаву нигоҳе муҷаддад ба шеъри устоди шуаро таваҷҷўҳ мешавад, боз ҳам ибтикорҳои нотакроре аз ҳунари шоирии ў таҷаллӣ меёбанд, ки ба нусрати фикрӣ ва авлавияташ дар қаламрави эҷозҳои шоирона таъкид мекунанд. Саид Нафисӣ зимни баррасии таъсири шеъри Рўдакӣ ба шуарои мобаъди хеш аз ҳар нигоҳ, аз ҷумла истиқболи шоирон аз сухани Одамушшуаро, назираҳои эшон ба ашъори ин суханвари сароғози шеъри форсӣ мутаваҷҷеҳ гардида, ҷойгоҳи шеъри устодро дар таквин ва такомули шеъри форсӣ муайян ва муқаррар намудааст. Тааммул дар ин қисмати андешаҳои Саид Нафисӣ қабл аз ҳама як нуктаи хеле муҳимро таҷассум мебахшад, ки воқеан нубуғи шоирии Рўдакӣ аз ҳар машриқе ва аз ҳар уфуқе ба шеъри суханварони форсисаро таъсиргузор аст ва ин асари барҷаста ва мубин ҳатто то ба имрўз мерасаду иншоаллоҳ фардоҳо ҳам идома хоҳад ёфт. Ҳадафи аслии иншои ин фасли рисола мухтасар ҳам пеш аз ҳама мурур ба таҷассуми бархе аз вижагиҳои ҳунарии шеър дар сурудаҳои устоди

шоирон аст, ки минбаъд дар қаламрави шеъри форсӣ ба ҳукми махсусиятҳои куллии як сабки адабӣ ё ҳадди ақал як нафар шоири соҳибмактаб бадал шудаанд. Дар ин замина асли баррасиҳо ба мабнои партави ҷанбаҳои ҳунарии шеъри Рӯдакӣ дар сурудаҳои Бедили Деҳлавӣ ва аз ин роҳ тадовуми арзишҳои ҳунарии шеър дар фосилаи миёни ин ду суханвар сурат хоҳад гирифт.

Вуҷуди як санади муҳим дар тазкираҳо роҷеъ ба истиқболи Бедил аз як рубоии беназири Рӯдакӣ аллакай худ шаҳодат бар он аст,ки Абулмаонӣ ба шеъри Одамушшуаро таваҷҷӯҳи махсус дорад. Таъкиди ин дилбастагии хоса пайванд бар он мегирад, ки Бедил ба як рубоие аз устод Рӯдакӣ мурур кардаву аз он истиқбол намудааст, ки аз лиҳози сабки иншо воқеан назир надорад ва бештар Мирзо Бедил аз равзанаи ҳунари шоирӣ бар он назар андохтааст. Ин рубоии устод Рӯдакӣ тавассути корбандии санъати саволу ҷавоб иншо гардидааст, ки шояд мислаш то замони Бедил бо чунин сабку усули нигориш намунае мавҷуд набошад:

Омад бари ман? Кӣ? Ёр. Кай? Вақти саҳар,
Тарсанда зи кӣ? Зи хасм. Хасмаш кӣ? Падар.
Додам-ш ду бӯса. Бар куҷо? Бар лаби тар,
Лаб буд? На? Чӣ буд? Ақиқ.Чун буд? Чу шакар [115,66]

Рубоии сурудаи Бедил низ бар ҳамин шакл ва аммо бар дигар қофияву радиф аст, ки истиқболи онро аз каломи султони шоирон ба субут мерасонад:

Дӣ хуфт. Кӣ? Ноқа. Дар куҷо хуфт? Ба гил.
Кардам. Чӣ? Фиғон. Аз чӣ? Зи ёди манзил.
Дод! Аз кӣ? Зи худ. Чаро? Зи саъйи ботил,
К-афтод. Чӣ? Бор. Аз кӣ? Сар. Бар кӣ? Ба дил [118,216].

Ҳарчанд дар нусхаҳои девони Бедил низ ин рубоӣ мавҷуд аст, аммо ба он ҳамчун сурудае дар истиқболи устод Рӯдакӣ яке аз шогирдони Абулмаонӣ – Хушгӯ дақиқан дар тазкираи худ ишорат намудааст. Дар «Сафинаи Хушгӯ» бо таъкид бар ин матлаб чунин омада: «Бедил «рубоӣ гуфт дар ҷавоби

Одаммушшуаро Ҳаким Рӯдакӣ, ки то ҳол мумтанеъулҷавоб буд. Эшон баъди сесад сол аз ӯҳдаи ҷавоби он баромадаанд… Фақир Хушгӯ низ ланг-лангон ба сари манзили ҷавоби он расида. Ҳар се нигориш меёбад». Аз ин баёноти Хушгӯ ҳувайдост, ки худи ӯ низ дар ҷавоби Рӯдакӣ ва Бедил рубоие бад-ин шева сурудааст:

Хушгӯ:

Рафтам. Ба куҷо? Ба боғ. Кай? Фасли баҳор.

Дил танг. Чӣ сон? Чу ғунча. Чун? Бе дилдор.

Дидам. Чӣ? Шикастагуле. Аз чӣ? Зи бӯе,

Гул буд? На. Чӣ буд? Нома. Аз кӣ? Аз ёр [120, 215-216].

Ин ҷо маълум мешавад, ки сурудаи Хушгӯ дар пайравии рубоии Бедил анҷом ёфтааст ва ин амр аз мутобиқати радиву қофияи он равшан мегардад. Аммо ба ҷуз рубоии боло дар девони Бедил дигар рубоие низ мавҷуд мебошад, ки бо ҳамин шева суруда шудааст:

Нолид. Кӣ? Булбул. Ба куҷо? Дар гулшан.

Кай? Вақти саҳар.

Аз дасти кӣ? Аз шурӯ шари зоғу заған.

Хун кард ҷигар.

То во шавад роҳи чӣ? Амн. Аз кӣ? Зи ман.

Гуфтам: Чӣ? Сафар.

Гуфт: Оҳ, куҷо? Масӯз дурам зи ватан.

Гуфтан: Таҳи пар [100, 788].

Муҳтаво ва сохторшиносии ин рубоӣ ишорат бар он мекунад, ки дар фарқият аз рубоии устод Рӯдакӣ он бар сурати рубоии мустазод, аммо бо пайравӣ аз қофияву радифи ҳамон сурудаи устоди шоирон ба қалам омадааст ва вачҳи дигари субути истиқболияии хосаи он рубоии устоди шоирон будани сурудаи Бедил ҳам ҳамин амр маҳсуб меёбад. Ҳатто шояд ҳамин усули вежаи нигориши рубоии мазкур омил гардид, ки ин як рубоӣ дар нашрҳои устод Халилулоҳи Халилӣ [46, 452] ва Аббоси Доконӣ [47, 495]ба

сурати ду рубоӣ зикр гардидааст, яъне ҳар як сатри он, ки аз мисраҳои шикаста низ таркиб ёфтааст, ба сурати як байт ва дар умум ҳар байти он як рубоӣ хонда шудааст.

Аз нукоти дигари муҳим, ки дар пайванди ҳунарии шеъри Бедил ва устод Рӯдакӣ қобили таъкид аст, нусрат ва нуфуз ёфтани он вижагиҳои бадеии каломи одамушшуарост, ки минбаъд дар сурудаҳои Абулмаонӣ ва дигар шоирони сабки ҳиндӣ баробари мураввақ гардидан, ҳукми махусияти аслӣ ё мумтозро касб кардаанд. Саид Нафисӣ ҳарчанд бо такя бар ҷойгоҳи тамсил ва ирсоли масал дар шеъри шоирони сабки ироқӣ аносири аввалияи сабки ҳиндиро дар ин марҳила муқаррар мекунад, аммо мурур ба шеъри одамушшуаро собит месозад, ки намунаи аввалини тамсил дар сурудаҳои устоди шоирон таҷассуми равшан дорад. Ин хулосаро метавон аз ғазали маъруфи устод Рӯдакӣ, ки ба унвони яке аз аввалин нусхаҳои ғазали форсӣ ҳам эътироф гардидааст, собит намуд:

Дило то кай ҳамечӯи манеро,
Чӣ дорӣ дӯст ҳарза душманеро.
Чаро ҷӯи вафо аз бевафое,
Чӣ кубӣ беҳуда сард оҳанеро.
Дили ман арзане, ишқи ту кӯҳе,
Чӣ сойӣ зери кӯҳе арзанеро [115,25].

Аслан дар ҳар се ин абёти Рӯдакӣ вуҷуди тамсилро метавонем ба мушоҳида бигирем, ки аввалӣ «ба ҳарза дӯст доштани душман», ки тамсили «дилбастагии беҳудаи инсон ба худ», дигар «беҳуда оҳани сардро куфтан», ки мисоли ҷустуҷӯи амали беҳудаи дар заминаи аз бевафо ҷустани вафо ва «ба зери кӯҳ соидани арзан», ки тамсили азияти дили шоир аз ишқи маъшуқ мебошанд, маҳсуб меёбад. Шеваи хосе аз корбурди тамсил дар қитъаи дигари устод Рӯдакӣ ҳам ҳувайдост:

Ай хоҷа, ин ҳама, ки ту медиҳӣ шумор,
Бодоми тару секию баҳмону бостор.
Мор аст ин ҷаҳону ҷаҳончӯй моргир,

Аз моргир мор барорад ҳаме димор [115,41].

Мусаллам аст, ки ин ҷо устод Рӯдакӣ дунёро ба мор масал мезанад ва шахси дунёдӯстор ё ба таъбири худи ӯ «ҷаҳонҷӯй»-ро, ки хеле таъбири зебои шоирона аст, ба моргир ва ҳамин ҷост, ки гунае аз шеваи корбурди тамсил ошкор мегардад. Аз ин ҷо равшан ҳувайдост, ки ба шакли ибтидоӣ ин навъи бадеӣ дар шеъри устоди шоирон ҷойгоҳи худро равшан мекунад ва минбаъд дар сурудаҳои Ҳофизу Камоли Хуҷандӣ ва дигар аз шоирони сабки ироқӣ кам-кам нуфуз дарёфта, дар шеъри шуарои сабки ҳиндӣ, бавижа каломи Бедил ба ҷанбаи хосаи ҳунарии шеър бадал мешавад.

Бо овардани як намуна аз ашъори Камоли Хуҷандӣ ва Бедили Деҳлавӣ фосилаи тадовуми ин санъати шеъриро метавон аз Рӯдакӣ то Абулмаонӣ муқаррар намуд:

Камоли Хуҷандӣ:

Пеши ноаҳлон чӣ ҳосил зикри пурдонӣ, Камол,

Донаи гавҳар чӣ резӣ мурғи арзанхораро? [119,113].

Бедили Деҳлавӣ:

Муддаӣ даргузар аз даъвии тарзи Бедил,

Сеҳр мушкил, ки ба кайфияти эъҷоз расад [22, 717].

Аз дигар вижагиҳои ҳунарие, ки дар шеъри Бедил ва суханварони дигари сабки ҳиндӣ ҳузури касир дорад, корбурди вожагони мураккаб ва таркибҳое бо истифодаи «вобастаҳои ададӣ»[таъбири Шафеии Кадканӣ] маҳсуб меёбад, ки бештар маҳсули андешаву тафаккури халлоқи худи шоир ҳастанд. Ҳарчанд аксари пажӯҳишгарон вожасозии мураккаб ва ин навъи таъбирофариниро ба унвони вижагии сабки ҳиндӣ муаррифӣ намудаанд ва албатта шеваи кори ин суханварон махсус аст, вале мурур ба зуҳури чунин вожагон дар шеъри устод Рӯдакӣ аввалқадам будани ӯро дар ин раҳгузор низ ба субут мерасонад:

Ману он ҷаъдмӯи ғолиябӯй

Ману он моҳрӯи ҳурнажод.

Некбахт он касе, ки бидоду бихӯрд,

Шӯрбахт он кӣ нахӯрду надод [115,30]

Шояд шеваи кори устод Рӯдакӣ дар сохтмони чунин калимот нисбат ба Бедил соддатар ба назар бирасад, аммо тозагиву вижагии хоси ҷилваи онҳо ба сарчашмаи аслии зуҳури ин равиш дар адабиёти форсӣ таъкид дорад. Дар ин порчаи шеърӣ дар ҳар мисраъ як ё ду калимаи мураккаби муттакӣ бар ҳунари шоирӣ ҷой дорад: «ҷаъдмӯй», «ғолиябӯй», «моҳрӯй», «ҳурнажод», «некбахт», «шӯрбахт». Агарчӣ бахше аз ин вожагон ба назар мустаъмал мерасанд, аммо калимоте чун «ҷаъдмӯй», «ғолиябӯй», «ҳурнажод» таҷассуми махсусияти ҳунарии офариниши ин навъи калимоти шоиронаро дар ҳадиси устоди шоирон собит менамояд.Бад-ин шакл вожагони фаровонеро аз девони Рӯдакӣ метавон бурун овард, ки ҳамагӣ саргаҳи ин ҷанбаи ҳунарии шеъри форсӣ будани ашъори султони шоиронро собит мекунанд ва ҳатто қисмате аз онон аносири вижагии лафзтарошӣ ё вожасозии сабки ҳиндиро ба хотир меоваранд. Чунончӣ, «озоданажод», «сарвбун», «гулшакар», «шакарханд», «хубрафтор», «зишткирдор», «хобкирдор», [баъдан ин таъбир дар шеъри форсӣ хеле маъруф гардид.- Н.Н.], «тофтароҳ», «сахойнома», «латифдаст», «навзин», «гурбарӯй» ва монанди ин.

Бо зикри намунае аз Мирзо Бедил ба шеваи сохтмони калимоти мураккаби муттакӣ бар ҳунари шоирӣ ишорат хоҳад шуд, ки сарчашмаи усулии худро аз каломи устод Рӯдакӣ гирифтаанд:

Хатти ӯ бар субҳ, пиндорӣ шабехуннома аст,

Рӯи ӯ фардест, гӯӣ дар шикасти шони шаб [22, 210].

Ин ҷо вожаи мураккати «шабехуннома» аст, ки файзе аз тафаккури шоиронаи Бедилро дар худ таҷассум намудааст, ки ҳам аз диди сохторӣ ва ҳам аз назари маъноиву ҳунарӣ ба тозагии шеваи кори Абдулмаъонӣ дар ин равиши калимасозӣ ишорат дорад.

Аз шохисаҳои дигари сабки ҳиндӣ, бавижа шеъри Бедил истифодаи парадокс ё ба таъбири устод Кадканӣ тасвирҳои ғайриинтизоъӣ, ки дар заминаи пайванди ду мафҳуми мутазоди ғайриқобили маъно маънии тоза офарида мешавад, маҳсуб мешавад. Ҳарчанд ин вижагии ҳунарии шеър то

замони Бедил дар адабиёти форсӣ камтар ҷилвагар аст ва танҳо дар вусъати ашъори Абулмаонӣ ҳамчун падидаи бадеии каломи манзум эътироф мегардад, аммо мавҷудияти як намуна дар ашъори устод Рӯдакӣ дар сувари таркиби «ҳаловати захм» таваҷҷӯҳи султони шоиронро ба он собит сохта, авлавияти ӯро дар ин замина ҳам бозтоб мебахшад:

Бахокхуфтаи теғи ту аз ҳаловати захм,

Забон барованаду захмро даҳон лесад [115,33]

Таркиби «ҳаловати захм» ҷанбаи пародоксӣ дорад, ба он хотир ки «ҳаловат» ва «захм» вожагоне муқобилмаъно ҳастанд, ки нисбате мутазод ба ҳамдигар доранд. Аз захм аслан ранҷу разият берун меояд, на ҳаловат, аммо Рӯдакӣ ин ҳосили ин захмро, ки аз боиси маъшуқ барояш расида, ба худ лаззати рӯҳӣ ва ҳаловат қабул мекунад ва бад-ин васила ба ҳузури ин наҳваи ҳунарии шеър асос мегузорад.

Намунае барои парадокс аз шеъри Бедили Деҳлавӣ:

Баланд аст он қадарҳо ошёни аҷзи мо Бедил,

Ки бе сайъи шикасти болу пар натвон расид ин ҷо [22,81].

Таносуби миёни вожагони аҷз ва баландии он навъе парадоксист, ки аслан мазмуни мутазод доранд, вале бо таваҷҷӯҳ ба маънии ирфонии таҷассум дар байт фаҳмиши наве ба сурати тасвири ғайриинтизоъӣ ҳосил шудааст.

Партави андешаҳои ахлоқии устод Рӯдакӣ дар саросари адабиёти форсӣ ошкор аст ва ҳар ҳикмату андарзи вай муҷиби зуҳур муҷалладоти фаровоне дар тафсири отифаҳои равонӣ ва падидаҳои ахлоқӣ гардидааст. Дар робита ба ин матлаб ҳам нигоштаҳои фаровонеро дар даст дорем ва албатта бо тазаккури ин нукта пеш аз ҳама ҳадафи аслии мо бозгӯии он аст,ки шеър ва ҷаҳони андешаи Бедил ҳам аз ин партав бебаҳра нест. Он ҷо ки устод Рӯдакӣ мефармояд:

Бо дода қаноат куну бо бод бизӣ,

Дар банди такаллуф машав озод бизӣ.

Дар беҳ зи худе назар макун, ғусса махӯр,

Дар кам зи худе назар куну шод бизӣ [115,70]

Мирзо Бедил аз ин омӯзаи ахлоқии устод Рӯдакӣ панд мегирад ва аллакай ҳамчун инсони қонеъ ба ҳасту нести ҷаҳон сухан мекунад:

Дунё агар диҳанд нахезам зи ҷои хеш,

Ман бастаам ҳинои қаноат ба пои хеш.

Ҳикмати Бедил моро ҳам гӯшзад мекунад, ки бояд аз андарзномаи устод Рӯдакӣ сабақ бигирем, то дар қаноат бикӯшем, ончунонки Абӯлмаъонӣ аз ин дарси устоди шоирон панд гирифтаву ба пои худ ҳиноат қаноат бастааст.

Устод Рӯдакӣ ҷое андешаи танҳоии инсонро дар миёни ҳазорон нафар, ки ба таъбири «бо сад ҳазор кас танҳоӣ» ифода намудааст.Ин фалсафа баъдан ба сурати «хилват дар анҷуман» дар тасаввуфи нақшбандии сӯфиёни Фарорудон роиҷ шуд:

Бо сад ҳазор мардум танҳоӣ,

Бе сад ҳазор мардум танҳоӣ [115,122]

Мирзо Бедил ҳамин маъниро бо таҷаддуди баён дар сабки нигориш дар вусъати ибораи «дар миёни анҷуман меаёбадам танҳо нишаст» ғунҷоиш дода, ки бешак сарчашма дар ҳамин афкори устод Рӯдакӣ дорад:

Кас намефаҳмад забони сухтантакрири шамъ,

Дар миёни анҷуман мебоядам танҳо нишаст. [41,345]

Дар мавриди заминаҳои таҳаввули афкори орифонаи Мирзо Бедил ва таҳаққуқи пайванди фикриву маъноии андешаҳои ӯ бо устод Рӯдакӣ низ метавон асноди шеърие аз девони ҳарду шоир пайдо намуд, ки иртиботи ҳасанаи маънавии Абулмаониро бо Одамушшуаро собит месозанд. Аз ҷумла, ин рубоии маъруфи устоди Рӯдакиро ағлаб пажӯҳишгарон ҳамчун намрунаи сароғози шеъри орифонаи форсӣ номзад кардаанд, ки аз ҷиҳоди солик бо нафс ҳамчун рукни меҳварии ирфони амалӣ ҳикоят мекунад:

Гар бар сари нафси худ амирӣ мардӣ,

Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ мардӣ.

Мардӣ набувад фитодаро пой задан,

Гар дасти фитодае бигирӣ мардӣ [115,69]

Бедил ҳам дар девони худ дар байте маънии айни ин матлабро бо шеваи хоси сабки ҳиндӣ тафсир кардааст, ки тааммул дар мӯҳтавои он пайванди фикрии ин ду шоири бузургро бозгӯӣ мекунад:

Эй ғурурандеша, бар ваҳми ҷаҳонгирӣ маноз,

Қудрате гар ҳаст, дасти Бедили вомонда гир[22,121].

Маҷмӯан, ин ҷо метавон нукоти фаровоне дар заминаи пайвандҳои фикриву ҳунарии шеъри Абӯлмаонӣ ва устод Рӯдакӣ ва дар ин замина таҳаввулоти арзишҳои ҳунарии шеъри форсӣ аз «падари шеъри форсӣ» то «падари маъниҳо» ҳадисе фаровон афзуд, ҳарчанд аз назари сабку тафаккур ду шоир дар сатҳи олӣ аз ҳамдигар мутафовит ҳастанд. Аммо бо такя ба он чи дар ин нигошта тазаккур ёфт, метавон натиҷае ҳосил кард,ки бештари вижагиҳои ҳунарии шеъри форсӣ, аз ҷумла каломи Бедили Деҳлавӣ сарчашма дар сурудаҳои устод Рӯдакӣ доранд ва танҳо дар заминаи таҳаввулот онҳо дар мароҳили баъдӣ ба махсусияти шеъри як давраи адабӣ ё мактаби як шоир табдил ёфтаанд. Мактаби шоирии Абулмаонӣ ва ё ба истилоҳи худи ӯ «забони бедилӣ» низ аз ин таъсир ва фаязони ҳунарии шеъри устод Рӯдакӣ мустасно нест. Аз нигоҳи дигар, партави афкор ва андешаҳои ахлоқии устод Рӯдакӣ ҳам дар шеъру ҷаҳоншиносии Абулмаонӣ низ таҷаллое хоса дорад, ки албатта тафсилоти ин баҳс фурсати дигареро тақозо мекунад.

ФАСЛИ ДУВУМ. ЧЕҲРАҲОИ АСОТИРӢ ВА ПАҲЛАВОНИИ «ШОҲНОМА» ДАР ДЕВОНИ БЕДИЛ

Нуфузи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ дар адабиёти форсӣ ба ҳаддест, ки на танҳо соири суханварон ва муаррихону донишварон аз афкори ҳакимонаи пири Тӯс истиқбол намудаву чеҳраашро ба унвони шахсияти ормонӣ ба гунаҳои мухталиф офаридаанд, балки симоҳои асотириву паҳлавонии ҳамосаи безаволи вай барои таҳаввули маънавии осори шоирону нависандагони мобаъди вай нақше муассир ва мунаввар гузоштаанд. Агарчӣ ағлаби ин чеҳраҳо маншаъ дар китоби динии муқаддаси эрониёни бостон Авасто ва осори дигари паҳлавӣ дорад, вале ҳузури «Шоҳнома» дар қалламрави адабиёти форсӣ мӯҷиби роҳбурди ин паҳлавонон ва чеҳраҳои ормониву асотирӣ ба осори суханварони дигар гардидааст. Бешак, дилбастагиву муҳаббати шоирон ба чеҳраҳое амсоли Рустаму Сиёвуш, Сӯҳробу Фаридун, Манучеҳру Кайхусрав ва дигар ашхоси асотирӣ ва паҳлавонӣ ба хадамоти фарҳангиву ҳунарии Фирдавсӣ мутаккӣ аст. Худи Фирдавсӣ ҳам ҷое ишорат дорад:

Рустам яле буд дар Систон,
Манаш кардам ӯ Рустам достон.

Бедили Деҳлавӣ ҳам дар шумули ҳамин суханварони қалламрави адабиёти форсӣ қарор дорад, ки «Шоҳнома»-ро сарчашма ва маншаъи мӯътамад ва дасти аввали вуруд ба пешинаи фарҳангу адаби миллии тоисломӣ қарор дода, дар заминаи мурур ба он тавассути корбурди ин чеҳраҳои офаридаи Фирдавсӣ дар андешагоҳи хеш ба халқи маонии тоза даст меёбад. Ин равиши таваҷҷӯҳи Бедил ба қаҳрамонону паҳлавонони «Шоҳнома» маҳдуд ба девони ғазалиёти ӯ нест, балки дар соири сурудаҳои вай ошкор аст. Ин ҷо мо танҳо ба маънисозиҳои Бедил тавассути асмои ашхоси асотирӣ, паҳлавонӣ ва таърихии «Шоҳнома» ва ишороту нукоти марбут сарчашма дар ин ҳамосаи миллӣ дошта мурур хоҳем намуд, аммо бо амри зарурат ба вуҷӯҳи тарсими чеҳраҳои достониву паҳлавонии «Шоҳнома» дар осори дигари Бедил низ ишорат мегардад.

Яке аз чеҳраҳои паҳлавонии «Шоҳнома», ки ҳам тимсоли қаҳрамонӣ ва ҳам самбули садоқат дар ҷодаи ишқ эътироф гардидааст, Бежан маҳсуб меёбад. Достони Бежан ва Манижа бо фарогирии ҳаводиси фаровони ишкиву паҳлавонӣ дар «Шоҳнома» маъруфияте махсус дорад, аммо нуктаи пуристиқболи ин достони «Шоҳнома» қиссаи ба чоҳ афтодани ӯст, ки пажӯҳишгарон пайванде миёни ин унсури ҳамосаи мазбур бо достони Юсуф [а] барқарор намудаанд. Симои Бежан пас аз Фирдавсӣ ба унвони тиимсоли садоқат дар адаби форсӣ таҳаввул пазируфт ва дар девони Бедил ба мартабаи оинаи таҷаллии ҳақиқати сидқ ва ишқи поку муназзаҳи дорои ҷанбаи рӯҳонӣ расидааст. Ба таъбири дигар Бежан марди роҳи ҳақ ва ошиқу шӯридаи тариқати ишқи лоязолӣ аст Он ҷо ки Бедил мефармояд:

Бурунтоз аст ишқ аз домгоҳи ваҳми ҷисмонӣ,

Ту чоҳе дархури худ кандаи Бежан намекунҷад [41,528]

Дар тафаккури Абулмаонӣ ишқ аз доираи хаёлоти ҷисмонӣ берун аст ва андешаи борвар аз тааллуқоти ҷисмонӣ ба масобаи чоҳест, ки дар он марди роҳи ҳақиқат ва ошиқи содиқ намегунҷад.

Дар мавриди дигар бошад Бедил танҳо ба ҷузъи афсона будани рӯзгори Бежану Рустам ишорат мекунад, ки нерӯи он дар муқобили қудрати инсон алайҳи кудурат ва ғубори нафси аммора ҳеҷ аст. Рустаму Бежан самбулҳои паҳлавониву ҷасоратеанд, ки аз афсонаҳо барои мо расидаанд ва ин ҳам пеш аз ҳама хидмати Фирдавсӣ аст, ки дар ин мақому манзалат ва азамат ононро ба қалами тасвир даровардааст. Аммо таъкиди Бедил он аст, ки ин фасонаҳоро ба гӯшае бинеҳу худат Рустаму Бежани замон алайҳи кинатӯзӣ нисбати дигарон бош. На ҳар нафар муқтадир бар он аст, ки банди кудурат ва кинаро аз дилаш раҳо намояд ва Бежану Рустами Бедил ҳамон кас бошад, ки дар ин майдон марди қудрат буданашро таҷассум гардонад.

Афсонаҳои Бежану Рустам ба тоқ нех,

Гар марди қудратӣ дилат аз банди кин кушо [41,77]

Тимсоли ба таъбири Артур Кристинсен нахустин инсон ва нахустин шаҳриёр Ҷамшед ва Ҷоми ҷаҳоннамои ӯ пайваста шуаро ва суханварони моро маҷзуб гардонидааст. Ин ҷоми афсонавии Ҷамшед аз қаламрави асотири қадим то ба «Шоҳнома» ва аз он ба тафаккури ирфонии шуарои форсӣ расида, самбули дили инсони огаҳ ва ориф гардидааст.

Ҳофиз ҳам фармуда:

Солҳо дил талаби Ҷоми Ҷам аз мо мекард,

Он чӣ худ дошт, зи бегона таманно мекард [124,149].

Таҳаввули маънавии Ҷоми Ҷаҳоннамо дар шеъри Бедил бар мабнои мазмунофариҳои тозаи ин шоир пайваста ошкор аст ва ин татавур мунҳасир ба сурати маънавии ин таркиб нест, ҳатто гоҳе шаклу муодилҳои ҷадиду худии онро аз зовияи нигоҳи шоиронааш ҳам берун кашидааст, ки мурур ба ҷойгоҳи ин таркиби мафҳумӣ воқеияти ин назарҳоро бештар ба субут мерасонад.

Бедил ҷое мефармояд:

Пас аз мутолааи нақши по яқинам шуд,

Ки ҳарзатозаму Ҷоми ҷаҳоннамо инҷост [41, 359].

Ҷоми ҷаҳоннамо-оинаи ибрат ва тимсоли нақши пост, ҳақиқати зиндагии инсон дар он ошкор мешавад. Бедил дар зимни эҳтимом дар таҳаввулоти маънавии ин таъобир нақши поро самбули ҳақиқати зиндагии инсон мешуморад, ки оинаи ростини ҳастии одамӣ ва мавҷуди куллияи аркони олам аст, ки мунтаҳо адам пазирад. Бад-ин васила зимни таҷаддуди маънӣ дар шеъри Бедил Ҷоми ҷаҳоннамо намоди нақши пои инсон аст, ки дар кутоҳтарин фурсат завол ёбад ва ин кӯтоҳии он тасвири камфурсатии рӯзгори одамиро дар ростои ҷаҳони одамшуд чун ҷоми ҷаҳонбин бароиямон мутаҷаллӣ месозад. Бедил бо дарки ҳамин фалсафаи умр мӯътақид аст, ки ман аз таваҷҷӯҳ ба камзарфии нақши по яқин ҳосил намудам, ки тамоми талошҳоям ҷиҳати щукӯҳу ҷалол дар ин дунёи зудгузар ҳарзатозие беш нест. Фузун бар ин, дар шеъри Бедил ибораи нақши ба ду маънии дигар ҳам корбаст мешавад. Аввал, нақши по тасвири гузаштани умр аст, ки ҳар қадам

сурати убури фосилаҳо аз рӯзгори мо ва кам гардидани муддати зиндагониро ифода мекунад. Баъдан, нақши по тадоъӣ бар хок ҳам мекунад, зеро нақши асосан дар хок зоҳир мешавад ва ин хок тасвири заволпазирии куллияи мавҷудоти моддӣ ва ҳатто умри инсонро рӯнамоӣ мекунад.

Дар мавриди дигар ҳам Бедил нақши қадамро оинае мешиносад, ки шукӯҳи Ҷоми Ҷамро ба таъбири худи ӯ «бар хок менишонад:

Гар як нафас оина кунӣ нақши қадамро,

Бар хок нишонӣ ҳаваси соғари Ҷамро [41,120].

Қаробати маънавии байт ва тимсоли Ҷоми Ҷам бо нақши по дар ҳарду байт равшан аст. Ҷолиб он аст, ки бо эҳтироз аз сурати роиҷи ибораҳои «Ҷоми Ҷам» ва Ҷоми Ҷаҳоннамо Бедил таркиби «соғари Ҷам»-ро ба кор гирифтааст, ки собиқаи корбурдии камтар дар адабиёти форсӣ дорад. Абӯлмаъонӣ бо таъкиде равшан ба муроҷеъи худ изҳор медорад, ки агар нафасе нақши поро оина кунӣ, онгоҳ шӯҳрати Ҷоми ҷамро бар хок хоҳӣ нишонд. Ду таркиби шоиронаи ин байт, ки ҳар худ дар таҳаввули маънавии он муассир афтоданд, «оина кардан» ва бар хок нишондан мебошанд, ки қобили тааммул ҳастанд. Аввал ба маънии ваҷҳи инъикос чизе ва ба иқтизои матлаби шоир воситаи маърифат сохта буда, таъбири сонӣ маънии коҳиш додани эътибору нуфузи чизе, поин бурдани мақоми шайъеро дорад. Ҳадафи шоир он аст, ки агар фурсате дар асолати нақши по ва моҳияти он дар шарҳи ҳақиқати зиндагонии башар мурур кунӣ, дармеёбӣ, ки соғари ҷам дар баробари он дар таҷассуми олам ҳеҷ аст. Бар мабнои тафсири фалсафии ҳастӣ дар оинаи нақши по адамҳои ҳастинамо будани олам ва ҳар чӣ дар он аст, ошкор хоҳад гардид.

Дар байти дигар, ки боз ҳам соғари Ҷам тамсили нақши пост, Бедил зимни корбуди ин мафоҳим бештар ба маънии даргузар будани умр таваҷҷӯҳ дорад. Нақши қадамҳои инсон, ки дар саҳфаи хок тарсим меёбад, таҷассуми соғари Ҷаме ҳаст, ки умри гузаштаро рӯнамоӣ мекунад. Рисолати Ҷоми ҷам ба ҷуз ин ки саросари воқеоти оламро муҷалло мекарда, гузаштаҳоро бозтоб ва ояндаҳоро пешгӯӣ мекардааст. Ин ҷо Абулмаонӣ аслан ҳамин матлабро

мавриди назари хешқарор додааст ва ишорат дорад, ки ҳоли рафтагонро аз хоки ин водӣ метавон маърифат намуд.Ин ҷо бояд ба ду вожа таммул намуд,хок ва водӣ. Хок дар бисёр маврид ба маънии қабр ё мазор корбаст мешавад. Дар гӯйиши форси Фароруд таъбирҳои хок кардан ба маънии қабр кардан, гӯронидан ва «ба хок супоридан» низ ба маънӣ мустаъмал аст. Дар мавриди мазорот, қабристон ё гӯристон бошад таъбири «водии хомӯшон» ба кор меравад. Дар шеъри форсӣ ҳам бад-ин шакл мавриди истифода қарор дорад. Аз ҷумла, Ҳофизи Шерозӣ фармуда:

Баъд аз ин манзили мо водии хомӯшон аст,

Ҳолиё ғулғула дар гунбади афлок андоз [124,244]

Бо таваҷҷӯҳ ба маонии ин ду вожа метавон ҳадс зад, ки манзури Бедил аз хоки ин водӣ мазорот аст ва таъкиди шоир боз ҳам қаробати маънии онро бо мазомини абёти боло ба субут мерасонад. Ин ҷо ҳам бояд аз нақши по суроғи соғари Ҷамро гирифт:

Намоён аст ҳоли рафтагон аз хоки ин водӣ,

Зи нақши по тавон кардан суроғи соғари Ҷамро [41,133]

Дар мавриди дигар Ҷоми Ҷам тимсоли нусрату ғано, шукӯҳу фарри шоҳист, ки аз қаноатмандӣ ва иктифо варзида ба мону маноли дунёӣ ҳосил гардад. Бедил касби ҳусули Ҷоми Ҷамро бар асоси пур гардидани косаи чашми гадо муяссар медонад ва таъбири пур шудани косаи чашми гадо маънии серии чашм ва қаноатварзӣ аз муҳаббати молу маноли дунёро пайдо кардааст. Ба ин ҷиҳат аст,ки шоир подшоҳӣ, яъне фару нусрати дунёиро дар тилисми сайри чашм маҳсуб медонад ва худ ибораи тилисми сайри чашм боз ҳам ҳамон қаноат ҳосил кардан ба муҳаббати олам ва серӣ дидани чашм аз моли дунёро таҷассум мекунад:

Подшоҳӣ дар тилисми сайри чашме бастаанд,

Косаи чашми гадо гар пур шавад, Ҷоми Ҷам аст [41,278].

Ҷои дигар муодили Ҷоми Ҷам ва соғари Ҷам паймонаи Ҷам ба кор рафтааст, ки тимсоли олами бехудӣ аст ва дар ҳузурободи ин олам инқсон ба тамошогоҳи ҳақиқати олам муваффақ гардида, дар ҳар рангу тасвири

тағирёфта намое аз Ҷоми Ҷамро ба мушоҳида мегирад. Дар тасаввури аҳли ирфон ранги ба гардишомада ҳамон тағйири ҳолатест, ки инсонро аз дунёи худии зоҳирӣ ба олами бехудӣ мекашонад ва ин ҳолат дар худ Ҷоме ҷаҳоннамойро мутаҷаллӣ месозад ва инсони ориф тавассути он ҳақиқати оламу ашёро, ки асли вуҷуду зуҳури ҳастӣ аст, ба мушоҳида гирифта, мустағриқи он баҳри бекарон мегардад:

Гар ворасӣ ба нашъаи иқболи бехудӣ,

Ранги ба гардишомада паймонаи Ҷам аст [41, 280].

Ҷое дигар дар пиндори Бедил обила, ки маҳсул ва намоди риёзати орифона аст, тимсоли Ҷоми Ҷам аст, ки дар худ шавкату нусрати шоҳиро таҷассум намудааст. Барои инсони раҳрав фарри хусравӣ аз файзи бехудӣ дар ҳар нафас ва ҳар қадам мушарраф мегардад ва ин аз худ буруномадагӣ ҳаргиз бидуни риёзат ба даст наояд. Чун маҳсул ва нишонаи риёзат обила аст, ҳастии он далели нусрати маънавӣ ва тавфиқи ориф дар ҷодаи сафар ба сӯи асолат маҳсуб меёбад.

Шавкати шоҳиам аз файзи ҷунун дар қадам аст,

Чашмзахме нарасад обила ҳам Ҷоми Ҷам аст [41, 336].

Дар чанд мавриди дигар ҳам абёте бо истифодаи чеҳраи Ҷам ҳамчун мухаффафи Ҷамшед ва ишорат ба устураи Ҷоми Ҷам, ки маншаи аслии он дар адабиёти форсӣ аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ қарор дорад, ба қалам омадаанд:

Нашъаи ишқу ҳавас боз дар ин ҷо куҷост,

Гар ҳама хамёзаест соғари айши Ҷам аст [41,394].

Ин ҷо Бедил таркиби дигари шоиронае ба сурати «соғари айши Ҷам» офаридааст, ки тадоъӣ ба танаввуъи таркибсозӣ дар шеъри Абуалмаъонӣ тавассути исми Ҷамшед ва мафоҳими марбут ба он ба зуҳур расида. Дар байти баъдӣ бошад ҷом василаи абадияти номи инсон дар зиндагӣ ва безаволии нусрати хусравие, ки аз худ чизе ба ёдгор мегузорад, муаррифӣ шудааст. Ба таъкиди Бедил агарчӣ Ҷамшед кайҳо ҷисман ба дорулбақо рафтааст, аммо кушодагӣ ва таҷассуми Ҷоми ӯ номашро боқӣ гузоштааст. Аз

ин рӯ, манзури Бедил аз мурур ба қиссаи Ҷамшед таъкид он нукта аст, ки хумори подшоҳӣ ва дилбастагӣ барои расидан ба орзуҳои ҷовидонаи хусравиро ҳатто марг ҳам наметавонад аз миён бардорад. Кушодагии даҳони ҷом, ки онро Бедил хамёзаҳои ҷом унвон мекунад, навъе ишорат ба ношикастагии хумори салтанатдории Ҷамшед менамояд.

Ҳалок шуд Ҷаму хамёзаҳои ҷом ба ҷост,

Ба марг низ надорад хумори ҷоҳ шикаст [41,405].

Дар чанд мавриди дигар ҳам исми Ҷамшед дар пайванд бо ҷом барои тадоъии шукӯҳи шоҳӣ, фарри хусравӣ, нашъаи давлат, ҷоми асолат ва самбули фарҳанги миллии эронӣ ба кор рафтааст, ки ҳамагӣ ба таваҷҷӯҳи Бедил ба ин чеҳраи боризи асотирии «Шоҳнома»-и Фирдавӣ дар девони худ ва офариниши мазомини тоза бар мабнои пайкор ва корномаҳои ӯ таъкид доранд:

Орзу хоҳад кулоҳи ноз бар гардун фиканд,

Ҷоми май дар дасти Ҷамшеди ман акнун мерасад[41,652].

Ҳазар зи нашъаи давлат, ки мастии як ҷом

Ҳанӯз мекашад шиша бар сари Ҷамшед [41,675]

Ба чандин Ҷом натвон ҷуз ҳамон як нашъа паймудан,

Ту ҳам паймонае дорӣ ки пур кардаст Ҷамшедаш[42,841]

Дил қонеи шавқест ба ҳар ранг ки бошад,

Доғи ту ба мо ҷом ба Ҷамшед муборак [42, 891].

Аз чеҳраҳои тобноку меҳварии паҳлавонии «Шоҳнома» Рустами достон маҳсуб меёбад, ки диловариву ҷасорат ва гурди беназир будани вай маҳз ба ҳиммати волои Фирдавсӣ дар адабиёти форсӣ иттифоқ афтодааст. Исми Рустам, ки аз ду бахш – рӯй ва таҳам таркиб ёфтааст ва ҷузъи дувуми он ба лақаби вай Таҳамтан ишорат мекунад, дар як ҷо маънии кашидаболо, бузургтан, қавипайкар таҷассум намудааст ва соири фарҳанҳо низ ҳамин

маъниро забт намудаанд. Иттифоқи ному воқеияти зиндагонии Рустам танҳо дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бо беҳтарин ваҷҳ тарсим пайдо кардаву пасон дар адабиёти форсӣ ҳамин нусрат ҳамроҳи номи Рустам тадовум пайдо кардааст. Худ Фирдавсӣ дар ситоиши Рустам илова бар он чӣ гуфта омад, фармудааст:

Ҷаҳонофарин то ҷаҳон офарид,

Саворе чу Рустам наёмад падид [222]

Рустам дар девони Бедили Деҳлавӣ ҳам тимсоли бузургиву ҷасорат, шукӯҳу нусрати инсонӣ аст ва борҳо барои тафсири ин маъонӣ ба кор рафтааст. Абулмаонӣ бештар дар шарҳи матолиби мармузи иҷтимоӣ аз тимсоли Рустам ва ғурури пуршукӯҳи вай ба кор мегирад ва дар тафсири мақомоти ирфонӣ ин мазоминро мавриди истифода қарор медиҳад. Дар байте аз худ Бедил ба сурати корбурди тасвири парадоксӣ ғурури рустамиро асири зӯри нотавониҳо мешуморад:

Ғурури рустамӣ гуфтам ба хокаш кист андозад,

Зи по афтодагон гуфтанд зӯри нотавониҳо [42,94].

Ин нотавонӣ ҳамон аҷзе аст,ки дар шеъри Абулмаонӣ болотар аз ҳама иқтидору тавон аст ваз и по афтодагон ҳамон соликони роҳи ҳақиқатанд, ки дасти пои тааллуқи худро аз ҷаҳони омадшуд кутоҳ кардаанд. Ин нотавонӣ ҳамон аҷзест, ки роҳе ба авҷи кибриё дорад, ки дар ҳамон байти нахустини Девони Бедил таҷассум ёфтаву борҳо ба он ишорат рафт.

Мавриди дигар бошад Бедил таъкид мекунад, ки нотавонӣ кашидан ҳам осон намебошад ва ин ҷо ҳам манзур ҳамон аҷзест, ки ошёни он хеле ба рифъат дастнорас бошад:

Бар фалак ҳам хам аст дӯши ҳилол,

Нотавонӣ кашидан осон нест [22,274].

Дар афкори иҷтимоии Бедил Рустам авҷу шукӯҳи бузургиест, ки ба дасти асирону камзарфону камқудратон гузаштааст. Абулмаонӣ бо ишорат ба зӯру тавони Рустам авзои иҷтимоии ҷомеаи худро интиқод мекунад, ки қудрату ҷасорат ва шукӯҳу нусратро ба ихтиёри афроди булфузул ва

ҳарзаталош додааст. Бо такя ба ин матлаб Бедил Рустам яъне шукӯҳу ҷасорат ва намоди бузургиро зани марде мешуморад, ки танҳо зӯраш ба кандани боли магас мерасад:

Имрӯз ба ҳукми асари лофи таҳаввур,

Рустам зани мардест, ки боли магасон канд[22,475].

Дар қаробат ба ин маънӣ ҷойи дигар зоҳиран муддаиёни зӯру тавонро интиқод мекунад, ки дар сурат худро Рустам мешуморанду аммо аслан парвардаҳои домани занонанд:

Сард шуд дил аз дами ин паҳлавонони ғурур,

Рустаманд аммо бағалпарвардаҳои холаанд. [41, 493]

Доктор Парвини Салоҷуқа ин равиши корбурдии устураи Рустамро дар девони Бедил бо таваҷҷӯҳ ба мавзӯоти танзомез истиораҳои ришхандомез унвон кардааст [348,125]. Мурур ба маонии офаридаи Бедил тавассути устураи Рустам,ки дар чанд байти қаблӣ таҷаллӣ пайдо кардаанд, воқеияти ин назари донишманди эрониро собит месозад, ки афроди худхоҳу худпарасту лофзанро тавассути корбурди ин самбулҳои асотирӣ мавриди интиқод қарор додааст.

Ҷои дигар Бедил тимсоли Рустамро дар зовияи рамзу розҳои афкори худ ҷой медиҳад ва зиндагониро ба ҳукми Рустами Золе мешуморад, ки талошу тавони инсонро дар асири худ мегардонад:

Зи ғубори лашкари зиндагӣ ду се рӯз пештарак баро,

Ҳазар аз талоши думуият, ки ҳуҷуми Рустами Зол шуд [41,683].

Дар андешаи Бедил Рустам фарру шукӯҳ ва нусрати ҷавонӣ аст, ки рӯзе ба пирӣ мерасад ва дар фурсате аз даст меравад. Ба ин хотир, таъкид бар он медорад, ки дар айёми пиронсолии худ аз лофу газоф ва худситоӣ дур бош, зеро ин мӯи сапеди ту авҷу қудрати ва намоди олии пирият аст. Бедил онро бо таркиби рустами пирӣ ифода намудааст: Таносуби Зол ва Рустами пирӣ бар ду ваҷҳ зоҳир аст: аз назари аввал Зол самбули мӯи сапед аст, ки дар пирӣ ба инсон чун рамзи гузашти умр ва расидани айёми солхӯдагӣ насиб гардад. Аз сӯи дигар, Зол падари Рустам аст, ки бо он ҳама қудрату тавон ин

бузургпаҳлавон рӯзе Зол – яъне пир мешавад ва ба таъбири дигар Рустами пирӣ ҳамон Зол аст:

Чун мӯй сапедӣ занад аз лоф ҳаё кун,

Ҳуш дор, ки Зол аст ҳамон Рустами пирӣ [42, 1273].

Дар иртибот ба номи Рустам исми асби ӯ Рахш низ басомади фаровоне дар адабиёти форсӣ пайдо кардааст. Ба тавзеҳи фарҳангҳо дарозии умри Рахш ба тӯли умри Рустам тавъам афтодааст ва ҳамроҳ дар чоҳе, ки Шағод канда буд, афтода ҳалок мешавад. Фирдавсӣ дар ситоиши Рахш чунин оварда:

Яке модиён тез бигзашт ханг,

Бараш чун бари шеру кӯтоҳ ланг.

Ду гӯшаш чу ду ханҷари обдор,

Бару ёл фарбеҳ, миёнаш низор.

Яке аз курра аз пас ба болои ӯ,

Сурину бараш ҳам ба паҳнои ӯ.

Сияҳчшму бурабрашу говдум,

Сияҳхояву тунду пӯлодсум.

Ба шаб мӯрча бар палоси сиёҳ,

Бидидӣ ба чашм аз ду фарсанг роҳ [117,470]

Дар шеъри Абулмаонӣ бештар дар пайванд ба ин сифоте, ки барои Рахш Фирдавсӣ мансуб донистааст, маонии тоза халқ шудааст. Аз ҷумла, дар мавриде Бедил хаёл ва худи умрро ба рахши мавҷгуҳар масал задааст, ки тезҳаракат ва нопойдору зудгузар аст:

Умрест бо хаёл гаравтози паҳлӯям,

Гардун ба рахши мавҷгуҳар баст зини мо [41, 32].

Дар ду мавриди дигар ҳам ба ҳамин маонии умр ва хаёл ба кор рафтааст:

Аз умр ҳамин қадди дуто монда ба ёдам,

Ин Рахши сабуксайр аҷаб наълнамо рафт [41,298]

Ин ҷо умрро Бедил Рахши сабуксайр унвон мекунад, ки зудгузар ва тезҳаракат аст. Дар байти дигар бошад ҳамон хаёлест,ки василаи ҳаракат ба сӯе ё ҷонибе ба шумор меояд:

Ҳар лаҳза ҳавоест инонтоби димоғам,

Рахше, ки надорам ба хаёл ин ҳама зин аст [41,438]

Бедил тавассути корбурди исми асби Рустам ибораи Рахш тохтан сохтааст, ки маънии ҳамон асб давонидан, асб тохтанро ифода мекунад ва ин таркиб ба маънии дар тасарруфи худ даровардан, тороҷ карданро ҳам корбаст мешавад:

Ҳеҷ кас дар олами иқбол фориғбол нест,

Рахш натвон тохтан Бедил ба пушти боми мо [41,49].

Ибораи «Рахши хиром» дар байти зерин бошад маънии ҷилваву ҳаракати маъшуқро таҷассум намудааст, ки аз асари он ранги зебои гул рӯи асби ранг ба пиёда шудан моил мешавад, яъне ҳама гуна назокату зебоии дунёӣ дар назди хироми қадамҳои маъшӯқ оҷизу заиф тобон аст:

Дар арсае, ки рахши хиромат ҷунун кунад,

Гул гар савори ранг барояд пиёда аст [41,291]

Дар таркиббандҳои Бедил низ маворидиро зиёде ба Рахш ва тимсоли бадеии он ручӯъ шудааст, ки дар ҳар ҳолат таҷаллои мазомини тозаи шоиронаро метавон эҳсос намуд. Ҷое, ки бо истифодаи ибораи «Рахш нутқ» маънии ҳаракати сухан ва каломи мавзуну мубарро халқ шудааст:

Ба роҳи Муҳаммадаш рахши нутқ монда ҳарун,

Зи бори макраматаш гардани тамаъ бишкаст [41,290].

Таркиби «рахш ноз» бошад дар байти дигаре аз як таркиббанди Бедил хурӯшу ҷилваи нозу адои чашми ҷодуи маъшуқро тафсир мекунад:

Ба рахши ноз савор аст чашми ҷодӯяш,

Мижа инону сари зулф тозиёнаи ӯ [42,821].

Дар канори таҷассуми чеҳраҳои паҳлавонӣ ва асотирии «Шоҳнома» дар девони Бедили Деҳлавӣ аз мафоҳим ва асмои рамзии туюр, ҷуғрофиёи

таърихӣ ва дигар матолибе ба кор рафтааст, ки ҳар яке аз ононро метавон навъе истиқболи шоиронаи Бедил аз афкор ва корномаҳои Фирдавсӣ номзад намуд. Барои намуна бар чанд мафҳум ва асмои дигар мурур мешавад:

Симурғ исми паррандаест, ки пари худро ба Зол падари Рустам тақдим намуд, то дар айёми сахтӣ онро бар оташ афканад то вай кӯмаки Зол бирасад. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ Симурғ чун табиби доно низ ёд мешавад. Ин ҳангомест, ки Рудоба аз дарди зоямон ба ранҷ буд, Симурғ ба ёрии Зол мешитобад ва равиши рустамзод ё рустамиёнаро ба мӯбаде хирадманд меомӯзад. Дар қаробат ба ин маънӣ дар шеъри Бедил вожаи Симурғ ба кор рафтааст ва таъкиди он шоир аст, ки агар рӯҳи душман ҳамсари Симурғ шавад ҳам, амре берун аз қазову қадар рух нахоҳад дод. Аз сӯи дигар, дар муқобили қудрати бузург ҳам берун аз андозаи иқтидори худ наметавон амре зоҳир намуд ва Бедил ин маъниро дар хаҷми таркиби «Нест ҷуз саъваи шоҳини қазо чанголат» ғунҷоиш додааст:

Рӯҳи аъдо ҳама гар ҳамсари Симурғ шавад,

Нест ҷуз саъваи шоҳини қазо чанголат [41,198].

Барои ифодаи нусрату фарри шоҳӣ,ки дар назди эътибори хоки дари кӯи дӯст арзишу манзалатеро қоим нест, Бедил тимсоли Қайқуboду Қайсарро ба кор бурдааст:

Гадое к-аз сари кӯи ту хоке бар ҷабин молад,

Ба тоҷи Кайқуboду афсари Қайсар кунад бозӣ [42,1265].

Ба фармудаи Бедил гадое, ки аз сар ба саҷдаи даргаҳи ёр мебарад, ба тоҷи подшоҳии Қайқуboду тахти Қайсар бозӣ мекунад. Дар андешаи ирфонии Бедил нусрату шони маънавии инсонӣ волотар аз тахту салтанати шоҳист ва симои шаҳриёрони «Шоҳнома» барои тафсири чеҳраҳои хусравони заминиву замонӣ ба кор рафтаанд.

Бахши дигаре аз мафоҳиме, ки сарчашма дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ доранд ва минбаъд дар адабиёти форсӣ басомади фаровоне касб кардаанд, асмои ҷуғрофӣ ба шумор меояд. Ҳарчанд «Ҳудуд ул-олам» бори нахуст ҳамчун асари таърихиву ҷуғрофӣ аз ҳастии руди Ҷайҳун дар қаламраве аз

Вахон то Хуросону Мовароуннаҳр хабар додааст, аммо бо мутолиаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, бавижа достони Фаридун собиқаи тӯлонии таърихии ин рудхона на танҳо ошкор мегардад, балки ин нукта аз мабдаъи асотирии Ҷайҳун дар сурудаи Фирдавсӣ башорат мерасонад. Дар достони Фаридун аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ омада:

Ҳамонгаҳ хабар бо Фаридун расид,

Ки лашкар бад-ин сӯи Ҷайҳун расид.

Дар чанд достони дигар, аз ҷумла достони Манучеҳр бо Салму Тур бошад, руди Ҷайҳун ба маънии ваҷҳи шабоҳат ба авлавияти хуну обу амсоли ин омадаст ва таваҷҷӯҳи Фирдавсӣ ба корбурди намоди руди Ҷайҳун дар офариниши мазомини ҳамосӣ боз ҳам қидмати таърихии номи ин рудхонаро, ки Омӯй ҳам ном гирифтааст, собит намуда, мақоми Фирдавсиро дар тафсири ҷойгоҳи ҷуғрофиёи таърихии он бозтоб мебахшад:

Чу фармон диҳад мо ҳамедун кунем,

Заминро зи хун руди Ҷайҳун кунем. [116,192]

Дар адабиёти форсӣ Ҷайҳун тимсоли руду дарё ва нуфузи обу ҳар чӣ моеъ аст, ба кор рафта. Дар девони Бедил борҳо вожаи Ҷайҳун бо таҳаввулоти маъноӣ мавриди истифода қарор гирифтааст ва илова бар ин Абулмаонӣ дар зимни корбаста ин мафҳуми ҷуғрофӣ маъниҳои ҷадиде офаридааст:

Аз лаби хомӯш тӯфони ҷунунро соҳилам,

Ин ҳубоби бенафас пул баст Ҷайҳуни маро [41, 38]

Вожаи Ҷайҳун дар ин байти Бедил таҷассумгари шурӯ ғалаёни дарунии инсон аст, ки ҳубоби бенафас онро пинҳон додааст. Ниҳон мондани Ҷайҳуни исёни ботинии инсон пушти ҳубоби бенафас, ки тимсоли хомӯшист, тасвире парадоксист.

Мавриди дигар амвоҷи Ҷайҳун дар пиндори Абулмаонӣ ба сурати шӯру исёни воқеаву ҳодисаҳои рӯзгор даромадааст, ки хотирҷамъӣ ё оромиши қалбӣ гаҳваре дар муқобили он бошад:

Ҳаводис муждаи амн аст агар дил ҷамъ шуд Бедил,

Гуҳар афсона донад шӯриши амвоҷи Ҷайҳунро[41,138].

Баррасӣ ва таҳқиқи бозтоби чеҳраҳои асотирӣ ва паҳлавонии Шоҳнома дар девони Бедили Деҳлавӣ, инчунин таҷаллои аносир ва достону ишороти маншаъ дар ҳамосаи миллии эронӣ дошта паём аз он мерасонад, ки Абулмаонӣ чун дигар шуарои форсӣ дар шинохту маърифати ағлаб устура ва қиссаву достонҳои қадимаи эронӣ тариқи ошноии «Шоҳнома» роҳ мекушояд. Бештари сурудаҳои вай, ки фаязоне аз ишороту достонҳои паҳлавонон ва симоҳои асотирии эрони бостон доранд, маҳз аз афкору офаридаҳои Фирдавсӣ маншаъ мегирифтаанд.

Нуктаи дигар, ки қобили мулоҳиза аст, он аст, ки Бедили Деҳлавӣ танҳо бо бозгӯии нукот ва ишороти достонии «Шоҳнома» иктифо наварзидааст, балки вай дар заминаи матолиби достонҳои ҳамосаи миллӣ ба офариниш мазомин ва маонии тоза муваффақ гардидааст. Бо такя бар ин халлоқияти Абулмаонӣ метавон натиҷае ба даст овард, ки Бедил дар зимни асотири «Шоҳнома» ба офариниш устураҳои ҳунарии шеъри форсӣ дар сурати маонии аз андешаҳои ӯ сарчашмагирифта даст ёфтааст, ки ин ибтикори ҷадиди ӯ дар тарҳи маонии ноб ва шикори мазомини тоза маҳсуб меёбад.

ФАСЛИ САВУМ. БЕДИЛ ВА МАВЛОНОИ БАЛХӢ

Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ бо он нуфузи андеша ва тафаккур, ки дар масири зиндагонии худ даст ёфт, ба таъбири худи тавонист, **«оташе дар бешаи андешаҳо»**-и ҳазорон барафрӯзад ва роҳеро аз афкори инсонгароӣ, тамоюл ба ҷустуҷӯи инсони ормонӣ ва бозҷусти ончӣ ноёфтанӣ аст, равшану пайдо созад. Ҳамин тафаккури абадипартав ва соҳибарҷ буд, ки дар акнофу канораҳои адабиёти форсӣ Мавлоно пайравони бешуморе пайдо кард ва ин тариқати муқаддами фикрии ӯро нафарони бешуморе дунболагирӣ карданд. Агар андешаҳои марбут ба ваҳдати инсонӣ ва иттиҳоди мазоҳибу адён ва рӯиҳамрафта аз ин эҷоди аввалин пиндорҳое дар муколамаи фарҳангҳо Мавлоноро дар паҳнои ҷаҳони дирӯзу имрӯз шӯҳрат бахшида ва ба навиштаи тазкираҳо ва сарчашмаҳои дигар ин ақоиди пешрафта мӯҷиби он гардиданд, ки рӯзи мотами Мавлоно маҷмӯи намояндагони дину мазоҳиб дар пояи тобути вай ба ҳам омаданд, аз сӯи дигар боз ҳам давоми роҳи Мавлоноро дар шеъри форсӣ мунаввар сохтанд. Ба дигар таъбир, дар роҳ шоирони бешуморе аз ин тафаккур ва андешаи олии ормонӣ истиқбол карданд ва худро муриди мактаби ишқу ваҳдонияти Мавлоно шинохтанд. Ҳатто дар умури сиёсии сарзамини Ҳинд ба зуҳурии расидани таълимотеро бо номи мактаби Сулҳи кулл ва бад-ин тариқи ба роҳ гузоштани шеваи ишқу алоқа ва дӯстӣ миёни дину мазоҳиби мухталиф дар ин сарзаминро метавон бо афкору андешаҳои пешқадами Мавлоно дар ин росто пайванд зад, ки баъдан ба ин мавзӯъ руҷӯъ хоҳад шуд. Аз назари дигар, ба навиштаи Анна Мери Шимел ин таъсир ва файзи афкори Мавлоно ба ҳаддест, ки ҳатто бараҳманони Ҳинду новобаста ба надонистани забони форсӣ **«Маснавӣ»** мехонданд ва бо забони дили худ онро фаҳм мекарданд.

Мирзо Абдулқодири Бедил низ аз ин фаязони рӯҳии андешаву афкори Мавлоно бетаъсир намонда. Тааммул дар андешаҳои Мирзо Бедил собити ин амр аст, ки ин шоири номовар бо иродате тамом ба дунёи ботинии Мавлоно

мегирад ва бардошти аз ин парвозгоҳи андешаҳои салиму пурбор дорад. Аз назари дигар, пайванди аҷибе миёни ин ду суханвари барҷастаи қаламрави адабиёти форси мо ба мушоҳида мерасад, ки анҷоми таҳқиқе дар ин росто метавонад нуктаҳои ҷолиберо мушаххас намояд.

Ба дунболи Мавлоно Бедил ҳам шоирест, ки равишҳои маърифати ваҳдонияти мазҳабиву забонӣ ва расидан ба сарҳади ба истилоҳи Абулҳусайни Зарринкӯб «на Шарқӣ, на ғарбӣ, инсонӣ»-ро истиқбол мекунад, ки аз бисёр ҷиҳат ин ҷусторҳову афкор бо ҳам қаробат доранд. Иродати Бедил ба Мавлоно ва истиқболи назару андешаҳои вайро қабл аз ҳама тазкиранигорон ва бархе аз муҳаққиқон таъкид намудаанд. Ҳанӯз ба рӯзгори Худи Мирзо Абдулқодири Бедил буд, ки шогирди вай тазкиранависи маъруфи Шибҳи Қораи Ҳинд Биндробан Доси Хушгӯ навишта буд: «Басо муқаддамоте, ки Мавлавии Рум дар «Маснавӣ» ва Шайх Ибни Арабӣ дар «Фусус ал-ҳикам» баён карда, он ҳамаро ба шарҳу басти тамом бо ташбеҳоти тоза ва обуранги беандоза дар каломи худ баста» [84. 133].

Бедилшиноси маъруфи афғонӣ Салоҳуддини Салҷуқӣ ҳам ишороте зиёде дар мавриди иродати тамоми Бедил ба Мавлоно ва идомаи роҳи ӯ дар қаламрави ирфон ва шеър фармуда. Ҷое ин эътиқодро ба ҳадде боло мебардорад, ки Абулмаониро фарзанди рашиди маънавии Мавлоно мешуморад: «Агарчӣ Бедил дар он асре, ки ба асри аврангзебӣ маъруф аст ва он муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ, ки ӯро иҳота карда буд,[зиндагӣ мекард],хелеҳо қобили қадр аст, ки тавонист шогирди халаф ва фарзанди рашиди маънавии Мавлоно шуд. [189, 104]

Тавре қабл зикр шуд, Мавлоно дар «Маснавӣ» ба каррот аз иттиҳоди қавмиву динӣ сухан ба забон мекушояд ва санади қотеъ бар ин амр вуҷуди ҳикояти «Мунозиати чаҳор кас ҷиҳати ангур, ки ҳар яке ба номи дигар фаҳм карда буд онро» аст, ки чунин шуруъ мешавад:

Чор касро дод марде як дирам,

Он яке гуфт: «Ин ба ангуре диҳам».

Оняке дигар араб буд гуфт: «Ло ,

Чан инаб хоҳам на ангур,эй дағо!»

Он яке турке буду гуфт: «Ин банум ,

Ман намехоҳам инаб, хоҳам узум ».

Он яке румӣ бигуфт: «Ин қилро ,

Тарк кун , хоҳем истофилро».....

Ва ниҳояти достон таъкиди ин матлаб аст, ки ҳарчанд онон дар забон як вожаро бо лафзҳои мухталиф изҳор мекаранд, аммо аслу ҳадафашон ҳамон як чиз буд. Мавлоно бо нақли ин ҳикоёт мафҳуми ваҳдати башариро тафсир мекунад:

Гуфт: «Худ холӣ набудаст уммате,

Аз халифа ҳаққу соҳибҳиммате».

Мурғи ҷонҳоро чунон якдил кунад,

К-аз сафшон беғашу беғил кунад.

Мушфиқон гарданд ҳамчун волида,

Муслимонро гуфт нафси воҳида.

Нафси воҳид аз Расули ҳақ шуданд,

В-арна ҳар як душмани мутлақ буданд [93, 209- 210]

Ормони Мавлоно бо омадани марди рӯҳонӣ ва тафсири ягонагии андешаву тариқати онҳо ошкор мегардад ва ҳосили тафаккури Пири Рум равшан мешавад. Бешак, чунин назар доштани Мавлоно минбаъд дар адабиёт ба эҷоди як равияи талқини ин роҳ боис шуд ва баъд аз Мавлоно Ҳофиз буд, ки гуфт:

Ҷанги ҳафтоду миллат ҳамаро узр бинеҳ,

Чун надиданд ҳақиқат раҳи афсона заданд [124,180].

Зуҳури мактаби сулҳи кулл дар сарзамини Ҳинд ва таблиғи ваҳдати мазҳабҳо. ки Бедил аз мубаллиғони ин тариқат маҳсуб мешавад, бешак пайванд ба ин таълимоти Мавлоно дорад. Ҳамин аст, ки Бедил дар идомаи ин ҳикояти Мавлоно ва афкори ваҳдонияти мазҳабӣ абёте рӯшан суруда ва файзи таъсири Румӣ дар онҳо эҳсос мешавад:

Аз маънии дуои буту барҳаман мапурс,

Ин ром- ром нест, ҳамон Аллаҳ - Аллаҳ аст [22, 357].

Мавлоно мавориди дигар ҳам абёте муфассири ин тафаккури фалсафӣ дорад ва ҷое мефармояд:

Ҷумла як зотанд, аммо мутасиф,

Ҷумла як маъно, иборат мухталиф.

Ё ҷое тафриқаи миёни инсонҳоро зоҳириву суварӣ ва танҳо мавҷуд дар ном мешуморад:

Ихтилофи халқ аз номи уфтод,

Чун ба маънӣ рафт, ором уфтод.

Бедил ҳам аз пайи ҳамин андешаи Мавлоно меравад ва ихтилофи суварии инсонҳоро баста ба либос медонад, вагарна хун дар шарёни ҳамаи мавҷудон як ранг дорад ва Бедил ин ҷон товусу зоғро маҳалли қиёс қарор медиҳад.

Ихтилофу васфҳо Бедил либосе беш нест,

В-арна якранг аст хун дар пайкари товусу зоғ [23, 221]

Товус дар як вақт метавонад самбули маҷмӯи рангҳо бошад, ки аз якрангӣ ё берангӣ маншаъ мегирад. Олами берангӣ ва ранг дар шеъри Бедил тадоъии аслу сурат ва ҳам ваҳдату касрат бошанд.

Бедил дар чанд мавриди дигар бо баҳрагирӣ аз фалсафаи ваҳдати вуҷудии Ибни Арабӣ ишорате дорад, ки қаробати мантиқи бо назари қаблии Мавлоно пайдо кардаанд:

Бедил он шӯъла к-аз ӯ базми чароғон гарм аст,

Як ҳақиқат ба ҳазор оина тобон шудааст [22, 245].

***

Ваҳдат аз худдории мо тӯҳтатолуди дуист,

Акс дар об аст, то истодаӣ беруни об [22, 198]

***

Бо ҳама касратшуморӣ ғайри ваҳдат ботил аст

Як-як омад бар забон аз садҳазор аъдоди мо [22, 48]

Чунонки қаблан ҳам тазаккур ёфт, вақте шогирди Бедил Биндробан Доси Хушгӯ аз такмили андешаҳои ирфонии пешиниён аз ҷониби Абулмаонӣ ёд мекунад, асомии Мавлоно ва Ибни Арабиро дар канори ҳам мегузорад. Ин амр ишорат бад-он ҳам дорад, ки Бедил дар канори истиқболи ғояи ваҳдонияти мазҳабиву қавмии Мавлоно таълимоти ваҳдативуҷудиро бо такя ба андешаҳои ин орифи номвар шарҳу тафсир намудааст. Махсусан, тафсирҳои шоиронаи Мавлоно ба афкор ва андешаи Бедил бетаъсир намондааст: Ҳамин ҷусторҳо, ҳамин давиданҳо дар бешазори ҳақиқати андешаҳо Мавлоноро то сарҳади созмони дуконе бурда, ки он мубтанӣ бар Маснавии Маънавист ва мусаммо бар дукони ваҳдат:

Маснавии мо дукони ваҳдат аст,

Ғайри воҳид ҳар чӣ бинӣ, он бут аст.

Ҳар дуконерост бозори дигар,

Маснави дукони фақр аст, эй писар.

Ҳиммати ирфонии Бедил ҳам ғайри ваҳдат барнаметобад ва ваҳдатошёниву ваҳдатоҳангиро рисолати зиндагии маънавии худ мешуморад:

Ғайри ваҳдат барнатобад ҳиммати ирфон мо,

Домани хеш аст чун саҳро гули домони мо[22, 151].

Аз муҳимтарин масоили ирфонии пайванд ва афкори ваҳдати вуҷудӣ иттиҳоди инсон бо Худост. Аҳли тасаввуф бо такя ба оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ ба дунболи ҷустуҷуи асли Худ андаруни шаҳри вуҷуди хеш фурӯ мерафтанд ва ин ҳафт водиву мароҳиро дар мазҳари ҳастии маънавии худ эҷод менамуданд. Ҳанӯз ин фарзия дар сурати бадеӣ дар сафари ҳафтгонаи сӣ мурғ ба кӯи Симурғ ифодаи равшан пайдо намуд. Ҳамин фалсафаи худҷуиву худшиносӣ ва дар оинаи вуҷуди худ расидан ба маърифати Кирдугор дар ҷаҳоншиносии Мавлоно бо шеваву тобишҳои махсуси вай ба ҷилва омад. Мавлоно дар идомаи бузургони пешин талқин кард, ки агар талабгори Худо ҳастед, пас бояд сайри даруни худ кунед, то он ҷо муродро дарёбед:

Онон ки талабгори Худоед, Худоед,

Берун зи Шумо нест, шумоед, шумоед

Бедил ҳам ин назарияро истиқбол мекунад ва ба касрат дар ин маънӣ дар ғазалиётан сухан ба забон меовард. Абулмаонӣ мӯътақид аст, ки инсон вақте комилан аз маҷмӯи хостаҳову ниёзҳои заминӣ барӣ мешавад, ба Худо мерасад ва айни ҳақ хоҳад гардид:

Он тарафи эҳтиёҷ анҷумани кибриёст,

Чун зи талаб бигзарад, банда Худо мешавад [22,483].

Гоҳост, ки истишҳоде аз Қуръонро дар пайванд ба ин маънӣ, ки яке аз аснодиаслии сӯфия дар тақвияти ин назар маҳсуб мешавад, бо ишорате мухтасар меоварад ва дар идомаи роҳи пешиниён, аз ҷумла Мавлоно таъкид мекунад:

Навои «Наҳну ақраб» аз фусуни захма меҷушад,

Вале бо сози ӯ ин нағма бемизроб наздик аст [22, 247].

Баробар ба ин мабоҳис, Мавлоно ва Бедил ҳар ду ҳам чун шуарои дигари ориф аз раҳгузори баҳси ақлу ишқ дар адабиёти ирфонӣ берун намондаанд. Ҳам дар Маснавӣ ва ҳам дар девони Кабир Мавлоно аз пайи ачзи ақл дар шинохти Офаридгор меравад ва ҷойгоҳи ишқро дар ин роҳ махсус мешуморад. Ин аст, ки ишқ ҳамеша назди аҳли ирфон имтиёз пайдо мекунад ва ақл бо ин ачзаш мавриди накӯҳиш қарор мегирад:

Пас чӣ бошад ишқ? Дарёи адам,

Даршикаста ақлро он ҷо қадам.

Бедил ҳам борҳо аз ин муаммо ёд мекунад ва ачзи ақлро пешорӯи шинохти Офаридагор мушобеҳ ба кори эҳтимоми хомаи тасвир дар кашидани нола медонад:

Ақли рангомез кай гардад ҳарифи дарди ишқ,

Хомаи тасвир натвонад кашидан ноларо[22,52]

Фалсафаи адаму ҳастӣ ва иттиҳоду айнияти онҳо аз мавзӯоти меҳвари мутафаккирони форсу тоҷик аст, дар таълимоту таълифоти эшон бо рангу

тобиши мухталиф тафсир ёфта. Мавлоно зимни ташреҳи фалсафии адаму ҳастӣ мӯътақид мешавад, ки инсон ва соири мавҷудот ҳамон адамест ба сурати ҳастӣ даромада. Албатта, ин назарияи маншаъ аз он афкор мегирад, ки куллияи мавҷудоти олам адам ба вуҷуд омадааст.

Мавлоно:

Мо адамҳоем ҳастиҳонамо,

Ҳақ вуҷуди мутлақу ҳастии мо.

Тафсири фалсафии адам дар ҷаҳоншиносии Бедил низ ҷойгоҳе махсус дорад ва ба таъбири доктор Абдулғанӣ Адам аз вожаҳои нонпарварди шеъри Бедил маҳсуб меёбад. Ҳамин мазмуни фалсафӣ, ки дар ҷаҳоншиносии Мавлоно шарҳу басти худро пайдо карда, дар консепсиюни фалсафии Бедил ҳам идомат пайдо карда. Абулмаонӣ мефармояд:

Ҳастии мо нест, Бедил, ғайри изҳори адам,

То хамӯшӣ парда аз рух барфиканд, овоз буд [22,671]

Дар канори ин, ки Бедил дар идомаи роҳи Мавлоно адамро асли ҳастӣ мешуморад дар шинохти фалсафии ин мафҳум фаротар меравад ва ҳамон маънии манзурро бо диду назари хеш чунин тавзеҳ медиҳад:

Адам гуфтан кифоят мекунад то Одаму Ҳавво,

Дигар, эй ҳарзадарси ваҳм, тумори насаб макшо[36,12]

Мусаллам аст, ки Бедил дар консепсиюни ирфонии худ аҷзро мақоме махсус медиҳад ва аз аркони вижаи таълимоти тасаввуфии ӯро ҳамин аҷз эҷод кардааст, ки тавассути он ба сӯи камолоти маънавӣ уруҷ мекунад. Ҳамин таваҷҷӯҳ ва шинохти махсуси Бедил аз аҷз аст, ки борҳо дар девони шоир ҳақиқату ҳайсияти ирфонии аҷз тафсир шуда. Аз ҷумла, ҷое Бедил ташреҳ медиҳад, ки ин аҷз мақоме ончунон баланд аст, ки ҳар кас наметавонад ба он бирасад, ҷуз бо шикастани саъйи болу пар:

Баланд аст он қадарҳо ошёни аҷзи мо Бедил,

Ки бе саъйи шикасти болу пар натвон расид он ҷо [22,81]**.**

Бознигарӣ ба ҷаҳони фикрии Мавлоно амреро мусаллам месозад, ки ин назар ва дидгоҳи хоси ирфонии Бедил аз аҷз ҳам ба гунае маншаъ дар

тафаккури ирфонии Пири Рум дорад. Зеро Мавлоно ҳам уфтодагӣ ва мақоме айни мақоми ачзро дар шеъри худ дорад, ки худ намояндае аз муридони ҳамин мактаб аст. Мавлоно тамсиле ҷолиб ба афтодагӣ мезанад, ки он афтодагии дона буда, муҷиби рустан ва дарахт шудан мегардад:

Чун дона шуд афканда, баррусту дарахте шуд,

Ин рамз чу дарёбӣ, афканда шавӣ бо мо.

Бедил гоҳо дар маърифати умқи ин матлаб фаротар меравад ва муътақид мешавад, ки дар пасти низ баландиест ҳаст, онро бояд шинохт. Фуруд омадани он ва уруҷи оҳанги ҷори шудани он далели меъроҷ дар пастиҳост:

Ба пастӣ низ меъроҷест гар озодаӣ Бедил,

Забони об шав, сози тараққӣ дон таназзулро [22,81]

Бо таъйини маншаъе дар афкори Мавлоно доштани назарияи ачзошёнии Бедил нуктаи дигаре аз ин баррасиҳо равшан мешавад. Вақте Бедил сухан аз мақоми ачз ва пастии мавриди назари худ мекунад, ҳамеша онро болотар аз ҳамаи мақомоти ирфонӣ мегузорад, ки расидан ба он амре саъб ва ҳадафе ҷонсӯз аст. Ин матлаб бо таъобири «баланд будани ошёни ачз», «дар пастӣ низ меъроҷе будан» ифода шуда, ки сурати тасвире парадоксӣ гирифтааст. Албатта, ин навъ таркибҳо дар адабиёти ирфонӣ ба иллати мармузу мафоҳиме муфид барои ифодаи андешаҳои рамзиву фалсафӣ будан нуфузи бештаре дарёфтаанд ва бешак Мавлоно дар саргаҳи он шоиронест, ки дар корбандии тасовири ба истилоҳ пародоксӣ даст тамом дорад. Дар «Маснавӣ» ҷое мехонем:

Ҳар касе рӯе ба сӯи бурдаанд,

В-ин азизон рӯ ба бесӯ бурдаанд.

Ҳар кабутар мепарад зи ҷонибе,

В-ин кабутар ҷониби беҷонибӣ.

Ин ҷо таркиботе рӯ ба бесӯ бурдан ва ҷониби беҷониби рафтан аз ҷумлаи таркиботи парадоксии Мавлоно ҳастанд ва дар девони Шамс ҳам чунин тасовир ба каррот корбандӣ шуда. Масалан:

Мавлоно гӯяд:

Марав ҳар сӯ, ту устодӣ, биё ин сӯ,

Ки ман ин сӯйи бесӯро намедонам, намедонам.

Бо изҳори ин матлаб ҳадс метавон зад, ки Бедил дар раҳгузори гаройиши фузун дар сохтмони таркибҳои шоиронаи пародоксӣ ҳам ҳамоно мурид ва ба қавли Салҷуқӣ фарзанди рашиди маънавии Мавлоно аст. Ин маъниро Салоҳуддини Салҷуқӣ бо ин шева тафсир кардааст: «Бедил халафи ростине буд барои Мавлоно ва дар асри Бедил ва баъд аз Бедил таваққуъ мерафт, ки ин шеъри ҷадид беҳрӯзӣ ва пирӯзӣ ба даст оварад»[189, 77] Ин навъ ҳам тасовир ҳам чунонки Хушгӯ дар мавриди андешаҳои Мавлоно ва Ибни Арабӣ фармуда, дар ашъори Бедил бо тозатарин ташобеҳ ва шеваи нигориш такмил ва басомади бештар дарёфтаанд. Агар Мавлоно ин ҷодаро нисбат ба дигар шуарои ориф фаротар бурд, Мирзо Бедил онро дар мақоме муайян боло бардошт ва ба яке аз вижагиҳои сабкии ашъори худ бадал намуд.

Бардошт аз маъниву шеваҳои дигари тасвирсозӣ ва ибораороии Мавлоно дар девони Бедил ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, Мавлоно инсонро дар зоҳир гоҳо ба шайтон монанд мекунад ва таъкид дорад, ки гоҳо иблис ба сурати одамӣ медарояд, аз ин рӯ ба ҳар даст набояд даст дод, яъне ҳар инсони ношинохта шоистаи дӯстиву рафоқат намебошад:

Эй басо иблис, ки одамсурат аст,

Пас ба ҳар дасте нашояд дод даст.

Ҳамин таркиби «ба ҳар даст даст надодан»-ро Бедил дар мавриди дигар барои таъкиди маънии бо ҳар кас нанишастан ва ҳамсӯҳбат нашудан, бахусус бо аҳли тавонгар ва ғано ба кор гирифтааст:

Пеши тавонгарманишон паҳлӯи лоғар макушо,

Даст ба ҳар даст мадеҳ, чашм ба ҳар дар макушо [41,49].

Мирзо Бедил баробар ба корбурди ин таркиб муродифи шоиронаи дигареро ҳам канори он офаридааст, ки чашм ба ҳар дар макушодан мебошад.

Чун сухан аз сабку равиш рафт, ин ҷо метавон аз чанд ҳамоҳангӣ ва пайванд миёни шеваҳои баёни ин ду шоир сухан ба забон овард. Чанд маврид ба рабти мавзӯии ин ду суханвари номвар дар ғазалиёт, хоса шарҳу тавзеҳи матолиби ирфонӣ, таълимоти ваҳдативуҷуди ишорат рафт, ки аз пайвандҳои маънавии ин шоирони ғазалсаро паём мерасонад. Фузун бар ин Бедил на танҳо мурид маънавии Мавлоност дар бозгӯии маъниҳои ирфониву фалсафӣ дар ғазал, балки аз муҳимтарин шеваҳои баён ва усули нигориши Пири Румро истиқбол карда. Дар таърихи адабиёти форсӣ ҳадди маъмулии ғазал 7-12 байт то 14 байт ва ағлаби шуаро аз ин сарҳад убур накардаанд. Танҳо Мавлоно буд, ки аввалин шуда ғазалҳое дар ҳадди гузаштан аз ин сарҳадоти муқарраркардаи шеъри форсӣ эҷод кард ва ин равиши ӯро Бедил баъд аз гузаштани чаҳор қарн идома дод.

Аз масоили умдаи дигар, ки миёни Бедил ва Мавлоно пайванд эҷод мекунад, соҳиб шахсияти ормонӣ ва Худовандгори андешаву ором будани ҳар ду маҳсуб мешавад. Мавлоно бо партави оташи андешасӯзи Шамс дар ниҳоди худ тарки қилу қол гирифт ва аз вориди дабистони ваҷду ҳол гардид. Нубӯғи девони Шамси Табрезӣ бешак ҳосили ҳамин ишқу иродат ба шумор меояд. Ин ихлосу садоқати Мавлоно ба Шамс то ҷоест, ки сар ба саҷдаи ӯ мегузорад ва вуҷуди мубораки он бузургворро мазҳари таҷаллии Худованд мешиносад. Мавлоност, ки аз ҳосили сӯзиши дарунии худро аз партави ламъаҳои ин оташи муҳаббат дар нидое аз вусъатободи ҷон ва сухтагоҳи бешаи андешаҳояш берун меовард:

Пири ману муриди ман, дарди ману давои ман,

Фош бигуфтам ин сухан, Шамси ману Худои ман.

Бедил ҳам ҳамингуна дар масири зиндагие бо барҳӯрди шахсияте ирфонӣ ва марде ҳақшинос ба сар мебарад ва домани иродати ӯро медорад. Ҳарчанд Абулмаонӣ дар «Чаҳор унсур» аз ҳастии шахсиятҳои маънавие чун Шоҳ Камол, Шоҳ Қосими Ҳуваллоҳӣ, Шоҳ Якаи Озод ёд мекунад, ки аз ҳар якеи инҳо ҳуруфи маърифат ва сабақи ирфон омӯхтааст, аммо ҷойгоҳу мақоми Шоҳ Кобулӣ дигар аст. Шоҳ Кобули бешак барои Бедил Шамс барои

Мавлоност. Ҳарчанд ҷое сареҳан ба номи вай дар ғазалиёти худ ишорат накарда, аммо ишороти касире ба ин марди рӯҳонӣ дар девони шоир ҷой дорад. Халилуллоҳи Халилӣ ҳам бар ин назар аст, ки Бедил бо ин дарвеши шӯридаи шайдои вораста достонҳо дорад, ки бисёр шабеҳ ба достони Ҳазрати Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ва Шамси Табрезӣ [205,42]

Дар қиссаҳои марбут ба бархурди Бедил бо ин шӯридаи ориф ҳам шабоҳате бо номаи рӯзгори Мавлонову Шамс ба чашм мехӯрад. Ба иттифоқи тазкиранигорон пас аз бархӯрди аввали Бедил бо Шоҳ Кобулӣ ин дидор дар ниҳоди ӯ чунон асаре гузошт, ки қариб буд ба сарҳади ҷунун бирасад ва аз маҷмӯи алоиқи дунявӣ вораста гардад, ончунонки Мавлоно пас аз бархурд бо Шамс по бар сари маҷмӯи ормонҳои дунявӣ зад ва даст ба домони он шӯрафкандаи ҷаҳони орзуҳои хеш дод. Идомаи ин достон ҳам мушобеҳ ба қиссаи Мавлоно ва Шамс аст. Шоҳ Кобулӣ пас аз мулоқоти аввал зуд ғайб мезанад ва Бедил дар фурқати он ёри азиз саҳрои ҷунунро мепаймояд. Чунонки гуфта омад, ҳосили ин фироқи аввали ғазалиёте афзун гардид ва аммо Бедил ҷое аз ин орифи шӯрида ном набурд. Худ Мирзо Бедил дар фурқати ёри азиз дар «Чаҳор унсур» мегӯяд: **«Ночор хаёли ваҳшатмол тарҳи бисоти ҷунун андохт ва ҳуши бехудиоғӯш хона аз асбоби шуъур пардохт:**

Рафтам аз худ ишқ саркаш монду бас,

Сӯхтам чандон, ки оташ монду бас.

Аз тамошохонаи найранги хӯш,

Токи нисёнӣ мунаққаш монду бас»

Халилуллоҳи Халилӣ миёни ин ҳолат ва ин порчаи шеърии Бедил бо байти зерини Мавлоно қаробате муайян мекунад: «Мавлоно гӯяд:

Ҳосили умрам се сухан беш нест,

Хом будам пухта шудам сӯхтам [206,42]

Бархурди нахустини Бедил бо Шоҳ Кобулӣ дар шаҳри Деҳлӣ ба вуқӯъ мепайвандад ва ҳосили ин мулоқот мегардад, ки ба таъбири устод Халилӣ Деҳлӣ барои Бедил ҳукми Табрезро барои Мавлоно мегирад. Ин матлабро

худи Бедил боз ҳам дар «Чаҳор унсур» бад-ин гуна тавзеҳ медиҳад: «Хоки саводи Деҳлиро ба ғирболи дидаҳо бехтам, аз он гавҳари гумкарда ба гарди суроғе наёмехтам». Мавлоно ҳам дар «Маснавии Маънавӣ» арҷи Табрезро дар оинаи пиндорҳояш пас аз шинохти Шамсиддини Табрезӣ ба ин мақом мебардорад:

Сорбоно бор бикшо уштурон,

Шаҳри Табрез асту кӯи дилситон.

Фарри фирдавс аст ин полизро,

Шаъшаъи арш аст ин Табрезро.

Ҳар замони фавҷи рӯҳангези ҷон,

Аз фарози арш бар табрезиён.

Нахустин бархурди Бедил бо Шоҳ Кобулӣ дар айёме ба вуқӯъ пайваст, ки ӯ ҳамагӣ бисту ду сол дошт ва аз ҳамин овон буд, ки шӯру шафқи шеъру ишқ дар хонаи дилаш лона кард. Ба таъбири дигар, аз ҳамин овон буд, ки ба қавли Мавлоно дар бешаи андешаҳои Бедил оташе ҷадид афрӯхта шуд ва роҳу равиш ва шеваи зиндагияш либоси таҷаддуд пӯшид. Бедил ин асару бардошт ва тағирхӯрдагии рӯҳии худро дар «Чаҳор унсур» ба гунаи зайл тавзеҳ дода: «Алҳосил ба фазли ҳиммати яктоӣ агар лабе бо ҳарф ошно доштам мухотаби дигаре набуд ва агар ба хомӯшӣ илтиҷо мебурдам ғайре дари тааммул намекушуд. Нашъа нарасонидам то ишқ ба димоғам нарасид ва дарде сар накашидам то шавқе хуморам накашид. Хобам орамиданӣ буд дар канори ҳузури мутлақ ва бедорӣ болиданӣ буд дар оғӯши мушоҳидаи ҳақ» [7.26].

Ин фурсатҳои умрашро Бедил дар шеър ҳам пайваста тафсир мекарду гӯё он вақт ҳамеша садо баланд мекард:

Аз ҳар чӣ сароямат фузунӣ,

Худ гӯӣ, чӣ гуямат, ки чунӣ?

Ҳарчанд оғози пайвастагии Бедил ба сухан аз овонӣ ҳафтсолагӣ шурӯъ шуд ва аввалин рубоиеро дар ҳамин айём суруд, аммо марҳилаи таҷаддуди фикриву муносибати ӯ ба шеър, фузуни шӯру шавқ суроиш дар ниҳоди шоир

аз ҳамин лаҳзаи бархурд бо Шоҳ Кобулӣ нуфуз дарёфт, ки фурсати нахустин мулоқоти Мавлоноро бо Шамси Табрезӣ ба хотир меоварад.

Бедил се маротиба бо Шоҳ Кобулӣ мулоқот мекунад ва ҳосили ин мулоқот достонҳои ҷолиберо дар зиндагии рӯҳонии Абулмаонӣ эҷод месозад. Агар девони Шамси Табрезӣ комилан ҳосили муҳаббати Мавлоно ба Шамс аст, пас дар девони Бедил ҳам муҳаббатномаҳои бешумори вай нисбат ба Шоҳ Кобулӣ ҷой доранд, ки аз нуфузи фикриву маънавии вай дар девони шоир паём мерасонанд. Дар охирин фурсати дидор, ки пас аз он Шоҳ Кобулӣ ба ғайбати абадӣ аз зиндагии Бедил рафт, чандин ғазалҳое суруда, ки яке аз онҳо ин аст:

Дилдор рафту дида ба ҳайрат дучор монд,
Бо мо нишони барги гуле з-он баҳор монд.
Хамёзасанҷи туҳмати айши рамидаям,
Май он қадар набуд, ки ранҷи хумор монд.
Аз барги гул дар ин чамани ваҳшатобёр
Хоҳад паре зи тоири ранги баҳор монд.
Яъсам надод рухсати изҳори нолае,
Чандон шикаст дил, ки нафас дар ғубор монд.
Огоҳиям суроғи тасаллӣ намедиҳад,
Аз ҷавҳари об оинаам мавҷдор монд.
Ғафлат ба нози болиши гул дод такяам,
Пои ба хоб рафтаи ман дар нигор монд.
Он ҷо, ки ман зи дасти нафас аҷз мекашам,
Дасти ҳазор санг ба зери шарор монд.
Бояд ба фурсати тарабам хун гиристан,
Тимсол рафту оина туҳматшикор монд.
Яъқубвор чашми сафеде шукуфа кард,
Бо ман ҳамин гул аз чамани интизор монд.
Бедил аз он баҳор, ки тӯфони ҷилва дошт,
Рангам шикасту оинае дар канор монд [22, 622]

Ҳамин тавр, Бедил дар идомаи роҳи Мавлоно дар таҷаддуди фикриву ҳунарӣ ва услубии шеъри форсӣ қадам бардошт ва ҳамчун фарзанди рашиди маънавии Мавлои Рум беҳтарин суннату падидаҳои афкор ва атвори ӯро тадовум бахшид. Агар ҷойгоҳи андешаҳои ирфонии Мавлоно дар арсагоҳи афкори Бедил нақши мунир пайдо кардаанд, мавориди дигар Абулмаонӣ шеваҳои ғазалсаройӣ ва корбурди шигардҳои хоси шеъриро ҳам аз пири маънавии худ дар қаламрави шеъри ирфонӣ истиқбол мекунад, то ба марзҳои рӯшаниву нур бирасад. Ҳамоҳангӣ ва шабоҳати достонҳое аз зиндагиномаи ин ду марди ориф ва шӯридагони биёбони ишқ ҳам аносир ва падидаҳое ҳамсонро дар шеъру андешаи онҳоро эҷод кардаанд, ки ин амр ҳам аз пайванди мӯҳками фикрив маънавии эшон мужда мерасонад.

ФАСЛИ ЧОРУМ. БАРРАСИИ ТАЪСИРИ ВИЖАГИҲОИ ҲУНАРИИ ШЕЪРИ ТОЛИБИ ОМУЛӢ БАР АШЪОРИ БЕДИЛИ ДЕҲЛАВӢ

Толиби Омулӣ дар шумори суханвароне маъруфи сабки ҳиндӣ қарор дорад, ки бо зуҳур бахшидани шигардҳои тозаи ҳунарӣ дар қаламрави шеър ва падид овардани муҳимтарин махсусиятҳои сабки маъруфи ба асмои «сабки исфаҳонӣ» ё «сабки ҳиндӣ» ба унвони яке аз пешравони ин сабки адабӣ эътироф гардида. Манзалати ҳунарии Толиб дар шеър ба ҳадде рифъат дарёфта, ки ӯ новобаста ба фурсати кутоҳи зиндагонӣ то ба мақоми маликушуароӣ расида ва шеъру шосихаҳои ҳунарии он аз ҷониби пасованданаш истиқболи шоёне дарёфтааст. Дар ин фасли рисола эҳтимом бар он рафтааст, ки роҷеъ ба таъсири падидаҳои ҳунарии ашъори Толиби Омулӣ ба намояндаи маъруфи сабки ҳиндӣ Мирзо Бедили Деҳлавӣ ва истиқболи таҷаддудгароёнаи фаязони ҳунари шоирии Толиб аз ҷониби ин суханвари мумтоз ба меҳвари таҳқиқ кашида шавад.

Ҳанӯз ба рӯзгораш амири вақт Ҷаҳонгирхон дар «Тузук»-и хеш дар вақҳи баргузидани Толиб ба мақоми маликушшуарои дарбори ӯ барои Толиб эътибори хосаеро қоил шуда навишта буд: «Дар ин таърих Толиби Омӯлӣ ба хитоби Маликушшуароӣ хилъати имтиёз пӯшида. Асли ӯ аз Омул аст, як чанд бо Эътимодуддавла мебуд, чун рутбаи суханаш аз ҳамагон дар гузашт, дар силки шуарои пойтахт мунтазам гашт». [179, 149] Шиблии Нӯъмонӣ бо нақли ин сухани Ҷаҳонгир дар мавриди Толиби Омӯлӣ натиҷае мебардорад, ки ҳамин далел ба бузургии ӯ кофист, ки аз миёни шуарои зиёди асри худ ба мақоми аликушшуарои дарбори Ҷаҳонгир баргузида шуд ва ин дар ҳолест, ки Ҷаҳонгир ба қавли Шиблӣ Бояд донист, ки ҳар як аз фармонравоёни силсилаи Темурӣ суханфаҳму ошно ба рамузи сухан будаанд. Лекин Ҷаҳонгир дар ин фан устод ва маҳорате басазо доштааст. [179,139]

Шӯҳрати Толиби Омулӣ дар айёми зиндагониаш дар танҳо дар Ирону Ҳинд мунташир буд, балки шуарои Фарорудон низ ӯро бо иродат ва

бузургиву нусрат ва ҳатто мақоми устодӣ ёд кардаанд, ки ин амр ба шукӯҳу нусрататаш дар ин қаламрави адаби форсӣ ишорат мекунад. Шавкати Бухоройӣ аз пешкисватони сабки ҳиндӣ дар Фарорудон, ки аз ҳамасрони ин шоири бузург дониста мешавад чароғи табъи хешро равшан аз хоки Толиби Омул медонад:

Хост то равшан кунад Шавкат чароғи табъро,

Равғани маънӣ зи хоки Толиби Омул кашид[104, 146].

Аз ин байт равшан мегардад, ки Шавкат худро аз иродатмандони Толиб дар сурудани ғазал мешуморад ва мақоми устодии шоирро дар айёми худ эътироф месозад.

Мурур ба ашъори ин шоири соҳибном, хоса ғазалиёти вай ошкор месозад, ки дар зуҳури муҳимтарин шохисаҳои ҳунарии сабки ҳиндӣ авлавиятро соҳиб аст ва ба иллати камтар таҳқиқ шудани мероси адабии шоир чунин ибтикороти адабии вай ношинохта мондаанд. Муҳаққиқи эронӣ Ҳусайн Ҳасани Пуролоштӣ дуруст қайд мекунад, ки ҳарчанд забони шеъри Толиби Омулӣ идомаи забони Урфӣ ва Зуҳурии Туршезӣ аст, аммо ҳам ба лиҳози забонӣ ва ҳам баёнӣ метавон тозагиҳое дар он ёфт. Толиб дар воқеъ дар миёни ду ҷараёни умдаи шеъри асри Сафавӣ – шохаи Ҳиндустонии сабки ҳиндӣ ва шохаи иронии он қарор дорад. Фаҳми забони шеъри Толиб дар дарки беҳтари забони шохаи ҳиндустонӣ бисёр муассир тавонад буд [185,127].

Ҳамзамон, ин пажӯҳишгар ба ҷойгоҳи вижаи Толиб дар шеъри форсизабони Ҳинд ва таъсиргузориаш ба шуарои мобаъди худ дар ин қаламрав ишорат намуда менависад, ки аҳамият ва таъсири Толиб чунон аст, ки гӯӣ забони ғазали шохаи ҳиндустонӣ ҳамон забони ғазали Толиб аст, ки бисёр печидатар ва ихтироъитар шуда ва басомади таркиботи тозаи хос ва парадоксии он дар канори ҳиссомезӣ афзунии чашмгиртар ёфтааст [185,127]. Ба ин вачҳ аст, ки таъсири ҳунари шоирии Толибро ба дигар суханварони сабки ҳиндии баъд аз вай рӯшантар метавон эҳсос намуд. Ҷиҳати ошнойии бештар ба вижагиҳои ҳунарии шеъри Толиби Омулӣ ва таъсири ӯ ба

шоирони сабки ҳиндӣ ин ҷо баҳсе атрофи таъсири ҷанбаҳои ҳунарии ашъори Толиби Омулӣ ба Бедили Деҳлавӣ ва ибтикороти бадеии Абулмаонӣ бар мабнои ин асарпардозӣ изҳори назар хоҳад шуд.

Ҳузури Толиби Омулӣ ба қаламрави адабиёти форсӣ ба рӯзгоре иттифоқ афтодааст, ки сабки ҳиндӣ тамоюл ба авҷу шукӯҳ дошт. Ҳарчанд ин шоири маъруф бо намояндагони барҷастаи ин сабки адабӣ дар як қарн зистаанд, аммо аз лиҳози қидмати таърихӣ Толиб пештар аз Соибу Бедил барин суханварони маъруфи сабки ҳиндӣ ба сар бурдааст. Масалан, айёме, ки Соиб ба дунё омадааст, Толиб аллакай 23 сол дошта ва замони таваллуди Бедил ӯ ба синни 41 солагӣ расида ва ба ҳангоми 6 солагии вай аз олам чашм пушидааст. Бо такя ба ин асноди таърихӣ ва мурур ба ашъори Толиби Омулӣ метавон дар нахустин марҳилаи баёни мулоҳизоти хеш ҳадс зад, ки ин шоири мӯътабар аз пешкисватони сабки ҳиндӣ маҳсуб меёбад ва нуфузи вижагиҳои ин сабк воқеияти ин андешаро ба субут мерасонанд. Авлавияти Толибро дар тазоҳури сабки нави адабӣ, бо номи сабки ҳиндӣ ё услуби тоза бархе аз пажӯҳишгарон низ эътироф намудаанд. Забеҳулло Сафо ба мабнои таҳлили назароти тазкиранигорони айёми Толиб ва мобаъди вай мӯътақид бар ин шудааст, ки Толиб ба сабаби таъсире, ки дар таҳаввули сабки шеъри даврони сафавӣ дорад, шоири қобили таваҷҷӯҳ ва таҳқиқе аст. Ӯ дар шумори касонест, ки шеваи шоириро аз он чӣ дунболаи сабки оғози садаи даҳум маҳсуб мешуда, ба ҷониби як таҳаввули сареъ ва тағири қотеъ бурданд, ки дар ҳамон садаи ёздаҳум ба зуҳури шоироне чун Мирзо Ҷалоли Асир ва Калими Кошонӣ ва Соиби Табрезӣ анҷомид [192, 1062]

Дар навбати аввал иродати Бедили Деҳлавӣ ба Толиби Омулӣ аз он ҷо равшан мешавад, ки дар муқаддимаи маснавии «Муҳити Аъзам»-и хеш Абулмаонӣ дар шумори суханврони номваре чун Ҳилолӣ, Зулолӣ, Солик, Соиб ва Шайдо исми Толиби Омулиро низ ба забон меоварад, ки ин нукта ба табаҳҳури ин шоири соҳибназар ба рӯзгори хеш ва эътирофи ҷойгоҳи вай аз ҷониби Мирзо Бедил ишорат дорад:

«Ҳилолӣ дар андешаи ин сипеҳри камол чун моҳи нав борик аст ва Зулолӣ дар тамошои ин муҳити аъзам ба оби ҳастар наздик. Солик то тайи маротиби ирфон нанамояд, аз ҷодаи истифҳоми он дур аст ва Толиб то ба сарманзили камол нарасад, аз усули идроки он маъзур[98,229]. Ҳарчанд Бедил бо шеваи иҳом вожаи Толибро ба кор гирифтааст, аммо аз умқи матлаби вай равшан мегардад, ки ин ҷо ишорате ба Толиби Омулӣ ҳам дорад.

Аз назари дигар, вуҷуди ғазалиёти ҷудогонае дар пайравӣ аз Толиби Омулӣ дар девони Бедил ва истиқболи шеваҳои хоси баён, маънисозӣ, корбурди шигардҳои ҳунарӣ ишорат ба ихлосу иродати вай ба ин суханвари мумтоз мекунад. Мурур ба чанд намуна аз ғазалҳои Мирзо Бедил мекунем, ки дар пайравӣ авзони шеъри Толиби Омулӣ сурудааст:

Толиб:

Ба имзо нуқта месанҷад намедонам забонашро,

Худоё файзи илҳоме, ки дарёбам баёнашро[63, 16].

Бедил:

Чи имкон аст фардо арзи шухӣ нотавонашро,

Ба гардиш оварам ранге, ки гардонам инонашро [41,149].

Толиб:

Худоё, бар сари ноз ор бо мо каҷкулоҳонро,

Ба сеҳри ғамза бар мо фитна кун ҷодунигоҳонро [63,17].

Бедил:

Илоҳо, порае тамкин рами ваҳшинигоҳонро,

Ба қадри орзуи мо шикасти каҷкулоҳонро [113,93].

Толиб:

Ба тан бӯё кунад гулҳои тасвири ниҳолиро,

Ба по дар ҷунбиш орад хуфтагони нақши қолиро [113,28].

Бедил

Гаҳ аз мӯи миён шуҳрат диҳад нозукхаёлиро,

Гаҳе аз чини абру сакта хонад байти олиро [41,113].

Бедил:

Надидам меҳрубон дилҳои аз инсон холиро,

Зи ҳайрат бар шикасти ранг бастам аҷнолиро [41,123].

Дар девони Толиби Омулӣ ғазале бо матлаъи зерин ҷой дорад, ки бо як навъ шевоӣ ва мусиқияти ҷолиб садо додааст:

Чи хуш болидаӣ, эй нахл, бар болиданат нозам,

Ба гул чидан саре дорӣ, сари гул чиданат нозам [113, 255].

Мирзо Бедил бо шинохти ҳамин ҷаззобияти оҳанги ин ғазал онро истиқбол карда ва ҳарчанд сурудаи Абулмаонӣ дар чаҳор байт ҷамъбаст шудааст, аммо аз ҳамин сурати мухтасари он равшан ҳувайдост, ки оҳангу назокати ғазали Толиб чӣ таъсире ба ғазали Бедил гузоштааст.

Зи ранги ноз чун гул базми ишратчиданат нозам,

Чу шамъ аз шухии барқи нигаҳ болиданат нозам.

Зи хомӯшӣ ба ҳам печидаи шӯри қиёматро,

Ба ҷайби ғунча тӯфонҳои гул дуздинат нозам.

Набуд ин дашт, эй пои таманно! Қобили ҷавлон,

Ба ранги ашк дар аввалқадам лағзиданат нозам.

Ҳама лутфиву аз ҳоли мани Бедил наӣ ғофил,

Назар пушида сӯи хоксорон диданат нозам [23,384].

Таъсири ғазали Толиб ба сурудаи Бедил аз чанд ҷиҳати дигар ҳувайдост. Дар назари аввал ин ғазал ба радифе эҷод шудааст, ки дар баробари ҷаззобу равшан будан, дар ба шумули радоифи нодир дар адабиёти форсӣ қарор дорад. Аз назари дигар, Бедил бо файзгирӣ аз равиши эҷоди Толиб дар матлаъи ғазал бо иваз кардани ҷой ҳамон калимотеро барои қофия баргузидааст, ки Толиб ҳам дар байти нахусти ғазалаш овардааст, яъне дар аввали ҳар ду ғазал ҳам калимаҳои «чидан» ва «болидан» муқаффо шудаанд. Танҳо Бедил баръакси Толиб нахуст чидан ва пасон болиданро овардааст.

Аммо таъкиди нуктаи дигар ҳам ҷоиз аст, ки Бедил бо ин ки ғазале кутоҳ дар ҷавоби ғазали Толиб сурдааст, танҳо дар байти аввал вожагони муқаффои Толибро такрор кардааст. Дар се байти дигар бошад вай калимоти

«дуздидан», «лағзидан» ва «дидан»-ро барои сохтмони қофия ба кор гирифтааст, ки дар ғазали Толиб ҷой надоранд ва ин равиши Бедил ба кӯшишҳои ӯ дар истиқболи таҷаддудгароёнааш дар шеър ишорат мекунад.

Ёдовар бояд шуд, ки эҳтимоми Бедил дар истиқболи шеъру андеша ва равиши Толиб ба сурати тоза ҳам навъе ба ибтикороти ин шоир дар талоши навгаройӣ ва талошҳояш дар зуҳури «равиши тоза» пайванди маънавӣ дорад. Амри эътирофшуда аст, ки Толиби Омулӣ аз аввалин таҷаддудгароён дар қаламрави сабки ҳиндист ва баробари мувоҷеҳ шуданаш ба навпардозӣ тамоюли хаёлбофӣ мекунад, ки ин махсусият ҳам минбаъд ба ҳукми мухтассоти вижаи ашъори Бедили Деҳлавӣ шинохта мешавад. Забеҳулло Сафо бар тасдиқи ин мулоҳизот овардааст, ки ҳуши саршор ва фитрату назароти олӣа истеъдоди худододи Толиб ҳамон қадар, ки ӯро шоири бисёр зудрас сохт, ба ҳамон андоза ҳам ба вай фурсати навоварӣ дод ва ӯ худ бо ин таҷаддуд дар лафзу маънӣ воқиф буд ва «ихтироъи суханҳои хушқумош»-ро марҳуни «хаёлбофӣ»-и худ медонист ва ба «равиши тоза»-аш, ки онро аз ҳама равишҳо тозатар мешумурд, мағрур буд…»[192, 1062-1063] Сафо ҳатто мӯътариф аст, ки қареҳаи худодод вайро [Толиб- Н.Н.]-аз тангноҳои хаёлбандӣ ва мазмунофаринӣ ғолибан комёб берун меоварад» [192,1062].

Худи Толиби Омулӣ мавориди зиёде дар ашъораш ба хаёлбофӣ ва равиши тозаи хеш ишорат дорад, ки сарчашмаи зуҳури назари фавқро таъйид мекунанд. Аз ҷумла, мавориде фармуда:

Толиб аз ҳар равише шеваи мо тозатар аст,

Равиши мост,к-аз он тозатаре нест падид.

Ҳатто ҷилваи равиши тоза дар каломи Толиб ба ҳаддест, ки ӯ худро мухтареъи ин шеваи нигориши ҷадид мешуморад:

Толиби андалеби замзамаем,

Равиши тоза офаридаи мост.

Ва гароиши худро ба хаёлбофӣ навъе ихтироъи суханҳои хушқумош маънидод мекунад:

Хаёлбофӣ аз он пеша кардаем Толиб,

Ки ихтироъи суханҳои хушқумош кунем.

Мирзо Бедил ҳам дар ин маврид эътиқодманд ба равиши тозагаройӣ дорад ва ҳам дар навгӯиву навҷӯӣ ва ҳам хаёлбофӣ дар шеър роҳи Толибро идома медиҳад. Таъкиди «таҷаддудии либоси хаёл»-и худ аз ҷониби Бедил пайванде миёни назароти адабии вай ва Толиб эҷод карда:

Бедил таҷаддудист либоси хаёли ман,

Гар сад ҳазор сол бароям куҳан наям [23, 259]

Манзалати хос ва пешкисватии Толибро дар тарзи тоза пасовандонаш хам эътироф кардаанд. Ҳатто Соиби Табрезӣ, ки аз бунёдгузорони сабки ҳиндӣ маҳҳсуб меёбад, қасам мехӯрад, ки ҷои Толиби Омулӣ дар тарзи тоза дар Исфаҳон пайдост:

Ба тарзи тоза қасам ёд мекунам, Соиб,

«Ки ҷойи Толиби Омӯл дар Исфаҳон пайдост».

Таъкиди «дар Исфаҳон пайдост» худ ишорате сареҳ бар он аст, ки Соиб бо мақоме, ки дорад, авлавият ва нақши густардаи Толибро дар раҳгузори сабки ҳиндӣ ва таҳаввули ҷанбаҳои ҳунарии он, ки номи сабки ифаҳониро ҳам дорад, арҷ мегузорад.

Матлаби дигаре, ки миёни Бедили Деҳлавӣ ва Толиби Омулӣ пайванди маънавие эҷод мекунад, муштаракоти эътиқод ва иродати ҳарду шоир ба суханварони бузурги адабиёти форсӣ- Саъдӣ ва Ҳофизи Шерозӣ маҳсуб меёбад. Мо дар ашъори ҳар ду шоир ба абёте мувоҷеҳ мешавем, ки таҷаллигари на танҳо ихлосу иродати Толиб ва Бедил ба ин ду суханвар ҳастанд, балки бардошти фаязони афзуни фикрии ҳардуро аз каломи Саъдиву Ҳофиз бозтоб мебахшанд. Толиб дар як байт худро шогирди Саъдии Шерозӣ мешуморад, ки ба ҷон дар эҳтироми Ҳофизи Шерозӣ талош варзидааст:

Зи шогирдони Саъдӣ мешуморам хешро, аммо,

Ба ҷон дар эҳтироми Ҳофизи Шероз мекӯшам [113,262].

Бедил ҳам дар чанд маврид ба назму наср қоили Саъдист ва каломи Ҳофизро ҳодии хаёли хеш эътироф менамояд:

Аз гулу сунбул ба назму насри Саъдӣ қоилам,

Ин маъонӣ дар гулистон бештар дорад баҳор [23, 116]

***

Бедил каломи Ҳофиз шуд ҳодии хаёлам,

Дорам умед ҳар дам мақсуди ман барояд [22, 477].

Аз муҳимтарин вижагиҳои ҳунарии шеъри сабки ҳиндӣ эҳтимоми шуаро дар корбурди қофия ва радоифи нодир ба шумор меояд. Шоистаи тазаккур аст, ки ин махсусиятро дар сабкҳои қаблии адабӣ мо камтар ба мушоҳида мегирем. Ҳарчанд ки Мирзо Бедил миёни шуарои дигари сабки ҳиндӣ дар сомони радифҳои нодир нуфузи бештаре дорад, аммо мурур ба пайвандҳои Бедил ва Толиби Омулӣ аз диди эҷоди радифҳои нодир бозгӯ аз он мешавад, ки дар ин росто ҳам Толиби Омулӣ аз пешкисватон маҳсуб меёбад. Ба ибораи дигар, Толиби Омулӣ дар офариниши радоифи ғароиб ва қавофии нодир ба ҳадде тавони ҳунари шоирӣ аз худ зоҳир кардааст, ки ағлаб аз наводири шеваи корбурдии ӯро дар ин масир ҳам суханварони мобаъдаш, аз ҷумла Бедили Деҳлавӣ истиқбол кардаанд ва ҳам пажӯҳишгарон ин мақому ҷойгоҳи ӯро дар ин ростон муътариф шудаанд. Ҳарчанд зоҳиран ин радоиф ва қофияҳо содда ва мукаррар ба назар мерасанд, аммо талоши Толиб ва шоирони дигари сабки ҳиндӣ, ки ин тарзи тозаи радифофариниро тадовум бахшидааст, пеш аз ҳама дар вусъати ин мукаррарот офаридани маонии ҷадид маҳсуб мешавад, ки баъдан ба шарҳи ин вижагии тозаи корбурди радиф дар шеъри ҳар ду шоир хоҳем пардохт. Ба иллати ҳамин танаввуъи маъноӣ дар такрори калимоти равӣ ва муқаффост, ки офаридани қавофӣ ва радифҳои нодир ба унвони шохисаи ҳунарии шеъри сабки ҳиндӣ баргузида шудааст. Забеҳулло Сафо бо ишорат ба такрори қофия ва радиф дар қасидаҳои Толиб навиштааст, ки қисмате аз ин қасидаҳо бо радиф ва баъзе бо қофияҳои соддатар ва истеъмоли радиф, ки Толиб бад-он майли вофире дорад дар наздик ба тамоми ғазалҳое аз ӯ низ машҳуд аст. Такрори қофия дар шеъри Толиб ба расми ҳам рӯзгоронаш бисёр дида мешавад» [193,1065]. Ишорати Сафо «ба расми рӯзгорон»-и Толиб ҳамон таҷаддудгароӣ аст, ки табодули маъноии вожагони муқаффо ва мураддаф дар онҳо равшан

мешавад. Ба ваҷҳи субути ин мулоҳизот ба шарҳу тавзеҳи шеваҳои корбурди радоиф ва қавофӣ дар ашъори ин ду суханвари мумтоз хоҳем пардохт:

Аз вожагони пуркорбурди шеъри Бедил «шикаст» ё шакли масдарии он «шикастан» маҳсуб меёбад, ки дар сурудаҳои ин суханвари номвар ба таҳаввули маъноӣ дучор гардидааст. Ҳатто ин калимаро Бедил дар чандин ғазалҳои худ ба унвони радиф бо сурати мухталиф ба кор гирифтааст. Таваҷҷӯҳ ба девони Толиби Омулӣ ҳам ошкор месозад, ки дар канори касрати истифодаи ин вожаи мустаъмал дар сурудаҳои шоирони сабки ҳиндӣ дар чанд маврид ӯ ҳам ба унвони радиф аз он ба кор гирифтааст. Аз ҷумла дар ғазале, ки мақтаъаш ин аст, вожаи шикаст радиф шуда омадааст:

Даври фалак шикаста диламро зи сар шикаст,

Хурдам шикаста буд аз он хурдтар шикаст.

Толиби Омулӣ дар истифодаи ин вожа ба ҳайси радифи ғазали хеш иктифо ба як шакли он намекунад ва кӯшиши зуҳури анвоъи ҷолибу тозаи онро менамояд. Ҳамин шеваи таҷаддуд дар истифодаи вожаи шикаст дар радифи ғазал дар Толиб басомади ҷолибе дорад ва ба мушоҳида мерасад, ки шоир ғазали дигари худро бо радифи «шикаста» ба қалам овардааст, ки афзун ба такрори он дар ҳар як аз мавориди мураддаф шудан таҳаввулоти маъноии вожа ошкор аст:

То кай халад аз ғам ба дилам хори шикаста,

Умрам гузарад дар таҳи девори шикаста.

Боре чу фалак дода шикастам, ту маёзор,

Берун зи муруват бувад озори шикаста. [113, 275]

Дигар радифи ғарибе, ки Толиби Омулӣ онро бо корбурди вожаи «шикаст» мавриди истифода қарор додааст, «шикаста мемонам» аст,

Гаҳ аз малол ба хори шикаста мемонам,

Гаҳ аз шааф ба хумори шикаста мемонам. [113,259]

Мирзо Бедил ҳам чанд ғазале бо радифи шикаст сурудааст, ки ҳарчанд онҳо бар вазни ин сурудаи Толиб эҷод нагардидаанд, аммо истиқболе дар усули таҷдиди радифофаринии ғариби ин шоир ба мушоҳида мерасад:

Ҳавас ба фитнае сад анҷуман нигоҳ шикаст,

Зи офият қадаҳе доштем оҳ шикаст. [41,490]

Дар ғазали дигар бошад Бедил радифи «хоҳад шикаст»- ро интихоб кардааст, ки ҷузъи дувуми он ҳамон вожаи шикаст маҳсуб меёбад:

Нотавонӣ гар чунин аъзои мо хоҳад шикаст,

Устухон дар якдигар чун бурё хоҳад шикаст [41,467]

Мирзо Бедил шеваи таҷаддудгаройии хешро ба кор мегирад ва зимни корбурди ин вожа дар офариниши радифҳои ғариб шаклу анвоъи мухталифи онро корбурд мекунад, ки намунаи дигари он бо истифода аз сурати «нашкастан» ба шумор меояд:

Сафо гул кардаӣ то кай ғубори ранг нашкастан,

Таҳаюр дорад аз мино тилисми санг нашкастан [23, 544].

Дар ғазали дигаре аз Бедил бошад бо корбурди решаи шикаст дар шакли **«шикасте»** дар чанд байт қофия сохтааст, ки абёте аз он ғазал бад-ин сурат зуҳур кардаанд:

Дар пардаи ҳар ранг камин карда шикасте,

Додаст қазо коргаҳи шиша ба масте.

Бар нақши хаёли Туву ман баста шикасте,

Аз ҳар ду ҷаҳон он тарафи оинабадасте.

Хиҷлаткаши навмедиам аз ҳастии мавҳум,

К-ӯ он қадарам ранг ки орад ба шикасте [23,660]

Чунонки гуфта омад, дар ин ҷо вижагии хосаи радифофаринӣ дар сабки ҳиндӣ равшан мегардад, ки он такрори маъноӣ надоштани мураддафот маҳсуб меёбад ва ҳам Толиб ва ҳам Бедил дар сурату маъно ба таҳаввули маъноии радоиф талош дорад, ки аз ин лиҳоз ҳам пешгом будани ӯ дар корбурди махсусиятҳои ҳунарии сабки ҳиндӣ ҷилвагар мегавад. Масалан, дар ғазале, ки байти матлаъи он қаблан ёд шуд, ба унвони радиф таркиби «шикаста мемонам» интихоб шудааст ва ин ҷо тавассути истифодаи калимаи шикаста чандин ибора офарида шудааст, ки аксаран баробари таҳаввулоти

маъноӣ ба табдили мазмуни худи вожаи «шикаста» таъсиргузор шудаанд.Абёти баъдии ғазал сурати зайл гирифтаанд:

То кай халад аз ғам ба дилам хори шикаста,

Умрам гузарад дар таҳи девони шикаста.

Боре чу фалак дода шикастам, ту маёзор

Берун зи мурувват бувад озори шикаста.

Лашкар чӣ кашӣ баҳри шикасти сафи дилҳо,

Кофӣ бувад аз зулфи ту як тори шикаста.

Хуш бар сари ҳам рехта сад дил зи хадангат,

Пайкони хам овардаву суфори шикаста.

Лаънат шиканад гавҳари гуфтори ту аз ноз,

Ман бандаи он шеваи гуфтори шикаста.

То аз кафам он себи зақан рафта ба рухсор,

Хуни ҷигарам рехта чун нори шикаста.

Гармим зи ҳангома шуду равнақам аз кор,

Чун маҷлиси афсурдаву бозори шикаста.

Шоҳини дили Толиб аз он сайдгаҳи ноз,

Боз омода бо чангулу минқори шикаста [63,849]

Ин ҷо мо ва дар мавориди дигаре аз ғазалҳои Толиб ба таъбироти «хори шикаста», «хумори шикаста», «кори шикаста», «нори шикаста», «узори шикаста», «минқори шикаста», «гуфтори шикаста» ва амсоли ин дучор меоем, ки ҳар як сурати киноӣ касб кардаанд, тағйири маъно кардаанд. Аз ҷумла:

Хори шикаста- хори порашуда, қисматгардида,ки халидани он асари бештар ба ҷисми инсон расонад.

Хумори шикаста- ибораи маъмули ба орзу расиданро дорад

Кори шикаста – кори беравнақу бебарор

Нори шикаста- аноре, ки ҳангоми пухтан мекафад ва дар воқеъ таркиби зебои шоиронае ҳам ҳаст, ки аз он Толиб ҷои дигар низ истифода кардааст:

Гуфтори шикаста- сухани канда- канда, ки бар асари нуфузи инфиолу нози маъшуқ бо назокате хос садо диҳад.

Аз ин матолиб ҳувайдост, ки Толиб дар куллияи маворид дар ҷараёни корбурди радоифи такрор ба таҳаввули маъноӣ иқдом мекунад. Ин шеваи ҷолиби ҳунариро Бедил ҳам бо шоистагӣ идома додааст. Ба ғазале аз Бедил мурур мекунем, ки бо радифи «шикастам» суруда шудааст ва дар ағлаби абёт таҳаввули маъноии вожаи мураддаф бар асари пайванди он бо калимаи муқаффӣ ошкор аст:

Бедил:

Шаб ҷӯши баҳоре ба дили танг шикастам,
Гул чид хаёли Туву ман ранг шикастам.
Мижгон ба ҳам овардаму рафтам ба хаёлат,
Парҳези тамошо ба чӣ найранг шикастам.
Хилваткадаи ғунча тарабгоҳи баҳор аст,
Дар ёди худро ба дили танг шикастам.
Ҳар зарра ба кайфияти дил масти хурӯшест,
Ин шиша надонам ба чӣ оҳанг шикастам.
Бебаргиям аз кулфати афсурдадилиҳост,
Дасте, ки надорам таҳи ин санг шикастам.
Охир ба дари яъс задам ҳалқаи пирӣ,
Фарёд, ки бечанг шуду чанг шикастам.
Хун гаштани дил боиси вомондагиям буд,
То оинае дар қадами ланг шикастам.
Гарди ҳавасе чанд нишондам ба тағофул,
Кавнайн сафе буд, ки бечанг шикастам.
Шабгири сиришк инҳама кӯшиш написандад,
Дар лағзиши по манзилу фарсанг шикастам.
Аз шаш ҷиҳатам гарди саҳар оинадор аст,
Чун шамъ чӣ гӯям чи қадар ранг шикастам.
Хун дар ҷигар аз шишаи холӣ натавон кард,

Бедард диле доштам аз нанг шикастам.

Бедил накашидам алами ҳарзанигоҳӣ,

Оинаи роҳаткардаи ранг шикастам [23,401].

Дар ғазали Бедил радифи «шикастам» бо калимоте чун рангу нангу санг, фарҳанг ва амсоли ин пайванд ёфта, дучори таҳаввул маъноӣ гардидааст. Ба таркиби ибора даромадани вожаи «шикастам» ин тағирот ва бисёрмаъноии онро ҳамчун радифи ғазал таъмин намудааст. Аз ҷумла «нанг шикастан» ба маънии аз баҳри обрӯ ва эътибори дунёӣ гузаштан, «ранг шикастан»- аз ҳолате ба ҳолати дигар гузаштан, «раҳу фарсанг шикастан»- фосиларо тай кардан, «бечанг шикастан», бидуни ҷангу ҷидол тасхир кардан, ба худ тобеъ кардан ва амсоли ин ба кор рафтаанд, ки ҳар яке таҷаддудеро дар бисёрмаъноии калимаи «шикастан» дар шеъри Бедил бозгӯи мекунанд. Ҷолиб он аст, ки дар байти панҷум Бедил мисраи дувумро бад-ин сурат ба қалам овард:, «Дасте, ки надорам таҳи ин санг шикастам». Ин мисраъ бар асоси таркиби маъмулии мардумӣ, ки «даст зери санг доштан» ё «даст зери санг будан» сохта шудааст, ки маънии оҷиз мондан дар пеши коре ё аз ваҷҳи нодорӣ коре анҷом дода натавонистанро ифода мекунад. Бедил тавассути истифодаи ин таркиб мустаъмал дар гӯйиши тоҷикӣ навъе парадокс ба он бахшида ва аз ин роҳ таҳаввули маъноиеро ҳам ба ин таркиб ва ҳам ба вожаи шикастан ато кардааст. Агар дар гуфтори мардуми «даст зери санг будан» зикр шавад, Бедил мегӯяд, ки ман ҳамон дасти зери санг надоштаамро ҳам шикастам. Бо таъкид ба ин ки дар мисраи аввал шоир вожаи «бебаргиам»-ро ба маънии нодорӣ, беҳосилӣ, фақр истифода бурдааст, ин ҷо «дасти зери санг надошта» маънии нодории нодортар аз нодориро ифода мекунад, ки аз дараҷаи таркиби мардум болотар аст. Яъне, агар дасти зери занг дар гуфтори мардумӣ дараҷаи аввали нотавонӣ аст, Бедил таъкид мекунад, ки бебаргии ман ба ҳадде аст, ки ман ҳатто дасти зери санг надоштаамро шикастам.

Чунин шеваи корбурди радоиф бо феъли «нишастан» ҳам дар ашъори ҳарду шоир ба мушоҳида мерасад. Дар девони Толиби Омулӣ чанд ғазале

мавҷуд аст, ки бо радифи нишастаем ба қалам омадааст, ки бо овардани матлаъи онҳо иктифо мекунем:

Аз ғам чу захмхӯрда паланге нишастаем,
Чун теғи кӯҳ бар сари санге нишастаем [113,254]

***

Дар ҳар саре чу нашъаи савдо нишастаем,
Дар ҳар диле чу доғи таманно нишастаем [64,761]

***

Мо дар канори сабзаву сунбул нишастаем,
Шабнам наему бар варақи гул нишастаем [64,739]

Ҳарчанд ғазали Бедил бо қофияи дигар суруда шудааст, аммо радифи он ҳам мушобеҳи ба радифи ғазалҳои мавриди назари Толиби Омулӣ ба сурати шикастаем ҷилвагар аст, ки навъе истиқболи Абулмаониро аз чунин шеваи корбурдии радоифи Толиб ба субут мерасонад.

Чун субҳа як ду рӯз, ки бо ҳам нишастаем,
Аз якдигар гусаста фароҳам нишастаем [42,1043].

Таваҷҷӯҳ ба осори суханварони сабки ҳиндӣ нукоти дигареро марбут ба вижагиҳои ҳунарии эшон ошкор месозад, ки ағлаби онон асолати махсусиятҳои ин сабки адабиро таҷассум намудаанд. Муҳимтарин вижагии сабкӣ, ки дар шеъри Бедил таҳаввул пазируфта, дар ашъори дигар намояндагони ин сабк камтар таҷассум дорад, калимасозии мураккаби чандҷуъзӣ маҳсуб мешавад. Одатан дар шеъри суханварони дигар вожагони мураккаби дутаркиба мустаъмал шудаанд ва ба назари бештари пажӯҳандагони сабки ҳиндӣ дар шеъри Бедил ин шохисаи ҳунарӣ тамил пайдо намуда, се ё чаҳортаркибӣ шуд, ки ҳатто ин амр боиси аз як калима иборат шудани як мисраъ дар маснавиҳои шоир гардид. Масалан, дар маснавии «Муҳити аъзам» абёте ҷой дорад, ки дар онҳо калимоти мураккаби сеҷузъии мабнӣ бар ҳунари шоирии Бедил сурат пайдо кардаанд. Барои таъйиди ин назар ба ду намуна аз чунин абёт ва вожагон ишорат мешавад:

Саропо сарафкандагиҳавсала,

Кулоҳе нагун карда чун обила.

Сипеҳрам сувайдонасабкавкаб аст,

Гули домани субҳи бахтам шаб аст.

Дар ин ду байт вожагони «сарафкандагиҳавсала», «сувайдонасабкавкаб» бо чунин усули алимасозии махсуси сабкӣ ҳиндӣ созмон ёфтаанд, ки бозгӯӣ шигарди ҳунари шоирии Бедил дар сомони чунин калимот маҳсуб меёбанд.

Мутолиаи девони Толиби Омулӣ ошкор месозад, ки дар миёни шоирони сабки ҳиндӣ ӯ аз нахустин нафаронест, ки ин шеваро дар ҷараёни вожасозии мураккаб дар шеър корбурд кардааст ва авлавияти вай дар ин росто мақомашро дар ин ҷода ҳам чун яке аз пешгомони равиши мазкури вожаофаринӣ муаррифӣ мекунад. Ҳусайн Ҳасани Пуролоштӣ дар бахши таркиботи изофии шеъри Толиб ба зикри чаҳор намуна аз ашъори Толиб пардохтааст, ки ба таъкиди вай таркибсозӣ ба гунае аст, ки гоҳ саросари мисраъро дарбар мегирад:

Мо чашмобдодагулзори оташем [609],

***

Мо мусибатзадамурғони қафасмуштоқем…[222]

***

Мо хона зи барқинафасафрӯхтагонем, [223]

***

Мо бодинонкиштии симобматоъем [291] в... [185,138].

Дар ин чаҳор мисраъ мо ба вожагоне чун «чашмобдодагулзор», **«мусибатзадмурғон»**, **«барқинафасафрӯхтагон»**, **«бодинонкиштӣ»**, «симобматоъ» бо шеваи мазбури калимсозӣ сомон пайдо кардаанд, ки назираш дар шоирони дигари сабки ҳиндӣ ба мушоҳида намеравад ва бо такя

ба ин назокати ҳунарии шеъри Толиб метавон натиҷае бардогт, ки дар ин равиши калимофаринӣ Бедил аз ашъори Толиби Омулӣ файзҳо бардоштааст.

Дар мавриди таъсири дигар аз вижагиҳои ҳунарии шеъри Толиб, хоса тасвирҳои парадоксӣ, ҳиссомезӣ, корбурди вобастаҳои ададӣ низ метавон назароте иброз дошт, аммо ба иллати ин ин муштаракот дар ағлаби шуарои сабки ҳиндӣ ба мушоҳида мерасад, аз баҳси ин мавзӯъ фурӯгузорӣ хоҳем намуд.

Бо такя ба он чӣ гуфта омад, метавон ба хулосае расид, ки Толиби Омулӣ дар шумори шуарои пешкисвати сабки ҳиндӣ қарор дорад, ки на танҳо табаҳҳур ва нусрати шеъри вай мақомашро дар доираҳои хосу оми замонаш рифъат бахшидааст, балки бузургарин суханварони пасованди вай фаязоне аз калом ва арзишҳои ҳунарии шеъраш бардоштаанд. Мирзо Бедили Деҳлавӣ бо он шаҳомату шукӯҳе, ки дар қалamрави адабиёти форсизабони Ҳинд пайдо карда буд, манзалати ҳунарии ин шоирро қоил буда ва ҳатто аз равишҳои беҳтарини ҳунари шоирии вай истиқбол намудааст, ки тавзеҳи намунаҳое аз онҳо мулоҳизоти мазкурро ба субут мерасонад.

БОБИ ПАНҶУМ. ТАЪСИРИ ПОЭТИКИИ БЕДИЛ БА СУХАНВАРОНИ АДАБИЁТИ ТОҶИКИИ ФАРОРУД (АЗ НИМАИ ДУВУМИ АСРИ ҲАЖДАҲ ТО АВВАЛИ АСРИ БИСТ)

ФАСЛИ АВВАЛ. МАКТАБИ ПАЙРАВОНИ БЕДИЛ ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИКИИ ФАРОРУД

Пайдоиш ва ривоҷи сабки ҳиндӣ дар қаламрави адабиёти форси Фароруд ба мабдаъ ва сарчашмаҳое пайванд мегирад, ки ҳанӯз дар раҳгузори шеъри форсии сабки ироқӣ ва тазоҳури махсусиятҳои ҳунарие дар оинаи он, ки минбаъд ба вижагиҳои хоси сабки ҳиндӣ бадал шуданд ба ҷилва омада буданд. Ин андешаро дар робита ба соири мактабҳои фарорудиву иронӣ ва ҳиндии қаламрави ин сабки адабӣ ҳиндӣ Саид Нафисӣ низ таъйид намуда ва навиштааст: «Дар қарни даҳум дар Ҳиндустон асоси сабки махсус дар шеър гузошта шуд, ки ба номи сабки ҳиндӣ маъруф шудааст ва ин сабк аз равиши хоси шоирони самбулизими қарни ҳаштум, махсусан Камоли Хуҷандӣ, Фахриддини Ироқӣ, Ҳофизи Шерозӣ берун омад ва шоирон дар истеъмоли киноёту истиорот ва маонии дақиқ ва нозукбаёнӣ ва ишора ба мисол ва истилоҳоти хос беш аз андоза рӯй кардаанд». [175, 78-79].

То замони авҷи сабки ҳиндӣ дар Шибҳи Қораи Ҳинд ва ҳатто ҳамҷавор ба он рӯзгор дар Фарорудон шоироне ба сар бурданд, ки муҳимтарин суннат ва вижагиҳои сабки ҳиндро дар ашъори худ бозтоб бахшиданд. Шояд дар он рӯзгор ин махсусиятҳо ба унвони падидаҳои ин сабк маъруф набуданд ва баъдан бо нуфузи онҳо дар шеъри шоирони даврони баъд ба унвони муҳимтарин вижагиҳои ин сабк эътироф гардиданд. Агар ба таъбири Саид Нафисӣ бигӯем, ки сароғози баъзе аз хусусиёти ин сабк дар шеъри шоирони сабки ироқӣ нуҳуфтааст, пас шоирони давраи қабл аз ривоҷи сабки ҳиндӣ дар Фароруд ҳам дар ин мақом буданд ва мешавад, ки шеъри ин шуароро ҳам ҳамчун омили заминасози ривоҷи сабки ҳиндӣ номзад намоем. Дар тазкираи

«Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Садриддин Айнӣ исми шоирони зиёде чун Қози Лутфуллоҳ Шокири Бухоройӣ, Мавлавӣ Шарифи Бухороӣ, Мутрибии Бухороӣ, Мӯъмини Самарқандӣ, Киромии Бухороӣ, Роқими Самарқандӣ, Субҳонқулихон Волии Бухороӣ, Бобо Раҳим Машраби Намангонӣ, Имлои Бухороӣ, Носири Бухороӣ, Шавкати Бухороӣ, Сайидои Насафӣ ва дигарон рафтааст, ки дар ҳамин рӯзгор ба сар бурда, дар ашъорашон шеваҳои хоси сабки ҳиндиро ба кор гирифтаанд. Гурӯҳе аз ин шоирон агар ҳамчавор ба шуарои маъруфи сабки ҳиндӣ ва замони нуфузи ин услуби адабӣ зистаанд, теъдоди дигаре аз онҳо ба рӯзгори қабл аз ривоҷи ин сабки адабӣ зистаанд, ки гуфтан метавон, дар пайдоиш ва таҳаввули махсусиятҳои сабки ҳиндӣ омилҳои муҳими заминасозро чун шоирони сабки ироқии мавриди назари Нафисӣ фароҳам овардаанд.

Ҳарчанд пас аз таҳаввули адабиёти форсу тоҷик дар қаламрави Ҳинд дар ҳавзаҳои мухталифи адабиву ҳунарии сарзамини Фароруд, бавижа дар Самарқанду Бухорову Хуҷанд муддате як навъ инҳитоти адабӣ ба чашм мерасад ва зуҳури чеҳраҳои бориз дар арсаи адабиёт нудрат пайдо мекунад, аммо таваҷҷӯҳи амиқ ба адабиёти форсӣ-тоҷикии нимаи дувуми асри нуздаҳи милодӣ аз ҳузури густардаи аҳли сухан дар ин минтақа бо сабку равияҳои мухталиф эҳсос мешавад. Агар дар наср нуфузи вофири афкори маорифпарварӣ ва ҷадидӣ муҷассам гардида, асоси адабиёти ба истилоҳ маорифпарварӣ ва ҷадидиро гузоштааст, дар шеър ба асари тавсеаи маҳофили бедилхониву бедилрасӣ ҷараёни адабии мактаби пайравони Бедил ҷойгоҳи вижае касб намуд. Дар ин фасли рисола асосан ба сарчашмаҳои зуҳур ва таҳаввали сабки ҳиндӣ дар адабиёти форсии Фароруд,инчунин ҷойгоҳи мактаби пайравони Бедил дар адабиёти тоҷикии нимаи дувуми асри нуздаҳ сухан меравад, ки ба майдони адабиёти форсии тоҷикӣ чеҳраҳои мунаввари адабиеро дар мисоли Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ, Зуфархон Ҷавҳарӣ, Парии Ҳисорӣ, Ҳасрати Ҳисорӣ, Ҳодии Самарқандӣ, Ҳайрати Бухороӣ ва шумори зиёди шоиронро рӯи кор оварда сабки ба истилоҳ бедилиро дар баробари падидаҳои сабки ҳиндӣ дар ин минтақа ривоҷ

бахшида, бар ин асос маърифат ва фаҳму дарки маонии мушкили ин суханвари печидабаёнро дар миёни мардум саҳлу осон намуданд.

Шавкати Бухоройӣ аз нахустин суханварони мӯътабари Фароруд аст, ки ҳанӯз ба авҷи худ нарасида, махсусиятҳои сабки ҳиндиро дар ашъори худ таҷаллӣ бахшид.Манзур ин аст, ки Шавкат то авҷи зуҳурии Сойиб ва Бедил ғазалиёташро бо он вижагиҳое, ки минбаъд дар пажӯҳишоти муҳаққиқон бо номи сабки ҳиндӣ мансуб гардиданд, музайян сохт. Мақоми ӯ дар мазмунсозӣ, ҳаллоқияти маонии тоза ва аз ин равзана партав бахшидани ҳунари шоирӣ дар қолиби таркибот ва ибораҳои ҷадид то ба андозае эътироф гардида, ки ҳанӯз дар замони худ ӯ муаллифи тазкираи «Музаккир ул-асҳоб» дар ин ҷанбаи ҳунараш ӯро баъд аз Хоқонии Шарвонӣ ва Калими Кошонӣ Хоқонии солис номидааст. Малеҳо ҳамчунин ба ба ашъори Шавкат баҳои баланд дода, ҳамзамон дар радифи ин матлаб зикри мақоми Шавкатро дар Ирон ва минтақаҳои берун аз Мовароуннаҳр ба гунаи зайл шарҳ додааст: Аммо аз рӯшноии чун офтоб шӯҳрате дошт, ки аён буд. Аз кӯчак ва бузург ва аз шоҳ то гадо дар мулки Ирон ҳамаро хоҳиши сӯҳбат ва орзуи улфати ӯ аст»

Аз муҳимтарин махсусиятҳои ҳунарии ашъори Шавкат, ки ифодаи вижагиҳои сабки ҳиндиро бозтоб мебахшад, ҷилваи таркибҳои шоирона ва ба қавли пажӯҳишгарон «лафзтарошӣ ё таркибсозӣ» мебошад. Намунаҳои зиёде аз ашъори шоирро дар даст дорем, ки ба вуҷуди чунин махсусияти ҳунарӣ дар ғазалиёти Шавкати Бухороӣ ишорат доранд. Зикр чанд байти шоҳид ба масобаи далели субути ин фикр кофӣ хоҳад буд:

Зуннорбандони каманди ваҳдат:

Мо ҳама зуннорбандони каманди ваҳдатем,

Кофир аст он кас, ки имон мекунад талқини мо [104,49].

Косаи дарюза:

Косаи дарюза бас бошад шаҳидони туро ,

Санг мебояд ба чинихонаи гардун задан [104,275].

Ин ҷо ба ҷуз ибораи мазкур метавон ба таркибҳое чун «санг задан»,

«санг бар чинихонаи гардун» задан низ аз ҳамин навъ ибораҳои маъруф дар қолиби сабки ҳиндӣ ба шумор мераванд, ки дар таркиби як байти Шавкати Бухоройӣ таҷассум касб намудаанд.

Ҳамзамон ба ин таркиб дар байти фавқ ибораи «чинихонаи гардун ба чашм мехӯрад, ки шомили ҳамин гуна тарокиби шоиронаи Шавкат аст ва ба нусрати ҳунари шоирӣ дар вусъати ғазалиёти шоир ишорат дорад. Аз сӯи дигар усули сохтмони ин гуна ибораҳо, ки ҷузъи аввали онҳоро калимаҳои муракабби шоирона созмон додааст, ба нуфузи калимасозии мураккаб дар шеъри Шавкати Бухоройӣ ишорат дорад, ки ин навъи махсусият ҳам ба унвони падидаҳои муҳими забонии шеъри сабки ҳиндӣ эътироф гардидааст. Масалан, дар ибораи «биёбонмарги истиғно», ки ҷузве аз иборотии шоиронаи Шавкат маҳсуб мешавад, ҷузъи аввал калимаи мураккабест, ки бо шеваи сохтмони калимоти мураккаб дар сабки ҳиндӣ ба зуҳур расидааст:

Биёбонмарги истиғно ҳаёти ҷовидон дорад,

Ҳавои оби ҳайвон Садди Искандар бувад моро [104,39].

Чанд намунаи дигарро метавон ба унвони мисол барои партави ин махсусияти сабки ҳиндӣ дар шеъри Шавкати Бухоройӣ зикр намуд:

Сияҳмаст:

Сияҳмастем аз майхонаи девони худ, Шавкат,

Варақгардонии мо гардиши соғар бувад моро [104,79].

Ҳамчунин дар ин байт калимаи «варақгардонӣ» аз шумори калимоти мураккаби шоиронаи Шавкат ба шумор меояд.

Ҷое ҳаст, ки Шавкат дар як байт то 7 калимаи мураккабро сохтаст, ки ҳамагӣ тозаву маҳсули андешаи баланди худи шоир ба шумор меоянд:

Нигоҳдуздида тарроре, ба машрабошно оре,

Тавозӯъшӯхи хушчашме, биҳиштирӯ накӯноме[104,290]

Бад-ин монанд дар ашъори Шавкати Бухоройӣ мо ба калимоте чун шафақнигор, доманфишон, шӯълахӯй, шӯълаошом, камарнозукбут, ғафлатандуд, дастадандон, хушкмағз, шитоболуд,соғарбахш, миҷгонгазида, рангинбиҳишт, барқшитоб, сабуксайр, сунбулпӯш ва амсоли ин дучор меоем,

ки бо таҷаддуди сурат ва маънии худ ҳунари шоирӣ ва шеваи тозабаёнии Шавкатро дар сароғози сабки ҳиндӣ ба субут мерасонанд.

Шавкати Бухоройӣ дар истифодаи тамсил ҳам чирадаст аст ва ҳамчун махсусияти сабки ҳиндӣ ба касрат аз ин санъати бадеӣ ба кор мегирад. Намунаҳои зиёде аз шоир барои ин хусусият дар даст дорем ва фикр мекунем, ки овардани ду мисол кофист, ки мо дасти тамом доштани шоирро дар ин масир ҳам эҳсос намоем:

Мо ба сад барқи таҷаллӣ кай равем аз ҷои хеш,
Кӯҳро санги фалохун мекунад тамкини мо [104,49].

***

Шунав, Шавкат, зи мушкинхомаи ман маънии рангин,
Ки резад хуни булбул аз раги минқори зоғи ман [104,274].

Аз шоирони маъруфи даврони ривоҷи сабки ҳиндӣ, ки дар Фароруд зистааст, Сайидои Насафӣ маҳсуб мешавад. Ҷобулқо Додалишоев, муаллифи нусхаи форсии Куллиёти Осори Сайидо дар Тоҷикистон омили аслии гаройиши Сайидоро ба сабки ҳиндӣ чунин маънидод мекунад: «Азбаски Сайидо дар айёми ҷавонӣ ба зарофат ва назокати сухан ва ба навпардозӣ тамоюли зиёде дошт. Бинобар ин ашъори намояндагони сабки ҳиндӣ ба табъу завқи ӯ мувофиқ афтод ва ӯ ин сабкро ба сифати услуб ва салиқаи эҷодии худ пазируфт [62,3].

Роҷеъ ба рӯзгор ва вижагиҳои осори Сайидо дар Тоҷикистон иддае пажӯҳишот анҷом ёфтаанд ва чун ҳадафи аслӣ бозгӯии мақоми шоир дар густураи сабки ҳиндӣ аст, аз баррасии масоили ғайри ин дар ин фаслр рисола сарфи назар мешавад.

Таркибсозӣ ва ибораройӣ чун хусусияти сабки ҳиндӣ дар шеъри Сайидо ҳам нуфуз дорад ва касрати корбандии ин навъи иборот пеш -з ҳама ба шукӯҳи ҳунари шоирии вай ва нусрати вижагиҳои сабки ҳиндӣ ишорат дорад. Зикри чанд намунаи таркибҳои зебои шоиронаи Сайидо ин назар ва мулоҳизотро ба субут мерасонад:

Дар боғи орзу ниҳол шинондан:

Дар боғи орзу ниҳоле нишондаӣ,

Умрат гузашт, меваи ӯ норасидааст [61,214]

Қосиди ҷосуси ҳайронӣ будан:

Чашму гӯшам қосиди ҷосуси ҳайронӣ бувад,

Ҳамчун гул аъзоям асбоби парешонӣ бувад [61,269]

Дар байти фавқ ҳамчунин «ҷосуси ҳайронӣ, асбоби парешонӣ низ таркибҳои шоиронае ҳастанд, ки метавон ба шумори тарокиби боло ворид сохт.

Тоқе аз сари мино фитодан:

Хум тиҳӣ шуд аз майу даври қадаҳ аз по фитод,

Базм охир гашту тоқе аз сари мино фитод [61,225]

Сайидо ҳам дар корбандии тамсил чун дигар шоирони сабки ҳиндӣ маҳорати тамом дорад ва мо ба намунаҳои зиёде аз тамсилот дучор меоем, ки шоир бо назокати калом ва ҳунари волои шоирона аз онҳо истифода намудааст. Зикр чанд намуна аз истифодаи тамсил дар шеъри Сайидо мулоҳизоти болоро ба субут мерасонад:

Мадеҳ чун булҳавас дар сина ҷо ишқи маҷозиро,

Макун бо маъсият олуда домони намозиро. [62, 163]

***

Сайидо дар сӯҳбати нодон шавад доно хамӯш,

Хомаи кӯтаҳзабон дур аз сухан дорад маро.[62, 168]

***

Сайидо даҳр ба навкиса накӯ пардозад,

Майли пирон зи муридони ҷавон хоҳад буд [62, 266]

Дар баробари ин суханварон метавон ҳамзамон бар ашъори шоироне чун Имлои Бухороӣ, Киромии Бухороӣ, Мулҳами Бухороӣ, Нахлии Бухороӣ ва баъдтар Ворас, Маҳзуни Самарқандӣ ва дигарон низ руҷӯъ намуд, ки дар сурудаҳои онон низ намунаҳое аз вежагиҳои барҷастаи сабки ҳиндиро метавонем ба мушоҳида гирем. Имлои Бухороӣ, ки аз ҷумлаи шоирони дар

асри Бедил зиста маҳсуб мешавад, ҳарчанд бештар аз каломи Саъдиву Ҳофиз пайравӣ мекунад, аммо унсурҳои сабки ҳиндӣ низ дар сурудаҳои ӯ аз ҷойгоҳе муайян бархурдор мебошанд. Масалан, дар бештари маврид шеваҳои сохтмони таркиботи шоирона дар ғазалиёти Имло ба гунаи сабки ҳиндӣ муҷассам аст. Руҷуъ бар матлаъи ин ғазали шоир воқеияти ин андешаро муҷассам мегардонад:

Ба рақс оварда оҳи дарднокам каҷкулоҳонро,

Муриди сулҳ карда аз майи ман кинахоҳонро.

Зи худ рафтам, ба худ боз омадам аз дарду доғи ишқ,

Ба худ то ром кардам ман дили оҳунигоҳонро.

Ин ҷо ибораҳои «**ба рақс овардани оҳи дарднок каҷкулоҳонро»,** муриди сулҳ, муриди сулҳ кардан, зи худ рафтан, ба худ боз омаданан, дили оҳунигоҳон дар шумори чунин таркиботи шоирона қарор доранд, ки шеваи сабки ҳиндиро дар таъбирофаринӣ ба хотир меоваранд. Ҳамзамон, қофия ва радифи ин ғазал бо фарогирии вожагони мураккаби хоси сабки ҳиндӣ қаробати онро ба усули баёни ин сабки адабӣ наздик мекунад, ки ин ҷо мо калимоти «кинахоҳон», **«каҷкулоҳон», «оҳунигоҳон»,** «мижгонсипоҳонро чун намунаҳои ҳамин шева ба мушоҳида мегирем. Нуктаи ҷолиби таваҷҷӯҳи дигар он аст, ки дар ин ғазал такрори калимаи «оҳунигоҳон» ба унвони қофия дар ду байт ба назар расид, ки ин усули такрори қофия бештар хоси сабки ҳиндист.

Таваҷҷӯҳ ба намунае аз ашъори Киромии Бухороӣ, ки дар асри ҳафтдаҳи милодӣ умр ба сар бурдааст, низ аз ҷилваҳои равшани сабки ҳиндӣ дар каломи ин суханвар паём мерасонад.

Ғунчасон аз боғ бикшояд дили ғамгини мо,

Синаи чок аст гулзори биҳиштоини мо.

Ҷӯши ашки мо, асиронро, ба чашми кам мабин,

Ханда бар хуршед дорад, хӯшаи Парвини мо.

Ин ҷо шеваи сохтмони калимоти мураккаб, таъбирҳои шоирона ба зоти худ усули нигориши сабки ҳиндиро дар каломи ин суханвари мумтози

адабиёти форсии Фароруд бозтоб бахшидааст. Аз ҷумла, «ғунчасон аз боғ бикшояд дили ғамгини мо», « синаи чок», «гулзори биҳиштоин», «ҷуши ашк», «ба чашми кам надидан», «ханда бар доштан» ва амсоли ин гунаи таъбирҳои шоиронае ҳастанд, ки дар қолиби маъруф ба таркибсозии сабки ҳиндӣ арзи ҳастӣ намудаанд.

Ҷойгоҳи тамсилофариниҳои шоирона дар каломи дигар аз намояндагони адабиёти форсии Фароруд Мулҳами Бухоройӣ, инчунин корбурди шеваҳои вожасозии мураккаб ва таъбирҳои шоирона пайванди ин суханварро бо аносири сабки ҳиндӣ таҳким додаву ӯро ба унвони яке аз пешгомони ин сабк дар ин қалamрав муаррифӣ намудааст. Шоир дили худро ба донаи гандуми зери нуҳ осиё монда мушобеҳ мебинад, ки ин тасвири шоиронаи ӯ дар батни тамсиле ҷаззоб ва киноя хос дар қолиби сабки ҳиндӣ баён гардидааст:

Намедонам ба ғайр аз дил дар ин олам чиҳо дорам,

Ҳамон як дона гандум зери ин нуҳ осиё дорам.

Қаландармашрабам, бо куфру дин корам намебошад,

Ба ҳар кӯе, ки дорам, бенавоӣ, як наво дорам [231, 93]

Ибораи « як наво доштан» ҳам бар пояи истифодаи вобастаҳои ададӣ тарҳ пазируфтааст, ки бештар дар намунаҳои ашъори сабки ҳиндӣ ин шеваи офариниши таркибҳои шоирона нуфуз касб кардааст.

Ҳамин тавр, дар адабиёти форсии Моваруннаҳр шоироне чун Шавкати Бухоройиву Сайидои Насафӣ, Носири Бухоройӣ, Шайдо ва Шӯхии Хуҷанд ва амсоли ин зиндагӣ ва эҷод кардаанд, ки муҳимтарин махсусиятҳои сабки ҳиндиро дар ашъори худ бозтоб бахшида, бад-ин васила ба офаридани беҳтарин шигардҳои шеърӣ даст ёфтаанд.Аммо пас аз нусрату нуфузи ашъори Бедил ва Соиб дар Фароруд мактаби пайравони Бедил дар ин минтақа арзи ҳастӣ намуд, ки шоирони бешумореро дар вусъатободи худ ҷамъ овард.Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ, Зуфархон Ҷаъфарӣ, Адо, Шӯхии Хуҷанд, Шоҳин, Ҳайрат ва дигарон аз муваффақтарин шуарои ин мактаб маҳсуб мешаванд.

Зуҳури мактаби пайравони Бедил дар баробари эҷоди равияҳои хоси шеъри форсӣ дар ҳавзаи Фароруд ба рӯи кор омадани суннатҳои нав ва равишҳои тозаи маърифати ашъори шоир асос гузошт, ки он дар падид омадани ҷараёни шарҳнигорӣ ва тафсири ашъори Бедил ошкор мегардад. Ба таъбири дигар, истиқболи сабки бедилӣ мактаби шаҳру басти китобии ашъори шоирро ҳамҷавори худ эҷод намуд. Дар ин замина бояд мабоҳиси тозае дар атрофи таъйини шуруҳ ва анвоъи он ҳамчун васила ё ҷараёни шинохти шеъри Бедил сурат бигирад.

Мусаллам аст, ки шеъри Бедил дар оғоз аз роҳи шарҳу тафсири шифоҳӣ шинохта мешуд ва ин ҷараён ба маҳфили урс ва мактаби пайравони Бедил такя мекунад. Чунонки гуфта омад марҳилаи тозаи шинохти шеъри Бедил баъдан дар заминаи таълифи шаҳрҳҳои хаттӣ эҷод гардид, ки он аз нигоштаҳои Аҳмади Донишу Зуфархон Ҷавҳарӣ ибтидо ёфта, то имрӯз расид.

Туғрал бо равише тоза аз Бедил истиқбол мекунад ва чунонки қаблан ҳам ишорат шуд, ба иллати иродати бузург доштан ба шахсияти маънавии Мирзо Бедил ҳатто ғазале ба радифи Бедил ҳам навиштаву дар он арҷи руҳии ин устоди маънавии худро таъкид кардааст. Дар истиқболияҳои худ Туғрал бештар дар мақтаъи ғазалаш байти тазминшавандаи Бедилро меорад ва дар мисраи худ аз ин байт зиёдатар ба мақоми Бедил ва таъсири маънавии вай ишорат мекунад. Масалан, бо намунаҳое аз ин гуна истиқболияҳои Туғрал таваҷҷӯҳ мекунем:

Эй, хуш он мисраъ, ки Туғрал месарояд Бедиле,
«То абад, ё Раб, асои тотавонон бинамат». [91, 159]

***

Ҳаббазо, Туғрал, ки Бедил гуфтааст:
«Ёр меояд- чароғон кардаем». [91,457]

***

Чӣ хуш гуфтаст ин ҷо Бедили назми адаб, Туғрал,
«Ҳамон гирди сарат мегардаму паймона месозам». [91, 462]

Туғрал ба тавфиқи ин шеваи истиқболи худ то ҷое эътимоду бовар дорад, ки мавриде таъкидан мегӯяд, ки мушкилоти рамзу киноёти шеъри маро танҳо касе кашфу маънигузорӣ хоҳад кард, ки ба маонии шеъри Бедил даст ёфта бошад:

Уқдаҳои мушкили рамзу киноёти маро
Фаҳмад он доно, ки ҳалли Булмаъонӣ мекунад[8,212].

Афзуда бар ин истиқболияҳо Туғрал аз сабк ва шеваи баёни Бедил ҳам пайравӣ мекунад. Ин аст, ки дар шеъри шоир ҳам таркибсозӣ, ҳам корбанди калимоти мураккаб ва истифодаи тамсилу киноёт ва амсоли ин равшан ба ҷилва омадаанд. Зикри чанд намуна барои исботи ин назар кофӣ хоҳад буд:

Дар китоби ғам варақгардонии айём нест,
Кай расад бар хотири Маҷнун ғами шому саҳар[91,292].

Дар ин байт аксари махсусиятҳои сабки ҳиндӣ ҷилва рехтаанд. Ибораи «китоби ғам» «варақгардонии айём» агар сурати таркибсозии сабки ҳиндиро ба зуҳур расонанд, худи вожаи «варақгардонӣ» ҳарчанд калимаи мустаъмал аст, аммо бо шеваи вожасозии мураккаб арзи ҳастӣ намудаанд. Мисраи дувуми байт бошад, тамсил буда, корбандии санъати тамсилро ифода менамояд.

Дар байти зерин бошад, ҷилваи санъати парадокс ё тасвирҳои ғайримунтазира ба назар мерасад, ки он ҳам аз муҳимтарин махсусиятҳои сабки ҳиндист.

Баски дар қасри ҷаҳон ободӣ аз меъмор нест,
Ҷуз фано дар хонаи ҳастӣ дигар девор нест[91,151]

Ибораи дар «хонаи ҳастӣ ба ҷуз фано дигар девор набудан» як навъ таркиби ғайримунтазира аст ва аз ду мафҳуми мутазод созмон ёфтааст.

Қобили таъкид аст, ки истиқболи Туғрал аз Бедил ба унвони як тақлиди маҳз сурат надорад, балки бо идомаи шеваву равиши устоди худ ӯ иқдом ба тозакориҳо ва баёни дидгоҳҳои мустақилонааш карда, ки ин амр дар таҷассуми истиқлоли ҳунари шоирии ӯ саҳми мунавваре аз худ гузошта. Барои исботи ин андеша ба абёте аз ҳар ду шоир руҷӯъ мешавад. Бедил барои

ифодаи матлаби он ки дар хоксориву фурутании инсон, ки гоҳе бо мақоми аҷз ҳам дар каломи ӯ тафсир мешавад, баландиву бузургие мавҷуд ҳаст, агар бар ин боваре надорӣ ба садои об бинигар, ки ҳар қадар бештар ба поин меравад баландтару бузургтар мегардад:

Ба пастӣ низ меъроҷест, гар озодаӣ Бедил,
Забони об шав, сози тараққӣ кун таназзулро. [41,27]

Туғрал ҳам айни ин маъниро ба гунаи дигар пайгирӣ мекунад, яъне ба таъкиди вай камолоти инсон ҳар қадар афзун аст, аммо бахт барояш камтар насиб мекунад. Навъе пайванди дигаргуна миёни ин андешаи Туғрал ва Бедил ҳаст, аммо дар масал задан шеваву баён ва тарзи ифодааш хоси худи ӯст. Пайдост, ки барои исботи назари хеш Бедил ба ҳолати об масал мезанад, аммо Туғрал дар тақвияти андешаи худ беди Маҷнунро мисол меорад ва асосан бар пояи ин баёноти хеш назари Абулмаониро ҷиҳати исботи андешаи хеш таъкид месозад:

Камолат ҳар қадар гар беш бошад, бахт кам бошад,
Бувад қадри таназзул аз тараққӣ беди Маҷнунро[91,56].

Агар дар сухани Бедил сухан аз он меравад, ки дар пастӣ баландие ҳаст, ин ҷо Туғрал аз баландиҳое сухан меронад, ки дар онҳо пастие ҷой дорад. Барои исботи манзури хеш ба беди Маҷнун масал мезанад, ки камолоташ дар поин рафтани ӯст, яъне вай ҳар қадар мехоҳад, ки рушд кунад, аммо ҳамоно шохаҳояш ба самти замин қад мекашанд. Қобили таъкид аст, ки ин тимсоли беди Маҷнун метавонад зимнан шарҳи масали об дар андешаи Бедилро низ дошта бошад, ки зоҳиран дарёфт ва мушоҳидаи шоиронаи тозаи худи Туғрал ба шумор меравад.

Бо мутолиаи ашъори Туғрали Аҳрорӣ ин амр мусаллам мешавад, ки вай аз муваффақтарин шоирони пайрави Бедил аст, ки дар ривоҷи мактаби нерӯманди адабии Фароруд ва таҷаддуд дар шеваи пайравӣ аз гузаштагон, хоса Абулмаонӣ нақши муассир гузоштааст. Дараҷаи истиқболи вай ба ҳадде аст, ки ба қавли устод Айнӣ дар тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик» истеъдодаш бисёр комил ва мустаъиди болодавӣ буд. Агар табъи худро дар

асорати тақлиди Бедил намеандохт ва ҳам ба ҳаққи худ бисёр некбин намебуд, аз саромадони замони худ шуданаш муҳаққақ буд [3, 209]. Албатта, қисмати дувуми мулоҳизоти устод Айнӣ, ки рӯйи он баҳсҳои зиёде ҳам рафта ва ишорат бар ин нукта ҳам шуд, ба гумони ғолиб бар пояи сиёсатҳои замон изҳор шудааст, чун дар он рӯзгор сухан гуфтан дар мавриди чунин шахсияте, ки ҳанӯз дар доманаш фарти «муҷрими сиёсӣ» ё «душмани халқ» баста буданд, ҷасорати бузургеро тақозо менамуд ва устод Айнӣ бо изҳори ҳамин нукта, ки истеъдодаш бисёр комил ва мустаъиди болодавӣ буд, коре бузургу мондагорро дар айёмаш анҷом дод ва бешак ба тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик» ворид шудани ном ва мероси Туғрал худ қаҳрамонии бемисл аст. Ҳол он ки мутолаъаи тазкираҳои замони Туғрал баёнгари он аст, ки на ҳамаи онҳо бар асоси ҳар гуна авомил ва меъёрҳои офаридаи хеш ба ашъори Туғрал дар тазкираҳои худ ҷой ҷудо намудаанд.

Аз шоирони дигари мактаби пайравони Бедил Зуфархон Ҷавҳарии Истаравшанӣ аст, ки аз ӯ девони бузурге боқӣ монда. Ҷавҳарӣ бо шеваи Туғрал истиқболи Бедил намекунад, балки ӯ бештар дар ҷавоби ғазалҳои Абулмаонӣ ғазалҳое навишта ва аз вазну сабку шеваи баён истиқбол кардааст. Чанд намуна барои истиқболияҳои Ҷавҳарии Истаравшанӣ:

Бедил:

Чун нигоҳ азбас ба завқи ҷилва ҳамдӯшем мо,

Як мижа то во шавад сад дашт оғӯшем мо. [22,105]

Ҷавҳарӣ:

Хоназоди ақлу фаҳму чокари ҳушем мо,

Аҳли донишро ғуломи ҳалқабаргӯшем мо [122,53]

Бедил:

Шахси маъдумӣ ба пеши ваҳми худ мавҷуд бош,

Эй шарори санг аз он олам, ки натвон буд, бош [22,186].

Ҷавҳарӣ:

Гар таманнои қабулат ҳаст сарфи ҷуд бош,

Гар ҳама зиштӣ бад-ин ҳусни сифат, Маҳмуд бош [122,83]

Ҷавҳарӣ ҳам чун дигар шуарои пайрави Бедил шеваҳои баёни шоир, усулҳои таркибсозии вай, инчунин махсусиятҳои ҳунарии шеъри шоирро пайравӣ кардааст. Дар байти зер ҳам тарзи ифодаи Бедил ва ҳам бархе аз махсусиёти сабки ҳиндӣ ба назар мерасад:

Чӣ гӯям? Чӣ будам? Чунин гаштаам,

Фалакқадр будам, замин гаштаам [122,52]

Вожаи «фалакқадр» ба сурати калимасозии мураккабе созмон ёфтааст, ки фарорафта аз вижагии сабки ҳиндӣ ба тарзи Бедил ба зуҳур расидааст ва ин ҷо манзур аз ин калима соҳиби қадру манзалати баланд будан мебошад. Ба ҳамин монанд аст, ки дар поёнтаре аз ин ғазали Ҷавҳарӣ калимаҳои «**тарабҷӯш»** ва **«ғурбаткамин»**-ро дучор меоем, ки аввалӣ бо ҳамин шакл дар шеъри Бедил ҷой дорад ва калимаи дувум ба сурати калимоте чун «ваҳшаткамин», ки дар шеъри Абулмаонӣ басомади фаровон дорад, ҷилва рехтааст:

Тарабҷӯш будам, чу субҳи висол,

Кунун шоми ғурбаткамин гаштаам [122,52].

Дар байти дигаре аз Ҷавҳарӣ таркибҳое чун «бенишонӣ чидан», «дастгоҳи зарравор доштан» бо шеваи бедилона сохта шуда, истиқболи шоирро аз ин тарзи суханпардозии Мирзо Бедил ба субут мерасонанд:

Бенишонӣ чидаем, имрӯз дур аз офтоб,

В-арна мо ҳам дастгоҳи зарраворе доштем [122, 54]

Дар канори Туғрал ва Ҷавҳарӣ шоирони дигаре чун Амир Умархон волии Қуқанд, Султонхон Адои Самарқандӣ, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Тошхоҷа Асирии Хуҷандӣ, Гулшании Бухороӣ, Файёзи Хуҷандӣ, Афзали Бухороӣ, Мулло Шермуҳаммад Акмали Хуқандӣ, Ҳайрати Бухороӣ, Қорӣ Масеҳо Тамҳиди Самарқандӣ, Сипандии Самарқандӣ, Шамсиддин Шоҳин, Осафӣ, Лутфӣ, Ҳодии Самарқандӣ, Шӯхии Хуҷандӣ ва дигарон зиндагӣ ва

эҷод кардаанд, ки меҳвари асосии ашъори ин шоиронро пайравӣ аз сабку салиқаи Бедил ва нусратбахшии мактаби пайравони ин шоири бузург ба вуҷуд овардааст. Пажӯҳиши амиқи ҷанбаҳои ҳунариву мавзӯии ин шоирон дар робита ба истиқболи онҳо аз ҳунари нигорандагӣ ва сабки бедилӣ хостори таҳқиқе ҷудогона аст, ки бахше аз он дар рисолаи муҳаққиқ Бахтиёр Ҳамдамов ҷараён гирифтааст. Вале бо ин ҳама имкон дорад, ки дар робита ба шеваҳои истиқболи ҳар як шоир аз сабки сухани Бедил пажуҳишҳое ҷудогона анҷом дода шавад. Ба ин хотир,дар ин мавзуъ дар мисоли Шамсиддин Шоҳин ва Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ ва дигарон дар мақолаҳои ҷудогона ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

ФАСЛИ ДУВУМ. ТАЪСИРИ БЕДИЛ БА ШОИРОНИ ДАВРАИ БОЗГАШТИ АДАБӢ (ДАР МИСОЛИ АШЪОРИ ЯКЕ АЗ ПЕШГОМОНИ ОН – САБОҲИИ БЕДГУЛӢ)

Сабоҳии Бедгулӣ аз чеҳраҳои бориз ва барҷастаи ҷараёни давраи бозгашти адабии Эрон эътироф гардидааст ва сурудаҳои ӯ дар зовияи махсусиятҳои ин ҷараёни хоси адабии пасосабки ҳиндӣ ё исфаҳонӣ иншо гардидаанд. Аммо мурур ба ашъори вай, бавижа ғазалиёти шоир, ки то замони мо расидаанд, андешаҳоеро метавон ба зуҳур расонад, ки дар ин бахши сурудаҳои шоир аносири сабки ҳиндӣ ё исфаҳонӣ ва таассури ӯ аз вижагиҳои ин сабки адабӣ ва ҳатто намояндаи барҷастаи он Бедили Деҳлавӣ ҳувайдост. Бо он ки аслан сабки Бедил дар он айём дар Эрон роиҷ набуда ва аслу маҳаки зуҳури сабки ба истилоҳ бозгашт ҳам ҳамин ручӯъ аз шеваи Бедил ба сабки қудамо маҳсуб будааст. Таҷассуми аносири сабки ҳиндӣ дар сурати офариниши таъбирҳои тозаи шоирона ва лафзтарошиву вожасозии мураккаб дар сурудаҳои Сабоҳӣ ин таассур ва пайвандро ба сурати дигаргуна таҳким мебахшад, ки пажӯҳиши муфассали масоили мазкур бар мабнои сурудаҳои ҳар ду шоири соҳибном матолиби меҳварии таҳқиқоти ин мақоларо ба вуҷуд овардааст.

Сабоҳӣ чун намояндаи номвари сабки давраи бозгашти адабӣ аслан дар истиқболи Ҳофизи Шерозӣ ва сабки шеърии ӯ қадам мегузорад ва мурури ӯ ба радоифи соддаву равон ва қолибҳои шеърии сабки ироқӣ, чӣ дар ғазал ва суроиши маснавиву марсия, қасоиду моддаҳои таърих ошкор аст. Ин нуқтаи назарро бархе аз муҳаққиқони осори Сабоҳӣ низ таъкид кардаанд. Ба гуфтаи Аҳмади Карамӣ дар миёни гуруҳи шоирони бозгашти адабӣ Сабоҳии Бедгулӣ рутбате мумтоз дорад. Дар сурудани анвоъи шеър табъи худро озмуда ва дар ҳар синфи сухан ба хубӣ аз ӯҳдаи адои он баромадааст. Сабоҳӣ дар ғазали ширин ва латифи худ ба сухани Саъдӣ ва Ҳофиз таваҷҷӯҳ дорад [13,8]

Ин дар ҳолест, ки яке аз муҳимтарин шохисаҳои адабии сабки Ҳиндӣ ва бавижа Бедили Деҳлавӣ корбурди радоифи нодир аст, ки назири онҳо дар

шеъри форсии моқабли Абулмаонӣ ба нудрат тазоҳур кардаанд. Аммо ҷолиб он аст, ки Сабоҳӣ чун намояндаи барҷастаи ҷараёни давраи бозгашти адабӣ нахустин ғазали девони худро бо шева, вазн ва қофияву радифи ғазали аввалини девони Бедили Деҳлавӣ сурудааст:

Бедили Деҳлавӣ:

Ба авҷи кибриё к-аз паҳлуи аҷз аст роҳ он ҷо,

Сари мӯе гар ин ҷо хам шавӣ, бишкан кулоҳ онҷо.[22, 42]

Сабоҳӣ:

Сари кӯе, ки ҳар дам ҷон диҳад сад бегуноҳ он ҷо,

Фиғон к-аз бепаноҳӣ боядам бурдан паноҳ он ҷо [14,60]

Баррасии куллии татбиқии ин ду ғазал матолиберо дар заминаи пайванди фикрӣ ва ҳунарии ин суханвари мумтоз ба зоҳир мерасонад ва фузун бар ин решаҳои иртиботи маънавии ин се суханварро шурӯъ аз Ҳофиз то ба Сабоҳӣ собит месозад, зеро баҳси таассури Сабоҳӣ аз Ҳофизи Шерозӣ ибтидо гирифта тавассути Бедили Деҳлавӣ ба сарзамини шеъри ӯ мерасад, ки иродати Абулмаонӣ ба Ҳофиз ва рабти тафаккур ва ҳунари шоирии ҳар се суханвар метавонад бар мо асосҳое таҳия намояд. Аз назари дигар, ҳарчанд аксари суханварони давраи бозгашти адабӣ андешаи руҷӯъ ба сабки қудаморо истиқбол намудаанд ва навъе таваҷҷӯҳ ба сабки хуросонӣ ё содданависиро дар перомуни шеваи мураккаби Бедил рӯи роҳ гузоштаанд, аммо ба назар мерасад, ки бештарини онҳо дар заминаи ин ирҷоъоти сабкӣ аз Ҳофиз истиқбол намудаанд. Вуҷуди ғазалҳое дар пайравии Ҳофиз дар девони Сабоҳӣ низ ба ҳақиқати ин амр таъкид мекунад, ки баъдан ба ин матлаб муроҷиа хоҳад шуд. Иллати аслии татбиқи баҳси шурӯъи таассури Сабоҳӣ аз Ҳофиз дар ифтитоҳи ин баррасиҳо ҳам пайванд ба ҳамин нукта дорад ва ин ҳам дар ҳолест, ки Бедили Деҳлавӣ бо он ҳама азамати фикрӣ ва нубӯғ дар маънигаройиву ибҳомоти сабки каломи Ҳофизро ҳодии хеш баршумурдааст:

Бедил каломи Ҳофиз шуд ҳодии хаёлам,

Дорам умед ҳар дам мақсуди ман барояд [22, 477].

Баҳси аввалияи меҳварии фасли мазкури рисола таҳлили қиёсӣ ва татбиқии ғазали Сабоҳӣ ва Бедил ҳам аз назари фикрӣ ва хам позтикӣ маҳсуб мешавад. Аз абёти аввали ҳар ду ғазал ҳувайдост, ки бо он мутобиқати тамоми вазну оҳанг, қофияву радиф доранд ва ин амр андешаи истиқболи Сабоҳиро аз Бедил пешорӯи мо мегузорад, аммо фарқи куллӣ дар сабку матолиби меҳварии ғазалҳо мушоҳида мешавад. Баҳси Бедил ирфон аст ва шеваи расидан ба асолат ва ин аст, ки радифи он ҷо дар ғазали Бедил ба ҷаҳони моваро ва олами қудсӣ ишорат мекунад.

Аммо радифи «он ҷо» дар ғазали Сабоҳӣ маскани ишқ ва макони дидори маъшуқ аст, ки он ҷо сад бегуноҳ дар ин раҳ ҷон медиҳад.Агарчӣ дар назари аввал «он ҷо»-и Сабоҳӣ таъкид **«сари кӯи ёр»** мекунад, ин ҷо навъе пайванд бо байти дувуми ғазали Бедил эҷод мешавад, аммо бо шеваи дигар. Зеро Абулмаонӣ дар мисраи аввали байти дувуми ғазали хеш ибораи «Адабгоҳи муҳаббат»-ро ба кор мегирад, ки ба сари кӯи маъшуқи Сабоҳӣ пайванд доранд:

Сабоҳӣ:

Сари кӯе, ки ҳар дам ҷон диҳад сад бегуноҳ онҷо,

Фиғон к-аз бепаноҳӣ боядам бурдан паноҳ он ҷо [14,60].

Бедил:

Адабгоҳи муҳаббат нози шӯхӣ барнамедорад,

Чу шабнам сар ба муҳри ашк меболад нигоҳ он ҷо [22,42].

Андешаи Бедил, ки дар адабгоҳи муҳаббат шабнам ба муҳри ашк меболад навъе парадоксӣ баён шудааст ва ҳамон баёни қурбонии сад бегуноҳ шудани ошиқро дар ғазали Сабоҳӣ ҳамоҳангӣ мекунад. Ҷолиб аст, ки ҳам дар ғазали Бедил ва ҳам Сабоҳӣ сурати парадоксӣ гирифтани тасвири ошиқона таҷассум дорад. **«Сар ба мӯҳри ашк болидани шабнам»** дар сурудаи Бедил, ки аслан маънии изҳори масаррат намудани шабнамро дар мӯҳри ашк, ки мояи ғаму андӯҳ аст, дорад, тасвири парадоксиро ҷилвагар месозад. Дар

байти Сабоҳӣ бошад, аз бепаноҳӣ паноҳ бурдан дар сари кӯе, ки он ҷо ҳар дам сад бегуноҳ ҷон медиҳад, тасвири парадоксист, зеро дар маслах ё макони шаҳодат паноҳ бурдан сурати тасвири ғайритизорист, ки аз махсусиятҳои сабки ҳиндӣ ба шумор омадааст.

Дар байти баъдии Сабоҳӣ агар аз мазмуни зоҳири он фаротар биравем, маънии он ҷо, яъне олами дигар дар байти аввали Бедил берун меояд. Зеро Сабоҳӣ мутмаинан таъкид мекунад, ки акнун ҳаросе ё андешае дигар дар мавриди аз қафас берун рафтан надорад, зеро гул аз боғ берун рафт. Агар бигирем, ки қафас ин тааллуқоти ҷаҳони омадшуд аст ва боғ худи дунё он гоҳ таъкиди Сабоҳӣ бар он ки акнун дар ин олам ва ё олами дигар ба ҳасрат зиндагонӣ хоҳам кард, зеро мақсуд аз даст рафтааст.

Чи бокам аз қафас акнун ки рафт аз боғ гул берун,

Ба ҳасрат боядам чун зист хоҳ ин ҷову хоҳ он ҷо [14,60].

Рамзгароиҳое, ки дар сурудаи Сабоҳӣ низ ба мушоҳида мерасад ва зиндагиву ҷаҳонро ба боғу мақсудро ба гул монанд мекунад, боз ҳам шеваи сухани сабки ҳиндӣ, бахусус Бедилро ба хотир меравад. Дар шеъри Бедил ҳам борҳо гул ё накҳати гул ба иртиботи ҷанбаҳои рӯҳонии инсон тадоъӣ ба ҳастии инсонӣ кардааст, Масалан:

Аз ном агар нагзарӣ аз нанг бурун о,

Эй накҳати гул андаке аз ранг бурун о [22,44].

Чунин шеваи баёни фикр дар байти дигари ғазали Сабоҳӣ низ таҷассуми равшан дорад:

Зи ҷайби хок гӯ берун наёрад сар гуле ҳаргиз,

Дар он гулшан, ки ҷуз гулчин касеро нест роҳ он ҷо [14,60].

Дар вусъати маъноии байти мазкур боз ҳам навъе размгароиҳои хос ба шеваи шоирони сабки ҳиндӣ дар сурати корбурди вожагони гул, гулшан ва гулчин таҷассум мекунад. Нидои шоир ба унвонии гулест, ки тавассути шахсияти муроҷеъ ба вай таъкид месозад, ки аз ҷайби хоки мунҳасир ба дастрасии гулчин сар бурун наёварад вагарна ба зудӣ чида хоҳад шуд.

Фалсафаи маънии байт боз ҳам равиши рамзгароии шоирони сабки ҳиндиро ба хотир мерасонад, зеро хок бозам манзур ҳамин олам аст ва ҳатто хоке, ки аз он метавонад инсон офарида шавад. Гул киноя аз инсон аст ва гулшан олам. Чаро ин гул тадоӣ бар инсон мекунад, ин матлаб аз таъкиди мазкур Сабоҳӣ ошкор мегардад. Ҷуз гулчин касеро дар ин гулшан роҳ нест. Манзури Сабоҳӣ аз ин гулчин Офаридгори яктост, зеро чидани гулҳои ин гулшан-яъне инсонҳо танҳо бар ихтиёри ҳамон Гулчини бемисл аст, ки асрори онро ҷуз худи Ӯ касе надонад. Фалсафаи байт ҳам дар ҳамин нукта нуҳуфтааст, ки агар инсон аз рози марги хеш огаҳ мешуд, шояд ба олам намеомад. Барои ҳамин Сабоҳӣ таъкид мекунад, ки ба инсонҳо ки оҷиз дар ҳақиқати маърифати зиндагонии хеш ҳастанд, бигӯ ки ҳаргиз сар аз хоки ҳастии хеш дар ин олам бурун наоранд, ки ин асрорро танҳо худи Гулчини якто бидонад. Ин албатта як андешаи шоиронаи Сабоҳист ва пайванде ба як фикри ҳакимонаи мардумӣ ҳам дорад, ки гӯянд: Худованд гулчин аст ва инсонҳои хубу муҳсинро аз ин олам барчинад. Ҳадафи Сабоҳӣ ҳам бо таъкид ба ин байт навъе татбиқи ҳамин андеша аст ва инҷо таъкид ба гул аслан нидо ба инсонҳои хубу некрафтор ва аҳсануламал аст, ки Худованди бузург онҳоро худ сӯи худ барҳонад ва ба таъбири шоиронаи Сабоҳӣ аз миёни инсонҳои дигар, яъне гулҳои дигари ин гулшани ҳастӣ гулчин кунад.

Таъбири роҳ он ҷо дар ин байт, ки ҷойи қофияву радифро мушаххас намудааст, боз ҳам бо ҳамин таркиб дар сурудаи Бедил тавофути маъноӣ касб карда. Тавре гуфта омад, Бедил ин таркиби муқаффо ва равиро ба маъноии роҳ ба сӯи олами боло истифода карда, яъне аз паҳлӯи аҷз сурат мегирад. Аммо маънии ибора дар шеъри Сабоҳӣ мушаххас аст, ҷайби хок, яъне марбут ба замин ва ин олам. Ҷолиб аст, ки бо он ҳама ҳамоҳангӣ дар вазну қофиясозӣ ва корбурди радиф Сабоҳӣ эҳтимом дар тафовути маънавӣ ва сабкӣ варзидааст. Аммо аз сӯи дигар аз шеваи таркибсозии сабки ҳиндӣ, ба вижа Бедил дар ин байти Сабоҳӣ ҳамоно риоят шуда, зеро ибораҳои «сар аз ҷайби хок бурун овардан», худи таркиби «роҳ он ҷо», «гуле сар аз ҷайби хок бурун наоварад», ки маънии рустан, дамидан, ҳақиқати худро ошкор

карданро соҳиб аст, ҷуз гулчин роҳ надоштан ва монанди ин тарзи нави шоирони сабки ҳиндӣ ва ҳатто худи Бедилро барои мо дигарбора ба хотир меоваранд.

Баробари мурур ба байти баъдии ғазали Сабоҳӣ дар аввалин бархурди маъноӣ зуҳури парадокс дар он таҷассум пайдо меунад, зеро шодии гӯянда аз оҳу фиғон сурати ин падидаи ҳунарии шеърро ошкор месозад. Шоир мӯътақид аст, ки ман аз ҳоли шодмониву масаррат аз нолаву афғони хеш ҳастам, ки медонам касе инҷо ба ҳасрату мӯяҳои дардноки додхоҳон гӯш намедиҳад. Он ҷо манзур ҷаҳони афроди додхоҳ аст, ки кассе ба доди онҳо намерасад:

Бар он дар шодам аз оҳу фиғоне, варна медонам,

Намедорад касе гӯше ба ҳарфи додхоҳ он ҷо [14,60].

Суоле баъд аз мутолиаи ин байт пешорӯи мо қарор мегирад, ки иллати шодмонии шоир аз ношунавоии гӯши касон аз доди додхоҳон дар чист? Ин ҳадис ҳам, ки ба зоти худ парадоксист, пеш аз ҳама манзури шоирро дар он ифода мекунад, ки чун ин ҷо касе ба ҳарфи додгоҳ гӯш намедиҳад, ӯ ҳар чӣ метавонад ва мехоҳад бигӯяд, бо андешаи он ки касе ба доди додхоҳ намерасад ва ҳамин итминон ва баҳона мазлумонро нерӯ мебахшад, то маҷмӯи дардҳои ҷомеа ва асрори ноҷӯриҳои рӯзгорро барои худ фош созанд.

Дар байти ниҳоии Сабоҳӣ маънии куллии ирфонӣ доштани ғазали ӯ муҷассам аст, зеро шоир ба кӯи ӯ касе дигар раҳ надорад, магар гоҳе ҳоли Сабоҳӣ боди субҳгоҳиро тафсир мекунад. Боди субггоҳӣ манзур ҳамон боди муроди айёми субҳ аст, ки дуои саҳархезонро ба мақоми қурби ҳақ ва ба таъбири Бедил авҷи кибриё мерасонад. Агарки ҳоли Сабоҳӣ боди субҳгоҳро муфассир аст, пас ӯст нафаре, ки ба мақоми Ҳақ раҳе кашф кардааст. Боди субҳгоҳиро арза доштани ҳоли Сабоҳӣ навъе ба андешаи Ҳофиз «субҳхешиву саломатталаби»-и ӯ мекунад ва бад-ин васила пайванде миёни андешаҳои вай ва Лисонулғайб эҷод. Агар роҳ ба сӯи кӯи Дӯстро Бедил тавассути ачз муқаррар мекунад, таъйиноти Сабоҳӣ аз шеваи сурогӣ дӯст ба василаи

субҳхезист, ки раҳи иртиботи маънавии ӯро бо ҳодии худ ва Бедили Деҳлавӣ – Хоҷа Ҳофиз рӯшан месозад.

Надорад раҳ ба кӯи ӯ касе дигар магар гоҳе,

Диҳад ҳоли Сабоҳӣ арза боди субҳгоҳ он ҷо[14,60]

Боз ҳам бархӯрди мо бо ибороти «раҳ ба кӯи ӯ доштан», ҳоли боди субҳгоҳро арза доштан низ шеваи ибораороии шоирони сабки ҳиндиро ба хотир меоваранд ва ҳатто таркиби аввал ҳамон ибораи байти нахустини девони Бедилро ёдрас мешавад, ки сурати «ба авҷи кибриё к-аз паҳлӯи аҷз аст роҳ он ҷо»-ро дорад ва агарчӣ Бедил авҷи Кибриё мегӯяд, манзураш аслан ҳамон кӯи Ӯст, ки Сабоҳӣ ишорат мекунад, зеро дар авҷи Кибриё ба ҷуз Ӯ-ҳамон Дӯсти ягона каси дигаре нест.

Аз диди сохторшиносӣ агарчӣ тафовуте ворид миёни ин ду ғазал аст ва сурудаи Бедили Деҳлавӣ дар 10 байт ва Сабоҳӣ ҳамагӣ дар 5 байт ҷамъбаст шуда, вале иртиботе фикрӣ, гоҳе сабкӣ ва мӯҳтавоӣ дар ҳар ду ғазал ошкор аст ва новобаста аз тазоди фикрӣ дар шеваи баёни ин шоирон рабте маънавӣ таҷассуми мубарҳан дорад. Татбиқи дарунмоявӣ ва сабкии сурудаи Бедил дар ғазали кутоҳи Сабоҳӣ бо тарзи нав баёнгари он аст, ки новобаста аз руҷӯъи шоирони сабки нав онҳо натавонистаанд, ки комилан аз таъсири сабки пешин ва ё таассур аз Бедили Деҳлавӣ раҳоӣ ёбанд. Аз сӯи дигар, ҳанӯзам мавҷудияти шеваи сохтмони таркибот бо усули сабки ҳиндӣ дар ғазали Сабоҳӣ ҳифозат аносири ин сабкро дар сурудаҳои шоирони давраи бозгашт ба субут мерасонад. Рӯиҳамрафта таҳқиқи қиёсии ин ду ғазал боз ҳам хати рӯшани пайванди ҳар ду шоирро ба пири маънавии эшон – Ҳофизи Шерозӣ барқарор месозад ва ин иртибот аз ҳамин нахустғазали Сабоҳӣ шурӯъ ёфта, усули бозгашти ӯро дар саросари ғазалиёти вай аслан ба шеваи Ҳофиз рӯнамоӣ мекунад. Вуҷуди ғазалҳои мустақили Сабоҳӣ дар истиқбол аз ғазалиёти Ҳофиз ин андешаро ба ҳақиқат муқарраб мегардонад. Аз ҷумла, дар девони Ҳофиз ғазали маъруфе бо радифи «дарвешон аст», ки абёти матлаъи он сурати зайл дорад:

Равзаи хулди барин хилвати дарвешон аст,

Мояи мӯҳташамӣ хидмати дарвешон аст.

Ганҷи аъзам, ки тилисмоти аҷоиб дорад,

Фатҳи он дар назари раҳмати дарвешон аст [87, 103].

Қабл аз он ки ба ғазали бар радифи мазкур сурудаи Сабоҳӣ мурур намоем, тазаккури нуктае ҳам муҳим ба назар мерасад, ки дар девони Бедили Деҳлавӣ бо радифи «дарвешон» ҷой дорад, ки ба гумони ғолиб сарчашмаи эҷоди он ҳам сурудаи Лисонулғайб маҳсуб меёбад, зеро пайвандҳое дар мӯҳтаво ва дарунмояи ҳар ду ғазал ба мушоҳида мерасад. Ҳар ду ғазал ҳам шарҳи ҳоли дарвешон ва ҷойгоҳи эшонро дар қаламрави ирфон фаро мегирад, яъне дар ҳар ду ғазал дарвеш марди роҳи ҳақ аст на инсони аз диди иҷтимоӣ муфлис. Матлаъи ғазали Бедил ба сурати зайл аст:

Худост ҳосили хидматгузини дарвешон,

Макор ғайри ҷабин дар замини дарвешон.

Ҳумо бар авҷи шараф, нози ошён дорад,

Бар остони саодаткамини дарвешон [22,519].

Бедил ҳарчанд тағире дар радиф эҷод кардааст ва ин ҷо ҳам шеваи тозанигарӣ ва ибтикори таҷаддуди ӯ дар сохтмони ғазали форсӣ ба мушоҳида мерасад, аммо агар бо диди амиқ бар мӯҳтавои ҳар ду ғазал мурур намоем, пайванде маъноӣ дар онҳо ошкор аст. Танҳо шеваи баён ва сабки сурудаҳо аз ҳам тафовут дорад ва ҳамин иқдом дар тағири сабки ғазал барои зуҳури чеҳраи адабии Бедил дар қаламрави сабки ҳиндӣ муассир афтодааст. Масалан, мисраи дувуми байти нахустини Ҳофиз «мояи мӯҳташами хидмати дарвешон аст» бо мисраи нахустини ғазали Бедил «Худост ҳосили хидматгузини дарвешон» пайванд ва муштаракоти маъноии муҳкам доранд, танҳо фарқият дар сабки баёни ҳар ду шоир аст, ки ҷилваи як матлабро дар ду шеваи баёнро дар қолиби ду мисраи мустақил инсиҷом бахшидааст. Бар ин асос ин ҷо дар дар заминаи қиёси ғазалҳои мавриди назар хати рабти фикрӣ ва маънавии Ҳофизу Бедил ва Сабоҳӣ таҷассуме рӯшан касб мекунад.

Сабоҳӣ ҳарчанд аз истиқболи қофияи ғазали Ҳофиз фурӯгузорӣ мекунад, аммо эҳсос мешавад, ки руҷӯи ӯ ба ин радифи нодир дар адабиёти форсӣ, ки аслан ҷуз Ҳофиз шояд дар шоири дигаре ба чашм нарасад, пайравӣ аз шеваи сухани лисонулғайб ба шумор меояд:

Роҳати ҳар ду ҷаҳон ҳосили дарвешон аст,

Ки бурун аз ду ҷаҳон манзили дарвешон аст.

Ҳар кӣ ояд ба кафаш ёд наёяд зи Ҷамаш,

Хоки майхона магар аз гили дарвешон аст.

Бухтии чарх, ки бишкастаинон мегардад,

Рӯзу шаб дар талаби маҳмили дарвешон аст.

Рӯи мақсуд, ки мақсуди ду олам бошад,

Ошкор аз гуҳари қобили дарвешон аст [14, 64]

Муқобала ва қиёси ҳар се ғазал аз назар сохторшиносӣ ва дарунмоя муқаррар месозад, ки сурудаи Ҳофиз яке аз мӯҳташамтарин ғазалиёти девони ӯст, зеро дар ҳаҷми 13 байт ба қалам омада, шарҳи матолибе орифонаро дар вусъати хеш таҷассум кардааст. Ғазали Бедил ҳам дар густураи 13 байт қаламдод шудааст, аммо ғазали Сабоҳӣ ҳамагӣ дар 4 байт фароҳам омадааст. Шарҳи аҳвол ва мақоми дарвешони орифнасаб, ки асли дарунмояи ҳар се ғазалро ба вуҷуд овардааст, хати иртиботи онҳоро тақвият медиҳад, вале тафовути сабкӣ ва шеваи нигориш дар ҳар се ғазал ба мушохида мерасад. Ҳарчанд аз диди сабкӣ Сабоҳӣ бештар ба Ҳофиз пайравӣ мекунад ва иртиботи усули нигориши онҳо рӯшантар аст, аммо ҷо- ҷо корбурди шеваи сохтмони тарокиб бо равиши шоирони сабки ҳиндӣ ин пайвандро бо сурудаи Бедил ҳам барқарор мекунад. Масалан, таркибҳое чун «Бухтии чарх, ки бишкастаинон мегардад», «Гавҳари қобили дарвешон» бештар ба қолиби таркибсозии шоирони сабки ҳиндӣ қаробат дошта, ба рабти сурудаи Сабоҳӣ бо ғазали Бедил ва умуман тарзи баёни шоирони ин сабки адабӣ таъкид мекунад. Таҳлилу таҳқиқи амиқи ҳар се аз ин ғазал боз ҳам таҷассуми рӯшани пайванди фикрии ин се шоири номварро ба субут мерасонад ва итминон бар он дорем, ки баррасии бештари татбиқии ғазалҳои мазкур

матолиби фузунтари илмиро дар густураи таъйини ин пайвандҳо дастрас хоҳад намуд.

Дар девони Сабоҳӣ ғазали дигаре ҷой дорад, ки дар истиқбол аз радифу қофияи ду сурудае аз Бедил ба қалам омадаааст. Дар ин маврид ҳам ҳамон шеваи қаблии пайравӣ ба мушоҳида мерасад, яъне тафовутҳои сабки миёни ғазалҳои аз диди сохторӣ ҳамсон ба ба назар меояд:

Бедил:

Ба ҳастӣ инқитоъе нест аз сар, саргарониро,

Нафас бошад раги хоби парешон, зиндагониро.

Шарарҳои замингир аст ҳар санге, ки мебинӣ,

Ба ҳастӣ даст афшондан кунад доманфишониро [22,75].

Бедил:

Фусуни ҷоҳ узри ланг созад парфишониро,

Ба ғалтонӣ расонад об дар гавҳар равониро.

Чу гул дар субҳи пирӣ мекашӣ хамёзаи ҳасрат,

Макун, эй ғунча сарфи хоб шабҳои ҷавониро. [22,153]

Сабоҳӣ:

Расонидам ба пирӣ аз ғами ёре ҷавониро,

Ки на роҳи вафо донад на расми меҳрубониро.

Фаромӯшам макун дар сайри боғ эй сарви озода,

Ба хотир дор ҳаққи суҳбати ҳамошёниро [14,61].

Бо он ҳама тафовутҳои сабкӣ ва кӯшишҳои Сабоҳӣ дар руҷӯъ ба шеваи суханварони қадим, бавижа Саъдӣ ва Ҳофиз эҳсос мегардад. ки ҳанӯзам аносири тарзи Бедил дар ин гуна ғазалҳои Сабоҳӣ ҷой дорад. Ин ҷо дар ғазали Сабоҳӣ ҳарчанд равониву соддагии сабки қудамо таҷассуми барҷаста дорад, аммо гоҳе усули сохтмони таркиб ва калимаҳои мураккаб дар сурудаҳояш ҳамон тарзи сухани Бедилро ба хотир меоварад. Ин ҷо дар ду байти матлаъи ғазали Сабоҳӣ таркибҳои «расми меҳрабонӣ», роҳи вафо донистанд, ба пирӣ расонидани ҷавонӣ, ҳақи суҳбати ҳамошёниро донистан ва амсоли ин ёду хотири моро ба шеваи шоирони сабки ҳиндӣ бавижа усули

сохтмони таркибҳои Бедил мебарад ва эҳсос мешавад, ки Сабоҳӣ ин ғазали хешро бар вазну оҳанг ва радифу қофияи ғазалҳои мутазакираи Абулмаонӣ сурудааст. Таваҷҷӯҳи Сабоҳӣ ба руҷӯъ бар сабки қудамо имкон додааст,ки қолиб ва авзони мустаъмал дар девони Бедилро ин шоири соҳибном воқеъан бо шеваи пешиён идома диҳад ва ин тадбир ҳам навъе ба талошҳои ӯ дар кори ирҷоъ ба сабки қадимиён дар қаволибу тарзи ҷадид ишорат дорад.

Маҷмӯан, дар девони Сабоҳӣ, бахусус дар ғазалиёти ӯ новобаста аз он ки сурудаҳои вай бештар бо сабки қудамо ба қалам омада, андешаҳои хонандаро бо сӯи равиши Саъдиву Ҳофиз мекашонанд, аммо аносире ҳам ҷой доранд, ки ҳанӯз бо ин ҳама ирҷооти густардаи шоирони даврaи бозгашти ба усули қудамо ба мавҷудият ва ҳифозати вижагиҳои сабки ҳиндӣ ва таъсири Бедил бар ин суханварон ишорат мекунанд. Дар канори чандин таркиб ва иборoти шоиронаи мутазаккира, ки дар сурудаҳои Сабоҳӣ аз махсусиятҳои ғазал ё лафзтарошии сабки ҳиндӣ ёдовар мешаванд, метавон боз ҳам таъбирҳои дигареро бо ҳамин шева ва усул баршумурд, ки ҳама ба ҳифозати аносири ин сабк таъкид доранд. Бар ин асос, ин баррасӣ ва таҳқиқ дар тавофут ва ҳамбастагиҳои сабкии шоирони мавриди назари мо натиҷаҳоеро ҳосил мекунад, ки Сабоҳӣ бо он ҳама руҷӯъ дар сабки қудамо ва истиқбол аз тарзи каломи Саъдиву Ҳофиз ва ҳатто гоҳо Мавлонову дигар суханварони сабки ироқӣ аз таъсири сабки ҳиндӣ комилан раҳо нашудааст. Мавҷудияти пайвандҳои маъноӣ ва иртиботи бархе аз ғазалҳои ӯ аз диди сохториву дарунмоя бо сурудаҳои Бедили Деҳлавӣ, ки намунаҳое аз он дар ин нигошта тазаккур ёфт, имкон медиҳад, ки бо аз ҳастии ин робита ва таассур дар шеъри ӯ бо каломи Абулмаонӣ ҳадс бизанем. Шояд дар воқеъ пас аз Бедил шоирони фаровоне дар бедилгаройӣ муваффақ шудаанд ва нафарони дигар бар асоси муқаллидии нобаҷо дар нимароҳ монданд ва ҳадафи Сабоҳӣ ва ҳамнаслони ӯ дар таваҷҷӯҳ ба сабки қудамон ба хотири раҳоӣ бахшидани онҳо аз чунин тақлидҳои норавову нобаҷо будааст. Пас, амри мусаллам он аст, ки инкори Сабоҳӣ ҳаргиз аз худи сабки ҳиндӣ ва шоирони саршиноси он мисли Бедили Деҳлавӣ набудааст, балки ибтикори ӯ

дар инкор аз пайравони номуваффақи шеъри Абулмаонӣ ба шумор меояд. Ҳузури ин пайвандҳои фикрӣ ва маъноӣ дар сурудаҳо Сабоҳӣ бо Бедили Деҳлавӣ ҳамоно ба иродати ӯ ба худи Бедил ва равиши вай таъкид мекунад ва бо такя бар ин метавон ҳадс зад, ки агар дар равиши ваъзкардаи Абулмаонӣ ҳам Сабоҳӣ иқтидори ҳунарии хешро таҷруба мекард, метавонист дар ин ҷода ҳам тавфиқ ёбад. Ба ҳар оин талошҳои ӯ дар руҷӯи хеш ва шоирони ҳамаҳди худ ба сабки қудамо имкон додаанд, ки шеъри форсӣ дар ин аҳд дар қаламрави Ирон ва Фарорудон аз пайравиҳои номуваффақона аз Бедил, ки боиси заъфи ҳунарии шеъри форсӣ гардидааст, наҷот ёбад. Ин равиши аз сар гирифтаи Сабоҳӣ дар Фарорудон ҳам истиқболи густарда пайдо намуд ва ағлаб шоирон, амсоли Мирзо Содиқи Муншӣ, Шухии Хуҷандӣ, Парии Ҳисорӣ, Фориғи Ҳисорӣ, Қонеи Насафӣ, Сарир, Сират, Исо, Мирзо Атои Бухоройӣ, Шавқӣ, Ҳайрат, Хумулии Ургутӣ ва дигарон бо эҳсоси номуваффақии хеш дар мактаби пайварони Бедил аз истиқболи ин равиш даст кашида, сабки қудаморо ихтиёр карданд ва аксаран назираву мухаммасоте бар сурудаҳои Саъдӣ ва Ҳофиз ба қалам оварданд.

ХУЛОСА

Таҳқиқу баррасии вежагиҳои ҳунарии ашъори Мирзо Абдулқодири Бедил ва мақоми ӯ дар таҳаввули суннатҳои адабиёти куҳани мо, хоса анвоъи адабие чун ғазал шореҳи ин матлаб мегардад, ки воқен ин суханвари мумтоз бо ҳузури мунаввари хеш дар қаламрави адабиёти тоҷик интиқиболе дар сурати тозакориҳо дар сохтору муҳтаво, сабку забон ва шеваҳои шоиронаи шарҳу тафсири матолиб ба зуҳур расонид. Нуфузи ағлаби тозананазариҳо ва таҷаддуди Бедил дар забони шеъри тоҷикӣ маҳз омил ба он гардид, ки шоир дар марзҳои шеъри форсӣ бо лақаби «Абулмаонӣ» шинохта шавад, чун маънисозиву маъниофариҳо, суроғи шикори анқои маънӣ рафтан маҳз дар забони шеър иттифоқ меафтад ва маҳз абзорҳои забонии ҳарфу овозу калимаву ибора ҳастанд, ки метавонанд барои шоир дар маъниофариҳо кумак намоянд. Аз ин нуқтаи назар дар ҷараёни баррасии масоили меҳварии поэтикаи ашъори Бедил таваҷҷуҳ ба таҳқиқи поэтикаи забони шеъри ӯ низ аҳамияти муҳим пайдо мекунад, ки дар баробари худи мафҳуми «поэтикаи забон» сарчашма дар назарияи адабиёти куҳани ҳиндӣ дорад. Ба таври умум, баҳсу баррасиҳои марбут ба таҳқиқи поэтикаи ашъори Мирзо Абдуқодири Бедилро ба унвони хулосаҳои рисолаи илмӣ метавонад, дар чанд матлаби аслӣ ва муҳим ба гунаи зайл метавон ҷамъбаст ва натиҷагирӣ намуд, ки маҷмӯан ба ҳукми хулосаҳои рисола манзур мегарданд:

1. Таваҷҷӯҳ бар вежагиҳои ҳунарии ғазалиёти Бедил ва ибтикороти ӯ дар адабиёти тоҷик дар назари аввал ин матлабро сареҳ мегардонад, ки ин суханвари маънишикор дар амри ба вуҷуд овардани тозатарин падидаҳои ҳунарӣ дар ғазали гузаштаи мо чи аз лиҳози ҳунари шоирӣ ва чи аз назари дарунмоя ва сабк эҳтимом варзидааст. Агар истиқлоли мисраъ аз зумраи таҳаввулоти нодири маъноӣ дар ғазали классикӣ аст, ки ба ибтикороти Бедил пайванди муҳкам дорад, дар канори ин мустақилият навъе эҷоди пайванди маъноӣ ва таносуби вожагону мафоҳим ба ҳунари баланди шоирӣ ва диди мушикофона ва нигоҳи мушоҳидакори ӯ ишорат мекунад.

2. Баҳсу баррасиҳои марбут ба дидгоҳҳои Абулмаонӣ роҷеъ ба аслу бунмояи шеъру шоирӣ, авомили шоиронагӣ ва назарияи шеър равшан муҷассам мешавад, ки воқеан ин суханвари маънишикор нигоҳе махсус ба шеър ва лузуми он дорад. Ҳарчанд нақду назарҳои зидду нақиз дар мавриди сурудаҳои вай баён шудаву ибҳомотро аз ҷумлаи навоқиси шеъраш унвон кардаанд, аммо Бедил бо ҳамон назари вежае, ки ба шеъру шоирӣ ва тафаккури шоирона дорад, ҳанӯз ба рӯзгори айёми хеш бо эҳсоси ҳамин равиши истиқболи тарзи суханаш аз сӯи ҳамзамонон ва пасовандонаш посух гуфтаву ҳамзамон соҳиби дидгоҳи хоса ва ба қавли хеш «забони хосаи бедилӣ» буданашро собит намудаву аз тарзи тозааш дифоъ карда. Ин дидгоҳҳои собит бар назарҳои хосаи шеършинохтии Бедил ба ҳақиқат ин нуктаро мусаллам месозанд, ки дар баробари ибтикороти тозаи ҳунарӣ, шеваи хоси баёни омил бар зуҳури мактаби бедилӣ дар густурдаи сабки ҳиндӣ ва маҷмӯан адаби форсӣ Абулмаонӣ бо изҳори мулоҳизаҳои фардӣ назарияи тозаи худро роҷеъ ба шеъру шоирӣ баён намуда, чун як тан мутаффакир, шоир ва ҳакиму адиб асолати шеър ва рисолати шоирро дар арсаи замонаҳо аз рӯзгори хеш то садсолаҳои дигар бар пояи тафаккури мантиқӣ, фалсафӣ, ирфонӣ ва ҳунарӣ муқаррар сохтааст. Ин мулоҳизот пеш аз ҳама сарчашма дар ҳамин равиши хосаи худи шоир дошта, аз таҷрибаҳои ҳунарии анҷомдодаи худи вай берун омадаанд, ки навъе назариёти хос дар бораи шеъру шоирӣ бар пояи шеъри худи Бедил ва дигар суханварони сабки ҳиндӣ маҳсуб меёбанд.

3. Мусаллам аст, ки зери мафҳуми поэтика дар адабиётшиносии мо бештар баҳсу баррасии масоили сохторшиносии шеър, аз ҷумла вазну қофия, радиф, матлаъ ва мақтаъ, инчунин воситаҳои тасвири бадеӣ ва шеваҳои ҳунармандони корбурди саноеи маънавӣ ва лафзӣ, сабки суханварӣ ва шеваи нигориши шоирона ва амсоли ин асосан маърифат шуда, вежагиҳои ҳунарӣ ё поэикии ин ё он суханвар аз ҳамин зовия ба риштаи таҳқиқ кашида мешуд. Тааммул дар вусъати ҷанбаҳои ҳунарии ашъори Бедил, ки бар асари нуфузи аносири он аз ҳар роҳу шеваи марсум ва тоза дар таркиби сурудаҳои вай, аз

ҷумла ғазал, ҳатто омил бар таҷаддуд дар қаламрави шеър гардидаанд, ин нуктаро мусаллам мегардонад, ки яке аз омилҳои муассир дар таҳаввулоти ҳунарии шеъри ӯ татбиқи муҳимтарин меъёр, вежагӣ ва суннатҳои поэтикаи шеъри қадимаи ҳинд, ҳатто санкрит дар қаламрави шеъри тоҷикӣ маҳсуб мешавад. Бедил бо он огоҳии комил ки аз забонҳои куҳани ҳиндӣ аз ҷумла санскрит дошт ва ҳатто достони «Маҳабҳарата»-ро комилан аз бар медонист, ҳамчун як суханвари тозакор тавонист, ки дар таҳаввули ҳунарӣ ва таҷаддуди қолиб ва дарунмояи ғазали тоҷикӣ аз ин аносири шеъри куҳани ҳиндӣ ҳунарварона ба кор бигирад, ки ҳатто шояд яке аз омилҳои ба печидагӣ ибҳом нисбат ёфтани шеъри Бедил ба ҳамин меъёрҳо пайванд бигирад.

4. Ҳанӯз аз дидгоҳҳои нахустини донишварони илми поэтика дар забони санскрит равшан мешавад, ки онҳо кӯшидаанд, ки вежагиҳои осори бадеиро дар асоси хусусиятҳои забонии онҳо муқаррар созанд. Ба ибораи дигар, мафҳуми поэтикаи забон сарчашма дар назариёти қадимаи ҳиндӣ дорад. Тамоми таҷаддуд ва таҳавулоти Абулмаъонӣ ва ҳатто ба таъбири бархе аз муаллифони тазкираҳо ва муҳаққиқон ихтирот ва ҳатто «ибҳомоташ» низ дар забон ва шеваи баён иттифоқ афтодааст, ки ин матлаб худ иртиботеро миёни аносири поэтикаи куҳани ҳиндӣ ва сабки сухани Бедил барқарор медорад. Баҳсу баррасии сарчашмашиносии ҷанбаҳои назарии поэтикаи ашъори Бедил ва таҳқиқи поэтикаи забони ғазалиёти ӯ аз ин дидгоҳ, яъне таҳқиқи татбиқии меъёрҳои поэтикаи ҳиндӣ ва тоҷикӣ дар рисола бори аввал ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Ба таъбири дигар, мафоҳими «забони шоирона» ва «поэтикаи забони шеър» дар асоси татбиқи ҳамин дидгоҳҳо ва меъёрҳои шеършиносии куҳани ҳиндӣ ва тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дар ин ҷода масъалаҳои вожаофаринӣ, вожасозӣ, сарчашмаҳои зуҳур ва ҷойгоҳи вожаҳои хос дар коргоҳи хаёли шоир, тасвирсозӣ, бозтоби шоиронаи матолиби фалсафӣ, ахлоқӣ, ҳикамӣ ва амсоли ин таҳқиқу баррасӣ шудаанд. Зеро решаи аслии зуҳури мафҳуми «поэтикаи забон» ба назариёти поэтикаи қадимаи ҳиндӣ пайванд мегирад ва ин решашиносии таърихии арзи ҳастӣ намудани он ва татбиқ дар адабиёти

форсизабони Ҳинд, ки ин дидгоҳро ҳануз дар замони хеш Ғуломалихон Озоди Балгиромӣ низ манзур намуда буд, ба мо имконият медиҳад, ки дар шинохти арзишҳои ҳунарии шеъри Бедил унсурҳои поэтикаи ҳиндиро низ ба эътибор бигирем.

5. Мурур ба девони Абулмаонии Бедил бар ин нукта ишорат дорад, ки воқеан ин суханвари мумтоз дар ғазалиёти хеш иқдоми ба такрори вожагон дар мақоми қофия дар зиёда аз 2 то чанд маврид менамояд. Мусаллам аст, ки дар назариёи шеършиносии гузаштагони мо аслан дар ду маврид ва беш аз он такрор шудани омадани вожаи муқаффо аз ҷумлаи заъфи шоирӣ дониста мешуд. Аз ин ру, чунин такрор дар шеъри то замони Бедил кам андар кам ба чашм мерасад. Вале Абулмаонии Бедил дар арса низ тозакорие аз худ ба намоиш гузошта, дар заминаи ба истилоҳ ин **«заъфи шоирӣ»** ибтикоре анҷом дод. Дар каломи Бедил такрори вожагони муқаффо дар як ғазал зиёд ба чашм мерасанд, аммо бо вуруди ин калима ба таркиби таъбирҳои сохтаи шоир, ҳатто дар ҳолати мустақил, ки албатта дар шеъри Бедил ин мавқеъ хеле кам иттифоъ меафтанд, ки вожагон ба танҳои маънигузорӣ шаванд, аллакай маънии нав касб мекунад. Аз ин рӯ, дар такрори Бедил ҳамакнун ҳеҷ айбе ҳам дида намешавад, баръакс бо такя бар маонии тозаи вожагон ин такрор навъе падидаи ҳунарӣ эътироф мегардад.

6. Дар канори ин, Бедил дар радифофаринӣ ва корбурди вожагони нодир дар мақоми радиф низ маҳорати тамоме аз худ зоҳир намудаанд. Интихоби вожагон ва таркибҳои мухталиф,ки дар адабиёти гузаштаи мо истифодаи онҳо ба унвони радиф анқариб ба мушоҳида намерасад, дар баробари бозгӯии нодиракории Бедил дар радифофаринӣ бар он таъкид меварзад, ки ин гурӯҳи калимот ва таркибҳо дар тақвияти оҳангнокӣ, рангорангӣ, мусиқияти каломи шоир нақши муассир гузоштааст. Баробари ин ибтикори Бедил дар офариниши маъниҳои тоза дар заминаи такрори ин вожагони мураддаф ҳунари шоирии ӯро дар мазмунофарӣ ва халқи маъниҳои тоза барои дар заминаи ҳар яке аз ин вожагону таобир бозгӯи мекунад. Имкон дорад, ки таҳия ва тадвини фарҳанги таъбир ва таркибҳои девони

Бедил барои дақиқ намудани мазмунҳои нави вожагони мазкур, ки сарчашма дар коргоҳи хаёд ва тафаккури шоир доранд, нақши муассир гузорад.

7. Баҳсу баррасии авзони шеъри Бедил ва таҷрибаҳои ҳунарии ӯ дар заминаи корбурди онҳо, ки ба истилоҳ навъе ба сохторшиканӣ дар ғазали форсӣ ва таҳаввулоти шоёне мувоҷеҳ шудааст, бозгӯ аз он аст, ки Абулмаонӣ бо таҷаддуд ва ибтикор дар истифодаи авзони мухталиф ва шояд бештар аз ҳамаи шоирони дигар муваффақ ба таҷассуми маонии тоза ва мазмунофариниҳои хоса гардидааст. Аз сӯи дигар, ин таҷоруб бар он таъкид мекунанд, ки Мирзо Бедил камтарин имконоти қолиб ва шаклҳои роиҷи шеъри суннатиро дар халқи маонии ноб ва офариниши мазмунҳои шоирона мавриди истифода қарор дода, ҳамчун шоири мубтакир ва соҳиби забони хосаи шеърии худ маъруфияти тамом дарёфтааст, ки дар баробари бовар ва эътиқоди худ ба ин ҷойгоҳ дар тазкираҳову сарчашмаҳои адабӣ ин мақоми шомихи шоир дар сатҳи зарурӣ эътироф шудааст. Муҳимтар аз ҳама, дар заминаи таваҷҷӯҳ ба ин навъи сохторшиканӣ дар ғазали форсӣ метавон бар ин натиҷа расид, ки Мирзо Бедил заминаҳои мӯҳкаме дар таквини шеъри нав дар адабиёти форсӣ гузошт.

8. Аз таваҷҷуҳ ба шеваҳои шоираи корбурди вожагони хос ва мазмунсозиву таркибофарӣ перомуни онҳо [дар мисоли вожаи нафас] тавассути он маълум мегардад, ки дар шеъри Бедил ин вожа қабл аз ҳама бо маонии мухталифе корбурд шудааст, ки шоирони пешин камтар ба онҳо таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Танаввуъи маъноии ин калима дар ашъори Абуламаъонӣ онро ба сурати яке аз вожагони пурбасомади девони шоир ва дигар сурудаҳои вай мубаддал гардонида, ҳамзамон барои зуҳури маонии тозае боис омадааст, ки дар коргоҳи хаёл ва андешаи ин шоири бузург ҳосил шудааст. Тақвияти такмили маъноии ин вожа тариқи сохтмони таркиб ва ибораҳои тозаи шоирона, ки ба ҳунари таъбирофаринии Бедил далолат доранд, иттифоқ афтодааст. Мирзо Бедилро даст додааст, ки бо истифода аз он ибораҳои фаровонеро сурат банданд, ки ағлаби он махсус ва офаридаи худи Бедил буда, ҳатто маъниҳои заминӣ ва ирфонии онон тоза ва андешидаи

худи шоир маҳсуб меёбанд. Аз сӯи дигар, ҳарчанд вожаи нафас бо таҳаввули маъноӣ дар шеъри Бедил навъе мазмуни фалсафӣ касб намуда, ҳамзамон баёнгари яке аз рукнҳои барҷастаи тафаккури ирфонии шоир мегардад, аммо диди шоирона ва назокати ҳунари халлоқии ӯ боис омадааст, ки ин маъниҳои орифонаву фалсафии як вожаи нафас дар вусъати садҳо таркибҳои тозаи шоирона таҷассум пайдо намоянд.

9. Шеваҳои шоиронаи маъниофаринӣ, таркибсозӣ ва сохтмони калимоти мураккабро метавон дар мисоли вожагони оина, ҳайрат, мавҷ, ранг, ваҳдат, касрат, фақру фано, таайюн, итлоқ ва амсоли ин низ метавон ба риштаи таҳқиқ кашид, ки дар умум ҳунари шоирии суханварро дар равишҳои шоиронаи корбурди ин вожагони ба таъбири доктор Абдулғанӣ «нозпарварди Бедил» ба таври барҷаста бозтоб бахшида, ғанои маъноӣ ва ҳунарии каломи ӯро муҷассам намудаанд. Имкони он дорад, ки роҷеъ ба ҷойгоҳи ҳар яке аз ин вожагон дар коргоҳи хаёли Бедил таҳқиқоте ҷудогона ба сомон расонида шавад ва ба ҷуз аз нафас мақолоти ҷудогонае аз муаллифи рисола дар робита ба нақши мафоҳим ва истилоҳоте чун ваҳдат, ҳайрат ва амсоли ин ба қалам омадаанд.

10. Аз баррасии чанд намунаҳое аз киноёти шеъри Бедил равшан мегардад, ки корбурди ин санъати бадеӣ дар сурудаҳои Абулмаонӣ баробари басомади фаровон пайдо намудан, дар таҳаввули маъниофарӣ, нуфузи ибороти тозаи маҳсули андеша ва тафаккури шоир таъсири равшан гузоштааст. Авлавияти ба кор гирифтани ин санъат, ки ба ҳунари шоирӣ муттакӣ аст, зуҳури таркибҳои тозаеро ҳам таъмин намудааст, ки камтар дар паҳнои адабӣ форсӣ ба маонии корбурдии Бедил истифода шудаанд ва бо такя ба ин метавон киноярo ҳамчун яке аз саноеи пурбасомад дар шеъри шоир дар канори тамсилу ташхис, иҳому истиора ва ташбеҳҳои пушида номзад кард.

11. Саънати муаммо низ дар каломи Абулмаонии Бедил аз ҷойгоҳи хосае бархурдор аст ва ҳатто бархе соҳибназарон муътақид ҳастанд, ки худи шеъри шоир бар асари нуфузи ҳамоне вежагии печидагуӣ муаммогуна аст.

Ҳаройина дар таркиби ғазалиёти Бедил абёти фаровоне ҷой доранд, ки ба сурати муаммогуна баён шудаанд ва ҷолиб он аст, ки шоир бо зикри вожаи муаммо дар ҳар як аз ин байт ба вуҷуди он дар таркиби ғазал паём расонидааст. Таваҷҷуҳи хосаи Бедил ба муаммо ҳатто омил бар нуфузи худи вожаи муаммо дар коргоҳи хаёли шоир низ гардида, ки дар баробари нақши муассири он ба эҷоди санъати муаммо, ба ҷойгоҳаш дар маъниофаринӣ ва мазмунсозии шоиронаи Бедил омил гардидааст. Ҳамзамон, нуфузи муаммогуӣ дар каломи Бедил ба ҳадде такмил пазируфтааст, ки дар баробари ба вуҷуд овардани дигар анвоъи ғазал аз диди ҳунарӣ, чун ғазали тасвирӣ ин суханвари мумтоз ба сурудани як ғазали комилан муаммо, ки ҳар аз ҳар мисраи он метавон як муамморо кушод, муваффақ шудааст, ки дар таърихи адабиёти тоҷик назире надорад.

11. Мирзо Абдулқодири Бедил дар шеваи сохтмони вожаҳои мураккаб ва таъбиру таркибҳои шоирона дар қаламрави адабиёти гузаштаи мо ба таври воқеӣ таҳаввулоти ҳунарие анҷом дода, аз ин роҳ дар ғанои таркиби луғавии забони тоҷикӣ асаре барҷаста гузоштаанд. Дар навбати аввал, ибороти офаридаи Бедил ба ӯ имкон додаанд, ки нахуст дар гурез аз такрори вожаву таркибҳо барои ифодаи матолиби мухталиф иқдом намояд ва дар баробари ин бо истифода аз хазинаи пурбори луғоти тафаккури хеш бар он даст ёфтааст, ки дар ифодаи мафоҳим, матолиб ва мазомини мухталиф таркибҳои нобу тозаеро халқ намояд, ки ҳамагӣ ҷиҳати касби маъниҳои нави вожагон дар таркиби чунин таобир муассир афтодаанд.

12. Мутолеаи девони Мирзо Абдулқодири Бедил ин матлабро мусаллам мегардонад, ки шоир дар баробари офариниш вожаву таркиб ва таъбирҳои шоирона дар коргоҳи хаёлоти хеш, бо мурур бар фарҳанги мардум нодиртарин вожаву таобир, унсурҳои барҷастаи ҳунарӣ, номи ашёву василаҳоро, ки ҷои бархе аз онҳоро муродифоти арабӣ гирифтаанд, ба ҷаҳони андешаву афкори хеш ворид намуда, бад-ин васила ҳам барои офариниши маънӣ ва мазмунҳои тоза ва ҳифозати ин таркибу иборот ва калимаҳо иқдом менамояд. Ҳунари шоирии Бедил дар корбурди баҷо ва бамавриди маҷмуи ин

аносири фарҳанги мардумӣ ба ҷилва меояд, ки чунин истифодаи бамавқеъ дар ғанои маънавӣ сухани шоир муассир афтодаанд. Баробари ин, ҳарчанд аксари ин вожаву таъбирҳо имрӯз дар шохаҳои мухталифи забони форсӣ асли маъноии хешро аз даст додаву ҷойи онҳоро дигар муродифот соҳиб шудаанд, вале ҳифзи ин ганҷинаҳои нодири забонӣ ҳам дар таркиби ашъори Бедил ва ҳам гуфтори мардумӣ омил гардидааст, ки асли маъноии онҳо тавассути мазмунсозӣ ва маъниофариҳои шоиронаи ин суханвари маънишикор пойдор ва барқарор бимонад.

15. Аз баҳсу баррасиҳои марбут ба шарҳу тафсирҳои шоиронаи мавчуд дар девони Бедил метавон чунин натиҷа бардошт, ки ин суханвари мумтоз, пеш аз ҳама, бар пояи доштани нигоҳи хосаи хеш ба мафоҳим, ҳаводис, ашё, ҳолот, авотифи равонӣ ва амсоли ин мушоҳидаву шинохт ва бардоштҳои махсуси худро нисбат ба онҳо баён намудааст. Дар канори ин, равишҳои мухталифи тафсири ин вожагону таъбирҳо ва истилоҳоту мафоҳим ба шоир даст додаанд, ки воқеан ба ифодаи худи вай «забони бедилӣ»- ро эҷод намояд, ки дар ин забон маҷмӯи ин калимаву ибора ва таркибҳо дорои маъниҳои хоси шоиронаи мутааллиқ ба андешаву хаёл ва афкори Бедил мебошанд. Нуфузи чунин тафсирҳои шоирона ба мо имкон медиҳад, ки дар замина аз матни девон ва дигар осори Бедил берун баровардани онҳо як фарҳангномаи хосаи шоиронаи шоирро бар асоси шарҳу тафсирҳои худи ӯ тадвин намоем.

16. Агарчи дар адабиёти гузаштаи мо бештар бозтоби тасвирҳои шоирона, хоса таҷассуми тасвири табиат дар қолиби абёти ҷудогона ба ҷилва омадаанд, дар таркиби сурудаҳои Бедил ба мушоҳида мерасад, ки он то ба пояи як ғазали комил мерасад, ки онро аз дидгоҳи ҳунарӣ мо шартан ғазали тасвирӣ унвон намудем. Ташреҳи куллии як аз чунин ғазалҳо бозгӯ дар эҷодиёти Бедил бозгӯ аз он аст, ки ин суханвари мумтоз дар офаридан ва корбурди тасовири шоирона бештар аз воқеиятҳои зиндагӣ истифода намуд, иқдом бар он месозад, ки бо пайванд бахшидани аносири воқеӣ ва мафоҳими равониву авотифи рӯҳӣ тасвирҳои тозае офарида, дар ҳузури ҳаводису воқеа,

замону макон мушоҳидаву бардоштҳои шоиронаи хешро таҷаллӣ бахшад. Ҳамин гуна, мурур ба девони Бедил ин амрро мусаллам мегардонад, ки дар миёни сурудаҳои шоир теъдоди муайяни чунин ғазалҳоро метавон ба мушоҳида гирифт, ки комилан ба тасвири манозири табиат ва ҳолу ҳавои фазои мухталифи зиндагӣ бахшида шуда, аз он паём мерасонанд, ки Бедил ба офариниши навъи ҳунарии ғазал, ки онро мо шартан тасвирӣ унвон намудем, низ муваффақ шудааст. Аз сӯи дигар, мусаллам аст, ки бештари маворид дар адабиёти гузаштаи мо тасвири табиат ва бозтоби комили он асосан хоси қасида ва махсусан бахши аввали он ташбиб маҳсуб мегардад, аммо Бедил бо иқдом дар суроиши чунин навъи ғазал ҳам аз диди ҳунарӣ ва ҳам мавзуӣ ибтикоре аз худ ба намоиш гузошт, ки он омил ба истиқболи густараи пасовандони шоир низ гардид, ки намунаи он дар рисола мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

17. Мурур ба як ғазали баҳорияи Бедил бозгӯӣ он аст, ки Абулмаонӣ дар халқи маонии ноб ва офаридани тасвирҳои тоза дар ҳама маворид чирадасту беназир аст ва фаязони ин қудрати фикрӣ ва ҳунарии он то метавон гуфт, ки то имрӯз доман кашидааст. Фузун бар он чӣ ӯ аз ҳақоиқи сурати баҳор дар оинаи хаёл ва тасаввури худ тарҳрезӣ мекунад ва бо нигоҳи нозукбини худ баҳору маҷмӯи аносири зебоиҳои онро ба қалами шоиронаи худ наққошӣ менамояд, аз ҳар бӯъду унсури баҳор ҳикмат ва фалсафаеро кафш мекунад, ки маҳсули андешаву афкори баландпарвози ӯ ҳастанд. Ин шеваи ҳунармандонаи тасвири назокати баҳор ва маърифати асрори ранги он ба истиқболи самимонаи пайравони ӯ аз шеваи тасвирсозӣ ва маъниофариаш мувоҷеҳ гардида, дар канори ин боис ба зуҳури рангҳои муҷаллои асолати баҳор дар нигоҳу андешаи ин шоирон шудааст, ки бозтоби рӯшани он дар каломи ин ду суханвари мавриди назар ошкор аст.Муҳимтар аз ҳама баробари ин ки дар девони Бедил тасовири манозири табиат дар тамоми фасли сол ба таври барҷаста ба чашм расида, аз ҳунари шоирии ӯ дар нақшу тасвири табиат башорат медиҳанд, аммо ин ҷо низ дар заминаи як ғазали тасвирии бахшида ба табиати шоир ин матлаб муҷассам мегардад, ки ки дар

идомаи ғазалҳои тасвирӣ шоир дар зимни тасвири табиат дар доираи як ғазал афкори фалсафӣ, маърифат ва шинохти хеш аз рузгори ҷорӣ ва ҳақиқати умрро ба ҷилва овардааст, ки бозгӯии асолат ва назокати баҳор ин матлабро собит месозад. Баробари ин, вуҷуди истиқболияҳое аз ғазал дар адабиёти асри нуздаҳ, яъне дар мактаби пайравони Бедил гувоҳ бар он аст, ки чунин шеваи тасвири табиат дар қолиби як ғазал аз ин суханвари мумтоз оғоз гардида, ба унвони як суннати адабӣ аз суи шоирони баъдӣ идома ёфта, то замони имрӯз ба як навъи хосаи ҳунариву мавзуии ғазал мубаддал гардидааст.

18. Тааммул дар девони Мирзо Абулқодири Бедил гувоҳ бар он аст, ки дар каломи ин суханвари тозакор ва таҷаддудгаро вуҷуди тасвирҳои пародоксӣ дар таркиби таъбирҳои ҷолиби шоирона барои танаввуъи шеваи баён, эҷоди мазмунҳои тоза ва тасвиру ибораҳои ноби шоирона, ки хоси сабки сухани шоир ва забони баёни ӯ ҳастанд, нақши муассир гузоштаанд. Ҳарҷанд ин навъ тасовир дар каломи шоирони пешин низ ба нудрат ба чашм мерасанд ва ҳатто дар шеъри суханварони сабки ҳиндӣ тадриҷан нуфузи он онҳо афзуда, аммо дар ҳақиқат дар ашъори Бедил, хоса ғазалиёти ӯ ҷилваи нақши ин навъ тасвирҳои шоирона ба як вежагии муҳими ҳунарӣ бадал гардидаанд, ки ин матлабро пажужишгарони осори шоир низ эътироф намудаанд. Бар асоси вуҷуди парадокс ҳамчун санъати бадеӣ дар осори назарии адабиётшиносии ҳиндӣ ва кашфи он аз сӯи Озоди Балгиромӣ дар ин замина ҳам метавон бар ин хулоса расид, авлавияти чунин тасовир ва ҷойгоҳи он чун шигарди ҳунарӣ дар шеъри шоир боз ҳам бар нуфузи таъсири поэтикаи қадима ва асримиёнагии ҳиндӣ рабт мегирад. Худи Балгиромӣ низ танҳо тавассути мутолеаи татбиқии балоғати ҳиндиву арабиву форсӣ ва мурур дар каломи шоирони сабки ҳиндӣ аз ин зовия муваффақ гардид, ки онро ҳамчун саънати бадеии «вифоқ» кашф намояд.

19. Таҳлил ва шарҳу тавзеҳи ҷанбаҳои мавзуии ашъори Бедил, тасниф ва табақабандии мавзуии сурудаҳои ӯ, ки ба танаввуъи ғазал аз диди мавзуӣ низ омил мегарданд, дар навбати аввал тавассути офариниши таркибҳои

шоирона, баёни ҳунарварона масоили мухталиф бозгӯи он ҳастанд, ки Бедил дар заминаи тафсири мавзуоти гуногуни фалсафӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, ирфонӣ ба тарҳи мазмунҳои шоирона ва таъбиру таркибҳои нодир низ муваффақ гардидааст, ки ин шеваи кори ӯ дар тақвияти ҷанбаҳои ҳунарии шеъри вай нақши муассир гузоштааст. Ба хотири дурӣ ҷустан аз такрори матолиб Бедил дар тафсири як мавзуъ ва ё ҳолати иҷтимоиву маънавии инсонӣ ба халқи таъбирҳои мухталифи шоирона иқдом намудааст, ки ин амр низ ба ғанои шоиронаи забони баёни бедилӣ омил гардидааст.

20. Аз суи дигар, танаввуъи мавзуъ дар доираи ғазал, ки дар адабиёти гузаштаи мо доираи он хеле маҳдуд буд, ба Бедил имкон фароҳам овардааст, ки ба зуҳури анвоъи хосаи ғазал чун фалсалӣ, ирфонӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ дар баробари тасвирӣ аз диди ҳунарӣ низ иқдом намуда, талош намояд, ки муҳимтарин мавзуоти роиҷ дар адабиётро дар қолиби жанри ғазал низ шарҳу тафсир намояд. Фузун бар ин, шеваи шоиронаи баёни маҷмуи ин мавзуот низ ба шоир имкон додаанд, ки дар тарҳи нодиртарин тасвирҳои шоирона, таркибу таъбирҳо, истиорот, мафоҳим ва ҳатто корбурди шоиронаи мафоҳими ирфониву фалсафӣ, истилоҳоти хоси фарҳанг ва ирфони ҳиндӣ ва офариниши мазмун ва маъниҳои тоза тавассути онҳо муваффақ гардад, ки ин шеваи кори шоир ба нуфузи корномаҳои хосаи Бедил дар маънисозӣ ва офариниши мазмунҳои нодир таъсиргузор омадааст.

21. Таҳқиқу баррасии масъалаи таассури Бедил аз суханварони пешин муқаррар месозад, ки Абулмаъонӣ дар ҳақиқат аз мактаби шоирони қадим ва ҳатто аз ҳамасарони хеш сабақҳои фаровоне андухтааст. Бар ин нукта борҳо дар сурудаҳои хеш низ таъкид варзида ва ҳам дар таркиби дигар аз осори хеш низ ба ин мавзуъ руҷуъ намудааст. Дар заминаи пажуҳиши ин мавзуъ мусаллам мегардад, ки Бедил дар баробари идомаи суннатҳои хосаи шеъри гузаштагон бар онҳо таҷаддуд ва такомуле бахшида, ки маҳз ҳамин талошҳои ӯ омил ба зуҳури ибтикорот ва тозагиҳое дар шеваи суханварии вай гардидаанд. Афзун бар ин, бо таваҷҷуҳ ба нукоти муҳими марбут ба ҷанбаҳои ҳунарии шеъри гузашта Бедил муваффақ бар он гардидааст, ки

бархе аз ҷузъиёти муҳими шеъриро ба як вежагии хосаи шеърӣ табдил намуда аз ин роҳ ҷанбаҳои ҳунарии каломашро бештару пештар тақвияб бахшидааст. Агарчӣ вежагиҳои хосаи ҳунарие чун тасвирҳои парадоксӣ, ҳиссомезӣ, корбурди вобастагиҳои ададӣ дар шеъри қудамо чун ҷузъиёти камранг ва норушан ба чашм мерасанд, вале Бедил бо такмилу таҷдид дар шеваи офариниши ин шигардҳои ҳунарӣ онҳо ба муҳимтарин шохисаҳои ашъори хел бадал сохтааст.

22. Мактаби ҳунарии Бедил дар қаламрави адабиёти тоҷик пас аз ӯ низ ба эҷоди мактаби пайравони Бедил дар заминаи таъсири ҷанбаҳои бузурги поэтикии шеъри вай бар пасовандонаш омил гардид. Шоирони фаровоне дар сарзаминҳои Шибҳи Қораи Ҳинд, Фароруду Хуросон, Эрону Афғонистон дар истиқбол аз беҳтарин суннатҳои мактаби адабии Бедил қадам гузоштанд. Нуфуз ва манзалати ҳунари шоирии Бедил ва забони хосаи суханварии вай бар ҳадде асар гузошта ва ҳатто мегузорад, ки фосилаи таърихии ин таассур аз замони шоир оғоз ёфта то имрӯз идома меёбад. Ҳатто бархе соҳибназарон бар ин ақида расидаанд,ки асри имрӯз барои аҳли адаб ҳамакнун замони шинохти Бедил дониста мешавад ва ҳамин маърифати фаротари шеър ва андешаҳои Абулмаъонӣ омил омада, ки дар имрӯз дар нақди адабии Эрону Афғонистон «бедилона сурудани ғазал» санҷа ва ё меъёри шоирӣ дар сурудани ин навъи шеъри суннатӣ эътироф гардидааст. Ин ҳам дар ҳолест, ки мафҳуми бедилона сухан гуфтан дар адабиёти форсии Фароруд дар замони нуфузи мактаби пайравони шоир ҳануз дар қарни нуздаҳ аз ҷойгоҳи вежае бархурдор буд.

23. Дар канори ин ҷусторҳо дар заминаи зуҳури шеъри нав дар кишварҳои форсизабон низ дар асл муқаррар месозад, ки омилҳои аслии гароиш ба қолабҳои нав ба шеъри форсиро низ метавон дар нақш ва таъсири Бедил ҷустуҷу намуд, зеро маҳз асари ҳунарии шеъри ин суханвар омил гардид, ки бархе аз суханварон бо эҷоди ҷараёни бозгашти адабӣ муддате истиқбол аз сабки қудаморо идома диҳанд. Вале чун бар асоси қавонини марсуми фалсафӣ бозгаштан ба пас дар асл ногузир аст, дар мароҳили баъди

мазҳ ҳамин таъсири пурнуфузи Бедил омил гашт, ки андешаи тарҳи нав дар шеъри форсӣ эҷод ва роҳандозӣ шавад. Аммо бо ин ҳама дар қолиби шеъри нав низ муҳимтарин аносири ҳунарии шеъри Бедилро суханварони навгаро дар адабиёти муосири форсӣ идома бахшиданд, ки намунаи барҷастаи онро Ҳасани Ҳусайнӣ дар мисоли шеъри Суҳроби Сипеҳрӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Баҳси ин мавзуъ дар мисоли таводум ва таҷаддуди суннатҳои шеърии мактаби Бедил дар адабиёти муосири тоҷик мақолоти ҷудогона аз муаллиф мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

I. МАНОБЕЪ ВА САРЧАШМАҲО

А)Бо хати форсӣ

1. Азимободӣ, Бедил. Девон. Нусхаи хаттии маҳфуз дар китобхонаи Ганҷбахши Покистон бо шумораи 1394. Котиб Мулло Азиз Муҳаммад Мулло Муҳаммад. Соли китобат 1207 ҳ.қ.– 387 с.
2. Айнӣ, Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик/Садриддин Айнӣ.–Душанбе: Нашриёти марказии халқи ИҶШС, 1926.–266 с.
3. Айнӣ, Садриддин. Ёддоштҳо. Чаҳор қисм. Иборат аз як китоб. Ба кӯшиши Саидаи Сирҷонӣ / Садриддин Айнӣ.–Теҳрон: Огоҳ, 1327.– 1030 с.
4. Асир, Муҳаммад Абдулҳамид. Хати бурё. Гузидаи осори манзум ва мансур. Тасҳеҳ ва таълиқи Абдуқодири Орзу / Муҳаммад Абдулҳамиди Асир.–Кобул: Маркази таҳқиқоти фалсафӣ ва ирфонӣ, 1383.– 535 с.
5. Аттор, Фаридуддин. Мусибатнома. Муқаддима, тасҳеҳ, таълиқоти Шафеии Кадканӣ./ Фаридуддин Аттор.–Теҳрон: Сухан, 1386-987 с.
6. Аҳрорӣ, Туғрал.Девон [чопи сангӣ]/ Туғрали Аҳрорӣ.–Когон, 1916.– 288 с.
7. Аҳрорӣ, Нақибхон Туғрал. Корвони муҳаббат. Ба кӯшиши Асрори Раҳмонфар/ Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ.–Душанбе: Ирфон, 1990.–220 с.
8. Балгиромӣ, Мирғуломалии Озод. Ғизолу-л-ҳинд. Мутолеаи татбиқии балоғати ҳиндӣ ва форсӣ. Тасҳеҳи Сируси Шамисо/ Мирғуломалии Озоди Балгиромӣ.– Теҳрон: Садои муосир, 1382.– 176 с.
9. Балгиромӣ, Мирғуломалихони Озод. Хизонаи омира/ Мирғуломалии Озоди Балгиромӣ.–Конпур: Нувалкишур, 1271 ҳ./1892 м.– 459 с.
10. Балгиромӣ, Мирғуломалихони Озод. Маҳосину-л-киром. Бо эҳтимоми Муҳаммад Қодир Алихони Суфӣ./ Мирғуломалии Озоди Балгиромӣ.–Агра, 1910.–346 с.

11. Балгиромӣ, Мирғуломалихони Озод. Маҳосину-л-киром ё Сарви озод / Мирғуломалии Озоди Балгиромӣ.–Ҳайдарободи Дакан, 1913.–430 с.
12. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад. Маснавии Маънавӣ. Бар асоси нусхаи Николсон/Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ.–Теҳрон: Байҳаққитоб, 1387.– 936 с.
13. Бедгулӣ, Ҳоҷӣ Сулаймон Сабоҳӣ. Девон. Тасҳеҳи Аҳмади Карамӣ / Ҳоҷӣ Сулаймон Сабоҳии Бедгулӣ.– Теҳрон: Мо, 1365.–396.
14. Бедгулӣ, Ҳоҷӣ Сулаймон Сабоҳӣ. Девон. Ба тасҳеҳ ва муқаддимаи Партави Байзоӣ /Ҳоҷӣ Сулаймон Сабоҳии Бедгулӣ.–Теҳрон: Заввор, 1338.– 175 с.
15. Бедил, Абдулқодир. Девон / Абдулқодири Бедил. Нусхаи хаттии маҳфуз дар китобхонаи Ганҷбахши Покистон. Шумораи нусха 8148.–444 с.
16. Бедил, Мирзо Абдулқодир. Девони ғазалиёт / Мирзо Абдулқодири Бедил. Нусхаи хаттии маҳфуз дар китобхонаи Мавлоно Озоди Донишгоҳи исломии Алигарх. Шумораи нусха 320/1.Соли китобат 1130 ҳ.қ.– 721 с.
17. Бедил, Мирзо Абдулқодир. Девони ғазалиёт / Мирзо Абдулқодири Бедил. Нусхаи хаттии маҳфуз дар китобхонаи Худобахши Панта. Соли китобат, 1136 ҳ.қ.– 515 с.
18. Бедил, Мирзо Абдулқодир. Куллиёт/ Мирзо Абдулқодири Бедил. Нусхаи хаттии маҳфуз дар китобхонаи Ризо Ромпур.Шумораи нусха, 381. Соли китобат 1131 ҳ.қ.– 845 с.
19. Бедил, Мирзо Абдулқодир. Куллиёти Мирзо Абдулқодири Бедил/ Мирзо Абдулқодири Бедил.–Бамбай: Матбааи Сафдарӣ, 1299 ҳ.-890 с.
20. Бедил, Мирзо Абдулқодир. Куллиёти Мирзо Абдулқодири Бедил/ Мирзо Абдулқодири Бедил.–Бамбай: Матбааи Ҳасанӣ, 1292 ҳ.-320 с.
21. Бедил, Абдулқодир. Руқаот/Абдулқодири Бедил.–Конпур: Нувалкишур, 1302 ҳ.-157 с.

22. Бедил, Мирзо Абдулқодир. Нусхаи илмӣ-интиқодии ғазалиёт. Ба эҳтимоми Абдулваҳҳоби Фоиз. Ҷ.1. / Мирзо Абдулқодири Бедил.– Рутердом [Нидерландия]: ISKAMP printing, 2018.–740 с.
23. Бедил, Мирзо Абдулқодир. Нусхаи илмӣ-интиқодии ғазалиёт. Ба эҳтимоми Абдулваҳҳоби Фоиз. Ҷ.2 /Мирзо Абдулқодири Бедил.– Рутердом[Нидерландия]: ISKAMP printing, 2018.–740 с.
24. Бедил, Мирзо Абдулқодир. Девон: дастхат/ Мирзо Абдулқодири Бедил.– Соли китобат 1288 ҳ. – 180 с.
25. Бедил, Мирзо Абдулқодир. Девон: чопи сангӣ / Мирзо Абдулқодири Бедил.–Ҷой ва соли китобат надорад.
26. Бедил, Мирзо Абдулқодир. Девон: чопи сангӣ / Мирзо Абдулқодири Бедил.– Тошканд.–Соли китобат надорад.
27. Бедил, Мирзо Абдулқодир. Девон: чопи сангӣ / Мирзо Абдулқодири Бедил.– Самарқанд.– Соли китобат надорад.
28. Бедил, Абулмаонӣ Мирзо Абдулқодир. Куллиёт. Иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷ.1. [Ғазалиёт]/ Абулмаонӣ Мирзо Абдулқодири Бедил.–Кобул, 1341.– 1248 с.
29. Бедил, Абулмаонӣ Мирзо Абдулқодир. Куллиёт. Иборат аз чаҳор ҷилд [Таркиббанд, тарҷеъбанд, қасоид, қитаъот, рубоиёт...] / Абулмаонӣ Мирзо Абдулқодири Бедил.–Кобул, 1342.–675 с.– Ҷ.2.
30. Бедил, Абулмаонӣ Мирзо Абдулқодир. Куллиёт. Иборат аз чаҳор ҷилд [«Ирфон», «Тилисми ҳайрат», «Тӯри маърифат», «Муҳити аъзам»] / Абулмаонӣ Мирзо Абдулқодири Бедил.–Кобул, 1342.–864 с.–Ҷ.3.
31. Бедил, Абулмаонӣ Мирзо Абдулқодир. Куллиёт. Иборат аз чаҳор ҷилд [«Чаҳор унсур», «Руқаот», «Никот»] / Абулмаонӣ Мирзо Абдулқодири Бедил.–Кобул, 1344.–680 с.–Ҷ.4.
32. Бедил, Абулмаонӣ, Мирзо Абдулқодир. Гузидаи ғазалиёт. Бо кӯшиши Қиёмуддин Наимов. Пешгуфтор аз Нуралӣ Нурзод. Душанбе: Анҷумани дӯстдорони Бедил, 2016.– 236 с.
33. Бурҳон, Муҳаммад Ҳусайн. Бурҳони Қотеъ.–Теҳрон: Нимо, 1379. 968 с.

34. Деҳлавӣ, Амир Хусрав. Девони ғазалиёт. Бо тасҳеҳи Иқболи Салоҳиддин ва муқаддимаи М. Рӯшан / Амир Хусрави Деҳлавӣ.–Теҳрон, 1387.– 928 с.
35. Деҳлавӣ, Бедил. Девон. Чопи литографии нусхаи хаттии китобхонаи Ризо Ромпур. Ба кӯшиши Алиризо Қазва / Бедили Деҳлавӣ.–Теҳрон: Ширкати таовунии корофаринони фарҳангу ҳунар, 1388.–1776 с.
36. Деҳлавӣ, Бедил. Девони Бедили Деҳлавӣ: иборат аз ду ҷилд. Ҷ.1.Бо тасҳеҳи Акбари Беҳдорванд/Бедили Деҳлавӣ.–Теҳрон: Нигоҳ, 1386.–703 с.
37. Деҳлавӣ, Бедил. Девони Бедили Деҳлавӣ: иборат аз ду ҷилд. Ҷ 2. Бо тасҳеҳи Акбари Беҳдорванд/Бедили Деҳлавӣ.–Теҳрон: Нигоҳ, 1386.–1400 с.–.
38. Деҳлавӣ, Бедил. Куллиёти Мавлоно Бедили Деҳлавӣ: бузургтарин гӯяндаи сарзамини Ҳинд. Бо тасҳеҳи Холмуҳаммади Хаста, Халилуллоҳ Халилӣ.Бо эҳтимоми Ҳусейн Оҳӣ / Бедили Деҳлавӣ.–Теҳрон: Фурӯғӣ, 1366.–1198 с.
39. Деҳлавӣ, Бедил. Куллиёти Мирзо Абдулқодир Бедили Деҳлавӣ: иборат аз ду ҷилд. Ҷ. 1. / бар асоси нусхаи Холмуҳаммади Хаста ва Халилуллоҳ Халилӣ. Ба кӯшиши Фарид Муродӣ / Бедили Деҳлавӣ.–Теҳрон: Заввор, 1387.–892 с.
40. Деҳлавӣ, Бедил. Куллиёти Мирзо Абдулқодир Бедили Деҳлавӣ: иборат аз ду ҷилд. Ҷ. 2. / бар асоси нусхаи Холмуҳаммади Хаста ва Халилуллоҳ Халилӣ. Ба кӯшиши Фарид Муродӣ/ Бедили Деҳлавӣ.–Теҳрон: Заввор, 1387.–823 с.
41. Деҳлавӣ, Бедил. Куллиёт. Тасҳеҳи Холмуҳаммади Хаста ва Халилуллоҳи Халилӣ. Ба кӯшиши Баҳман Халифаи Баноравонӣ. Иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷ.1.–Бахши 1. / Бедили Деҳлавӣ.– Теҳрон: Талоя, 1389.–798 с.
42. Деҳлавӣ, Бедил. Куллиёт. Тасҳеҳи Холмуҳаммади Хаста ва Халилуллоҳи Халилӣ. Ба кӯшиши Баҳман Халифаи Баноравонӣ. Иборат

аз чаҳор ҷилд. Ҷ.1.–Бахши 2./ Бедили Деҳлавӣ.– Теҳрон: Талоя, 1389.– 802 с.

43. Деҳлавӣ, Бедил. Куллиёт. Тасҳеҳи Холмуҳаммади Хаста ва Халилуллоҳи Халилӣ. Ба кӯшиши Баҳман Халифаи Баноравонӣ. Иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷ.2/ Бедили Деҳлавӣ.– Теҳрон: Талоя, 1389.–650.С.
44. Деҳлавӣ, Бедил. Куллиёт. Тасҳеҳи Холмуҳаммади Хаста ва Халилуллоҳи Халилӣ. Ба кӯшиши Баҳман Халифаи Баноравонӣ. Иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷ.3./ Бедили Деҳлавӣ.– Теҳрон: Талоя, 1389.–812 с.
45. Деҳлавӣ, Бедил. Куллиёт. Тасҳеҳи Холмуҳаммади Хаста ва Халилуллоҳи Халилӣ. Ба кӯшиши Баҳман Халифаи Баноравонӣ. Иборат аз чаҳор ҷилд.Ҷ.4. / Бедили Деҳлавӣ.– Теҳрон: Талоя, 1389.–582 с.
46. Деҳлавӣ, Бедил. Рубоиёт. Тасҳеҳ ва муқаддимаи Акбари Беҳдорванд. /Бедили Деҳлавӣ.– Теҳрон: Нигоҳ, 1385.– 664 с.
47. Деҳлавӣ, Бедил. Рубоиёт. Ба кӯшиши Парвиз Аббоси Доконӣ. / Бедили Деҳлавӣ.– Теҳрон: Илҳом, 1386.– 495 с.
48. Деҳлавӣ, Бедил. Чор унсур. Бознавиштае аз Саидзиёуддини Шафеӣ / Бедили Деҳлавӣ.–Теҳрон: ал-Ҳудо, 1392.–464 с.
49. Деҳлавӣ, Бедил. Тасҳеҳи интиқодии ғазалиёти Бедил бар асоси деринтарин ва бовартарин дастнависҳо.Тасҳеҳ ва таҳқиқи Сайидмаҳдӣ Таботабоӣ, Алиризо Қазва / Бедили Деҳлавӣ.–Теҳрон: Шаҳристони адаб, 1392.–1025 с.–Ҷ.1.
50. Қуръон. Бо тарҷумаи форсӣ аз Макорими Шерозӣ.– Теҳрон: Китоби сабз, 1398.- 1032 с.
51. Мавлавӣ, Ҷалолуддин Муҳаммад. Куллиёти Шамси Табрезӣ. Бо инзимоми шарҳи ҳол аз Бадеуззамони Фурӯзонфар / Ҷалолуддин Муҳаммади Мавлавӣ.– Теҳрон: Амири Кабир, 1386.– 1554 с.
52. Маҳабҳарата. Бузургтарин манзумаи куҳани мавҷуд дар ҷаҳон бо забони санскрит. Тарҷумаи Мир Ғиёсиддин Алии Қазвинӣ, машҳур ба Нақибхон, мутаваффӣ дар соли 1023 ҳичрии қамарӣ. Ҷ.1. Аз дафтари аввал то поёни дафтари панҷум. Ба таҳқиқ ва ташреҳу таҳшияи Саид

Муҳаммадризо Ҷалолии Ноинӣ ва доктор Н.С. Шукло.– Теҳрон: Таҳурӣ, 1357.–649 с.

53. Муин, Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ: иборат аз шаш ҷилд. Ҷ.1. / Муҳаммад Муин.–Теҳрон: Амири Кабир, 1371.–1474 с.
54. Муин, Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ: иборат аз шаш ҷилд. Ҷ.2. / Муҳаммад Муин.–Теҳрон: Амири Кабир, 1371.–С. 1476-2774.
55. Муин, Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ: иборат аз шаш ҷилд.Ҷ.3. / Муҳаммад Муин.–Теҳрон: Амири Кабир, 1371.–С. 2776-4240
56. Муин, Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ: иборат аз шаш ҷилд. Ҷ.4 / Муҳаммад Муин.–Теҳрон: Амири Кабир, 1371.–С.4241-5277+318 [таркиботи хориҷӣ].–.
57. Муин, Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ: иборат аз шаш ҷилд. Ҷ.5 / Муҳаммад Муин.–Теҳрон: Амири Кабир, 1371.–1230 с.
58. Муин, Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ: иборат аз шаш ҷилд. Ҷ.6 / Муҳаммад Муин.–Теҳрон: Амири Кабир, 1371.–С. 1231-2358.
59. Мураққаи садранг: Сад рубоӣ аз Бедил. Гузиниш ва шарҳи Муҳаммадкозим Козимӣ.–Машҳад: Сапедаи боварон, 1388.–120 с.
60. Муҳтарам, Неъматуллоҳ. Тазкират уш-шуаро. Матни интиқодӣ ва муқаддима аз Асғари Ҷонфидо / Неъматуллоҳи Муҳтарам.–Душанбе: Дониш, 1975.- 380 с.
61. Насафӣ, Сайидо. Девон. Тасҳеҳ ва таълиқи Ҳасан Раҳбарӣ.– Теҳрон: ал-Ҳудо, 1382.–556 с.
62. Насафӣ, Сайидо. Куллиёти осор. Матни илмӣ-интиқодӣ бо муқаддима ва тасҳеҳи Ҷобулқо Додалишоев. Зери назари Аълохон Афсазҳод ва Асғари Ҷонфидо./Саийдои Насафӣ. Душанбе:- Дониш, 1990. -512 с.
63. Озод, Ғуломалихон. Ғизолону-л-Ҳинд. Бо тасҳеҳи Сирус Шамисо / Ғуломалихони Озод.–Теҳрон: Садои муосир, 1382.–176 с.
64. Омулӣ, Толиб. Куллиёт. Тасҳеҳ ва таҳшияи Тоҳири Шаҳоб / Толиби Омулӣ.–Теҳрон, Саноӣ, 1391.– 1220 с.

65. Орзу, Сироҷиддин Алихон. Маҷмау-н-нафоис. –Ҷ.1.Ба кӯшиши Зебуннисо Алихон. / Сироҷиддин Алихони Орзу.–Исломобод: Маркази тадқиқоти форсӣ, 2004.–538 с.
66. Орзу, Сироҷиддин Алихон. Маҷмау-н-нафоис. Ҷ.2. Ба кӯшиши Зебуннисо Алихон / Сироҷиддин Алихони Орзу.–Исломобод: Маркази тадқиқоти форсӣ, 2004.–915 с.–
67. Орзу, Сироҷиддин Алихон. Маҷмау-н-нафоис. Ҷ.3.Ба кӯшиши Зебуннисо Алихон / Сироҷиддин Алихони Орзу.–Исломобод: Маркази тадқиқоти форсӣ, 2004.–628с.
68. Подшоҳ, Муҳаммад. Фарҳанги ҷомеи форсӣ [Онандроҷ]: иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷ.1. / Муҳаммад Подшоҳ.–Теҳрон: Ҳайдарӣ, 1363.–850 с.
69. Подшоҳ, Муҳаммад. Фарҳанги ҷомеи форсӣ [Онандроҷ]: иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷ.2. / Муҳаммад Подшоҳ.–Теҳрон: Ҳайдарӣ, 1363.–С. 850-1760.
70. Подшоҳ, Муҳаммад. Фарҳанги ҷомеи форсӣ [Онандроҷ]: иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷ.3. / Муҳаммад Подшоҳ.–Теҳрон: Ҳайдарӣ, 1363.–С. 1761.–2550.
71. Подшоҳ, Муҳаммад. Фарҳанги ҷомеи форсӣ [Онандроҷ]: иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷ.4. / Муҳаммад Подшоҳ.–Теҳрон: Ҳайдарӣ, 1363.–С. 2551-3312.
72. Подшоҳ, Муҳаммад. Фарҳанги ҷомеи форсӣ [Онандроҷ]: иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷ.5 / Муҳаммад Подшоҳ.–Теҳрон: Ҳайдарӣ, 1363.–С. 3314-3732.
73. Подшоҳ, Муҳаммад. Фарҳанги ҷомеи форсӣ [Онандроҷ]: иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷ.6. / Муҳаммад Подшоҳ.–Теҳрон: Ҳайдарӣ, 1363.–С. 3733-4250.
74. Подшоҳ, Муҳаммад. Фарҳанги ҷомеи форсӣ [Онандроҷ]: иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷ.7./ Муҳаммад Подшоҳ.–Теҳрон: Ҳайдарӣ, 1363.–С. 4251-4702.
75. Порсо, Хоҷа Муҳаммад. Шарҳи Фусусу-л-ҳикам. Тасҳеҳи Халили Мисгарнажод / Хоҷа Муҳаммади Порсо.–Теҳрон: Маркази нашри донишгоҳӣ, 1366.– 686 с.
76. Родуёнӣ, Муҳаммад ибни Умар. Тарҷумону-л-балоға. Чопи дувум. Ба тасҳеҳ ва эҳтимоми Аҳмад Оташ.–Теҳрон: Асотир, 1362.– 263 с.
77. Рӯдакӣ, Абӯабдуллоҳ. Девон. Бар асоси нусхаи Саид Нафисӣ ва И. Брагинский / Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.–Теҳрон: Нигоҳ, 1376.– 216 с.

78. Рунӣ, Абулфараҷ. Девон. Тасҳеҳи профессор Чуйкин./Абулфараҷи Рунӣ.–Теҳрон, Сафорати Шуравии Рус дар Эрон, 1304. –180 с.
79. Самарқандӣ, Ҳодӣ. Девон. Бо кӯшиши Иброҳими Худоёр. Теҳрон, – Теҳрон: Тамаддуни эронӣ, 1386.–200 с.
80. Сархуш. Каламоту-ш-шуаро.–Лоҳур, 1942.– 262 с.
81. Сархуш. Каламоту-ш-шуаро. Тасҳеҳи Алиризо Қазва/ Сархуш.–Теҳрон: Китобхонаи музаи маркази асноди Маҷлиси Шӯрои Исломӣ, 1389.– 310 с.
82. Файзӣ, Абулфайз. Савотеҳу-л-илҳом. Нусхаи хаттӣ. Китобхонаи Осафияи Ҳиндустон. Шумораи 1343.–Соли китобат 1039 ҳ.қ.
83. Хоразмӣ, Тоҷиддин Ҳусайн. Шарҳи Фусус-ал-ҳикам. Ба кӯшиши Наҷиб Моили Ҳиравӣ/ Тоҷидддин Ҳусайн.– Теҳрон: Мавло, 1364.–680 с.
84. Хушгӯ, Биндробан Дос. Сафинаи Хушгӯ. Дафтари солис. Ба кӯшиши Саид Шоҳмуҳаммад Атоурраҳмон, Ато Коку/ Биндробан Дос Хушгӯ.– Патна:Биҳор, 1959.– 400 с.
85. Шарҳи Девони Бедил. Нусхаи хаттӣ маҳфуз дар китобхонаи Ганҷбахши Покистон. Шумораи 8717, Соли китобат, 1227. – 260 с.
86. Шарҳи Девони Бедил. Таълифи Сибғатуллоҳ Хаёлии Сулаймонӣ. Нусхаи хаттии маҳфуз дар китобхонаи Қоҳира. Шумораи 98, Соли китобат 1274. – 645 с.
87. Шерозӣ, Саъдӣ. Куллиёт. Бо муқаддима ва тасҳеҳи Муҳаммадалии Фурӯғӣ / Саъдии Шерозӣ.–Теҳрон: Ҳирмис, 1385.– 1422 с.
88. Шерозӣ, Саъдӣ. Бӯстон /Саъдии Шерозӣ.–Теҳрон: ал- Ҳудо, 1371.– 463 с.
80. Шерозӣ, Ҳофиз. Девон. (Нусхаи Фаридун Мирзои Темурӣ]. Ҷамъоварӣ аз миёни понсад нусхаи хаттии Девон... Бо эҳтимоми Аҳмади Муҷоҳид /Ҳофизи Шерозӣ.– Теҳрон: Муассисаи интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1379.–1000 с.

83. Шоҳин, Шамсиддин. Девон. Тартибдиҳанда Холиқ Мирзозода / Шамсиддин Шоҳин.–Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1959 [бо хати форсӣ].– 448 с.

б)Бо забони тоҷикӣ

84. Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Чаҳор қисм. Иборат аз як китоб. Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсклопедияи миллии Тоҷик, 2009.–680 с.
85. Айнӣ, Садриддин. Куллиёти осор. Ҷ.12. [Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик] / Садриддин Айнӣ.–Душанбе: Ирфон, 1976.– 564 с. - 206 с. [мифтоҳи навишти калимаҳо бо ҳарфҳои арабӣ].
86. Аҳрорӣ, Нақибхон Туғрал. Мунтахаботи ашъор [бо иловаи хотираҳо дар бораи Туғрал] / Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ.–Душанбе: Ирфон, 1964.– 318 с
87. Аҳрорӣ, Нақибхон Туғрал. Гиёҳи меҳр/ Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ.– Душанбе: Ирфон, 1986.–352 с.
88. Аҳрорӣ, Нақибхон Туғрал. Саду як ғазал. Мураттибон Б. Раҳимӣ, А. Мӯсоев/ Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ.– Душанбе: Ирфон, 2008.–104 с.
89. Аҳрорӣ, Нақибхон Туғрал. Девони ашъор. Тасҳеҳ ва таҳияи Мирзо Шукурзода / Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ.–Душанбе, 2011.–445 с.
90. Аҳрорӣ, Нақибхон Туғрал. Навои кибриё.Куллиёти ашъор.Таҳияи Асрори Раҳмонфар ва Мирзо Шукурзода. / Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ.– Душанбе: Адиб, 2014.–440 с.
91. Аҳрорӣ, Нақибхон Туғрал. Девон. Тасҳеҳ, тавзеҳот, пешгуфтор ва баргардонӣ ба хати форсӣ аз Нуралӣ Нурзод/ Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ.– Хуҷанд: Хурсон-медиа, 2015.–792 с. [бо ду хат сириллик ва форсӣ].
92. Аҳрорӣ, Нақибхон Туғрал. Сад барги ғазал. Мураттибон М. Маҳмадшоев ва Р. Абдуллоев / Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ.–Хуҷанд: Меъроҷ, 2015.–116 с.

93. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад. Маснавии маънавӣ. Таҳия, танзим ва баргардони матн Баҳриддин Ализода ва Алии Муҳаммадии Хуросонӣ / Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ.– Теҳрон:Замон, 2001.– 728 с.
94. Бедил, Абдулқодир. Осор. Ҷ.1.Ғазалиёт. Таҳияи Саҳобиддин Сиддиқов / Абдулқодири Бедил.–Душанбе: Адиб, 1990.–704 с.
95. Бедил, Абдулқодир. Осор. Ҷ. 2.Ғазалиёт. Таҳияи Саҳобиддин Сиддиқов Абдулқодири Бедил.–Душанбе: Адиб, 1991.– 352 с.
96. Бедил, Абдулқодир. Осор. Ҷ. 3.Таҳияи Саҳобиддин Сиддиқов / Абдулқодири Бедил.–Душанбе: Адиб, 1991.–432 с.
97. Бедил, Абдулқодир. Осор. Ҷ.4.Ғазалиёт. Таҳияи Саҳобиддин Сиддиқов / Абдулқодири Бедил.–Душанбе: Адиб, 2004.–438 с.
98. Бедил, Мирзо Абдулқодир. Осор. Ҷ.5.Маснавиҳо. Бо саъюу кӯшиш ва муқаддимаву тавзеҳоти Бобобек Раҳимӣ / Абдулқодири Бедил. Душанбе: Адиб, 1993.–672 с.
99. Бедил, Мирзо Абдулқодир. Осор. Маснавиҳо. –Ҷ.6. Бо саъюу кӯшиш ва муқаддимаву тавзеҳоти Бобобек Раҳимӣ / Абдулқодири Бедил. Душанбе: Адиб, 2005.–1052 с.
100. Бедил, Мирзо Абдулқодир. Осор. Ҷ.7. Девони Рубоиёт. Бо саъюу кӯшиш ва муқаддимаву тавзеҳоти Бобобек Раҳимӣ / Абдулқодири Бедил. Душанбе: Адиб, 2007.–848 с.
101. Бедил, Мирзо Абдулқодир. Осор. Ҷ.8 Таҳия матн бо шарҳи луғот ва тавзеҳот аз Бобобек Раҳимӣ / Абдулқодири Бедил. Душанбе: Адиб, 2016.–480 с.
102. Бедил, Абдулқодир. Мунтахабот. Бо саъю кӯшиш ва муқаддимаву тавзеҳи Бобобек Раҳимӣ.– Душанбе: Адиб, 2018.– 480 с.
103. Бедил, Абдуқодир. Садбарги ғазал. Интихоби Одинамуҳаммади Одинаванд ва пешгуфтори Нуралӣ Нурзод. Хуҷанд: Ношир, 2018.–132 с.

104. Бухоро̄й, Шавкат. Нури аср. Бо эҳтимоми Амрияздон Алимардонов, Ҷобулқо Додалишоев, Асғар Ҷонфидо / Шавкати Бухоро̄й.–Душанбе: Дониш, 1968.−149 с.
105. Бухоро̄й, Возеҳ. Девон. Пешгуфтор, матн ва таълиқоту луғатнома бо эҳтимоми Турсунбой Неъматзода / Возеҳи Бухоро̄й.– Душанбе, 2006.– 166 с.
106. Гулшани адаб. Намунаҳои назми тоҷик дар асрҳои XVIII ва ибтидои асри XX Ҷ.5..–Душанбе: Ирфон, 1980.–464 с.
107. Деҳлаві, Амир Хусрав. Осори мунтахаб. Дар чаҳор ҷилд / Амир Хусрави Деҳлаві.–Душанбе: Ирфон, 1975.–892 с.–Ҷ.4.: Ғазалиёт, қасоид, муқаттаот, рубоиёт.
108. Деҳлаві, Амир Хусрав. Осори мунтахаб/ Амир Хусрави Деҳлаві.– Душанбе: Ирфон, 1972.–442 с.
109. Деҳлаві, Амир Хусрав. Осори мунтахаб. Дар чаҳор ҷилд. Ҷ.3./ Амир Хусрави Деҳлаві.–Душанбе: Ирфон, 1973.–389 с.
110. Деҳлаві, Амир Хусрав. Ғазалиёт. Силсилаи ахтарони адаб / Амир Хусрави Деҳлаві.–Душанбе: Адиб, 2014.– 360 с.
111. Дониш, Аҳмад. Наводиру-л-вақоеъ. Китоби 2. / Аҳмади Дониш.– Душанбе: Дониш, 1989.– 344 с.
112. Насафі, Сайидо. Асарҳои мунтахаб/ Сайидои Насафі.–Душанбе: Ирфон, 1977.- 704 с.
113. Омулі, Толиб, Бастомі, Фурӯғі. Ғазалиёт/ Толиби Омулі, Фурӯғии Бастомі.– Душанбе: Адиб, 1993.– 567 с.
114. Орзу, Сироҷуддин Алихон.Чароғи ҳидоят/ Сироҷуддин Алихони Орзу.– Душанбе: Ирфон, 1992.–288 с.
115. Рӯдакі, Абуабдуллоҳ. Девон. Таҳия, тасҳеҳ ва сарсухану ҳавошии Қодири Рустам/Абуабдуллоҳи Рӯдакі.– Олмоті, 2007.–256 с.
116. Рӯдакі, Абуабдуллоҳ. Девон.Таҳия, тасҳеҳ ва сарсухану ҳавошии Қодири Рустам. /Абуабдуллоҳи Рӯдакі.- Душанбе: Бухоро, 2015.- 334.

117. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷ.1. силсилаи Ахтарони Адаб. Таҳияи матн ва луғоту тавзеҳот аз Камол Айнӣ ва Зоҳир Аҳрорӣ./Абулқосим Фирдавсӣ.- Душанбе: Адиб, 2007,- 480 с.
118. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷ.2. силсилаи Ахтарони Адаб. Таҳияи матн ва луғоту тавзеҳот аз Камол Айнӣ ва Зоҳир Аҳрорӣ./Абулқосим Фирдавсӣ.- Душанбе: Адиб, 2007,- 480 с.
119. Хуҷандӣ, Камол. Девон. Таҳияи Абдуҷаббори Суруш./ Камоли Хуҷандӣ.–Хуҷанд: Хуросон, 2015.–1292 с.
120. Хушгӯ, Биндробан Дос. Сафинаи Хушгӯ Дафтари солис.Таҳиягар ва муаллифи пешгуфтор, тавзеҳот ва луғатнома: доктори илмҳои филологӣ, профессор Замира Ғаффорова / Биндробан Доси Хушгӯ.– Хуҷанд:Ношир, 2018.– 564 с.
121. Ҳисорӣ, Парӣ. Ашъори мунтахаб. Мураттиб ва муаллифи сарсухан Саидмурод Эшзода / Парии Ҳисорӣ.–Душанбе: Адиб, 2008.–176 с.
122. Ҷавҳарӣ, Зуфархон. Девони Ҷавҳарӣ/ Зуфархон Ҷавҳарӣ.–Душанбе: Ирфон, 1986.–272 с.
123. Шерозӣ, Саъдӣ. Куллиёт. Ҷ.1.Қасоид, марсия.–Душанбе: Адиб, 1988.– 432 с.
124. Шерозӣ, Ҳофиз. Девон. Таҳияи матн аз Шарифмурод Исрофилниё / Ҳофизи Шерозӣ.–Душанбе: Адиб, 2015.– 480 с.
125. Шоҳин, Шамсиддин. Ашъори мунтахаб / Шамсиддин Шоҳин.– Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон,1960.–366 с.
126. Шоҳин, Шамсиддин. Куллиёт/Шамсиддин Шоҳин.– Душанбе: Адиб, 2006.– 640 с.
127. Шоҳин, Шамсиддин. Девон/ Шамсиддин Шоҳин.– Душанбе: Дониш, 2018.–287 с.

II.АДАБИЁТИ ИЛМӢ

а)Бо хати форсӣ

128. Абдулғанӣ. Аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил [тарҷумаи Мирмуҳаммад Осафи Ансорӣ].–Кобул: Пуҳанҳии адабиёт ва улуми башарӣ, 1351.–466 с.
129. Айнӣ, Садриддин. Мирзо Абдулқодири Бедил. Баргардон ва пажӯҳиши Шаҳбоз Эраҷ / Садриддин Айнӣ.–Теҳрон: Сураи меҳр, 1384.–259 с.
130. Акрамӣ, Саид Муҳаммад Ризо. Истиора дар ғазали Бедил/ Саид Муҳаммад Ризо Икромӣ.– Теҳрон: Марказ, 1390.– 275 с.
131. Аминпур, Қайсар. Суннат ва навоварӣ дар шеъри муосир / Қайсари Аминпур.–Теҳрон: Интишороти илмӣ- фарҳангӣ, 1386.–550 с.
132. Ансорӣ, Нурулҳусайн. Баҳсе дар аҳвол ва осори Бедил / Тарҷумаи Пуҳонд Мирҳусайн Шоҳ / Нурулҳусайни Ансорӣ.–Кобул: Пуҳанҳии забон ва адабиёти форсӣ, Пуҳантуни Кобул, 1363.– 66 с.
133. Асир, Муҳаммад, Абдулҳамид [Қандиоқо]. Калиди ирфон. Шарҳи абёти ғомизи Абулмаъонӣ Бедил. Ба кӯшиши Муҳаммад Эҳсони Асир / Муҳаммад Асир.–Кобул, 1375.– 233 с.
134. Асир, Муҳаммад, Абдулҳамид. Шарҳи Тӯри Маърифат/ Муҳаммад Асир.– Кобул: Байҳақӣ, 1356.– 931 с.
135. Асир, Муҳаммад, Абдулҳамид, [Қандиоқо]. Шарҳи рубоиёти Мирзо Абдулқодири Бедил. Ба кӯшиши Муҳаммад Эҳсони Асир. / Муҳаммад Асир.– Кобул, 1369.– 89 с.
136. Асир, Муҳаммад, Абдулҳамид, [Қандиоқо].Хати бурё. Гузидаи осори манзум ва мансур. Тасҳеҳ ва таълиқи Муҳаммад Абдулқодири Орзу.– Кобул: Маркази таҳқиқоти фалсафӣ ва ирфонӣ.– 1383.– 541 с.
137. Афифӣ, Раҳим. Фарҳангномаи шеърӣ. Бар асоси осори шоирони қарни савум то ёздаҳуми ҳичрӣ. –Ҷ.3. / Раҳим Афифӣ.–Теҳрон: Суруш,1391.– 995 с.
138. Ахтар, Ибодуллоҳ. Бедил / Ибодуллоҳ Ахтар.–Лоҳур, 1952.– 396 с.

139. Бедил дар оинаи урс. Гузидаи мақолаҳои урсҳои байналмилалии Бедил.– Теҳрон: Бунёди байналмилалии Бедили Деҳлавӣ, 1395.– 382 с.
140. Бедил, аз ёди хеш ҳам рафтам. Маҷмӯаи мақолоти бедилшиносӣ. Ба кӯшиши Орифи Пажмон.– Ҳурмузгон: Донишгоҳи Ҳурмузгон, 1376.– 224 с.
141. Гулпинорлӣ, Абдулбоқӣ. Мавлавия баъд аз Мавлоно. Нашри аввал. Тарҷумаи Тавфиқи Субҳонӣ / Абдулбоқӣ Гулпинорлӣ.–Теҳрон: Кайҳон, 1366.–742 с.
142. Дарёгашт, Муҳаммад Расул. Соиб ва сабки ҳиндӣ дар густураи таҳқиқоти адабӣ/ Муҳаммад Расули Дарёгашт.–Теҳрон: Бунёди мафқуфоти Муҳаммад Афшор, 1393.-704 с.
143. Домғонӣ, Алии Муаллим. Ҳайратдамидаам. Гузидаи ҷусторҳо ва гуфторҳои Алии Муаллим / Алии Муаллими Домғонӣ.–Теҳрон: Андеша, 1391.– 391 с.
144. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Аз дафтари айём / Абдулҳусайни Зарринкуб.– Теҳрон: Илмӣ, 1374.–391 с.
145. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Шеъри бедурӯғ, шеъри бениқоб [чопи ёздаҳум] / Абдулҳусайни Зарринкӯб.–Теҳрон: Сухан, 1392.– 351с.
146. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Аз чизҳои дигар.(маҷмӯаи накд, ёддошт, баррасӣ ва намоишномаҳо) / Абдулҳусайни Зарринкӯб.–Теҳрон: Асотир, 1371.– 370 с.
147. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон [чопи сенздаҳум] Абдулҳусайни Зарринкӯб.–Теҳрон: Амири Кабир, 1393.– 446 с.
148. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Дунболаи ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон Абдулҳусайни Зарринкӯб.– Теҳрон: Амири Кабир, 1376.– 412 с.
149. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Бо корвони андеша.(маҷмӯаи мақолаҳои адабӣ ва фалсафӣ) /Абдулҳусайни Зарринкӯб.– Теҳрон: Амири Кабир, 1369.– 426 с
150. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Сайре дар шеъри форсӣ/ Абдулҳусайни Зарринкӯб.– Теҳрон: Интишороти илмӣ, 1371.– 600 с.

151. Икром, Сайидмуҳаммад. Осору-ш-шуаро. (Фарҳанги шуарои форсигӯи Шибҳи Қора) / Сайидмуҳаммад Икром.–Лоҳур: Мактабаи ирфония, 2008.–521 с.
152. Исмоилипур, Абулқосим. Сурудҳои рӯшаноӣ. Ҷусторе дар шеъри Эрони бостон ва сурудҳои монавӣ / Абулқосими Исмоилипур.– Теҳрон: Устура, 1386.– 536 с.
153. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Мусиқии шеър./ Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ.– Теҳрон: Огоҳ, 1389.–732 с.
154. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеъӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ / Кадканӣ Муҳаммадризо Шафеъӣ.–Теҳрон: Интишороти вазорати иттилоот ва култури ҶИЭ, 1368.– 576 с.
155. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Шоири оинаҳо [баррасии сабки ҳиндӣ ва шеъри Бедил] / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ.–Теҳрон: Огоҳ, 1366.–338 с.
156. Кадканӣ, Шафеӣ. Забони шеър дар насри суфиёна. Даромаде ба сабкшиносии нигоҳи ирфонӣ / Шафеии Кадканӣ.– Теҳрон: Сухан, 1392.– 660 с.
157. Каримпур, Ҳайдар. Бедили Деҳлавӣ / Ҳайдари Каримпур.– Теҳрон: Тиргон, 1375.– 112 с.
158. Коваш, Саид Нурулҳақ. Инсоншинохтии Бедил. Бахши якум ва дувум / Саид Нурулҳақ Коваш.–Олмон: Ойдо, 1389.– 560 с.
159. Коваш, Саид Нурулҳақ. Инсоншинохтии Бедил. Бахши савум/ Саид Нурулҳақ Коваш.–Олмон: Ойдо, 1391.– аз с. 569 то 1141 с.
160. Козимӣ, Муҳаммадкозим. Калиди дари боз [Раҳёфтҳое дар шеъри Бедил]/ Муҳаммадкозим Козимӣ.–Теҳрон: Сураи меҳр, 1387.–352 с.
161. Қанди порсӣ. Фаслномаи фарҳанг ва забону адаби форсӣ.Вежаномаи Мирзо Абдулқодири Бедили Деҳлавӣ. Шумораҳои 39-40.– Деҳлии нав. зимистони соли 1386 - баҳори 1387.– 500 с.
162. Қиличхонӣ, Ҳамидризо. Истилоҳоти нусхапардозӣ дар девони Бедили Деҳлавӣ / Ҳамидризо Қиличхонӣ.–Деҳлии Нав: Маркази таҳқиқоти

форсии ройзании фарҳангии сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон, 1389.– 333 с.

163. Лангрудӣ, Шамс. Сабки ҳиндӣ ва Калими Кошонӣ / Шамси Лангрӯдӣ.– Теҳрон: Марказ, 1366.-320 с.
164. Лоҳурӣ, Муҳаммад Иқбол. Ҳақиқат ва ҳайрат / Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ.–Теҳрон: Парниёни хаёл, 1395.–120 с.
165. Маонӣ, Аҳмад Гулчин. Фарҳанги ашъори Соиб. Ҷ.1-2./ Аҳмад Гулчини Маонӣ.–Теҳрон: Муассисаи мутолеот ва таҳқиқоти фарҳангӣ, 1364.–818 с.
166. Махдумзода, Ҳамидулло. Биюгрофии Абулмаонӣ Бедил/ Ҳамидулло Махдумзода.–Лимож: Анҷумани дӯстдорони Бедил [Адаб], 2013.–266 с.
167. Маҳҷур, Муҳаммад Абдулазиз. Оинабандони ҳайрати Бедил / Муҳаммад Абдулазизи Маҳҷур.–Пешовар, 1377.– 144 с.
168. Маҷмӯаи мақолоти нахустин ҳамоиши байналмилалии Толиби Омулӣ.– Омул: Толиби Омулӣ; урдибиҳишт, 1390.– 708 с.
169. Мирниё, Мансур. Фарҳангномаи киноя / Мансури Мирниё.–Теҳрон: Амири Кабир,1378.–1051 с.
170. Мударрисӣ, Ҳасан. Фарҳанги корбурдии авзони шеъри форсӣ / Ҳасани Мударрисӣ.–Теҳрон: САМТ, 1384.– 417 с.
171. Муҷаддадӣ, Муломуҳсин. Бедилшиносӣ / Мулломуҳсин Муҷаддадӣ.– Кобул: Пуҳантун, 1350.- 408 с.
172. Муҷаддадӣ, Ғуломҳасан. Муштамил бар адвори ҳаёт, мушаххасоти афкор, хусусиёти ашъор ва мунтахаби осори Абулмаонӣ Мирзо Абдулқодири Бедил. Бо кӯшиши Халилуллоҳи Афзалӣ / Ғуломҳасани Муҷаддадӣ.–Кобул: Амирӣ, 1392.– 464 с.
173. Нақавӣ, Саидалӣ Муҳаммад. Тафсир ва муфассирон дар Ҳинд / Саидалӣ Муҳаммади Нақавӣ.–Деҳлии нав: Ройзании фарҳангии Эрон дар Ҳинд, 2014.–153 с.
174. Нақд ва таҳқиқ. Фаслномаи илмӣ-пажӯҳишӣ. Шумораи 1 ва 2. Январ-июни соли 2017.– 230 с.

175. Нафисӣ, Саид. Таърихи назм ва наср дар Эрон ва забони форсӣ. Ҷ.1/ Саид Нафисӣ.–Теҳрон: Фуруғӣ, 1344.–664 с .
176. Нафисӣ, Саид. Таърихи назм ва наср дар Эрон ва забони форсӣ. . Ҷ.2/ Саид Нафисӣ.–Теҳрон: Фуруғӣ, 1344.–С. 666-1172.
177. Неъматсаро, Комрон Замонӣ. Оинадори ҳайрат. Шарҳи ғазалиёти Бедил. Дафтари аввал /Комрон Замонии Неъматсаро.– Теҳрон: Баёни дониш, 1393.– 445 с.
178. Неъматсаро, Комрон Замонӣ. Оинадори ҳайрат. Шарҳи ғазалиёти Бедил. Дафтари дувум /Комрон Замонии Неъматсаро.– Теҳрон: Баёни дониш, 1393.– 440 с.
179. Нӯъмонӣ, Шиблӣ. Шеъру-л-аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон. Тарҷумаи Сайид Муҳаммадтақии Гелонӣ/ Шиблии Нуъмонӣ.–Теҳрон, 1368.– 564 с.– Ҷ. 1-2.
180. Орзу, Абдулғафур. Дар хонаи офтоб. Сайре дар аҳвол ва осори Бедил/ Абдулғафури Орзу.–Теҳрон: Сураи меҳр, 1387.–248 с.
181. Орзу, Абдулғафур. Бутиқои Бедил / Абдулғафури Орзу.– Машҳад:Тарона, 1378.–205 с.
182. Орзу, Абдулғафур. Муқоисаи инсони комил аз дидгоҳи Бедил ва Ҳофиз / Абдулғафури Орзу.– Теҳрон: Сураи меҳр, 1388.– 595 с.
183. Орзу, Абдулғафур. Тарсадоии Бедил/ Абдулғафури Орзу.– Кобул: Майванд, 1389.–184 с.
184. Пурномдориён, Тақӣ. Дар сояи офтоб. Шеъри форсӣ ва сохтшиканӣ дар шеъри Мавлавӣ./Тақии Пурномдориён. –Теҳрон: Сухан, 1384.–418 с.
185. Пуролоштӣ, Ҳусайн Ҳасан. Тарзи тоза. Сабкшиносии ғазали сабки ҳиндӣ / Ҳусайн Ҳасани Пуролоштӣ.–Теҳрон: Сухан, 1374.–269 с.
186. Разавӣ, Саид Атҳар Аббос. Таърихи тасаввуф дар Ҳинд. Ҷилди аввал. Тарҷумаи Мансури Муътамадӣ /Саид Атҳар Аббоси Разавӣ.–Теҳрон: Маркази нашри донишгоҳи Теҳрон.– 1380.– 503 с.
187. Ричо, Абдулғафур. Назаре ба ирфони Бедил/ Абдулғафури Ричо.– Лондон: Арас, 1374.-277 с.

188. Ростгӯ, Сайид Муҳаммад. Ирфон дар ғазали форсӣ /Сайид Муҳаммади Ростгӯ.–Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1383.–307 с.
189. Салҷуқӣ, Салоҳиддин. Нақди Бедил/ Салоҳиддини Салҷуқӣ.–Теҳрон: Ирфон, 1380.– 624 с.
190. Сафавӣ, Куруш. Аз забоншиносӣ ба адабиёт. Шеър / Куруши Сафавӣ.– Теҳрон: Сураи меҳр, 1394.– 222 с.–Ҷ.2.
191. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон Ҷ.5/1./ Забеҳуллои Сафо.– Теҳрон: Фирдавс, 1386.–635 с.
192. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон Ҷ.5/2./ Забеҳуллои Сафо.– Теҳрон: Фирдавс, 1386.–С.635 -.1420.
193. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон Ҷ.5/3./ Забеҳуллои Сафо.– Теҳрон: Фирдавс, 1386.–С.1421-2012.
194. Саҷҷодӣ, Саидҷаъфар. Фарҳанги истилоҳоти фалсафии Мулло Садро.– Теҳрон, интишороти созмони чоп ва интишот, 1379. 535 с.
195. Саҷҷодӣ, Саидҷаъфар. Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ/ Саидҷаъфари Саҷҷодӣ.–Теҳрон: Таҳурӣ, 1370.– 824 с.
196. Сӣ мақола дар бораи Бедил. Гирдоваранда Муҳаммад Сарвари Покфар. – Кобул: Мизон, 1365.-401 с.
197. Софӣ, Убайд. Ғазалиёти баҳри тавил ва мухаммасот/ Убайди Софӣ.– Лимож: Анҷумани фарҳанги Афғонистон[Адаб], 1389.–278 с.
198. Умар, Маҳҷабин. Таркиботи хосси Бедил дар «Чаҳор унсур»/ Маҳҷабини Умар.–Деҳлии Нав: Маркази таҳқиқоти форсии Ройзании фарҳангии сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон, 1387.– 152 с.
199. Фарҳод, Ҷовид. Чизҳое аз дил дар бораи Бедил / Ҷовиди Фарҳод.–Кобул: Дорулислом, 1379.– 326 с.
200. Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Рисола дар таҳқиқи аҳвол ва зиндагонии Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ/ Бадеуззамони Фурӯзонфар.- Теҳрон: Донишгоҳ, 1394.-241 с.
201. Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Сухан ва суханварон./ Бадеуззамони Фурузонфар. – Теҳрон: Заввор, 1392.- 718 с.

202. Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Маҷмӯаи мақолот ва ашъор. Ба кӯшиши Иноятуллоҳи Маҷидӣ/ Бадеуззамон Фурӯзонфар. Теҳрон: Деҳхудо, 1351.-506 с.
203. Футӯҳӣ, Маҳмуд. Балоғати тасвир / Маҳмуди Футуҳӣ.–Теҳрон: Сухан, 1375.–461 с.
204. Футӯҳӣ, Маҳмуд. Нақди адабӣ дар сабки ҳиндӣ / Маҳмуди Футӯҳӣ. Теҳрон: Сухан, 1375.–430 с.
205. Футуҳӣ, Маҳмуд. Нақди хаёл.–Теҳрон: Рӯзгор, 1379.-527 с.
206. Халилӣ, Халилуллоҳ. Файзи қудс: аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодир Бедили Деҳлавӣ. Ба эҳтимоми доктор Иффат Мусташорниё / Халилуллоҳ Халилӣ.–Теҳрон: Ирфон, 1386.–222 с.
207. Хислатӣ, Ҳамид. Оинадори олами ранг / Ҳамид Хислатӣ.– Теҳрон: Парниёни хаёл, 1395.– 154 с.
208. Хоксор, Абдулҳаким. Талмеҳ дар ашъори Бедил / Абдулҳакими Хоксор.– Кобул: Саид, 1382.– 226 с.
209. Хотамӣ, Аҳмад. Пажӯҳише дар сабки ҳиндӣ ва давраи бозгашти адабӣ / Аҳмади Ҳотамӣ.–Теҳрон: Баҳористон, 1371.– 289 с.
210. Худоёр, Иброҳим. Ғарибаҳои ошно. Шеъри форсии Моваруннаҳри қарни бистум бо такя бар муҳитҳои адабии Хуқанд ва Хоразм / Иброҳими Худоёр.–Теҳрон: Муассисаи мутолеоти миллӣ, 1384. – 330 с.
211. Ҳабиб, Асадуллоҳ. Вожаномаи шеъри Бедил / Асадуллоҳи Ҳабиб.– Ҳамбург, 2005.–251 с.
212. Ҳабиб Асадуллоҳ. Вожаномаи шеъри Бедил. Ба эҳтимоми доктор Сайид Маҳдии Таботабоӣ / Асадуллоҳи Ҳабиб.–Теҳрон: Сураи меҳр, 1393.– 344 с.
213. Ҳабиб, Асадулло. Бедил − шоири замонаҳо / Асадуллоҳи Ҳабиб.–Кобул, Пуҳанҳии забон ва адабиёт, 1363.–111 с.
214. Ҳалабӣ, Алӣ Асғар. Таъсири Қуръон ва ҳадис ба адабиёти форсӣ / Алӣ Асғар Ҳалабӣ.–Теҳрон: Асотир, 1371.–328 с.

215. Ҳодӣ, Набӣ. Абдулқодири Бедил [зиндагӣ, нақд ва баррасӣ ва гузидаи осор] / тарҷумаи доктор Тавфиқ Субҳонӣ / Набии Ҳодӣ.–Теҳрон: Қатра, 1376.–208 с.
216. Ҳусайнӣ, Ҳасан. Бедил, Сипеҳрӣ ва сабки ҳиндӣ / Ҳасани Ҳусайнӣ.– Теҳрон, Суруш, 1378.– 150 с.
217. Ҳусайнӣ Сайид. Ҷаҳони Бедил / Сайид Ҳусайнӣ. Фитрат.– Теҳрон: Ирфон, 1393.–510 с.
218. Шамисо, Сирус. Сайри ғазал дар шеъри форсӣ / Сируси Шамисо.– Теҳрон: Фирдавс, 1369.– 312 с.
219. Шарвонӣ, Риёз Аҳмад. Ғании Кашмирӣ / Риёз Аҳмади Шарвонӣ.– Сринагар: Академии ҳунар, 1970.– 250 с.
220. Шонӣ, Алии Равоқӣ. Фарҳанги киноёти Девони Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ / Алии Равоқии Шонӣ.–Теҳрон: Тиргон, 1388.
221. Шуур, Асадуллоҳ. Бедилгаройӣ ва мурӯре бар заминаҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва иҷтимоии он дар Афғонистон.– Кобул: Адаб 1387. –120 с.

б)Бо забони тоҷикӣ

222. Айнӣ, Садриддин. Куллиёт. Ҷ.11. китоби якум. / Садриддин Айнӣ.– Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963.– 507 с.
223. Айнӣ, Садриддин. Мирзо Абдулқодири Бедил / Садриддин Айнӣ.– Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1954.–340 с.
224. Ғаффорова Замира. Тазкираҳои Сархуш ва Хушгӯ ҳамчун сарчашмаи накду сухансанҷӣ.– Хуҷанд: Нури маърифат, 2001.– 278 с.
225. Ғаффорова Замира. Ташаккул ва инкишофи адабиёти форсизабони Кашмир дар асрҳои XVI-XVII.– Хуҷанд: Нури маърифат, 2001.– 574 с.
226. Ғаффорова Замира. Ҷамолии Деҳлавӣ ва маснавии «Меҳру моҳ».– Хуҷанд:Нури маърифат, 2018.–424 с.
227. Зеҳнӣ, Турақул. Санъати сухан / Турақул Зеҳнӣ.–Душанбе: Адиб, 2007.– 400 с.

228. Зоҳидов Низомиддин. Насри арабзабони форсу тоҷик дар асрҳоиVIII- IX / Низомиддин Зоҳидов.–Хуҷанд: Нури маърифат, 2004.– 402 с.
229. Каримов, Усмон. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX. Қисми якум / Усмон Каримов.–Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1974.–188 с.
230. Мирзоев, Абдулғанӣ. Сенздаҳ мақола (Аз таърихи адабиёти асрҳои X-XV- форсу тоҷик) / Абдулғанӣ Мирзоев.–Душанбе: Ирфон, 1977.–287 с.
231. Мирзоев Абдулғанӣ. Мулҳами Бухорой/Абдулғанӣ Мирзоев.-Сталинобод: Нашрдавлтоҷ, 1948.121 с.
232. Насриддин, Абдулманнон. Матншиносии осори адабӣ / Абдулманнони Насриддин.–Хуҷанд: Ношир, 2009.–392 с.
233. Насриддинов Абдуманон. Маърифат ва шарҳи адабиёт / Абдуманнон Насриддинов.–Душанбе: Ирфон, 1991.–212 с.
234. Насриддин Абдуманнон. Чиҳил мақола / Абдуманнон Насриддин.–Хуҷанд: МИИ «Ганҷинаи сухан», 2007.–578 с.
235. Насриддин, Абдулманнон. Бо корвони нур. Мақолаҳо дар бораи зиндагӣ ва осори Мавлоно Ҷалолуддин Балхии Румӣ/Абдулманнони Насриддин.–Хуҷанд: Ношир, 2010.–138 с.
236. Насриддин, Абдулманнон. Рӯдакӣ: нусхашиносӣ ва нақду баррасии ашъори бозмонда / Абдулманнони Насриддин.–Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 1999.–392 с.
237. Насриддинов, Абдуманнон. Сухани фариштa /Абдулманнони Насриддин.–Хуҷанд, 1992.– 195 с.
238. Насриддин, Абдулманнон. Фарҳанги мушкилоти адабиёт: номаи мухтасар/Абдулманнони Насриддин.–Хуҷанд: Ношир, 2016.–132 с.
239. Насриддинов, Абдуманнон. Нависанда ва шореҳи осори адабӣ/Абдуманнон Насриддинов.–Хуҷанд, 1992.–195 с.
240. Низомуддинов, И., Мирзо Абдулқодири Бедил.–Тошкент: 1970.-160 с.
241. Нурзод, Нуралӣ. Фурӯғи фитрати маънӣ [Нашри дуввум, бо таҳриру иловаҳо].–Хуҷанд: Нури маърифат, 2008.–224 с.

242. Нурзод, Нуралӣ. Султони авранги сухан. Нақду баррасии ашъори Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ – шоире аз мактаби пайравони Бедил дар Фароруд / Нуралӣ Нурзод.– Хуҷанд: Ношир, 2015.–296 с.
243. Олимов, Карокатулло. Баррасиҳо дар тасаввуф/ Карокатулло Олимов.– Душанбе: Шарқи озод, 1999.–140 с.
244. Раҳимӣ, Бобобек. Шарҳи шаст ғазали Бедил/ Бобобек Раҳимӣ.–Душанбе: Деваштич, 2001.–290 с.
245. Раҳимӣ, Бобобек. Ошноӣ бо Бедил / Бобобек Раҳимӣ.–Душанбе: Ирфон, 2009.–568 с.
246. Раҳимӣ, Бобобек. Зиндагиномаи Бедил/ Бобобек Раҳимӣ.– Душанбе: Эр-граф, 2017.– 496 с.
247. Раҳимӣ, Бобобек. Тавсифи осори Бедил / Бобобек Раҳимӣ.– Душанбе: Эр-граф, 2018.– 208 с.
248. Раҳмонов Абдуҷаббор. Шамсиддин Шоҳин ва анъанаи ғазалсароӣ дар адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX/ Абдуҷаббор Раҳмонов.– Душанбе, 2006.–216.
249. Рашшод, Муҳаммад. Фалсафа аз оғози таърих/ Муҳаммад Рашшод.– Душанбе: Ирфон, 1990.-490 с.
250. Сайфуллоев Атохон. Зуфархон Ҷавҳарӣ./Атахон Сайфуллоев.- Душанбе,2002. -290 с.
251. Салимов Носирҷон. Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвоъи наср дар адабиёти форсу тоҷик [асрҳои IX-XIII]/ Носирҷон Салимов.–Хуҷанд: Нури маърифат, 2002.–398 с.
252. Салимов Носирҷон. Маърифати бадеии таърих / Носирҷон Салимов.– Хуҷанд, 1997.–164 с.
253. Сатторзода, Абдунабӣ. Таърихчаи назариёти адабии форсу тоҷикӣ/ Абдунабӣ Сатторзода.–Душанбе: Адиб, 2001.–144 с.
254. Сатторов, Абдунабӣ. Нуқтаи пайванд: Баъзе масъалаҳои инкишофи шеър ва танқиди адабӣ / Абдунабӣ Сатторзода.–Душанбе: Ирфон, 1982.– 238 с.

255. Сирус, Баҳром. Арӯзи тоҷикӣ / Баҳром Сирус.–Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963.–287 с.
256. Фарҳанги забони тоҷикӣ, иборат аз ду ҷилд [дар зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ].–Москва: Советская эниклопедия, 1969.–955 с.– Ҷ.1
257. Фарҳанги забони тоҷикӣ, иборат аз ду ҷилд [дар зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ].–Москва: Советская эниклопедия, 1969.–955 с.–Ҷ.2.
258. Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Шарҳи аҳвол ва осори Мавлоно. Бо кӯшиши Ҷаъфари Ранҷбар ва Масъуди Миршоҳӣ / Бадеуззамон Фурӯзонфар.–Душанбе: Китобхонаи устод Халилӣ, 2007.–252 с.
259. Ҳамдам, Бахтиёр. Савмааи маърифат [Андешаҳо перомуни ашъори Мирзо Бедил ва пайравони ӯ / Бахтиёри Ҳамдам.– Ғончӣ, 1999.– 170 с.
260. Ҳайзер, Александр. Тоҷи заррин [Маҷмӯаи мақолаҳо ва очеркҳо аз таърихи равобити адабии тоҷикон бо кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ва Русия].Тарҷума ва тавзеҳи Нуралӣ Нуров/ Александр Ҳайзер.–Хуҷанд: Нури маърифат, 2015.–158 с.
261. Ҳодизода, Расул. Аҳмади Дониш / Расул Ҳодизода.–Душанбе: Ирфон, 1976.–294 с.
262. Ҳодизода, Расул. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX/ Расул Ҳодизода.– Душанбе: Ирфон, 1968.–294 с.
263. Ҳодизода, Расул, Каримов Усмон, Саъдиев Садрӣ. Адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри бист / Расул Ҳодизода...– Душанбе: Маориф, 1988.–416 с.
264. Шарифов Худоӣ. Балоғат ва суханварӣ / Худоӣ Шарифов.–Душанбе: Ирфон, 2002.–278 с.
265. Шарифов Худоӣ. Каломи бадеъ / Худоӣ Шарифов.–Душанбе: Ирфон, 1991.–160 с.
266. Шукуров Шавкат. Мероси манзуми Бедил.– Тошкент, 1980.– 134 с.

267. Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик: Иборат аз 3 ҷилд. Ҷ. 1. Абай–Калим / Сармуҳаррир Ҷ. Азизқулов.– Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедии милии тоҷик, 1988.–544 с.
268. Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик: Иборат аз 3 ҷилд. Ҷ. 2. Калим–Работ / Сармуҳаррир Ҷумъабой Азизқулов.–Душанбе: Сарредакцияи илмии Энциклопедии советии тоҷик, 1989.–560 с.
269. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик: Иборат аз 3 ҷилд. Ҷ. 3. Равзана–Ҷӯраев / Сармуҳаррир А. Қурбонов.–Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедии милии тоҷик, 2004.–524 с.

в)Бо забони русӣ

270. Айнӣ, Холида. Бедил и его поэма Ирфон /Холида Айнӣ.–Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1956.-127 с.
271. Алиев Газанфар. Персоязычная литература Индии./Газанфар Алиев-Москва: Наука, 1968.–248 с.
272. Анандавардхана. Дхванялока [«Свет дхвани»] Перевод с санскрита, введение и комментарий Ю.М. Алихоновой.–Москва: Наука, 1974.–305 с.
273. Бахтин Михаил Михайлович. Собрание сочинений. Т.6. Проблемы поэтики Достоевского, 1963; работы 1960 –х -1970 х гг. / Михаил Михайлович Бахтин.–Москва: Русскые словари, языки славянской культуры, 2002.– 505 с.
274. Бахтин Михаил Михайлович. Эстетика словесного творчества /Михаил Михайлович Бахтин.–Москва, 1979.– 423 с.
275. Бахтин Михаил Михайлович. Творчество Франсуа Рабле и народная культура Средневековья и Ренессанса / Михаил Михайлович Бахтин.–Москва: Художественная литература, 1990.– 543 с.

276. Бертельс, Евгений Эдуардович. Избранные труды. Суфизм и суфийская литература / Евгений Эдуардович Бертельс.–Москва: Наука, 1965.– 524 с.
277. Бертельс, Евгений Эдуардович. Избранные труды. История литературы и культуры Ирана / Евгений Эдуардович Бертельс.–Москва: Наука, 1988.– 558 с.
278. Брагинский Е.Г. История персидско- таджикской литературты.– Москва: Восточная литература, 1960.–554 с.
279. Капранов, Владимир Александрович. Таджикско-персидская лексикография в Индии / Владимир Александрович Капранов.– Душанбе: Дониш, 1978.– 221 с.
280. Лосев, А. Ф. Проблема символа и реалистическое искусство / А.Ф. Лосев.–Москва: Искусство, 1976.– 368 с.
281. Одилов Н. Мировоззрение Джалалуддин Руми/ Н. Одилов.– Душанбе: Ирфон, 1974.–112 с.
282. Олимов К. Мировоззрение Санои К.Олимов.–Душанбе: Ирфон, 1973.– 136 с.
283. Поляков М. Вопросы поэтики и художественной семантики. Москва: Советский писатель, 1978.– 449 с.
284. Пригарина, Наталья Ильинична. Мирзо Галиб. Биографическая повесть / Наталья Ильинична Пригарина.–Москва: Летний сад, 2015.– 575 с.
285. Пригарина, Наталья Ильинична. Индийский стиль и его место в персидской литературе / Наталья Ильинична Пригарина.–Москва: Восточная литература, 1999.–328 с.
286. Пригарина, Наталья Ильинична. Мир поэта- мир поэзии. Статьи и эссе / Наталья Ильинична Пригарина.–Москва: Институт востоковедения РАН, 2011.– 352 с.
287. Рейснер, Марина Львовна. Эволюция классической газели на форси (X-XV]/Марина Львовна Рейснер.– Москва, 1989.– 221 с.

288. Ризаев З.Г. Индийский стиль в поэзии на фарси конце XVI-XVII вв/ З.Г. Ризаев.–Ташкент: Фан, 1971.– 219 с.
289. Рипка Ян. История персидской и таджикской литературы [Перевод Н.А. Кондрашова и П. А. Клейнер] Ян Рипка.–Москва: Прогресс, 1970.–440 с.
290. Садикова Насиба. Философия Мирзо Абдулкодира Бедиля / Насиба Садикова.– Душанбе: Дониш, 2007.– 248 с.
291. Словарь литературоведческих терминов. Ред. сост.: Л. И. Тимофеев и С. В. Тураев.–Москва: Просвещение, 1974.–509 с.
292. Тодоров Цветан. Теория символа. Перевод с французского Бориса Нарумова / Цветан Тодоров.–Москва: Дом интелектуальной книги, 1998.– 408 с.
293. Томашевский В.В. Стих и язык / В.В. Томашевский – Москва-Ленинград: Госполитиздат.– 1975.– 160 с.
294. Фрейденбург О.М. Поэтика сюжета и жанра./О.М. Фрейденбург.– Москва: 1997.– 448 с.
295. Холи, Ходжа Алтаф Хусейн. Поэтика. [Введедние к «Диван»- у Хали. Перевод с урду Ш. Пулатовой. /Ходжа Алтаф Хусейн Холи.– Душанбе: Дониш, 1989.– 244 с.

г) Бо забони англисӣ

296. Rieu Charles. Catalogue of the Persian Manuscripts in the British Museum. – London, 1883. – Vol. II. – P. 433-877.
297. Muqtadir, Maulavi Abdul. Catalogue of the Arabic and Persian Manuscripts in the Oriental Public Library at Bankipore. – Vol. III. – Calcutta, 1925.
298. Naushahi, Arif. Catalogue of the Persian Manuscripts in the National Museum of Pakistan at Karachi. – Islamabad, 1983. – 1077 p.
299. Pertsch W. Verzeichnisse der persischen Handschiften der Koniglichen Bibliothek zu Berlin, Bd. II. – Berlin, 1888. – 1283 p.
300. Themes and Texts: Toward a Poetics of Expressiveness.–Ithaca and London: Cornell University Press, 1984.– 300 pp.

301. Poetics of Expressiveness: A Theory and Applications [co-author Yu. Shcheglov; intro. and ed. A. Zholkovsky].– Amsterdam and Philadelphia: John Benjamins, 1987.–361 pp.
302. Storey C. A. Persian Literature. A Bio-bibliographical survey. – London, 1953. – Vol. I, p. 2. – 314 p.

е)Бо забони ӯзбекӣ

303. Бедил ва ӯзбек маънавияти.–Тошкент: Мовароуннаҳр, 2005.– 183 б.
304. Муҳаммадиева Ойнисо. Мирзо Абдулқодир Бедилнинг ижтимоий-ахлоқий қарашлари/ Ойнисо Муҳаммадиева.–Тошкент: Фан ва технология, 2010.– 150 б.
305. Муҳаммадиева Ойнисо. Бедил ва ахлоқий қадриятлар фалсафаси / Ойнисо Муҳаммадиева.– Тошкент: Yangi nashr, 2016.– 168 б.
306. Мӯъминов И. Мирза Бедилнинг фалсафий қарашлари/ И. Мӯъминов. Тошкент: Ӯзбекистон, 1957.– 96 б.
307. Фитрат, Абдурауф. Мирзо Бедил / Абдурауф Фитрат.– Тошкент: А.Қодирий номидаги Халқ мероси нашриёти, 1996.– 48 б.

III. МАҚОЛАҲО ДАР МАҶМӮАҲО ВА МАҶАЛЛАҲО

а)Бо хати форсӣ

308. Акрамӣ М., Наҳвӣ А. Ҳайрат дамидаам: Шарҳи байте аз Бедили Деҳлавӣ/ М.Акрамӣ, А.Наҳвӣ // Маҷаллаи улуми иҷтимоӣ ва инсонии Донишгоҳи Шероз, шумораи 44, поизи 1384.–№ 3.1.–С. 1-19.
309. Афзалӣ, Халилуллоҳ. Нигоҳи интиқодии Бедил ба шеър ва шоирони рӯзгараш. /Халилуллоҳи Афзалӣ. – Шибҳи қора. (Виженомаи Фарҳангистони забон ва адабиёти форсӣ. Баҳор ва тобистони 1393, шумораи 2.- С. 97-122.

310. Бассок Ҳ. Сайри бедилпажуҳӣ ва нигоҳи дубора ба бархе тозагиҳои сухани ӯ/ Ҳ.Бассок // Фаслномаи тахассусии сабкшиносии назму насри форсӣ.–1393.–№ 2.–С. 88-109.
311. Боузанӣ, Александр. Реолизми Бедил (Мурурe ба зиндагӣ ва осори Бедили Деҳлавӣ, шоири бузурги Ҳиндустон ва Осиёи Марказӣ. /Александр Боузанӣ // Фаслномаи «Дурри дарӣ», соли 1, шумораи 3 ва 4, Хурдод ва зимистони соли 1376.–С. 33-39.
312. Валипур А. Гузорише аз «Калиди дари боз» /А. Валипур//Китоби моҳи адабиёт.–1392.–№ 72.–С. 53-60.
313. Валипур А. Носозиҳои овозҳои Бедил /А.Валипур // Китоби моҳи адабиёт.–1391.–№ 67.– С. 74-80.
314. Валипур А., Ҳиммaтӣ Р. «Гузидаи ғазалиёти Бедил» дар бутаи нақди гузиниш ва гузориши Муҳаммадкозим Козимӣ / А.Валипур, Р.Ҳиммaтӣ //Матншиносии адаби форсӣ.–1394.–№ 3.–С.121-144.
315. Валипур А., Ҳиммaтӣ Р. Гулгаште дар гулзори «Чаҳор унсур»-и Бедили Деҳлавӣ / А.Валипур, Р.Ҳиммaтӣ // Фаслномаи мутолеоти Шибҳи Қораи Донишгоҳи Сиистону Балучистон.–1391.–№ 13. –С.115-140.
316. Валипур А., Ҳиммaтӣ Р. Муаррифӣ ва нақди китоби Ғазалиёти Бедил/ А.Валипур, Р.Ҳиммaтӣ //Фаслномаи нақди китоб.–1395.–№ 7.
317. Вафоӣ Афшин, Таботабоӣ Саидмаҳдӣ. Баррасии вежагиҳои сабкии Бедили Деҳлавӣ /Афшин Вафоӣ, Саидмаҳдӣ Таботабоӣ // Фаслномаи тахассусии сабкшиносии назму насри форсӣ.–1389.–№ 4 .– С. 69-84.
318. Вафоӣ Аббосалӣ, Касвар Раҳбон Саида. Баррасии чанд шигарди наҳвӣ дар ғазалиёти Бедили Деҳлавӣ / Афшин Вафоӣ, С. Раҳбони Кавсар //Куҳанномаи адаби порсӣ.–1390.–№ 1.– С. 113-132.
319. Ваҳиддӯст М. Вежагиҳои бунёдини ғазалҳои Мирзо Абдулқодир Бедили Деҳлавӣ М. Ваҳиддӯст // Фаслномаи мутолеоти Шибҳи Қораи Донишгоҳи Сиистону Балучистон.–1389.–№ 5.С. 125-146.
320. Дизфулиёнрод, Козим, Мададӣ, Мино Алӣ, Толибӣ Маъсума. Нигоҳе ҷомеашинохтӣ ба инсиҷомгурезии ғазали сабки ҳиндӣ. / Фаслномаи

таҳқиқоти забон ва адабиёти форсии донишгоҳи озоди исломии воҳиди Бушаҳр. Соли дувум, шумораи 4. Баҳори 1389.–С. 55- 78.

321. Довудӣ Муқаддам Ф., Фурӯзонфар А. Бозинишонаҳо дар ғазалиёти Бедили Деҳлавӣ / Муқадам Ф. Довудӣ, А. Фурӯзонфар // Фаслномаи илмӣ-тахассусии дурри дарӣ.–1395.–№ 18.
322. Зулфиқорӣ Ҳасан, Таботабоӣ Саидмаҳдӣ. Корбурди зарбулмасалҳои форсӣ дар ғазалиёти Бедил/ Ҳасан Зулфиқорӣ, Саидмаҳдӣ Таботабоӣ //Адаби порсӣ. Соли панҷум, шумораи 2, поиз ва зимистони 1394.– С.57-76.
323. Кордгар Я. Дугонагии сабкӣ дар сабки ҳиндӣ / Я. Кордгар //Фаслномаи мутолеоти Шибҳи Қораи Донишгоҳи Сиистону Балучистон.–1390.–№ 6.– с. 89-114.
324. Қанди порсӣ. Фаслномаи фарҳангу забон ва адаби форсӣ, шумораи 75-78, баҳор- зимистозимистоне 1396..– Деҳлии нав.–486 с.
325. Мирзоӣ М., Солеҳиниё М. Таҳлили ривойии унсури замон дар ҳикояте аз маснавии «Муҳити Аъзам»-и Бедили Деҳлавӣ /М. Мирзоӣ, М. Солеҳиниё // Фаслномаи мутолеоти Шибҳи Қораи Донишгоҳи Сиистону Балучистон.–1394.–№ 22.–С. 107-134.
326. Муаллим, Алӣ. Ҳайратдамидаам, гули доғам баҳонаест /Алии Муаллим //Маҷаллаи «Шеър».–1374.–№ 1-7.
327. Мударрисзода, Абуризо. Навовариҳои ҳунарӣ дар ошиқонаҳои Бедили Деҳлавӣ. / Маҷаллаи забон ва адабиёти форсӣ, соли 4, шумораи 10, баҳори 1387.–С. 30-59.
328. Мударрисзода, Абуризо. Сохтори радиф дар шеъри Бедили Деҳлавӣ/ Абуризо Мударрисзода. / Фаслномаи «Ҷусторҳои адабӣ. Соли савум, шумораи 1, пай дар пай, 9, зимистони 1389.–С. 165-187.
329. Мустафавӣ Р. Забону адаби форсӣ дар Ҳинди дирӯзу имрӯз /Р. Мустафавӣ // Нашрияи Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонӣ.–1371.–66-97.

330. Муҳаммадӣ А. Баррасии интиқодии маъно ва андешаҳои Бедил дар оинаи як ғазал / А.Муҳаммадӣ // Фаслномаи илмӣ-пажуҳишӣ «Пажуҳиши забон ва адабиёти форсӣ».–1388.–№ 14.
331. Нурзод Н. Бедили Деҳлавӣ дар истиқболи Мавлонои Балхӣ / Н.Нурзод // Китоби моҳи адабиёт.–1390.–№ 52.– С.45-51.
332. Нурзод Н. Аз Бедил то имрӯз /Н. Нурзод // Рӯдакӣ [Фаслномаи ройзании фарҳангии сафорати Ҷумҳурии исломии Эрон-Вижаномаи Пайвандҳои адабии даврони гусаст].– Душанбе, соли дувоздаҳум, №30, баҳори 2011.–С.13-31.
333. Нурзод Н. Толиби Омулӣ ва Бедили Деҳлавӣ [Баррасии таъсири вижагиҳои ҳунарӣ дар шеъри Толиби Омулӣ бар сурудаҳои Бедили Деҳлавӣ] / Н.Нуров // Маҷмӯаи мақолоти нахустин ҳамоиши байналмилалии Толиби Омӯлӣ.– Омул [ҶИЭ], майи 2011.–С.598-616
334. Нурзод Н. Мактаби пайравони Бедил ва мароҳили таҳаввули сабки ҳиндӣ дар адабиёти форсии Фароруд / Н.Нурзод // Урси Бедил [Чакидаи суханрониҳои севумин Кунгураи байналмилалии бузургдошти Абулмаонӣ Мирзо Абдулқодири Бедили Деҳлавӣ].–Теҳрон, 15 ва 16 обони соли 1387.–с.75-76.
335. Нурзод Н. Нусхаҳои нодири шарҳи Девони Бедили ва шеваҳои шарҳнависии осори адабӣ / Н.Нурзод // Фаслномаи Рӯдакӣ.–2013-2014.– № 38, 39, 40, 41.– С.39.
336. Нурзод Н. Вожаи «нафас» дар коргоҳи эҷодии Бедили Деҳлавӣ / Н.Нурзод // Фаслномаи «Рӯдакӣ». Шумораи 45, 1394 [2016].–С.105- 124.
337. Нурзод Н. Мактаби пайравони Бедил ва мароҳили таҳаввули сабки ҳиндӣ дар адабиёти форсии Фароруд / Н.Нурзод// Бедил дар оинаи урс. Теҳрон,бунёди байналмилалии Бедили Деҳлавӣ 2017.–С. 315-325;// //Китоби моҳи адабиёт.–1387.–№ 19.
338. Нурзод Н. Мактаби адабии Шероз ва таҳаввули шеъри форсӣ дар ҳавзаи Фароруд /Н.Нурзод//Китоби моҳи адабиёт.–1389.–№ 36.

339. Нурзод Н. Муқоисаи татбиқии қасидаи «Саводи аъзам»-и Мирзо Бедил ва «Баҳр ул аброр»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ / Н.Нурзод // Фаслномаи «Қанди порсӣ» Шумораи 73-74.– Ҳинд, 2017.– С.161-177.
340. Нурзод Н. Туғрали Аҳрорӣ – шоире аз мактаби пайравони Бедил./ Фаслномаи «Помир», соли дувум, шумораи панҷум. Кобул, хазон ва зимистони соли 1396.– С.15-30.
341. Нурзод Н. Нақши маҳофили бедилхонӣ дар густариши забони форсӣ дар Осиёи марказӣ / Н.Нуров // Чакидаи мақолоти Ҳамоиши минтақаии «Забони форсӣ: дирӯз, имрӯз ва фардо Қазоқистон, Осиёи Марказӣ ва Қафқоз».–Олмотӣ. 1-2 июни 2012.–С.55-56.
342. Обидӣ, Амир Ҳасан. Бедил ва сабки ҳиндӣ / Амир Ҳасани Обидӣ. Фаслномаи фарҳанг ва забону адаби форсӣ.Вежаномаи Мирзо Абдулқодири Бедили Деҳлавӣ. Шумораҳои 39-40, Деҳлии нав. зимистони соли 1386- баҳори 1387.–С. 49-73.
343. Озар Муҳаммад Ҳаким. Бедили Деҳлавӣ ва устураҳои эронӣ / Муҳаммад Ҳаким Озар // Маҷаллаи забон ва адабиёти форсӣ.–1386.–№7.– С. 29-86.
344. Оҳӣ Муҳаммад, Вармақонӣ Омина. Баррасии фано дар ашъори Бедили Деҳлавӣ / Муҳаммад Оҳӣ, Омина Вармақонӣ // Фаслномаи илмӣ-пажуҳишӣ «Ирфониёт дар адаби форсӣ».–1391.–С. 65-80.
345. Пандит, Кашинатҳ. Мирзо Абдулқодири Бедил /Кашинатҳ Пандит //Фаслномаи «Дониш», шумораи 3-7, 1976.–С.7-12.
346. Ранҷбар, Масъуд. Баррасии фолклор дар шеъри сабки ҳиндӣ. Маҷмуаи мақолоти ҳафтумин ҳамоиши пажуҳишҳои забон ва адабиёти форсӣ, исфандмоҳи 1392.–С. 955- 965.
347. Ризоӣ Ризо, Шайх Муҳаммад. Забони форсӣ дар Ҳинд бар асоси мулоҳизоти ибни Батута /Ризо Ризоӣ, Муҳаммад Шайх // Фаслномаи мутолеоти Шибҳи Қораи Донишгоҳи Систону Балучистон.–1394.–№ 24.–С.46-67.
348. Ризоӣ Муҳаммад, Нақизода Орзу. Нақди адабӣ дар тазкираҳои сабки ҳиндӣ / Фаслномаи тахассусии сабкшиносии назму насри форсӣ [Баҳори

адаб]. Илмӣ-пажӯҳишӣ. Соли шашум, шумораи савум, поизи 1392.–С. 262-147.

349. Родфар Абулқосим., Ҳасанпур Ҳайво. Чароғҳои мурда. Нақде бар тасҳеҳи девони Бедили Деҳлавӣ аз Акбари Беҳдорванд /Абулқосим Родфар, Ҳайво Ҳасанпур // Кӯҳанномаи адаби порсӣ.–1392.–№ 1.–С. 11-27.
350. Салоҷуқа Парвин. Ҷусторе дар чигунагии коркарди намодҳои ҷонварон дар ашъори Соиби Табрезӣ ва Бедили Деҳлавӣ /Парвини Салоҷуқа // Фаслномаи илмӣ-пажӯҳишӣ «Пажӯҳиши забон ва адабиёти форсӣ».–1390.–№ 21.– С.121-140.
351. Салоҷуқа Парвин. Ҳайрат ва ҳайронӣ ва ваҳм дар баробари оина [Фаровоқеият дар шеъри Бедили Деҳлавӣ] / Парвини Салоҷуқа // Нақди навин дар ҳавзаи шеър.–Теҳрон.–Марворид, 1389.– С. 73- 114.
352. Салоҷуқа Парвин. Устуразудоӣ ва устураофаринӣ дар андешаҳои шоирона бо такя бар ашъори Бедили Деҳлавӣ ва Соиби Табрезӣ / Парвини Салоҷуқа // Нақди навин дар ҳавзаи шеър.–Теҳрон.– Марворид, 1389.–С.115- 1126.
353. Сарфӣ М., Тоҳирӣ Ф. Парӣ дар девони Бедили Деҳлавӣ / М. Сарфӣ, Ф. Тоҳирӣ // Маҷаллаи мутолеоти эронӣ.–1391.–№ 21.–С.206-222.
354. Таботабоӣ Саидмаҳдӣ. Баррасии чаҳор китоби Амирӣ Исфандақа дар ҳавзаи бедилпажӯҳӣ / С. Таботабоӣ // Китоби моҳи адабиёт.–1392.–№ 75. –С. 68-74.
355. Таботабоӣ Саидмаҳдӣ. Бозхонии зиндагонии Мирзо Абдулқодири Бедил бар асоси тазкираи «Миръоти воридот»/ Саидмаҳдии Таботабоӣ // Фаслномаи мутолеоти Шибҳи Қораи Донишгоҳи Сиистону Балучистон.–1395.–№ 26.– С.81-100.
356. Таботабоӣ Саидмаҳдӣ. Бунмояи ҳубоб ва шабакаи тасвирҳои он дар ғазалиёти Абдулқодир Бедили Деҳлавӣ / Саидмаҳдии Таботабоӣ // Матнпажуҳии адабӣ.–1393.–№ 62.– С.81-123.

357. Таботабоӣ Саидмаҳдӣ. Муаррифии се нусхаи хаттии ғазалиёти Бедил ва вежагии онҳо / Саидмаҳдӣ Таботабоӣ //Маҷаллаи таърихи адабиёт.– 1391.–№ 3/71.–С.149-183.
358. Таботабоӣ Саидмаҳдӣ. Баррасии чаҳор назария дар бораи байте аз Абдулқодири Бедил/ Саидмаҳдии Таботабоӣ // Адаби форсӣ, соли шаш, шумораи 2, поиз ва зимистони соли 1395.–С.95-112.
359. Тағоймуродов Рустам. Ҳунари суханварии Бедил дар як ғазали моддаи таърихи ӯ / Рустам Тағоймуродов // Фаслномаи «Рӯдакӣ». Шумораи 45, 1394 [2016].–С.31- 42.
360. Футӯҳӣ, Маҳмуд. Нақши ҳалқаҳои адабии Бурҳонпури Ҳинд дар дигаргунии шеъри форсӣ дар оғози қарни ёздаҳуми ҳичрии қамарӣ/Маҳмуди Футӯҳӣ // Фаслномаи «Эроннома», соли 3, шумораи 4, зимистони 1394.–С. 240-274.
361. Худоёр Иброҳим. Садриддин Айнӣ ва Бедили Деҳлавӣ/ Иброҳими Худоёр //Фаслномаи пажуҳишҳои адабӣ.–1383.–№ 5.Саҳ. 55-65.
362. Хусравӣ, Ҳасан. Бозшиносии вежагиҳои сабки ҳиндӣ /Ҳасани Хусравӣ // Пажуҳишҳои нақди адабӣ ва сабкшиносӣ. Шумораи 1., [пай дар пай, баҳори 1397.–С.75-106.
363. Ҳайдарзода Ҳамида. Муқоисаи сабкшинохтии ғазале аз Саъдӣ ва Бедили Деҳлавӣ / Ҳамида Ҳайдарзода //Фаслномаи тахассусии адабиёти форсии Донишгоҳи озоди исломии Машҳад.Шумораи 24., 1388.–С.52-72.
364. Ҳасанлӣ, Ковус. Бозхонии формалистии ғазале аз Бедил/ Ковуси Ҳасанлӣ // Нақди адабӣ, соли 1, шумораи 2.–1387.–С.29-38.
365. Ҳасанпур Ҳайво. Нақде бар китоби «Истиора дар ғазали Бедил»/ Ҳайво Ҳасанпур //Китоби моҳи адабиёт.–1391.–№ 64.–С. 78-84.
366. Ҳиммати Рафиқа, Валипур Абдуллоҳ. Нақди нақдҳо. Тааммуле бар ду нақди «Дар кӯҳу кӯтали шарҳи Бедил» ва «Дар мактаби тааммул» бар шуруҳи ғазалиёти Бедил / Рафиқа Ҳиммати, Абдуллоҳ Валипур // Фаслномаи нақди китоб.–1394.–№ 3-4.– С.301-312.

367. Ҳуҷҷат М. Намуди омӯзаҳои ирфонӣ дар ашъори Бедили Деҳлавӣ / М. Ҳуҷҷат // Фаслномаи илмӣ пажуҳишии забон ва адаби форсӣ – Донишкадаи адабиёт ва забонҳои хориҷии Донишгоҳи озоди исломӣ воҳиди Санандаҷ.–1390.–№ 9.–С. 47-76.
368. Ҷадидулисломӣ Ҳабиб, Сафоӣ Насрин Киштгар. Мусиқии берунии девони Бедили Деҳлавӣ / Ҳабиб Ҷадидулисломӣ, Насрин Киштгари Сафоӣ // Фаслномаи мутолеоти Шибҳи Қораи Донишгоҳи Сиистону Балучистон.–1390.–№ 6.– С.65-88.
369. Ҷалолӣ Я. Бедил дар тасҳеҳи китоби куҳна / Я. Ҷалолӣ // Номаи Баҳористон.–1384-85.–№1-2.–С. 329-332.
370. Шаъбонӣ М. Бо ҳар камол, андаке ошуфтагӣ. Тааммуле бар «Вожаномаи шеъри Бедил» //Фаслномаи нақди китоб.–1394.–№ 2.– С. 113-128.
371. Шаъбонӣ М. Дар кӯҳу кутали шарҳи Бедил. Тааммуле дар ҷилди аввали «Оинадори ҳайрат»– шарҳи ғазалиёти Бедили Деҳлавӣ / М. Шаъбонӣ //Фаслномаи нақди китоб.–1394.–№ 1.–С.210-220.

б)Бо забони тоҷикӣ

372. Амирқулов С. Айнӣ ва Бедил // Садои Шарқ,1968.№7. С. 142- 148.
373. Амирқулов С. Устод Айнӣ ва шинохти А. Дониш / С.Амирқулов // Садои Шарқ.- 2007.- №1.- С.131- 137
374. Аҷамӣ, М. Бедил, каломи Ҳофиз шуд ҳодии хаёлам: Абёте чанд аз Хоҷа ва Бедил / М. Аҷамӣ// Адабиёт ва санъат.– 2012.– 20 сентябр.
375. Аҷамӣ, М. Оина биёред, ки дидор нависанд: Нигоҳи нав аз ашъори Бедил / М. Аҷамӣ // Адабиёт ва санъат.–2016.–24 ноябр.
376. Бухороӣ, О. Мурруре дар гулгашти як байти Бедил: Мирзо Абдулқодири Бедил / О. Бухороӣ// Адаб.–2011.–№2.– С.51-61.
377. Мухторов, А. Дар сари турбати Бедил: Таассуроти муаллиф аз Ҳиндустон / А. Мухторов// Адабиёт ва санъат .– 2007.– 22 феврал.
378. Нурзод Н. Таассур ва тафовути мавзӯиву поэтикии қасидаи «Саводи аъзам»-и Мирзо Бедил аз «Баҳрул-аброр»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ /

Н.Нурзод // Маҷмӯаи мақолаҳои ҳамоиши байналмилалӣ «Саҳми Амир Хусрави Деҳлавӣ дар фарҳанги Осиёи Марказӣ».–Душанбе.– 2013.–11-12-уми апрел.–С.96.–109.

379. Нурзод Н. Нигоҳе ба як мухаммаси устод Айнӣ ба ғазали Мирзо Бедил /Н. Нурзод / Ҷусторҳои адабӣ.– №1– 2016.–С.89-96.
380. Нурзод Н. Ваҳдат дар ҳайратободи шеъри Бедил / Нурзод /Мазҳари маонӣ [маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба 75-солагии А. Зоҳидов].–Хуҷанд: Ношир, 2013.–С. 41-50.
381. Нурзод Н. Бедил, таҷаддудист либоси хаёли ман: Пешгуфтор ба китоби «Гузидаи ғазалиёти Бедил»/ Н.Нурзод.– Душанбе, 2016.-3-10.
382. Нурзод Н. Шеър ва лузуми шоирӣ аз нигоҳи Бедили Деҳлавӣ / Н.Нурзод // Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. Бахши илмҳои ҷомеашиносӣ.– №2.[47].–2016.–С.67-76.
383. Нурзод Н. Васфи баҳор ва Наврӯз дар ашъори Мирзо Бедил ва пайравони ӯ/ Н. Нурзод // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмиву амалии «Наврӯзу навбаҳорон дар осори адибони Арабу Аҷам. Душанбе: Эр- Граф, 2017.–С. 106-199.
384. Нурзод Н. Муколамаи фарҳангҳо, ваҳдати инсонӣ ва сулҳи кулл дар «Девон»-и Бедил/ Н. Нурзод // Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ.– №1[51], 2017– С.110-114.
385. Нурзод Н. Шеваҳои шоиронаи корбурди таъбироти хоси фарҳанг ва ирфони ҳиндӣ дар Девони Бедил/ Н. Нурзод // Ахбори ДДҲБСТ, бахши илмҳои гуманитарӣ. №4, 2017.–С. 57-65.
386. Нурзод Н. Бозтоби афкори педагогии Мирзо Бедил дар оинаи ғазали ирфонӣ / Н. Нурзод /Роҳкорҳои навин дар таҳқиқи мероси педагогӣ. Маҷмӯаи мақолоти илмӣ.– Душанбе: Ирфон, 2018.–С.303-312.
387. Нурзод Н. Омилҳои таҳкими амнияти инсонӣ ва наҷот аз осебпазирии фикрӣ дар андешаҳои Бедили Деҳлавӣ/ Н. Нурзод / Илм ва амнияти миллӣ. Маҷмӯаи мақолаҳои конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ- назариявӣ.

Хуҷанд, ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.–Хуҷанд: Нури маърифат, 2018.– С.302-307.

388. Нурзод Н. Баҳсе роҷеъ ба матншиносии як мухаммаси устод Айнӣ бар ғазали Бедил/ Н. Нурзод /Садриддин Айнӣ – маорифпарвар. Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ ба ифтихори 140-солагии устод Садриддин Айнӣ.– Душанбе, 2018.–С.80-91.
389. Нурзод Н. Бобоҷон Ғафуров ва таҳаввули мактаби бедилшиносӣ дар Тоҷикистон./Н. Нурзод./Маводи конференсияи илмӣ- назариявии «Академик Бобоҷон Ғафуров- мутафаккири бузурги Шарқ», бахшида ба 110 солагии зодрӯзи Қаҳрамони Тоҷикистон, аллома Бобоҷон Ғафуров.- Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. С. 147-150.
390. Нуров Н. Ҷилваи замон ва зиндагӣ дар ашъори Бедил / Н.Нуров // Дар китоби «Таблаи аттор». Қ.2. Маҷмӯаи мақолоти олимон, мутахассисони ҷавон ва аспирантон.– Хуҷанд.– 2001.–С. 52-59.
391. Нуров Н. Баъзе аз мухтассоти услубии ашъори Бедил. / Н.Нуров // Гулистони маърифат[маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба 50-солагии профессор А. Насриддинов].– Хуҷанд: Нури маърифат, 2003.–С.91-101.
392. Нуров Н. Нақши афкори ахлоқии Мирзо Бедил дар ташаккули шуури маънавӣ ва ахлоқии ҷавонони муосир / Н. Нуров //Ҷавонон ва ҷомеаи муосир [Маҷмӯаи мақолаҳои конфронси ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Нақши ҷавонон дар таҳкими сулҳу субот [маҷмӯаи маводҳои конфронси илмию амалӣ, ш. Душанбе, 29-уми ноябри соли 2012]. Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.– Душанбе, 2013.– 152-163.
393. Нуров Н. Дар ҷилвазори оинаи маънӣ. Шарҳу тавзеҳи абёти ҷудогонаи Бедили Деҳлавӣ / Н.Нуров // Номаи донишгоҳ.–2004.–№9.–С.3-19.
394. Нуров Н. Мурӯре ба бархе аз андешаҳои ахлоқии Бедили Деҳлавӣ./ Н. Нуров // Аз наҳви сухан то ҷавҳари маъно [маҷмӯаи мақолаҳо].– Хуҷанд: Меъроҷ, 2010.–С.200-204.

395. Нуров Н. Бозтоби замон ва зиндагӣ дар ашъори Бедили Деҳлавӣ / Н. Нуров // Паёми Донишгоҳи миллӣ [бахши филология], №7[63], -2010.– Душанбе: Сино.–С.194-197.
396. Нуров Н. Таъсири Қуръон ва аҳодиси набавӣ бар ашъори Бедили Деҳлавӣ / Н.Нуров // Ахбори АУ ҶТ [силсилаи фалсафа ва ҳуқуқ].– 2010, №3.–Душанбе, 2010.–С.67-72.
397. Нуров Н. Рамзҳои ирфонӣ ва фалсафӣ дар шеъри Бедил/ Н. Нуров // Ахбори АУ ҶТ [шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ], №4.– Душанбе, 2010.– С.174-179.
398. Нуров Н. Бедил ва Мавлонои Балхӣ // Ахбори АУ ҶТ [силсилаи филология ва шарқшиносӣ- 2010.– №4.–Душанбе: Дониш.–С.44-52.
399. Нуров Н.Таҳаввули мисраъ, корбурди авзони номатбуъ ва муаммо дар шеъри Бедил / Н. Нуров // Номаи Донишгоҳ.– №3(23] 2010.–Хуҷанд.– С.34-43.
400. Нурзод Н. Шарҳе ба як ғазали тасвирии Бедили Деҳлавӣ /Н. Нурзод // Рамзошнои маънӣ.– Хуҷанд: Ношир, 2011.–С.124-133.
401. Нуров Н. Корбурди киноёт дар шеъри Бедил/ Н.Нуров // Номаи Донишгоҳ [Бахши илмҳои ҷомеашиносӣ].–2011.–№1(25].–С.23-31.
402. Нуров Н. Каҳкашон ҳам поймоли мавҷи тӯфони гул аст. Шарҳе ба як ғазали Бедили Деҳлавӣ / Н.Нуров //Паёми Суғд.–2012.– №3.–С.47-50.
403. Нуров Н. Бедил ва устод Рӯдакӣ / Н.Нуров // Номаи садоқат [маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба 60-солагии доктори илмҳои таърих, профессор Набиев В.М.].–Хуҷанд: Ношир, 2012.–С.328-336.
404. Нуров Н. Корбурди вожаи нафас ва таъобири шоиронаи худсохти он дар Девони Бедил / Н.Нуров // Номаи донишгоҳ.–2013.–№3[36].– Хуҷанд, 2013.–С.12-28.
405. Нуров Н. Таҷассуми шоиронаи афкори ахлоқӣ дар ғазалиёти Бедили Деҳлавӣ / Н. Нуров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ–№6 [55].– Душанбе.– 2013.–С.276-279.

406. Нуров Н. Шавкати Бухоройӣ, Бедилӣ Деҳлави ва таҷассуми хусусиятҳои сабки ҳиндӣ дар шеъри форсии Фароруд/ Н.Нуров // Масъалаҳои равоншиносӣ ва омӯзгорӣ ва психология [Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав], №4.– 2010.–Қурғонтеппа.–С.74-78.
407. Нуров Н. Сабоҳии Бедгулӣ ва Бедили Деҳлавӣ / Н.Нуров // Суханшинос, №2, 2014.–С.92-101
408. Нуров Н.Сарчашмаҳои мактаби фикрии Мирзо Бедил / Н.Нуров // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон, №1 [62-2].–Душанбе, 2015.–С. 343-352.
409. Нуров Н. Истиқболи шоиронаи Бедил аз Толиби Омулӣ/ Н.Нуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №4/7[80], 2015.–С.213- 221.
410. Одина, М. Кафи хоке, ки барбодаш тавон дод: Андешаҳо перомуни як байти Бедил/ М. Одина // Омӯзгор .– 2012.– 19 октябр.
411. Олимҷонов М. Корбурди вежаи бархе аз пасвандҳои исмсоз дар шеъри Бедил / М. Олимҷонов /Номаи садоқат [маҷмӯаи мақолаҳо ба ифтихори 60-солагии доктори илмҳои таърих, профессор В.Набиев] –Хуҷанд: Нури маърифат, 2012.–С.353-360.
412. Олимҷонов М. Пасвандҳои -гоҳ ва -зор дар шеъри Бедил/ М. Олимҷонов // Раҳоварди олимони ҷавон. Ҷилди 10.–Хуҷанд: Меъроҷ, 2012.–Ҷилди 10.
413. Олимҷонов М. Калимаҳои умумиистеъмолӣ дар ашъори Бедил/ М. Олимҷонов / Шукуфаи ирфон [маҷмӯаи мақолаҳо ба ифтихори 60-солагии доктори илмҳои филология, профессор Н.Файзуллоев] –Хуҷанд: Нури маърифат, 2012.– С.246-254.
414. Олимҷонов М. Вижагии истифодаи баъзе аз пасвандҳо дар шеъри Бедил /М. Олимҷонов // Номаи Донишгоҳ. Илмҳои ҷомеашиносӣ.–№1 (29].–2012.– С.51-58.
415. Олимҷонов М. Назаре ба ихтироти Бедил дар калимасозӣ Ахбороти ДДҲБСТ.– 2012.– №4.–С.223-230

416. Олимҷонов М. Оина дар коргоҳи эҷодии Мирзо Бедил /М. Олимҷонов // Номаи Донишгоҳ. Илмҳои ҷомеашиносӣ.–№5 [33].–2012.– С.40-50.
417. Олимҷонов М. Чун иборат нозук афтад, ранг мазмун мешавад/М. Олимҷонов // Паёми Суғд.– 2013.–№5.–С. 93-100.
418. Олимҷонов М. Қолабҳои тозаи калимаҳои мураккаби навъи татпуруша дар назми Бедил/М. Олимҷонов /Анвори хирад [маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ ба ифтихори 60-солагии н.и.ф., дотсент М.Ҳабибуллоева] Хуҷанд: Суғдтехносервис, 2013.–С.89-95.
419. Олимҷонов М. Калимаҳои навъи тобеъ бо ҷузъи «обила» дар назми Мирзо Бедил/М. Олимҷонов /Мазҳари маонӣ [маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ ба ифтихори 75-солагии дотсент А.Зоҳидов] Хуҷанд: Ношир, 2013.–С.72-79.
420. Олимҷонов М. Вижагиҳои калимасозии назми Мирзо Бедил/М. Олимҷонов / Робитаҳои адабӣ ва фарҳанги Шарқ.–Хуҷанд: Ношир, 2014.–С.505-508.
421. Олимҷонов М. Калимасозии исмҳои хос дар назми Мирзо Бедил/М. Олимҷонов //Ховаршинос [маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба 60-солагии дотсент Ғиёсов Н.].–Хуҷанд: Ношир, 2015.–С.158-172.
422. Олимҷонов М. Калимасозии омехта дар назми Мирзо Бедил/М. Олимҷонов // Фаслномаи «Рӯдакӣ».– №45.– 2016.–С.77-91.
423. Олимҷонов М. Роҷеъ ба калимасозиҳои сеҷузъаи назми Бедил/М. Олимҷонов /Камоли одамӣ [маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба 50-солагии дотсент М.Мироватов].–Хуҷанд: Меъроҷ, 2016.–С.246-253.
424. Олимҷонов М. Таснифоти калимаҳои мураккаби навъи татпуруша дар назми Бедил /М. Олимҷонов // Номаи Донишгоҳ. Илмҳои ҷомеашиносӣ, №3 [52].–2017.–С.190-194.
425. Олимҷонов М. Нақши асосҳои феъл дар ташаккули калимаҳои мураккаби навъи двандва [дар заминаи маводи назми Мирзо Бедил] /М. Олимҷонов // Ахбори ДДҲБСТ.–№3.– 2017.–С.109-116;

426. Олимҷонов М. Мақоми калимаҳои аслӣ дар ташаккули калимаҳои мураккаб [дар асоси маводи назми Бедил] /М. Олимҷонов // Номаи Донишгоҳ. Илмҳои ҷомеашиносӣ.– №4 [53].–2017.–С.205-211.
427. Раҳимӣ, Б. Доғи ҳавои саҳрост, ҳарчанд лола боғест: Шарҳи як ғазали Бедил / Б. Раҳимӣ // Адабиёт ва санъат .– 2016.– 18 август.
428. Раҳимӣ, Б. Чанд сухан дар бораи баъзе нусхаҳои хаттии осори Бедил / Б. Раҳимӣ //Садои Шарқ.– 2007.– №11.– С.67-88.
429. Раҳимӣ, Б. Бедил ва муддати сипоҳигарии ӯ: Мирзо Абдулқодири Бедил / Б. Раҳимӣ // Садои Шарқ.– 2008.– №8.– С.137-148.
430. Табаров С. Тазоди ду ақида**:** Мутолиа, омӯзиш ва таҳқиқи осори А. Бедил дар эҷодиёти С. Айнӣ // Садои шарқ.– 2004.– №10-12.– С.73-79.
431. Тағоймурод Р. Равзанаи фаҳм ба баъзе хусусиятҳои ашъори Бедил / Р. Тағоймурод //Адаб.–1996.–№ 1-6.С.26-35
432. Шарифов Б. Муаммои «Парӣ»-и Мирзо Бедил. [Ғалате, ки бояд ислоҳ шавад] / Б. Шарифов // Омӯзгор, № 10, 9 марти соли 2012.
433. Шарифов М. «Куллиёт»-и бо дасти худи Бедил навишташуда кай вориди Бухоро шуд: Роҷеъ ба «Куллиёт»-и Бедил /М. Шарифов // Рӯзгор.– 2014.– 29 январ.
434. Шарифов М. »Куллиёт»-и Бедил ва хатти ӯ дар Осиёи Миёна*:* Бозёфти «Куллиёт»-и Бедил / М. Шарифов // Адабиёт ва санъат.– 2014.– 6 феврал.
435. Шукуров Ш. Муҳаққиқи забардасти Бедил/ Ш.Шукуров.– //Ҳақиқати Ӯзбекистон. 1978, 16 март.
436. Шукуров Ш. Сабки ғазалиёти Бедил / Ш.Шукуров. // Масъалаҳои филология ва робитаҳои адабӣ. – Самарқанд: Зарафшон, 1977.- С.286292.
437. Шукуров Ш. Нигоҳи Аҳмади Дониш ба Мирзо Бедил ва пайравони ӯ / Ш.Шукуров // Садои Шарқ.- 2006.- № 10.- С. 147- 150.

в)Бо забони русӣ

438. Нуров Н. Бедили Дехлави ва Абуабдуллохи Рудаки / Н. Нуров // Новое в современной филологии [материалы VIII Международной научно-практической конференции-20.12.2012].–Москва: Спутник, 2012.–С.27-32.
439. Тодоров Ц. Поэтика / Ц. Тодоров / Структурализм: «за» и «против» [сб. статей].– Москва: Прогресс, 1975.–С. 37-113.

г)Бо забони ӯзбекӣ

440. Абдуллоева Муътабар. Иброҳим Муъминов- Бедилнинг ижтимоий-фалсафий фикрлари тадқиқотчиси./Муътабар Абдуллоева.// «Бедил ва ӯзбек маънавияти» мавзуидаги халқаро анҷуман материаллари.– Тошканд:Мовароуннаҳр, 2005.- б. 10-16.
441. Очилов Эргаш. Ғафур Ғулом ва Мирзо Бедил./Эргаш Очилов // «Бедил ва ӯзбек маънавияти» мавзуидаги халқаро анҷуман материаллари.– Тошканд:Мовароуннаҳр, 2005.– б. 118-127.

д)Бо забони англисӣ

442. Ahmad, Nazir. The influence of Persian and Persian Culture in India // Indo Iranica (Calcutta). – 1984. – №1-4. – P. 1-31.
443. M. Sidiqqi: Abdul-Qādir Bīdel. Encyclopaedia Iranica. 1989. Vol. IV, Fasc. 3, pp. 244-246

IV.СОМОНАҲОИ ИНТЕРНЕТӢ

444. Адабиёти форсӣ. [Манбаи электронӣ] http://adabiatfarsi.com/post.aspx?id=442 http://bonyadbidel.ir/
445. Адабиёт2009. [Манбаи электронӣ] http://adabiat2009.blogfa.com/post/290/%D8%B3%D9%84%D9%8A%D9%85%D8%A7%D9%86%D8%B5%D8%A8%D8%A7%D8%AD%D9%8A%D8%A8%DB%8C%D8%AF%DA%AF%D9%84%D9%8A
446. Бедили Деҳлавӣ. [Манбаи электронӣ] http://bonyadbidel.ir/

447. Ганҷур [Манбаи электронӣ] https://ganjoor.net/moulavi/shams/ghazalsh/sh38/